**ISSN 2074-1847**

# *ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН*
*2017. №3/5*

---

# *ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА*
*2017. №3/5*

---

# *BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY*
*2017. No.3/5*

*МАРКАЗИ*
*ТАБЪУ НАШР,БАРГАРДОН*
*ВА ТАРҶУМА*
*2017*

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

Маҷаллаи илмӣ соли 1990 таъсис ёфтааст.
Научный журнал основан в 1990 году.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

*Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор*

Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Сафарализода Х.К.. - зам. гл. редактора, кандидат политических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент
Мухаметов Г.Б. - доктор педагогических наук, профессор
Назаров Р. - доктор философских наук, доцент
Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент
Расулиён К. - доктор исторических наук, доцент
Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент
Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент
Шарипов Ф.Ф. – доктор педагогических наук, доцент
Ходжиматова Г.М. - доктор педагогических наук, и.о. профессора

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Журнал входит в Перечень российских рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки РФ, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

07.00.00. – Исторические науки и археология
09.00.00. – Философские науки
13.00.00 – Педагогические науки

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017
Вестник Таджикского национального университета, 2017

# ВАҚФҲОИ ҚОРИХОНА, ХОНАҚОҲ ВА ПУЛӢ ДАР СОЛҲОИ 1867-1917 (АЗ РӮЙИ МАВОДИ НОҲИЯҲОИ ШИМОЛИИ ТОҶИКИСТОН)

*Қушматов А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Заминдории вақфии Осиёи Миёнаи асримиёнагӣ бештар дар асарҳои муҳаққиқони маъруф О.Д.Чехович [13] ва Р.Г.Мукминова [9] муфассал таҳқиқу таҳлил шудааст. Аммо тадқиқоти аксари олимони Шӯравӣ оид ба ин масъала асосан ба таърихи муассисаҳои вақфии ноҳияҳои марказии Осиёи Миёна бахшида шудаанд ва ноҳияҳои шимоли Тоҷикистони он даврон аз мадди назари муҳаққиқон дур монда буданд.

Зарурати тадқиқи таърихӣ ҳар як муассисаи вақфӣ ба ҳама маълум аст. Маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон хеле ночиз аст, аз ин рӯ, манбаи асосӣ оид ба ин масъала ҳуҷҷатҳои муассисаҳои вақфӣ мебошанд, ки қисме аз онҳо то ба рӯзҳои мо маҳфуз мондаанд. Мо як зумра ҳуҷҷатҳоеро дарёфт кардем, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои ҳам мазорҳо, мадрасаҳо, масҷидҳо, қорихонаю хонақоҳи то ин дам маълум ва ҳам онҳое, ки дар адабиёт шарҳ наёфтаанд ва ин манобеъ ба мо дар тадқиқоти зерин кумак расониданд. Масъалаи мазкур дар китобҳои дарсӣ [8] барои макотиби олӣ ва миёнаи таҳсилоти умумӣ баён наёфтааст. Бинобар ин, маводҳои ин мақола ба омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷики макотиби олӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсею гимназияҳо, коллеҷҳо ва системаи маълумоти касбҳои техникӣ барои пурратар баён кардани мавзӯъҳо доир ба муносибатҳои аграрӣ дар шимоли Тоҷикистон ва Бухорои шарқӣ дар охири асри XIX-ибтидои асри XX кумак мерасонад.

Дар омӯзиши ҷиҳату ҷанбаҳои таърихи заминдории вақф вақфҳои қорихона (қорихона – мактаб ё ҳуҷра барои қориҳо), хонақоҳ (хонақоҳ – ҷое, ки дар он шайхҳо ва дарвешон зиндагӣ мекарданд) ва пулӣ дорои аҳамияти муайян буданд. Дар байни ин муассисаҳо вақфҳои қорихонаҳо бартарӣ доштанд. Дар онҳо шахсони махсус-қориҳо (қорӣ-шахсе, ки Қуръонро аз ёд медонад) ба хотири вақфкунанда (воқиф) Қуръон мехонданд. Баъзе қорихонаҳо дар як вақт ҳамчун мактаби махсуси тайёр кардани қориҳо низ маҳсуб мегардиданд. Қорихонаву хонақоҳ ҳам як навъи муассисаи динӣ буданд, ки дар ҳузури мазоре ё масҷиде, вале ба нудрат алоҳида ҳам арзи вуҷуд мекарданд.

Аз ин муассисаҳо қорихона ба ҳар ҳол як мақоми каму беш аниқ дошт, яъне ҷое буд, ки Қуръон мехонданд ва қуръонхониро ёд медоданд, вале вазифаи асосии онҳо тиловати Қуръон ба арвоҳи вақфдеҳ буд.

Масъалаи хонақоҳ мураккабтар аст. Асли ин калима тоҷикӣ – «хонагоҳ» аст, ки арабҳо «г»-ро талаффуз карда натавониста «қ» гуфтаанд ва ин калима ҳама гуна иморати калонро ифода мекард. Баъдтар фақат ҳамон ҷоеро хонақоҳ гуфтанд, ки шайху дарвешҳо ҳам ибодату ҳам зиндагӣ кунанд. Алҳол ба масъалаи мақоми ин муассисаҳо дахл намекунем, балки мекӯшем, дар асоси ҳуҷҷатҳо нишон диҳем, ки дар Шимоли Тоҷикистон қорихонаву хонақоҳу таҳоратхонаҳо чӣ вақфҳое доштанду вақфдеҳон киҳо буданд.

Яке аз аввалин ҳуҷҷатҳое, ки ба чашми мо афтод, вақфияи Муллошодӣ Муҳаммад валади Дӯстмуҳаммад аст. Ин мулло ба қорихонаи деҳаи Сӯфиорифи Истаравшан (Ӯротеппа) 20 десятина замин ва 3/8 об вақф карда будааст. Дар ҳузури масҷиди Рустамбек қорихонаи калон буд, ки даромади 5 дукон ва як осиёбро истифода мебурд [3]. Мувофиқи маълумоти муаррихи намоён А.Мухторов дар гузари Охунони Истаравшан (Ӯротеппа) мактаби писарона, аз соли 1899 инчунин мактаби духтарона (барои 6 шогирд) ва қорихона ҷойгир буд [7].

Дар ибтидои асри XX дар Хуҷанд қорихона бисёр буд. Ана баъзеи онҳо: қорихонаи Бибикатта – вақфдеҳаш Бибикатта ном бойзани савобталаб, вақфаш – як тутзор ба вусъати 1 таноб дар Хуҷанд ва 3,5 таноб замин дар Унҷӣ;қорихонаи Муллотурсун – вақфаш як қитъа замин дар Нов (Спитамен), 2 таноб замин дар Ғулакандоз, 60 таноб замин дар Унҷӣ, қорихонаи Бозорҷон – вақфаш 23 таноб замин дар Унҷӣ; қорихонаи

Мирашӯрбой – вақфаш як дукон дар бозори Панҷшанбе ва 14 таноб замин дар Унҷӣ; қорихонаи Бибинор – вақфаш як дукон; қорихонаи Бибииззат – вақфаш ду дукон.

Дар Далён (н.Деваштич) калонтарин қорихона дар қишлоқи Оби Борик буд, ки онро қорихонаи Худоёр-девонбегӣ мегуфтанд ва 60 десятина замини обию лалмӣ дошт [2].

Ҳангоми ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо чанд ҳуҷҷат ба даст омад, ки мувофиқи онҳо молу мулк ба муассиса не, балки ба ашхоси алоҳида вақф карда шудааст. Масалан, Саидаҳмадхӯҷа валади Эшон Юсуфхӯҷа ном бойи истаравшанӣ (ӯротеппагӣ) аз ҳисоби молу мулкаш ним об аз ҷӯйи Варкини Истаравшан (Ӯротеппа) бо навбати як бор дар ҳар понздаҳ рӯз ва як қитъа замини лаби ин ҷӯйро моҳи ноябри соли 1830 ба фоидаи қорие вақф карда, шарт мондааст, ки қорӣ дар ҳар ду моҳ як бор Қуръонро пурра тиловат карда, ба арвоҳи вақфдеҳ бахшад.

Соли 1834 духтари Саидқозихӯҷа ном эшони машҳури Истаравшан (Ӯротеппа) даромади се оби ҷӯйи Сари Мазорро ба фоидаи се қорӣ вақф карда будааст [4].

Андозаи вақфу хонақоҳ нисбат ба вақфи мазору мадраса хеле кам бошад ҳам, шумораи онҳо дар Шимоли Тоҷикистон бисёр буд. Масалан, хонақоҳи Ҳазрати Юсуфқорӣ, ки дар маҳаллаи Сари Мазор воқеъ буд, дар охири асри XIX ба 35/8 воҳид об ҳамроҳи 50 ман заминаш, дар мавзеи Шоҳон ва Қаромуғул – ба ду қӯш об аз ҷӯйи Чормаҳалла ва замини соҳили ҷӯйи Чабиқ, ки мулло Ҳоҷӣ назр карда буд, соҳибӣ мекард.

Дар ҳуҷҷати вақфдиҳанда қайд шудааст, ки ӯ аз мулки худ ду қӯш оби аз андоз озод аз ҷӯйи Чормаҳаллаи вилояти Ӯротеппа, ҳамроҳи замине, ки дар соҳили ҷӯйи Чабиқ – дар мавзеи Шоҳон ва Қаромуғул воқеъ асту замини Хоҷаи Мулло ном дорад, ба вақф додааст. Вақфдиҳанда… мулки худро ба фоидаи хонақоҳи назди Мазори Валӣ ба вақф гардонидааст. Шартҳои вақфдиҳанда: чаҳоряки пасандози вақфро имоми хонақоҳ бигирад, ки панҷ карат намоз мехонад, ҳамин миқдорро хатиб бигирад, ки рӯзҳои ҷумъа дар хонақоҳ хутба мехонад, ҳамин миқдорро муаззин бигирад, ки панҷ карат азон мегӯяд, чаҳоряки пасандози вақф ҳаққи пешхизматон буд, ки об меоварданду ҳавлӣ мерӯфтанду чароғ мегиронданд. Худи вақфдиҳанда мутаваллӣ буд. Ба фурӯхтан, иваз кардан ва тағйир додани вақф иҷозат набуд. Судурон ва мутаваллиёни калон набояд, ки ба корҳои вақф дахолат ва чизеро аз даромади он пароканда мекарданд [3].

Дар зери вақфия муҳру имзои қозӣ ҳаст. Ду кас – Ниёзмуҳаммад ва Муҳаммадҳоҷӣ соли 1874 ба хонақоҳи Сари Мазор 1/8 оби ҷӯйи Сармиҷро бо навбати як бор дар ҳар 12 шабонарӯз ва як қитъа заминро вақф кардаанд [3].

Тақсими даромади вақф дар байни коргузорони хонақоҳ асосан ба шартҳои вақфдеҳ вобаста буд. Вале қисми асосии даромад ба кисаи шайху пиру эшонҳои калон медаромад. Бояд гуфт, ки дар вақфия инчунин нишон дода мешуд, ки аз маблағи даромади вақфи хонақоҳ кадом қисмашро ба маоши одамон ва кадом қисмашро ба таъмири бинову дигар эхтиёҷоти хонақоҳ сарф кардан даркор. Мо «дигар эхтиёҷоти хонақоҳ» гуфта, ҳаминро ҳам дар назар дорем, ки баъзе хонақоҳҳо ғайр аз адои хизмати маъмулии худ инчунин вазифаи як навъ меҳмонхонаро ҳам ба уҳда доштанд, яъне барои ғарибону мусофирону бенавоён як шаб-ду шаб сарпаноҳ мешуданд. Зиёда аз ин, О.Д.Чехович менависад, ки дар хонақоҳи мазори Сайфиддин Бохарзӣ мусофирон сарпаноҳу хӯрду хӯрок меёфтанду дарвешони худи хонақоҳ бар замми зиндагию хӯроки бепул боз сарулибосу пойафзолу собун ҳам мегирифтанд [13]. Маълум, ки ҳамаи ин хароҷот аз ҳисоби даромади вақфи хонақоҳ буд. Лекин таъкидан мегӯем, ки калонони хонақоҳ ба ин кор як тини худро сарф намекарданду баръакс фоида ҳам медиданд. Барои ин ки иддаои мо гапи хушку холӣ намонад, аз «Кафшпешмонии Ҳазрати Хоҷа Ӯбон» ном фасли «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ овардани иқтибосеро лозим донистем: «…мазори Хоҷа Ӯбон дар тарафи ғарби шимолии шаҳри Бухоро буда, 5 фарсах (40 километр) дур аз шаҳр ва дар даруни чӯлистони регзор мебошад… Дар беруни мазор як хонақоҳ барои намозхонӣ, як айвони он хонақоҳ ва як меҳмонхонаи умумии ошхӯрӣ, ки вайро «меҳмонхонаи ҳазрати бузургвор» меномиданд, бино ёфта буд. Дар тарафи шимолии он мазор ва хонақоҳ як работи бисёр калони деворбаланд сохта шуда буд, ки вай ба мутаваллии он даргоҳ тааллуқ дошт… Мутаваллӣ як одами қадпасти тахминан 70-сола буда, бадани ғафси фарбеҳ, рӯйи рафидамонанди сергӯшти монанди рӯйи мурғи дутазой суп-сурх, риши калони сафед ва гардани ғафси ӯғуршакл дошт. Ин одам ба замми мутаваллӣ ҳам имом, ҳам шайх, ҳам хатиби он мазор

ва хонақоҳ ба шумор рафта, ҳама корҳои он ҷо дар дасти вай буд. Дар он ҷо якчанд хизматгорони мардина ҳам буданд, ки онҳоро фаррош (рӯфтурӯбкунанда) меномиданд… Ғайр аз биноҳои мазкур дар он давру пеш як нишонаи ободӣ набуд… Аммо дар он ҷо хӯрокворӣ хеле фаровон буда, меҳмонхонаи умумӣ субҳу шом бо таомҳои болаззат пур буд. Он хӯрокворироҳоро зиёратчиён ва беморон, ки онҳо ҳам ихлосманди бузургвор ва ҳам муриди мутаваллӣ буданд, меоварданд.

Мегуфтанд, ки аз он назрҳо, ҳадяҳо ва садақаҳои бепоён анбори мутаваллӣ пур аз орду гандуму биринҷу ҷав, хумҳояш пур аз равған буда, чарогоҳҳо пур аз галаву рамаи ӯ мебошанд. Ғайр аз инҳо, мутаваллӣ аз заминҳои ободони атроф замини бисёреро ба дасти худ даровардааст, ки даҳҳо муридони ӯ дар он заминҳо бемузд кор мекунанд… Сонитар фаҳмидам, ки ҳеҷ мусофир ҳеҷ ғариб ва ҳеҷ гадо дар он «ҷаннат» аз се рӯз зиёдтар истода натавониста, дар ҳолате ки чашмаш ба он таомҳои лазиз тофта даҳонаш об кушода, дилаш ба онҳо кашол мемондааст, монанди ҳазрати Одам ва шайтон маҷбур мешудааст, ки аз он ҷо биравад. Сабаби ин нахостани бузургвор он мусофир, ғариб ва гадоёнро будааст. Аммо деҳқонони назрбиёр ва ҳадядеҳ, ки ихлосманди он даргоҳ мебошанд, ба сабаби одамони корнок буданашон дар он ҷо зиёд истода наметавонистаанд, бештарини онҳо назру ҳадяи худро супурда ва аз он «чоҳи шифо» чанд шиша ё кӯза оби шӯр бардошта, дар ҳамон рӯзи омадагиашон мерафтаанд» [6].

Гарчанде иқтибоси мо андаке тӯлонӣ бошад ҳам, равшан нишон медиҳад, ки ғайр аз даромади вақф калонони хонақоҳ аз ҳисоби назру ниёзи мардум сарвати беандозаеро ҷамъ мекардаанд. Шояд сабаб ҳамин бошад, ки баъзе вақфдеҳон худро «фуқаропарвару ятимпарвар» нишон дода, дар вақфия таъкид мекарданд, ки даромади вақф байни ҳама баробар тақсим ёбад. Масалан, Муҳаммадмӯсои Ҳоҷим ном касе ба хонақоҳи мазори Муҳаммадюсуфи Хоҷим ду қӯш оби ҷӯйи Чормаҳаллаи Истаравшан (Ӯротеппа) ва чанд қитъа замини атрофи ҷӯйро вақф карда, шарт мондааст, ки даромади вақф расо ба чор тақсим шуда, як қисм ба имом, қисми дигар ба хатиб, қисми сеюм ба муаззин ва қисми чорум ба фаррош дода шавад. Ё худ дар вақфия шартҳое монда мешуд, ки мебоист маблағи мутаваллӣ мегирифтаро хеле кам мекард. Масалан, дар вақфияи хонақоҳи Маҳмуд-ато, ки соли 1878 тартиб дода шудааст, чунин шарт монда шудааст – даромади вақф расо ба чор тақсим карда шуда, як қисми он барои таъмиру ободонии бинои хонақоҳу мазор, як қисмро барои хариди палосу шамъу дигар чизҳои даркорӣ, як қисмро ба хатиб ва як қисмро ба муаззин додан даркор.

Аз баъзе ҳуҷҷатҳо маълум шуд, ки вақфи хонақоҳро бо ярлиқи махсуси ҳокимон ба расмият медароварданд. Масалан, соли 1842 Бердиёри Эшикоқобошӣ ба калонони вилояти Ӯротеппа (Истаравшан) ба ин мазмун номае фиристода будааст: «…вақфи хонақоҳи мазори Ҳазрати Имоми Сурtotal айнан ба ҳамон тартибе монда шуда буд, ки дар аҳди марҳум валӣ ва шайх Муҳаммад Боқӣ буд. Мисли пештара даромади вақф барои ободонӣ ва чароғонии хонақоҳ сарф шавад. Ба амалдорон фармудам, ки аз вақфи хонақоҳ ҳеҷ гуна андоз нагиранд» [4].

Акнун ба сари ду шакли дигари вақф меоем, ки яке вақфи таҳоратхона ва дигаре вақфи ҳавз аст. Шояд ба назари хонандаи имрӯза аҷиб намояд, ки таҳоратхонаву ҳавз ба вақф чӣ муносибат доранд. Вале, агар авзои ин ду чизро дар он давраҳо муоина кунем, маълум мешавад, ки ин кор ҳеҷ аҷобат надорад. Таҳоратхонаҳо асосан дар назди масҷидҳои калон сохта мешуданд ва агар инро ба назар гирем, ки масҷид одатан ҷойи серодам асту баъд, махсусан бояд тоза бошад ва он вақтҳо мисли имрӯза техникаи рӯбучину канализатсия барин гапҳо набуд, тасаввур кардан мумкин, ки нигоҳубини таҳоратхонаҳо кори осон набуд. Бинобар ин баъзе таҳоратхонаҳои масҷидҳои калон вақф доштанд, ки даромади он фақат ба нигоҳубини таҳоратхона, яъне ба музди фаррошон сарф мешуд. Вале андозаи ин вақфҳо кирои гап ҳам намекард ва одатан аз 1-2 таноб замин, 4/5 об ё 2-3 дукон иборат буд. Дигар намуди вақф – вақф ба фоидаи ҳавзҳои обгирӣ буд, ки баъзан ба хеле миқдор мерасид. Масалан, соли 1906 Тешабой ном кас 28 таноб заминашро ба фоидаи ҳавзи обгирии қишлоқи Мирзобои Деваштич (Ғончӣ) вақф карда буд. Бояд дар назар дошт, ки дар даврахои то инқилоб ҳавзҳои обгирии бисёр шаҳру қишлоқҳои шимоли Тоҷикистон ягона манбаи обгирии мардум буданд, бинобар ин нигоҳубину тоза нигоҳ доштани ҳавзҳо аҳамияти ниҳоят калон дошту заҳмату маблағи

муайянеро талаб мекард. Лекин ин намуди вақф дар системаи вақфҳои Туркистон мақоми казоӣ надошт. Турсунов Н.О. ақидаеро баён кардааст, ки мехоҳем, онро ин ҷо биёварем: «Афзоиши даромади заминҳои вақф ва дар натиҷаи ин ба мулкдорони тиҷоратии зироатӣ табдил ёфтани муассисоти динӣ, ки аҳли меҳнати шаҳру деҳотро сахт истисмор мекарданд, бунёди ахлоқию маънавии шаҳри феодалиро таҳриф намуд» [10, 80].

Ва яке аз далели равшани ин гуна таҳрифи ахлоқию маънавии синфи ҳукмрон поймолкунии тартибу қоидаҳои азалии вақфдиҳию вақфхӯрӣ буд. Мувофиқи талаби шариат пули нақдро вақф кардан мумкин набуд, зеро фоидаи пул чизи макрӯҳ ҳисоб мешуд ва истифодаи он гуноҳ буд. Вале авҷи муносибатҳои пулӣ ба дараҷае расид, ки дигар манъи шариат кор намедод ва ин раванд пеш аз ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ба Русия оғоз ёфта буд, вале аввалҳо онро дар пардаи назру ниёз ба амал мебароварданду ин муомилотро худи қозӣ тасдиқ мекард. Баъди ба Русия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ин муомилот бе ҳеҷ пардапӯшӣ рӯйирост анҷом дода мешуд. Акнун фарқ дар ҳамин буд, ки дурустии вақфияро бояд баъзе идораҳои маъмурияти подшоҳии Русия ҳам тасдиқ мекарданд. Вале гуфтан лозим аст, ки маъмурияти подшоҳӣ ҳам оид ба ин масъала ягон дастур ё қонуну қоидаи муайян надошт ва кори мекардагиаш ҳамин буд, ки ҳамин гуна вақфияи пулиро тасдиқ медоду вале назорат мекард, ки шарти вақфия риоя шавад. Барои мисол мо ҳуҷҷати ду вақфияи пулиро зикр мекунем. Вақфияи якум аз они Бобобадал валади Нодирбойи тошкандӣ аст, ки ба қорихона 100 сӯм пулро вақф карда будааст. Вақфи дуюм аз они Бибисоҷида бинти Муҳаммадраҷаби сепулагӣ аст, ки ба қорихонаи деҳаи Сепулаи Ӯротеппа (Истаравшан) 240 сӯмро вақф кардааст. Пристави Ӯротеппа 29 декабри соли 1889 ҳарду вақфияро ба сардори уезди Хуҷанд бурда тасдиқ кунонд.Вақфияи пулӣ яке аз шаклҳои сердаромадтарини вақф буд, зеро пули вақф ба қарзхоҳ бо фоидаи ҳар моҳе камаш 10 фоиз дода мешуд. Масалан, мувофиқи ҳуҷҷате мутаваллии вақфи масҷиди Қӯтурбулоқи Ғӯлакандоз Муҳаммадкарим ном мулло бо Ҳоҷимурод ном шахсе 200 сӯм пулро ба шарте қарз додааст, ки муддати 6 моҳ ҳар моҳ 50 тангагӣ фоидаи қарзро хоҳад дод.

Дар шароити нав вақфияи пулӣ барои вақфдеҳ чандкарата фоида дошт. Аввалан ин ки вақфдеҳ ҳамчун одами босаховату савобталаб ном мебаровард азбаски аксар вақт худаш мутаваллӣ мешуд, боз пулаш дар дасти худаш мемонд, дуюм, бемалол фоидаи зиёд меситонд ва сеюм, аз андоздиҳӣ халос мешуд. Вақфи пулӣ вақфе буд, ки фақат дар охири асри XIX ва аввали асри XX пайдо шудааст.

Бад-ин тариқ, қорихонаю хонақоҳ дар байни муассисаҳои динӣ нисбатан дуюмдараҷа маҳсуб мегардиданд. Вобаста ба ин вақфи онҳо низ дар низоми моликияти феодалӣ нисбат ба вақфи мазору масҷид, мактабу мадрасаҳо саҳми камтар дошт. Шумораи вақфкунанда, ҳаҷми моли ғайриманқул ва маблағи пулии вақфшуда ҳам хеле кам буд. Тамоми он далелу асноди иқтибоси мо возеҳ сохт, ки вақф умуман ва махсусан вақфи замин яке аз шаклҳои моликиятдории феодалӣ буда, барои тавассути дин истисмор кардани аҳли меҳнат хизмат мекард. Ба ҷуз вақфи мактабу таҳоратхонаҳо дигар ҳамаи намудҳои он воситаи бойшавии боён ва қашшоқшавии қашшоқон буд.

Дар замони баъди ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ба Русия дар низоми замини вақф дигаргунӣ дохил шуд. Мутлақият ва маъмурияти маҳаллӣ мекӯшиданд, ки миқдори муассисаҳои диние, ки замину системаи обёрӣ доранд, камтар шаванд. Фақат он вақфи қорихона ва хонақоҳ эътибор дошт, ки ҳуҷҷатҳои зарурӣ дошта бошад, ё ин ки дуруст тартиб дода шуда бошанд. Агар вақфнома набошад, эътибори вақф намемонд. Сиёсати подшоҳии рус, ки ҳадафаш кам кардани вақф ва ҳаҷми онҳо, аз баъзеашон хироҷ ситондан буд, иқтидори иқтисодии рӯҳониён ва таъсири онҳоро дар байни аҳолӣ камтар мекард.

Баъди ба Русия ҳамроҳ карда шудани ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ва маҳдудшавии ҳуқуқи муассисаҳои вақфӣ, тараққӣ кардани муносибатҳои пулию молӣ, бар хилофи манъ кардани шариат ҳодисаҳои ба вақф супурдани маблағҳои пулӣ зиёд шуданд. Қарз ё нася додани пул дар шароити нав фоидаи калон меовард. Намуди нави вақф - роҳи фоидахӯрӣ, тамоман зидди шариат буд, вале он боз ҳам васеътар паҳн мешуд.

Хулоса, ба иқтисодиёти кишвар ворид шудани муносибатҳои молию пулӣ, боиси ба вуҷуд омадани намудҳои нави вақфҳо (ба манфиати муассисаҳои динӣ додани маблағи муайян, ба иҷора додани биною замин, аз пул ба даст овардани фоида) гардид.

Чашмгуруснагӣ, кӯшиши бештар ба даст овардани фоида барои як қатор намояндагии дин нисбат ба аҳкоми шариат, ки вақф кардани пулро манъ менамуд, муҳимтар гардид. Ба сифати вақф истифода кардани дуконҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои ҳунармандӣ барои давраи зикршуда хос аст. Акнун на танҳо замину об манбаи даромад буданд. Сармояи тиҷоратию судхӯрӣ ба доираи вақф ворид шуда, дар байни соҳибони вақф низои шахсӣ, кӯшиши зиёдтар ба даст овардани фоидаро ба вуҷуд овард. Аксари соҳибони вақфи муассисаҳои динӣ бойҳои калон буда, аҳолии камбағалро истисмор мекарданд.

## АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Куллиёт / С.Айнӣ. - Ҷ. 6. - С.359-360.
2. Мухторов А. Гузары города Ура-тюбе /А.Мухторов // Материалы по истории городов Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1975. -С. 22.
3. Мухторов А. Таърихи халқи тоҷик: китоби дарсӣ барои синфи 8 /А.Мухторов. -Алма-ато: Атамура, 2000. -165 с.
4. Мукминова Р.Г. К истории аграрных отношений в Узбекистане XVI в./Р.Г.Мукминова. По материалам «Вакфнамэ». -Ташкент, 1966. -354 с.
5. Турсунов Н. О. Сложение и пути развития городского сельского населения Северного Таджикистана XIX – начала XX вв./ Н.О.Турсунов. - Душанбе, 1976. -С. 80.
6. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик: китоби дарсӣ барои синфи 9 / Н.Ҳотамов. – Душанбе: «МТЛ Орес», 2004. -304 с.
7. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик: китоби дарсӣ барои синфи 10 / Н. Ҳакимов. -Душанбе, 2005. -191 с.
8. Чехович О.Д. Бухарские документы XIV в. / О.Д.Чехович. - Ташкент: Фан, 1965. -33I с.
9. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Ф. 18. -р. 1. -д. 12715. -в. 3.
10. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Ф.6, р.1, -д.90, -в. 7-49.
11. Бойгонии марка
12. зии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. -ф.18. -р.1. -д.10068. -в.11.
13. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. -Ф. 18. -р.1. -д.10068, -в.11.
14. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. -ф.18. -р.1. -д.10068. -в.10, 11.

## ВАҚФҲОИ ҚОРИХОНА, ХОНАҚОҲ ВА ПУЛӢ (ДАР СОЛҲОИ 1867-1917)
### (аз рӯйи маводҳои ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон)

Дар омӯзиши ҷиҳату ҷанбаҳои таърихи заминдории вақф вақфҳои қорихона (қорихона – мактаб ё ҳуҷра барои қориҳо), хонақоҳ (хонақоҳ – ҷое, ки дар он шайхҳо ва дарвешон зиндагӣ мекарданд) ва пулӣ дорои аҳамияти муайян буданд. Дар байни ин муассисаҳо вақфҳои қорихонаҳо бартарӣ доштанд. Дар онҳо шахсони махсус-қориҳо (қорӣ-шахсе, ки Қуръонро аз ёд медонад) ба хотири вақфкунанда (воқиф) Қуръон мехонданд. Баъзе қорихонаҳо дар як вақт ҳамчун мактаби махсуси тайёр кардани қориҳо низ маҳсуб мегардиданд. Қорихонаву хонақоҳ ҳам як навъи муассисаи динӣ буданд, ки дар ҳузури мазоре ё масҷиде, вале ба нудрат алоҳида ҳам арзи вуҷуд мекарданд.Дар Осиёи Миёна низ дар садсолаҳои баъдӣ хонақоҳҳои характери динӣ – хайриявидошта амал мекарданд.

**Калидвожаҳо:** Қорихона, хонақо, таҳоратхона, вакфия, маблағҳои пулӣ, вакфнома, маъмурият, вилоётт, мутаваллӣ, мударрис, тамға.

## ВАКФЫ КОРИХОНА, ХОНАКО, ТАХОРАТХОНА И ДЕНЕЖНЫХ СУММ (В 1867-1917 ГГ.)
### (ПО МАТЕРИАЛАМ СЕВЕРНЫХ РАЙОНОВ ТАДЖИКИСТАНА)

В изучении истории вакфного землевладения определенное значение имели вакфы корихона, хонако и тахаратхана. Среди этих учреждений преобладали вакфы корихона. В них специальные лица читали Коран по главам за упокой души учредителя вакфа. Некоторые корихона служили одновременно и специальной школой подготовки чтецов Корана (кори). Корихона, хонако и тахоратхона владели сравнительно небольшими вакфами, обеспечивавшими нужды этих религиозных учреждений и их служителей. Хонако носил благотворительный характер и являлся пристанищем дервишей и паломников определенных религиозных орденов. В Средней Азии и в последующие столетия существовали хонако религиозно-благотворительного характера.

**Ключевые слова:** Корихона, хонако, тахоратхона, вакфия, денежных сумм, вакфname, администрация, вилайет, мутавалли, мударрис, ярлык.

## VAQFS OF KORIKHONA, KHONAKO, TAHORATKHONA AND OF MONEY SUM (IN 1867-1917)
### (Materials of the Northern districts of Tajikistan)

In studying of the history of vaqfs landowner the main meanings were vaqf of korikhona, khonako and tahoratkhona. From these offices the main was vaqf of korikhona.

In this the special figure read Quran for this vaqfs owner. Some korikhona served in time in special schools for preparation readers of Quran. Korikhona, khonako and tahoratkhona controlled with small vaqfs. Khonako has charitable character and the place for dervishes’ and others.

In Central Asia and in next centuries existed khonako the religious-charitable character.

**Key words:** Korikhona, khonako, tahoratkhona and of money sum, vaqfname, administration, viloyat, mutavaali, mudariss, yarlik.

**Сведения об авторе:** ***А. Кушматов*** – Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, профессор кафедры древней, средневековой истории и археологии. Телефон: **(+992) 919-66-69-17.**

# МУЖСКОЙ КОСТЮМ ТАДЖИКСКОЙ ДВОРЦОВОЙ АРИСТОКРАТИИ КОНЦА XIX - НАЧАЛА XX ВЕКА

***Сафарова З.Н.***
**Технологический университет Таджикистана**

Несмотря на большое число работ, посвященных историческим и традиционным национальным нарядам, костюм таджикской знати дореволюционного периода еще не становился предметом специального исследования. Причину этого явления мы видим в том, что сама постановка проблемы вызывает вполне резонный вопрос: допустимо ли наряды аристократов - элиты общества рассматриваемого периода, связать с таджикским костюмом? Если да, то в какой мере? Ведь, как известно, все три среднеазиатских ханства (Бухарское, Кокандское, Хивинское) были государствами узбекскими. Их первые лица принадлежали к трем разным узбекским племенам: мангитам, мингам, кунгратам.

Наш ответ на поставленный вопрос – утвердительный, что подтверждается материалами памятников письменности рассматриваемой эпохи, а именно: трудов русских авторов – исследователей культуры, быта и занятий среднеазиатских народов. Эти памятники, наряду с фотоиллюстрациями того периода, и служат основными источниками для разработки настоящей темы.

Как писал А. Вамбери, бухарские таджики составляют значительную и влиятельную часть чиновничьего аппарата эмира [8, 567]. А. П. Хорошхин в своем очерке, посвященном Самарканду, отметил, что таджики составляют примерно 60 % его населения и являются в местном масштабе привилегированным классом. Этот класс, по его словам, представляли *амлакдары*, *мутевали*, *аксакалы*, *имамы*, *муллы*, *халифа* и т.п. [11, 217].

Высокопоставленные чиновники из числа таджиков играли значимую роль и при дворах Кокандского ханства. А. Шишов писал, что «благодаря своему духовному превосходству, порабощенные таджики всегда имели нравственный и умственный перевес» над другими народами региона. «Из среды таджиков образовались не только высшее интеллигентное сословие страны - духовенство, ученые, учителя народных школ, судьи, законодатели, но по временам некоторые из них, стоя близко у кормила правления, захватывали верховную власть в свои руки и становились властителями», - отмечает он [13, 254].

Автор «Всеобщей географии», изданной в 1883 году, Э. Реклю в таджиках видел умственную аристократию Туркестана [13, 253, 256]. На эту тему писали и ряд других публицистов, которые изучали среднеазиатское общество дореволюционного периода. Следовательно, есть все основания для составления характеристики таджикского аристократического костюма или костюма таджиков, приближенных к власти.

Затрагивая настоящую тему, необходимо отметить родственную связь таджиков с персами (иранцами) - двух народов, имеющих общие корни. Эта связь выражается как в общении на одном и том же языке (персидско - дарийском), так и в признаках наружности, а также близости культуры и быта. Потомки персов, насильственно, зачастую в качестве рабов, переселенные из Ирана и Хорасана в Среднюю Азию и здесь приобретшие свободу, родились и выросли в регионе, позаимствовав черты хозяйственно-бытового и культурного уклада, свойственные местному населению. Как представители исконно оседлого народа, в лице таджиков они нашли в Средней Азии своих сородичей, придерживавшихся близких для них ритуалов, обычаев, традиций. Со временем совместное проживание представителей этих двух народов в одних и тех же районах привело к еще большему их сближению в аспекте и наружности и образа жизни, включая, естественно, физиономию, язык, культуру, и не в последнюю очередь, костюм. Не случайно, одних и тех же людей из числа среднеазиатской знати, некоторые русские авторы считали таджиками, другие – персами. Этот момент дает нам основание использовать в качестве материалов по разрабатываемой теме и сведения, имеющие отношение к нарядам потомков переселенных в регион персов.

С учетом сказанного, прежде чем вести речь о костюме таджикской аристократии, остановимся на нарядах первого лица Бухарского ханства – эмира Абдул-Ахада, правившего в 1885-1910 гг. Это важно в том контексте, что П. П. Шубинским его обычный форменный наряд обозначен как «национальный таджикский костюм». Примем также во внимание описание П. П. Шубинским его внешности. «Правильные, пропорционально-тонкие черты лица, обрамленного черной, как смоль, бородкой, матово-прозрачный цвет кожи, правильный овал глубоких, с оттенком мечтательности, черных, как агат, глаз, не напоминают в нем ничего узбекского и являются античным образцом аристократического таджикского типа», - пишет он.

Причину приверженности эмира к такому этническому костюму можно видеть в том, что он родился от брака Музаффар-хана, правившего в 1860-1865 годах, и персиянки по имени Шамшод - бывшей красавицы-рабыни с редким умом, пользовавшейся статусом любимой жены эмира.

В домашней одежде эмира, по описанию П. П. Шубинского, видимыми предметами были кафтан со стоячим воротом, шелковый халат, шелковые шаровары, заправленные в мягкие ичиги, а также головной убор в виде вышитой тюбетейки. Во время молитвы и при выходе из дворца поверх тюбетейки он навивал белую чалму.

Итак, повседневный костюм эмира по составу ничем не отличался от наряда простого горожанина. Он включал как традиционные предметы одежды и обуви (туникообразный халат, шаровары, чалма, тюбетейка, ичиги), так и выкройную верхнюю одежду (кафтан *камзул*).

Как можно видеть на сохранившихся фотоиллюстрациях, парадной формой для эмира служил военный наряд, который включал шерстяной двубортный мундир с золотой вышивкой, длиной чуть ниже колен, таких же штанов с раструбами внизу, штанины которых опускались поверх голенищ сапог. В мундире вышивка украшала область груди и концы рукавов. Поверх парадного мундира надевались эполеты и широкий пояс, отделанный драгоценными камнями, с подвешенной к нему кривой шашкой в дорогих ножнах. От левого плеча по диагонали спускалась до пояса лента. Грудь эмира украшали несколько орденов. Парадную форму эмира дополняла пышная чалма из кашемира или индийской кисеи. В менее торжественных случаях он надевал узорчатый бархатный мундир с русскими генеральскими погонами и прикрепленными орденами, но без ленты [15, 133-134].

Таким образом, эмир пользовался парадным нарядом русского, европейского образца, национальное своеобразие которого выражалось лишь в головном уборе и отделке одежды – золотошвейном узоре местного, восточного колорита.

Описанный здесь костюм главы бухарского государства, очевидно, являлся стандартом для нарядов ближайшего его окружения. Дворцовая аристократия на службе носила те же костюмные элементы, за исключением аксессуаров, свойственных лишь костюму первого лица государства. Их наряды также шились из самых дорогих и броских тканей того времени и богато оформлялись, однако по эффектности они не должны были затмить пышность костюма эмира.

Мы уже говорили о смешении в крови эмира Абдул-Ахада мангитских и персидских корней. Переходя к исследованию тонкостей костюма таджикской аристократии, следует прежде привести некоторые конкретные факты по службе таджиков, да и иранцев, при дворах узбекских ханов. Как отмечал А. Вамбери в первой половине 1860-х годов, в Бухаре наиболее влиятельные сановники были персиянами, которые считались лучшими переговорщиками во взаимоотношениях с европейскими политиками. Их представители – Шахрух-хан, Мухаммад-Хасан-Хан, Занал-Бай, Махди-Бай, Лашкар-Бай в рассматриваемый период занимали высшие командные посты в бухарской армии [2, 184].

На существование давней традиции назначения бухарскими ханами таджиков или их персидских соплеменников на ответственные посты указывал А. А. Семенов: «По традиционным соображениям повелитель Бухары на должность, где более полезна покорность и преданность престолу, назначает … узбека, на ответственные места, где нужен политический такт и осторожность, в большинстве случаев назначаются … таджики или их сородичи из Ирана» [9, 973].

О давних корнях и разумности этой традиции писал В. В. Крестовский – в 1882-1884 годах чиновник особых поручений при генерал-губернаторе Туркестана М. Г. Черняеве: «Древние законодатели и организаторы государственной власти Бухары, предоставляя высшую после самих себя власть людям достойным ее не в силу одних лишь преимуществ своей родовитости, но прежде всего в силу ума, способностей и личных достоинств, обладали совершенно правильным взглядом на государственное дело» [6, 285].

В этой обстановке условия жизни в Бухарском эмирате, считавшемся подобно ханствам Хивы и Коканда, узбекским государством, диктовались не узбеками, а персидскими чиновниками. «Жизнь их (узбеков – З. С.) зависит от произвола беков-персиян, - писал А. Гребенкин, - их духовенство, их грамотные, *амлакдары*, *мирзы* и прочие – это все не узбеки, или с редкими исключениями узбеки… Эмир, говорят узбеки, родом мангит; все это хорошо, но в нем узбекского ничего нет, и он их терпеть не может…» [4, 55]. Узбеки «составляют военную силу страны, хотя высшие офицеры выбираются не из их рядов», - писал в 1917 году М. Достоевский, который также обратил внимание на взаимоотношения разных народов – жителей Средней Азии [5, 9].

Известно немало фактов, когда бывшие персидские пленники, проданные туркменами в рабство бухарцам, здесь возвышались до высших административных должностей. Замечательным примером этого служит биография персидского раба родом из Мешхеда по имени Мухаммади, который в силу преданности своему хозяину и сметливости получил вначале чиновничью должность, а затем постепенно возвысился при эмире Музаффаре до поста *кушбеги*. Теперь его почтительно величали Мухаммади-бий-кушбеги, с легкой руки которого видные государственные посты получили затем его сын и внук.

Причину столь крутого возвышения Мухаммади-бия (как и его сына) Н. П. Стремоухов видел в женитьбе того на отставной жене эмира [10, 660-662]. Однако очевидно, что причиной столь успешного карьерного роста было все-таки не это событие, а умение тонко разбираться в

политических хитросплетениях двора, уживаться в самобытной чиновничьей среде, свойственной восточной феодальной деспотии. А женитьбу на бывших содержанках эмирского гарема можно воспринимать как факт проявления милости всеподданнейшего за преданность в службе, его желание вовлечь в свой круг наиболее отличившихся подчиненных.

Положительные качества этой важной особы с персидскими корнями подчеркнул В. В. Крестовский, говоря о нем, как об очень приятном и сердечно веселом старике со спокойным и незлобивым нравом. Мухаммади-бий умел держать себя просто, но с достоинством, говорить с тактом и чувством меры. Занимая высокий пост *кушбеги*, он пользовался почти неограниченным влиянием на эмира Музаффара.

Так, Мухаммади-бий являлся хранителем личной печати главы государства, курировал отношения Бухары с зарубежными странами и народами, заведовал государственными финансами, назначал чиновников по сбору таможенных пошлин с внутренней и внешней торговли. Он жил со своим гаремом непосредственно во дворце эмира и отвечал за его безопасность. И в этом качестве ему подчинялись все солдаты и офицеры, служившие во дворце. Кроме того, он держал в своих руках по факту функции столичного бека, исполнять которые поручил своему сыну Мухаммад-Шариф-инаку. Сын *кушбеги* был главным помощником своего отца по финансовому и административному управлению столицы, а также исполнял роль главного казначея эмира. Его двадцатилетний внук Астанакул-бий был беком в другой бухарской провинции – Карши [6, 224, 285-287, 297].

О нем писал П. П. Шубинский в начале 1890-х годов, упоминая Астанакула-*парваначи*, исполнявшего обязанности главного *закатчи* (министра финансов) в ранге второго сановника во дворе эмира Абдул-Ахада. Такой вывод напрашивается по результатам анализа сведений о нем, приведенных названным русским краеведом. Он охарактеризован как молодой и способной сановник, назначенный на этот пост, прежде всего, благодаря заслугам престарелого деда и отца [15, 139-140]. Более обстоятельно причины карьерного роста Мухаммади-бия и его потомков П. П. Шубинский проанализировал в статье «Недавняя трагедия в Бухаре» [14, 467-476].

Сотрудник Кунсткамеры В. А. Прищепова на групповой фотографии «Сановники бухарского эмира Абдул-Ахада» идентифицирует как Мухаммади-бия-кушбеги почтенного старца с длиной седой бородой, сидящего на возвышении крайним. Его портрет украшает, кроме того, одну из страниц в книге В.В. Крестовкого «В гостях у эмира Бухарского». По политическим соображениям этот высокопоставленный чиновник Бухары выдавал себя за узбека, хотя, пишет В.В. Крестовкий, лицо арийского типа свидетельствовало о персидском происхождении этого семидесяти- однолетнего старца.

Вот как в 1882-1883 гг. выглядел костюм *кушбеги*: «Одет он был в темно-зеленый бархатный халат с рельефно-вышитыми узорами, причем, в знак его высокого положения, халат оставался не подпоясанным, а на голове пышно красовалась чалма из белой индийской кисеи, затканной золотыми полумесяцами [6, 288-289]. Форменный костюм каршинского бека Астанакул-бия, в котором его видел В. В. Крестовский, выглядел следующим образом: верхний халат из индийской парчи с мелкими травками, пышная чалма из кашмирской шали. В его типе лица, пишет В. В. Крестовский, не было ничего тюркского, это был чисто иранский тип [6, 233].

Астанакул-бий охотно позировал перед фотокамерами, благодаря чему есть возможность воочию увидеть его типаж и костюм. Характеристика его наряда, приведенная В. В. Крестовским, получает совершенное подтверждение на групповой фотографии «Бухарский эмир Абдул-Ахад с сыном Мир-Алимом (наследником престола) и свитой», выполненной В. Ясвоином в 1893 году.

Практически в таком же костюме он предстает и на своем фотопортрете работы Н. Орде. Разница заключается лишь в декоре верхнего халата. Ткань одежды украшена большими многолучевыми розетками золотистого цвета, которые почти примыкают друг к другу. А на фотоиллюстрации к статье П. П. Шубинского «Недавняя трагедия в Бухаре» костюм Астанакул-бия практически полностью схож с форменным нарядом эмира Абдул-Ахада, включая даже вышитый декор на предметах одежды. Разница заключается лишь в отсутствии у Астанакул-бия ленты, какая украшает грудь эмира.

В целом, на старинных фотографиях и страницах произведений русских авторов рассматриваемой эпохи парадный головной убор лиц из ближайшего окружения эмира Бухары, а также его самого, представлен в виде пышней чалмы – белоснежной или рисунчатой, узор которой более типичен для Индии.

Другим иранцем, входившим в ближайший круг эмира Абдул-Ахада, был Дурбин-инак, также возвысившийся до должности *кушбеги*. Его имя зафиксировано в числе позировавших особ на обратной стороне фотоснимка Н. Орде «Эмир Абдул-Ахад с сыном и свитой». В Шахрисабзе он оказывал услуги русскому посольству от имени генерал-губернатора М. Г. Черняева. В. В. Крестовский пишет, что в прошлом Дурбин-инак был главным казначеем эмира, а теперь (в 1882 г.), служил *шигаулом* (обер-церемониймейстером). Русский дипломат отметил его явно выкрашенную в темно-каштановый цвет, окладистую бороду и иранский тип

лица. В описании В. В. Крестовским его костюма речь идет о форменном парадном халате из мелкотравчатой индийской парчи [6, 161-162].

Обычай красить бороду был достаточно распространенным явлением во дворе бухарского эмирата. Тот же В. В. Крестовский, имевший в последний день 1882 году аудиенцию в составе посольства от имени Туркестанского генерал-губернатора у бухарского эмира Музаффара, приводит свои наблюдения об использовании им косметики: «Борода у эмира по персидской моде несколько подкрашена, отливая на свете не то красноватым, не то, как будто даже лиловато-бурым цветом. Щеки, как показалось мне, были несколько набелены и подрумянены, а брови и глаза как будто слегка подведены» [5, 135]. Впрочем, далее он оговаривается, что возможно, косметика тут ни при чем.

А. Д. Гребенкин в 1872 году писал, что мужчины из числа таджиков долины Зеравшана в праздники подкрашивали брови и подводили сурьмой глаза [3, 47]. Поэтому если даже рядовые мужи в праздники пользовались косметическими средствами, приукрашивание красками государя в дни церемоний выглядело вполне естественным. В. В. Крестовский подтверждает информацию А. Д. Гребенкина, заявляя, что у коренных жителей Бухары расчесанная и надушенная борода иногда была «подкрашена в темный буро-красноватый цвет с каким-то даже лиловатым отсветом» [6, 274]. Что касается применения представителями среднеазиатской знати конца XIX – XX века сурмления глаз, этим пользовались, например, упомянутый выше шигаул Дурбин-инак, а также сам эмир Музаффар [6, 277].

В. В. Крестовский упоминает также о *тупчи-баши* Али-Мададе, которого эмир Музаффар направил встречать русское посольство при въезде в Шахрисабз. *Тупчи-баши* был «худощавым мужчиной лет пятидесяти, с лицом персидского типа». В его костюме внимание привлекали высокая персидская шапка и темно-фиолетовый бархатный сюртук мундирного персидского покроя. Рукава, грудь и полы сюртука были оформлены серебряной вышивкой. Вдоль груди двумя рядами были расположены двенадцать гладких медных пуговиц. На плечах красовались серебряные витые эполеты со штабс-офицерскими кистями. К поясной серебряной портупее была подвешена дорогая сабля в золотых ножнах, украшенных бирюзой и сердоликами [6, 109-110]. Как видим, у этого аристократического типа наряд был сформирован на основе синтеза европейского (русского) и восточного (но не среднеазиатского) костюмов.

Список особо важных бухарских персон иранского происхождения можно продолжить. К их числу принадлежал, в частности, и *токсаба* Абдул-Кадыр – персиянин, командовавший конным конвоем эмира Абдул-Ахада [15, 141]. Что касается собственно таджиков, служивших на ответственных постах при дворе, здесь заслуживает особого внимания персона Мирзо Насруллы – уроженца Бухары, выходца из небогатой таджикской семьи. Его отец владел небольшой лавкой по продаже чугунных котлов [1, 48, 84]. П. П. Шубинский пишет о нем, как об узбеке [15, 141].

Вероятно, так провозглашал свою этническую принадлежность он сам, что может быть связано с заботой обезопасить свою успешную карьеру. При дворе Мирзо Насрулла оказался во времена эмира Музаффара и его успешный карьерный рост складно продолжился при эмирах Абдул-Ахаде и Саид Алим-Хане. Показателем его большого влияния в государственных делах может служить тот факт, что он был включен в свиту главы Бухарского эмирата во время поездки в Россию в 1898 году. Известно, что Мирзо Насрулла был воспитателем брата Абдул-Ахада, принца Саид Мир-Мансура. Мирзо Насрулла сопровождал эмира Абдул-Ахада и во время его следующего посещения России в 1906 году.

В русских документах, имеющих отношение к этой дипломатической миссии, Мирзо Насрулла упоминается в качестве *парваначи* и в должности бека Шахрисабза. Более того, в нем видели наиболее приближенное лицо правителя Бухарского ханства. В 1909 году Мирзо Насрулла получил пост *кушбеги* и сохранил свою должность после прихода к власти Саид Алим-Хана (до 1917 года). Известно, что этот влиятельнейший сановник умер через год после смещения с поста *кушбеги* [7, 452]. Хотя собственно характеристика наряда Мирзо Насруллы в источниках не встречается, представить его в общих чертах возможно. Есть иллюстрации и описания костюмов других лиц, исполнявших должность *кушбеги* до или после Мирзо Насруллы.

В одежде бухарской аристократии находили применение, как местные ткани, так и привозной текстиль. Знатные бухарцы пользовались импортными тканями, как приобретаемыми на свои средства, так и полученными в качестве дара от местных чиновников разного уровня, а также зарубежных посольств. Обмен подарками был одним из обязательных атрибутов приема иностранных гостей в домах среднеазиатской знатни. Хозяева традиционно дарили гостям халаты, а среди даров иноземных посольств непременно встречались ткани. Так, «несколько кусков дорогих материй на халаты» значились среди даров, преподнесенных бухарскому *кушбеги* Мулла Мухаммади-бию посольством Туркестанского генерал-губернатора М. Г. Черняева. Астанакул-бию русское посольство подарило атласный халат зеленого цвета [6, 235, 296]. Своеобразие служебного костюма среднеазиатской придворной аристократии наиболее отчетливо проявляется при его рассмотрении на групповых фотографиях на фоне нарядов представителей русской колониальной администрации.

Верхней одеждой бухарских чиновников наиболее высокого ранга служил форменный двубортный халат из крупноузорчатой шелковой ткани длиной до колен или ниже. Халат шили на подкладе и зачастую украшали золотой вышивкой. Поверх надевали широкий наборный пояс. Грудь у некоторых местных сановников украшали широкая лента, идущая по диагонали, и ордена. Длину халата подбирали так, чтобы можно было видеть низ штанин, по материалу и отделке схожих с халатом. Говоря об аристократическом мужском костюме, нельзя ограничиться лишь отображением нарядов самых знатных особ. Таковыми являлись также костюмы их отпрысков. Типичный костюм сыновей среднеазиатской знати конца XIX века, «молодых аристократов-таджиков», в своих общих чертах описан А. Д. Гребенкиным: «На их головах наверчены цветные, яркие, большие чалмы, на плечах их по нескольку шелковых или полушелковых халатов. Кушаки или в серебряных с бирюзой бляхах, или из кашемировых шалей». Сапоги с зелеными каблуками» [3, 45].

Таким образом, приведенные материалы и их анализ могут быть восприняты как первый шаг на пути исследования практически не разработанной темы по средневековому костюму таджикской знати. Настоящая тема заслуживает быть предметом специального исследования.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Андреев М. С. Д. Арк (кремль) Бухары в конце XIX - начале XX в. / М. С. Андреев, О. Д. Чехович. - Душанбе, 1972.
2. Вамбери А. Путешествие по Средней Азии. Описание поездки из Тегерана через туркменскую степь по восточному берегу Каспийского моря в Хиву, Бухару и Самарканд, совершенной в 1863 году Арминием Вамбери, членом Венгерской Академии / А. Вамбери. – М., 1865. – 221 с.
3. Гребенкин А. Д. Таджики / А. Д. Гребенкин // Русский Туркестан: Сборник, изданный по поводу политехнической выставки. - М., 1872. – Вып. 2. Статьи по этнографии, технике, сельскому хозяйству и естественной истории. – С. 1-50.
4. Гребенкин А. Д. Узбеки / А. Д. Гребенкин // Русский Туркестан: Сборник, изданный по поводу политехнической выставки. - М., 1872. – Вып. 2. Статьи по этнографии, технике, сельскому хозяйству и естественной истории. – С. 51-109.
5. Достоевский М. Старина и быт Средней Азии / М. Достоевский. – М.: Изд-во тов-ва «Образование», 1917. – 62 с.
6. Крестовский В. В. В гостях у эмира Бухарского / В. В. Крестовский. – СПб., 1887. – 431 с.
7. Прищепова В. А. Иллюстративные коллекции по народам Центральной Азии второй половины XIX — начала XX века в собраниях Кунсткамеры / В. А. Прищепова. - СПб.: Наука, 2011. - 452 с.
8. Радлов В. В. Из Сибири (страницы дневника) / В. В. Радлов; перев. с нем. – М.: Гл. ред. вост. лит-ры, 1989. – 749 с. - (Этнографическая библиотека).
9. Семенов А. А. По границам Бухары и Афганистана (Путевые очерки 1898 года) / А. А. Семенов // Исторический вестник. – М., 1902. - № 3. - Т. 87. – С. 962-993; -Т. 88. – С. 99-123.
10. Стремоухов Н. Поездка в Бухару / Н. Стремоухов // Русский вестник. – М., 1875.- № 6. – Т. 117.
11. Хорошхин А. П. Сборник статей, касающихся до Туркестанского края / А. П. Хорошхин. – СПб., 1876. – 531 с.
12. Шишов А. Сарты. Этнографическое и антропологическое исследование. Ч. I (Этнография) / А. Шишов // Сборник материалов для статистики Сырдарьинской области.– Ташкент, 1904. – Т. 11. – С. 1-492.
13. Шубинский П. П. Недавняя трагедия в Бухаре / П. П. Шубинский // Исторический Вестник.– М., 1892. - № 5. - С. 467-476.
14. Шубинский П. П. Очерки Бухары / П. П. Шубинский // Исторический Вестник. – М., 1892. - № 7. - С. 109-143; № 8. – С. 364-390; № 9. – С. 621-649; № 10. – С. 100-124.

## САРУПОИ МАРДОНАИ АШРОФОНИ ДАРБОРИИ ТОҶИК ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ XX

Дар мақола маводи сарчашмаҳо оид ба сарупои ҳамарӯза ва расмӣ ё намоишии тоҷикону форсиён, ки ба дарбори амири Бухоро наздик буданд, таҳлил карда мешавад. Маълумоти ҷамъоварда барои таҳқиқи амиқи яке аз масъалаҳои ҳанӯз ноомӯхта оид ба сарупои миллии аримиёнагӣ замина мегузорад. Муаллиф қайд мекунад, ки мавзӯи мазкур шоистаи тадқиқоти махсус мебошад.

**Калидвожаҳо:** асрҳои миёна, аморати Бухоро, хонигарии Қуқанд, ашрофони дарбор, сарупои тоҷикон, асолати миллӣ.

## МУЖСКОЙ КОСТЮМ ТАДЖИКСКОЙ ДВОРЦОВОЙ АРИСТОКРАТИИ КОНЦА XIX - НАЧАЛА XX ВЕКОВ

В данной статье исследуются материалы первоисточников о повседневном и официальном костюме таджикской аристократии или костюме таджиков, приближенных к власти. Собранные материалы служат основой для глубокого изучения одного из малоизученных вопросов относительно национального средневекового костюма. Автор отмечает, что данная тема заслужтвает особго исследования и изучения.

**Калидвожаҳо:** средневековье, Бухарский Эмират, Кокандское ханство, дворцовая знать, таджикский костюм, национальная принадлежность.

## MEN'S SUIT TAJIK PALACE OF THE ARISTOCRACY OF THE LATE XIX - EARLY XX CENTURY

In the article analyses the sources of household and the splendid costumes of the Tajiks and the Persians, close to the court of the Bukhara Emir. These data allow us to proceed to more in-depth development of yet unexplored issue in medieval costumes. The author emphasizes that this topic deserves to be the subject of a special study.

**Key words:** Middle ages, Bukhara Emirate, Kokand khanate, the Palace know, the Tajik costume, ethnic identification.

**Сведения об авторе:** ***Сафарова Зайнура Немоновна*** **-** Технологический университет Таджикистана, старший преподаватель кафедры дизайна костюма и искусства моды. E-mail: **bahor-64@mail.ru.** Телефон: **95-160-36-84**

# О ХУДОЖЕСТВЕННЫХ АСПЕКТАХ ПРОДУКТОВ РАДИЦИОННОГО ВЯЗАНИЯ ТАДЖИКОВ

***Содикова С.А.***
**Технологический университет Таджикистана**

В прошлом вязальное дело было широко распространено среди таджиков и составляло самобытную область народного творчества. Его древняя и средневековая история практически не изучена. Публикации, посвященные этой теме, имеют отношение к концу XIX – XX вв., однако и этот период в развитии ремесла является малоисследованным и заслуживает дальнейшей, более глубокой, проработки.

Работы, опубликованные в советский период, а также в годы независимого развития Таджикистана, и посвященные этому виду таджикского рукоделия, представляют собой отдельные статьи разрозненного характера. Все эти работы объединяет то, что в них продукты вязального дела таджиков рассматриваются в аспекте этнографическом или искусствоведческо-популяризирующем. В них не прослеживается использование принципов исторического исследования, так как их авторами такая задача не ставилась.

Нашей задачей в рамках настоящей статьи является отражение художественного аспекта ремесла, а именно: принципов орнаментации, которых придерживались мастерицы в Горном Таджикистане.

Созҳои мусиқии мардуми тоҷик ба фарҳанги моддию маънавии халқи тоҷик алоқаи зич дошта, таърихи бою рангин доранд ва таърихи пайдоиши баъзеи онҳо аз ҳазорсолаҳои қабл аз мелод сарчашма мегирад. Далели қадима будани созҳои мусиқии тоҷиконро тасвири миқдори зиёди рубобҳои дар санг нигошташудаи деҳаи Лангари Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва натиҷаи бозёфтҳои бостоншиносон аз мавзеъҳои таърихӣ: амсоли найҳои устухонии Тахти Сангин (а. 2 то мелод) [4,89], ҳайкалчаҳои сафолии руднавозони Афросиёб (а. 2 то мелод а. 5-7 мелодӣ) [1], тасвири деворнигораҳои Панҷакент (асрҳои 7-8) [1], нақши рӯйидеворӣи ансамбли мусиқачиёни Уструшан (руд ва ду намуди чанг а. 7-9) [1] ва ғ. шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз ин падидаҳои олии фарҳанги мусиқии тоҷикон дар беҳтарин осорхонаҳои ҷаҳон, ба монанди Осорхонаи Луври Париж [2,21], Эрмитажи Ленинград [2,52], Музеи муттаҳидаи умумироссиягии фарҳанги мусиқии ба номи М.И. Глинкини ш. Москва [8,124] ва осорхонаҳои Тоҷикистон, ба монанди Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон ва ғ. ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд.

Зарурати ҳифзу нигоҳдорӣ ва муаррифии созҳо дар осорхонаҳо, пеш аз ҳама, барои шинохти фарҳанги мусиқии ҳар як миллат аҳамияти хосса дошта, нақши осорхонаҳо низ дар инъикоси фарҳанги мусиқии башарӣ хеле бузург аст.

Осорхонаи миллии Тоҷикистон яке аз осорхонаҳои калонтарини кишвар ба шумор рафта, 20-уми марти соли 2013 дар заминаи ашё ва коллексияҳои фонди Осорхонаи миллии ба номи Камолиддин Беҳзод ифтитоҳ ёфтааст ва дар ин кохи ганҷинаҳои фарҳангӣ волотарин арзишҳои таърихи миллати тоҷик ҳамчун намунаҳои олии фарҳанги миллӣ ҳифз ва муаррифӣ мешаванд, ки миёни ин осор созҳои мусиқӣ низ хеле зиёданд.

Имрӯз дар Осорхонаи миллӣ беш аз 200 адад созҳои мусиқии гуногун ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд, ки зиёда аз 50 намудро дар бар гирифта, аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд.

Марҳилаи воридшавии созҳои мусиқӣ ба Осорхонаи миллӣ ду давраро, яъне давраи то истиқлолият аз солҳои 30-юм то солҳои 80-уми асри XX ва давраи истиқлолиятро дар бар мегирад. Муаллиф асосан созҳои мусиқии Осорхонаи муттаҳидаи таъриху

кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзодро вобаста ба таърихи фаъолияти осорхона таҳқиқ намудааст.

Солҳои 1930 дар ш. Душанбе зарурати таъсиси осорхонаи таъриху кишваршиносӣ ба миён омад. Дар таъсиси чунин осорхона Миронов А. саҳми бузург гузоштаас. У 15 – уми марти соли 1931 дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» мақолаеро бо номи «Таджикистану нужен музей» ба табъ мерасонад ва нашри ин мақола таъсиси осорхонаро суръат мебахшад [5].

Соли 1934 дар ш. Сталинобод Осорхонаи таъриху кишваршиносӣ таъсис дода мешавад. Барои мукаммалнамоии фонди осорхонаи навбунёд аз Комитети тоҷикшиносӣ қаблан бояд ба осорхона наздики 600 адад созҳои мусиқӣ ва дигар намуд маводҳои мардумшиносӣ бо маблағи 10 ҳазор рубл харида мешуд. Тибқи ин нақша Комитет аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ миқдори зиёди маводҳои мардумшиносӣ бахусус созҳои мусиқиро ҷамъоварӣ менамояд. То ифтитоҳи бинои нави осорхона арзишҳои этнографии аз ҷониби комитет ҷамъоваришуда дар Хонаи деҳқон нигоҳдорӣ мешуданд [6, 29]. Хонаи деҳқон охири солҳои 20-ум таъсис ёфта, ҳамчун муассисаи фарҳангӣ-тарғиботӣ дорои китобхона, толори хониши китобу рӯзномаҳо, клуб, утоқи кинонамоишдиҳӣ ва ғ. буд. Инчунин, дар ин муассиса дар 2 утоқ намоишгоҳи дастовардҳои соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ созмон ёфта буд [3,412]. Гарчанде ки маводҳои мардумшиносӣ дар Хонаи деҳқон нигоҳдорӣ мешуданд, аммо оиди банамоишгузории маводҳои этнографӣ дар Хонаи деҳқон далели муътамад пайдо нашудааст. Баъд аз ифтитоҳи Осорхонаи таъриху кишваршиносӣ коллексияи Хонаи деҳқон ба осорхонаи навбунёд интиқол дода мешаванд.

Дар байни коллексияи ашёҳое, ки аз Хонаи деҳқон ба Осорхонаи таъриху кишваршиносӣ оварда шуданд, созҳои мусиқӣ 53 ададро ташкил менамуданд, ки аз ҷониби Комитет бо маблағи 4080 рубл аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, махсусан Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ш. Хуҷанд, минтақаи Кӯлоб, ноҳияи Турсунзода ва ғ. харида шуда буданд [23, 3]. Созҳои мазкур зиёда аз 20 намудро дар бар гирифта, имрӯз аз ин шумора дар Осорхонаи миллӣ 39 адади он ба монанди сурнай, тутак (най чӯпонӣ), торруд, ғичаки бадахшонӣ, ғижаки форсӣ, қобуз, дутор, думбура, сетор, тор, рубоби бадахшонӣ, рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), карнай, чанг, доира, дуҳул (табли дурӯя), таблакҳои гилин, нағора, чанбара ва ғ. ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд.

Дар Осорхонаи таъриху кишваршиносӣ асосан 3 шуъбаи экспозитсионӣ амал мекард: шуъбаи табиат, шуъбаи таърихи тоинқилобӣ (таърихи гузаштаи халқи тоҷик то Инқилоби октябр), шуъбаи давраи сохтори сотсиалистӣ. Инчунин, дар осорхонаи мазкур намунаи ҳунарҳои мардумӣ, бахусус созҳои мусиқӣ, дар толори алоҳида, ки ин толор ба шуъбаи таърихи тоинқилобӣ дохил мешуд, ба таври комил ба намоиш гузошта шуда буданд.

Фаъолияти Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ низ дар ҳифзу муаррифии осори мусиқии тоҷикон нақши калонро бозидааст. Осорхонаи мазкур 5-уми майи соли 1947 дар ш. Сталинобод ифтитоҳ мeёбад. Осорхона дар қатори мусавварахои гаронарзиш намунаи ҳунарҳои мардумӣ, махсусан созҳои мусиқиро низ ҷамъоварӣ менамуд ва созҳои мусиқии ҷамъоваришуда дар толори намунаҳои санъати амалӣ дар гӯшаи махсус ба намоиш гузошта мешуданд. Худи ҳамин сол барои пурра намудани экспозитзия ва фонди осорхона аз намоиши ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии гӯшаву канори ҷумҳурӣ, ки дар ш. Сталинобод баргузор мегардад, аз ҷониби кормандони Осорхона профессор Б.М. Каплан, Раупов, Чемодуров аз ҳунармандони Бадахшон 19 адад маҳсулоти ҳунармандӣ аз қабили тоқии бадахшонӣ, дастпӯшак, ҷӯроб ва ғ. ба маблағи 7335 рубл харида мешавад. Инчунин, аз байни ин маводҳо бо маблағи 1600 рубл аз сокини деҳаи Хуфи ш. Хоруғ Сафоев Муродалӣ 2 адад сози мусиқӣ: як рубоби бадахшонӣ ва як рубоби афғонӣ (тоҷикӣ) низ харида мешавад [24, 63]. Ин аввалин марҳилаи воридшавии созҳои мусиқӣ ба осорхона буд.

Соли 1954 бахшида ба 30-солагии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон директори Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ Маҷид Хошмуҳаммедов барои боз ҳам пурратар намудани фонди осорхона аз асарҳои рассомӣ ва дигар маводҳои мардумшиносӣ ҳамчун намунаи ҳунарҳои халқӣ ба Вазири маданияти ИҶШС расман муроҷиат менамояд. Бо мақсади амалӣ намудани ин иқдом апрели соли 1954 бо Фармони Вазири Маданияти ҶШС Тоҷикистон тахти № 490 аз Раёсати санъати назди Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон ба директори Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ Маҷид Хошмуҳамедов 10 адад сози мусиқӣ барои нигоҳдории доимӣ супорида мешавад, ки имрӯз дар Осорхонаи миллӣ аз ин шумора 8 адади он, аз ҷумла 1 рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), 1 рубоби бадахшонӣ, 1адад сурнай, 3 адад нағораи гилин ва 2 адад таблаки ҷӯбин ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд [22,15].

Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ соли 1955 бахшида ба 500 солагии рассоми машҳури тоҷик Камолиддин Беҳзод номи ӯро мегирад. Соли 1959 бо фармони вазири маданияти Тоҷикистони Советӣ тахти №290, аз 4 декабр Осорхонаи давлатии санъати тасвирии ба номи Камолиддини Беҳзод ва Осорхонаи таъриху-кишваршиносӣ муттаҳид карда шуда, унвони Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзодро мегирад [6, 50]. Осорхонаи мазкур аз 32 толор иборат буд. Дар осорхонаи мазкур толори ҳунармандӣ созмон дода шуда буд, ки нахустин коллексияи

созҳои мусиқии аввалин осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ дар як қисмати чунин толор муаррифӣ мешуданд. Ин толор ба шуъбаи таърихи давраи тоинқилобии осорхона дохил мешуд. Дар шуъбаи санъати тасвирии осорхонаи мазкур бошад, созҳои мусиқии собиқ Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ муаррифӣ мешуданд.

Боздиди тамошобинон аз гӯшаи созҳои мусиқии толори ҳунарҳои халқии Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод, аз соли 1950 то соли 1965.

Аз ҷониби дигар, муттаҳид намудани ду осорхона дар бинои нав ва афзун шудани толорҳои он, зарурати ҳарчи бештар ҷамъоварӣ намудани арзишҳои таърихию мардумшиносиро пеш овард. Минбаъд барои ҳарчи бештар ҷамъоварӣ намудани намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ экспедитсияҳои мардумшиносӣ ташкил мегардид.

Махсусан солҳои 60-ум тавассути экспедитсияҳои мардумшиносӣ ба осорхона арзишҳои таърихӣ-мардумшиносӣ, аз ҷумла созҳои мусиқӣ низ ворид гардиданд.

Соли 1961 ҳангоми экспедитсияи мардумшиносӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби кормандони осорхона аз деҳаи Гӯшаки ноҳияи Рӯшон ба маблағи 30 рубл як адад танбӯри бадахшонӣ (шаштор) харида мешавад, ки хеле ҷолиб аст [14, 317].

Соли 1963 муҳимтарин коллексияи созҳои мусиқӣ аз оркестри созҳои миллии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба осорхона ворид гардидааст, ки 28 ададро ташкил намуда, шумораи мазкур пурра дар Осорхонаи миллӣ ҳифз карда мешаванд [15, 60]. Оркестри созҳои миллӣ соли 1938 дар баробари таъсис ёфтани Филармонияи давлатӣ ҳамчун як дастаи хурди навозандагон ташкил меёбад. Асосгузор ва ташкилкунандаи оркестр А. С. Ленский (роҳбари бадеӣ), Аъзам Камолов буданд. Дар оркестр қариб тамоми намуди созҳои миллӣ навохта мешуданд, ки имрӯз зиёда аз 10 намуди онҳоро ба монанди най, рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), рубоби бадахшонӣ, тор, ҳафттор, ёздаҳтор, танбӯри бадахшонӣ, таблакҳои сафолин ва ғайраро дар Осорхонаи миллӣ дидан мумкин аст. Дар байни созҳои мазкур 4 адад ғижак-бас, 4 адад дутор-бас ва 2 адад дутор-контрабас* мавҷуд аст, ки солҳои 1940-ум аз ҷониби Ашот Петросян ва С.Е. Диденко такмил дода шудаанд. Нақши оркестр дар муаррифӣ намудани созҳои миллӣ берун аз Тоҷикистон хеле бузург аст. Бахусус соли 1939 ва солҳои 1941-1957 оркестр дар даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Москва бо барномаҳои калони консертӣ ҳунарнамоӣ кардааст [7,45]. Санъати мусиқӣ ва ҳунари созтарошӣ дар шимоли Тоҷикистон, бахусус дар ш. Хуҷанд низ таърихи доманадор дорад. Соли 1964 бо ташаббуси корманди осорхона Баротов Набиҷон аз созтарошони ш. Хуҷанд Қодиров Рауф як дутор ва аз Қодиров Шокирбой як танбӯр низ ҷамъоварӣ мешавад, ки ин созҳо махсус аз тарафи осорхона фармоиш дода шудаанд [14, 415].

Соли 1965 экспозитсияи осорхона аз сари нав вобаста ба мавзӯъҳои гуногун ташкил карда мешавад. Баъд аз ба осорхона ворид гардидани созҳои мусиқии ибтидои солҳои 60 ҷамъоваришуда, ба мисли танбӯри созтарош Қодиров Шокирбой ва дутори Баротов Набиҷон, дар шуъбаи даврони шӯравии осорхона ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Сози зарбии таблак дар байни мардуми тоҷик, аз ҷумла халқи санъатдӯсти Хатлонзамин аз қадим садо медиҳад ва кулолгарони ин минтақа дар баробари омода намудани зарфҳои сафолин сози таблакро низ бо санъати баланд омода менамуданд. Яке аз чунин кулолгарони чирадаст сокини ш. Кӯлоб Достакав Саттор мебошад, ки дар баробари омода намудани дигар навъи зарфҳои сафолин созҳои зарбии таблак ва таблро низ эҳё кардааст. Соли 1965 аз ҷониби осорхона аз ин кулолгари моҳир ду адад таблак ва як адад табли хурди сафолин, ҷамъоварӣ карда мешавад, ки имрӯз созҳои мазкур дар осорхона ҳамчун созҳои зарбии миллӣ ҳифз карда мешаванд. Бояд зикр намуд, ки созҳои мусиқие, ки солҳои сиюм Комитети тоҷикшиносӣ аз минтақаҳои Тоҷикистон ҷамъоварӣ намуда буд, номи шахсоне, ки комитет аз онҳо созҳоро ҷамъоварӣ намудааст, маълум нест. Махсусан таблу нағораҳои мисину гилин, ки то ибтидои солҳои 20-уми асри XX истифода мешуданд. Аммо табли хурде, ки соли 1965 аз Достаков Саттор ба осорхона ворид шудааст, ба мо равшан менамояд, ки дар ҳақиқат кулолгарони тоҷик дар гузашта дар баробари омода намудани зарфҳои рӯзгор, таблу нағораҳои гилин низ месохтанд.

Мо оид ба аввалин марҳилаи ҷамъоварии созҳои мусиқии Сафоев М. дар сатрҳои боло зикр карда будем. Солҳои 60-ум низ аз ин созтароши моҳир ба Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи К. Беҳзод созҳои мусиқии зиёд ҷамъоварӣ мешавад. Аз ҷумла, соли 1966 ҳангоми экспедитсияи мардумшиносӣ аз Сафоев Муродалӣ як адад дафф бо маблағи 12 рубл харида мешавад, сози мазкур айни ҳол дар толори созҳои мусиқии Осорхонаи миллӣ ба тамошо гузошта шудааст. Соли 1968 низ аз Сафоев М. Вазорати маданияти Тоҷикистон 13 адад сози мусиқии най, рубоб, рубоби дулонӣ, танбӯри бадахшонӣ, баландмуқом, сетор, доира, лабчанг ва ғ.-ро дар умум бо маблағи 1655 рубл харидорӣ менамояд, ки созҳои мазкур дар Осорхонаи миллӣ ҳифз ва муаррифӣ мешаванд [11, 201]. Созҳои мусиқии Сафоев М. баъд

---

*Ин намуди созҳо дар асоси дутор ва ғижак, аммо хеле калонҳаҷм сохта шуда, асосан дар оркестр навохта мешаванд ва овози ғафси паст доранд. Бинобар ин ғижак-бас ё дутор-бас ном гирифтаанд

аз ворид шудан ба осорхона аз ибтидои солҳои 1970 дар гӯшаи созҳои мусиқии толори намунаҳои санъати амалии шуъбаи санъати тасвирии осорхона ба намоиш гузошта шудаанд.

Солҳои 60-ум дар Сталинобод корхонаи «Армуғон» фаъолият менамуд, ки дар ин корхона ҳар гуна намунаҳои ҳунарҳои халқӣ ба монанди армуғонҳо (бозичаҳо), зарфҳои сафолин ва махсусан намудҳои гуногуни созҳои мусиқии дутор, думбра, тор, рубоби қашқарӣ, доира ва ғ. истеҳсол мешуд. Мақсади ташкили чунин корхона дастраси ҳамагон намудани дастовардҳои халқӣ, бахусус созҳои мусиқӣ буд. Дар ин солҳо дар ин корхона устоҳои чирадаст Саид Носиров, Бораков Исмат, Беков Амробек, Фатхуллоев Мирзоҳаёт, Худоназар Андубеков, Бахшулло Малахов, Абдураҳим Собиров, Дона Зиёев ва ғ. фаъолият менамуданд. Созҳои сохташудаи корхона на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз Тоҷикистон дар намоишҳои умумиҷаҳонии Белгия, Испания, Германия, Канада, Афғонистон ва ғ. низ муаррифӣ ва фурӯхта мешуданд. Оҳиста-оҳиста созҳои мусиқии «Армуғон» дар осорхонаҳо ҳамчун дастоварди ҳалқӣ, ба маърази тамошо гузошта мешуданд. Октябри соли 1967 аз корхонаи «Армуғон» ба Осорхонаи муттаҳида 3 адад сози мусиқии думбура, 1 адад дутор ва 1 адад доира ворид мегардад. Октябри ҳамон сол дар Руминия намоиши бошукӯҳи истеҳсолӣ баргузор мегардад, ки созҳои мазкур ҳамчун намунаи созҳои миллии тоҷикон ва дастоварди фарҳангии халқӣ ба намоиш гузошта мешаванд [20, 52]. Сентябри 1967 ва феврали соли 1971 низ, бо дархости роҳбарияти осорхона аз корхонаи «Армуғон» 21 адад сози мусиқӣ дутор, думбура, доира ва рубоби кашқарӣ харида мешавад [13, 8].

Августи соли 1969 дар ш. Душанбе Намоиши умумииттифоқии комёбиҳои хоҷагии халқ ташкил карда мешавад. Августи соли 1968 вазири маданияти РСС Тоҷикистон ба осорхона фармони расмӣ (№209) медиҳад, ки барои пурра намудани гӯшаи фарҳангии ин намоиш аз осорхона экспонатҳои барои намоиш лозимаро сафарбар намоянд [13, 9]. 19 – уми августи соли 1969 аз осорхона 37 адад намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ, бахусус созҳои мусиқии истеҳсоли корхонаи «Армуғон» ба намоиши мазкур бурда мешаванд. Шумораи созҳои мусиқие, ки дар намоиш буданд, 9 ададро ташкил намуда, 2 дутор, 2 думбура, 2 рубоб ва 3 доираро ташкил мекарданд. Созҳои мусиқии мазкур баъд аз намоиши мазкур ба осорхона баргардонида шуда, соли 1969 дар толорҳои экспозитсионии шуъбаи даврони шӯравии осорхона ҳамчун дастоварди халқӣ ба маърази тамошо гузошта мешаванд. Имрӯз 16 адад созҳои мусиқии аз «Армуғон» воридшуда дар Осорхонаи миллӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд.Соли 1971 осорхона аз созтароши н. Восеъ Муродов Абдулло 2 адад тутак (найи чӯпонӣ) бо маблағи 3 рубл харида мешавад, ки созҳои мазкур айни ҳол дар Осорхонаи миллӣ ҳифз карда мешаванд [16, 161]. Дар Осорхонаи миллӣ якчанд созҳое низ ҳифз ва муаррифӣ мешаванд, ки ба шахсиятҳои барҷастаи мусиқии тоҷик тааллуқ доранд.

Яке аз чунин шахсиятҳо падари Одина Ҳошим Артисти Халқии Тоҷикистон Қосимов Ҳошим (1889 – 1964) мебошад, ки сентябри соли 1971 аз ҷониби кормандони осорхона як адад танбӯр ва як адад думбураи ин ҳофизи номдор ба осорхона ворид мешаванд ва айни ҳол дар Осорхонаи миллӣ ҳифз карда мешаванд [16, 155]. Қосимов Ҳошим яке аз намояндагони барҷастаи мусиқии анъанавии тоҷик буда, ҳамчун ҳофиз, навозанда ва муаллифи шумораи зиёди оҳангу таронаҳои халқӣ дар рушду такомули мусиқии суннатии тоҷик саҳми бузург гузоштааст.

Соли 1981 корманди осорхона Абдуқодирова Мавлуда бо ташаббуси худ рубоби Ҳунарманди Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷурабек Муродовро ба осорхона ворид менамояд. Рубоби мазкур аз ибтидои воридшавӣ дар гӯшаи фарҳанг ва санъати шуъбаи даврони советии Осорхона ба намоиш гузошта шуда буд. Имрӯз рубоби Ҷурабек Муродов дар фонди Осорхонаи миллӣ нигоҳдорӣ мешавад.Ҷӯрабек Муродов ҳамчун сарояндаи халқӣ зиёда аз 53 сол аст, ки дар рушду такомули санъати мусиқии тоҷик хизмат дорад. Ҷӯрабек Муродов то имрӯз зиёда аз 50 оҳанг ва ҳазорҳо суруду торонаҳои халқӣ офаридааст, ки ҳама сурудҳои ӯ рамзи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва ваҳдатофаринӣ доранд. Аз ҷониби дигар, Ҷӯрабек Муродов аз айёми ҷавонӣ то имрӯз зиёда 100 маротиба берун аз Тоҷикистон сафари ҳунарӣ намуда, санъати тоҷикро дар сатҳи баланд муаррифӣ намудааст [7, 168].Созҳои мусиқии осорхона берун аз Тоҷикистон низ дар намоишҳои умумииттифоқӣ ва умумиҷаҳонӣ муаррифӣ шудаанд. Махсусан солҳои 1960-ум намоишҳои умумииттифоқӣ хеле зиёд баргузор мегардиданд. Дар чунин намоишҳо истеҳсолоти тамоми соҳаҳои мардуми Иттиҳод ҳамчун дастовардҳои халқӣ ба намоиш бароварда мешуд.

Соли 1964 дар Музеи этнографии халқҳои Иттиҳоди Шӯравии ш. Санкт-Петербург намоиши ҳунарҳои мардумии халқҳои Иттиҳод баргузор мегардад ва дар ин намоиш гӯшаи санъати амалии мардумии Тоҷикистон ташкил карда мешавад. Бо мақсади муаррифӣ намудани санъати амалии мардуми тоҷик дар намоиши мазкур тибқи фармони вазири маданияти Тоҷикистони Советӣ (№ 96) аз Осорхонаи муттаҳида чун дигар арзишҳои халқӣ 6 адад созҳои мусиқии нахустин коллексияи осорхона ба намоиши мазкур сафарбар мегардад [10,16]. Августи соли 1968 дар ш. Москва намоиши калони дастовардҳои санъати мардумии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор мегардад.

Барои муаррифӣ намудани саъати амалии мардуми Тоҷикистон гӯшаи махсус ҷудо карда мешавад. Тибқи фармони вазири маданияти Тоҷикистони Советӣ таҳти №214 аз осорхона 59 экспонат, аз қабили зарфҳои сафолин, зару зевари занона, пӯшокҳои тоҷикӣ, намунаҳои чӯбкорӣ ва се адад сози мусиқӣ, аз ҷумла 1 рубоби бадахшонӣ, 1 рубоби «баландмуқом»* як танбӯри бадахшонӣ ба ин намоиш бурда мешаванд, ки созҳои мазкур маҳсули дасти Сафоев Муродалӣ буда, берун аз Тоҷикистон ҳамчун созҳои мусиқии миллии тоҷикон муаррифӣ шудаанд [13, 7].

Соли 1969 дар Осорхонаи санъати тасвирӣ ва амалии ш. Новосибирск намоиши умумииттифоқии намунаҳои ҳунарҳои халқӣ баргузор мегардад, ки дар ин намоиш гӯшаи «Санъати амалии мардуми тоҷик» ташкил карда мешавад [19, 3]. Бо мақсади пурра намудани гӯшаи мазкур аз Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод намудҳои гуногуни санъати амалии мардуми тоҷик ба намоиш сафарбар шуда буданд, ки дар байни онҳо дутори Қодиров Рауф низ ҳамчун намунаи созҳои миллии тоҷикон ба намоиш гузошта мешавад.

Декабри соли 1970 дар шаҳри Смоленски Россия намоиши «Санъати амалии мардуми Тоҷикистон» баргузор мегардад [17,88]. Барои муаррифӣ намудани намунаҳои санъати амалии мардуми тоҷик аз 25 – октябри соли 1970 тибқи фармони вазири маданияти Тоҷикистони Советӣ таҳти рақами 264 барои намоиши мазкур аз осорхона 207 адад намунаҳои ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон интихоб гардида, ба намоиш бурда мешаванд [21, 2]. Дар миёни ин ганҷинаҳои мардумӣ 3 адад сози мусиқии думбура, дутор ва доира низ сафарбар мешаванд, ки созҳои номбурда маҳсули дасти устоҳои корхонаи «Армуғон» буданд. Намоиши мазкур то 25 марти соли 1971 идома меёбад.

Инчунин, тобистони соли 1971 дар Амрико намоиши умумииттифоқии истеҳсолоти санъати амалии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор мегардад. Бо фармони вазири маданияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таҳти рақами 172 аз 21- июл [9,21] аз осорхона 39 адад намунаи санъати амалии мардуми тоҷик барои намоиши мазкур интихоб гардида, ба намоиш бурда мешаванд. Дар байни ашёҳои интихобшуда 1 адад рубоби бадахшонии созтарош Сафоев М. низ ба ин номоиши бузург бурда шудааст, ки муаррификунандаи намунаи олии созҳои мусиқии тоҷикон маҳсуб меёбад [9, 118].

То ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии халқи тоҷик намудҳои гуногуни созҳои мусиқӣ, ба монанди созҳои зарбии таблу нағораҳои гилину мисин, чанбараҳои нақшини мисин ба таври комил истифода мешуданд, ки имрӯз истифодаи онҳо аз байн рафтааст. Рисолати бузурги осорхонаҳо оид ба ҳифзу муаррифии осори мусиқии тоҷикон дар он аст, ки то имрӯз чун дигар арзишҳои миллӣ намудҳои гуногуни созҳои мусиқии тоҷикро ҳифз ва муаррифӣ намудаанд. Ба ин гуфтаҳо фаъолияти Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод далел шуда метавонад, ки дар ҳақиқат дар баробари ҳифзу муаррифии осори арзишманди миллати фарҳангофарини тоҷик дар инъикоси ҳаёти мусиқии тоҷикон низ нақши назаррас гузоштааст.

## АДАБИЁТ


1. Аслиддин Низомӣ. Таърихи мусиқии точик / А. Низомӣ. - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. -384 с.
2. Вызго Т.С. Музыкальные инструменти Средней Азии (Исторические очерки) / Т.С. Вызго. –Москва: Музыка, 1980.- С.21-52.
3. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941гг. (сборник дакументов). –Ирфон: Душанбе, 1966. – Т. 1. -С. 412.
4. Литвинский Б.А. Эллинистический Храм-Окса / Б.А. Литвинский, И.Р. Пичикян. –Москва: «Восточная литература» РАН, 2000. –Т. 1. -С. 89.
5. Миронов А. Таджикистану нужен музей / А. Миронов //Коммунист Таджикистана. - 1931, 15 март.
6. Нуров Г.З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX – начало XX1вв.) / Г.З. Нуров. – Душанбе, 2011. -С.29-50.
7. Сулаймонӣ Ҳ. Ифтихори миллат / Ҳ. Сулаймонӣ, М. Нуров. - Душанбе: Эҷод, 2009. -С.45-168.
8. Таджикская музыка. – Душанбе: Сомониён, 2003. -С. 124.
9. Фонд Национальный музей Таджикистан. Кника видача на ВХ 1971г. - Лист 21 – 118.
10. ФНМТ. Книга списки экспонатов для виставок 1962-1966. - Лист 16.
11. ФНМТ. Книга поступления. -№3. -Лист 201.
12. ФНМТ. Книга акты выдачи экспонатов в экспозицию на времменое хранение 1968 – 1980 гг.
13. ФНМТ. Книга приказ Мнистерство Культуры Таджикской ССР. 1967-1968 гг. -Лист 7,8,9.
14. ФНМТ. Инвентарная книга №1. - Л. 317 - 415.
15. ФНМТ. Инвентарная книга №3. -Л. 60.
16. ФНМТ. Книга поступления №5. -Л. 155-161.
17. ФНМТ. Инвентарная книга №6. -Л. 60-88.
18. ФНМТ. Кника протоколы закупочный комиссии Республиканского объедененного музея 1962-1980 гг. -Л.6.
19. ФНМТ. Книга возврат с ВХ соли 1969. -Лист 3.
20. ФНМТ. Книга акты выдачи экспонатов на временное хранение 1967г. - Лист 52.
21. ФНМТ. Книга выдача экспонатов на временное хранение 1970 г.- Лист 2.


*Баландмуқом як навъи рубобест, ки аввалин бор ин намуди созро Суфӣ Мубораккадами Вахонӣ дар деҳаи Ямги н. Ишкошим дар охири асри XIX дар асоси рубоби бадахшонӣ ва рубоби афғонӣ (тоҷикӣ) такмил намудааст

22. ЦГА. Республика Таджикистан. -Ф. 461. - Оп.2. -Д. 46 . – Л. 15.
23. ЦГА. Республика Таджикистан. -Ф. 461. - Оп.1. -Д. 17. – Л. 3.
24. ЦГА. Республика Таджикистан. -Ф. 461. - Оп.2. -Д.38. – Л.63

**АЗ ТАЪРИХИ ҶАМЪОВАРӢ, ҲИФЗ ВА МУАРРИФИИ СОЗҲОИ МУСИҚИИ ТОҶИКОН ДАР ОСОРХОНАИ МУТТАҲИДАИ ТАЪРИХУ КИШВАРШИНОСӢ ВА САНЪАТИ ТАСВИРИИ БА НОМИ КАМОЛИДДИН БЕҲЗОД (АЗ СОЛҲОИ 1930 ТО СОЛҲОИ 1980)**

Муаллиф дар мақола роҳҳои ҷамъоварӣ, ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқии тоҷиконро вобаста ба фаъолияти Осорхонаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод таҳқиқ намуда, нақш ва мақоми осорхонаи мазкурро дар ҷамъоварӣ ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқии миллӣ муфассал шарҳ додааст.

**Калидвожаҳо**: осорхона, фонд, созҳои мусиқии миллӣ, нақш, ҷамъоварӣ, ҳифз, экспозитсия, намоиш, муаррифӣ.

**ИЗ ИСТОРИИ СБОРА, ХРАНЕНИЯ И ПОПУЛЯРИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНЫХ МУЗЫКАЛЬНЫХ ИНСТРУМЕНТОВ В ОБЪЕДИНЕННОМ ИСТОРИКО-КРАЕВЕДЧЕСКОМ И ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА МУЗЕЕ ИМЕНИ К.БЕХЗОДА (1930-1980ГГ.)**

В данной статье автор исследует пути сбора, хранения и представления национальных музыкальных инструментов, связанных с деятельностью Объединенного историко-краеведческого и изобразительного искусства музея имени К.Бехзода, проливает свет на роль и статус Объединенного историко-краеведческого и изобразительного искусства музея имени К.Бехзода в сборе, защите и представлении национальных музыкальных инструментов.

**Ключевые слова:** Музей, фонд, нацыоналбных, музыкальных инструментов, роль, сбора, хронения, экспозитсия, выставки, папуляризации.

**FROM THE HISTORY OF COLLECTION, STORAGE AND POPULARIZATION OF NATIONAL MUSICAL INSTRUMENTS IN THE UNITED HISTORICAL - LOCAL HISTORY AND FINE ARTS MUSEUM NAMED AFTER K. BEHZOD (1930-1980)**

In this article, the author tries to show the ways of collecting, storing and presentation of the national musical instruments that related to the activities of the United Historical - Local History and Fine Arts Museum of K. Behzod. Futhermore shows the role and contribution of the United Historical - Local History and Fine Arts Museum in collection, protection and presentation of the national musical instruments.

**Key words:** National Museum, storage, national musical instruments, role, collection, store, exposition, display, presentation.

**Сведения об авторе:** ***Нурматзода Хасан*** – Институт истории, археологии и этнографии им.А.Дониша АН РТ, аспирант. Телефон: 900-01-96-22

## ШАХСИЯТИ БУЗУРГИ ТАЪРИХСОЗ

*Шодӣ Шокирзода*

Барои миллати деринсоли тоҷик пас аз сукути давлати фарҳангхези Сомониён қариб ҳазор сол лозим шуд, ки дар порае аз сарзамини таърихии аҷдодиаш давлати худро бунёд гузорад ва ба оламиён аз истиқлоли комили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиаш паём бифиристад. Боиси хушнудист, ки паёми мазкур ба зудӣ ба гӯши оламиён бирасид ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ бо қаноатмандӣ эътироф гардид. Ниёгони хирадпешаи мо ҳамвора дар орзуи расидан ба ин рӯзи хуррамиву фирӯзӣ чӣ қадар аламҳоеро ба қалам наовардаанд! Вале гузашти айём собит намуд, ки истиқлол неъмате нест, ки танҳо дар орзуяш бошӣ, онро ба даст овардану зери парчами он зиндагӣ кардан ҳам аз ҷумлаи мумкинот будааст.

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар фосилаи кӯтоҳи замонӣ дар ҳаёти халқи тоҷик ва тамоми тоҷикистониён ҳодисаву воқеаҳои муҳимми сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатие арзи вуҷуд намуданд, ки ҳам аз назари фалсафаи зиндагӣ, ҳам аз ихтилофоти фикрӣ ва ҳам аз талошу такопӯ ба сӯйи ваҳдату иттиҳод ва созандагӣ иборатанд. Мутаассифона, баъди андак фурсати дар ҳавои озодиву истиқлол нафас кашидан фаъолияти аксари рукнҳои давлатдорӣ дар кишвар номуназзам, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу амният корношоям гардида, дар кулли соҳаҳои хоҷагии халқ бенизомӣ авҷ гирифт. Гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ ва беҳадаф, таҳқиру таҳдиди ҷонибҳои аз лиҳози ақида ва минтақа мухолиф, беҷуръативу бесалоҳиятӣ ва аз халқ дурӣ ҷустани роҳбарияти вақт кишварро дар вазъияти басо муташанниҷу бӯҳронӣ қарор дод. Кор ба дараҷае расид, ки ҳатто ҳаққи чун кишвари мустақил мавҷудият доштани Тоҷикистон низ зери суол монда буд ва дар ин замина давлатҳои хурду бузурги ҷаҳон фурсатталабӣ мекарданд. Хушбахтона, дар андак муддат нерӯву хиради азалии миллати тоҷик бар ҷаҳлу зулмот ғолиб омад ва офтоби бахт ба рӯйи ин миллати ҷафодида, вале сарбаланду саодатёр тулӯъ намуд. Чун дар пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе вазъият ниҳоят мураккабу буғранҷ гардида буд, вакилони халқ бо пешниҳоди неруҳои солими ҷомеа қарор доданд, ки дар минтақаи нисбатан амнтари кишвар ҷамъ омада, масъалаи бақову ҳастии минбаъдаи миллату давлатро муҳокима намоянд. Бо ин мақсад Қасри Арбоби хочагии ба номи Саидхоҷа Урунхоҷаеви ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд (он вақт ноҳияи Хуҷанди вилояти Ленинобод) макони

баргузории иҷлосияи навбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди муҳокимаву мулоҳизаи зиёд намояндагони мардумӣ Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд. Дар ин иҷлосияе, ки баъдан тақдирсоз унвон гирифт, Сарвари ҷавони давлат дар нахустин суханронии худ изҳор дошт, ки «Ман ба шумо, ба Тоҷикистон сулҳ меорам. То охирин гурезаи тоҷик ба Ватан барнагардад, ман худро ором ҳис карда наметавонам. Маҳаллаҳои дар натиҷаи ҷанг харобгардидаро бояд ҳамаи мо - тоҷикистониён дастҷамъона барқарор намоем» [1, 76]. Баъди ин изҳорот, ки як навъ қасами ӯ дар назди модар - Ватан буд, Сарвари давлат тамоми қувва, дониш ва ғайрати худро ба он равона кард, ки дар ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, ба ҷанги бемаънии ҳамватанӣ хотима дода шавад. Батадриҷ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба фаъолият оғоз карда, шохаҳои давлатдорӣ мустаҳкам гардиданд. Неъмати бебаҳое, ки тавассути сиёсати хайрхоҳонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насиби мардуми Тоҷикистон гардид, сарфи назар аз душвориҳои мавҷуда, расидан ба сулҳу оштӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва таъмини ваҳдати миллӣ мебошад. Муноқишаҳои дохилӣ бо роҳи ризоияту ҳамбастагӣ ва гузашт кардану ҳамдигарро бахшидан ҳаллу фасл шуданд ва дар кишвар оштии миллӣ муодили нави ваҳдату ягонагӣ қарор гирифт. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст, ки мегӯяд: "Ваҳдати миллӣ ва сулҳу оромӣ барои мардуми кишвари мо ба осонӣ муяссар нашудааст. Танҳо ақли солими ҷомеа, хиради азалии халқ ва хислати барҷастаи миллати мо, яъне сулҳдӯстӣ имкон дод, ки мамлакати мо ба чунин рӯзу рӯзгори ором ноил гардад. Сабақи асосии музокирот ин аст, ки ба сулҳу салоҳ асосан бо роҳҳои зерин муваффақ шудан мумкин аст: аввалан, дарк намудани хавфи нобудшавии миллат ва давлати тоҷикон; дуюм, аз байн бурдани ҳисси адовату нобоварӣ ва ба вуҷуд овардан муҳити ҳамдигарфаҳмӣ; сеюм, эътироф намудани зарурати ҳалли масъалаҳои баҳсталаб дар асоси қонун ва дар доираи қонун. Маҳз бо ҳамин роҳ дар ниҳояти музокирот мо ба сулҳу салоҳ расидем. Аз ин рӯ, қарзи имонии ҳар як фарди Тоҷикистон, пеш аз ҳама, расидан ба қадри оромии Ватан, шукргузорӣ аз обу хоки сарзамин ва қимат шуморидани манфиатҳои давлати тоҷикон аст» [2, 83]. Ба андешаи Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун, "ками дар кам воқеъ мешавад, ки ҷанги шаҳрвандӣ бидуни ғолибону мағлубон ба сулҳ анҷом пазирад. Таҷрибаи давлати мо исбот мекунад, суботи дасти дӯстӣ қодир аст санги адоват бишканад. Президенти мо сиёсати худро на ба хотири сиёсат, балки аз барои халқи худ амалӣ месозад» [3, 13].

Иддае аз мунтақидон бар ин назаранд, ки раванди сулҳ якҷониба буда наметавонад ва чун Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби ду нафар – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари мухолифини собиқ имзо шудааст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ номидани Эмомалӣ Раҳмон ба воқеият созгор нест. Албатта, нақши роҳбари Иттиҳоди мухолифини собиқ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва дигар шахсиятҳои таъсиргузори ин ҷабҳа, инчунин кишварҳои дӯст ва созмонҳои байналмилалиро дар раванди истиқрори сулҳу ваҳдати сартосарии кишвар нодида гирифтан ғайриимкон аст. Вале насли миёнасоли ҷомеаи имрӯз огоҳ ва шоҳиди ҳоланд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти давлатдории худро маҳз бо ҳарфи сулҳу оштӣ оғоз намуд ва дар ин ҷода аввалин шуда бо шуҷоату ҷасорати нотакрор гомҳои устувор бардошт ва дарҳоро барои музокира кушод. Замоне ки ӯ дар хусуси роҳҳои дастёбӣ ба сулҳу оштӣ андеша мекарду дар ин бобат бо эҳсоси саршор аз муҳаббат ба ин марзу бум ва ҳамватанони дар ақсои олам парешон ҳарф мезад, шодравон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ҷомеаи тоҷик ва ҳатто дар байни Иттиҳоди мухолифини собиқ низ обрӯву нуфузи таъсиргузор надошт. Эмомалӣ Раҳмон дар ин роҳи душвору пурпечутоб ҳатто борҳо ҷони хешро ба гарав монда, барои музокира баҳри таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон ба сафарҳои пурхавфу хатар розӣ шуд ва дар ростои татбиқи амалии савганди хеш дар назди миллату Ватан ва ҷомеаи ҷаҳонӣ устувор монд. Пешвои миллат бо ҷаҳду талоши созандаву бунёдкори худ ва пуштибонии амиқи мардум аз ин сиёсати ваҳдатофарин тавонист, ки сулҳу ваҳдати комилро дар кишвар барқарор намуда, ҳамватанони дар ақсои олам парешони худро сарҷамъ созад ва бо ин бори дигар ба оламиён нишон диҳад, ки тоҷикон зотан миллати сулҳхоҳу сулҳпарвар ва сулҳпазир мебошанд. Солҳост, ки ба таҷрибаи сулҳи тоҷикон тамоми муассисаҳои илмии ҷомеашиносии ҷаҳон ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, онро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода, сиёсати сулҳдӯстиву сулҳофарии давлати моро ба сифати намунаи беҳтари дастёбӣ ба ваҳдату ҳамдилӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Аз ин рӯ, ба назари мо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ номидани ин фарзанди ватанпарасту сулҳхоҳ мантиқан дурусту ҳаққонӣ мебошад.

Азму субот ва талошҳои Президенти мамлакат дар ин самт давлати тозаистиқлоли Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайванд намуд. Ӯ барои таҳкими ҳувияти миллӣ ва шакл гирифтани тафаккуру андешаи миллӣ кӯшида, мақсад гузошт, ки миллатро бори дигар барои худи миллат ва оламиён шиносонад, ифтихори миллиро дар рӯҳу ҷони мардум бипарварад ва баланд бардорад, ҳаммеҳанонро ба созандагиву офарандагӣ ҳидоят

намуда, риштаҳои муҳаббату ҳамдилиро миёни тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон, новобаста аз мансубияти милливу нажодиву мазҳабӣ, пайваст кунад.

Воқеан ҳам, агар имрӯз ба гузаштаи начандон дури таърихи худ нигарем, маълум мегардад, ки дар зарфи бисту чор соле, ки аз иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сипарӣ шуд, кишвари азизи мо устуворона зина ба зина пеш рафта, батадриҷ бӯҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиро паси сар намуд ва ҳамзамон ба пешрафтҳои чашмгире ноил гардид. Шубҳае нест, ки низоми амалии ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ танҳо бо хиради инсонӣ марбут аст. Маҳз ҳамин ҷараён на фақат кормандони сохторҳои гуногуни ҷомеа, балки сиёсатмадоронро низ водор месозад, ки дар низоми ҳадафҳои давлатӣ ба илму маориф ва фарҳангу маънавият чун соҳаи афзалиятнок муносибат намоянд. Аз ҷониби дигар, рушду такомули ҷомеа ва осудаҳолии раияти онро бе инкишофи бемайлони илму маориф ва адабиёту фарҳанг тасаввур намудан ғайриимкон аст, зеро ҳеҷ як зуҳуроти дигаре мисли онҳо ба инкишофи бемайлони ҷомеа таъсир надорад. Ҳалли мақсадноки вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа низ ба ҳамин таъсир вобаста аст.

Таърих шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон дар ягон давру замон миллати пешипоуфтода набуданд, тӯфони ҳаводису сарнавишт эшонро ҳар куҷо, ки бурда бошад, хираду дониш зевар ва созандагиву бунёдкорӣ шиорашон буд, аз илми оламиён баҳравар мешуданд, вале бо ақлу шууру дидгоҳи хеш аз он кор мегирифтанд, хуб медонистанд, ки ақли ёддода ақл нест, бояд ҷавҳари асл аз худи мо бошад. Тардиде нест, ки ҳеҷ миллат наметавонад дар алоҳидагӣ бидуни баҳравар шудан аз тамаддуни муштараки миллатҳову қавмҳои ҳамҷавор миллати тавонову нерӯманд гардад ва дар тӯли ҳазорсолаҳо поянда боқӣ монда тавонад. Ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузургии миллати тоҷикро дар он мебинад, ки “дар тӯли ҳазорсолаҳо ҷабру ҷафои аҷнабиёнро бо сабру таҳаммул ва бурдбории мардонавор паси сар намуда, тамаддуни халқиятҳои бегонаро бо дастовардҳои безаволи фарҳангиаш ҳазм намуд ва беҳтарин бозёфтҳои маънавии фотеҳони сарзамини хешро аз бар кард” [4, 5]. Аз ҳамин лиҳоз мо бояд аз таҷрибаи маънавиятгароии гузаштагони худ пурсамар истифода барем, дар ниҳоди аҳли ҷомеа парваридани боввариву эътимод нисбат ба инсон ва эҳсоси баланди одамият ҳадафи аслӣ ва дурнамои аҳли илму адабро ташкил диҳад.

Бад-ин манзур Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сиёсатро ҷузъи таркибии маънивиёт меҳисобад ва ҳар гоҳ фурсату имконе барояш даст дод, ба омӯзиши сарнавишти миллат, шебу фарози он дар тӯли таърих, зиндагинома ва осори шахсиятҳои бузурги милливу маънавӣ машғул мешавад. Таърихро барҳақ хотираи инсоният меноманд ва омӯхтани он танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба ин нукта ишора карда мегӯяд, ки миллат агар шахсиятҳои бузург надошта бошад, худшиносии дуруст ҳам дошта наметавонад. Ҳамчунин, агар миллат тафаккури солим надошта бошад, ба гирдоби ҷаҳолат ғӯтавар гашта, аз аслу решаи хеш канда мешавад. Ба қавли ӯ, “мо ба гузашта ба хотири парастиши содалавҳонаи ниёгон не, балки барои тақвияти рӯҳи созандагӣ, бузургдошти хотираи нахустаҷдоди роҳкушоямон, ки дар дарозои таърих ба иқдоми нав камар баста, ба дастовардҳои бузург ноил гаштаанд, рӯй меоварем. Зеро сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддун ва мероси фарҳангии ниёгон, поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад. Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯи мо қарор дода, чун ҳакими одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушояд” [4, 3]. Қобили тазаккур аст, ки аз воқеот ва зиндагиномаи ашхоси таърихӣ ҷустани решаҳои фарҳанги бунёдӣ ва онҳоро дар муқоиса бо фарҳангҳои бузурги ҷаҳонӣ дар меҳвари таҳқиқу баррасии густурда қарор додан ҳикмати нави таърих ва таърихнигории давлатдории давраи нави тоҷиконро падид овард, ки меҳвари аслии он дарку шинохти амиқу саҳеҳи тамаддуни деринсоли аҷдодӣ ва аз он ба ҳайси дастури роҳнамои муҳими ахлоқӣ кор гирифтан мебошад. Воқеан ҳам, Эмомалӣ Раҳмон шахсияти волои таърихсоз аст. Асарҳои “Тоҷикон дар оинаи таърих” (иборат аз се ҷилд), “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орийӣ”, “Мавлонои Балхӣ ва тамаддуни башарӣ”, “Забони миллат – ҳастии миллат” ва амсоли инҳо аз ҷумлаи пажӯҳишҳои пурвусъату бунёдие ҳастанд, ки ба қалами Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мутааллиқ мебошанд. Ба як сухан, имрӯз исми Эмомалӣ Раҳмон ва кишвари азизамон Тоҷикистонро ҷудо аз ҳам тасаввур намудан ғайриимкон аст ва ҳамаи комёбиҳое, ки мардуми тоҷик дар давраи истиқлоли кишвар ба онҳо даст ёфтаанд, бевосита ё бавосита ба ному фаъолияти шахси ӯ вобаста мебошанд.

Моҳи сентябри соли 1994, дар замоне ки ҳанӯз оташи ҷанги шаҳрвандӣ ба сурати комил дар кишвар хомӯш нагардида буд, бо ибтикори Сарвари давлати тоҷикон ба

ифтихори ҳазорумин солгарди таълифи «Шоҳнома» дар шаҳри Душанбе симпозиуми байналмилалӣ баргузор гардид. Ба ин шоҳасари безаволи ҷаҳонӣ, ки онро муҳаққиқон ҳампоя ва ё бартар аз «Одиссея»-ву «Иллиада»-и Ҳомер ва осори Шекспир шумурдаанд, муроҷиат кардани эшон бесабаб набуд. Зеро ба қавли Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, Фирдавсӣ "яке аз тавонотарин донандагони таърихи аҳди куҳан" буда, «Шоҳнома» бузургтарин достони асотирию адабӣ ва таърихист, ки сарнавишти талху ширин ва таърихи подшоҳии беш аз 50 шоҳаншоҳи ориёинажодро дар бар гирифтааст» [4, 67]. Он танҳо "достони ҳазорсолаи фаромӯшгашта нест, балки акси садои ниёгони мост, ки дар дилу дидаи халқи шоирпарвару шеърдӯсти тоҷик зинда аст. Гуфтори ноб, лафзи поку бегазанд, ҳусни калом ва нафосати сухани ин шоҳасари безаволро мардуми мо асрҳо пос доштаву пос медоранд. Баъзан дар дурдасттарин гӯшаҳои Тоҷикистон, алалхусус, дар шеваи гуфтору кирдори сокинони баландкӯҳи Бадахшону Яғноб, Зарафшону Хатлон, Хуҷанду Истаравшан, Ҳисору Раштонзамин нишонаҳоеро мебинем, ки ба рӯҳу равон ва асолати тоҷиконаи мо басо созгор аст ва аз он бӯйи «Шоҳнома»-и безавол меояд» [4, 19]. Қобили зикр аст, ки Пешвои миллат зимни таълифи рисолаҳои пурмояи "Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ" ва "Тоҷикон дар оинаи таърих" борҳо ба «Шоҳнома»-и Донои Тӯс муроҷиат намуда, барои тақвияти андешаҳояш аз ин шоҳкории азим ба ҳайси санаду сарчашмаи ҳаққониву ростин далелҳо овардааст. Маҳз бо ибтикори Сарвари давлат баргузор гардидани ҷашнҳои бузурги умумимиллӣ, бахусус, 1100-солагии давлати маънавибунёди Сомониён, Соли тамаддуни ориёӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, 3000-солагии тамаддуни Ҳисор, 2700-солагии қадимтарин намунаи осори катбии ориёиҳо – "Авасто", бузургдошти шахсиятҳои сарсупурдаи илмиву адабӣ ва сиёсиву таърихӣ Имоми Аъзам, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Закариёи Розӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Нақибхон Туғрал, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Шириншо Шотемур, Нусратулло Махсум ва силсилаи тадбирҳое, ки ба ин муносибат амалӣ гардиданд, дар солномаи даврони истиқлолияти кишвар бо ҳарфҳои зарин сабт шуда, аз таъриху фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳое берун овард, ки бо моҳият ва арзишмандии ҷаҳонии хеш худҷӯӣ ва худшиносии тоҷиконро дар вусъати ҷаҳон таҳким бахшид. Ҳамчунин, ин чорабиниҳо дар тарғиби мафкураи миллӣ ва ғояҳои ватандӯстӣ, ҳифзи анъанаҳои фарҳангӣ ва пойдории забони давлатӣ ҳамчун бақои миллат нақши шоиста гузоштанд. Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, "муроҷиат ба таърих ва адабиёти халқамон ба он хотир аст, ки мо бояд ба ояндагон зарурати таҳкими ваҳдати миллиро ба аҳли ҷомеа мунтазам талқин намоед. Бо итминони комил метавон гуфт, ки баргузории чорабиниҳои вобаста ба бузургдошти марказҳои бостонӣ ва чеҳраҳои таърихиву адабии гузашта ба бисёре аз саволҳое, ки ҳар рӯз мо ба онҳо рӯ ба рӯ мешавем, посухи сазовор медиҳанд. Аз ин рӯ, дар даврони давлатсозии миллӣ мо бояд гаштаву баргашта ба таҷрибаи таърихии халқамон, аз ҷумла, осори таърихиву адабии гузаштагонамон муроҷиат намоем ва аз ин мероси гаронбаҳо самаранок истифода кунем" [5, 4-5].

Яке аз донишмандони ғарбӣ Карл Форлендер бар ин назар аст, ки «халқҳои Шарқ қобилияти тафаккури илмӣ надоранд, тафаккури онҳо сахт ранги динӣ дорад ва ҷаҳонбинии онҳоро таҳқиқ намудан зарурате надорад» [6,6]. Воқеан ҳам шакли ҷаҳонбинии ақвоми Машриқзамин, минҷумла, тоҷикон аз давроне ки таърих эшонро қайду забт намудааст, ба дину эътиқод асос ёфта, тибқи дастуру ҳидоятҳои китобҳои муқаддас амал мекарданд. Ҳамакнун 14 садсола аст, ки аксари ақвоми Машриқзамин бо дини мубини ислом пайванди ногусастанӣ дошта, дар ташаккулу такомули кохи азими тамаддуни башар нақше беназир гузоштаанд. Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон аз минбари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳамеша таъкид мекунанд, ки дини мубини ислом аслан ва моҳиятан дини сулҳпарвар буда, ҳама гуна нифоқу хусумат, куштору ваҳшоният ва ҷабру зулмро маҳкум мекунад. Вале, мутаассифона, доираҳои муайян онро ба василаи тарс додани башарият табдил додаанд. Бинобар ин кӯшиши бо ҳар роҳу восита бадном кардани ислом ва мардуми мусалмон, инчунин ба ҳар гуна мухолифоту низоъ иҷборан хислати исломӣ додан, аз рӯйи адлу инсоф нест. Аз ин рӯ, мо тарафдори ақидаи солими динӣ ва тарғиби мафкураи сулҳпарваронаи ислом мебошем: «Дини мубини ислом чун ҳама динҳои дигар инсониятро ба таҳаммул, тараҳҳум ва тавозуъ ҳидоят намуда, ҳар гуна зӯроварӣ ва кушторро маҳкум месозад. Мо исломро аз сиёсати ифротии исломгароӣ фарқ мекунем, озодии эътиқоду имонро эҳтиром дорем ва дар ин ақида устуворем, ки фишору зӯроварӣ, таҷовуз ва истибдоду таассуб ба асолати дини мубини ислом бегона аст ва моҳиятан чунин падидаҳоро маҳкум мекунад. Бинобар ин терроризм ва экстремизмро бо ислом пайванд додан хатои маҳз аст. Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ва миллат хос нест" [2, 162-179]. Бо ибтикори Пешвои миллат ба хотири арҷ гузоштан ба ҳувияти диниву мазҳабӣ, шинохти саҳеҳи исломи суннатӣ ва бо назардошти хизматҳои таърихии фарзанди барӯманди халқи тоҷик Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит (Имоми Аъзам) дар рушди фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ва аҳамияти калон доштани мероси диниву ҳуқуқии ӯ дар ташаккул ва инкишофи худшиносии миллӣ бори нахуст дар таърихи дини мубини ислом

соли 2009 бузургдошти 1310-солагии асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ Имоми Аъзам дар сатҳи баланд ва миқёси васеъ таҷлил гардид. Дарвоқеъ мазҳаби Абӯҳанифа «дар тӯли таърих ва ҳам дар рӯзгори имрӯзаи иҷтимоии мардум ба омили муҳимми ваҳдати миллӣ ва башарӣ, мусолиҳа ва таҳкими суботу оромии ҷамъият табдил ёфтааст» [5, 167]. Имоми Аъзам (699-767) мувофиқи тақозои замон ва макон амал карданро яке аз фаризаҳои асосии ислом дониста, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ғайр аз дастури китоби муқаддас, суннатҳо боз ба фикру андешаи мардум (иҷмоъ), назариёти шахсони фозилу барӯманд, қиёс, далел ва мантиқ ва қазовати солим такя мекард. Ба ин васила ислом барои мардуми форсизабон мувофиқ ва созгор гардонида шуда, дар байни онҳо интишор ёфт ва аз пуштибонии васеъ бархурдор гардид. Имоми Аъзам дар замони пуршиддати таассуботи қавмиву забонии арабҳо аз худ ҷасорат, мардонагӣ ва фидокорӣ нишон дода,аз забони модарии худ - форсӣ-тоҷикӣ пуштибонӣ намуд ва онро забони дину ойин, таъбиру тафсир ҳукм намуд. Ӯ бо ин иқдоми худ на танҳо миллати тоҷикро аз маҳвшавӣ наҷот дод, балки мардумони Қафқоз, канораҳои Волга, туркҳо, ҳиндуҳо, чиниҳо, индонезиҳо, малазиягиҳоро, ки баъдан ба ислом гаравиданд, аз сарнавишти талхи мусалмонони қисмати ғарбии хилофати араб раҳоӣ бахшид [7].

Дар тантанаҳои идона ва чорабиниҳои илмию маърифатии бахшида ба ин ҷашн зиёда аз 500 нафар олимону мутафаккирони барҷаста ва ходимону арбобони давлатӣ аз 50 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд. Дар симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба Имоми Аъзам таъкид шуд, ки боястӣ андешаҳо ва ақоиди каломии ин мутафаккири бузург мавриди омӯзиш ва баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор гиранд ва дар ин росто аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон гоми муҳиме бардошта шуд. Дар арафаи ҷашн се асари пурвусъату бунёдии ӯ - “Имоми Аъзам. Рӯзгор, осор ва афкор”, «Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам», «Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо» мунташир гардиданд, ки дар ҷодаи абӯҳанифашиносии тоҷик бесобиқа мебошанд. Бузургдошти Имоми Аъзам барои муаррифии таълимоти мазҳаби анъанавии ҳанафӣ ва дини тарғибгари дӯстию ҳамкорӣ ва гуфтугӯи миёни тамаддунҳо будани ислом, ҳамчунин дурӣ ҷустан аз мафкураҳои динии ифротгароёнаи бегона нақши босазо гузошт.

Алъон сохтмони яке аз бузургтарин масҷидҳои ҷомеи ҷаҳон дар шаҳри Душанбе идома дорад, ки дар он дар як вақт то 150 ҳазор нафар метавонанд намоз хонанд ва он на фақат масҷид, балки маркази бузурги фарҳангу таърихи исломӣ хоҳад буд. Муҳимтарин амале, ки бо дастури бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт, ду навбат бо теъдоди зиёд (беш аз сад ҳазор нусха) чоп шудани матни аслии Қуръони карим ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ ва ба мардуми кишвар ҳадя шудани он мебошад. Ҳадаф аз ин иқдоми наҷибро Пешвои миллат чунин арзёбӣ мекунад: “Ҳама хуб медонем, ки шеъру сухани оламгир ва девону дафтари ибратомӯзи олимону шоирони гузаштаамон дар омезиш бо дини ислом ва суннатҳои волои он густариш ёфтаанд. Бигузор китоби муқаддаси Қуръон бо забони модарӣ ба ҳар як шаҳрванди тоҷик дастрас шуда, барои дарки мероси гузашта, суннатҳои қадима ва расму оинҳои аҷдодии мо ёварӣ намояд, барои парвариши ақлу басират, ахлоқу одоби нек ва хислатҳои наҷиби инсонӣ раҳнамоӣ кунад. Ман бовар дорам, ки ҳар хонадони хушзеҳни тоҷик баъди мутолиаи Қуръони маҷид худаш фарқи сиёҳу сафед ва гуноҳу савобро мефаҳмад ва фармудаҳои Аллоҳи таолоро роҳнамои зиндагиву фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор дода, ба роҳи хайр равона мегардад” [2, 71-76].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси фарзандони боору номуси миллат, ки дар лаҳзаҳои барои тоҷикон сарнавиштсози қарни ХХ ҷон ба каф гирифта, аз ҳуқуқҳои ин миллати муаззами дорои тамаддуни бостонӣ, озодиву ободиву истиқлоли он дифоъ намуданд, ҳамеша бо ифтихор ва эҳтироми афзун ҳарф мезананд. Ба андешаи ӯ, барои ташаккули миллат, болоравии ҳисси худшиносию ватандорӣ ва истиқлолияти тоҷикон фарзандони барӯманди халқ устод Садриддин Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров хидмати бузург кардаанд: «Садриддин Айнӣ мавҷудияти халқи тоҷикро ҳамчун миллати қадимаи Осиёи Марказӣ исбот намуда, ҳаққу ҳуқуқҳои қонунии ин миллатро барои ташкил додани давлатдории миллии худ ба миён гузошт. Бобоҷон Ғафуров иқдоми ватандӯстонаи Садриддин Айниро идома дода, барои фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ таърихи қадимаи миллаташро ба шакли як асари ҷомеъ («Намунаи адабиёти тоҷик» - *Ш.Ш.*) аз замонҳои қадимтарин то рӯзҳои мо навишта, пойдевори истиқлолият ва худшиносии тоҷиконро ҷовидона сохт. Ин хидмати арзандаи онҳо як навъ адои қарзи фарзандӣ буд ва дар китоби зиндагиномаи миллат то ҷовидон сабт гаштааст» [5, 273-275].

Боиси хушнудист, ки заҳмату истеъдод ва фидокориҳои ин ду ҷигарбанди вафодори халқ дар давраи истиқлолият баҳои сазовор гирифт ва онҳо қаҳрамони нахустини Тоҷикистон эътироф гардиданд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи 8-уми сентябри соли 1997 устод Садриддин Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров ба унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд. Дар даврони истиқлолият ба хотири гиромидошти хидматҳои ҷоннисоронаи устод Садриддин Айнӣ аввалин мактаби олии кишвар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон номи ӯро гирифт, аксаш асъори миллиро зеб медиҳад, ҷоизаи адабии Иттифоқи нависандагони

кишвар дар соҳаи наср номи ӯро дорад. Имрӯз яке аз ноҳияҳои калонтарини ҷумҳурӣ ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд номи академик Бобоҷон Ғафуровро гирифтаанд, аксаш асъори миллӣ, нимпайкарааш саҳни Академияи илмҳои кишварро оро медиҳад, ки ин ҳама қадрдониҳо бо пешниҳоди Пешвои миллат амалӣ гардидаанд. Талошҳои пайгиронаву ватандӯстонаи арбобони маъруфи сиёсии қарни XX Нусратулло Махсум ва Шириншо Шотемур дар таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои таърихии тоҷикон, заҳматҳои устод Мирзо Турсунзода дар роҳи ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ, посдории нангу номуси Ватан, ифтихори баланди ватандорӣ, пойдории сулҳу амният ва ваҳдати халқҳои сайёра низ барҳақ ба унвони «Қаҳрамони Тоҷикистон» сазовор гардиданд, ки далели рӯшани тантанаи хирад ва адолати таърихӣ мебошад.

Муҳимтарин фазилати Пешвои миллат ин аст, ки ҳамеша бо мардум ва дар андешаи беҳбуди сатҳи зиндагии эшон, сарбаландии миллат, ободиву шукуфоии имрӯзу фардои сарзамин мебошад. Ӯ аз ҳар минтақаи Тоҷикистон, ки дидан мекунад, самимона ва бо ихлосу муҳаббати афзун бо мардум вохӯриҳо мегузаронад, бо таҳаммулу шикебоии ба худ хос гӯш ба ҳарфи эшон медиҳад ва ҳамеша аз пирони кору солмандон дуо мегирад. Ӯ бахусус ба аҳли илму адаб, эҷодкорону ҳунармандон эҳтироми зиёд дорад ва ҳар пешниҳоди созандае, ки аз ҷониби онҳо ба хотири таҳкими пояҳои соҳибистиқлолии кишвар, баланд бардоштани обрӯву нуфузи миллату сарзамин ва ғанӣ гардонидани савияи худогоҳиву хештаншиносии аҳолӣ ироа мешавад, бо хушнудӣ пазируфта, баҳри амалӣ гардиданашон мусоидат менамояд.

Чун нишони арҷгузорӣ ба суннатҳои волои давлатдории ниёгон ҳамасола Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи Наврӯзи фаррухпай бо зиёиёни кишвар мулоқот намуда, баробари табрику таҳнияти наврӯзӣ андешаҳояшро дар хусуси рушди минбаъдаи илму адабу ҳунар баён медорад ва ҳамзамон назари қишри бедори ҷомеаро дар ин замина ҷӯё мешавад. Ду сол пеш зимни мулоқоти анъанавии наврӯзӣ бо аҳли зиё Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор Сафиева пешниҳод намуд, ки ҳамасола дар кишварамон ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз баргузор карда шавад. Ин пешниҳод аз ҷониби Пешвои миллат бо хушнудӣ пазируфта шуд ва бо ибтикори эшон соли гузашта дар арафаи ҷашни Наврӯзи оламафрӯз дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе симпозиуми байналмилалии илмӣ дар мавзӯи “Наврӯз дар адабу ҳунари ҷаҳонӣ” ва нахустин ҳамоиши адибони ҳавзаи Наврӯз бо ширкати намояндагони илму адаби 22 кишвари ҷаҳон баргузор гардид ва пасон дар минтақаҳои гуногуни кишвар идома ёфт. Пешвои миллат дар ҳамоиши мазкур иштирок ва суханронии пурмуҳтаво намуда, минҷумла, ёдрас шуд, ки “ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ яке аз маросимҳои писандидаи оламиён мебошад, ки бо сифатҳои башардӯстонааш аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун дастоварди камназири фарҳанги умумиинсонӣ пазируфта шуда, бо хусусиятҳои писандидааш, ки некиву накукорӣ, хуррамиву хушҳолӣ, шодмониву нишот ва саодату пирӯзиро талқин мекунад, машҳури олам гардидааст. Наврӯз ҷашни фарҳангиест, ки аз суннату ойинҳои инсондӯстона ва ваҳдатсозу сулҳпарварона иборат буда, маҳз бо ҳамин мушаххасоташ ба ҷашни оммавӣ табдил ёфтааст. Ин ойини фархунда бо ҳама сифатҳои некбинонааш ба хонадони мардум, сарфи назар аз нажоду миллат ва дину мазҳаб, ворид гардида, ба ҳар як фард паёми хуррамиву шодмонӣ ва хушбахтиву хонаободӣ меорад.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи адабиёт тарбияи маънавии инсон, тарғиби ахлоқи ҳамида, ситоиши ҳамдиливу ҳамкорӣ, суботу осоиш, ба роҳи рост ва ба муҳити солими маънавӣ ҳидоят намудани инсон мебошад. Адабиёт одамонро ба ободониву бунёдкорӣ, сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ роҳнамоӣ мекунад ва дӯстиву ҳамкории байни халқҳову кишварҳоро тарғиб менамояд. Ҳамоиши байналмилалии мазкур низ ба таҳкими робитаҳои дӯстиву адабӣ мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, ки ширкаткунандагони он масъалаҳои муҳимми адабиётро баррасӣ намоянд ва барои рушди минбаъдаи он заминаи устувор муҳайё созанд” [8, 4-5].

Пешвои миллат дар ин ҳамоиш бо меҳру самимияти саршор ва эҳсоси амиқи масъулият зикр кард, ки «Ман шоиронро дӯст медорам!». Аз ин муносибати Пешвои миллати тоҷик ба аҳли адабу маърифат ҳозирон ба ваҷд омада, ба по рост шуданд ва дурудароз кафкӯбӣ карданд. Воқеан ҳам ҳарфе, ки самимона аз дил мебарояд, ба дил менишинад. Далели рӯшани дӯстдори воқеии шоирону хирадварзони миллат будани Пешвои миллатро мо аз дилсӯзиву қадрдониаш нисбат ба Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода пай бурда метавонем. Дар солҳои навадуми қарни XX, саҳеҳтараш, дар арафаи дарёфти касби истиқлоли кишвар ва айёми бебандубориҳои солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон баъзе гурӯҳҳои манфиатхоҳ бо истифода аз ному шуҳрату маҳбубияти шахсиятҳои асили фарҳангӣ – адибону олимони варзида кӯшиши расидан ба ҳарфҳои оганда аз ғарази хешро доштанд. Минҷумла, баъзан номи адиби маъруфи куҳансоли тоҷик, устод Сотим Улуғзода, ки дар бистари беморӣ буду бо воқеаҳои маъмулии сиёсии он солҳо иртиботе надошт, ба маънии ҷонибдориаш аз ин ё он гурӯҳ ва ё муддаиёни курсии маснад дар сархати расонаҳои хабарӣ қарор мегирифт. Аз чунин муносибати баъзе ҳамватанону ҳампешагон дили ҳассосу нозуки нависандаи дилогоҳу

хештаншинос ба дард меомад ва афзун бар ин ғами миллату сарзамин дар он давраи каҷдорумарез хеле афсурдааш карда буд. Оқибат соли 1992 бо исрори аҳли оила маҷбур ба тарки Ватан - Тоҷикистони ба ҷон баробараш шуд ва дар пойтахти Русия - шаҳри Москва маскан гузид. Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Ҳалима Хушқадамова, ки солиёни зиёд сухангӯи сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия буд, менависад: «Моҳи майи соли 1995 сарони давлатҳои муштаракулманофеъ ба шарафи 50-солагии Ғалаба ба Москва даъват шуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз фурсат истифода бурда, ба аёдату табрики нависандаи маъруф Сотим Улуғзода омад. Устод ин вақт бисёр лоғару мариз буд ва аз бистар қариб намехест. Эмомалӣ Раҳмон ба кати С.Улуғзода нишаста, ба ӯ муроҷиат карда, аз ҷумла гуфт: «Домулло, ба Ватан баргардед, як шакароб хӯред, ҳама дардҳо рафъ мешаванд. Ман омадам, ки Шуморо барам. Хонаву ҷоятон обод, духтурони беҳтаринро ба нигоҳубину табобати Шумо вобаста мекунем».

Ин лаҳза чашмони устод ашкрез гаштанд ва ҳаракати аз ҷо хестан намуд. Любов Андреевна (ҳамсари нависанда - *Ш.Ш.*) бо кумаки Зариф (писари устод - *Ш.Ш.*) ӯро курсии мулоим шинонданд. Устод «Ватан, Ватан» мегуфту оби чашмаш беист мерехт. Президенти кишвар ба Зариф гуфт, ки даҳ сол падари ӯ ҳам дар ин ҳол буд, вале ҳеҷ аз наздаш дур намешуд ва таъкид намуд, ки падарро то тавонад эҳтиёт намояд. Ба Ватан баргарданд, боз беҳтар, алъон он ҷо баҳори зебо ҳукмронӣ дорад.

Баъди рафтани ҳайати расмӣ ба сурати устод зеҳн мондам. Рӯйи ӯ ба назар дар як он дигар гашт. Аз чеҳрааш нуру аз дидаҳояш донаҳои ашки шодиву қаноат меборид. Любов Андреевна бо нигоҳҳои суоломезам посух дода гуфт, ки охир Сотим Улуғзодаро ягон котиби якуми Кумитаи Марказӣ қабул накардааст ва ӯ хуб мефаҳмад, ки кӣ имрӯз ба дидори ӯ омад. Албатта, шод аст. Ва ҳатто моро фармуд, ки ӯро аз ҷо хезонем.

Бале, агар аз як тараф мақоми Эмомалӣ Раҳмон ба устод таъсир расонда бошад, аз тарафи дигар, суханҳои заминию самимии ӯ ба устод лаҳзае ҳам бошад, сабукӣ бахшиданд. Баъди ин дидор Любов Андреевна ва аҳли хонаводааш ба фикри бозгашт ба Ватан буданд. Вале ҳоли устод торафт бадтар мегашт ва табибон барои раҳсипор гаштани ӯ ба воситаи тайёра иҷозат надоданд» [9, 11].

Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода дар таърихи 25-уми июни соли 1997 аз олами ҳастӣ ба абадият пайваст ва бо супориши бевоситаи Сарвари давлат ҷасади адиб ба шаҳри Душанбе оварда шуд ва дар мазори аҳли илму адаб, воқеъ дар мавзеи Луҷоб ба хок супорида шуд. Заҳматҳои шоистаи ин устоди наср пас аз марг (соли 2002) бо ордени "Исмоили Сомонӣ", дараҷаи 1 қадрдонӣ гардиданд. Устод Сотим Улуғзода дар баробари нависандаи забардаст буданаш донандаи хуби забони русӣ ва мутарҷими хеле пуркору пухтакор ҳам буд ва дар тарҷумаи чандин шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳонӣ, минҷумла, асарҳои Э.Л.Войнич "Ғурмагас" (1931, 1981), В.Н. Билл-Белосерковский "Ҳаёт даъват мекунад" (1935), Н.Ф.Погодин "Одами милтиқдор" (1940), К.Голдони «Хизматгори ду хоҷа» (1944), А.Н. Островский "Гунаҳгорони бегуноҳ" (1945), М.Горкий "Модар" (1953), В. Шекспир «Ҳамлет» (1970), Ж.Б.Молйер «Табиби зӯракӣ» (1972), М.Сервантес "Дон Кихот" (1974), Шарл де Костер «Тил Уленшпигел» (1975), Ч.Айтматов "Куллаи Фудзияма" ба забони тоҷикӣ маҳорати фавкулодаи суханварию тарҷумонӣ зоҳир кардааст. Аз ин рӯ, бо пешниҳоди Пешвои миллат қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2009 ба тасвиб расид ва тибқи он Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон номи Сотим Улуғзодаро гирифт ва ҳамчунин навадсолагиву садсолагиаш дар сатҳи давлатӣ ба таври хосса ҷашн гирифта шуд.

Исботи дигари дӯстдор ва хайрхоҳи аҳли илму адаб будани Пешвои миллат ин аст, ки ӯ шахсан шоири маъруф Бозор Собир ва донишманди шинохта Акбар Турсуновро, ки солҳо дар ҳиҷрат, дар Амрико зиндагӣ мекарданд, ба Ватан даъват намуда, ба таври хосса қабул кард ва барояшон шароити лозими кору зиндагиро фароҳам овард. Тобистони соли гузашта адиби тавонои русзабони тоҷик Темур Зулфиқоров, ки ду маротиба барои дарёфти ҷоизаи Нобел дар соҳаи адабиёт пешбарӣ гардида, осораш ба забонҳои гуногуни олам бо теъдоди беш аз як миллион нусха чоп шудааст, ба санаи камолот - 80-солагӣ расид ва он фурсати муносибе баҳри тарғибу ташвиқи осори ин нависандаи сатҳи ҷаҳонӣ дар зодгоҳаш - Тоҷикистон буд. Ҳарчанд ӯ асарҳояшро ба забони русӣ таълиф мекунад, рӯҳияву тафаккураш дар аксари маврид тоҷикист, аз ин хотир, ба назари мо, таҳқиқ ва омӯзиши амиқи осори бадеӣ ва публитсистии Темур Зулфиқоров муҳимтарин вазифаи уламои адабиётшиносии давраи истиқлоли Тоҷикистон мебошад. Мояи хушнудист, ки соли 2013 бо ҷаҳди иддае аз рӯшанфикрони тоҷик ва ҷонибдории Вазорати маориф ва илм дар барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар барои омӯзиши рӯзгор ва осори ин нависандаи оламшумул соатҳои алоҳида ҷудо шуданд. Вале, мутаассифона, аз ҷониби ташкилотҳои эҷодиву илмӣ ва ниҳодҳои зидахли давлатӣ ба муносибати солҷашни муборакии нависанда, ки ӯро мунаққидони осораш "Дантеи адабиёти рус", "классики мутлақ", "ҳакиме, ки аз абадият зоҳир шудааст», "устоди асил ва нобиғаи сухан", "марде ки назмро дар никоҳи наср даровардааст", "охирин дарвеш дар хонақоҳҳои сарду сангии Маскав" меноманд, тадоруке роҳандозӣ нашуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи таваллуди нависанда Темур Зулфиқоров (17-уми августи соли 2016) шахсан ба ӯ занг зада, ба ин муносибат самимона

таҳният гуфт ва пасон барқияи табрикӣ ирсол дошта, барояш парвози баланди эҷодӣ ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно кард. Қобили тазаккур аст, ки чанд сол пеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Темур Зулфиқоров дар Душанбе як манзили сеҳуҷрагӣ тақдим намуд, ки ӯ ҳангоми сафарҳояш ба Ватан дар он ба сар мебарад. Ин худ далел бар он аст, ки Пешвои миллат ба аҳли қалам арҷи хосса мегузорад ва нақши арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва умумиинсонии осори эшонро дар баланд бардоштани савияи худогоҳиву хештаншиносии мардум, ваҳдату ҳамбастагии миллат ва ифтихори миллӣ басо муассир медонад.

Аз ҷумлаи иқдомоти судманде, ки бо ибтикору ҳидоят ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сурат мегирад, роҳандозӣ намудани нашри силсилаи китобҳои пурарзиши таърихиву илмӣ ба унвони «Тоҷнома» мебошад. То имрӯз китобҳои муҳташами «Авесто», «Мероси хаттии бостон», «Ҳудуд-ул-олам»,«Зайн-ул-ахбор», «Шоҳнома»-и Саолибӣ, «Таърихи Байҳақӣ», инчунин «Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ»-и донишманди маъруф Е.Э.Бертелс, «Тоҷикон»-и муаррих ва этнографи маъруфи рус Александр Шишов, «Шеър-ул-Аҷам»-и Аллома Шиблии Нуъмонӣ ва чанд номгӯйи дигар ба забони тоҷикӣ таҳия, тарҷума ва бо сифати баланд нашр гардиданд. Танзими фаъолияти муназзами Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик ва нашри босифати ҷилдҳои мусалсали ин донишнома ва силсилаи донишномаҳои пурарзиши соҳавӣ, ки дар муаррифӣ намудани арзишҳои маънавии халқи тоҷик нақши хеле муҳим мегузоранд, мусоидат ба нашри силсилаи асарҳои адибони классики форсу тоҷик бо номи «Ахтарони адаб» дар 50 ҷилд, ҳамасола аз ҳисоби фонди эҳтиётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо шудани маблағҳои зиёд барои нашри китобҳои адибони муосир, афзоиши маблағгузорӣ баҳри бунёди муассисаҳои илмиву маърифатӣ ва маориф, баргузор гардидани силсилаи чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ аз ҷумлаи ибтикоротест, ки бо номи Пешвои миллат пайванди ногусастанӣ доранд. Ба қавли устоди фақид, академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, “фаъолияти Президенти Тоҷикистон ба устувор кардани истиқлоли фарҳангии тоҷикон равона гардидааст. Суханҳои олие, ки Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забони модарӣ ва бузургдошти он гуфт, ман дар ин умри дарозам аз ҳеҷ сарвари Тоҷикистон нашунида будам. Шак нест, ки миллати тоҷик дар роҳи худшиносӣ аз Эмомалӣ Раҳмон миннатдор хоҳад буд” [3, 10].

Чанде пеш зимни мутолиаи китоби бисёрҷилдаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат” андешае ба зеҳнам омад, ки дар асоси маърӯзаҳои эшон дар маросими ҷашни бузургони илму адаб ва шахсиятҳои сарсупурдаи миллат, инчунин бо истифода аз асарҳои пурвусъати илмиву таърихиаш китоберо таҳти унвони “Чеҳраҳои мондагор” таҳия, веросторӣ ва чоп намоем. Ин кор ба се ваҷҳ муносиб дониста шуд, аввалан сатҳу савияи илмиву амалии маърӯзаҳо дар пояи баланд қарор дорад ва аз онҳо боястӣ аҳли илму адаб, омӯзгорону донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон зимни пажӯҳиши илмӣ, таълими шогирдон ва огоҳии бештаре пайдо намудан аз рӯзгору осори шахсиятҳои варзидаи милливу мазҳабиамон истифода баранд. Аз ҷониби дигар, ин кор ба он хотир зарур дониста шуд, ки теъдоди нашри китобҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле маҳдуд аст ва на ҳамаи ниёзмандон имкони дарёфту мутолиаи онҳоро доранд. Далели севум ин аст, ки дар як маҷмӯа чоп шудани маводи ин китоб, ки қаблан ба сурати пароканда дар маҷмӯаву китобҳои гуногун ва нашрияҳои даврӣ чоп шуда буданд, ба хонандагон имкони мусоиди истифода ва баҳрабардориро фароҳам меорад.

Пешвои миллат ба ҳақ таъкид мекунанд: “Мардуми шарифи Тоҷикистон ҳуқуқи комили маънавӣ доранд, ки бо фарзандони фарзонаи миллат, саҳми беназири онҳо дар рушди тамаддуни умумибашарӣ ифтихор намоянд, осори гаронбаҳои онҳоро омӯзанд ва ҳикмати ҷовидонаи абармардони миллии худро қутбнамои рӯзгори хеш қарор диҳанд” [5, 4]. Воқеан ҳам, ин ҳама тавассути истиқлолияти комили давлатӣ ба мо имконпазир гардид. Шаъну шарафи ҳар фарди ватанпарвар ифтихор аз давлату миллат, кӯшиши ҳар як шаҳрванд баҳри худогоҳию худшиносӣ мебошад ва танҳо миллате ифтихори миллӣ дошта метавонад, ки худшиносу худогоҳ бошад.

Маводи китоби “Чеҳраҳои мондагор”, тавре зикр шуд, дар асоси маърӯзаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гиромидошти афроди сарсупурдаи миллат фароҳам омадааст ва мо онҳоро на дар шакли аслашон - маърӯза, балки дар шакли мақолаи ҷудогона оварем. Баъдан зимни гузиниши мавод матолибе, ки танҳо ба ҳозирони ҷамъомадҳо нигаронида шуда, аҳамияти замонии муайян доштанд, ҳазф гардиданд. Чун китоб “Чеҳраҳои мондагор” унвон гирифтааст, зарур дониста шуд, ки аз рисолаи “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ”-и Сарвари давлат мақолоте дар хусуси шоҳаншоҳи бузурги тамаддуновари ориёӣ Куруши Кабир, нахустин паёмбари ориёӣ Зардушт, бунёдгузорони таълимоти хосси динию фалсафӣ Монӣ ва Маздак ва Паёмбари барҳақ Муҳаммад (с.), поягузори мазҳаби таҳаммулгаро Имоми Аъзам (р.) низ баргузида ва ба он шомил гардонида шаванд. Қобили зикр аст, ки аксари мавод бо истифода аз асари бисёрҷилдаи “Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат” ва сайти Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон интихоб шуданд, вале суханрониҳои Сарвари давлат дар пояи мазори Мирзо Бедил дар Ҳиндустон ва маросими пардабардорӣ дар пояи муҷассамаи Нусратулло Махсум дар Рашт то ин дам танҳо дар саҳифаҳои нашрияҳои расмӣ чоп шудаанду халос ва бори аввал дар ин маҷмӯа ба нашр расиданд. Сарвари давлат дар хусуси сардафтари адабиёти давраи нави тоҷик устод Садриддин Айнӣ гузоришу суханронии алоҳидае накардааст, вале ҳамеша аз кору пайкору ҷонфидоии ин аламбардори миллату сарзамин дар маърӯзаҳояш бо эҳтирому муҳаббати бепоён ёдовар мешавад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки баргузидаи ин нуктаҳоро тахти унвони "Садриддин Айнӣ: зиндагӣ ва қаҳрамонӣ" дар китоби мазкур ҷой диҳем.

Шаке нест, ки "эътиқодмандӣ ва эътимод ба таърих ва адабиёт такягоҳи устувори миллат ба шумор меравад. Мутаассифона, таърихи навини давлатдории миллии мо дар марзи ду аср ва умуман таърихи ҳаёти иҷтимоӣ ба таври бояду шояд ва воқеъбинона таҳлилу арзёбӣ нашудааст ва навиштани таърих, инчунин таҳқиқи таърихи адабиёт бо диди нав ҳанӯз оғоз наёфтааст. Мурожиат ба таърих ва адабиёти халқамон ба он мақсад аст, ки мо бояд ба ояндагон сабабҳои нотифоқиро дуруст шарҳ дода, зарурати таҳкими ваҳдати миллиро ба аҳли ҷомеа мунтазам талқин намоем. Бо итминони комил метавон гуфт, ки мероси таърихиву адабии гузаштагонамон ба бисёре аз саволҳое, ки ҳар рӯз мо ба онҳо рӯ ба рӯ мешавем, посухи сазовор медиҳад. Аз ин рӯ, дар даврони давлатсозии миллӣ мо бояд гаштаву баргашта, ба таҷрибаи таърихии халқамон, аз ҷумла осори таърихиву адабии гузаштагонамон муроҷиат намоем ва аз ин мероси гаронбаҳо самаранок истифода кунем" [10]. Ба назари Пешвои миллат, "муҳимтарин ҷанбаи осори адибону андешамандони бузурги гузаштаи мо эҳёи ҳофизаи таърихии мо ва ба вуҷуд овардани пайванди гузашта, имрӯза ва оянда мебошад. Воқеан маънавиёте, ки моро пайванд мезанад, ҷовидона хоҳад буд. Мо аз саҳифаҳои куҳани таърихи диёр, аз осори шаҳристонҳои вайронаву нимвайронаи сарзамини аҷдодӣ, аз миёни гарду чанги асрҳо нақши гузаштаро меҷӯем. Мехоҳем пораҳои шикастаро васл кунем, риштаҳои гусастаро бо ҳам бипайвандем, ҳақро аз ноҳақ, ростро аз дурӯғ ҷудо карда, аз сабақҳои таърих панде биомӯзем. Зеро таърих боинсофтарин ва одилтарин ҳакам аст, ҷумлаи неку бади гузаштаву имрӯзаро дар мизони адли хеш бармекашад. Ва фарзандони халқу миллате, ки гузаштаашро фаромӯш кардааст ва хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳу нохоҳ аз ғояти кӯтоҳандешӣ ояндаашро низ инкор хоҳад кард" [4, 19-20].

Дар китоби "Чеҳраҳои мондагор"-и Пешвои миллат заминаҳои маънавию сиёсии давлатдории тоҷикон, шинохту баррасии таъриху забони халқи тоҷик бо дидгоҳи наву тозаи идеологӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии холисона ва воқеӣ қарор гирифтаанд. Ин асар ду қисмати сарнавиштсози таърихи миллати мо – давраи ориёӣ ва давраи исломиро фаро мегирад ва ҳадафи аслии он мубориза барои истиқлол ва аз парокандагӣ дурӣ ҷустан мебошад. Муаллиф мактаби худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва фарҳанги таҳаммулро тақвият бахшида, масоили таърихӣ (мақолаҳо дар бораи Куруши Кабир, Зардушт, Монӣ, Маздак, Спитамен ва Исмоили Сомонӣ), сиёсӣ (мақолаҳо роҷеъ ба Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Бобоҷон Ғафуров), фалсафиву адабӣ (мақолаҳо дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Шамси Табрезӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Бедил, Туғрали Аҳрорӣ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода) ва масоили диниро дар мисоли мақолаҳо роҷеъ ба шахсият, рӯзгор ва осори Муҳаммад (с), Имом Абӯҳанифа ба далелҳои фаровони таърихӣ, илмӣ бо ҳисси ифтихор ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ба назари мо, зарур аст, ки ин асари воқеан мондагори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки сарчашмаи муҳиме дар пойдевори маънавии замони истиқлол мебошад, муҷаддадан бо теъдоди бештар ва кайфияти муносиб чоп шавад. Китоби «Чеҳраҳои мондагор» ҷанбаи қавии илмӣ дорад ва метавонад ба сифати беҳтарин китоби дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ истифода шавад. Боястӣ он ба ҳайси донишномаи муътабар дар ҳамаи муассисаҳои илмиву пажӯҳишӣ мавриди омӯзиши васеъ ва ҳамаҷониба қарор бигирад. Дар асоси маводи ин китоб баргузор намудани озмунҳои мухталиф дар байни хонандагони мактабҳо, донишҷӯён ва аспирантон ба баланд бардоштани савияи худогоҳиву хештаншиносии насли ҷавон мусоидат хоҳад кард. Бо истифода аз фурсат таъкиди ин нуктаро лозим медонем, ки тарҷума ва нашри китоби «Чеҳраҳои мондагор»-и Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба забонҳои хориҷӣ дар кори муаррифии миллати деринсолу соҳибтамаддуни тоҷик ва чеҳраҳои баргузидаи он дар сатҳи ҷаҳонӣ саҳми босазо хоҳад гузошт.

Мо дар ҷаҳони густурдаи имрӯз дорои заминаҳои қавии фарҳангӣ буда, ворриси тамаддуни беш аз ҳафтҳазорсола ҳастем ва шахсиятҳои бузурги фарҳангии таърихие дорем, ки мавриди эҳтироми ҳамагон мебошанд. Аз ин рӯ, дар замони муосир мо худ бояд қаҳрамони арсаи фарҳанг бошем, зеро танҳо иктифо ба гузашта кифоят намекунад. Гузаштаи мо паёмҳои замонҳову маконҳои башарист ва ин шаҷараи арзишманд решаи устуворе дорад. Онҳоро мо бояд бишиносем ва ҳамчунин тақозо мешавад, ки онҳо нав ба нав гуфта шаванд. Мо хоҳем - нахоҳем дар таърихи гузашта нақш дорем, бояд бар он

бикӯшем, ки дар таърихи оянда низ нақши шоистае дошта бошем. Тоҷикон бояд бо шиносномаи хосси худ ҳузури ҷаҳонӣ дошта бошанд, зеро то офаридаи ҳунарӣ ҷанбаи миллӣ надошта бошад, қобилияти ҷаҳонӣ шудан надорад. Ин кор ниёз ба табодул, андеша, дониш дорад ва мо имрӯз бояд ин ҳувиятро ҳамаҷониба бо дасту дили пок нигаҳдорӣ кунем ва бе ягон нақсу газанде ба ояндагон мерос гузорем.


## АДАБИЁТ

1. Ваҳдат. Давлат. Президент. -Душанбе, 2007. –Ҷ. 6. -280 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Дар бораи дин / Э. Раҳмон. –Душанбе: Шарқи озод, 2006. -560 с.
3. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» (нашри махсус). 16-уми ноябри соли 2016. -С.13.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих / Э. Раҳмон. –Лондон, соли нашр зикр нашудааст. –Ҷ. 1. -240 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. –Душанбе: Эр-граф, 2016. -364 с.
6. Олимов К. Машъали роҳи маърифат / К. Олимов. -Душанбе, 2011. -64 с.
7. [Захираи электронӣ]. http://news.tj/tj/news/soli-2009-rasman-soli-buzurgdoshti-imomi-azam-elon-gardid
8. Эмомалӣ Раҳмон. Наврӯз ҷашни фарҳангӣ ва ваҳдатсоз аст / Э. Раҳмон //Маорифи Тоҷикистон, 2016. -№3. –С.4-6.
9. Хушқадамова Ҳалима. Дар ёди Ватан. Хотирае чанд аз вопасин рӯзҳои устоди наср С.Улуғзода / Х. Ҳалима //Чархи гардун. – 2009. -№49 (692). 3-юми декабр. -11 с.
10. [Захираи электронӣ]. Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат. 19.03.2015 // http://www.president.tj/node/8461.



## ШАХСИЯТИ БУЗУРГИ ТАЪРИХСОЗ

Таърихро хотираи инсоният меноманд ва омӯхтани он танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки дурнамоест, ки роҳиояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад. Агар миллат тафаккури солим надошта бошад, ба гирдоби ҷаҳолат ғӯтавар гашта, аз аслу решаи хеш канда мешавад. Дар ин мақола аз ҷаҳду талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сухан меравад, ки дар ҷодаи таҳкими ҳувияти миллӣ ва шакл гирифтани тафаккуру андешаи миллӣ кӯшида, мақсад гузошт, ки миллатро бори дигар барои худи миллат ва оламиён шиносонад, ифтихори миллиро дар рӯҳу ҷони мардум бипарварад, ҳаммеҳанонро ба созандагиву офарандагӣ ҳидоят намуда, риштаҳои муҳаббату ҳамдилиро миёни тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон, новобаста аз мансубияти милливу нажодиву мазҳабӣ, пайваст кунад.



**Калидвожаҳо**: Эмомалӣ Раҳмон, истиқлолият, ваҳдат, ягонагӣ, таърих, адабиёт, илм, фарҳанг, дини ислом, Имоми Аъзам, таҳаммулпазирӣ, Фирдавсӣ, Сотим Улуғзода.



## ВЕЛИКИЙ СОЗДАТЕЛЬ ИСТОРИИ

Историю называют человеческой памятью, её изучают не только для того, чтобы мы узнали прошлое, но оно является указателем для освещения дороги будущей нации и судьбы государтсвенного управления, а также служит для национального самосознания, мира, единства и развития здорового исторического мышления будущего поколения. Если у нации отсутствует здоровое мышление, тогда оно утонет в пучине незнания, потери себя и своих корней. В этой статье речь идет о стремлении Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в развитии национального самопознания и возникновения национального мышления и о том, как ещё раз представить нацию самим таджикам и миру, как воспитать национальную гордость, призыв соотечественников к созидающим и создательным делам, поддержка нити любви и дружбы между жителями Таджикистана, независимо от нации, племени, языка и веры.



**Ключевые слова**: Эмомали Рахмон, суверенитет, примирение, единства, история, литература, наука, культура, религия ислам, Имам Азам, толерантность, Фирдоуси, Сатим Улугзаде.



## A GREAT HISTORICAL CREATOR

Call history human memory, its learning not only that we learned the past, but it is a pointer to illuminate the road of the future of the nation and the fate of state control, and is also used for national identity, peace, unity and healthy development of historical thinking of the future generations. If the nation is missing a healthy mind, then it will sink into the abyss of ignorance, loss of self and his roots. In this article we are talking about the desire of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the development of national self-awareness and the emergence of national thinking and how once again the nation by the Tajiks and the world how to raise national pride, the call of fellow citizens to build and sozdatelem cases, the support threads of love and friendship between the inhabitants of Tajikistan, regardless of nation, tribe, language and faith.



**Key words:** Emomali Rahmon, sovereignty, reconciliation, unity, history, literature, science, culture, religion Islam, Imam Azam, tolerance, Ferdowsi, Satim Ulugzada.



**Сведения об авторе:** ***Шокирзода Шоди Нуъмонпур*** - кандидат филологических наук, гл. редактор журнала «Маорифи Точикистон». Телефон: **93-404-52-40**. E-mail: **shodi.shokirzoda@mail.ru**


# ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ –ТАЪРИХШИНОС ВА АФҒОНИСТОНШИНОС


***Қодиров Довар***

**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**


Устод Ҳақназар Назаров (1931-2006), бе муболиға дар омӯзиши ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон саҳми бориз гузоштааст. Аз ин лиҳоз рушди илми афғонистоншиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол ба номи ӯ сахт алоқаманд аст. Бояд қайд намуд, ки устод солҳои 1948-1953 дар факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ)

таҳсил намуда, онро бо баҳои аъло хатм намуд ва ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб фиристода шуд. Пас аз як соли муаллимӣ дар ин Донишкада дар соли 1955 ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, дар соли 1958 онро хатм намуд. Дар худи ҳамин сол дар мавзӯи «Очерки таърихи Кӯҳистон (болооби Зарафшон) дар нимаи дуюми асри XIX ибтидои асри XX» рисолаи номзадиашро дифоъ намуда, дараҷаи илмии номзади илмҳои таърихро соҳиб гашт [2,14]. Чуноне мебинем Ҳ.Назаров аз ибтидо ба афғонистоншиносӣ машғул набуд. Танҳо баъд аз ташкили шуъбаи шарқшиносӣ ба таҳқиқи Афғонистон рӯ овард.

Соли 1958 дар АИ РСС Тоҷикистон шуъбаи шарқшиносӣ таъсис ёфт ва устод барои кор ба ин шуъба гузашт ва тамоми фаъолияти илмӣ, педагогӣ, ҷамъиятӣ ва таблиғотиашро ба Афғонистон пайваст. Яке аз корҳои аввалини илмии Ҳ. Назаров доир ба Афғонистон таҳқиқи масоили вобаста ба робитаҳои Бухоро ва Афғонистон буд, ки аз ташкили давлати афғонҳо дар соли 1747 то суқути аморати Бухоро дар соли 1920-ро дар бар мегирад [6, 3].

Таҳқиқи мавзӯи мазкур бешак аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ дошт, чунки бо таъсиси давлати Дурраниён дар Афғонистон рақобат байни Русияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир оғоз гардид. Бояд иброз намуд, ки ин ду абарқудрат ба таври сунъӣ сарҳади Афғонистонро бо Аморати Бухоро таъйин намуданд. Ин сарҳадбандӣ бавижа ба сарнавишти халқи тоҷик, ки сокинони ҳарду соҳили дарёи Ому буданд, бетаъсир намонд. Пеш аз ҳама, ин сиёсатбозиҳо ба он оварда расонд, ки робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ миёни Бухоро ва Афғонистон боз дошта шавад ва ин мардумро аз якдигар дур намоянд [6]. Натиҷаи таҳқиқоти чандинсолаи ӯ китобе гардид бо номи «Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурраниҳо то ғалтидани аморати Бухоро», ки соли 1963 ба нашр расид.

Монографияи шодравон Ҳ. Назаров аз тарафи шарқшиноси машҳури чех Иржи Бечка баҳои баланд гирифт. Вай дар шумораи 31-уми маҷаллаи «Архив Ориентал» соли 1966 тақризи калоне навишт ва онро таҳқиқоти арзишманде хонд [1].

Қабл аз нашри ин монография шодравон Ҳ. Назаров дар солҳои 1958-1962 як қатор мақолаҳо оид ба Афғонистон аз қабили «Рӯзи истиқлолияти Афғонистон» [7], «Озод ва мустақил Афғонистон» [8], «В.И. Ленин дар бораи Эрон ва Афғонистон» [9] ва «Аз таърихи равобити аморати Бухоро ва Афғонистон» [10]-ро навишта буд.

Дар ҷараёни ҷустуҷӯҳои илмӣ Ҳ. Назаров дар бойгониҳои гуногун бо маводи зиёде дар бораи ҷунбишҳои мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дучор омад, ки то ҳол мавриди истифода қарор нагирифта буданд. Миқдори зиёде аз аснод дар бойгонии Вазорати умури хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ нигоҳ дошта мешуданд, ки истифодаи илмӣ аз онҳо метавонист асрори бисёре аз воқеаҳои ин давраи Афғонистонро ифшо намоянд.

Устод Ҳ. Назаров ба хулосае омад, ки дар бораи ҷунбишҳои мардумӣ таҳқиқот анҷом диҳад. Соли 1968 асари Ҳ. Назаров «Роҷеъ ба хислати ҷунбишҳои мардумии охири қарни XIX дар Афғонистон» [11] ва соли 1969 бошад, китоби дигари ӯ аз ҳамин силсила зери унвони «Аз таърихи ҷунбишҳои оммавии мардуми Афғонистон дар ибтидои қарни XX» [12] аз чоп баромаданд.

Солҳои 1970-1973 сафари Афғонистон ба Ҳ. Назаров ба сифати тарҷумон бо геологҳои Шӯравӣ имкон дод, ки аз аҳволи мардуми афғон ва бо як қатор чеҳраҳои намоёни ин миллат аз наздик ошно шавад. Ҳамчунин, дар ин сафар ба ӯ имконият фароҳам омад, ки маводи зиёде ҷамъоварӣ намояд, ки то ҳоло дар бойгонии устод маҳфузанд [3,38]. Бешубҳа, кор дар Афғонистон дар ташаккули устод ҳамчун афғонистоншинос таъсири амиқ гузошт.

Дар Афғонистон зери унвони «Афғонистон дар 10-соли охир (1963-1973)» китобе навишт. Ин як давраи хеле муҳимми таърихи навтарини Афғонистон, ё даҳаи Қонуни асосӣ буд, ки мувофиқи он ба фаъолияти аҳзоби сиёсӣ, матбуоти хусусӣ иҷозат дода шуд. Даврае буд, ки мафҳумҳои демократия, интихоби озод ба парламент, озодии сухан ва ғайра сари забонҳо буд. Бо бозгашт ба Тоҷикистон дар нақшаи нашриёт барои солҳои 1973-1974 чопи он китоб пешбинӣ шуда буд ва омодаи нашр шуда, тамоми мароҳили зарурироро тай намуда буд, вале нашри он аз тарафи Маскав иҷозат дода нашуд ва китоби мазкур пора-пора карда шуд [4, 35-36].

Фақат баъди ҳодисаҳои апрелии соли 1978, яъне Инқилоби Савр, ин китоб васеътар карда шуд ва бо ҳаммуаллифии С. Мерганов баъди талошҳои зиёд соли 1982 бо номи «Афғонистони навин» дар нашриёти «Ирфон» аз чоп баромад [16].

Ҳ. Назаров баъд аз бозгашт аз Афғонистон бо ҷиддияти тамом таҳқиқоти худро дар мавзӯи ҷунбишҳои мардумӣ ва маорифпарварӣ, ки ҳанӯз пеш аз сафар ба Афғонистон шурӯъ карда буд, идома дод ва соли 1976 асари калонҳаҷми таҳқиқотии ӯ зери унвони «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX)» дар нашриёти «Ирфон», зери таҳрири Б.И. Искандаров аз чоп баромад, ки асоси рисолаи докторӣ қарор гирифт. Соли 1978 дар Институти мамлакатҳои Осиё ва Африқои назди Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов онро бомуваффақият дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих гардид [13;14].

Дар солҳои минбаъда низ устод новобаста аз он ки ба корҳои педагогӣ машғул буд, лаҳзае аз кори таҳқиқотӣ фориғ намешавад. Натиҷаи ин таҳқиқот боиси чопи даҳҳо мақолаҳои илмию оммавӣ, китобҳои дарсӣ, маърӯзаҳо дар конфронсу симпозиумҳо, таҳрири осори илмӣ ва монографияҳои муҳимми илмӣ гардида буд.

Чуноне аз таҳлили корҳои илмии устод Ҳ.Назаров мебинем, ӯ кӯшиш мекард, ки ба мавзӯъҳои баҳсноки таърихӣ ва камомӯхташуда даст бизанад. Яке аз ин мавзӯъҳо омолу афкори Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ буд. Соли 1980 устод Ҳ. Назаров китоберо бо номи «Омолу афкори Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ» таҳия ва чоп намуд [15]. Аммо ба ин қонеъ нашуд, зеро ба баҳри бекaнори афкори Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ дохил шуда буд ва мебоист кори ҷиддиеро анҷом диҳад. Ин буд, ки соли 1993 китоби калонҳаҷми худро бо номи «Сайид Джамолиддин Афгани и его общественно-политическая школа» ба нашр расонида, хонандаи тоҷик ва русзабонро ба афкори Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ ошно намуд [18].

Дар соли 1989 бошад, асари дигари муҳимми Ҳ. Назаров «Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане» чоп шуд, ки таҳқиқоти пурарзиш маҳсуб мешавад [17]. Зеро мисли Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ таърихи воқеии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ навишта нашуда буд ва осори чопшуда якҷониба ва махсус аз тарафи муаллифони афғон муғризона навишта шуда буданд.

Масъалаи ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20-ум ва шӯриши деҳқонон бо роҳбарии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ як масъалаи баҳсноктарини таърихи навини Афғонистон аст. Дар таърихнигории Афғонистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин шӯриш ҳамчун шӯриши иртиҷоӣ баҳо дода мешуд, ки гӯё ӯ тамоми ислоҳоти замони Амонуллоҳхонро аз байн бурда, худи ӯро сарнагун ва кишварро ба беназмиву иғтишош кашонд. Устод Ҳ. Назаров дар натиҷаи омӯзиши маводи гуногун ва сарчашмаҳои пурарзиш тавонист консепсияи нави омӯзиши ин давраи таърихи Афғонистон ва шӯриши деҳқононро бо роҳбарии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ пешниҳод кунад. Гарчанде дар ибтидо афғонистоншиносон бо шубҳа ба ин консепсия ва хулосаҳои Ҳ. Назаров муносибат доштанд, аммо бо гузашти замон дар баробари истидлоли илмии муаллиф чизе гуфта наметавонистанд. Имрӯз дар Афғонистон ба масъалаи Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, шахсият ва нақши ӯ таҷдиди назар шудааст ва дар зодгоҳи ӯ мактаберо бо номаш гузоштанд [6,6-7]. Баъд аз 86 сол пайкараи ӯ бо иззату икром бо хондани намози ҷаноза дар масҷиди Идгоҳи Кобул аз нав дар теппаи Шаҳроро ба хок супурда шуд.

Таҳқиқоти дигари пурарзиши Ҳ. Назаров китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» аст, ки дар соли 1998 дар нашриёти «Дониш» дар ҳаҷми 656 саҳифа ба чоп расид, ки натиҷаи заҳмати чандинсолаи устод буд [19].

Дар пешгуфтори китоб аслан матлаб ва ҳадафи асосии муаллиф аз навиштани он ба таври возеҳ баён ёфтааст. Ҳатто барои он ки шубҳае дар номгузории он пайдо нашавад, муаллиф менависад: «Барои онҳое, ки аз таърих ва фарҳанги Хуросон ба хубӣ огоҳӣ доранд, шояд номгузорӣ беҷо ва бемаврид бошад, лекин чӣ метавон кард дар ҳоле агар муаллифони афғон дар ним қарни охир тамоми комёбиҳо ва дастовардҳои Хуросонро асосан ба афғонҳо (паштунҳо) нисбат дода, тоҷиконро ба ҷумлаи «қабилае аз қабоили паштун» ба қалам медиҳанд… нақш ва мақоми халқи тоҷикро нодида мегирифтанд» [19, 3].

Устод бешубҳа таърихдон ва муҳаққиқи бузург буд. Ба таҳқиқи фақат Афғонистон машғул нашуда, таърихи минтақаро, бахусус тоҷиконро дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода буд, ки китобҳои охиринаш гувоҳи ин матлабанд. Дар соли 1999 Ҳ. Назаров китоберо бо номи «Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён» ба муносибати 1100- солагии давлати Сомониён дар нашриёти «Ирфон» чоп намуд [20].

Дар соли 2004 асари дигари Ҳ.Назаров «К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии» [21] ва ниҳоят соли 2005 китоби «Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон» чоп шуданд [22].

Ба гуфти устод Ҳ. Назаров навиштани китоберо дар бораи қаҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳ Масъуд оғоз карда буд, аммо марги ногаҳонӣ дар таърихи 12-уми феврали соли 2006 имкон надод, ки ин кор то ба охир анҷом дода шавад. Устод Ҳ.Назаров ба қавли шогирдонаш Афғонистон ва мардуми ин кишварро бисёр дӯст медошт. Аз идомаи ҷангҳо дар ин мамлакат мисли мардумони онҳо ранҷ мекашид ва мехост таърихи воқеии ин кишвар ва мардуми онро иншо намояд.

Бешубҳа устод Ҳ. Назаров барҷастатарин шарқшинос ва афғоншиносӣ қарни XX ва ибтидои XXI мебошад, ки осори илмии ӯ ҷовидонаанд.

Ҳамин як сайри мухтасар дар фаъолияти илмию омӯзгории устод Ҳ. Назаров имкон медиҳад, хулоса карда шавад, ки дар Тоҷикистон як мактаби қавии афғонистоншиносӣ ташаккул ёфтааст, ки поягузори он Ҳ. Назаров мебошад. Маҳз дар ҳамин мактаб консепсияҳои нави омӯзиши паҳлуҳои гуногуни таърихи Афғонистон, ҷунбишҳои мардумӣ, таърихи миллати тоҷик ба вуҷуд омадаанд. На ба ҳама олимон муяссар мегардад соҳибмактаб бошанд. Олими рус В.С. Бойко устодро «классики шохаи Осиёмиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон» номидааст [6, 4].

Дар мактаби шодравон Ҳ. Назаров даҳҳо олимони ҷавони тоҷик ва афғон тарбия гирифта, ба қуллаҳои баланди эҷодӣ ва илмӣ расиданд. Бе муболиға устод Ҳ. Назаров таърихшинос ва афғонистоншиноси машҳур, инсони поксиришт ва дӯсти самимии Афғонистон буд.

### АДАБИЁТ


1. Becka I. //Archiv orentalni. -1966. -Vol.34. –P.467-469. (Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров «Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурраниҳо то ғалтидани аморати Бухоро. – Душанбе, 1963. –173 с.»)
2. Искандаров Қ. Очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии Ҳақназар Назаров /Қ. Искандаров // Ҳақназар Назаров. Маводҳо оид ба библиографияи олимони Тоҷикистон, бароришӣ 55. -Душанбе, 1993. – С.13-26.
3. Искандаров К. Краткий очерк научной и научно-организаторкской деятельности Х. Назарова / К. Искандаров //Хакназар Назаров. Материалы к библиогрфии ученых Таджикистана. -Душанбе,1993. -Вып. 55. -С.38.
4. Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон /Қ. Искандаров. –Душанбе: Амри илм, 2001.–118 с.
5. Искандаров К. Жизнь отданная науке / К. Искандаров. Афганистан и безопасность Центральной Азии / под ред. А.А. Князева. — Бишкек, Душанбе, 2006. -Вып. 3–С.3-4.
6. Искандаров Қ. Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир /Қ. Искандаров //Масъалаҳои муҳимми таърих ва фарҳанги Афғонистон. (маводи конфронси илмӣ бахшида ба ёдбуди олими шинохта, профессор Ҳ.Назаров). -Душанбе, 2014. –С.3-8.
7. Назаров Ҳ. Рӯзи истиқлолияти Афғонистон /Ҳ. Назаров //Тоҷикистони Советӣ. –1958, 27 май.
8. Назаров Ҳ. Озод ва мустақил Афғонистон /Ҳ. Назаров // Совет Тожикистони. –1959, 27 май.
9. Назаров Ҳ. В.И. Ленин дар бораи Эрон ва Афғонистон / Ҳ. Назаров //Ленинизм– бессмертное учение: Материлы юбил. сес. АН Тадж. ССР, посвящ. 90-летию со дня рождения В.И. Ленина. – Сталинабад, 1960. –С.95-106.
10. Назаров Ҳ. Аз таърихи равобити аморати Бухоро ва Афғонистон / Х. Назаров //Изв. АН Тадж ССР. Отд-ние обществ. наук. –1962. –№2. – С.17–27.
11. Назаров Х. К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистане / Х. Назаров / Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина. –Душанбе: Ирфон, 1968. –48 с.
12. Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века / Х. Назаров; отв. ред. А. Г. Слонимский; Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина. –Душанбе: Ирфон, 1968. –87 с
13. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков) / Х. Назаров; отв. ред. Б. И. Искандаров; Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленин. – Душанбе: Ирфон, 1976–262 с.
14. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX вв.): автореф. дис… д-ра ист. наук. Ин-т стран Азии и Африки при МГУ им. М.В. Ломоносова / Х. Назаров. – М., 1977. –36 с.
15. Назаров Ҳ. Омолу афкори Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ / Ҳ. Назаров; муҳаррири масъул Ғ.А. Ашӯров; Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон Шуъбаи фалсафа. –Душанбе, 1980. –105 с.
16. Назаров Ҳ. Афғонистони навин /Ҳ. Назаров, С. Мерганов. –Душанбе: Ирфон, 1982. –174 с.
17. Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане /Х.Назаров; отв. ред. А.Г. Слонимский; АН Тадж ССР. Ин-т востоковедения. – Душанбе: Дониш, 1989. –265 с.
18. Назаров Х. Саид Джамолиддин Афгани и его общественно-политическая школа /Х. Назаров; отв. ред. М. Диноршоев; АН Республики Таджикистан. –Душанбе: Дониш, 1993. –268 с.
19. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон /Ҳ. Назаров. –Душанбе, Дониш,1998. –656 с.
20. Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён /Ҳ. Назаров. –Душанбе: Ирфон, 1999. -138 с.
21. Назаров Х. К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии /Х. Назаров. – Душанбе, 2004. –103 с.
22. Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон /Ҳ. Назаров. –Душанбе: Пайванд, 2005. –492 с.


### ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ –ТАЪРИХШИНОС ВА АФҒОНИСТОНШИНОС


Дар мақола оид ба ташаккулёбии шахсияти Ҳ. Назаров ҳамчун муаррих ва афғонистоншинос сухан меравад. Омӯзиши рӯзгор ва фаъолияти илмию тадқиқотии барҷастатарин шарқшинос ва афғонистоншинос, узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои таърих, профессор Назаров Ҳақназар Назарович барои илм аҳамияти бузург дорад. Метавон гуфт, ки асарҳои маъруф ва бунёдии Ҳ. Назаров ба хазинаи тиллоии илми тоҷик ворид гардидаанд. Ҳ. Назаров саҳми бориз дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир гузоштааст. Мавсуф муҳаққиқи нозукбин, нуктасанҷ буда, дар тарбия намудани даҳҳо кадрҳои илмиии педагогӣ саҳми бузург гузоштааст. Аз тадқиқоти анҷомдодаи ӯ имрӯз муҳаққиқон ва афғонистоншиносон васеъ истифода мебаранд.



**Калидвожаҳо:** Ҳ.Назаров, муаррих, афғонистоншинос, давлати Дурраниҳо, ҷунбишҳои иҷтимоӣ, Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ, Ҳабибуллоҳи Калаконӣ.


### ХАКНАЗАР НАЗАРОВ – ИСТОРИК И АФГАНОВЕД


В данной статье речь идёт о становление личности Х. Назарова как историка и афгановеда. Жизнь и научная деятельность крупнейшего востоковеда-афгановеда, члена-корреспондента АН Республики Таджикистан, доктора исторических наук, профессора Хакназара Назаровича Назарова представляет большой интерес для научных исследований. Его крупные научные труды вошли в золотой фонд таджикской науки. Х. Назаров внес огромный вклад в изучение истории и культуры новейшего Афганистана. Он был чутким учителем и внимательным научным руководителем, воспитал много учеников, которые, получив от него глубокие знания, сами внесли весомый вклад в востоковедение. Х.Н. Назаров являлся своего рода центром притяжения для людей, связанных с Афганистаном и с афганской тематикой.



**Ключевые слова:** Х.Назаров, историк, афгановед, Дурранийское государство, социальное движение, Сайид Джамалиддин Афгани, Хабибулло Калакони.

**HAQNAZAR NAZAROV – HISTORIAN AND EXPERT IN AFGHANISTAN STUDIES**

The given article deals with personal achievements of H. Nazarov as a historian and Afghanistan expert. Life and scientific activity of an original thinker, first rate orientalist and corresponding member of the Academy sciences of the Republic of Tajikistan, doctor of history, professor, H. Nazarov are very attractive for scholars. His prominent scientific works entered the gold fund of the Tajik science. H.Nazarov made a great contribution to the development of the history and culture of the newest Afghanistan. He was a strict teacher, attentive scientific supervisor, moreover, he raised a brilliant assemblage of sectaries, who, gaining deep knowledge, made their own strong contribution to the development of oriental studies. H.N. Nazarov was a kind of attraction center for people, whose life was connected with Afghanistan studies and with Afghanistan itself.

**Key words:** H. Nazarov, historian, Afghanistan expert, Durrani state, social movement, Said Jamaliddin Afghani, Habibullo Kalakoni.

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Д.С.* -** Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель. Телефон: **987-10-36-25**. E-mail: **dovar.qodirov.88@mail.ru**

## ВКЛАД ДОРЕВОЛЮЦИОННЫХ РУССКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ В ИЗУЧЕНИЕ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ ТАДЖИКИСТАНА

***Махмадов Убайдулло***
**Кулябский государственный университет им. А. Рудаки**

Таджикистан считается страной гор, с разнообразными, климатическими условиями, географическими поясами, долинами, хребтами и пиками. В его недрах содержатся разнообразные полезные ископаемые, все это вместо взятое образует национальное богатство страны. Еще в глубокой древности территория республики была известна своими месторожденими драгоценных камней. Природные ее богатства: медь, серебро, железо, свинец, золото, ртуть, драгоценные камни: лал, лазурит, бирюза, стали более популярными приблизительно с конца XVIII в.

Это богатство послужило еще в древности причиной регулярного вторжения сюда более могущественных государств. Начиная с конца XVIII в. из-за них стали напряженными отношения промышленных стран Европы. Принципиально обострилась во второй половине Х1Х в. борьба Великобритании, как классической промышленной страны и царской крепостной Россия, только (с 1861г) ставшей на путь капиталистического развития и зависимой от промышленного сырья. В начале XX в. более суровым завоевателем Восточной Бухары и превращения ее в сырьевой придаток стала Советская Россия во главе партией большевиков.

Необходимо отметить, что страны-претенденты присвоение богатства Средней Азии начали ее изучение еще до вторжения сюда царской России. Например, русские промышленные чиновники в личных беседах и на официальных встречах часто обменялись мнениями, что Памир пригодится России как второй «Урал». А англичане оценивали богатства этого горного края еще больше. Так, английский губернатор Виктории при встрече в Пешоваре, с послом эмирата Бухары Ахмадом Донишем, затрагивая вопрос Памира, сказал: «Кто завладеет этим краем, его богатствами, обеспечит четыре и даже более великих держав».

По сведениям Б. Гафурова, во время завоевания Средней Азии весной 1870 г., в том числе Зеравшанского региона, генерал Абрамов организовал поход в горные помествия: Магиян, Фон, Киштут, Фальгар, Мастчо, Ягноб и другие, известный в истории под названием «Искандеркульская экспедиция». Цель похода заключалась в ознакомлении с Искандаркульскими верховьями Зеравшана. После осмотра местности Абрамов Генер-ал-Губернатору Туркестана, Кауфману написал: «Вся территория этой местности богата каменным углем и лесом».

Но еще в 1841 г. в Бухару прибыла научная экспедиция «специалиста по горным наукам» К.Ф Бутнева. Эта экспедиция в составе горного инженера Ф. Богословского, штейгера-Козлова, топографа Яковлева, географа Ханыкова, натуралиста А. Лемана и других дошла до Пенджикента и горных рек Зеравшана Фандарья и Ягноба.

Экспедиция К.Ф. Бутнева вернулась в Россию с замечательными сведениями. На территории Пенджикента и в верховьях Зеравшана она открыла множество месторождений угля, золота, серебра, меди, свинца, графита, бирюзы, каменной соли, селитры, серы, медного купороса и мрамора. Ею были зарегистрированы водные и гидроэнергетические запасы региона и собрана ценнейшая ботаническая коллекция. После экспедиции Бутнева достоверные данные по географии и геологии труднодоступных районов Средней Азии были доставлены в Россию учеными и путешественниками: П.П.. Семеновым-Тянь-Шанским, А..П. Федченко , А. П. Федченко, Н.А Северцовым и другими. Научное иследование П.П. Семенов-Тянь-Шанский в 1856-1857 гг. Он изучал Тянь-Шань, создал первую схему его орографии и высотной зональности, открыл мощное оледенение. Научные изучения Тянь-Шаня спустя 50 лет были отмечены добавлением к его фамилии «Тянь-Шанский».

В 1868-1871 А.П. Федченко, путешествуя по Средней Азии, дошел до Алайской долины и стал первооткрывателем Заалайских горных хребтов. Согласно сведениям Б. Гафурова, в состав

Искандаркульской военной экспедиции, организованной генералом Абрамовым, вошли ученые: А.Ф Федченко – природовед, А.К. Мышенков – геолог, Л.Н. Соболев - фотограф и другие. Задача ученых заключалась в изучении природных запасов верховьев Зеравшана.

После присоединения Ферганы к России, в августе 1876 г. губернатор Ферганы генерал Скобелев с целю демонстрации военной мощи русской армии, в составе небольшого отряда организовал свою экспедицию. Экспедиция, в состав которой вошли также ученые географы, природоведы и звездочеты, таких как Л.Ф. Костенко, В. Ф. Ошанин, А.Р. Бонедорф и еще несколько человек через Алайскую долину, отправилась в предгорья Памира. Отряд, переходя перевал Терсагар и минуя хребты, все редкости здешней природы. На юге Заалайской долины открыли три высочайшие пика (которые назвали именем Ленина, затем В.И.Ленин и Академии Наук и ныне Исмоили Сомони) под ними заметили также мутную золотоносную речку, Мургоб (по-киргизски Мукс) с тремя притоками: Сауксой, Каинди и Селсой.

В другой, сравнительно новой, исторической работе отмечено, что в 1877 году пребывала сюда специальная научная экспедиция во главе с геологом И.В. Мушкетовым. Вслед за Мушкетовым побывали в Каратегине, Дарвазе, Памире, Вахане и других прилежащих к ним районах ученые Б.Л. Громбачевский, В.Ф. Ошанин, А.П. Федченко, Г.Е. Грум –Грижимайло, А.Е. Регел. Они смогли заметить из природных богатств, особенно водных источников, составляющие гидроэнергетических ресурсов Таджикистана, это были важние сведения.

По данным авторов последней работы, известный исследователь Восточной Бухары, член Гиссарской экспедиции – В.И Липский три раза - в 1896, 1897, 1899 годы -совершал путешествия по всем районам Каратегино-Памирской горной системы. Результаты своих исследований зафиксировал в книге «Горная Бухара». В 1897 г. по перевалу Вахе он побывал на подступах к пику Петра (Исмаила Сомони) и ледника Федченко. Собрал много ценных фактов и сведений о разных компонентах, образующих энергетическое богатство страны. Примерно определил высоты гор, площадь ледников, длины рек, объем воды и озер.

Группа В.Ф.Ошанина в составе трех специалистов, наряду с изучением животного мира и растительности, составила еще топографическую карту местностей вдоль реки Сурхоба до места, где берет начало долина Алая. В карте обозначали множество рек и ручейков, вытекающих по обе стороны реки Сурхоб из высоких Памирских и Зеравшанских гор.

В 1906 г. составление чертежа горной системы Петра Великого было начато членами экспедиции немецкого исследователя Влям Рикмер-Рикмерсом. В том же году членами экспедиции были открыты две самых крупных вершин горной системы Петра 1 Лулихарф и Аджики, а третью вершины на противоположной строна реки Мугоб в 1910 г. открыл русский путешественник Н.Л. Корженевский. Позже Корженевский в воспоминаниях написал: «Я эту могучую вершину назову именем Евгений Сергеевны Корженевской, как истиную признательность за непосредственную ее причастность к моим путешествиям».

В 1913 г. немецкие исследователи вторично вернулись сюда и продолжили работу над чертежом горной системы Петра Первого и по результатам исследования подготовили книгу «Введения геологии западного Туркестана», которая была опубликована в 1923 г. в Ташкенте. Согласно сведениям этой книги, немецкие исследователи в названной горной системе открыли ряд новых вершин, вершины «Сандал», с высотой примерно 7 050 м., Сагуна и неизвестную вершины высотой пять тысяч. Кроме В.И.Липского о природных ресурсах энергетических и на земных богатых ископаемых Восточной Бухары писали и другие русские исследователи. К их числу относятся работы Г.А.Арандаренко – «Каратегин», «Дарваз и Каратегин», В.Ф. Ошанин – «Дарваз», Д.И.Логофет – «Страна без права», К.А.Абрамов – «Вспоминание о стране Каратегина» и многие другие.

Таким образом, в научных, промышленных и торговых сферах царской России стало известно о природных богатствах горных районов современного Таджикистана, которые еще с древности послужили причиной набегов врагов и принесли много бедствий и страданий его населению. Для внешней политики царской Россией и Англии, они стали причиной геополитического и стратегического интереса к Средней Азии в XVII-XIX вв.

Цель столь повышенного внимания Правительства царской России к природным богатствам регионов Средней Азии вкратце определена известным исследователем Восточной Бухары - В.И.Липским. Он писал, что «…есть много причин нашего большого и разностороннего интереса к Средней Азии, как по отношению к природе страны, представляющей из себя обетованную землю для натуралиста, классическую страну геологии, так и по отношению к живущим в ней народам, с особым патриархальным, близким к первобытному, укладом жизни, религией, языками и т.д.

Сюда же надо отнести и политический интерес. Владея Средней Азии, мы являемся вершителями судеб значительной части Востока. Надо осознать, что в наших руках маленький клапан великих мировых событий, что на нашу долю выпала великая культурная роль. Не может не быть приятно: слово «русский» в Средней Азии есть пока синоним чего-то великого, могучего и справедливого, но вместе с тем это звание налагает на нас обязанность изучать и знать Среднюю Азию». Эти высокопарные, глубоко эгоистичные слова ученого, но не историка, знакомого с историческим складом быта и культуры народов региона, в какой -то

мере послужили определением царскому Правительству и новым промышленным кругам России для колониальной политики на ее территории, выражающей в лозунге: «Разделяй и властвуй!». Построить железные дороги и водные пути, чтобы вагонами и баржами отправить на свои предприятия побольше сырья. Открыть банковские отделы, чтобы ограничивать деятельност местных торговцев и деловых кругов. Бухарский эмират, ставший митрополией России, был лишен торговых и политических отношений за рубеже. Хозяев региона считали «туземцами» и разжигали между регионами и народами этническую национальную рознь.

Так, с целью эффективного использования земель региона в пользу промышленности России при Генерал-губернаторстве в 1895 г. создавалось «Земельное общество». Главное цель общества была направлена на выращивание технических культур, фруктов, пригодных для производства вина и водочных изделий и тонкорунных овец. «Земельное общество» в свою очередь образовало отдельный хлопковый комитет, занимавший районированием новых американских сортов хлопчатника и развитием хлопководства. Как показала практика, этот сорт хорошо выращивалося в Таджикистане, на землях Вахшской долины. Поэтому промышленные круги России в 1900 г. заключили договор с эмиром Бухары, о проведении ирригационных работ до 1916 г. на землях долины реки Вахш. на самом деле не проводя никаких мелиоративных работ, в 1915 г. присвоили в Кургантюбе -65, Кубодиёне -10 и в Айвадже – 5 тыс. га готовых мелиорированных земель Начиная с этого периода хлопководство в Вахшской долине, потесня множество видов сельскохозяйственных культур, стало одной из ведущих отраслей аграрного сектора. Но русские плантаторы на выращивание хлопчатника использовали водные ресурсы, без особых затрат средств. Свои плантации они орошали старыми ирригационными каналами Джуйбор и Джиликул, которые обеспечивали водой лишь 37 тыс. гектаров.

Что касается употребления электроэнергии, то в промышленных городах Худжандской губернии первые дизельные электростанции были сооружены еще в 1894, 1904 г. мощностью 48 кВт, лишь для освещения административных зданий жилищ русских чиновников и больниц. А в Хороге в 1914 г. Памирский военный отряд во главе с А. Шпилко построил первую маленькую электростанцию на территории Таджикистана. 5 августа этого же года А. Шпилко в своем рапорте начальнику штаба Туркестанского военного округа писал: «С первого июля 1914 г. керосиновое освещение Хорогского поста Памирского отряда заменено электричеством. Пост освещается 2 дуговыми фонарями по 900 свечей каждый и 88 лампочками. Мельница дает умола 15 пудов зерна в час. Машины, трубины и мельница работают вполне исправно».

В 1903 г. на площадке «Селроха» (русло селевого потока) в Канибадамском районе, с глубины 248 м вышел наружу фонтан нефти, высокого качества, что послужило началом нефтепоисковых работ на территории Худжандской губернии. В 1913 г. на всей территории губернии уже было выявлено более 10 месторождений нефти. В результате число промышленных предприятий стало более 29, в том числе 11 по добыче нефти, каменного угля и озокерита, 8 хлопкоочистительных установок, 4 небольших предприятия по добыче соли, 2 винодельческих завода. Среди них самым крупным предприятием являлся нефтепромысел, на котором работали 156 рабочих и специалистов, а во всех названных предприятиях работало 838 человек. Эти предприятия вместе взятые именовались «Среднеазиатское нефтяное товарищество («САНТО», потом стало КИМ). Его организовал Суханов, который разработал и установил нефтяные скважины. В результате в 1909 г. увеличился объем добычи нефти. К 1915 г. производство нефти с 18-19 тыс. увеличилось до 19,1 тыс. тонн. Эти предприятия работали на дизельной электрической установке мощностью 40 кВт. А население других зон Таджикистана, особенно горных районов, не имело представление об электричестве.

В целом, ко времени восстановления Советской власти в Восточной Бухаре, на основной части которой образовалась Таджикская республика, почти вся территория была охвачена поисковыми работами российских, европейских и восточных специалистов разного ранга. Ими были подготовлены сведения о комплексе основных природных богатств края. Проведенные исследования охватывали области географии, геологии, минералогии, зоологии, ботанические редкости и полезные ископаемые.

Например, в опубликованной А.А. Андреевым карте полезных ископаемых Туркестанского края в 1912 г. были отмечены 30 месторождений полезных ископаемых на территории нынешнего Таджикистана. По геологии и полезным ископаемым Таджикистана более полные сведения содержались в работах Д.И. Мушкетова, В.Н. Вебера, Я. С. Эдельштейна, С.Н. Михайловского, и Д.В. Наливкина. Этими учеными была создана также геологическая карта Туркестанского края в масштабе 3о верст в одном дюйме.

Другими учеными был собран огромный материал о водных, водно-энергетических, земельных ресурсах и климатических условиях долин Таджикистана, благоприятствующих развитию всех отраслей сельского хозяйства, особенно хлопководства.

Вышеизложенный материал является лишь краткой справкой, подтверждающей факт существования колоссальных научных материалов и сведений о природных богатствах Средней Азии и Таджикистана до Советской власти. Они были подготовлены не только русскими дореволюционным исследователями, но и европейским отделом секретных служб и

путешественниками. Эти материалы и сведения послужили основой колониальной политики царизма в Средней Азии, принесли бесчисленные доходы его промышленным кругам и стали путеводителем советских научных экспедиций по всем зонам Таджикистана по определению его производительных сил. Большинство ученых, выступающих на Первой Таджикской Конференции, как непосредственные участники этих открытий, опирались и на их сведения. К их числу можно отнести Н.П. Горбунова, Д.Н Щербакова, Д.В.Наливкина, А.И. Эстрина и других.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Адабиет ва санъат. -1989. -№3, 30 августа; Таджикистан. - 1998. -№ 10. -С 25.
1. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Кн. 1. -С. 170.
2. Федченко А.П. Географический очерк Зерафшанской долины и заметки о соседних бекствах и памятниках Самарканда (с картой Зеравшанской долины) / А.П. Федченко // Известия общества любителей обществознания. – СПб., 1870. -С. 38.
3. Ханыков Н.В. Пояснительная записка в карте Аральского моря с окрестностями / Н.В. Ханыков // ЗИРГО. - СПб., 1851. -С 56.
4. Сверцов Н.А. Путешествие по Туркестанскому краю / Н.А. Сверцов. - М., 1947. -С.78; Орфографический очерк Памирской горной системы // Записки РГО. -СПб., 1886. -С. 52.
5. Гафуров Б. Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б. Г. Гафуров. -Душанбе: Ирфон, 1998. - Кн. 2. -С. 170.
6. Липский В.И. Горная Бухара / В.И. Липский // Гиссарская экспедиция 1896. -СПб., 1902. -С. 7.
7. Иркаев М.И. История гражданской войны в Таджикистане. –Душанбе: Ирфон, 1969. -С. 147.
8. Хусейнов А. Исторические аспекты изучения и освоения топливно-энергетических ресурсов Таджикистана (до периода независимости Таджикистана) / А. Хусейнов Т. Наджмуддинов. - Душанбе, 2013. -С.10.
9. История Горно-Бадахшанской автономной область. С древнейших времен до новейшего периода. -Душанбе, 2005. -С. 392.
10. Хоналиев Н. Экономическая история и концепции развития промышленности Таджикистана / Н. Хоналиев. - Душанбе, 2010. -С. 21.
11. Наливкин Д.В. Очерки геологии Туркестана / Д.В. Наливкин. - М., 1925. -С. 42.

**САҲМИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОИНҚИЛОБИИ РУС ДАР ОМӮЗИШИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақола масоилҳои саҳми муҳаққиқони тоинқилобии рус дар омӯзиши захираҳои табиии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳудуди ҷумҳурӣ аз қадимулайём бо конҳои сангҳои қимматбаҳо, мисс, нуқра, оҳан, тилло ва дигар захираҳои табиӣ машҳур буд. Ҳамин тариқ, муаллиф дар асоси сарчашмаҳо ва асарҳои илмии як қатор муҳаққиқон бо тартиби хронологӣ ҷойгоҳи муҳаққиқони русро аз рӯи самтҳои гуногуни илмӣ дар омӯзиши захираҳои табиии Тоҷикистон ошкор намудааст .

**Калидвожаҳо:** Осиёи Миёна, Тоҷикистон, табиат, захираҳо, муҳаққиқони рус, конференсия.

**ВКЛАД ДОРЕВОЛЮЦИОННЫХ РУССКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ В ИЗУЧЕНИЕ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ ТАДЖИКИСТАНА**

В статье освещаются проблемы вклада дореволюционных русских исследователей в изучение природных ресурсов Таджикистана. Автор отмечает, что территория республики еще с древности была известна, месторождениями драгоценных камней, меди, серебра, железа, золота и других природных ресурсов. Таким образом, автор на основе источников и научных работ ряда исследователей в хронологическом порядке выявил место дореволюционных русских исследователей разных научных направлений науки в изучении природных ресурсов Таджикистана.

**Ключевые слова:** Средняя Азия, Таджикистан, природа, ресурсы, русские исследователи, конференция.

**THE CONTRIBUTION OF PRE-REVOLUTIONARY RUSSIAN RESEARCHERS IN THE STUDY OF NATURAL RESOURCES OF TAJIKISTAN**

The article discusses problems of the contribution of the pre-revolutionary Russian researchers in the study of natural resources of Tajikistan. The author notes that the territory of the Republic since ancient times was known as deposits of precious stones, copper, silver, iron, gold and other natural resources. Thus, the author based on sources and scientific works of several researchers in the chronological order revealed the location of pre-revolutionary Russian researchers from different scientific fields in the study of natural resources of Tajikistan.

**Key words:** Central Asia, Tajikistan, nature, resources, Russian researchers conference.

**Сведения об авторе:** ***Махмадов Убайдулло*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, ассистент кафедры истории таджикского народа. Телефон: **(+ 992918429524)**, E-mail: **nsadi79@mail.ru**

# МАҒОРАИ ҚУМТЕППА

***Файзов М.Ф.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар Тоҷикистон қароргоҳ ё мавзеъҳои асри санг хело кам вомехӯранд. Вале аҳён-аҳён чунин мавзеъҳо аз тарафи бостоншиносон кашф шуда истодаанд, ки яке аз онҳо мавзеъҳои мустерии Оғза Кичик дар ноҳияи Данғара ва дигаре пешайвони Оқ-Тангӣ дар нишебиҳои қаторкӯҳҳои Туркистон мебошанд.Дар солҳои 70-и асри XX дар Ҷануби

Тоҷикистон, махсусан дар ҳудудҳои миёнаи дарёи Вахш (Ёвон, Норак, Данғара) якчанд мағора, қароргоҳ ва мавзеъҳои асри санг кашф карда шудаанд. Аз ду мағора-Оғза Кичик ва Қумтеппа боқимондаҳои маданияти дунёи қадим ва давраи асрҳои миёна пайдо шуданд. Мағораи Қумтеппа дар минтақаи обанбори Норак, аниқтараш дар соҳили чапи дарёи Вахш, дар мавзеи собиқ деҳаи Қумтеппа воқеъ аст. Ҳоло мағораи Қумтеппа дар зери оби ғафси Неругоҳи барқии обии Норак ниҳон мебошад. Ин маҳал ҳанӯз соли 1963 аз ҷониби археологи тоҷик А.Х. Юсупов таҳқиқ шуда буд. Соли 1971 отряди бостоншиносии Норак бо мақсади муайян намудани стратиграфия (қабатшиносӣ ё чиншиносии замин)-и мавзеи Қумтеппа озмоиш (шурфа) мегузаронад. Мағора бо регзори сурхи неогении тағйирёфта, ки қабатҳои он аз ҷануб ба шимол мерафтанд ва бо қаторкӯҳи Вахш ҳамшафат буданд, рост омада буд. Шохаҳои адирҳо ба водӣ даромада, онро ба ду қисм ҷудо кардаанд. Нимаи якуми водӣ аз гардиши дараи Пули Сангин оғоз ёфта, аз худи адири назди қишлоқи Талкаш ба охир мерасид. Дар ин водӣ бошишгоҳҳои кашфгардидаи маданияти Ҳисор, Тутқавул ва Сайёд ҷойгиранд. Масофа аз мағораи Қумтеппа то қароргоҳи археологии Сайёд 4 км аст.

Нимаи дуюми водӣ аз шарқи қишлоқи Талкаш сар мешавад. Дар ин қисмати водӣ майдони Кӯли-Сӯфиёнро давр зада, ҷойгир шудааст. Тақрибан, дар 1 км аз ҷанубу шарқии мағораи Қумтеппа маскани кашфгардидаи маданияти Ҳисор – Қумтеппаи археологӣ ҷойгир мебошад, ки ба Хукдара рост афтодааст.

Мағора дар натиҷаи шуста бурдани соҳили чапи дарёи Вахш дар ибтидои замони 4-ум ба вуҷуд омада, баъдан аз ҳисоби протсесси бодлес ва нестшавии хок васеъ мегардад. Дар поёнтари мағора, дар масофаи 10-15м дар нишебиҳо конуси қадими оборварда бо шағалҳои аз дарё рехташуда боқӣ мондааст. Баландӣ аз сатҳи водӣ 20-25 м мебошад. Дар солҳои 60-и асри XX мағора бо харсангҳои лунда пур буданд, ки онҳо дар вақти тағйиротҳои тектоникии қишри замин аз равоқ афтидаанд.

Мағора ба тарафи шимол баромадгоҳ дошта, дар намуди камоншакл 13,5м - фаррохӣ, 13м - чуқурӣ ва 4 м баландӣ дорад. Дар охири қисмати манзилгоҳ мағора ба андозаи 1,5м тангтар мешавад. Дар даромадгоҳи мағора майдончае бо фаррохии 2м ва 30м дарозӣ вуҷуд дорад, ки аз шарқ ба ғарб нишеб аст. Майдонча намуди вайрона дошт. Замин ё фарши мағора аз пӯсиши растаниҳо тираранг гашта, регсанҳои зиёд дар рӯйи хоки он дида мешуд. Шифти мағора ноҳамвор буда, бо дуд сиёҳ гаштааст. Аз рӯйи нақли сокинони маҳаллӣ, то солҳои 60-и асри XX дар дохили мағора чорвои мардумро дар зимистон нигоҳубин мекардаанд.

Барои муайян намудани стратиграфия, яъне қабатҳои замини мағора дар даруни он 3-озмоиш (шурф) гузаронда шудааст. Озмоиши якум дар миёнҷои мағора ба андозаи 5,6 х 1,2м бо мавқеъгирӣ аз шимол ба ҷануб иҷро мегардад Дар қисмати ҷануб чуқурии ҳафриёт ба 0,85м мерасад, ки аз он ҷо харсанге бо нишебӣ ба шимол намудор мешавад. Дар қисмати шимол, дар чуқурии 1,95м қабати замини маданӣ ёфт гардид, ки ба асри санг тааллуқ дорад.

Озмоиши дуюм бо мақсади васеъ кардани майдони кофтуков гузаронида шуд. Ин ковиш дар баромадгоҳи мағора, дар канори шимоли озмоиши якум иҷро карда мешавад. Масоҳати ин ҳафриёт 3,5 х 1,5м-ро ташкил медод. Бо пайваст гардидани ҳафриёти дуюм аз қисми шимолӣ, дарозии озмоиши якум аз шарқ ба ғарб ба 7,1 мерасад. Дар қисмати шарқии ковиши дуюм, дар чуқурии 1,60 м ва дар қисми ғарбӣ дар чуқурии 1,5м харсангҳои калони сурхчатоб пайдо шуданд.

Хулоса, ҳафриёти дуюм то чуқурии 1,95м расонда нашуд. Чунки ин харсангҳои калон дар болои қабати замини маданӣ истода буданд. Пешбурд ва васеъшавии масоҳати кофтуков имконнопазир мегардид, барои он ки харсанги калоне, ки дар мобайни мағора хоб буд, ба ҳафриёти дуюм халал мерасонд. Аз ин сабаб маҷбур шуданд, ки ҳафриёти сеюмро дар чуқурии мағора, мувозӣ бо озмоиши дуюм дар фосилаи 2м гузаронанд. Озмоиши сеюм бо хафриёти якум пайваст гардида, дарозии он ба 4,5м ва бараш ба 1,2м мерасад. То чуқурии 1,2м рафта мерасанд, ки аз пеш харсанг мебароянд. Стратиграфия, яъне қабатшиносии замин, дар ҳамаи се ҳафриёт шабоҳат доранд. Ҳамчун асос барои тасвир ва муайян кардани қабатҳои хок буриш ё ҷойи чоки замини қисмати ғарбии озмоиши якум гирифта шуд. Дар мобайни буриш қабатҳои болоӣ то 60 см фурӯ хамидагӣ

буданд. Ин фурӯравиҳо дар натиҷаи афтиши харсангҳои азим аз шифт ба вуҷуд омадаанд. Қабатҳои хок як хел аст. Ҳадду сарҳади байни қабатҳои заминро ҷудо намудан душвор буд ва танҳо аз рӯйи ранг онҳо фарқ карда мешуданд. Баъзе қабатҳои хок равшан ва баъзеи дигараш сиёҳи хокистардор. Ашёҳои ёфтшуда аз чуқурии то 40 см ба давраи охири асрҳои миёна мансуб доранд. То 1,5м бозёфтҳо бо маснуоти давраи атиқа омехта ба даст меомаданд. Дар ин қабатҳо маснуоти зиёди кӯлолӣ, сафолӣ, тахтасангҳои оҳакӣ мавҷуд буданд, ки барои мустаҳкам намудани фарши хона, сохтани оташдонҳо истифода шудаанд. Қабати замине, ки ба давраи сеюми асри санг-неолит таллуқ дошт, аз ҳама поён ҷойгир буд (аз 1,5м то 1,95м). Масоҳати майдони кушода гашта ва ошкоршуда – 0,60 ҳ 0,30м-ро ташкил медод.

**Тасвиру баёни қабатҳои замин:**

1. То 15см ғафсӣ - хоки тираранг ва хушк буд, ки ба замони мо рост меояд.
2. То 5-10см – регхоки равшани қаҳваранг хоб буд, ки аз он бозёфт пайдо нагардид.
3. То 3-5см дар ин қабати замин хоки сиёҳ ва хокистари тираранг вуҷуд дошт, ки дар баъзе ҷойҳо ғафсиаш то ба 10-15см мерасид.
4. Дар қабати замини чорум то 3-15см хокистар зиёд буд. Баъди хокистар қабатҳои хурди регсангҳои таровида ғуншуда баромад, ки 3-5см ғафсӣ дошт.

Баъд аз қабати регзор кабатҳои тунуки хокҳои гуногунранг чун варақҳои китоб хоб буданд.

5. Дар ин қабати замин, то 1м хоки хокистарранг дар омезиш бо ангиштсанг пайдо гашт.
6. Дар қабати шашуми замин, то 1,95м қабатҳои ангиштсанг кушода шуданд, ки қисми болоии онҳоро қабати хокистар пӯшонида буд. Бозёфтҳо аз зери қабатҳои маданӣ пайдо гардиданд.

Ба ҳамин тариқ, дар ҷараёни кофтуковҳои археологӣ бозёфтҳои ин мавзеъҳои гуногун, то қабати замини неолитӣ ҷойгир буданд. То қабати замини панҷум дар байни маснуоти дарёфтшуда аз ҳама зиёд шикастпораҳои ашёҳои кӯлолӣ ва сафолӣ дида мешуд, ки ба давраҳои қадим ва асрҳои миёна таллуқ доранд. Инчунин боқимондаҳои устухонҳои ҳайвоноти хонагӣ ҳам зиёд буданд. Дар қабати чоруми хок миқдори зиёди хокистар бо шикастпораҳои шағалҳои оташдон ва маснуоти сафолӣ пайдо гаштанд. Ашёҳои кӯлолгарӣ ва сафолӣ 3-намудро ташкил медиҳанд:

1. Тунук, тунукдевор, ки ба воситаи доираи кӯзасозӣ сохта шуда, нақшу нигор дорад.
2. Порчаҳо аз зарфҳои тунуксохт бо омехтаи дурушт.
3. Кӯлолгарӣ аз рӯйи нусха ё қолаби газвор.

Асбобҳои оҳанин ҳам мавҷуд буданд, ки дар байни онхо ҳалқаҷои калони оҳанӣ ба узангу ва риқоб монанд ҳастанд.

Дар қабати панҷум маснуоти кӯлолӣ - сафолӣ ба охир расида, шикастапораҳои шағалӣ оғоз меёбад. Дар ин замин ҳам чун дар қабатҳои болоӣ боқимондаҳои оташдонҳо ва устухонҳои ҳайвонот вомехӯрданд.

Дар қабати замини шашум бокимондаҳои олоти сангӣ ёфт гардиданд. Аз чақмоқсанг барои тайёр намудани асбобҳои сангӣ истифода шудааст.

Ҳамаи олотҳои ёфташуда аз шикастпорасангҳои шакли мувофиқдошта (отшепҳо) сохта шудаанд. Онҳо аз 3 то 5 см андоза доранд. Чор олоти боқимонда аз дигар ҷинсҳои кӯҳӣ ва ду асбоб аз туфсанг чақмоқ сохта шуда буд. Онҳо дар шакли белча (скребло) сохта шудаанд. Чунин белчаҳо се то аст. Яке аз туфсанги чақмоқӣ ранги сиёҳ дорад. Дар майдончаи зарбазанӣ қарахш ва қарқ боқӣ мондааст. Дунгичаи зарбазан нағз намудор мебошад. Пуштаки он дунишеба буда, нимае аз он васеъ ва ҳамвортар, ки ин қирраи коршоям ҳисоб меёфт. Дами теғи он тез буд. Андозааш 3,9 х 3 ва 1 х 2см.

Белчаи дуюм ҳам аз туфсанги чақмоқии сиёҳ сохта шуда, ба шикастпораи қабатноки он монанд аст. Белча шакли секунҷа дошта, дар қисмати поёнии майдончаи зарбазан чойгир буд. Дар он қарқ боқӣ мондааст. Пуштак дунишеба. Қисмате аз пуштак, ки ҷойи корбарӣ ҳисоб меёфт, бо нишебии хамгашта такмил дода шуда буд. Андозаи он 4,1 х 2см.

Олоти сеюм – белчаи дутарафа аст, ки аз шикастпорасанги кабатноки порфирит сохта буданд. Майдончаи зарбазан тағйир ёфта, дунгии зарбазан дар он дида мешуд. Пуштаки он дунишеба. Қирраи ин асбоб, ки ҷойи асосии истифодабарӣ ҳисоб меёфт,

такмил дода шудааст. Ин олот ба маснуотҳои Тутқавул монандӣ дорад. Андозаи он 4,5 х 2, 8х1см. Ду белчаи охирон аз порфирит (як навъи санги кӯҳии бекварс)-и андак сабзранг бо қирраи коршоями дарозрӯя сохта шуда буданд. Дар майдончаи зарбазан қарахшу чирк боқӣ мондааст. Пуштаки яке аз онҳо сенишеба ва аз дигаре дунишеба буд. Қирраҳои корӣ дар онҳо ислоҳ нашудаанд ва шакли онҳо олотҳои маданияти Ҳисорро ба ёд меоранд. Аниқтараш онҳо ба асбобҳои бошишгоҳҳои Тутқавул ва Сайёд монанд ҳастанд.

Махсусан нусхаи диққатҷалбкунанда масолеҳи ёфтшудае гардид, ки барои сохтани асбоби секунҷаи дарозқирра пешбинӣ шудааст. Майдончаи зарбазани он тунук. Тарафи муқобил ғафстар ва тез. Дар канораҳои он осори ислоҳоту дигаргунӣ дида намешавад. Масолеҳ аз туфсанги сиёҳу хокистарранг тайёр карда шудааст. Андозаҳои он – дарозиаш 5см, бари қисми васеаш 2,1см, қисми борикаш 0,4 см, ғафсии миёнаҷояш 0,6 см.

Дар байни асбобҳои ёфташуда як шикастпорасанги (отщеп) чақмоқӣ, ки ранги қаҳвагӣ дорад, дар шакли секунҷа ва пуштаки дунишеба мавҷуд аст. Ин асбоб ба олотҳои маданияти Ҳисор шабоҳат дорад. Хулоса, ҳамаи ин маълумотҳоро ҷамъбаст намуда, гуфтан мумкин аст, ки мағора дар натиҷаи ҳаракат ва таъсири дарёи Вахш ба вуҷуд омада, баъдан бар асари тағйиротҳои тектоникии қишри замин фурӯ меравад. Дар давраҳои баъдина, дар давоми ҳазорсолаҳо дарёи Вахш бо ҷараёни худ дар даромадгоҳи мағора соҳилро зина ба зина баланд мекунад. Вахши имрӯза тадриҷан чуқур гардида, соҳилҳои он аз ҳисоби обовардҳо ва ғуншавии зардхоки хокистарӣ зина ба зина баланд мешавад.

Ёдовар мешавем, ки дар қатори мағораи тасвиршудаи мо дар қисмати шимолу ғарбии харсангҳо айвоне мавҷуд аст, ки давоми мағора мебошад. Дар он одамони қадим зиндагонӣ мекарданд. Эҳтимолан, дар он даврони дур тағйиротҳои геологӣ рух додаанд, ки боиси фурӯравиҳои калон мешавад. Чунин протсесс дар бошишгоҳҳои Сайёд ҳам ба амал омада буд. Ин ҳодисаҳо одамонро маҷбур месозад, ки ҷойҳои ободкардашударо тарк кунанд ва дар майдончаҳои кушоди назди соҳили об ҷойгир шаванд. Масканҳои археологӣ нишон доданд, ки аз ибтидо шароитҳои хуби географӣ ва табиӣ қароргоҳҳои зисти одамон интихоб мешудаанд.

Дар асоси маҷмӯи олоту маснуоти ёфташудаи мағораи Қумтеппа ва техникаи коркарди онҳо, ин маскани археологӣ ва бозёфтҳои онро ба маданияти Ҳисор дохил кардан мумкин аст, ки дар он баъзе унсурҳои маданияти мезолитӣ ҳам боқӣ мондаанд.

## АДАБИЁТ


1. Ранов В.А. Работы по каменному веку Таджикистана в 1971г./ В.А. Ранов, В.А. Жуков, А.Х. Юсупов. - УСА, вхп.2, Л., 1972. -С.31-33.
2. Литвинский Б.А. Раскопки навеса Ак-Танги в 1959 / Б.А. Литвинский, В.А. Ранов. – АРТ, вхп. 7 (1959). - Душанбе, 1961. -С.30-49.
3. Юсупов А.Х. Стоянка Кумтеппа / А.Х. Юсупов. - МКТ, вхп. 1. -Душанбе, 1968. -С.46.
4. Геологические определенные пещеры сделано О.В. Головиным, А.Х. Юсупов. Указ. соч.
5. Материалы по истории и истории культуры Таджикистана. Ответ. Редакторы: член-корреспондент А.Н. Тадж. СССР – Н.Н Нематов, канд. ист. наук –М.Алиджонов и В. Ранов. – Душанбе: Дониш, 1981. - 350с.


## МАҒОРАИ ҚУМТЕППА


Муаллиф дар мақолаи худ доир ба бошишгоҳи Қумтеппа маълумоти мухтасар дода, лаҳзаҳои коркарди ин бошишгоҳро баррасӣ кардааст. Муаллиф бо забони сода доир ба ин бошишгоҳ маълумот дода, ҷойгиршавӣ ва ҳудуди оғоз кардани омӯзишро дар ин бошишгоҳ, характеристикаи ин бошишгоҳро баррасӣ кардааст. Инчунин, дар мақола характеристикаи техникии ин бошишгоҳ пешкаш гардидааст.



**Калидвожаҳо:** асри санг, бостоншиносӣ, Қумтеппа, стратиграфия, скребло, Тутқавул, Сайёд, Ҳисор, А.Юсупов.


## ПЕЩЕРА КУМТЕППА


В статье освещается найденные археологические памятники в Кумтеппе. Автор перечисляет разнообразные находки, которые были обнаружены археологами на протяжении длительного времени. Автор показывает трудные условия и использованные методы раскопок во время работе в данном районе. Также автором дана техническая характеристика данной пещеры.



**Ключевые слова:**каменный век, археология, Кумтеппа,стратиграфия,скребло,Туткаул,Сайёд,Гиссар, А.Юсупов.


## QUMTEPPA PARKING


The author in this article informed about Qumteppa parking, which was worked by tajik archeologist A.Yusupov. We can say that, this article wrote with simply language and informed about location,territory, the chronology, and distinguished with Tutqavul, Sayod, Hisor parking. The article offer to readers all characteristic of this parking



**Key words:** Qumteppa, tajik archeologist, Tutqavul,Sayod, Hisor, A.Yusupov.



**Сведения об авторе:** ***Файзов М.Ф.*** - Таджикский национальный университет, соискатель. Телефон: **917-50-38-46**

# ҚОЗИЁТИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

***Аслонов Х.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Он гуна ки аз манобеи таърихӣ ва адабӣ бармеояд, яке аз масоили муҳимми илмӣ, омӯзиши таърихи судҳои қозигӣ (кадигӣ) дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон мебошад. Аслан, додгоҳи қозигӣ (кадигӣ) дар амал як институти махсуси қудратии адолати суди исломӣ буда, муфассирин ва муаррихин пайдоиши онро ба давраи халифагии Умар ибни Хаттоб (р) (634-644) мансуб медонанд. Аввалин қозиҳо (кадиҳо) аз тарафи Умар (р) дар Мадина, Басра ва Кӯфа таъйин шуда буданд ва аз ибтидои пайдоиши ислом ин вазифа ба ҷойи масъулони ҳакаму ҳокимони арабии тоисломӣ омадааст. Аввалин қозии таъйиншуда ҳаками қабилаҳои атрофи Кӯфа Шурайх ал-Киндӣ будааст [2,25,264].

Ҳакам вожаи арабӣ буда, маънояш ҳукмкунанда мебошад, инчунин ба маънои доно, донишманд, оқил, хирадманд, мутафаккир, довар ҳам фаҳмида мешавад. Таъсири ҳакамон дар асри VII хеле зиёд будааст. Ин таъсирро аз воқеаи соли 657 м. – Сиффин ба суди ҳакамӣ розӣ шудани Алӣ (р) пай бурдан душвор нест **(Дар бораи мавқеи ҳакамон ба китоби «Таърихи сиёсии хилофати араб аз хулафои рошиддин то ба Мансури Давониқ» - и муаррих Н. Ҳакимов муроҷиат шавад)**.

Қозӣ (ак-кадӣ) дар луғат ба маънои қазоваткунанда омадааст, дар истилоҳ ҳамчун таъйинкунанда, ҳукмкунанда, ҳукмбарор буда, дар таҷрибаи исломӣ унвони амалдори судист. Яъне, қозӣ мансабдори шаръиро гӯянд, ки масъалаҳои баҳсноки ҳуқуқӣ ва ҷиноятҳои содиршударо, ки дар ҷомеаи мусалмонон ба миён меомаданд, аз рӯйи қонунҳои шариат ҳал менамуд. Дар садаи VIII вазифаи қозиюлқузот (қозикалон) ба миён омад. Қозикалон суди олӣ ба шумор мерафт, ки сардори ҳамаи қозиҳо буд. Дар ҳуҷҷатҳои расмӣ «шариатпаноҳ» сапб мешуд [25,909]. Қозӣ аз ҷониби халифа ва баъдан аз тарафи роҳбари давлати мусалмонон-амир ва ё хон таъйин мешуд.

Дар аморати Бухоро қозӣ барои ҳар бекигарӣ бо пешниҳоди қозикалон аз тарафи амир якумра таъйин мешуд. Қозиҳо бо халқ ҳеҷ вобастагие надоштанд ва дар назди халқ аз кори худ ҳисобот ҳам намедоданд. Одатан, қозӣ мустақил буда, бевосита ба амир ва қозикалон итоат мекард. Дар сурати иҷро накардани манфиатҳои амиру қозикалон аз мансаб сабукдӯш карда мешуд. Ҳамаи корҳои маҳкамаро танҳо худи қозиҳо дар асоси шариати исломӣ баррасӣ мекарданд. Ҳукму қарори қозиҳо шикоятнопазир буд, онҳоро танҳо амир ва ё хон бекор карда метавонист [18,10]. Яъне, ҳар шахсе, ки беадолатии қозиро дар худ эҳсос карда метавонист, аз болои қозӣ шикоят ба амир ё хон мебурд. Агар шикоят дар ҳузури амир бо иштироки фақеҳон асоси ботилшавии ҳукми қозиро доро мебуд, ин боиси сабукдӯш шудан, ҳатто бадарға кардани қозӣ бо мусодираи молу мулкаш мегардид. Аз ин рӯ, қозии навтаъйиншуда хидматгори нахустин ва содиқу вафодори роҳбари давлат буд ва тамоми заҳматҳои хешро ба он равона месохт, ки дар амал эътимоди баланди ба вай зоҳиршударо сазовор бошад ва дар гузориши қарори хеш танҳо нишондодҳои шариатро дастурамал намояд. Ба муносибати ба мансаб таъйин намудани қозӣ ярлиқи хонӣ – ҳамчун ярлиқи ҳумоюнӣ интишор мешуд. Дар ин ҳуҷҷат бо фармони ҳумоюнӣ (нишонии ҳумоюн) маҳал, вилояте, ки қозӣ дар он таъйин мешуд, муайян карда мешуд. Ба истиқоматкунандагони ин маҳал таъкид карда мешуд, ки шахси мазкур қозӣ мебошад ва дар навбати худ аҳолӣ вазифадор карда мешуданд, ки ба таъйиншуда итоат ва дар ҳалли масоили динӣ ба ӯ муроҷиат намоянд. Маъмулан дар ин ҳуҷҷат номгӯйи масъалаҳое, ки ҳалли ҳуқуқияшон ба дӯши қозӣ во гузошта мешуд, зикр мегардид. Ба дӯши ӯ тартиб додани ҳуҷҷатҳо ва номгӯй масъалаҳо: шартномаҳои ақди никоҳ, баррасии даъвоҳо (хусумат), нигаҳдории амволи ятимон ва аз ақл берунбудагон (аусия), тақсимоти мерос аз рӯйи шариат миёни меросхӯрон (матрукаи муслимин), тасдиқ ва тартиб додани васиқаҳо, иҷрои васиятномаҳо, таъйин намудани васоят ва парасторӣ, назорат аз болои байтулмол, назорат аз болои вақф ва ғайра вогузошта мешуд. Дар ярлиқҳо асосан мукофоти пулии қозӣ барои омоданамоии ҳуҷҷатҳо (иҷрои китобат), хизмати никоҳ (никоҳона) пешбинӣ карда мешуд. Чуноне ки дар фавқ зикр кардем, махсус қайд карда мешуд, ки дар сурати аз ҷониби қозӣ вайрон кардани талаботҳо ва меъёрҳои шариат, ӯ аз мансаб сабукдӯш карда мешуд [7,21.] Яъне, фаъолияти қозиҳо бештар ба ҳалли баҳсҳои гуногуни ҷиноӣ ва моливу пулии муддаиён нигаронида шуда буд. Ба зиндагии рӯзмарраи шаҳрвандон онҳо муносибати кам доштанд ва раис-муҳтасиб буд, ки ҳифзи оромӣ ва

осоиштагии ҷомеа, эҳтисоби бозорҳо, ҳамчунин назорат аз болои ахлоқу маънавиёт ва иҷрои қатъии масъулияти динӣ бар дӯши онҳо буд [6,19]. Бояд тазаккур дод, ки баъзан дар як вақт ба вазифаи қозӣ ва раис як шахс таъйин мешуд ва дар баъзе мавридҳо ин вазифаҳо дар коргузории амалӣ ба ҳам муттаҳид мешуданд. Масалан, дар ҳудудҳои аморати Бухоро 67 қозӣ ва 68 раис буд, ки аз ин шумора 36 нафараш вазифаи қозираисро доштанд. Аз 68 қозии дар ҳудудҳои Тоҷикистон (1917) 21, аз ҷумла қозии Душанбе, Қӯрғонтеппа, Қубодиён, Регар дар як вақт вазифаи раисро бар уҳда доштанд [8,53-55]. Масалан, дар Қӯрғонтеппа (мулло Каримберди қозӣ), Қубодиён (қозӣ мулло Муҳаммад Мансур), Регар (қозӣ мулло Муҳаммад Ашӯр), инчунин дар бисёр деҳаҳои бекигариҳои Қаретегину Дарвоз [14,17-18].

Ба вазифаи қозикалон амир аз миёни қозиҳо ва ё донишмандони улуми динӣ шахси ба ақоиди шариат сарфаҳм мерафтаро якумра таъйин мекард. Қозикалон ҳуқуқ дошт ҳукми ин ё он қозиро, ки дар шаҳру бекигариҳо вазифаи довариро адо мекарданд, бекор кунад ва дар шаҳри Бухоро барои гузаронидани мурофиаҳо ба худаш ёрдамчӣ ва вакил интихоб мекард. Қобили зикр аст, ки шариат тамоми меъёрҳои ҳуқуқиро аз қозикалон сар карда, то муфтӣ ва тамоми намояндагони рӯҳониёни мусалмон (рӯҳониёни мунҳариф) ва дигар маъмурони давлатиро муайян карда буд. Аммо ҳамон як меъёри ҳуқуқи мусалмонӣ дар амалияи адолати судии аморати Бухоро хеле гуногун татбиқ меёфт. Масалан, судхӯрӣ, ки аз рӯйи Қуръон (сураи 2, оятҳои 277-278) ва шариат ҳаром аст, дар аморати Бухоро, аз ҷумла дар Бухорои Шарқӣ хеле паҳн шуда буд ва онро қозӣ, раис, аълам, муфтӣ, ки маъмури иҷрои аҳкоми шариат мебошанд, барои манофеи худ аз нигоҳи Қуръон ва шариат ҳақ мебароварданд.

Устод Айнӣ дар повести «Марги судхӯр» намудҳои гуногуни судхӯриро, ки ниҳону ошкор ба амал бароварда мешуд ва барои бешафқатона таллаву тороҷ кардани деҳқонони бечора имконияти бемаҳдуд медод, хеле ҷолиб тасвир кардааст [15]. Масалан, устод Айнӣ менависад: «… мулкҳои вақф, ки хариду фурӯшашон бо ҳукми Қуръон ва шариат қатъиян манъ буд, барои манфиати муллоҳои калон – шаръӣ ва ҳалол шумурда шуд» [16, 14].

Устод Айнӣ дар асари дигараш «Таърихи инқилоби Бухоро» вазъи беҳуқуқии мардуми Бухорои Шарқӣ (вилоятҳои Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин ва Дарвоз)-ро батафсил ба қалам додааст: «ҳокимони ин вилоятҳо ва ҳар як аз наздикон ва дастнишондагони онҳо фақат бо моли фуқаро қаноат накарда, ҳар кадом 20-30 нафар духтарони болиғаро ба номи «духтарона» ғасбан ба даст медароварданд. Баъзеи онҳоро ба занӣ ва баъзеашонро ба хидматгорӣ мефурӯхтанд. Фуқарои он сарзаминҳо (Бухорои Шарқӣ-Ҳ.А.) бо тамоми молу мулк, духтару писар ва зану фарзанди худ асир, ғулом ва канизи ҳокимон буданд». Дигар мегӯяд, ки «…ҳокими Ҳисор Авлиёқулбек пас аз маъзул шуданаш сӣ нафар духтари болиғаро бо худ ба Бухоро овард, хазина ва ашёи аз Ҳисор овардааш ба ҳисоб намеғунҷид» (16,88-89). Инчунин Липский ном олими ҷуғрофидони рус солҳои 1896-1899 аз аморати Бухоро дидан карда, дар хусуси беки Ҳисор Остонақул менависад: «Ӯ машҳуртарин чеҳра ва сарватмандтарин шахси тамоми қаламрави Бухорост. Ба ғайр аз зару нуқраи беҳисоб ӯ дорои галаи аспону рамаҳои гӯсфандон аст, ки онҳоро дар ҳудудҳои маҳалҳои рус низ дидан метавон…» [5,110].

Муаррих С. Муллоҷонов дар бораи Остонақул менависад: «Аз рӯйи мушоҳидаи сайёҳони рус Остонақул дар қаламрави Бухорои Шарқӣ ягона ҳокиме буд, ки метавонист нисбат ба муҷримон ҷазои қатлро раво бинад» [11,107].

Дар рӯзномаи «Туркистанские ведомости» соли 1906 яке аз маъмурони рус мақолае чоп намуда, дар он суҳбати худ бо мӯйсафеди ҳисориро овардааст. Ин пирамарди ҳисорӣ ба маъмури рус гуфтааст: «Остонакул аз Худо наметарсад. Чандин зулмкору ҷабркор аст, ки ҳама фуқаро додашон ин аст: Худо илоҳи ҷонашро бигирад» [22, 30].

Вазъияти он замонро А. Дониш хеле хуб дарёфта, дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» меорад, ки дар аҳди амир Дониёр «…ва дар аксари маносиби аморат худи писарони амир Дониёл мансуб буда, ишоати фисқу фасод менамуданд. Вазорати Бухоро дар аҳди Давлат қушбегӣ буда, марде фосиқу саффоки бебок ва мансаби қозикалон дар қабзаи қозӣ Низомиддин, ки шориби хамру арақ буда ва дар роҳҳо барьало худ танбоку дармекашид, валекин аз ҷумлаи содоти аъзам буда ва золиму рошӣ» [1,8]. Боз дар рисолаи мазкур дар бораи тарзи зиндагонии амир Музаффар мегӯяд, ки: «… амир ва вазир, уламо ва умаро ҳама ҳамқадам бар қадами якдигар буданд, олим ва мутааллим ҳамшакл буданд. Ҳама ҳимматҳо мақсур ва маҳфур, ҳама саргарми он ки султон ӯро бишиносад, қозӣ дар паҳлуи хеш нишонад ва ба раис ҳамкоса ва ба асас ҳамсоя бошад. Агар ҳоли султонро тафтиш кунӣ, фосиқу золиму саффоке. Қозӣ марди

мурташии ҳаромхоре, раис (…) фурӯши бедиёнате, асас махмуре саркардаи роҳзанон ва сарҳалқаи сорикон мебуд». «Дигар тадбире, ки амир дар ваҷҳи компронӣ ниҳод, он буд ки ҳама мансабҳо ва аъмоли идоротро мизоне вазъ кард аз доштани духтари душиза ва писари амрад, то агар касеро духтаре ё писари амраде набошад, агар ҳама Бӯалӣ бувад, нодон бошад ва ба ҳеҷ поя ва мартаба ӯро дахл надиҳанд, на аз мансаби сипоҳ, на аз рутбаи уламо; ва агар духтаре ё писари амраде дорад, ба ҳар мартаба, ки ҷӯё бошад, тарақӣ мекунад…» [1,51,61].

Чи гунае ки дар фавқ зикр кардем, аз давраи амир Музаффар (1860-1885) сар карда, ҳар кас ба як вилоят ё шаҳр қозӣ ё раис таъйин мешуд, ҳар сол ба амир ва ба аҳли дарбор як маблағе бо пешкаш ва ҳадяҳои махсус тақдим мекард. Аммо дар аҳди амир Абдулаҳад (1885-1909) мансаби қозигӣ ба иборaи устод С. Айнӣ «…тамоман рангӣ иҷoраро гирифт. Ин мансабҳо (қозигӣ ва раисӣ-Ҳ.А.) одатан ба тариқи музояда (ки зиёд) фурӯхта мешуданд. Маблағҳои мазкур сол ба сол меафзуд ва ҳар қозӣ ва раис мувофиқи маблағи додааш дар хизмат давом кунонда мешуд» [16,16] . Ғайр аз ин, ҳар кас аз тарафи амир Абдулаҳад ба вилояте ё бекигарие қозӣ таъйин мешуд, дар баробари ҳадя ва пешкашҳо тақдим кардан, агар писаре ва ё бародаре амрад дошта бошад, маҷбур буд, ки ӯро низ ҳамроҳи пешкашҳои мазкур барои ӯ равон созад. Инчунин, қозиҳо ҳар сол дар ҳар мавриде, ки ба амир пешкаш ва тортуқ мекарданд, чанде аз бачаҳои амради аҳолиро маҷбуран гирифта, ҳамроҳи тортуқ мефиристоданд [19,15].

Ба маъмурони идораҳои мулкӣ, ба хидматгорони дарбор, ба қозӣ, раис, бекҳо ва ба одамони онҳо, умуман, ба ҳеҷ як маъмури аморати Бухоро аз хазина маош дода намешуд. Ҳар як маъмур ба қадре ки мехост, аз раият пул меситонд [16,17]. Устод Айнӣ дар ин бобат чунин менависад: «…фақат барои пул ҷамъ кардан ба ҳама маъмурони ҳукумат ҳуқуқи номаҳдуде дода шудааст…маъмурон агар хоҳанд, ба мусодира кардани молу мулки ҳар касе ихтиёр доранд. Ҳар маъмуре, ки ин қувваро кор фармуда натавонад, беқобилият шуморида мешавад. Аз ин ҷост, ки дар сари ҳукумат чунин касони «уҳдабаро» истодаанд» [16,72-73].

Аз рӯйи шариат қозӣ дар хидмати халқ ҳисоб карда мешуду аз хазина маош мегирифт. Моҳонаи он мебоист ба дараҷае мебуд, ки на муҳтоҷи туҳфа ё пораю ришваи тарафҳои арзкунанда бошад. Ҷойи зикр аст, ки таърихи халқи тоҷик номҳои қозиҳои давраҳои гуногунро медонад. Қозӣ ва фаъолияту вазифаҳои он дар китобҳои аш-Шайбонӣ «Ал-ҷомеъ ас-сағир», ал-Мовардӣ «Китоб-ал-аҳком ас-султония», «Одоб-ал қозӣ», А. Мес «Мусульманский ренессанс», Б. Марғелонӣ «ал-Ҳидоя»… хеле муфассал баён ёфтааст. Таърих гувоҳ аст, ки қозиҳое буданд, ки бо меҳнати ҳалол рӯз ба сар мебурданд. Вале дар аморати Бухорои замони амирӣ масорифи инҳо ба гардани раият бор шуд. Устод Айнӣ менигорад: «…ба замми ин онҳо (қозиҳо-Ҳ.А.) маҷбур шуданд, ки аз раият пул ҷамъ карда, ба амсор бидиҳанд. Қозиҳо аз ҳар ҷанҷол ва даъво, ба қадре ки метавонистанд, маблағ рӯёнда, як миқдори онро ба амир ва ба аҳли дарбор медоданд. Мулозимон ва навкарҳои қозӣ ҳам ба ҳисоби худ фуқароро толон карда, як миқдори онро ба ходимони даруни хонаи қозӣ медоданд» [16,17].

Қозиҳо такя ба ҳимояи ҳокимон ин амали норавои худро аз нигоҳи дину шариат ҳақ баровaрда, муқобилият карданро ба он куфр мешумурданд. Қозиҳо дар асоси ярлиқи (фармони) хонҳо сардори дин гардида, ба раият нуфузи худро ҷорӣ мекарданд. Ин нукта бояд арз шавад, ки ҳар касе, ки бар зидди қозӣ ё уламо сухане гӯяд, ба шариат муқобил баромадагӣ ҳисоб ёфта, ба ҷазои сахт гирифтор мегардид, қатл ва ё сангсор мешуд. Масалан, устод С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» - яш меорад, ки дар аҳди амир Абдулаҳад соли 1313 ҳ. (1886 м.) як аробакашро ба сабаби дар сари пули кироя бо як-ду мулло ҷанг карданаш, бо фатвои уламо ва бо ҳукми қозӣ ба уштуре савор карда, бо сангу кулӯхҳо зада куштанд [17,498-517]. Яъне, қудрат ва ихтиёроти номаҳдуди қозиён боис шуд, ки таҷовуз, тааддӣ, истисмору асорати аҳли заҳмат шадидтар шуд. Ҷойи зикр аст, ки дар низоми судии исломӣ муфтӣ накши бориз дошт. Муфтӣ – фатводиҳанда, донандаи шариат, ки ба ҳолатҳои асосии динию ҳуқуқӣ шарҳ дода, оид ба масъалаҳои баҳснок ҳукм баровaрда, фатво медиҳад. Муфтӣ ҳамчун машваратчии ҳокимон аз давраи халифаи Миср Умари II (717-720) ба миён омадааст. Дар аморати Бухоро муфтиро аз фақеҳони шинохта амир таъйин мекард. Вазифаи ӯ шарҳу эзоҳ додани масоили динию ҳуқуқӣ ба воситаи

фатво буд. Аз рӯйи шариат муфтӣ ҳуқуқ дошт ҳукми баровардаи қозиро бекор кунад ва худаш мурофиаи нав ба даъвои тарафҳо ташкил намояд. Аммо аксари муфтиҳои замони амирӣ аз рӯйи меъёрҳои муайян намудаи шариат амал намекарданд. Масалан, С. Айнӣ менигорад: «…муфтиҳо «ҷунг» ва «маҳзарот» (маҷмӯаи қонуну ҳукмҳо)-и ба забони форсӣ ҷамъоваришударо аз назар намегузарониданд. Қозиҳо ҳам инро лозим намедонистанд…Аксари муфтиҳо ҳарчиро, ки муҳаррирҳо (котибони фатвонавис) навишта биёранд, муҳр пахш карда медоданду вассалом.

Дар вақтҳои охир ба ин ҳам эҳтиёҷ намонда буд. Муфтиҳо «муҳри сафед» мекарданд, яъне фатворо нонавишта ба сад-дусад варақ қоғази сафед муҳр пахш карда, ба котибони фатво мефурӯхтанд. Муҳаррирҳо ин қоғазҳоро гирифта, дар қозихонаҳо мегаштанд ва ба мурофиачиёни фатвоталаб муддаояшонро навишта медоданд» [16,43-48].

Яъне зиддиятҳое, ки дар шариати исломӣ ҷой доштанду ба шарҳи гуногуни ҳамон як меъёр имкон медоданд, боиси пайдоиши фатвоҳо (ривоятҳо)- хулосаҳои ҳуқуқӣ оид ба тафтишоти ояндаи судӣ гардиданд (18,43). Ривоятҳоро, чи гунае ки қайд кардем, муфтиҳо тартиб медоданд. Аксаран, оиди ҳамон як кор ду ривояти тамоман гуногун ва баъзан «ривоят ба ривоят» дода мешуд [3,50]. Он гуна ки дар фавқ зикр кардем, қозикалон – суди олӣ, раиси тамоми маъмурияи адлия ба шумор мерафт. Дар аҳди амир Олимхон (1910-1920) аввалин қозикалони Бухоро қозӣ Бақохоҷа буд, ки баъд аз вафоти қозӣ Бадриддин (1908) аз тарафи амир Абдулаҳад таъйин шуда буд. Дар хусуси ин ки тариқи таъйин шудан ба вазифаи қозикалони Бухоро чӣ гуна буд, устод С. Айнӣ дар асараш «Таърихи инқилоби Бухоро» чунин менигорад, ки дар моҳи марти соли 1913 амир Олимхон ба Насрулло- қушбегӣ тӯй фармуд. «Дар ин тӯй дар Ситорамоҳхоса, дар чорбоғи худи амир маҷлисҳои кайфу сафо ҳафт рӯз давом кард» [16,116]. Пас аз тӯйи Насрулло - қушбегӣ амир фармуд, ки қозӣ Бақохоҷа ва раис Бурҳониддин дар дарбори амир дар чаҳорбоғи Ширбадон тӯй диҳанд. А. Фитрат дар асараш «Давраи ҳукмронии амир Олимхон» меорад: «Аввал қозӣ Бақохоҷаи ҷоҳпарасту тамаъкор дору надорашро харҷ карда, тӯйи бисёр бузурге сар кард. Садҳо ҳазор танга исроф намуд ва ба амиру дарбориён ришватҳои аз ҳад зиёд дод, ба умеди ин ки рутба ва мансабаш зиёд хоҳад шуд. Аммо қозӣ Бақохоҷа ба чизе ки умед дошт, нарасид» [19,28]. Аз паси қозӣ Бақохоҷа Бурҳониддин, ки қозии Чаҳорҷӯй буд, ба Ширбадон омада, тӯйро сар кард. Устод Айнӣ менависад: «Бурҳониддин ба ин тӯй милионҳоеро, ки падараш (қозӣ Бадриддин-Ҳ.А.) дар муддати қозикалонии бистсола ва худи ӯ дар муддати раисӣ ва қозигӣ ҷамъ карда буданд, бедареғ харҷ кард» [16,116]. А. Фитрат менависад: «…Гӯянд, ки ба Олимхон як тахти мурассаъ ба ҷавоҳир тақдим кард…» (19,28). Устод Айнӣ ҷойи дигар менигорад: «Дар тӯй сирк ва кино барпо намуд, аз Русия ва Туркистон духтару писарони рус ва мусалмонро оварда, кайфи амирро чоқ кард. Духтарони наздикони худаш ва касони бо вай муносибатдор низ халос нашуданд…Аъзои элчихонаи русро ҳам бо воситаҳои ба худаш маълум хурсанду розӣ кард» [16, 117]. Дар натиҷа, ба ҷойи қозӣ Бақохаҷа дар Бухоро қозикалон шуда, лақаби «шариатпаноҳ»-қозиюлқузотро гирифта, то сентябри соли 1920 қозикалони Бухоро буд. Баъд аз «инқилоб» ба ҳукми «суди» инқилоб, ки дар ҳузури оммаи заҳматкашони Бухоро тартиб дода шуда буд, кушта гардид» [19,28].

Дар баъзе адабиёти таърихӣ дида мешавад, ки ҳатто қозикалон аз тарафи қушбегӣ, яъне нахуствазир ба мансаби қозикалонӣ расидааст. Чунончи А. Фитрат дар рисолааш «Давраи ҳукмронии амир Олимхон» меорад, ки қозии Ғиҷдувон Шарифҷон Махдуми Садри Зиё (1865-1932) баъд аз инқилоби феврал (1917) аз тарафи Насруллоҳ қушбегӣ ба ҷойи қозӣ Бурҳониддин қозикалони Бухоро шуда буд» [19,28]. Ба фикри мо, ин ақида асоси воқеӣ надорад, зеро Садри Зиё бо пешниҳоди Насруллоҳ қушбегӣ ва вакили сиёсии Русия Миллер барои иҷрои фармони «ислоҳот» аз тарафи амир қозикалони Бухоро таъйин шуда буд. Масалан, вакили сиёсии Русия Миллер дар як телеграммаи махфӣ аз 24 марти соли 1917 м. ба вазорати корҳои хориҷии Русия фиристодааш менигорад: «Тибқи пешниҳоди ман қозикалону раиси Бухоро фардо иваз хоҳанд шуд ва тарафдорони шинохтаи ислоҳот қозиёни Ғиждувону Чорҷӯй Муҳаммадшариф ва Абдусамадхоҷа, ки обрӯйи баланд ва шухрати ҳамагонӣ доранд, таъйин хоҳанд гардид» [9,27]. Устод Айнӣ дар ин бобат чунин менигорад: «15 моҳи ҷамодиюссонии соли 1335 ҳиҷрӣ (24 марти соли 1917 м. Ҳ-А.) Мирзо Шарифи Садр дар Бухоро қозикалон, як рӯз пас аз он қозии Чорҷӯй –

тараққипарвари машҳур Абдусамадхоҷа раис, боз баъди як рӯз қозии Вобканд Орифхоҷа ба вазифаи муфтии аскар таъйин шуданд. Амир бо ин азлу насбҳо гӯё кабинетеро нав кард. Муфтии аскари собиқ Мусанниф ба Ғиҷдувон ва раиси собиқ Абдуллохоҷа ба Чорҷӯй қозӣ таъйин шуданд» [16, **146**]. «…Насруллоҳ- қушбегӣ ба қозикалони нав гуфт: «Мувофиқи ислоҳоте, ки гузаронида мешавад, тамоми пешкаш ва тортуқҳо бояд барҳам дода шаванд. Шумо ҳам ба тариқи «шукрона» тортуқ накунед ва ба халқ ҳам ба расми «муборакбод» қанду набот надиҳед» **[16, 146]**.

Як нуктаи моддаи фармони амир, яъне барҳам додани тортуқи қозиҳо ва ришват хеле ҷолиб аст. Воқеан, қозиҳо соле чанд бор ба амир тортуқ ва ба аҳли дарбор ришва медоданд ва аҷоибии кор дар ин буд, ки қозиҳо инҳоро аз киссаи худ намекарданд. Балки як бар даҳ аз мардуми заҳматкаш, хусусан аз деҳқонон мегирифтанд. Аз ин рӯ, барҳам задани ин одати шум бар судди аҳли заҳмат буд. Чунончи устод С. Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» менависад: «Табиист, ки ин фармон ба умуми халқ таъсири хубе бахшид. Онҳое, ки зери дасти қозӣ, ҳоким, мулозим ва навкарони онҳо зулму ҷабр медиданд, беандоза хурсанд шуданд» **[16,86]**. Вале ҳеҷ кас ба давоми ин кор боварӣ надошт, зеро аҳли дарбор, умуман, қозӣ, раис, ҳоким ва миршабҳо ба ин фармони амир розӣ набуданд. Устод Айнӣ норозигии аҳли дарбор (одамони қушбегӣ, мулозимони қозиҳо, умуман, қозӣ, раис, ҳоким ва миршабҳо)- ро чунин ба қалам додааст: «Манъ шудани тортуқ ва туҳфаҳо ба ҳоли фуқаро як дараҷа тараҳҳум бошад ҳам, лекин ба шаъну шавкати подшоҳӣ халал мерасонад. Подшоҳони Бухоро ба туфайли тантанаи дарбор, бо тӯққуз ва тортуқҳое, ки ба дарбор меомад, бо хилъат ва сару поҳое, ки аз дарбор инъом мешуд, бо дигар подшоҳон ифтихор ва бартарӣ доштанд. Ҳоло афсӯс, ки аз он шаъну шавкат асаре намонд…» **[16,87]**.

Фақат Насруллоҳ- қушбегӣ дар манъи тортуқ сахт истодагарӣ кард. Вале қозиҳо бо ҳар баҳона бе иҷозати қушбегӣ ба амир тортуқ мекарданд. Амир низ фармони имзокардаи худро фаромӯш карда, тортуқҳоро қабул мекард.

Ҷойи зикр аст, ки амир Олимхон ҳанӯз 30 декабри соли 1910 дар бораи манъи тортуқи қозиҳо фармон бароварда буд. Аммо ин фармони амир танҳо рӯйи қоғаз монду бас. Бояд гуфт, ки фармони амир дар бораи манъи тортуқи қозиҳо ба Бухорои Шарқӣ ҳеҷ асаре накарда буд. Аз содир шудани чунин фармоне мардуми заҳматкаши Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин ва Дарвоз, ҳатто, хабар ҳам надоштанд ва қозиҳои он ҷойҳо аз ноогоҳӣ ва беиродагии амир истифода намуда, ҷабру зулми худро нисбат ба давраи амирони собиқ афзуда буданд.

Устод Айнӣ назари қозикалони Бухоро Бурҳониддинро дар бобати ислоҳи қозихонаҳо ва моҳона таъйин кардан ба қозиҳо (аслан ба қозиҳо ҳеҷ гуна моҳона дода намешуд-Ҳ.А.) чунин тасвир намудааст: «Агар қозиҳо аз фуқаро пул нагиранд, ҳашамат ва савлати онҳо кам шуда, дар назари халқ эътиборашон намемонад ва раият ба ҳукми онҳо итоат намекунад. Азбаски натиҷаи ин ба зарари шариат аст (дурӯғ мегӯй, ба зарари кисаи туст), ман ба ин ҳам розӣ нестам» **[16, 145]**.

Аҷоибии кор дар ин аст, ки Насруллоҳ- қушбегӣ ба қозикалони нав Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, ки ӯро барои ислоҳот ба ин вазифа пешбарӣ карда, дар роҳи ислоҳот таълим дода, аз тақдими тортуқи «шукрона» манъ карда буд, «тортуқи шукрона фиристед» гуфта амр дод». Яъне, мақсад аз фармон ислоҳот набуда, фиреби мардум, хусусан, матбуот ва ҷавонон буд, менависад С. Айнӣ **[16,148]**.

Баъд аз он ки амир Олимхон фармони ислоҳотро дода, баённомаи дурӯғи худашро нашр кард ва дар натиҷаи ин баённома намоиши ҷадидони Бухоро ба вуқӯъ омад ва фитнае, ки аз тарафи Бурҳониддин тарҳрезӣ шуда буд, ба амал омад, амир моҳи шавволи соли 1335 ҳ., яъне баъди се моҳи эълони фармон қозикалон Шарифҷон Махдумро аз вазифа барканор карда, Бурҳониддинро такроран қозикалон таъйин кард **[19,29; 16,196]**.

Таърих гувоҳ аст, ки 7 апрели соли 1917 фармони «ислоҳот» эълон шуд. Дар арки Бухоро дар шоҳидии намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа ва аъзоёни элчихонаи рус Насруллоҳ -қушбегӣ фармонро ба дасти Шарифҷон Махдуми Садри Зиё медиҳад ва ӯ фармони ба забони форсӣ навишташударо бо овози баланд қироат мекунад. Садри Зиё, ки яке аз амалисозони фармони «ислоҳот» буд, аз матни ин фармон огаҳӣ надошт **(Дар бораи эълони фармони ислоҳот ба «Таърихи инқилоби Бухоро»- и С. Айнӣ муроҷиат шавад)**. Баъди эълони фармон, оташи фитнае, ки аз тарафи амиру чокаронаш **бар муқобили ҷадидони Бухоро** афрӯхта шуд, домани Садри Зиёро низ сӯзонд. Рӯзи 9 апрели соли 1917 Шарифҷон Махдумро Бурҳониддину чокаронаш аз асп афтонда, дар пеши чашми амир

латукӯб мекунанд. Ҷараёни ин воқеаи шумро Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммадсайиди Балҷувонӣ дар китобаш «Таърихи нофеӣ» муфассал баён менамояд. Вале муаллиф воқеаро ба соли 1918 нисбат медиҳад [10, 45-46]. Садри Зиё ҳамагӣ 16 рӯз вазифаи қозикалониро иҷро намудааст. Ӯро ҳамон рӯзе, ки латукӯб мекунанд, аз вазифаи қозикалонӣ барканор намуданд. Аммо бояд гуфт, ки амир 9 апрели соли 1917 фармони барканор кардани қозикалонро содир накарда, балки то шифо ёфтани Садри Зиё муовинаш Турахоҷа ин вазифаро анҷом медодааст. Ба таъбири донишманди зиндаёд Худойназар Асозода дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик» Садри Зиё 31 июли соли 1917 истеъфо медиҳад, ки аз ҷониби амири Бухоро қабул мешавад [21,65]. Худойназар Асозода менависад: «...Дар ҳамаи ин амалҳои ноинсофона нисбати Садри Зиё дасти пурхуни Бурҳониддини қушбегӣ эҳсос мешуд...» [21,66] Вале дар асари номбурда иштибоҳ он аст, ки Бурҳониддин ҳеҷ гоҳ ба мансаби қушбегӣ (вазирӣ) нарасида буд. Масалан, баъди эълони фармони «ислоҳот» амири охирини сулолаи манғит Олимхон Насруллоҳ – қушбегиро аз вазифа барканор карда, ба ҷойи ӯ шахси золиму хунхор Низомиддини Урганҷиро таъйин намуд. Дар арафаи фоҷеаи Колесов амир Низомиддини Урганҷиро аз вазифаи қушбегӣ гирифта, ба ҷойи вай Усмонбек як мардаки чоплусу ришватситонро таъйин кард, ки то суқути Бухоро бар ин мансаб маслак буд [16,191,210].

Бояд тазаккур дод, ки қозиҳои Бухорои Шарқӣ амалиётҳои гуногун гузаронида, аз болои кори ҳокимон назорат намуда, аз вазъи дохилии бекиҳо ба амир хабар медоданд. Чунончи таърихшинос А. Қушматов дар асоси мадорики бойгонӣ қайд менамояд, қозии Ҳисор Мирсаид Маҳмуд ба амир Абдулаҳад дар мактуб дар бораи авзои дохилии бекии Ҳисор баъд аз ҳоким таъйин шудани Остонақул қушбегӣ маълумот додааст. Баъд аз таърифу тавсиф зикр гардидааст, ки дар аҳди салтанати Абдулмуъмин бинобар аз ҳад зиёд будани андозҳо қисми бештари аҳолии бекӣ хонахаробу бенаво шуданд. Маҳсулоти кишоварзӣ, ҳатто ба қути лоямути заҳматкашон басанда набуд. Дар натиҷа, бисёр деҳқонон ва баъзан қавму қабила ба ноҳияҳои Деҳнав, Кӯлоб, Сариҷӯй ва дигар маҳалҳо кӯч мебастанд. Остонақул баъди беки Ҳисор таъйин шудан, сиёсати мудаббиронаю зираконаро пеш гирифт. Дар натиҷа бисёр муҳоҷирин ба зодгоҳашон баргашта, заминҳои бекорхобидаро киштукор мекунанд. Баъдан, дар мактуб қайд гардидааст, ки баъди аз тарафи амир ба вазифаи беки Ҳисор таъйин гардиданаш мулло Абдулҳамидхоҷа ба иҷрои вазифаи худ оғоз кардааст [4,88].

Яъне, қозиҳо амалиётҳои гуногуни судӣ гузаронида, аз болои моликиятҳои вақф ва амали ҳокимони маҳаллӣ назорат намуда, аз кори онҳо ба амир хабар медоданд. Вазифаи муфтиҳо бошад, дар бораи ин ё он масъалаи ҳалли ҳуқуқӣ металабида, ривояти шаръӣ аз рӯйи талаботи шариат тайёр кардан буд. Қарори худро муфтиҳо бо арзиши муайян мухр зада, барои тасдиқ кардан ба қозиёт пешниҳод мекарданд.

Қозиҳои Бухорои Шарқӣ ҳуқуқу ваколати хеле зиёд доштанд. Дар асл қозӣ дар бекигарӣ баъди бек шахси дуюм ба ҳисоб мерафт. Дар аксари ҳуҷҷатҳои бекӣ дар паҳлуи нақши мухри бек нақши мухри қозӣ низ ҷой дода шудааст. Қозиҳо ба ғайр аз ҳалли корҳои судӣ, инчунин ба сафарбарии аҳолӣ дар корҳои гуногуни маҷбурӣ низ роҳбарӣ менамуданд. Аҳолии заҳматкаш, ба ҷуз аз пардохти андозҳо, инчунин, вазифадор буданд, ки дар таъмири роҳу пулҳо, бунёди мадорису масҷидҳо иштирок намоянд. Масалан, ба яке аз сафарбариҳои маҷбурии аҳолии бекии Ҳисор қозӣ Абдулфазл роҳбарӣ мекард. Агар бархе деҳқонон корпартоӣ намоянд, қозӣ фармон медод, ки онҳоро латукӯб кунанд ва ё ба зиндон андозанд [4,95]. Дар Бухорои Шарқӣ ҳуҷҷатҳои қонунӣ ва ҳуқуқиро ғайр аз қозӣ ва муфтӣ муҳаррирон тартиб медоданд. Муҳаррирони аморату бекигариҳоро бо пешниҳоди қозии аморату бекигариҳо амир таъйин мекардааст. Ин хулоса аз номаҳои навиштаи қозии Ҳисор ба амир Абдулаҳад маълум мегардад, ки онро Қушматов дар мақолааш овардааст. Масалан, қозии Ҳисор дар номааш ба амир хабар медиҳад, ки муҳаррир мулло Сафар аз олам даргузаштааст ва хоҳиш мекунад ба ҷойи вай Ғуломмуҳаммад писари Нурмуҳаммад – муфтии вилояти Ҳисор муҳаррири Ҳисор таъйин карда шавад [4, 92].

Корҳои шаръӣ ва ҷиноӣ дар ихтиёри қозиҳо буданд, ки онҳо ба табақаҳои болоӣ тааллуқ дошта, заминдори калон маҳсуб меёфтанд ва меҳнаткашонро истисмор мекарданд. Масалан, солҳои зиёд Аббосхоҷа судур (аз деҳаи Фатҳобод) ном шахс қозӣ буд. Вай бо фармони амир ба ин мансаб таъйин шуда, аз ҳама зиёд замин дошт, яъне соҳиби 350 манн (ҳар ман баробари 0,75 гектар) замин буд. Ғайр аз ин, вай бо «марҳамат» ва «инъоми» амир 400 хоҷагии деҳқониро ба худ танхоҳ карда гирифта буд, ки онҳоро мисли ғуломи зархарид кор мефармуд. Дар баробари ин, қозӣ Муллоқурбон судури Обигармӣ 200 манн замин ва 293 хоҷагии танхоҳ, эшони Шоҳюсуф, эшони Мирзозуҳайл, мулло Икром, мулло Мирзои Умед ва дигарон, ки корҳои қозихонаро иҷро мекарданд,

замини зиёд ва деҳқонони танхоҳи зиёд доштанд [12]. Қозиҳо аз номи шариат ноҳақ ҳукм баровара, бар ивази якчанд табақ зағир ба амалдорон фурӯхтани замини деҳқононро қонунӣ ҳисоб мекарданд. Масалан, дар бекигарии Қаротегин (шакли дурусташ **Каратакин**) деҳқони камбағал Асадуллоҳ (аз дараи Мазори поён) дар соли 1916 м. замини худро дар натиҷаи маҷбурияти иқтисодӣ ба мулло Масеҳ бар ивази чаҳор табақ зағир мефурӯшад ва қозӣ мулло Сулаймон инро қонунӣ ҳисобида, ҳукм мебарорад. Дар натиҷа Асадуллоҳ безамин монда, зану фарзанди худро гузошта, ба водии Фарғона ба мардикорӣ меравад [12], ки чунин мисолҳо хеле зиёданд.

Хислати тороҷгарии корбарии қозиҳо на танҳо аз рӯйи корҳои шаҳрвандӣ, балки аз рӯйи корҳои ҷиноятӣ ва ҷазо додани онҳо ҳам бараъло равшан мегардад. Мисоли равшан, қозӣ Аббосхоҷа вақте ки корҳои ҷиноятии ҷисмониро медид, барои хуни рехтаи ҷабрдида «товон» доданро ҳукм мекард. Агар зарари ҷисмонӣ «хавфнок» набуда, ҷабрдида аз табақаи поён бошад, аз гунаҳгор даҳ тангаи тилло товон гирифта, панҷашро ба худ нигоҳ дошта ва панҷи дигарашро ба бек медод. Агар дар ҳамин сурат ҷабрдида аз табақаи боло бошад, қозӣ гунаҳгорро бо иштироки бек суд карда, панҷоҳ-шаст тангаи тилло ҷарима карда, як қисми онро ба ҷабрдида, як қисмашро ба бек дода ва қисми дигарашро ба худ мегирифт. Агар касе касеро кушад, аз рӯйи шариат даҳ ҳазор танга хунбаҳо бояд диҳад. Аммо қозӣ Аббосхоҷа инро ба дараҷаҳо тақсим карда буд: агар кушташуда аз табақаи поён бошаду кушанда аз табақаи боло, ба вай панҷоҳ тангаи тилло хунпулӣ ҳукм мекард. Агар баръакси ин бошад, ба камбағал то бист ҳазор танга товонпулӣ ҳукм мекард [12]. Аммо задан ва захмдор кардани касе аз тарафи қозӣ, раис, бек ва амалдорон ҷиноят ҳисобида намешуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дузди калон худи қозиҳо, раисҳо ва умарову амалдорон буданд. Масъала чунин сурат мегирифт: Агар дузд аз табақаи поён бошад, аз ӯ чаҳорсад танга ҷарима ситонида, маҷбур менамуданд, ки тамоми молу ашёи рабудаашро гардонида диҳад. Дар ин сурат қозӣ Аббосхоҷа аз ҳар сад танга панҷ тангаро аз ҷабрдида ба фоидаи худ мегирифт [12]. Яъне, аз нигоштаҳои боло бармеояд, ки қузоти замони амирӣ хислати табақавӣ дошт. Онҳо, қабл аз ҳама, ҳимоякунандаи манфиатҳои синфи ҳукмрон ва табақаи дорои ҷамъият буданд. Ҳамаи ин далелҳо ба тартиб ва мазмуни фаъолияти қозиҳои Бухорои Шарқӣ дахл доранд, ки мо тартиби ҷазо додани қозӣ Аббосхоҷаро мисол овардем.

Илова бар ин, дар солҳои аввали барқарор гардидани ҳокимияти Шӯравӣ қозӣ, раис ва муфтӣ ташкилкунандаи мубориза ба муқобили низоми шӯравӣ буданд. Вақте ки Инқилоби октябр ғалаба кард, амири Бухоро ба бекиҳои Бухорои Шарқӣ фармон дода буд, ки бо мақсади ташкил кардани мубориза алайҳи Шӯроҳо ба амир аскар, асп ва пул фиристонанд. Бекҳо бо кумаки қозӣ ва раису муфтиҳо маҷбуран мардумро ба Бухоро мефиристоданд. Вале деҳқонон аз роҳ гурехта, ба тарафи Фарғона ва ноҳияҳои дигари кӯҳистон мерафтанд ва аксаран ба ҷониби аскарони сурх мегузаштанд. Амир аз ин дар ғазаб шуда, баъзе бекҳоро аз вазифа сабукдӯш мекард ва баъзеро танбеҳи сахт медод. Қозиҳо бошанд, Қуръонро ба даст гирифта, фирориёнро «кофир» эълон мекарданд ва дар сурати дастгир шудан, онҳоро ба сахтарин шева ҷазо медоданд [12].

Хулоса, чи гунае ки дар фавқ зикр кардем, дар замони амирӣ истисмор ҳукмфармо буд. Қозиҳои фасодкору фитнагар доимо барои он мекушиданд, ки халқро бо ҳар роҳ фиреб дода, ба амиру бекҳо ва феодалҳо мутеъ кунанд. Дар он замон, ки вожаи қонун аслан вуҷуд надошт, қозиҳо аз тарафи амир якумра таъйин мешуданд ва дар сурати талаби синфи ҳокимро ба ҷо наовардан, онҳо аз вазифа сабукдӯш мешуданд. Тамоми тартиботи кори онҳо аз ришваю порахӯрӣ, гирифтани мухрона, фисқу фасод ва аз зулму бедодгарӣ иборат буд.

Мутаассифона, қозиҳо ва руҳониёни мунҳариф, ки дар асоси ярлиқи хонҳо «сардори дин» гардида, ба раият нуфузи худро ҷорӣ мекарданд, ҳама ин амалҳои норавои зиддиинсониву исломии умароро аз нигоҳи Қуръон ҳақ мепиндоштанд. Ин буд ки солиёни зиёде дар зери фишори сахти идеологияи шӯравии «Дин барои халқ афюн аст», пайваста динро як падидаи сирф иртиҷоӣ, ақибгароӣ, маҳсули замони боию феодалӣ талқин мекарданд, ки гӯё ҷомеаро аз рушду пешравӣ боз медошта бошад. Таърихи гузаштаву имрӯза ин назарияи беасос, бебунёд ва аз ҳақиқат фарсаххо дурро билкул рад мекунад, зеро ба ҳама маълум гашт, ки имону эътиқоди аксари мардумро хароб ва одамонро ба кӯчаи сарбаста овард [20]. Хушбахтона, баъди таҳлилу баррасии масоили мазкур ба ҳама маълум гашт, ки «афиюни халқ» на дин, балки умарои ҷоҳилу золим, хунхору ғоратгар, муллоҳои мутаассиби аз дин бехабар, фосиқу айшпараст ва қозиҳои фасодкору фитнагар

ва молимардумхур буданд. Ин нукта бояд арз шавад, ки қозӣ, муфтӣ, раис, ки маъмури иҷрои аҳкоми шариат ба ҳисоб меравaнд, ҳамеша динро ҳамчун воситаи истисмори халқ истифода мебурданд.

Ошо (ваф. 1992) ин рафтори норавои зиддиинсонии «ҳомиёни дин»-ро чунин зикр мекунад, ки «...ҳар қадар ки шумо ба ҳақиқат наздиктаред, ба ҳамон андоза рӯҳонии мунҳариф ба шумо душманӣ меварзад. Зеро шумо оромиши пайравони ӯро вайрон мекунед, ба тиҷорати ӯ халал мерасонед. Дин барои ӯ тиҷорат аст, манбаи даромад аст» [13,197-198].

Сант Кирпал Сингх (ваф. 1974) низ дар бораи ин амали шуми қозӣ, муфтӣ, раис менависад: «Ин гурӯҳ бандҳои бисёре сахтанд барои нигоҳ доштани мо дар завлонаҳои бардагӣ ва ҷамъиятҳои худ. Ҳар киро, ки озодандеш аст ва кӯшиши фирор аз зери чанголи онҳо дорад, мулҳид, мунҳариф аз роҳи Ҳақ ном мениҳанд ва аз масҷиду маъбаду калисо меронандаш, таъқибаш мекунанд, ки гӯё ӯ дар тасхири ҷинҳост, пайрави шайтон аст... Мутаассифона, дурии ин гурӯҳ аз ин дини ҳамагонӣ (Ислом-Ҳ.А.), таълимоти хушку берӯҳи онҳо одамро душмани одам намудааст. Ба ҷойи он ки ишқ ба Худованд ва саҷда ба зоти Ӯро таълим диҳанд, онҳо аз дин зиндон сохта ва худ нигаҳбонии ин зиндон ва роҳбарии мардумро бар уҳда гирифтаанд» [23,10].

Шукри истиқлолият, ки мардум барои дарёфти ҳақиқат имкон пайдо карданд, то ки аз нишебу фарозҳои дар тӯли таърих паймудаи миллати тоҷик воқиф гардиданд.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития /Д.Ахмад. – Душанбе, 1992. – С. 8,51-61; Аслонов Х.З. Основные этапы развития казийских судов на территории Таджикистана / Х.З. Аслонов //Вестник Таджикского национального университета. – 2015. - № 3/10 (188). – С. 55-58.
2. Ислам. Энциклопедический словарь. – М.: Наука, 1991. – С. 25,264.
3. Крыльцов, И.И. Государственное управление и суд в среднеазиатских ханствах накануне завоевания Туркестана царской Россией /И.И.Крыльцов // Уч. зап. Свердловского юрид. ин-та. – Свердловск, 1947. – Т.2. – С. 50.
4. Қушматов А. Назаре ба усулҳои андозситонӣ дар бекии Ҳисори охири садаи XIX- ибтидои садаи XX /А.Кушматов // Нақши Ҳисор дар тамаддуни Шарқ. – Душанбе, 2015. – С. 88, 92, 95.
5. Липский В.Н. Горная Бухара / В.Н. Липский. – СПБ, 1902. Ч.1: Гиссарская экспедиция. – С. 110.
6. Лыкошин Н. (Народные судьи): Бытовой очерк оседлого населения Туркестана /Н.Лыкошин //Русский Туркестан: Сборник. – Т. 1: Приложение к газете «Русский Туркестан». – Ташкент: Русский Туркестан, 1899. – С. 19.
7. Муҳаммадрафи Ансорӣ /А.Мухаммадрафи //Дастур ал-мулук (устав для государей) предисловие, перевод, примечения и указатели А.Б Вильдановой. – Ташкент: Фан, 1991. – С. 21.
8. Маджлисов А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX – начале XX вв /А.Маджлисов. – Душанбе – Алма-Ата, 1967. – С. 53-55.
9. Муҳаммадҷон Шакури /Ш. Мухаммадчон //Садри Бухоро. – Чопи 2. – Душанбе, 2005. – С. 27.
10. Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммадсайиди Балҷувонӣ / Таърихи нофеъӣ. //Бо пешгуфтори А. Мухторов. – Душанбе, 1994. – С. 45-46.
11. Муллоҷонов С. Авзои сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии музофоти Ҳисор дар қарни XIX / С.Муллочонов // Нақши Ҳисор дар тамаддуни Шарқ. – Душанбе, 2015. – С. 107.
12. Маҷлисов О. Дар бораи қозиҳо / О.Маҷлисов // Тоҷикистони сурх. – 12. 12. 1951.
13. Ошо. Заратустра: Путь восхождения. – М., 1996. – С. 197-198.
14. Розиқзода А.Ш. Становление милиции Таджикистана / А.Ш.Розикзода. – Душанбе, 2011. – С. 17-18.
15. Садриддин Айнӣ. Марги судхӯр /А.Садриддин. – Сталинобод, 1939.
16. Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро / А.Садриддин. – Душанбе, 1987. – С.116.
17. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо (чаҳор қисм) иборат аз як китоб. Қисми чаҳорум / А.Садриддин. - Душанбе, 2009. – С. 498-517.
18. Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон /Ф.Тохиров. – Душанбе, 1994. – С. 10.
19. Фитрат. Давраи ҳукмронии амир Олимхон / Фитрат. – Душанбе, 1991. – С. 28.
20. Фитрат. Мунозира / Фитрат. - Душанбе, 1992. – 55 с.
21. Худойназар Асозода. Таърихи адабиёти тоҷик / А.Худойназар. – Душанбе, 2014. – С. 65, 66.
22. Ҳамроев М. Очерки таърихи бекии Ҳисор дар охири асри XIX ва аввали асри XX / М.Хамроев. – Сталинабад, 1959. – С. 30.
23. Ҷамшеди Азимпур. Сафири хуршед /А.Чамшед. – Душанбе, 2008. – С. 10.
24. Ҳакимов Н. Таърихи сиёсии хилофати араб аз хулафои рошиддин то ба Мансури Давониқ / Н.Хакимов, Т.Тауров, М.Мунавваров. – Душанбе, 2010. – С.63.
25. Энциклопедияи советии тоҷик. – Ҷ. 7. – Душанбе, 1988. – С. 909.


## ҚОЗИЁТИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ фаъолияти қозиёти Аморати Бухороро дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф инчунин қайд намудааст, ки таърихи барқароршавӣ ва рушди қозиёт дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон кам омӯхта шудааст. Аз ин рӯ омӯзиши ин масъалаҳо хеле муҳим мебошад.



**Калидвожаҳо:** таърих, қозиёт, Аморати Бухоро, Осиёи Миёна, Тоҷикистон, адолат.


## СУДЫ КАЗИЕВ БУХАРСКОГО ЭМИРАТА ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX НАЧАЛЕ XX ВЕКОВ


В данной статье автором на основе изучения исторических источников анализируются казийские суды Бухарского эмирата во второй половине XIX начале XX вв. Автор также отмечает, что история становления и

развития казийских судов в Средней Азии, в частности в Таджикистане, является малоизученной. Поэтому изучение этих вопросов является актуальным.
**Ключевые слова:** история, суды-казиаты, Бухарский эмират, Средняя Азия, Таджикистан, правосудие.

**COURTS OF KAZIEV OF BUKHARA EMIRAT IN THE SECOND HALF OF THE XIX OF THE BEGINNING OF THE XX CENTURIES**

On fact the article author analisys the history's alcosion of cmirate of Bukhara in sclond-halt of XIX and beqins of XX contury. Also author followes to note that history abandoned and developinq of kaziy`s judqe in central asia and honestly in Tajikistan had learned less. That`s why learninq this question is actual.
**Key words:** kaziy`s judqe, the emirata of bukhara, central asia, Tajikistan, justice.

**Сведения об авторе:** ***Аслонов Х.З.*** – Таджикский национальный университет, аспирант. Телефон: **918-34-66-40.**

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ХАТАРҲОИ МУОСИР ДАР ДОИРАИ СААД (СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ)

***Розиқов Фарҳод***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар баробари фарогир будани бухронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷангу хунрезиҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, бавижа кишварҳои Ховари Миёна, ба он водор мекунад, ки давлатҳои миллӣ аз амнияти кишварҳояшон бетараф набошанд. Аз ин рӯ, барои таъмини амнияти минтақавӣ, махсусан кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказиро зарур буд, ки дар созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ба монанди СММ, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ ва СААД шомил гарданд.

Осиёи Марказӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ҷойгир аст, минтақаест, ки манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ дар он воқеъ аст. Ин аз чанд омил вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки дар ин минтақа кишварҳои тозаистиқлол арзи вуҷуд намуданд, ки таҳти нуфузи ягон кишвари дигар қарор надоранд. Дуюм, ин минтақа ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ-сиёсӣ дар давраи гузариш қарор дорад. Инчунин, ин минтақа аз нигоҳи геополитикӣ минтақаи стратегӣ ба шумор меравад, ки бо кишварҳои сернуфуз ва кишварҳои исломӣ ҳамсарҳад аст. Ин дар ҳолест, ки дар як қатор кишварҳои исломӣ бухронҳои шадиди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ ҳукмрон аст.

Федератсияи Россия яке аз шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Федератсияи Россия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Махсусан дар роҳи таъмин намудани сулҳ дар Тоҷикистон ва рушди иқтисодиёт ва таҳкими истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми Федератсияи Россия беандоза аст.

Дар давоми 25 соли ҳамкориҳои дуҷониба миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми соҳаҳо ҳаматарафа рушд намуданд. Дар ин самт қариб 260 санад ба имзо расидааст, ки ҳамкориҳои дуҷонибаро тақвият бахшидаанд ва метавон гуфт, ки он аз хамкориҳои дуҷонибаи ҳарбӣ шурӯъ карда, то барномаҳои рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиётро фаро мегирад. Охирин сафари расмии Президенти Федератсияи Россия В.В. Путин ба Тоҷикистон, ки дар таърихи 27 ва 28 феврали соли 2017 сурат гирифт, гувоҳӣ он аст, ки боварии сиёсӣ дар муносибатҳои дуҷониба ба дараҷаи баланд расидаанд. Маҳз дар ин музокирот ба он мувофиқа карда шуд, ки то ин замон дастовардҳои бузурге дар муносибатҳои дуҷониба ба даст оварда шудаанд ва барои рушди минбаъдаи он иқдомоти бузурге дар пеш аст.

Ҳамин тариқ, дар ин вохӯрӣ, боз як бори дигар таъкид гардид, ки бояд тарафҳо барои такмили минбаъдаи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ чораҳои зарурӣ андешанд. Дар ин музокирот, инчунин қайд гардид, ки Федератсияи Россия ҳамкориҳои худро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созмонҳои бузурги ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, аз он ҷумла СММ, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, ИДМ ва СААД бомуваффақият давом хоҳад дод.

Дар музокироти имсолаи дуҷонибаи Тоҷикистон ва Россия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон мубрамияти ҳамкориҳои дуҷонибаро дар замони муосир барои таъмини амният дар минтақа зарур шуморида, аз он ҷумла чунин изҳор намуд:

«Ба ҳама маълум аст, қариб 60 дарсади хатти сарҳадии Кишварҳои муштаракулманофеъ бо Афғонистон рост меояд. Кишвари мо дар пешоҳанги ин сарҳадот қарор дорад ва масъулияти моро дучанд менамояд, то барои пешгирии ҳама гуна хатарҳо ва таҳдидҳои бавуҷудомада тасмимҳои дуруст гирем. Аз ин рӯ, мо ба вазъияти Афғонистон диққати ҷиддӣ зоҳир намудем ва фикрҳои худро оиди ногузир будани барқароршавии сулҳу осоиштагӣ дар ин кишвари ҳамсоя изҳор намудем. Дар ин музокирот барои рушди дуҷонибаи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ, пеш аз ҳама, дар самти таҷдиди қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини суботи кишвар ва минтақа чораҳо андешида шуданд» [4].

Дар ин вохӯрӣ ва вохӯриҳои қаблӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаи Афғонистон ва густариши ташкилотҳои террористӣ, ба монанди «Давлати исломӣ» дода шуд. Махсусан ҳифзи сарҳад яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ гардид. Бояд қайд намуд, ки ҳамкориҳои дуҷониба дар доираи СААД, пеш аз ҳама, барои таъмини амнияти минтақавӣ аз хатарҳои экстремизму терроризми муосир нигаронда шудааст. Дар ин раванд ҳамкориҳои дуҷонибаи қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Базаи ҳарбии дивизияи 201-уми Федератсияи Россия аз омилҳои муҳимми таъмини амнияти минтақавӣ ба шумор меравад. Бояд зикр кард, ки Базаи ҳарбии Федератсияи Россия дар асоси созишномаи тарафайн аз 5 октябри соли 2012 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти вазъи муташанниҷи Ховари Миёна ва таҳдидҳои густариши низоъҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ густариш меёбанд, ки ин ҳамкориҳо бевосита барои пешгирии ин хатарҳо равона карда шудаанд. Тавре Котиби генералии СААД Николай Бордюжи қайд менамояд: «Дар замони муосир, низомҳои глобалии амниятӣ фалаҷ шудаанд ва муносибатҳои Созмони Атлантикаи Шимолӣ ва Федератсияи Россия вобаста ба воқеаҳои Сурия ва Украина тезутунд гардидаанд. Аз ин рӯ, дар байни созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ муносибат ва ҳамкорӣ оиди мубориза бо маводи мухаддир, терроризм ва дигар хатарҳои глобалӣ заиф гардидааст» [1].

Қайд кардан бамаврид аст, ки СААД яке аз созмонҳои бонуфузи минтақавӣ буда, вазифаи асосии он таъмини амнияти кишварҳои аъзо мебошад. Маҳз ин нақш боз як бори дигар дар ҳамоиши СААД, ки дар шаҳри Еревани Ҷумҳурии Арманистон баргузор гардида буд, қайд гардид. Дар ин ҳамоиш 20 санад қабул гардид, ки вазифаҳои рушди ҳамкориҳои минбаъдаи аъзоёни ташкилотро фаро мегирифт.

Дар доираи муоҳидаҳои СААД дар якҷоягӣ бо қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои аъзо, машқҳои ҳарбӣ гузаронида мешаванд. Дар моҳи апрели соли 2016 дар яке аз машқгоҳҳои ҳарбии гарнизони Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон машқи якҷояи ҳарбӣ бо иштироки зиёде аз 800 аскарони ҳарбии кишварҳои аъзо гузаронида шуд. Бояд қайд намуд, ки чунин машқи якҷояи ҳарбӣ бо ин ҳама бузургӣ дар таърихи мавҷудияти СААД бори аввал гузаронида шуд [2]. Албатта, густариши ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар чаҳорчӯбаи қарордодҳои СААД аз вазъияти минтақа вобастагии зич дорад. Вазъияти норавшани минтақа, бавижа Афғонистон, сарони кишварҳоии СААД-ро ба он водор менамояд, ки вазъи омодабоши ҳарбиро тақвият диҳанд, ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникиро густариш дода, барои пешгирӣ аз зуҳури экстремизм ва терроризм барин хатарҳои муосир ҷилавгирӣ намоянд.

Дар таърихи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар чаҳорчӯбаи СААД корҳои назаррасе ба анҷом расидаанд. Махсусан ҳифзи сарҳадҳо, мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз ҷумлаи масъалаҳои асосие мебошанд, ки меҳвари асосии ҳамкориҳоро ташкил медиҳанд. Дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ «аз соли 2005 шурӯъ карда, дар донишгоҳҳои ҳарбии Федератсияи Россия ба шаҳрвандони Тоҷикистон дар асоси имтиёзҳо, таълими ҳарбӣ омӯзонда мешуд. Ҳамин тариқ, ҳар сол зиёда аз 80 нафар шаҳрвандони тоҷик дар донишкадаҳои Россия дар асоси имтиёзҳо маълумоти ҳарбӣ мегиранд» [3].

Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои дуҷонибаи Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, баҳри таъмини амнияти минтақа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва стратегии кишварҳо ва махсусан баҳри пешгирии зуҳур ва густариши падидаҳои нохушоянди экстремизм ва терроризми байналхалқӣ равона гардидааст. Ҷанбаҳои асосии ин ҳамкориҳоро, ки бевосита дар доираи СААД амалӣ мегарданд, метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- ҳамкориҳои дуҷонибаи ин ду кишвар дар асоси ҳифзи манфиатҳои миллии дуҷониба роҳандозӣ гардида, хусусияти ҳамкориҳои дӯстонаро касб намудаанд;
- Федератсияи Россия шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, мубориза бо терроризми байналхалқӣ ва алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии ҳарду кишвар ба шумор меравад;
- тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи ҳарбӣ аз ҷумлаи ҳамкориҳои дуҷониба ба шумор меравад;
- мавҷудияти пойгоҳи низомии Россия дар ҳудуди Тоҷикистон ба ҳайси дивизияи 201-ум аз ҷумла он ҳамкориҳо дар доираи СААД мебошад, ки барои таъмини амният дар минтақа равона карда шудааст.

## АДАБИЁТ


1. Виктор Барсов. Современная стратегия ОДКБ – мир и безопасность / В. Барсов. «ИА AVESTA». - 17.10.2017.
2. В Таджикистане пройдут совместные учения разведчиков стран ОДКБ. [Захираи электронӣ]. http://news.tj/ru/
3. Максим В. Старчак. Россия в сотрудничестве с Таджикистаном в военно-политической сфере / В. Максим //Центральная Азия и Кавказ. -2009. -№3. (63). -С.20-35. -С.8.
4. Совместное заявление Президента Российской Федерации Владимира Путина и Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. 27.02.2017 [Захираи электронӣ]. http://www.kremlin.ru.

## ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ХАТАРҲОИ МУОСИР ДАР ДОИРАИ СААД (СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ)

Дар замони муосир таъсири хатарҳои ғайрианъанавӣ ба муносибати байни кишварҳо афзуда, талошҳои дастаҷамъонаи мубориза алайҳи онро тақозо менамояд. Дар мақола ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар чаҳорчӯбаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар самти пешгирии хатарҳои муосир инъикос шудааст. Муаллиф зарурати ҳамоҳангсозӣ ва таҳкими ҳамкории ҷонибҳоро дар доираи механизми минтақавӣ нишон додааст.

**Калидвожаҳо:** СААД, пойгоҳи низомӣ, амният, амнияти минтақавӣ, терроризм, экстремизм, хатарҳои муосир, ҳамкорӣ, шарики стратегӣ.

## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В НАПРАВЛЕНИИ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ СОВРЕМЕННЫХ УГРОЗ В РАМКАХ ОДКБ.

В настоящее время усиливается влияние нетрадиционных угроз на отношения между государствами, требуя коллективных усилий борьбы против них. В статье освещается сотрудничество РТ и РФ для предотвращения новых угроз в рамках ОДКБ. Автор показал необходимость координации и укрепления сотрудничества сторон в рамках регионального механизма.

**Ключевые слова:** ОДКБ, военная база, безопасность, региональная безопасность, терроризм, экстремизм, современные угрозы, сотрудничество, стратегический партнёр.

## COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TATARSTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION IN THE DIRECTION OF PREVENTING MODERN THREATS WITHIN THE CSTO (COLLECTIVE SECURITY TREATY ORGANIZATION

At the present time, the influence of non-traditional threats on relations between states is increasing, requiring collective efforts to combat them. The article highlights cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation to prevent new threats within the framework of the CSTO. The author showed the need to coordinate and strengthen the cooperation of the parties within the framework of the regional mechanism.

**Key words:** CSTO, military base, security, regional security, terrorism, extremism, modern threats, cooperation, strategic partner.

**Сведения об авторе:** ***Розиков Фарход*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, ассистент кафедры зарубежного регионоведения. Телефон:**918685636**, E-mail: **fr_tj@mail,ru**

# ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПРОБЛЕМЫ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ВООРУЖЕННЫХСИЛ ТАДЖИКИСТАНА И РОССИИ

***Забиров Д.В.***
**Российский университет дружбы народов**

Вряд ли будет преувеличением утверждать, что на сегодняшний день российско-таджикские связи находятся на подъеме. Это особенно контрастно выглядит по сравнению с некоторой паузой в их развитии, продлившейся с конца 2012 и до осени 2013 года и связанной с взаимной «обкаткой» важнейшего соглашения по российскому военному присутствию в Таджикистане. Но как только этот вопрос был окончательно урегулирован, взаимодействие Москвы и Душанбе получило дополнительный импульс практически во всех сферах.

8 апреля этого года страны отмечали 23-летие установления дипломатических отношений между Россией и Таджикистаном, договорно-правовую основу которых заложил подписанный 25 мая 1993 года Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи. Однако этот сравнительно небольшой по историческим меркам срок пришелся на сложный период, охвативший внутритаджикский конфликт 1990-х годов и становление независимого таджикского государства. И вряд ли кто-нибудь будет всерьез отрицать, что все эти годы Россия была рядом и оказывала Таджикистану всестороннюю поддержку, в результате чего их отношения выдержали сложные испытания и приобрели характер устойчивого стратегического партнерства. Так что, как мне представляется, накопленный нами опыт и новые реалии на постсоветском пространстве дают повод вновь присмотреться к содержанию и перспективам российско-таджикского взаимодействия.[10,С.133]

Руководство Таджикистана проводит многовекторный внешнеполитический курс, Россия остается для Душанбе основным партнером по широкому спектру взаимодействия. Это обусловлено как историческими связями - почти весь XX век мы жили в едином государстве, - так и во многом сугубо прагматическими соображениями - совместной заинтересованностью в сотрудничестве в вопросах обеспечения безопасности, противодействия современным вызовам и угрозам, в том числе исходящим с афганской территории, а также тесными экономическими связями, массовой трудовой миграцией в Россию и рядом других. Как представляется, это основные аргументы в пользу сохранения для Таджикистана приоритетности российского вектора и тесного взаимодействия с Россией в рамках международных и региональных структур. Польза от такого сотрудничества взаимная. Для России Таджикистан является важным фактором сдерживания исходящих из Афганистана террористической и наркотической угроз. Кроме того, Таджикистан - крупный поставщик необходимых для экономики России

трудовых ресурсов (по разным оценкам, в РФ постоянно находятся до 1,5 млн. таджикских граждан). На территории Таджикистана дислоцируется крупнейшая российская военная база за рубежом и уникальный комплекс космической разведки Военно-космических сил России. Таджикистан - наш надежный партнер по взаимодействию на постсоветском пространстве, в том числе в форматах ОДКБ, ЕврАзЭС и ШОС. В настоящее время в Душанбе идет процесс концептуального осмысления перспектив присоединения республики к Таможенному союзу.[1,С.45]

По общему мнению, мощный импульс для вывода двусторонних отношений на качественно новый уровень придал официальный визит в Таджикистан Президента Российской Федерации В.В.Путина в октябре 2012 года, в ходе которого был заключен ряд важных договоренностей, процесс реализации которых к настоящему времени практически завершен. Подписанное тогда Соглашение о статусе и условиях пребывания российской военной базы на территории Республики Таджикистан обеспечило условия для долгосрочного (до 2042 г.) военного присутствия в ключевом с точки зрения нашей общей безопасности регионе. И наконец, состоявшийся 6 февраля этого года в Сочи обмен ратификационными грамотами по этому соглашению поставил точку в этом вопросе - 201-я российская военная база остается важнейшим фактором сохранения стабильности и безопасности в Таджикистане и Центральной Азии в целом.

Взаимодействие России и Таджикистана в военной сфере носит подлинно союзнический характер, наши страны являются членами Организации Договора о коллективной безопасности со всеми вытекающими из этого обязательствами. Российская сторона остается основным партнером Таджикистана в сфере военно-технического сотрудничества. В значительной степени это объясняется исторически сложившимися традиционными связями, а также российским военным присутствием на таджикской территории. В настоящее время оборонные ведомства двух стран завершают работу по согласованию программы модернизации Вооруженных сил Таджикистана. Кроме того, в рамках ОДКБ подготовлена Целевая программа оснащения военной техникой и вооружением подразделений КСОР ОДКБ, в состав которых входит десантно-штурмовая бригада Вооруженных сил Таджикистана.[2,С.56]

Еще один очень важный момент: укрепление таджикско-афганской границы. В 2005 году была проведена передача российскими пограничниками функций по ее охране таджикской стороне. С тех пор в Таджикистане действует Группа пограничного сотрудничества ФСБ России, оказывающая необходимую поддержку таджикским пограничникам. Основой взаимодействия в охране границ стала подписанная в ноябре 2013 года Программа развития сотрудничества между погранслужбами России и Таджикистана.В рамках ОДКБ принято решение об оказании Таджикистану коллективной помощи в укреплении границы с Афганистаном. Военно-политические отношения государств - участников СНГ -составная часть международной деятельности государств, отражающей близость или совпадение их национальных интересов и обеспечивающей объединение усилий в оборонительной области, включая совместную оценку военной опасности, формулирование целей, принципов оборонного строительства, военного сотрудничества, а также взаимные обязательства в области обеспечения безопасности на основе равноправия и взаимовыгодных интересов с соблюдением международных договоров и национального законодательства). [8,С.34]

Планирование и преобразование ОДКБ в более многофункциональную структуру, которая могла бы реагировать на все категории вызовов и угроз, начиная от военной и кончая терроризмом, экстремизмом, незаконным оборотом наркотиков и техногенными катастрофами, будут способствовать его дальнейшему развитию.

Прошедшее десятилетие убедительно подтвердило, что углубление многосторонних военных контактов не противоречит национальным интересам государств - участников и идет в русле общемировых тенденций. С учетом новых угроз глобальной, коллективной и национальной безопасности определены общие подходы ОДКБ к военным аспектам предотвращения и урегулирования конфликтов, противодействия международному терроризму. [6,С.77]

Для повышения эффективности военного сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации в рамках ОДКБ в интересах обеспечения военно-политической безопасности государств необходимо: внести изменения в документы, отражающие военные доктрины и концепции национальной безопасности государств-участников в части уточнения перечня основных внешних и внутренних угроз коллективной безопасности стран Содружества; на основании уже разработанных и принятых программных документов Организации Договора о коллективной безопасности, разработать и утвердить необходимые положения, определяющие основы совместной оборонной политики ОДКБ; согласно Концепции коллективной безопасности начать создавать наряду с объединенными системами ПВО другие ОС, например разведки, связи; после создания объединенных систем и региональных группировок войск в перспективе могут быть образованы коллективные вооруженные силы.

Анализируя принципы межгосударственного сотрудничества, выделим следующие принципы применительно к межгосударственному военному сотрудничеству Республики Таджикистан и Российской Федерации: приоритетность интересов государства при осуществлении международного военного сотрудничества на приемлемых условиях; соблюдение международно-правовых обязательств государства в области международного военного сотрудничества; недопустимость нанесения ущерба обороноспособности и безопасности государства при осуществлении международного военного сотрудничества; обеспечение равных условий участия в осуществлении международного военного сотрудничества; сохранение и поддержание политических, экономических и военных интересов государств; государственная монополия на деятельность в области военного сотрудничества (формирование состояния защищенности государства при осуществлении военного сотрудничества); защита со стороны государства прав и законных интересов граждан и организаций, осуществляющих деятельность в сфере военного сотрудничества; подконтрольность и подотчетность участников военного сотрудничества; исключительная компетенция Президента (Верховного Главнокомандующего) в осуществлении военного сотрудничества.

Как представляется, сформулированные международно-правовые принципы военного сотрудничества могут послужить основой для унификации военного законодательства Республики Таджикистан и Российской Федерации.

Состояние межгосударственных связей Республики Таджикистан и Российской Федерации в военной области является благоприятным, имеет хорошую правовую базу, соответствует взаимным интересам государств и нацелены на перспективу. Ранее принятые и разрабатываемые новые законодательные акты по вопросам обороны и взаимного военного сотрудничества обоих государств, регламентирующие их деятельность, по мнению автора, могут и должны дать возможность в дальнейшем решить многие насущные проблемы военного строительства. Степень развития нормативно-правовой базы и уровень военного сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации говорит о том, что проблемы, имеющиеся в этой области, не носят принципиального характера и могут быть разрешены в ближайшей перспективе.

Можно утверждать, что российское военное присутствие в Таджикистане взаимовыгодно как для Российской Федерации, так и для Республики Таджикистан, содействует формированию устойчивого военно-стратегического баланса сил в Среднеазиатском регионе, отвечает интересам национальной безопасности России и демонстрирует ее готовность выполнить свои союзнические обязательства, а также обеспечивает возможность реагировать на кризисные ситуации в начальной их стадии. Правовыми основаниями пребывания Вооруженных Сил РФ на территории Республики Таджикистан служат межгосударственный Договор о статусе и условиях пребывания российской военной базы на территории Республики Таджикистан и Соглашение о сотрудничестве по пограничным вопросам.

В дополнение к Договору о статусе и условиях пребывания российской военной базы на территории Республики Таджикистан от 16 апреля 1999г. сторонами были разработаны и подписаны межправительственные соглашения: о финансовом обеспечении российской военной базы на территории Республики Таджикистан; о межгосударственных воинских перевозках в интересах российской военной базы; о пунктах размещения российской военной базы на территории Республики Таджикистан и о порядке передачи использования земельных участков для размещения и функционирования российской военной базы; о порядке обеспечения и использования жилой площади лицами, входящими в состав российской военной базы, и членами их семей; о создании детских дошкольных учреждений Министерства обороны Российской Федерации на территории Республики Таджикистан; соглашения о юрисдикции и взаимной правовой помощи по делам, связанным с нахождением российской военной базы на территории Республики Таджикистан; о сотрудничестве в области проведения работ по безопасной утилизации изделий и отходов твердого ракетного топлива, содержащих бериллий (г. Душанбе, 28 июня 2005 г.);о порядке передачи под охрану Республике Таджикистан участка государственной границы там где она соседствует с Переходным Исламским Государством Афганистан, охраняемого российскими пограничными органами и пограничными войсками, и о порядке передачи имущества, используемого органами Федеральной службы безопасности (Душанбе, 16 октября 2004 г.); о передаче движимого имущества, находившегося в местах дислокации воинских формирований до 25 мая 1993 г., во временное пользование российской военной базе, расположенной на территории Республики Таджикистан (Душанбе, 16 октября 2004 г.); о порядке применения оружия военнослужащими российской военной базы вне территории российской военной базы в Республике Таджикистан. [11,С.173]

Общепризнанно, что страны эффективно взаимодействуют и на антинаркотическом треке. В начале года Россия передала Таджикистану материально-технические средства на сумму около 900 тыс. долларов, закупленные в соответствии с Программой содействия ФСКН России

Агентству по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан на 2012-2014 годы, общая стоимость которой составляет более 5,4 млн. долларов.

28 марта 2016 года в городе Минске состоялось очередное заседание Комитета начальников штабов вооруженных сил государств –участников Содружества Независимых Государств. В работе заседания приняли участие делегации военных ведомств Азербайджанской Республики, Республики Армения, Республики Беларусь, Республики Казахстан, Кыргызской Республики, Российской Федерации и Республики Таджикистан.

Также в ходе пребывания в Минске главой Генерального штаба Вооруженных Сил России запланировано проведение двусторонних встреч со своим коллегами из Республики Таджикистан и Республики Беларусь, в ходе которых будут обсуждаться вопросы военного и военно-технического сотрудничества между государств.

В 2015 году деятельность Группы пограничного сотрудничества ФСБ России в Республике Таджикистан осуществлялась в интересах реализации Соглашения между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан о сотрудничестве по пограничным вопросам от 2 сентября 2011 г. и носила практический характер. В рамках реализации Соглашения в сфере советнической (консультативной) деятельности принято участие в организации 15 учебно-методических сборов с более чем 500 военнослужащими ПВ ГКНБ Республики Таджикистан. Для ГУПВ, Высшего пограничного училища и учебного центра «Пойтахт» ПВ ГКНБ Республики Таджикистан подготовлено около 1500 проектов служебных документов, осуществлено более 300 мероприятий по совершенствованию учебной и материально-технической базы.

В интересах ПВ ГКНБ Республики Таджикистан авиацией ФСБ России перевезено около 4 000 служебных пассажиров, доставлено свыше 80 тонн различных грузов.

По заявкам пограничного ведомства Республики Таджикистан в подразделения, непосредственно охраняющие таджикско-афганский участок границы, автотранспортом Группы доставлено более 170 тонн служебного груза. Отношения между Таджикистаном и Россией складываются на основе союзнических обязательств, и в рамках этих отношений доставляет удовольствие сказать о том, что они тесно сотрудничают и согласовывают свои позиции во всех международных организациях – в ООН, ОБСЕ, Шанхайской организации сотрудничества. И эта работа идет по линии министерства иностранных дел и по линии силовых ведомств. В основе двусторонних отношений всегда лежит определенный комплекс стереотипов, образов, которые формируют представления одних о других. Это тем более важно, когда одним из главных условий взаимоотношений является понимание друг друга, в том числе и на международном уровне между соседними странами.

Формирование стереотипов происходит путем складывания исторического прошлого стран, личных мнений и оценок отдельных представителей населения той или иной страны, внутриполитическими событиями и представлением о стране на мировой арене. Стереотипам подвержены не только населения двух стран, но и властные и политические структуры, а также средства массовой информации. Таким образом, влияние стереотипов прямым образом отражается на формировании региональных и международных связей.

## ЛИТЕРАТУРА


1. СайдуллоАбдуллоев, АтахонСайфуллоев. Навечно с Россией. М.; 4-й филиал Воениздата, 2013.
2. Симония II.А. Постсоветские конфликты и Россия. -М., 2014.
3. Талалаев А.Н. Хельсинки: принципы и реальность. М., 2014.
4. Хропашок В.Н. Теория государства и права / Под ред. В.Г. Стрекозова. -М., 2015.
5. Шинкарецкая Г.Г. Юридическая природа СНГ // Международное право: Учебник / Отв. ред. Е.Т. Усенко, Г.Г. Шынкароецкая. М., 2013.
6. Цыпичко В.Н. Руководителю о принципах решений.-М., 2013.
7. Ахлыбитшский Б.В., Асеев В.А., Шорохов И.М. Принцип детерминизма в системных исследованиях. Л.; 2013.
8. Баранечков В.В. Системный подход как важнейшее условие совершенствования законодательства о военной службе // Российский военно-правовой сборник. 2015. - № 5.
9. Бондарев Ю.С. Договор о коллективной безопасности важный фактор обеспечения стабильности и безопасности на пространстве Содружества Независимых Государств // Вестник Совета Федерации. -2013. №2.
10. Бушков В.И. Микульский Д.В. Анатомия гражданской войны в Таджикистане. М., 1997. - 2-е изд.; Зейналов Э., Олимова С. (из выступлений на конференции)//Центральная Азия. – 2014. - № 6 (12).
11. Выступление С.И. Иванова на совместной пресс-конференции по итогам совещания //Дипломатический вестник. 2013. - №5.
12. Гречко Л.В., Шиикарецкая Г.Г. Понятие конфедерации и СНГ // Московский журнал международного права. 2013.


## САМТҲОИ АСОСИИ МУШКИЛОТИ ҲАМКОРИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ТОҶИКИСТОН ВА РУСИЯ

Мақолаи мазкур ҳамкориҳои Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро матраҳ намуда, ба аҳамияти ҳамкорӣ байни қувваҳои мусаллаҳи Точикистон ва Руссия бахшида шудааст. Рад кардан ғайриимкон аст, ки Руссия тули ин солҳо дар канори Тоҷикистон буд ва ҳамаҷониба онро дастгирӣ намуд, ки дар натиҷа муносибатҳои онҳо санҷишхои душворро паси сар намуд ва маҳз ҳамин санҷишхо онҳоро ба

яке аз шарикони стратегӣ оварда расонид. Имрӯзҳо бе ягон шаку шубҳа муносибатҳои дуҷонибаи Руссияву Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор доранд.

**Калидвожаҳо:** ҳамкории байни Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, СААД, ИДМ, СҲШ, равобити ҳарбӣ, таҳдидҳо ба амният.

**ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПРОБЛЕМЫ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ВООРУЖЕННЫХСИЛ ТАДЖИКИСТАНА И РОССИИ**

Статья посвящена рассмотрению сотрудничества Российский Федерации и Республики Таджикистан, по вопросу важности проблемы взаимодействия вооруженных сил Таджикистана и России. Вряд ли можно отрицать, что все эти годы Россия была рядом и оказывала Таджикистану всестороннюю поддержку, в результате чего их отношения выдержали сложные испытания и приобрели характер устойчивого стратегического партнерства. Не будет преувеличением утверждать, что на сегодняшний день российско-таджикские отношения заметно прогрессируют и находятся на пике своего подъема.

**Ключевые слова:** сотрудничества Российский Федерации и республики Таджикистан, ОДКБ, СНГ, ШОС, Военые отнашение, угрозы безопасности.

**THE MAIN PROBLEMS OF INTERACTION BETWEEN THE ARMED FORCES OF TAJIKISTAN AND RUSSIA**

The article is devoted to the cooperation between the Russian Federation and the Republic of Tajikistan,focusing on the importance of interaction between the armed forces of Tajikistan and Russia. One can hardly deny that through all these years, Russia was next to, and provided comprehensive support to Tajikistan; Because of this, their relations have withstood difficult tests and acquired the characteristics of a sustainable strategic partnership. It is no exaggeration to say that the Russia-Tajikistan relations have progressed and, to date, are at the peak of its ascent.

**Key words**: Russian and Tajikistan cooperation, CSTO, CIS, SCO, Military relationship, threat to security.

**Сведения об авторе:** ***Забиров Джумахон Вохидович*** **-** Российский университет дружбы народов, аспирант кафедры теории и истории международных отношений. E-mail: **Judo_0090@mail.ru** Телефон: **+992988948787**

# ИҶЛОСИЯИ XVI- УМИ ТАҚДИРСОЗИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНКИШОФУ ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

***Тоҷев Фаррухрӯз, Тоҷев М.Н.***

**Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар тайи солҳои баъди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сипаришуда муаррихон, сиёсатшиносон ва намояндагони дигар илмҳои ҷомеашиносӣ ҳодисаҳои рухдодаи пурфоҷиа ва хунини ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон то андозае таҳқиқ ва арзёбӣ намудаанд. Дар таърихи тӯлонии халқу миллатҳои гуногун санаю воқеаҳое ҷой доранд, ки ба инкишофи минбаъдаи давлатдории онҳо такони бузург додаанд.

Даъват ва гузаронидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (18 ноябр - 2 декабри соли 1992) дар шаҳри Хуҷанд барои Тоҷикистону тоҷикистониён аз чунин рӯйдоди воқеан тақдирсоз ба шумор меравад [1]. Зарурати даъвати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шаҳри Хуҷанд вазъияти хеле ташвишовари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар тақозо мекард [1]. Бар асари даргириҳои мусаллаҳона байни неруҳои мухталифи Тоҷикистон ҳазорҳо одамон ба шаҳодат расида, чандин ҳазор маҷрӯҳ гаштанд. Садҳо ҳазор нафари дигар маҳалли зисти худро тарк карда, дар кишварҳои гуногун маскан гирифта буданд [2]. Ин тавр сурат гирифтани вазъи сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ оқибатҳои фалокатборро пеш овард. Органҳои қудратии ҷумҳурӣ фалаҷ гашта, дар ин даргириҳо мавқеи бетарафиро пеша карда буданд. Ин чунин маъно дошт, ки онҳо қувваҳои мухолифинро ҷонибдорӣ мекунанд. Органҳои амниятӣ бехатарии депутатҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзоёни ҳукуматро таъмин карда наметавонистанд, дурустараш таъмин кардан намехостанд. Маҳз бо ҳамин сабаб Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд даъват карда шуд. Дар шароите ки ҷомеаи Тоҷикистонро буҳрони шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта буд, неруҳои мухталифи сиёсӣ, ки арзи вуҷуд карда буданд, кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар таркиби сохтори давлатӣ мавқеи муносибро соҳиб шаванд ва дар системаи сиёсии ҷомеа ё ташкилоти сиёсӣ фаъолият намоянд, яъне ҳокимияти давлатиро ба даст оранд.

Раванди демократикунонӣе, ки охири солҳои 80-ум дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сурат гирифта буд, Тоҷикистонро низ фаро гирифта буд. Дар як муддати кӯтоҳ дар

ҷумҳурӣ ҳизбҳо, созмонҳо ва клубҳои гуногун арзи вуҷуд карданд, ки аксари онҳо, бахусус клуби сиёсии «Рӯ ба рӯ», созмони «Растохез», «Ҳизби демократии Тоҷикистон», «Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон», ҳаракати мардумии «Лаъли Бадахшон» ва дигар созмону ҳизбҳои сиёсӣ дар рух додан ва ба авҷи аъло расонидани фоҷиаи Тоҷикистон саҳми бештар гузоштанд.

31-уми августи соли 1992 гурӯҳҳои яроқбадасти мухолифин қасри президентро иҳота карда, ба он зада даромаданд ва ниҳоят, якчанд аъзоёни ҳукумат ва кормандони дастгоҳи раиси ҷумҳурро ба гаравгон гирифтанд. Маҳз дар ҳамон рӯзҳо муовини аввали раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб Сангов Сайфиддин, ки ба марказ барои гурусназадагони вилоят барои ғалла омада буд, аз утоқи кории Сарвазир Каримов Ҷ. гаравгон гирифта шуда, ба қатл расонида шуд. 7 сентябри ҳамон сол дар зери фишори силоҳбадастони ба ном ҷавонони шаҳри Душанбе раиси ҷумҳур ба истеъфо равон карда шуд.

Баъди намоиши телевизионии маҷлиси Раёсати Шӯрои Олӣ, ки дар он фаъолияти вазири корҳои дохилӣ генерал Навҷувонов Ф. баррасӣ шуд, ихтилоф байни гурӯҳҳои даргир боз ҳам тезу тундтар гашт ва он баъди пирӯзии Набиев Р. дар интихоботи президентӣ ба дараҷаи оштинопазирии худ расид.

Дар соли пурфоҷиаи 1992 дар натиҷаи задухӯрдҳои шадиди тарафҳои муқобил ва фалаҷ гардидани ҳокимияти давлатӣ хатари ба нестӣ рафтани давлати Тоҷикистон ба миён омад. Роҳбарони онвақтаи Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов, Раҳмон Набиев ва хусусан Ҳукумати ба ном мусолиҳаи миллӣ дигар вазъиятро таҳти назорат нигоҳ дошта натавонистанд. Алангаи ҷанги шаҳрвандӣ, аллакай, доман паҳн карда буд ва онро бидуни андешидани чораҳои фаврӣ ҷилавгирӣ намудан имконнопазир буд. Аз як тараф, фурсат аз даст рафта буд, аз тарафи дигар, роҳбарони онвақта ба ҳалли муаммои ин фоҷиа аз назари дастгирии марказ ва манфиатҳои корпоративии хеш муносибат мекарданд.

Дар сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон депутатҳои Шӯрои Олӣ, ки аксарашон аз ҷумлаи номенклатураи ҳизбию шӯравӣ ва сарварони хоҷагиҳо иборат буданд, низ нақши муассире гузоштанд. Дар вазъияти баамаломада ба майдони сиёсат ва сари қудрат омадани чеҳраҳои нави сиёсӣ зарурати воқеӣ гардид. Аз ин хотир дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон барои мардуми Тоҷикистон тараҳуми тақдир буд [3]. Ӯ бо истифода аз неруи бузурги ҷавонӣ ва самимияти азалии хеш ба қувваҳои солими ҷомеа такя намуда, барои раҳоӣ бахшидани Тоҷикистон аз фалокати даҳшатбори ҷанги шаҳрвандӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод ва тадриҷан ба боварию дастгирии мардум сазовор гардид. Ба рӯзномаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 масъалаи муҳимтарин дохил карда шуда буданд. Муҳокима ва аз рӯйи онҳо қабул кардани қарорҳои дахлдор ба муътадил гардидани вазъи ҷамъиятӣ, сиёсии ҷумҳурӣ ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ нигаронида шуда буд. Дар иҷлосия дар чорчӯбаи Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи онвақта органҳои олии ҳокимияти давлатӣ интихоб карда шуда, сарвазир ва дигар шахсони олимансаб тасдиқ карда шуданд. Дар Иҷлосия инчунин дар бораи рамзҳои давлатӣ-Нишон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул карда шуд. Бешубҳа, ин иҷлосия дар бобати барқарор кардани қонуният ва инкишофи давлатдории навини тоҷикон гардиши куллӣ ба шумор меравад. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ, тафоҳуми назар сурат гирифт. Аҳли олам, ки аз воқеаҳои хунини Тоҷикистон огоҳ буданд, ба рафту натиҷаи иҷлосия мароқи хосса зоҳир мекарданд. Рафти онро 70 нафар мухбирони нашрияҳои мухталифи маҳаллию хориҷӣ инъикос мекарданд. Хабарнигорони як қатор давлатҳо, аз қабили Россия, Ӯзбекистон, Канада, Англия, Эрон, Фаронса ба нашрияҳои худ дар бораи рафти Иҷлосия хабар мерасониданд. Муҳимтарин иқдому комёбии иҷлосия кӯшиши таъмин намудани тантанаи қонун, хотима додан ба қонуншиканӣ, бо роҳи конститутсионӣ ҳал намудани масъалаҳои тезутунди иҷтимоию сиёсӣ, ки ҷомеаро ба изтироб меоварданд, ба шумор мерафт.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти эҳсос намудани тантанаи ҳисси баланди масъулият аз муқовимати тӯлонии мусаллаҳона, ки боиси марг ва бадбахтии одамон гардид, низоми таъминоти зиндагии мардумро халалдор карда, онро ба вартаи гуруснагӣ ва дигар оқибатҳои марговар афканд, якчанд қонунҳо ва қарорҳои ҳаётан муҳим қабул кард, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ба маҳалли зисти доимиашон баргардонидани онҳо нигаронида шуда буд.

Ба хотири ҳарчи зудтар хотима бахшидан ба ҷанги бародаркушӣ ва ҳал намудани масъалаҳои баҳсноки сиёсӣ дар асоси мусолиҳаи тарафайн Иҷлосия ба роҳбарони гурӯҳҳои мусаллаҳ имконият дод, ки аз минбари он баромад карда, дар атрофи мизи гуфтушунид нишинанд. Бо мақсади амалӣ гаштани уҳдадории оташбас, супоридани силоҳ, ки қумандонҳои силоҳбадаст ихтиёран ба зимма гирифта буданд, инчунин барои пойдор намудани сулҳ, пешгирӣ кардани фоҷиаи миллӣ, аз харобшавӣ нигоҳ доштани асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, ҳамдигарфаҳмию ҳамкории гурӯҳҳои гуногун ва таъмини фаъолияти муътадили ниҳодҳои давлатӣ, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир карданд» қабул кард. Тибқи ин ҳуҷҷати таърихӣ ашхосе, ки дар ишғоли биноҳою идораҳои давлатӣ, муҳосираи роҳ ва объектҳои ҳаётан муҳим, вайрон кардани сарҳади давлатӣ (агар он ба қочоқи моводи мухаддир марбут набошад) ба ҷавобгарӣ кашида намешуд. Қабули қонуни номбурда худ гувоҳи он аст, ки аз рӯзҳои аввали фаъолияташ роҳбарияти тозаинтихобкардашудаи ҷумҳурӣ ягона роҳи дурусти наҷоти Ватанро аз вартаи ҳалокат-роҳи сулҳу салоҳ ва мусолиҳаи миллӣ медонист. Яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳое, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 ноябри соли 1992 қабул карда буд, ин «Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо, ба тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ» ба шумор меравад. Дар ин муроҷиатнома чунин омада буд:

- «бо эҳсоси хавфи касофати умумимиллӣ, ки қодир аст орзуи чандинасраи тоҷиконро оиди истиқлолият ва эҳёи давлатдории худ аз байн барад;
- ҷанги бародаркуширо, ки боиси ҳалокат ва харобӣ, кушта шудани ҳазорон одамони бегуноҳ мегардад, маҳкум карда;
- ба муқобили ҳама гуна шаклҳои террори сиёсию ҷисмонӣ, ҷазодиҳии худсарона ва бедодгарии ҳуқуқӣ қатъиян баромад карда, ба дарду ғам, бадбахтиву хавотирии ҳамаи сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон шарик шуда;
- мақоми аввалиндараҷа доштани ҳуқуқи шахсиятро бидуни мансубияти миллӣ ва динию мазҳабӣ, ҷаҳонбинӣ, майли идеологӣ ва амсоли ин эътироф карда;
- масъулияти таърихии худро нисбат ба тақдири Ҷумҳурии навташкили Тоҷикистон, ки ба роҳи тараққиёти мустақилонаи миллӣ қадам ниҳоданист, дарк намуда;
- ба тамоми аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо, ба тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ муроҷиат мекунад, ки ҷидду ҷаҳди худро баҳри фаврӣ қатъ кардан ва аз рӯзгори ҷомеа дур кардани ҷанги бародаркушӣ муттаҳид намоянд. Аҳзоби сиёсӣ, ҳаракатҳои мардумӣ, созмонҳои динию миллӣ, маданӣ ва минтақавӣ, ба ҳайси воқеияти ҷамъияти имрӯза шинохта, принсипҳои зеринро эълон дошта ва қатъиян риоя карда шаванд:
- зӯроварӣ дар муносибати байни ҳамдигар ва бо мақомоти ҳокимият нораво ҳисобида шавад;
- тамоми ихтилофоту ҷанҷол фақат дар паси мизи гуфтушунид ҳаллу фасл гардад;
- даставу гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ бесилоҳ ва пароканда карда шаванд;
-тамоми шаклҳои равобит ва ҳамкорӣ бо унсурони дастаҳои ҷинояткор қатъ карда шавад;
-аз ҳама гуна таблиғоти зӯроварӣ, хоҳ ҷисмонӣ бошад, хоҳ маънавӣ, ҳама гуна шакли таҳдид, аз ҷумла, рекети сиёсӣ даст кашида шавад;
-эълон гардад, ки то дами аз буҳрони ҳозираи сиёсӣ баромадан ва муътадил гардидани вазъияти Тоҷикистон гузаронидани ҳама гуна митингу намоиш, корпартоӣ, гуруснанишинӣ чун воситаи фишори сиёсӣ мамнӯъ аст;
- бояд дар назар дошт, ки манфиатҳои умумиҷумҳурӣ аз манфиатҳои қавмӣ, маҳалливу ҳамшаҳрчигӣ боло меистанд, вале ин муносибати ботаҳаммулона ва боэҳтиромонаро ба хусусият, урфу одат, расму таомул ва анъанаҳои якдигар истисно наменамояд;
- ақоиди, динӣ, идеологӣ ва сиёсии шахс чун ҳуқуқи дахлнопазири инсон эътироф карда шавад;
- баҳри ҷумҳурии якпорча ва тақсимнопазир, Тоҷикистони демокративу дунявӣ талош намоем».

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон», ки дар ин Иҷлосия қабул карда шуда буд, ба ҳамаи органҳои ҳокимияти давлатӣ, ҷамъиятӣ супориш дода шуда буд, ки барои ба маҳалли зисти пештараашон баргардонидани гурезагон ва дар кори сохтан, харидани манзил, амвол, чорво чораҳои таъхирнопазир андешанд. 12 декабри соли 1992 расонаҳои ахбори оммавӣ «Муроҷиатномаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба халқи шарифи Тоҷикистон» интишор намуданд. Дар ин

муроҷиатнома амалӣ намудани як қатор вазифаҳое, ки барои таъмини амнияти мардум ва ҳаёти осоиштаи онҳо хеле заруранд, ба миён гузошта шуда буд. Қаблан, вазифа гузошта мешуд, ки ҳарчи зудтар дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ҳокимият ва органҳои идоракунӣ барқарор карда, кори пурмасъулияти онҳо таъмин карда шавад, дар маҳалҳо сохтори органҳои амалкунандаи муҳофизати ҳуқуқ барқарор ва барои иҷрои вазифаи муқаддаси онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад, то ки онҳо ҳаёти шаҳрвандони ҷумҳуриро мутобиқи принсипҳои умумибашарӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои хотимавии Созмони Амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Баёнияи Париж ва дигар шартномаҳои байналхалқӣ сабт шудаанд, таъмин намоянд. Гурезаҳоро ба шаҳру деҳот ва манзилашон баргардонида, онҳоро бо сару либос, хӯроквори таъмин намуда, барои кори бонизом дар роҳи барқарор кардани харобазорҳо шароит фароҳам оварда шавад.

Дар ин муроҷиатнома амалӣ гардидани як қатор тадбирҳое, ки барои ба зудӣ ба кор даровардани корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои гуногун, тадриҷан иқтисодиёти ҷумҳуриро ба муносибатҳои бозоргонӣ гузаронидан, истифода бурдани захираҳои зеризаминӣ, таълими кадрҳои баландихтисос, ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус одамони камбизоат, пешкаш карда шуда буд. Инчунин, барои мустаҳкам кардани иқтидори мудофиавии кишвар, бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ нав кардани асоси қонунҳои Тоҷикистон, аъзо шудан ба ташкилотҳои байналхалқӣ ва дигар таклифҳои муфид пешниҳод карда шуда буданд, ки онҳо барои пойдор шудани сулҳу салоҳ, дар асоси меъёрҳои эътирофшудаи байналхалқӣ, таҳким ёфтани муносибатҳои Тоҷикистон бо давлатҳои дуру наздик, дарёфт намудани мақоми Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намуданд. Бешубҳа, ҳуҷҷатҳое, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд қабул карда буд, як навъ паймони оштии байни тарафҳо ба шумор мерафтанд.

Бо боварии том метавон гуфт, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иҷлосияи наҷоти миллӣ ба шумор меравад. Агар дар он намояндагони халқ ва тарафҳои даргир ба мувофиқа намеомаданд ва роҳи оштиро пеш намегирифтанд, эҳтимол Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил аз байн мерафт ва хавфи рӯ ба нестӣ ниҳодани миллати тоҷик боқӣ мемонд ва билохира, хатари воқеии ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ доман паҳн кардани алангаи оташи ҷанг, ки оқибатҳои фоҷиаборро ба бор меовард, аз эҳтимол дур набуд. Ҳамин тавр, Иҷлосияи XVI-уми таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноябри соли 1992 дар ҷумҳурӣ тартиботи конститутсиониро аз нав барқарор намуд [4].

Дар амалӣ гардидани қарорҳои Иҷлосияи XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми фарзанди номвар ва номбардори халқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле барҷаста аст. Эмомалӣ Раҳмон бо тадбирҳои хирадмандона ва матонату ҷасорати фавқулода кишварро аз вартаи фалокат ва ҳалокат берун овард, мардуми парешонро сарҷамъ намуд ва садҳо ҳазор ғурбатзадагонро ба ватан баргардонид.

Бо иродаи Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ харобаҳо ба ободӣ табдил ёфта, иншооти азим ба вуҷуд омаданд, барои ба ҳам пайвастани тамоми гӯшаю канори мамлакат шоҳроҳи ваҳдат ва барои мустақиман баромадан ба укёнус ва робита ёфтан ба кишварҳои дуру наздики хориҷӣ роҳҳои бузурги мошингард сохта шуданд [3].

Муҳимтарин комёбиву дастовардҳои кишвар натиҷаи меҳнати фидокоронаи халқи Тоҷикистон ва иқдомҳои қаҳрамононаи Эмомалӣ Раҳмон ва ҳаммаслакони содиқаш мебошад. Подоши ин ҳама корнамоиҳо маҳбубият ва маъруфиятест, ки Эмомалӣ Раҳмон дар миёни халқи мамлакат ва ҳазорон ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст. Мукофоти ин ҳама заҳматҳо ҳамчунин ҳусни таваҷҷуҳ ва эҳтироми бузурги ҷомеаи ҷаҳон мебошад, ки мунтазам нисбат ба Сардори донову тавонои Тоҷикистон, сиёсатмадори варзида ва ифодагари марому ормонҳои умумибашарӣ иброз мегардад. Бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Таҷрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки ягон давлат рақиби сиёсӣ ва ҳарифони қудратталабашро аз сангарҳои ҷанг берун оварда, бо силоҳи ҷангию лавозимоти ҳарбӣ ва сарбозони ҷангозмудааш дар сари дастгоҳи давлатию сохторҳои идоракунӣ ва мақомоти низомӣ нашинондааст. Сардори давлат Эмомалӣ

Раҳмон тавассути таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ҳамчунин барои гузаштан ба марҳилаи барқарорсозии иқтисодиёт ва оғози корҳои созандагию бунёдкорӣ заминаи боэътимод гузошт.

Имрӯзҳо Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро беш аз 150 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, санади хотимавии Хелсинки, Баёнияи Париж ва дигар созишномаҳои байналхалқӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро амалӣ сохта, ҳифзи ҳуқуқи инсонро, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, маҳаллӣ ва мазҳабиву нажодӣ, мурооат менамояд. Ҳамзамон, дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург ва саривақтианд [5]. Ӯ борҳо аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид баромад карда, дар баробари мушкилоти Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Афғонистон, масъалаҳои мубориза бо терроризму экстремизм, қочоқи моводи мухаддир, рушди нобаробари давлатҳои ҷаҳон, масъалаи таъминоти оби тоза ва ғайраҳо ҷалб мекунад. Ниҳоят, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли қазияи Афғонистон, ки ба пойгоҳи терроризму экстремизм табдил ёфта буд, рӯ овард.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои муҳимтарини оянди инсоният низ муносибати дурбинона ва ҷиддӣ доранд. Бо пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-юмро Соли байналмилалии оби тоза, солҳои 2005-2015-умро Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», декабри соли 2016 Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор» эълон кард [6]. Айни ҳол аксари чорабиниҳои ҷаҳонию минтақавии вобаста ба об дар чаҳорчӯбаи ҳамин даҳсола гузаронида мешаванд, ки боиси ифтихору сарфарозии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аз ин иқдоми Сардори давлат аст. Дар тӯли бисту панҷ соли истиқлолият кишвари мо таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт. Дар ин муддат Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ пазируфта шуд ва бо аксари мамлакатҳои пешрафтаи дунё робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намуд. Асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат танзим гардида, пули миллӣ ба муомилот бароварда шуд, шиносномаи миллӣ эътироф гардид.

Ҳамин тавр, хизмати таърихии Эмомалӣ Раҳмон аз он иборат аст, ки маҳз ӯ ихтиёри давлатдориро ба даст оварда, пеши роҳи хатари нобудии онро гирифт, оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохта, артиши миллӣ ва неруҳои посбони сарҳадро таъсис дод. Гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонид, заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро гузошт. Конститутсияи нави Тоҷикистонро қабул кард. Ҷиҳати 27 июни соли 1997 ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ заминаҳои ҳуқуқиву сиёсиро фароҳам сохт, сулҳи тоҷиконро ба даст овард, ки барои ҷаҳониён таҷрибаи беназир аст [10]. Заминаҳои эҳёи миллиро фароҳам сохт, ба корҳои азими созандагӣ ифтитоҳ бахшид, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро ба куллӣ дигар карда, хатари гуруснагиро аз байн бурд, эътибори сиёсии давлатро дар арсаи байналмилалӣ афзуд.

## АДАБИЁТ


1. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э. Раҳмонов. –Ҷ. 1. -С. 133, 149.
2. Раҳмонов Эмомалӣ. Ҷашни истиқлолият ва Анҷумани дуюми умумиҷаҳонии тоҷикон / Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 1993. -С.10-11.
3. Шарифзода А. Президент. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ / А. Шарифзода, С. Шамсиддинов, З. Қосимӣ. –Душанбе: Ирфон, 2011. -С.19-20, 21.
4. Набиев В. Политические партии Таджикистана в период достижения мира и национального согласия / В. Набиев, М. Мухторов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. –Душанбе: Сино, 2014. -№3/8 (150). –Қ. 1. -С. 22.
5. Саидов З.Ш. Таджикистан. Межгосударственные отношения в период становления внешней политики: монография / З.Ш. Саидов. -Душанбе: ООО «Контраст», 2014. -С. 23-24.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. -С.15-16.


## ИҶЛОСИЯИ XVI- УМИ ТАҚДИРСОЗИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНКИШОФУ ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН


Дар мақола муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки нақши Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар инкишоф ва ташаккули давлату давлатдории навини тоҷик аз нигоҳи илмӣ воқеъбинона

баён намояд. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тақдири халқу давлати тоҷик зери хатари ҷиддӣ монда буд. Дар чунин шароит Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шуд, ки заминаҳои ташаккули давлату давлатдории тоҷиконро таҳким бахшид.
**Калидвожаҳо:** Шӯрои Олӣ, иҷлосия, СММ, терроризм, экстремизм, «Растохез», «Лаъли Бадахшон», демократия, конститутсия, «Об барои ҳаёт», Пешвои миллат.

**XVI СЕССИЯ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И УКРЕПЛЕНИЕ НОВЕЙШЕЙ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ**

В данной статье авторы стремились научно обосновать роль XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистана в деле восстановления и укрепления новейшего таджикского государства. Авторы отмечают, что в результате гражданской войны в Таджикистане под угрозу была поставлена судьба народа и сама таджикская государственность. Состоявшаяся в этих условиях XVI-я сессия Верховного Совета Республики Таджикистан заложила принципиально новые основы для установления новейшего таджикского государства.
**Ключевые слова:** Верховный Совет, Сессия, ООН, терроризм, экстремизм, «Растохез», «Лаъли Бадахшон», демократия, конститутсия, «Вода ради жизни», Лидер нации, международное десятилетие действии.

**XVI SESSION OF THE SUPREME COUNCIL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND STRENGTHENING OF THE NEWEST TAJIK STATE**

In this article, the Author sought to substantiate the role of the XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan for the rehabilitation and strengthening of the last Tajik. The author notes that as a result of the civil war in Tajikistan under threat was given to the fate of the nation and the Tajik state. Held in these circumstances, the XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan laid a fundamentally new basis for the creation of the newest statehood of Tajik.
**Key words:** Supreme Council, Session, UN, terrorism, extremism, Rastochez, Lali Badakhshon, democracy, constitution, Water for Life, Leader of the Nation, International Decade of Action.

**Сведения об авторах:** ***Тоджев Ф.Н.*** - Научно-исследовательский институт при Таджикском национальном университете, аспирант
***Тоджев М.Н.*** - Академии наук Республики Таджикистан, соискатель Телефон: **93.504.27.62**

# ОҒОЗИ ГУФТУШУНИДИ ТОҶИКОН ВА МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ ОН

***Холмуродова Меҳрафрӯз***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ваҳдат яке аз омилҳои устувории низоми ҷамъиятӣ ва сафарбарнамоии мақсадноки аъзоёни ҷомеа барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумии инкишоф маҳсуб мешавад. Дар заминаи ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик корбурди мафҳуми «Ваҳдати миллӣ» ҳарчанд собиқаи чандин тӯлонӣ надошта бошад ҳам, вале амалан яке аз унсурҳои таркибии раванди ҷомеасозӣ маҳсуб мешавад. Агар ба таҷрибаи ҷомеасозии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти сиёсӣ назар намоем, дар мавриди таназзули иродаи ҳамгироии миллӣ волоияти ягонагии миллии чунин фаъолият баъд аз муқовиматҳои бардавом ба мушоҳида мерасад. Дарки хавфи парокандагии миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ майли созиши қувваҳои бо ҳам муқобилро ба миён овард.

Бояд хотиррасон кард, ки бо қабул шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон, ки ибтидои солҳои 90-ум гирифтори даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ гардида буд, сулҳу суботи сартосарӣ фароҳам омад ва ин рӯйдоди бузург ба марҳилаи созандагиву бунёдкориҳои азим дар сарзамини аҷдодиамон оғоз бахшид. Ҳанӯз 27 июни соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ бо мардуми ноҳияи Рашт нисбат ба арзиши ваҳдат чунин иброз дошта буд: «Бо гузашти солҳо мо аҳамияти таърихии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, қимати сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бештар дарк ва қадр менамоем. Зеро маҳз аз баракати муттаҳид сохтани неруҳои сиёсӣ ва таҷлили ризоияти ҷомеа мо, пеш аз ҳама, тавонистем истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии Ватани азизамонро ҳифз намоем ва мардуми худро аз парокандагӣ эмин нигоҳ дорем» [6].

Аммо ризоияти миллӣ, сулҳ ва ваҳдати тоҷикон бо осонӣ ба даст наомад. Барои расидан ба он ақли солим, донишу истеъдоди баланд ва ҷидду ҷаҳди ҷасурона лозим буд, то ки дурри мақсуд, яъне дӯстиву рафоқат, ягонагиву ҳамфикрӣ ба даст ояд.

Аз таърихи башарият аён аст, ки бинобар сабаби каҷравиҳою камфаҳмиҳо ва мағрурию худписандиҳои зумрае аз шоҳон чӣ қадар шаҳрҳо валангор, чӣ қадар ободиҳо харабазор ва чӣ қадар ашхоси бегуноҳ қурбон гаштаанд. Аз «Шоҳнома» -и безаволи устоди сухан – Фирдавсии Тӯсӣ чунин мисолҳоро хеле зиёд метавон овард, ки барои наслҳои имрӯзу фардо сабақи хуби зиндагӣ шуда метавонад.

Агар ба солҳои 90-уми асри гузашта назар андозем, мебинем, ки маҳз бо кӯшишу талошҳои сарвари кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ба пояи ваҳдати миллӣ дар кишвар асос гузоштем. Кӯшишу ғайрат, ҷидду ҷаҳд, саъю кӯшишҳои Президенти ғамхору дурандеши мо бароямон сулҳу ваҳдату шодию фараҳ овард. Борҳо аз барномаю вохӯриҳояшон ин суханро шунидаем, ки гуфта буданд: «То нафари охирини аз Ватан

маҷбуран гурехташударо ба Ватан барнагардонам, ман худамро ҳамчун Президент ором ҳис намекунам».

Моҳи ноябри соли 1992 барои ҳалли мушкилот роҳбарони сиёсии минтақаҳо дар бораи даъвати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон маслиҳат карданд. Ин Иҷлосия дар ташаккули истиқлолият ва устувор шудани қоидаву қонунҳои давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нав гардид. Дар ин Иҷлосия институти президентӣ бардошта шуда буд (то 6 ноябри соли 1994, яъне то замони қабул шудани Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ҳокимияти давлатӣ ба Шӯрои Олӣ супорида шуд. Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид ва ҳайати нави ҳукуматӣ ташкил карда шуд. Дар фазои сиёсии Тоҷикистон қувваи нави сиёсӣ пайдо шуд, ки он тавре таърихи навтарини давлати соҳибихтиёри тоҷикон нишон дод, нисбат ба пешинаҳо созанда ва пуртаъсир баромад [3, с.105]. Воқеаҳои даҳшатнок ва оқибатҳои ҷанг, муноқишаи ҷамъиятӣ, задухӯрдҳои доимӣ байни гурӯҳҳои мусаллаҳ, душвориҳои барқарор кардани хоҷагиҳои харобкардашуда, бӯҳрони вазнини иқтисодиёт тарафҳои даргирро ба оғоз намудани гуфтушунид маҷбур намуд.

Баъди он, ки бо миёнаравии Созмони Милали Муттаҳид, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Федератсияи Русия аввалин бор 5 – апрели соли 1994 дар Маскав намояндагони ҷонибҳои даргир ба хотири ёфтани роҳи ҳалли мушкилоти низои тоҷикон дар рӯ ба рӯйи ҳам нишастанд, баъди 1179 – рӯзи дигар лозим мешуд, ки билохира ҷонибҳо ба тавофуқи ниҳоӣ бирасанд [4, 3]. Дар ин муддат ҳайатҳои музокиракунандаи ду ҷониб 9- даври гуфтушунидро паси сар карданд, ки баъзе аз ин давраҳо 2-3 марҳилаи алоҳидаро дар бар мегирифт. Ҳафт маротиба роҳбарони олимартабаи ҳарду ҷониб дар лаҳзаҳои душвор бо мақсади тақвият бахшидан ба раванди сулҳ хориҷ аз кишвар мулоқотҳо оростанд, то фазои сулҳу оромиро дар кишвар ҳарчи тезтар таъмин намоянд. Махсусан, мулоқоти моҳи декабри соли 1996 дар деҳаи Хусти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон барпошуда хеле муҳим буд. Дар он тарафҳо ба қатъи ҷанг мувофиқа карданд.

Дар ин мулоқот дар масъалаи ташкили Комисияи оштии миллӣ низ созиш ба даст омад. Комиссияи оштии миллӣ механизми асосии татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон буда, баъди имзои бомуваффақонаи ҳуҷҷатҳои гуногуни расмӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид 27-уми июни соли 1997 дар ш. Москва ба имзо расид [3, 109]. Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ масъалаи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) ба миён гузошта шуда, дар давраи гузариш барои татбиқи Созишномаи умумӣ ташкил карда шуда буд. Он фаъолияташро баъди даъвати парлумони нав ва ташкили мақомоти роҳбарикунандаи Маҷлиси Олӣ ва гузаронидани интихоботи нави парлумонӣ бояд қатъ менамуд. КОМ масъалаи муҳимтарини рӯз, яъне татбиқи созишномаҳои дар давоми музокироти тоҷикон баимзорасида, ба вуҷуд овардани муҳити боварӣ ва ҳамдигарбахшӣ, бо мақсади баргузорӣ ва мустаҳкам кардани ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ташкил намудани муҳокимаи васеъ миёни қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва дигар масъалаҳои муҳимро бояд ҳаллу фасл менамуд. КОМ аз 26 нафар аъзо-13 нафар аз ҷониби ҳукумат ва 13 нафар аз ҷониби Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) иборат буд. КОМ ҳамзамон аз чаҳор зеркомиссия иборат буд: ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва муҳоҷират. Ғайр аз ин, КОМ ҳамчунон дорои гурӯҳҳои корӣ, аз қабили гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои низомӣ, гурезагон, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ буд. Гурӯҳҳои корӣ аз ҷониби КОМ дар ҳолати зарурӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ таъсис дода шуда буданд.

Вазифа ва салоҳиятҳои КОМ дар асоси Низомномаи КОМ, протокол дар бораи вазифа ва салоҳиятҳои асосии КОМ ва Протоколи иловагӣ дар бораи вазифа ва салоҳиятҳои асосии КОМ муайян карда шуда буданд, ки ҳамаи ин санадҳо қисми таркибии Созишномаи умумӣ ба шумор мерафтанд.

Бояд хотиррасон кард, ки КОМ аввалин ҷаласаи худро 7-11 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав гузаронида, фаъолияти худро 15 сентябри соли 1998 дар шаҳри Душанбе оғоз намуд. Аз оғози фаъолияти худ КОМ дар муътадил гардонидани вазъият ва ба даст овардани ризояти миллӣ дар Тоҷикистон саҳми бузург гузошт, дар доираи вазифа ва салоҳиятҳои худ паҳлуҳои гуногуни Созишномаи умумиро бомуваффақият ба анҷом расонид. Қабули Санади ҳамдигарбахшӣ ба ин мисол шуда метавонад. Санади мазкур дар озод гаштани ҳама асирони ҳарбӣ, ки дар дасти Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) буд, мусоидат намуд. Инчунин, тартиб додани лоиҳаи Қонуни авф, ки мувофиқи ин қонун адади зиёди тарафдорони Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) авф гардиданд; ба қайд гирифтани қариб 6000 размандагон ва зиёда 2000 яроқ; пурра бозгардонидани размандагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) аз Афғонистон; бозгаштани пурраи муҳоҷирони тоҷик аз Афғонистон ва оғози реинтегратсияи онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар ва ғ. [1, 203].

Бояд қайд кард, ки музокироти тоҷикон дар баробари таъсиси форуми машваратии халқҳои Тоҷикистон зарурияти Шӯрои Оштии миллиро бо қатъият ба миён гузошт. Иштироккунандагони муколамаи тоҷикон дар чаҳорчӯбаи Конфронси Дортмунд бори нахуст дар ш.Маскав моҳи марти соли 1993, яъне 13 моҳ пеш аз оғози музокироти расмӣ

тахти сарпарастии СММ ҷамъ омада буданд. Агарчи онҳо дар ҷаласаҳо ба сифати афроди ҷудогона ҳузур доштанд, аз минтақаҳои гуногун неруҳҳои сиёсӣ ва созмонҳои миллии Тоҷикистонро намояндагӣ мекарданд.

Дар ҷараёни се ҷаласаи аввали муколама – моҳҳои март, май ва августи соли 1993 иштироккунандагон кӯшиш карданд, силсилаи масъалаҳо ва муносибатҳое, ки боиси низои мусаллаҳона гардидаанд, мушаххас бишаванд.

Дар нишасти 6-уми худ моҳи марти соли 1994 иштироккунандагони муколама нахустин ёддошти худро тартиб доданд, яъне, Меморандум дар бораи раванди музокирот дар Тоҷикистон ба имзо расида буд.

Мулоқоти ёздаҳуми муколама моҳи марти соли 1995 пас аз интихоботи умумӣ доир гардид. Бояд қайд кард, ки дар ин муколама тарафҳо аз рӯйи масъалаҳои мавриди баҳс ба мувофиқа нарасиданд ва танҳо иштироккунандагони даври дувоздаҳуми муколама 22-июни соли 1995 дар ш. Алмаато «Меморандум оид ба оштии миллӣ дар Тоҷикистон»-ро қабул карданд.

Ҳамин тариқ, тибқи оморе ки дар даст дорем, аз 1180 рӯзе, ки раванди музокирот бо миёнаравии Созмони Милали Муттаҳид идома доштааст, 208 рӯзи онро аз субҳ то шом, баъзан шабона ҳайатҳои музокиракунандаи ду ҷониб дар рӯ ба рӯйи ҳам баҳсу мунозира намудаанд. Ҳамагӣ дар 40 моҳ, ки дар давоми он ҷараёни гуфтушунид давом мекард, аз тарафи ҷонибҳо дар сатҳи гуногун 20 вохӯрӣ гузаронида шуда буд, аз он ҷумла машваратҳо дар 9 шаҳр (6 машварат дар Теҳрон, 5-то дар Маскав, 3-то дар Ишқобод, яктоӣ дар Алмаато, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад, Хосдеҳ). Иштирокчиёни гуфтушунидҳо ҷамъулҷамъ 36 ҳуҷҷат, аз ҷумла 12 протокол, 12 изҳороти якҷоя, 5 коммюнике, 3 созишнома, 2 изҳорот, 1 баёния ва як дастурамал дар бораи КОМ қабул кардаанд [3, 115].

Дар ин байн як мулоқоти рӯ ба рӯйи муовини авали Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода бо Президенти Узбекистон И. Каримов аввалҳои апрели соли 1995 дар ш.Тошкент барпо гардид. Раиси Ҷумҳурии Узбекистон пешниҳод намуд, ки барои ҳалли қазияи Тоҷикистон ба фикри ӯ, бояд форуми машваратии халқҳои Тоҷикистон даъват карда шавад. Албатта, ин пешниҳоди хубе буд, аз ин рӯ ин пешниҳод аз тарафи мухолифин қобили қабул дониста шуд ва раҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) онро дар мулоқоти навбатии худ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки 19 июли соли 1995 дар Теҳрон барпо гардид, матраҳ кард [2, 254]. Дар изҳороте, ки дар хотимаи ин мулоқот аз ҷониби ду роҳбар ба имзо расид, қайд карда шуд, ки дар мавриди даъвати анҷумани машваратии халқҳои Тоҷикистон бо иштироки баробари ҳарду ҷониб ҷиҳати пайдо намудани роҳи ҳалли буҳрони сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар тавофуқ ҳосил шуд. Инобатан ҳарду роҳбар ба ҳайати музокиракунандаи худ дастур доданд, то дар давраи 5–уми музокироти байни тоҷикон масъалаҳои таъйини маҳал ва таърихи баргузории анҷуманро ҳал намоянд.

Дар даври навбатии музокироти байни тоҷикон ҷониби Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) дар баробари таъсиси форуми машваратии халқҳои Тоҷикистон, зарурати таъсис додани Шӯрои оштии миллиро ба миён гузоштанд. 21 феврали соли 1997 дар мулоқоти дар шаҳри Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузоргардида роҳбарони олимартабаи ҷонибҳо протоколи иловагӣ ба протоколи «Дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» ва «Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ»-ро қабул кард.

Хулоса, дар чунин як кишваре, ки авзои дохилию хориҷиаш мураккаб буд, сулҳи дар рӯйи қоғаз дарҷгардидаро арзи ҳастӣ бахшидан лозим буд. Ҳамин тариқ, музокироти сулҳи тоҷикон, агарчанде, душвориро паси сар карда бошад ҳам, истиқрори он сулҳ мушкилоти бештареро ба худ ҳамроҳ дошт ва ҳалли ин мушкилот асосан ба зиммаи Комиссияи оштии миллӣ вогузор карда шуда буд.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016) қайд намудааст: «Мову Шумо дар даврони соҳибистиқлолӣ борҳо марҳалаҳои мушкилу сангинро паси сар намуда, аз ҳолатҳои бисёр вазнин сарбаландона баромадем, аз ҷумла хатари нестшавии давлат ва пароканда гардидани миллатро бартараф кардем ва ба пешрафти давлату ҷомеа муваффақ шудем. Аз ин рӯ, ҳамаи мо вазифадорем, ки бо шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва сулҳу оромии кишвар ба хотири фардои неку ободи Ватанамон ҳарчи бештар заҳмат кашида, Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонем» [5]. Ҳамин тариқ, зарурат ва аҳамияти бузурги Ваҳдати миллӣ, махсусан дар давраи соҳибистиқлолии давлат эҳсос мешавад. Зеро ки соҳиб шудан ба Истиқлолият барои ҳар як халқи кишвар кори осон нест, вале муҳофизат ва ҳимояи он мушкилтар аз он аст. Роҳи расидан ба Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ дар тасаввур осон менамояд, вале ҳаёт нишон медиҳад, ки ҳифзи Истиқлол ва Ваҳдати миллӣ аз ҳар як сокини кишвар ҷаҳду талошҳои зиёди маърифатнокӣ ва фарҳанги сиёсиро тақозо менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Аъзамов Х.С. Демократическое и правовое государство / Х.С.Аъзамов. – Душанбе: Ирфон, 2011.

2. Иброњим Усмон. Сулњнома / И. Усмон. – Душанбе: Матбуот, 2001.
3. Мањмадов А.Н. Истиќлоли сиёсї ва тањкими давлатњои миллї. Монография / А.Н. Мањмадов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 280 с.
4. Олимов С. Тољикистон дар остонаи таѓйиротњо / С. Олимов, М. Олимов. – М., 1999.
5. Паёми Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон Эмомалї Рањмон ба Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон ш.Душанбе, 20 январи соли 2016. [Захираи электронї]. URL: http://president.tj/node/10585
6. Суханронии Президенти Љумњурии Тољикистон Эмомалї Рањмон дар маросими таљлили Рўзи Вањдати миллї, 27 июли соли 2006, нохияи Рашт. [Захираи электронї]. URL: http://www.president.tj/node/291

**ОҒОЗИ ГУФТУШУНИДИ ТОҶИКОН ВА МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ ОН**

Дар мақолаи мазкур муаллиф раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобилро таҳлил намуда, хусусиятҳои муҳимми раванди мазкурро нишон додааст. Ҳамчунин, дар мақола заминаҳои оғози гуфтушуниди тоҷикон ва марҳилаҳои асосии он баррасӣ гардидаанд. Муаллиф дар заминаи таҳлили раванди гуфтушуниди тоҷикон аҳамияти таърихии ваҳдати миллиро асоснок намудааст.

**Калидвожаҳо:** ваҳдати миллӣ, гуфтушунидҳои тоҷикон, Комиссияи оштии миллӣ, Иттиҳоди мухолифини тоҷик, Созишномаи истиқрори сулҳ, оштии миллӣ.

**НАЧАЛО МЕЖТАДЖИКСКИХ ПЕРЕГОВОРОВ И ИХ ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ**

В данной статье автор, анализируя процесс переговоров противоборствующих сторон, показывает специфические особенности данного процесса. Также в статье рассматриваются предпосылки начала межтаджикских переговоров и их основные этапы. Автор на основе анализа процесса межтаджикских переговоров обосновывает историческую значимость национального единства.

**Ключевые слова:** национальное единство, межтаджикские переговоры, Комиссия национального примирения, Объединенная таджикская оппозиция, Соглашение установления мира, национальное примирение.

**THE START OF THE INTER-TAJIK NEGOTIATIONS AND THEIR MAIN STAGES**

In this article, the author, analyzing the process of negotiations of the opposing sides, shows the specific features of this process. Also, the article considers the prerequisites for the beginning of the inter-Tajik talks and their main stages. The author, on the basis of the analysis of the process of inter-Tajik talks, justifies the historical significance of national unity.

**Key words:** national unity, inter-Tajik talks, National Reconciliation Commission, United Tajik Opposition, Peace Agreement, national reconciliation.

**Сведения об авторе:** ***Холмуродова Мехрафруз*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, докторант PhD кафедры истории и права факультета истории, права и международных отношений.

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МУАССИСАҲОИ МАХСУСГАРДОНИДАШУДАИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

***Набиева Нилуфар***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар арсаи байналмилалӣ пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ оғоз шуд ва кишвари мо ба сафи ин созмони бонуфузи байналмилалӣ шомил гардид. Шомил шудани Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ин созмони бонуфузи байналмилалӣ, барои рушди ҳамкориҳои босамар бо давлатҳои аъзо ташкилотҳои махсусгардонидашуда, муассисаҳо ва институтҳои Созмони Милали Муттаҳид пояи мустаҳкаме гузошт. Дар як муддати кӯтоҳи аъзо будан дар СММ, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо ҳамаи сохторҳои он ва бо аксарияти кишварҳои аъзо муносибатҳои судманд ва босамар барпо намуда, иштирокчии фаъол ва намоёни муносибатҳои байналмилалӣ гардид. Дар муҳлати кӯтоҳ бухрони гуманитарӣ паси сар карда шуд, ки ин бухрон бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ба миён омада буд ва сулҳу субот ба даст оварда шуд. Кишвари мо ба роҳи рушди устувор баромада, давлатдории худро пурра барқарор ва нигоҳ дошт.

“Маълум аст, ки Тоҷикистон дар танҳоӣ аз ин мушкилоти бузург намебаромад. Кумак ва дастгирии ҳамаҷонибаи созмонҳои байналмилалӣ низ, дар бартараф намудани ин мушкилот нақши муҳимро бозид. Бо дастгирии онҳо дар Тоҷикистон як давлати нави демократӣ, ҳуқуқбунёд ва муосир бунёд гардид. Барои коҳиш додани мушкилоти ин кишвар, барои мусоидат намудан ба сулҳу субот дар Тоҷикистон, Комиссари олии СММ оид ба умури паноҳандагон, Барномаи рушд (БР СММ) ва Хазинаи кӯдакони СММ, Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва Бонки Осиёии Рушд саҳми худро гузоштанд. Кафолати боэътимоди сулҳ ва суботро кишварҳои дӯсти Тоҷикистон аз қабили – Россия, Эрон, Чин ва давлатҳои Осиёи Марказӣ таъмин намуданд. Нақши мусбатро Миссияи Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари СММ оид ба мусоидат ба сулҳ дар Тоҷикистон бозиданд” [2, 60].

Намояндагии аввали СММ дар Тоҷикистон ин Рисолати нозирони СММ дар Тоҷикистон (UNMOT) мебошад. Он 1 феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе кушода шуд (UNMOT) ва ба пешбурди раванди сулҳ ва расонидани кумаки башардӯстона дар Тоҷикистон мусоидат намуд. Тибқи Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ моҳи майи соли 2000 дар пояи Рисолати нозирони СММ (UNMOT) дар асоси ташаббуси Дабири кулли СММ Кофи Аннан, Дафтари СММ барои мусоидат ба сулҳофарӣ дар Тоҷикистон (**UNTOP)**(БООНСМТ) (1) таъсис дода шуд. Вазифаи асосии Бюро таҳкими рушд ва устувории сиёсат, механизмҳои дохилии сулҳофарӣ, кумак расонидан ба давлат ва ҷомеа барои ҳал ва пешгирии муноқишаҳо буд [3, 128].

Моҳи августи соли 2007 Дафтари таҳкими сулҳ бомуваффақият фаъолияти худро дар Тоҷикистон анҷом дод. Даҳҳо иштирокчиёни ин миссия бо олитарин мукофотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд [1]. Тавре ки яке аз дипломатҳои намоёни кишварамон Р.К.Алимов қайд намудааст:“Модели тоҷикии ваҳдати миллӣ" таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид ва кишварҳои кафил ҳамчун намунаи дипломатияи пешгирикунанда дар кишварҳое, ки низоъҳои дохилӣ вуҷуд доранд, эътироф гардидааст. Имрӯзҳо худи Тоҷикистон дар таъмини сулҳу суботи ҷаҳонӣ ҷалб гардида, соли 2008 шаҳрвандони Тоҷикистон нахустин бор ба сафи неруҳои сулҳхоҳонаи байналмилалии СММ шомил гардида буданд” [4, 215].

Моҳи декабри соли 1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи марбут ба гурезаҳо ва соли 1994 ба Протокол оид ба гурезаҳо ҳамроҳ гардид. Намояндагии Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба паноҳандагон дар Тоҷикистон соли 1992 таъсис гардида, аввалин сардори намояндагии Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба паноҳандагон Пер Франсуа Пирло буд. Аз рӯзҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба паноҳандагон бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ доим дар тамос буданд [6, 46].

Фаъолияти Намояндагии Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба паноҳандагон дар Тоҷикистон асосан барои бозгашти гурезаҳо, расонидани кумаки башардӯстона ва молиявӣ ба гурезагони тоҷик ва таъмини ҳифзи ҳуқуқии онҳо нигаронида шуда буд. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 мушкилоти муҳоҷиронро тезонид, дар ҷумҳурӣ 537 ҳазор гурезаҳо расман ба қайд гирифта шуда буданд. Шумораи онҳо танҳо дар шаҳри Душанбе бештар аз 120 ҳазор нафарро ташкил медод [5, 2]. Дар 9 моҳи соли 1992 тақрибан 70 ҳазор одамон ҷумҳуриро тарк карданд, ки аз он ҷумла 44 ҳазорашонро одамони коршоям ташкил медод [5, 2]. Қайд кардан зарур аст, ки амали саривақтӣ ва мақсадноки ин мақомоти муҳимми СММ дар бозгашти гурезагон ба қаламрави Тоҷикистон нақши ҳалкунандаро бозид. Тоҷикистон ҳамчун кишвари имзокунандаи Конвенсия оид ба гурезагон ва дорандаи қонунгузории миллӣ оид ба гурезагон, дар қонунгузории байналмилалӣ оид ба гурезагон нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ муваффақтар гардидааст [2, 60].

Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (СУТ) – ташкилоти байналмилалии байниҳукуматӣ, муассисаи махсусгардонидашудаи СММ мебошад, ки бо Тоҷикистон ҳамкорӣ дорад. Оинномаи СУТ соли 1946 қабул гардида, апрели соли 1948 мавриди амал қарор гирифтааст. Мақсади асосии СУТ ба даст овардани сатҳи баланди саломатии мардум ба ҳисоб меравад. СУТ ба кишварҳои ниёзманд барои мустаҳкам намудани системаи тандурустӣ, тарбияи кадрҳои тиббӣ ва таъминот бо маводи доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ кумак мекунад. Инчунин, СУТ барои гузаронидани тадқиқотҳо, рушди технологияҳои мувофиқ вобаста ба ҳамаи ҷанбаҳои саломатӣ, аз ҷумла ғизогирӣ, саломатии модар ва кӯдак, бехатарии экологӣ, саломатии равонӣ, мубориза бар зидди бемориҳо пешгирии садама, нигоҳубини тиббӣ, барқарорсозӣ ва ғайраҳо мусоидат мекунад [2, 60]. СУТ намояндагии худро дар Тоҷикистон баҳори соли 1993 кушод. Аввалин сардори намояндагии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Тоҷикистон Любомир Иванов, директори генералии СУТ Маргарет Чен (ҶХХ) буд.

Аз рӯзҳои аввали кушодашавии он, фаъолияти СУТ ба ҳалли мушкилоти мубрам вобаста ба дастгирии вазорати тандурустӣ ва барномаи “Саломатӣ барои ҳама” равона шуда буд. Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ 4-уми марти соли 1993 ду нуқтаи худро дар Душанбе таъсис дод: директори намояндагии махсуси минтақавӣ, ки дар бинои СММ ва

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ барои қурбониёни ҷанг дар Душанбе, декабри соли 1993 40 адад ва октябри соли 1994 60 адад дастгоҳ дастрас намуд. Ду ортопеди маҳаллӣ дар курси Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Словакия иштирок намуданд. Кормандони техникии СУТ 14 ноябри соли 1994 барои омодасозии кадрҳои маҳаллӣ ба Душанбе ташриф оварданд. Ҳамин тавр, лоиҳаи барқарорсозии ҷисмонии қурбониёни ҷанг то охири соли 1994 ба анҷом расид.

СУТ ба Вазорати тандурустӣ оид ба дида баромадани барномаҳои ВНМБ (СПИД) кумак намуда, расман вазоратро барои гузаронидани семинар оид ба ВНМБ (СПИД) дар Душанбе дастгирӣ намуд. Тавре аз ҳамкориҳои афзалиятнок маълум аст, Тоҷикистон дар равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон нақши фаъол мебозад ва принсипҳои Оинномаи СММ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, дар барои мустаҳкамгардонии сулҳу суботро риоя менамояд. Тоҷикистон кӯшишҳои Созмони Милали Муттаҳидро дар мубориза бар зидди тиҷорати ғайриқонунии силоҳ ва Барномаи мубориза ва решакан кардани савдои ғайриқонунӣ(ЛСО)- ро дастгирӣ менамояд. Дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ дар мавзӯи пурра аз байн бурдани минаҳои зидди кӯшуни пиёдагард: Тоҷикистон ҳолатҳои асосии Консепсия дар бораи манъ, захира, истеҳсол, паҳн ва нобуд намудани минаҳоро дастгирӣ менамоянд. Тамоми захираҳои минаҳои зидди кӯшуни пиёдагард дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра нобуд карда шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарафдори консепсияи: “Осиёи Марказӣ озод аз хатари минаҳо” мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон резолютсияи Шӯрои Бехатарии СММ таҳти рақамҳои 1267, 1373, 1540, 1566, 1617 ва ғайраҳо, инчунин стратегияи муборизаи глобалии СММ-ро дастгирӣ менамоянд.

Хазинаи Кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ дар иҷлосияи якум дар соли 1946 таъсис дода шуда буд. Соли 1950 Ассамблея самти асосии фаъолияти фондро тағйир дода, иҷрои кори худро бо рафти кумаки дарозмуддат ба кӯдакон ва кишварҳои рушд иҷро намуд. 26-июни соли 1993 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ аввалин шуда Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдакро дар ҷаласаи XVII-ум ба тасвиб расонид Санаи 30 сентябри соли 1993 намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи 48-уми Ассамблеяи Генералии СММ Сарвари миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо директори Генералии ЮНИСЕФ Дж Грант ба Деклоратсияи ҷаҳонӣ оид ба таъмини буду бош, ҳимоя ва рушди кӯдакон ва нақшаи амалии ин Деклоратсияро дар солҳои 90-ум ба имзо расонидаанд.

Намояндагии ташкилоти ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон моҳи апрели соли 1993 кушода шуд. Аввалин сардори намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ Юхан Фегердшелд (Шветсия) буд. Ҳоло бошад, директори ин созмон Энтони Лейк мебошад. Яке аз воқеаи муҳим дар таърихи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ, ин эълон гардидани соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза буд, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд. Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид як шӯрои машваратӣ оид ба об ва беҳдошти онро таъсис дод. Баъд аз эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии амалиёти “Об барои ҳаёт”, дар Тоҷикистон оид ба “Об ва беҳдошт барои ҳама” якҷоя бо ташаббуси Ҷопон, Нидерландия ва Олмон як чорабинии махсус гузаронида шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе соли 2008 бомуваффақият “Конференсияи байналмилалӣ оид ба коҳиши офатҳои табиии об”-ро гузаронид.

Моҳи майи соли 2009 дар штаб-квартираи Созмони Милали Муттаҳид, барои солҳои 2010-2015 барномаи нав бо номи Барномаи рушди СММ тасдиқ гардид, ки барои татбиқи ин барнома дар Тоҷикистон, зиёда аз 160 млн доллари ИМА ҷудо намуда буданд, аз ҷумла 35 млн доллари ИМА маблағҳои худи БРСММ буд, ки дар чаҳорчӯбаи барномаи СММ таъмин намудани кумак ба БРСММ барои солҳои 2010-2015 буд. Арзиши умумии ин барнома 281 млн доллари ИМА буд, ки дар як сол ба 47 млн доллари ИМА баробар аст.

Санаи 20-уми сентябри соли 2010 дар шаҳри Ню-Йорк ва 22-уми сентябри соли 2010 дар шаҳри Душанбе ҳисобот тариқи презентатсия дар мавзӯи “Мақсади рушди ҳазорсола ва дастовардҳои Тоҷикистон” бо муваффақият гузаронида шуд, ки дар он табодули хеле муфиди афкор ва муҳокимаҳо дар бораи 8 ҳадафи асосии рушди Тоҷикистон анҷом дода шуданд, ва барои пешрафти Тоҷикистон дар татбиқи ин ҳадафҳо ва вазифаҳо баҳои баланд гузошта шуд. Дар конфронси миллӣ оид ба Ҳадафҳои рушди Ҳазорсола

намояндагони васоити ахбори омма, мақомотҳои давлатӣ ва созмонҳои байналхалқӣ иштирок намуданд.

Санаи 2-уми марти соли 2012 ба ифтихори 20-умин солгарди узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид дар толори Кохи Ваҳдат ва 3-уми марти соли 2012 дар толори ҷаласаи Маркази Миллии Қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи " 20-солагии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид" баргузор гардид.

Санаи 5-уми феврали соли 2015 Парлумон (Маҷлиси намояндагон)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори ҳамроҳшавӣ ба имтиёзҳо ва масуниятҳои Конвенсия Агентии махсусро ба тасвиб расонид.

Санаи 9-уми июни соли 2015 дар Кохи Сомони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси байналмилалӣ оид ба натиҷаҳои татбиқи амали Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» дар солҳои 2005-2015 дар сатҳи баланд гузаронида шуд. Хотиррасон менамоем, ки дар ин конфронс беш аз 100 кишвар, 1500 намояндагӣ ва даҳҳо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ иштирок намуданд.

Санаи 14-уми июни соли 2016 дар Маҷмааи умумии СММ интихоботи Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои солҳои 2017-2019 гузаронида шуд, ки дар он 18 аъзои нав интихоб гардид. Дар овоздиҳӣ аз 193 кишвари аъзо 185 кишвар, аз он ҷумла ҷумҳурии мо ширкат варзид. Номзадии Тоҷикистонро, дар қатори Чин, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Ҷумҳурии Корея, 183 кишвар барои узви Шӯрои мазкур шудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ намуданд. Дар соли 2016 зиёда аз 190 кишвари ҷаҳон ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оиди эълон намудани Даҳсолаи амалиёти «Об барои рушди устувор, 2018-2028» дастгирӣ намуданд.

Аз маълумоти боло бармеояд, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳо ва созмонҳои байналмилалӣ рушд ёфта, обрӯ ва эътибори Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ боло меравад.

## АДАБИЁТ


1. [Захираи электронӣ]. URL: http://www.mfa.tj/index.php?node=article& id=70
2. Алимов Р. Таджикистан - ООН: история взаимоотношений. Новый взгляд / Р. Алимов, Э. Касымов, М. Лебедев. – Москва: Знак, 1995. -С.60
3. Алимов Р.К. Взаимодействие Таджикистана и Китая в ООН / Р.К. Алимов //Китай в мировой и региональной политике. История и современность.– Москва: ИДВ РАН, 2011. –Вып. XVI. - С. 128.
4. Алимов Р.К. Стратегическое партнерство Таджикистана и Китая (КНР): Международно-политические, экономические и гуманитарные измерения / Р.К. Алимов. – Москва, 2014. -С.215.
5. Время считать потери. Доклад правительства Республики Таджикистан // Народная газета. 7 января 1993 года. – С.2.
6. Усмонов И.К. Миростроительство в Таджикистане / И.К. Усмонов. - Душанбе: Деваштич, 2006. -С.46.


## ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МУАССИСАҲОИ МАХСУСГАРДОНИДАШУДАИ СММ


Дар мақола таърихи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои махсусгардонидашудаи СММ, ба монанди Комиссия оид ба гурезагон, Миссияи Нозирони СММ дар Тоҷикистон (UNMOT), Дафтари таҳкими сулҳи СММ дар Тоҷикистон (UNTOP), Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ва дигарон барои мустаҳкамнамоии сулҳу субот дар Тоҷикистон бахшида шудааст.



**Калидвожаҳо:** СММ, Тоҷикистон, Комиссари олӣ, гурезагон, Миссияи Нозирони СММ дар Тоҷикистон, Дафтари таҳкими сулҳи СММ дар Тоҷикистон, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ.


## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА СО СПЕЦИАЛИЗИРОВАННЫМИ УЧРЕЖДЕНИЯМИ ООН


Статья посвящается истории сотрудничества Таджикистана с специально-созданными организациями ООН как Комиссия по делам беженцев, (МНООНТ), Бюро ООН по содействию миро-строительство в Таджикистане (БООНСМТ), Всемирная организация здравоохранения и др. в деле укрепления мира и стабильности в Республике Таджикистан.



**Ключевыеслова**: ООН, Таджикистан, Верховныйкомиссар, беженцы, Миссия наблюдателей ООН в Таджикистане (МНООНТ), Бюро ООН по содействию миро-строительства в Таджикистане (БООНСМТ), ВОЗ.


## COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH SPECIALIZED AGENCIES OF THE UN


The article is devoted to the history of cooperation of the Republic of Tajikistan with specialized agencies of the uNsuch as the Commission for Refugees, UNMOT, the United Nations Peace-building Office in Tajikistan (UNTOP), the World Health Organization and others in strengthening peace and stability in the Republic of Tajikistan.



**Key words:** The United Nations, Tajikistan, High Commissioner, Refugees, United Nations Mission of Observers in Tajikistan(UNMOT), The United Nations Tajikistan Office for Peace-building (UNTOP).



**Сведения об авторе:** ***Набиева Нилюфар*** – Таджикский национальный университет, аспирант.
Телефон: **92-921-70-00**

# НАУЧНЫЕ СВЯЗИ ТАДЖИКСКИХ И РОССИЙСКИХ УЧЕНЫХ В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА

*Пирназарова П.А.*
**Таджикский государственный университет коммерции**

После обретения политической независимости Республикой Таджикистан, в силу известных негативных факторов, начался отток научных кадров. Свою роль здесь сыграли очень низкая заработная плата в сфере науки и резкое отставание таджикской науки по уровню её оснащен-ности от современных технологий, информационный голод, разрыв научных связей с коллегами в СНГ. Но именно в таких трудных условиях таджикской науке предстояло развиваться далее. Правительству необходимо было принять решающие меры по улучшению дел в науке. В 2004 году по сравнению с 1990 г. общее количество научных работников сократилось в 2,5 раза, а численность кандидатов наук – в 1,2 раза. В начале нового тысячелетия наблюдается рост в научно-технической сфере страны и подготовке высококвалифицированных специалистов для всех сфер хозяйства страны.

Развитие любого государства в первую очередь зависит от научно-технической политики и её законодательной базы. Можно сказать, что какой бы глобальной и перспективной ни была государственная программа, без учета научно-технических возможностей её не осуществить.

Одним из главных нормативных документов в сфере научно-технической политики страны, естественно, является Стратегия РТ в области научной технологии на 2007-2015 гг. Цель стратегии состоит в ускоренном формировании инновационной инфраструктуры и в практическом применении инноваций, создании конкурентоспособных технологий, востребованности научных разработок со стороны производства, бизнеса, предпринимателей, высокой престижности и привлекательности научного труда, создании благоприятных условий для подготовки молодых ученых и специалистов, развитии образования и культуры, и в конечном итоге, подъеме интеллектуального потенциала общества до такого уровня, который обусловит ускорение процесса в стране и достижение целей национальной стратегии до 2015 г. Также, в ней предусматриваются значительное расширение и повышение эффективности сотрудничества с научными организациями, учреждениями стран СНГ, в частности с Российской Федерацией, как на основе договоров, заключенных Правительством РТ, министерствами и ведомствами, так и академиями, отдельными научно-исследовательскими учреждениями и вузами. В этом документе наука признана одним из национальных приоритетов, способствующих прогрессу государства и улучшению качества жизни населения.

Нормативная основа сотрудничества РТ и РФ в научно-технической сфере обоснована во многих договорах и соглашениях, обеими странами: Договоре о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между РТ и РФ, Соглашении между Правительством РФ и Правительством РТ о научно-техническом сотрудничестве, Договоре о союзническом взаимодействии между РТ и РФ, ориентированном в XXI в., Соглашении между Правительством РТ и Правительством Москвы о сотрудничестве в торгово-экономической, научно-технической и культурной областях, Соглашение между Правительством РТ и Правительством РФ о сотрудничестве в области культуры, науки и техники, образования, здравоохранения, информации, спорта и туризма.

Учитывая исторические связи в области научно-технического сотрудничества между РТ и РФ и принимая во внимание приоритеты развития научно-технического прогресса в обеих странах, наличие интегрированных элементов в национальных научно-технических потенциалах стран, оба государства наметили развитие сотрудничества в следующих направлениях: исследования в области технических наук и развития технологии; исследования в области общественных и гуманитарных наук; фундаментальные и прикладные исследования в области естественных наук; подготовка специалистов с высшим образованием, научных и научно-педагогических кадров; стандартизация, метрология и сертификация; охрана промышленной собственности; эксплуатация национальных систем научно-технической информации. Так, в статье 3 о научно-техническом сотрудничестве Соглашения говорится, что сотрудничество будет осуществляться министерствами, ведомствами, научно-исследовательскими учреждениями, вузами, фирмами, научными организациями и обществами обоих государств в соответствии с национальным законодательством.

Ученые Академии наук республики всегда принимали участие в научных конференциях и симпозиумах, организованных Российской Академией наук. Институт химии им. В.И.Никитина проводил совместные работы с Институтом органического синтеза им. Н.Зелинского РАН по синтезу некоторых серосодержащих поликонденсированных гетероциклических соединений; с ГЕОХИ РАН – по геохимии и аналитической химии; с Институтом фармакологии РАМН - по разработке и получению новых фармакологических препаратов на основе химического синтеза и природных соединений, а также с Нефтехимическим институтом РАН - по изучению свойств

ионогенных синтетических и природных полимеров, с Институтом геохимии и аналитической химии им. В.И.Вернадского РАН, с Институтом химической физики.

В 2006 г. при поддержке Института физической химии РАН в Центре подготовки космонавтов РФ в качестве протекторов была использована серия алюминиевых сплавов. Надо отметить, что эти сплавы были получены сотрудниками лаборатории корриозионностойких материалов Института. Опыты, проведенные таджикскими и русскими учеными, показали, что из испытанных сплавов некоторые могут защищать изделия от коррозии до 95%.

Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша АН РТ также активно развивает контакты с рядом институтов РАН, в частности с Институтом истории материальной культуры РАН и Государственным Эрмитажем. В 2005 г. директор института Р.Масов и заместитель директора В.Дубовицкий участвовали в конгрессе НПО стран СНГ и Балтии, прошедшем в г. Санкт – Петербурге. В Государственном Эрмитаже состоялась встреча Р.Масова с его директором М.Пиотровским, после чего стороны пришли к заключению о необходимости развития научного сотрудничества между Национальном музеем древностей Таджикистана и Эрмитажем. В области реставрации и совместных археологических раскопках древнего Пенджикента.

В 2005 г. сотрудники института Ю.Якубов и Д.Довудов для сбора научного материла в Год арийской цивилизации посетили научные центры России в Москве, Санкт-Петербурге, Новосибирске, Барнауле, Челябинске и других городах. В ходе поездки таджикские ученые встретились с российскими учеными-археологами Б.Литвинским, Б.Стависким, Г.Здановичем и В.Лившицем, обсудили с ними ряд научных вопросов. В итоге российские ученые выразили желание участвовать в мероприятиях, посвященных Году арийской цивилизации в Таджикистане.

В 2005 г. сотрудник института В.А.Ранов был награжден Орденом «За вклад в победу» в связи с 60-летием победы во Второй мировой войне, а В.В.Дубовицкий, в связи с 80-летием Росзарубежцентра, - Почетным знаком «За вклад в дело дружбы» МИД РФ.

В 2005 г. Национальный музей Таджикистана посетили делегация ФСБ РФ, депутаты Государственной Думы, ученые из Института языкознания РАН, министр финансов РФ А.Л.Кудрин и вице-президент РАН Н.А.Платэ.

Сотрудничество между таджикскими и российскими учеными выражалось также в проведении совместных конференций, симпозиумов и командировок. М.Бубнова находилась в командировке в г. Санкт-Петербурге и Москве для сбора материала и для издания «История Горно-Бадахшанской автономной области», а В.В.Дубовицкий принял участие в юбилейной международной конференции «Новые подходы к изучению всемирной истории» в г. Москве по случаю 40-летия основания ИВИ РАН.

Институт астрофизики АН РТ в 2006 г. продолжал, как и в прежние годы, поддерживать тесные научные контакты с Институтом астрофизики и Институтом прикладной математики РАН. Здесь было заключено даже соглашение о научно-техническом сотрудничестве.

В свою очередь Институт зоологии и паразитологии АН РТ также подписал соглашение с Институтом проблем экологии и эволюции им. А.Н.Северцова РАН относительно проведения совместных исследований по приоритетным направлениям ихтиологии. 27 октября 2005 г. Институт посетил вице-президент РАН академик Платэ, результатом визита которого стало соглашение о научно-техническом сотрудничестве между Институтом зоологии и паразитологии и Институтом биологии развития РАН. Согласно ему планировалось организовать совместную экспедицию по изучению кариологических особенностей восточной слепушонки в центральных районах Таджикистана.

Примечателен и тот факт, что в странах организуются различного рода научные стажировки с целью обмена мнениями. Так, сотрудник Института д.т.н. М.А.Сатторов ежегодно ездит в г. Новосибирск, где проводит совместные научные исследования с сотрудниками Института водных и экологических проблем СО РАН по моделированию гидрофизических процессов в глубоководных озерах и водохранилищах. В 2003г. таджикские ученые к.ф.-м.н. М.И. Замонов и И.Нуров по приглашению Сибайского института Башкирского госуниверситета прочитали здесь специализированные и учебные курсы. С 2002 г. сотрудник института д.ф.-м.н. С.А. Исхаков по приглашению Мирнинского политехнического института Северо-Восточного Федерального университета России ежегодно читает здесь лекции, руководит дипломными работами студентов.

Ученые Института математики АН РТ были удостоены орденов и медалей России. Так, академик Л.Г. Михайлов в 2001 году был награжден медалью к 100-летию академика М.А. Лаврентьева в г. Новосибирске, а академик З.Д. Усманов орденом Ломоносова в 2008 г. Национальным комитетом общественных наград РФ за заслуги и большой вклад в укрепление дружбы и сотрудничества между народами РТ и РФ.

Важное место отводится аттестации научных и научно-педагогических кадров высшей квалификации. Соглашение в этой области между двумя странами было заключено 12 февраля 1997 г. В соответствии с нормативно-правовыми актами, российская сторона взяла на себя аттестацию научных и подготовку научно-педагогических кадров высшей квалификации,

создание диссертационных советов, анализ аттестационных дел и диссертаций, их экспертизу, оказание методической помощи диссертационным и ученым советам Таджикистана.

Согласно соглашению таджикские ученые после защиты диссертации могут получить дипломы российского образца. Ни одно постсоветское государство не имеет такой возможности. С целью получения диплома российского образца в Таджикистан приезжают иностранные граждане: из Ирана, Египта, Афганистана и других стран.

В 2001 г. научные учреждения, учебные заведения Таджикистана получили разрешение на продолжение работы диссертационных советов по различным специальностям. Примечателен тот факт, что за годы независимости Таджикистана в ВАК-е Министерства образования и науки РФ России прошли аттестацию более 700 соискателей на звание доктора наук. Например, только в 2005 г. по линии посольства РТ в РФ было отправлено 172 диплома кандидатов и докторов наук в адрес Академии наук РТ.

В 2006 г. Таджикистан развивал научно-технические связи с 22 странами, среди которых первое место, принадлежит РФ, на которую приходилось 23,3% всех научных контактов Таджикистана с зарубежными государствами и организациями.

По сравнению с 2006 и 2005 годами в 2007 году научно-технические взаимоотношения Таджикистана с зарубежными странами получили большую активность. Так, по данным НПИЦентра, по восьми показателям в научно-технической области Российская Федерация является первой среди всех государств, сотрудничающих с институтами Таджикистана.

В декабре 2007 г. президент АН РТ М.И.Илолов получил приглашение посетить РАН. В ходе визита были обсуждены вопросы научного сотрудничества двух стран и подписан ряд документов по укреплению дальнейших научно-технических контактов между двумя государствами. В частности, был согласован проект Межправительственного соглашения о создании и деятельности Международного научно-исследовательского центра (МНИЦ) «Памир-Чакалтай», который был подписан в августе 2008 года в ходе визита Д.А. Медведева в г.Душанбе.

Соглашение должно было обеспечить возможность использования таджикскими и российскими учеными этого Центра для проведения ядерно-астрофизических исследований космических лучей сверхвысоких энергий с использованием инфраструктуры высокогорного научного полигона Ак-Архар и находящейся на нем уникальной рентгеноэмульсионной установки международного эксперимента «Памир-Чакалтай». Оно предусматривало возможность реализации новых проектов по комплексному изучению космических лучей на высотах гор с использованием экспериментальных установок. Согласно 8 ст. соглашения, в этот центр были назначены представители Правительств РФ и РТ, которые образовали Совет полномочных представителей (СПП). 25 марта 2009 г. в Москве, в здании Президиума РАН прошло первое заседание СПП, в котором с таджикской стороны участвовали Полномочный представитель Правительства РТ Президент Академии наук академик М.И.Илолов, член-корреспондент АН РТ директор Физико-технического института АН РТ Х.Х.Муминова, с российской стороны академик - В.А.Матвеев, академик секретарь Отделения физических - наук РАН. Парламент РТ ратифицировал согла-шение 12 февраля 2009г., а Государственная Дума РФ 1 октября 2009 г.

Соглашение будет действовать в течение 25 лет с автоматическим продлением на последующие пятилетние периоды при обоюдной заинтересованности сторон. После ликвидации Центра, которая может произойти по истечении первоначального срока действия соглашения (25 лет), все имеющееся на Памире имущество перейдет к Таджикистану. В соответствии со ст. 15 соглашения, к Центру могут присоединиться научно-исследовательские институты других стран, выделяя инвестиции на свои научные работы.

Для Таджикистана весьма выгодна реализация данного проекта так как позволяет:

1) продолжить работу в уникальной области физики элементарных частиц;
2) повысить качество проводимых научных работ в Таджикистане;
3) подготовить высококвалифицированные научные кадры;
4) создать необходимую инфраструктуру и новые рабочие места;

21 апреля 2010 г. при поддержке МФГС в г. Душанбе прошел двухдневный научный семинар «Актуальные задачи и первые результаты деятельности Международного научно-исследовательского центра «Памир Чакалтай», в котором приняли участие более 70 ученых – физиков из Азербайджана, Армении, Казахстана, Кыргызстана, России, Украины, Узбекистана и Таджикистана. Главная тема встречи - развитие высокогорных исследований. Вели участники конференции дискуссию о последних достижениях в физике космических лучей, возможности создания комплексной установки для многокомпонентного изучения сверхвысоких энергий на высокогорном полигоне «Памир-Чакалтай», о применении других технических новинок в исследовании космических лучей, использовании нейтронных мониторов для регистрации космических нейронов, о перспективах высокогорных исследований на Памирском полигоне «Ак-Архар», исследованиях ядерных взаимодейст-вий при сверхвысоких энергиях с помощью ионизационного калори-метра и рентген-эмульсионной камеры.

В рамках семинара невозможно было полностью решить имеющиеся проблемы, поэтому в сентябре 2010 г. ученые собрались в г. Душанбе на Международную научно-практическую конференцию «Перспективы междисциплинарных высокогорных исследований с учетом астро-космических факторов» под эгидой научно-исследовательского центра «Памир-Чакалтай». В ходе семинара обсуждалось проведение в г. Хороге Международной школы молодых ученых, посвященной смежным проблемам физики и астрофизики частиц высоких энергий.

Следует отметить, что Республика Таджикистан и Российская Федерация уделяют большое внимание подготовке молодых ученых, для чего проводятся конференции, симпозиумы и стажировки. Например, одна из таких стажировок молодых ученых и инноваторов была предоставлена Международным инновационным центром по нанотехнологиям СНГ (МИЦНТСНГ), Объединенным институтом ядерных исследований (ОИЯИ), и МФГС. Целью стажировки являлось активное вовлечение молодых ученых, в том числе и таджикских, в реализацию проектов МИЦНТ и обучение их теории и практике инновационного менеджмента и коммерциализации технологий. Стажировка проходила в три этапа:

1) с 30 ноября - 26 декабря 2010 г.;
2) с 30 января - 27 февраля 2011 г.;
3) с 20 февраля - 20 марта 2011 г.

Программа стажировки включала в себя следующие мероприятия:

1) лекционные (семинары, лекции, круглые столы по научной тематике и инновационному менеджменту);
2) экскурсионные (посещение современных научных установок и высокотехнологичных НПК г. Дубны);
3) практические (проведение занятий на базе объединенного Института ядерных исследований (ОИЯИ), Особой экономической зоны «Дубна», её инновационных компаний – резидентов;
4) самостоятельные (проектные работы в группах по тематике работы МИЦНТ);
5) ознакомительные (участие в работе рабочих органов ОИЯИ и СНГ);
6) участие в образовательных и рабочих мероприятиях ОИЯИ и ОЭЗ «Дубна»;
7) культурные;
8) спортивные;
9) итоговую защиту проектов.

В заключение участники высказались за активизацию процессов налаживания партнерских и кооперативных связей научных центров РТ и РФ. Также ученые отметили важность сохранения единого гуманитарного пространства СНГ, включая сотрудничество в сфере науки, вовлечение в эту деятельность молодых ученых и их подготовку в области фундаментальных и прикладных научных исследований. Ученые высказались за проведение в 2011 г. международной школы молодых ученых в области фундаментальных и прикладных проблем физики сверхвысоких энергий, элементарных частиц и космических лучей с использованием уникальной научной установки МНИЦ «Памир-Чакалтай». В 2011 году в работе этого научно-исследовательского центра приняли участие ученые-физики из Польши, Бразилии, Боливии, Грузии, Казахстана, Японии и Узбекистана, что позволило таджикским и российским ученым внести весомый вклад в развитие не только отечественной, но и мировой науки.

Таким образом, взаимодействие Республики Таджикистан и Российской Федерации в научно-технической сфере практически никогда не прекращалось, несмотря на отдельные кризисные ситуации которые, так или иначе, осложняли жизнь в наших государствах. Необходимо отметить, что это сотрудничество в начале нового тысячелетия стало для таджикской науки ещё одним ощутимым импульсом к развитию, особенно в сфере подготовки научных кадров.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. История таджикского народа. (Новейшая история 1941-2011гг.) -Т.VI. – С.606.
2. Краткий отчет за 2008 год АН РТ. Текущий архив АН РТ. –Душанбе, 2009. -С.29, 58,59, 94.
3. Краткий отчет за 2006 год АН РТ. Текущий архив АН РТ. –Душанбе, 2007. -С.21-22, 105-107.
4. Краткий отчет за 2005 год АН РТ. Текущий архив АН РТ. – Душанбе, 2006. -С.105.
5. Краткий отчет за 2008 год АН РТ. Текущий архив АН РТ. – Душанбе, 2009. -С.94.
6. Краткий годовой отчет Академии наук РТ за 2006 г. Текущий архив АН РТ. –Душанбе, 2007. -С.20.
7. Краткий годовой отчет Академии наук РТ за 2008 г. Текущий архив АН РТ. –Душанбе, 2009. -С.58-59.
8. Отчет о научно-исследовательской и научно-организационной деятельности института математики за 2007г. Текущий архив Института математики АН РТ. -С.10.
9. Отчеты о научно-исследовательской и научно-организационной деятельности института математики с 2002-2010гг. Текущий архив Института математики АН РТ.
10. Отчет о научно-исследовательской и научно-организационной деятельности института математики за 2003г. Текущий архив Института математики АН РТ. -С.15.
11. Отчеты о научно-исследовательской и научно-организационной деятельности института математики за 2001-2008гг. Текущий архив Института математики АН РТ. -С.13-16.

12. Сайт Министерства образования Российской Федерации: Нормативная база: Российская Федерация – Республика Таджикистан. [Электронный ресурс]. http:www.eduweek.ru.
13. Годовой отчет за 2008 г. Текущий архив Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. -С.12. См также: Годовой отчет за 2008 г. Текущий архив Таджикского национального университета. - С.23.
14. Сафаров С.Г. Рука об руку / С.Г. Сафаров. -С.25.
15. Научно-технический потенциал РТ в 2006 году / НПИЦентр РТ. – Душанбе, 2007. - С.48.
16. Научно-технический потенциал РТ в 2007 году / НПИЦентр РТ. – Душанбе, 2009. - С.48.
17. Сайт Департамента международного сотрудничества в образовании и науки Мин. Обр. и науки РФ. [Электронный ресурс]. http: dic.edu.ru.
18. [Электронный ресурс]. http://www.avesta.tj/index.php?newsid=2690.
19. Официальный сайт МФГС. [Электронный ресурс]. - http://www.mfgs-sng.org.
20. [Электронный ресурс]. http://mirtv.ru/content/view/114146.
21. Пирназарова П.А. Сотрудничество в сфере образования / П.А. Пирназарова //Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2012.

**ҲАМКОРИҲОИ ИЛМИИ ОЛИМОНИ ТОҶИКУ РУС ДАР ИБТИДОӢ АСРИ XXI**

Дар баробари дигар соҳаҳо, ҳамкорӣ дар соҳаи илм байни олимони тоҷику рус дар ибтидои асри XXI назаррас буд. Махсусан имзо гаштани шартнома оид ба омӯзиши илмии "Памир-Чакалтой" намунаи равнақи ин ҳамкорӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** ҳамкорӣ, муносибат, илм, техника, конференсия, академия, олимон, ҷавонон, инсондӯстӣ, тадқиқот.

**НАУЧНЫЕ СВЯЗИ ТАДЖИКСКИХ И РОССИЙСКИХ УЧЕНЫХ В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА**

Наряду с развитием других сфер сотрудничества, взаимоотношения таджикско-российских ученых в научной сфере в начале XXI века имели свои значительные результаты. Важное место в этом сотрудничестве занимает подписание договора об проведении научных работ на полигоне "Памир-Чакалтай", который служит образцом развития.

**Ключевые слова:** сотрудничества, отношение, наука, техника, конференция, академия, учёные, молодежь, гуманитарные, исследование.

**SCIENTIFIC RELATIONS OF THE TAJIK-RUSSIAN SCIENTISTS IN THE 21-ST CENTURY**

Along with the development of other areas of cooperation, the relationship of the Tajik-Russian scientists in the field of science in the early 21-st century have had significant result in this important cooperation agreement on signing earring scientific works at the site "Pamir-Chakaltay" which serves as a model of development.

**Key words:** cooperation, relationship, science, technology, conference, academy, scientists, youth, humanitarian, research.

**Сведения об авторе:** ***Пирназарова П.А.*** – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат исторических наук,

# ТОҶИКИСТОНУ-ПОКИСТОН: РУШДИ РАВОБИТИ ТИҶОРАТӢ - ИҚТИСОДӢ

***Турсунов Т.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз воситаҳои муҳимми рушди иқтисоди байналмилалӣ тиҷорати байналхалқӣ мебошад. Бо ёрии тиҷорат маҳсулнокии меҳнат, ҳаҷми истеҳсолот зиёд мешавад ва кишваре, ки молҳои истеҳсолии худро ба дигар давлатҳо содир мекунад, аз ҳисоби рушди истеҳсолот фоидаи хуби иқтисодӣ ба даст меорад. Аз дигар тараф, мубодилаи озоди савдо ба истеъмолкунандагон имкони интихоби навъҳои гуногуни молҳоро медиҳад. Савдои байналхалқӣ дар рушди иқтисоди миллӣ нақши муассир дорад. Хушбахтона чунин имконият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият даст дод ва савдои берунӣ бо кишварҳои хурду бузург дар заминаи созишномаҳои байнидавлатӣ ба роҳ монда шуд. Аз қабили чунин давлатҳо Ҷумҳурии Исломии Покистон буд, ки пас аз барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ аз таърихи 6 июни соли 1992, муносибатҳо бо ин кишвар ба роҳи нави инкишофи худ ворид гардиданд.

2 феврали соли 1993 сафари ҳайати намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Вазири алоқаҳои иқтисодии хориҷӣ Иззатулло Ҳаёев ба Ҷумҳурии Исломии Покистон сурат гирифт [3, 81]. Ҳайати намояндагон дар кори ҷаласаи Шӯрои вазирони Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (*Созмони ҳамкориҳои иқтисодиро Туркия, Эрон ва Покистон бо имзои Созишномаи Измир таъсис доданд, ки минбаъд Афғонистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркменистон ва Ӯзбекистон шомили он шуданд*), ки дар маркази музофоти Балуҷистон - шаҳри Кветта доир гардид, ширкат карданд. Аз рӯйи ақидаи иштирокчиёни вохурии Кветта ин вохурӣ хело самарабахш буд ва нақшаи фаъолияти Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ тарҳрезӣ карда шуд. Кишварҳои иштирокчии ҷаласа дар хусуси нақлиёт, коммуникатсия, хоҷагии қишлоқ саноат истифодаи сарватҳои табиӣ ва масъалаҳои молиявӣ-бонкӣ ба мувофиқа расиданд.

Нахустин созишномаи савдо пас аз сафари расмии собиқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев аз таърихи 30 июн то 2 июли соли 1993 ба шаҳрҳои Исломобод ва Лоҳури Покистон дар қатори панҷ ҳуҷҷати муҳимми дигар ба имзо расид [2, 60].

4 июли соли 1993 сафари расмии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон барои вохӯрӣ бо намояндагони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Туркия сурат гирифт. Дар ин вохӯрӣ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонро дар қатори дигарон Вазири корҳои хориҷӣ Р. Олимов ҳамроҳӣ мекард ва рӯзи 5 июл Р.Олимов бо вазири корҳои хориҷии Покистон Муҳаммад Сиддиқхон Канҷу вохӯрӣ анҷом дода, масъалаҳои марбут ба тиҷорат ва иқтисоди байни кишварҳоро баррасӣ намуданд.

6 июл дар меҳмонхонаи «Конрад»-и Истамбул вохӯрии сарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ аз ҷумла, Э.Раҳмон ва сарвазири Покистон Муҳаммад Навоз Шариф доир гардид. Дар рафти вохӯрӣ масъалаҳои ҳамкориҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ муҳокима карда шуданд. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки пас аз омӯзиши имкониятҳои потенсиалӣ дар лаҳзаҳои наздиктарин лоиҳаҳои мушаххас барои ҳамкориҳои судбахш дар соҳаҳои саноати гидроэнергетика, иктишофӣ, соҳаи нассоҷӣ таҳия хоҳанд кард.

Рӯзҳои 29 март–1 апрели соли 1994 ҳайати намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Раиси Шӯрои Олӣ Э. Раҳмон расман ба Ҷумҳурии Покистон сафар карданд. Дар доираи ин сафар вохӯрии Э.Раҳмон бо Президенти Покистон Фарук Аҳмадхон Легари ва сарвазир Беназир Бхутто сурат гирифт, ки дар натиҷа як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангидошта ба имзо расиданд [2, 76]. Созишнома дар хусуси ҳимояи маблағгузориҳо ва созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар бораи қарз ба миқдори 20 млн доллар аз зумраи муҳимтарини онҳо буд.

14 -15 марти соли 1995 вохӯрии сарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ дар Исломобод доир гардид, ки дар кори он Президенти кишвар Э.Раҳмон ширкат намуд [4, 13]. Дар ин вохӯрӣ Э.Раҳмон бо сарони кишвари Покистон дар хусуси равобити ҳасанаи судманд гуфтушунид анҷом дод, ки масъалаҳои равобити тиҷоратӣ-савдоӣ мадди назар набуд. Дар густариши равобити иқтисодӣ-тиҷоратӣ бо Тоҷикистон Покистон ҳавасмандӣ дорад. Соли 1996 дар хусуси сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Тоҷикистон-Афғонистон-Покистон низ гуфтушунид сурат гирифта буд. Аммо вазъи ноороми Афғонистон ба ин тарҳ монеа эҷод кард. Моҳи августи соли 1996 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси кушодани намояндагии тиҷоратӣ дар Покистон қарор қабул намуд.

Вазири сармоягузории Покистон Салим Мандвивал пас аз вохӯрӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон дар Душанбе, дар таърихи 19 июли соли 2010 дар хусуси лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан ба воситаи долони Вахон аз Покистон ба Тоҷикистон ибрози андеша намуда буд [9]. Аз рӯйи гуфтаи ӯ мутахассисони покистонӣ ба таҳияи сохтори техникӣ-иқтисодии ин тарҳ банд буданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ин роҳ тариқи долони Вахон Покистонро бо ноҳияи Ишкошими ВМКБ-и Тоҷикистон бояд пайвандад. Долони Вахон минтақаи таърихӣ-фарҳангии кӯҳистони Бадахшон, яъне қисмати шарқии Афғонистон аст, ки дарозии он тахминан 295 километр ва паҳноиаш аз 15 то 57 километр дар водии дарёҳои Помир, Вахон ва Панҷ мебошад. Дар асоси созишнома миёни Империяи Британия ва Империяи Россия долони Вахон ба Афғонистони мустақил дода шуд ва он ҳамчун минтақаи буферӣ миёни Осиёи Миёнаи Россия ва Ҳиндустони Британия хизмат мекард. Кӯҳҳои Помир дар ин минтақа на он қадар баландӣ доранд ва барои гузаронидани амалиётҳои ҳарбӣ низ мувофиқанд. Аз соли 2000 ин минтақа ҷойи маъмулӣ барои кӯҳнавардон аз кишварҳои ИДМ гардид. Сохтмони ин роҳ чи барои Тоҷикистон ва чи барои Покистон аҳамияти умда дорад. Тоҷикистон метавонад аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёбад, инчунин кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонанд тариқи ин тарҳ ба бахр роҳ ёбанд. Покистон барои интиқоли молҳои истеҳсолии худ ба бозорҳои Осиёи Марказӣ ҳавасманд аст. Аммо ин тарҳ то ба имрӯз амалӣ нагардидааст. Дарояндаи наздик шояд лоиҳаи сохтмони роҳи Вахон амалӣ карда шавад.

Дар остонаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон 16-17 феврали соли 2011 ба Покистон, дар Душанбе ҷаласаи 4-уми комиссияи иқтисодии муштараки ду кишвар баргузор шуд, ки дар он дар хусуси ҳамкориҳо дар бахши тиҷорат, энергетика, сармоягузорӣ, саноат, кишоварзӣ, дорусозӣ ва нафту газ гуфтушунид анҷом доданд. [8]. Раиси ҳайати покистонии ин комиссия Саиднавиди Қамар ибрози андеша намуд, ки Покистон омода аст бо кишвари бародар ва дӯст Тоҷикистон дар ҳамаи бахшҳо ҳамкориро вусъат бахшад. Албатта, густариши равобити ҳасана ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ марбут аст. Вазъи ноороми Афғонистон дар густариши равобити тиҷоратии байни Тоҷикистон ва Покистон халал ворид менамояд. Чуноне аз нишондиҳандаҳо маълум мешавад, равобити тиҷоратӣ пас аз соли 2001 вусъати тоза пайдо кардааст. Зеро то сукути низоми «Толибон» Тоҷикистон ва Покистон дар масъалаи вазъи Афғонистон, ҳимоят аз толибон ва эътилофи шимол ба ҳар навъе дар муқобили ҳам қарор гирифта буданд, ки ин ба рушди ҳамкориҳо монеа эҷод мекард. Баъди воридшавии қӯшунҳои НАТО ба

Афғонистон масоили амнияти то ҷое ҳалли худро пайдо кард ва ба инкишофи ҳамкориҳо миёни Покистон ва Тоҷикистон сабаб шуд.

Моҳи октябри соли 2002 комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Покистон оид ба ҳамкориҳоии иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ ташкил ва нахустин ҷаласаи он дар Исломобод баргузор шуд. Дар рафти вохӯрии намояндагони вазорати молияи Покистон 18 сентябри соли 2003 созишнома дар бораи таҷдиди сохтори қарзи давлатӣ дар ҳаҷми 13 млн доллар ба имзо расид.

28 октябри соли 2006 дар шаҳри Душанбе комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Покистон баргузор шуда, дар рафти он масъалаҳои муҳимми муносибатҳо, аз ҷумла ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика, маблағгузорӣ, савдо ва хоҷагии қишлоқ муҳокима карда шуданд.

Месазад муносибатҳои Тоҷикистону Покистонро аз соли 2009 арсаи нави ҳамкорӣ номид. Дар таърихи 29 июли соли 2009 Президенти Покистон О.А. Зардорӣ ба Душанбе ташриф овард. Соҳаҳои гидроэнергетика, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ, коркарди канданиҳои фоиданок, нахи пахта, пӯсту пашм, бозсозии корхонаҳои ресандагӣ, бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсоли матоъ ва либосу пойафзол, моводи шӯянда ва рангҳои гуногун, коркарди саноати гӯшту шир ва меваю сабзавот, коркарди сангҳои қиматбаҳою ороишӣ, истеҳсоли доруворӣ ва ҳамчунин туризм дар мулоқоти сарони ду кишвар аз самтҳои ояндадори ҳамкории иқтисодӣ маънидод шуданд. Аз ҷумла, пайвастани роҳҳои оҳану мошингарди Тоҷикистон бо бандарҳои баҳрии Қарочӣ ва Гвадари Покистон мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо қарор гирифта буд ва то охири соли 2009 мебоист миёни шаҳрҳои Душанбеву Исломобод хатсайри мустақими ҳавоӣ кушода мешуд. Аммо бо сабабҳои номаълум, хатсайри мустақим ҳоло вуҷуд надошта, танҳо хатсайрҳои ғайринақшавӣ мавҷуданд. Бояд қайд кард, ки роҳи транзитии ҳавоӣ тариқи хатсайри Душанбе-Кобул-Исломобод мавҷуд аст.

18 июни соли 2014 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф дар қароргоҳи беруназдшаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Варзоб аз намоишгоҳи меваю сабзавот, хушкмева, асал ва дигар неъматҳои табиати Тоҷикистон дидан карданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон бо умумиятҳои зиёди фарҳангию мардумии худ метавонанд, дар ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ҳамкории пурсамар дошта бошанд. Дар ин замина ба таъсиси корхонаю муассисаҳои муштараки истеҳсолию тиҷоратӣ ҳавасмандӣ зоҳир гардид.

11 сентябри соли 2014 Президенти кишвар Э. Раҳмон мушовири Сарвазири Покистон оид ба масъалаҳои амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ Сартоҷ Азизро ба ҳузур пазируфт ва масоили ҳамкории бисёрпаҳлуи Тоҷикистону Покистон, аз ҷумла дар бахшҳои сиёсат, иқтисод ва тиҷорат, сармоягузорӣ ва амнияти минтақавӣ баррасӣ шуданд [7]. Роҳҳои таҳкими ҳамгироии иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, мусоидат ба татбиқи амалии лоиҳаҳои минтақавии зербиноӣ дар соҳаҳои нақлиёт ва энергетика аз мавзӯъҳои асосии суҳбат буд. Ҳарду ҷониб ба таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ дар Тоҷикистон ва мусоидат ба густариши робитаҳо миёни сохторҳои хусусии ду кишвар ҳавасмандии худро таъкид доштанд.

8 ноябри соли 2014 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Пекин дар ҳамоиши "Муколама доир ба таҳкими шарикӣ дар соҳаи ҳамбастагӣ" дар чаҳорчӯбаи ҳамоиши Созмони ҳамкории иқтисодии Осиё ва уқёнуси Ором иштирок ва суханронӣ намуд.[6]. Барои иштирок дар ин ҳамоиш дар шаҳри Пекин роҳбарони давлатҳо аз 8 кишвари қитъаи Осиё, аз ҷумла Покистон ба ҳам омаданд. Яке аз мавзӯъҳои асосии ин муколама ташкили камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи Абрешим ва густариши робитаҳо миёни кишварҳои Осиё ва минтақаи уқёнуси Ором буд. Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон аз имзо шудани Созишномаи кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар бораи муҳайёсозии шароити мусоид барои боркашонии автомобилӣ ва раванди мувофиқасозии Барномаи рушди ҳамоҳанги роҳҳои мошингарди давлатҳои аъзои ин созмон ёдовар шуда, изҳори бовар намуд, ки ташкили чунин ҳамкорӣ дар минтақаҳои аз ин васеъ ба нафъи кулли кишварҳои Осиё аст.

24 декабри соли 2014 як ҳайат аз ҳукумати Тоҷикистон Ш. Ҷононов -сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Покистон, Зубайдулло Зубайдов, сафири Тоҷикистон дар Кувайт, консули Тоҷикистон дар Исломободи Покистон -М. Абдураҳмонов, Ш. Олимов - сармуҳосиби Агентии захираҳои моддӣ ва Ш.Ниёзов - ёвари директори Агентӣ дар Покистон бо ниҳодҳои мухталафи ин кишвар барои густариши ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷорӣ вориди гуфтугӯ шудаанд [7]. Дар ин мулоқот Вазири тиҷорати ин кишвар Хуррам Дастгир Хон гуфтааст, ки Покистону Тоҷикистон ба хотири густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии худ созишномаҳои наверо ба тавсиб хоҳанд расонд ва вобаста ба мулоқоту гуфтушунидҳои қаблӣ Покистон уҳдадор шудааст, ки молу колоҳои Тоҷикистонро аз тариқи роҳҳои заминӣ ва қатора то ба бандарҳои баҳрӣ ва аз он ҷо то ба "Турхам", минтақаи наздисарҳадии Тоҷикистон бо Афғонистон расонад.

5 январи соли 2015 бино ба гузориши нашрияи покистонии The Express Tribune Афғонистон, Тоҷикистон ва Покистон барои ба имзо омода намудани лоиҳаи ниҳоии

муоҳадаи сеҷонибаи тиҷоратӣ ва ҳамлу нақл ба мувофақа расидаанд [7]. Имзои ин созишнома ба Покистон имкон медиҳад, ки ба бозорҳои Осиёи Марказӣ роҳ ёбад ва аз дигар тараф Покистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ барои баромадан ба бандарҳои баҳрӣ мусоидат мекунад. Дар ин мулоқот, ки рӯзи 3 январи соли 2015 доир гардид, Вазири савдои Покистон Шайхзод Арбоб иброз намуд, ки Покистон моил ба рушди иртиботҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла бо мамолики Осиёи Марказӣ мебошад ва талош дорад колои тавлидии ин мамоликро аз тариқи бандарҳои худ ба дигар кишварҳои дур расонад.

12 майи соли 2016 дар шаҳри Турсунзода бо иштироки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон, Раиси иҷроияи Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдулло Абдулло, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф ва Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбай Жеенбеков ба оғози татбиқи Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи CASA-1000 асос гузошта шуд.[6]. Дар қатори дигарон сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф андешаронӣ карда, ҷонибдории Покистонро иброз дошт.

Ин лоиҳа аввалин тарҳи муштараки байниминтақавии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ буда, пайвасти шабакаҳои барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро дар бар мегирад ва норасоии неруи барқро коҳиш дода, дар ташаккули бозори энергетикӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратии кишварҳои шарик, таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо дарназардошти як қатор манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҳиссагузор хоҳад буд. Асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳа соли 2009 анҷом дода шуда, соли 2011 аз нуқтаи назари тиҷоратӣ тасдиқ гардидааст.

Ин тарҳ махсусан барои Тоҷикистон дар бобати содироти неруи барқи изофа дар фасли тобистон ва ба даст овардани даромади воқеӣ имконияти мусоид фароҳам оварда, барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёти Афғонистон ва Покистон бо неруи барқ хизмат менамояд. Дар назар аст, ки Тоҷикистон дар моҳҳои май - сентябр то 3 миллиард киловатт соат ба харидорон - Афғонистон ва Покистон таҳвил намояд. Маблағи умумии лоиҳаи CASA-1000 1 миллиард доллар буда, Тоҷикистон ба миқдори 320 миллион доллари амрикоӣ сармоя ҷалб мекунад. Сармояҳои Қирғизистон 209 миллион, Афғонистон 354 миллион ва Покистон 209 миллион долларро ташкил медиҳанд [10].

Дар марҳилаи аввал бояд хатти баландшиддати 500 киловаттаи интиқоли неруи барқ аз Даткаи Қирғизистон ба Хуҷанди Тоҷикистон бо дарозии 477 километр бунёд шуда, сипас сохтмони хатти баландшиддат аз Тоҷикистон ба Афғонистон ва аз он кишвар ба Покистон бо дарозии 750 километр оғоз шавад.

2 августи соли 2016 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маркази ҳамоишҳои Ҷакарта дар Форуми 12-уми умумиҷаҳонии исломии иқтисодӣ иштирок ва суханронӣ намуд [6]. Дар кори ин чорабинии бузурги байналмилалӣ дар қатори дигар сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон, иштирок ва суханронӣ кард.

Сарвари давлати Тоҷикистон Э. Раҳмон низ, зимни суханронии худ аз ҷумла баргузории Форуми умумиҷаҳонии иқтисодии исломиро иқдоми муҳим барои муҳокимаи созандаи ҷанбаҳои мухталифи раванди рушд ва дигар масъалаҳои мубрами иқтисодию тиҷоратӣ ва иҷтимоии ҷаҳони муосир маънидод кард. Тавре таъкид гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳамшарикии зич бо кулли кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла олами ислом буда, хоҳони ҳамкории васеъ ва воқеӣ бо онҳо дар ҳамаи соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, беҳтаргардонии кори минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, роҳу нақлиёт, коркарди маъданҳои кӯҳӣ, энергетика, кишоварзӣ, кӯҳнавардӣ, туризми кӯҳӣ ва экологию солимгардонӣ мебошад.

Ин ҷо таҳлили гардиши молу маҳсулот байни Тоҷикистон бо Покистон ва шакли молу маҳсулотро дар даврони истиқлолият зарур мешуморем. Дар солҳои 1991, 1992 гардиши молу маҳсулот миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон вуҷуд надошт. Соли 1993 мубодилаи мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон ҳамагӣ 0,8 млн долларро ташкил медод [5, 571]. Соли 1994 ин нишондиҳанда ба 1,8 млн. доллар баробар мешавад. Мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва Покистон солҳои 1995 3,8 млн доллар, 1996 7,5 млн. доллар, 1997 2,4 млн доллар, 1998 0,5 млн доллар, 1999 0,3 млн доллар, 2000 0,2 млн долларро ташкил медод. Чуноне аз нишондиҳандаҳо бармеояд, нисбат ба солҳои 1995-1997 аз соли 1997 бо сабаби омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ гардиши мол рӯ ба пастравӣ ниҳодааст. Аз нишондиҳандаҳо бармеояд, ки гардиши молу маҳсулот миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон аз соли 2009 рӯ ба инкшоф ниҳода, дар соли 2010 ҳаҷми он 21,6 млн долларро ташкил медиҳад.

**Мубодилаи мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Покистон ( млн. доллар) [5, 571]**

| 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0,3 | 0,1 | 0,1 | 0,5 | 2,0 | 0,4 | 1,20 | 1,7 | 6,6 | 21,6 |

Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Покистон дар солҳои 1991,1992 умуман мавҷуд набуд. Мавҷуд набудани содирот ба омилҳои дохилии кишвар вобастагӣ дорад.

**Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Покистон дар солҳои 1991-2000 ( млн доллар) [5, 581]**

| 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 0,8 | - | - | 1,5 | 1,3 | 0,3 | 0,1 | 0,1 |
| | | | | | | | | | |
| 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| 0,2 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,3 | 0,1 | 0,4 | 0,4 | 4,7 | 15,5 |

**Гардиши савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Покистон дар солҳои 2013-2014 [1, 15]**

| | млн доллари ИМА | | % | | Ҷой | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2013 | 2014 | 2013 | 2014 |
| Дар маҷмӯъ | 92,7 | 89,6 | 1,9 | 1,7 | 11 | 12 |
| содирот | 24,6 | 19,1 | 2,6 | 2,0 | 8 | 8 |
| воридот | 68,1 | 70,5 | 1,7 | 1,6 | 10 | 14 |

Чуноне аз ҷадвал бармеояд, гардиши савдои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Покистон, новобаста аз баланду пастшавӣ, нисбат ба дигар кишвари минтақаи Осиёи Ҷанубӣ – Ҳиндустон, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон равобити ҳасанаи ҳамкорӣ дорад, зиёд аст.

Дар солҳои 2013-2014 аз Ҷумҳурии Ҳиндустон ба Тоҷикистон воридот ниҳоят кам сурат гирифтааст. Дар байни давлатҳое, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон равобити тиҷорӣ доранд, Покистон аз нигоҳи ҳаҷми молҳои воридотӣ дар ҷойи 10-ум ва аз нигоҳи содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Покистон дар ҷойи 8–ум қарор дошт. Дар соли 2014 Покистон аз нигоҳи воридот дар ҷойи 14-ум, аз нигоҳи содирот ба он дар ҷойи 8-ум қарор мегирад.

**Савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Покистон дар давоми солҳои 2010-2014 [1, 17-18]**

| 2010 | | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| млн долл. | % | млн долл. | % | млн долл. | % | млн долл. | | млн долл. | % |
| 21,6 | 0,6 | 15,2 | 0,3 | 78,8 | 1,5 | 92,7 | 1,9 | 89,6 | 1,7 |

**Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Покистон дар давоми солҳои 2010-2014 [1, 21]**

| 2010 | | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| млн долл. | % | млндолл | % | млн долл. | % | млн долл. | % | млн долл. | % |
| 15,5 | 1,3 | 0,2 | 2,8 | 26,5 | 1,9 | 24,6 | 2,6 | 19,1 | 2,0 |

**Воридот аз Ҷумҳурии Покистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010 – 2014 [1, 24-25]**

| 2010 | | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| млн долл. | % | млн долл. | | млн долл. | | млн долл. | | млн долл. | |
| 6,1 | 0,4 | 0,2 | 12,4 | 52,3 | 1,4 | 68,1 | 1,7 | 70,5 | 1,6 |

Аз нишондиҳандаҳо маълум мешавад, ки рушди савдо ва умуман гардиши молу маҳсулот миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон дар давоми солҳои 2010-2014 рӯ ба инкишоф ниҳода, барои боз ҳам вусъат ёфтани ҳамкориҳои самарабахш дар дигар соҳаҳо шароит муҳайё намудааст.

Дар давоми солҳои 2010-2014 аз Ҷумҳурии Покистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти картошка ба маротиб зиёд шуда, соли 2011 2920 тонна (436 ҳазор доллар), соли 2012 26121 тонна (3481 ҳазор доллар), соли 2013 34788 тонна (4523 ҳазор доллар), соли 2014 18419 тонна (2213 ҳазор доллар)-ро ташкил медод [1, 30-31].

Дар солҳои 2010-2014 аз Покистон ба Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои зер сабзавот ворид гардида, бозори истеъмолии сокинони Тоҷикистонро ғанӣ гардонид: соли 2011 15 тонна (8 ҳазор доллар), соли 2012 1399 тонна (652 ҳазор доллар), соли 2013 1311тонна (642 ҳазор доллар), соли 2014 17166 тонна (3025 ҳазор доллар) [1, 32-33]. Воридоти пиёз бошад аз Покистон дар солҳои 2012-2014 чунин буд: соли 2012 42 тонна (5 ҳазор доллар), соли 2013 30 тонна (4 ҳазор доллар), соли 2014 15495 тонна (2134 ҳазор доллар).

Соли 2010 ба миқдори 10 тонна (5 ҳазор доллар) аз Тоҷикистон ба Покистон меваҳои ситрусӣ содирот шудааст. Дар солҳои баъдӣ, яъне соли 2011 2840 тонна (1126 ҳаз. долл.), соли 2012 9765 тонна (3813 ҳаз. долл.), соли 2013 10945 тонна (3831 ҳаз. долл.), соли 2014 бошад, 9129 тонна (3365 ҳаз. дол.) меваҳои ситрусӣ аз Покистон ба Тоҷикистон ворид карда шудааст.

**Содироту воридоти меваҳо бо Ҷумҳурии Покистон дар солҳои 2010-2014**

| Сол | Содирот | | Воридот | |
|---|---|---|---|---|
| | тон | ҳаз.долл | тон | ҳаз.долл |
| 2010 | 557 | 139 | - | - |
| 2011 | 3621 | 760 | 2861 | 1139 |
| 2012 | 4211 | 918 | 9787 | 3831 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2013 | 3174 | 667 | 11079 | 3923 |
| 2014 | 2680 | 582 | 9328 | 3572 |

**Содироти ангур аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Покистон дар солҳои 2010-2014 [1, 41]**

| Сол | Содирот | |
|---|---|---|
| | тон | ҳаз.доллар |
| 2010 | 557 | 139 |
| 2011 | 3572 | 744 |
| 2012 | 4211 | 918 |
| 2013 | 3134 | 660 |
| 2014 | 2679 | 582 |

**Содироту воридоти себ, нок ва биҳӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон дар солҳои 2010-2014 [1, 42-43]**

| Солҳо | Содирот | | Воридот | |
|---|---|---|---|---|
| | тон | ҳаз.долл | тон | ҳаз.долл |
| 2010 | - | - | - | - |
| 2011 | 50 | 17 | 18 | 11 |
| 2012 | - | - | 4 | 2 |
| 2013 | - | - | 130 | 87 |
| 2014 | - | - | 89 | 63 |

Содироти меваҳои хукш яке аз василаҳои асосии содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ба ҳисоб рафта, дар ғанӣ гардонидани буҷаи мамлакат ва беҳдошти вазъи иҷтимоӣ мавқеи асосӣ дорад. Соли 2010 43 тонна меваи хушк ба маблағи 45 ҳазор доллар ба Ҷумҳурии Покистон содир карда шуд. Аммо бо сабабҳои ба мо номаълум содироти он дар солҳои баъдӣ идома наёфта, балки қатъ гардид. Соли 2014 аз Ҷумҳурии Покистон ба миқдори 25 тонна (13 ҳазор доллар) фундуқи заминӣ ворид карда шуд.

Дар баробари ин, аз Ҷумҳурии Покистон воридоти шарбати меваю сабзавот дар соли 2102 23 тонна (22 ҳаз. дол.), соли 2013 18 тонна (17 ҳаз. дол.), соли 2014 66 тонна (69 ҳаз. дол.)-ро ташкил медод.

Содироту воридоти орд низ яке аз воситахои ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ ба ҳисоб меравад. Соли 2010 аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 тонна орд (14 ҳаз. дол.) ба Ҷумҳурии Покистон содир карда шудааст ва баръакс соли 2012 51 тонна орд (23 ҳаз. дол.) аз Покистон ба Тоҷикистон ворид карда шуд.

Дар баробари маводи ғизоӣ содироту воридоти дигар намуди молу маҳсулот миёни Тоҷикистон ва Покистон мавҷуд аст.

**Содироти намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ-техникӣ, ашёи хом ва молҳои истеъмолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Покистон (ҳаз.доллар)**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Нахи пахта | 11 091 | 610 | 24585 | 22668 | 17703 |
| Меваҳои ситрусӣ | 5 | - | - | - | - |
| Ангур | 139 | 744 | 918 | 660 | 582 |
| Себ, нок, биҳӣ | - | 17 | - | - | - |
| Меваҳои дигар | - | - | - | 7 | - |
| Меваи хушк | 45 | - | - | - | - |

**Содироти намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ-техникӣ, ашёи хом ва молҳои истеъмолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Покистон (ҳаз.доллар) [1, 81-140]**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Махсули нафт | - | - | - | 18 | - |
| Портландсемент | 2 323 | 6 926 | 27960 | 23313 | 10463 |
| Содаи каустикӣ | - | - | 2 | - | - |
| Поруҳои нитрогенӣ | | 604 | 5620 | 8682 | 4161 |
| Ранг ва лак | - | - | 8 | 45 | 75 |
| Шинаҳои пневматикӣ | - | - | 49 | 2 | 21 |
| Чӯбу тахта | - | - | 22 | 16 | 10 |
| Қоғаз ва картон | - | - | - | - | 0 |
| Нахи синтетикӣ | - | - | 2 | - | - |
| Либос ва либосворӣ | - | 13 | 24 | 3 | 12 |
| Насосҳо | - | - | 2 | - | - |
| Қисмҳои эҳтиётии автомобил | - | - | 1 | - | - |
| Орд | - | - | 23 | - | - |
| Қанд | - | - | 8 6175 | 21677 | 41154 |

Маъмулан, ҳамасола аз Ҷумҳурии Покистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин навъи молу маҳсулот ворид карда мешавад: мурғҳои зиндаи хонагӣ, гӯшти ҳайвони калони шохдор, моҳӣ, шир ва қаймоқ, зардоби шир, картошка, помидор, пиёз, карами ранга, бодиринг, лӯбиё, сабзавот, лӯбиёи хушк, чормағзи тару хушк, поруҳои минералии нитрогенӣ, воситаҳои синтетикии рангубор, ранг ва лак, воситаҳои косметикӣ, воситаҳо

барои мӯй, воситаҳо барои ришгирӣ, собун, воситаҳои шустушӯ, намуда ва маҳсулоти он, гӯгирдчӯб, воситаҳои зинатдиҳӣ, кубур, маҳсулот барои печонидани маҳсулоти пластмасӣ, шинаҳои пневматикӣ, шинаҳо, чӯбу тахта, фанер, зарфҳои холӣ аз мағзи чӯб, лавозимот барои ошхона, салфеткаҳои қоғазӣ, конверт, рӯқъа, журнал, китобҳои бухгалтерӣ, блокнот, дигар намуди маҳсулоти чопӣ, риштаи пахтагӣ, матоъҳои синтетикӣ, риштаҳои ороишии металлӣ ва ғайра. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Покистон пахта, нахи пахта, партови пахта, чормағз, меваҳои ситрусӣ, ангур, харбуза ва тарбуз, себ, нок ва биҳӣ, зардолу, олуболу ва шафтолу, меваҳои тару тоза, қаланфури куфташуда, занҷабил-гармдору, биринҷ, тухми маҳсулоти равғандор, тухмӣ барои кишт, ҳасиб ва маҳсулоти гӯштӣ, қанд, маҳсулоти қаннодӣ, шоколад, макарон ва ғ., афшураи сабзавот ва меваҷот, маҳсулот барои тайёр кардани соус, обҳои минералии қанддор, орд, гранула аз субпродукти гӯшту моҳӣ, маҳсулоти растаниҳо, маҳсулот барои хӯроки чорво, сулфидҳо, полусулфидҳо, сулфатҳо, замч, персулфатҳо, карбонатҳо, пайвастҳои ноорганикӣ, кислотаҳои монокарбонии атсикликӣ, воситаҳои табобатӣ ва ғайра содир карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори равобити зич бо кулли кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла олами ислом, пеш аз ҳама Ҷумҳурии Исломии Покистон буда, хоҳони ҳамкориҳои васеъ ва вокеӣ бо онхо лар ҳамаи арсаҳои зикргардида мебошад.

Дар маҷмӯъ, равобити дӯстона ва ҳамкории васеи иқтисодӣ-тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Покистон - кишваре, ки бо он пайвандҳо ва арзишҳои зиёди муштараки таърихӣ ва фарҳангӣ дорем, аз афзалиятҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳоло ҳам имконоти истифоданашуда миёни ин ду кишвар вуҷуд доранд ва албатта рушди иқтисоду тиҷорат аз хоҳиш ва талошҳои роҳбарияти ҳарду кишвар, пеш аз ҳама, аз роҳҳои кулай ва бехавфи интиқоли молу маҳсулот вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, заминаҳои инкишофи муносибатҳои дуҷониба муҳайёст ва инкишофи он ба манфиати халқҳои ҳарду кишвар буда, барои рушди иқтисод ва болоравии сатҳи зиндагии мардум кумаки назаррасе хоҳад кард.

## АДАБИЁТ


1. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. -Душанбе, 2015. - 650 с.
2. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 1 /под общей редакцией Хамрохона Зарифи. Серия: Внешняя политика Таджикистана. -Душанбе: Ирфон, 2009. - 296 с.
3. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). Год 1993-й. Том III. / Д. Назриев, И. Сатторов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -518 с.
4. Сайидзода З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004). – Третье издание / З. Сайидзода. – Душанбе: ООО «Контраст», 2010. – 448 с.
5. Таджикистан: 20 лет государственной независимости. Статистический сборник. -Душанбе, 2011. - 845с.
6. [ Захираи электронӣ]. http://www.president.tj
7. [ Захираи электронӣ]. http://www.tojnews.tj
8. [ Захираи электронӣ]. http://www.iransharghi.com
9. [ Захираи электронӣ]. http://www.fergananews.com
10. [ Захираи электронӣ]. http://mir-politika.ru


## ТОҶИКИСТОНУ-ПОКИСТОН: РУШДИ РАВОБИТИ ТИҶОРАТӢ- ИҚТИСОДӢ


Дар мақолаи мазкур таърихи равобити тиҷоратӣ-иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон таҳқиқ шудааст. Дар самти равобити тиҷоратӣ-иқтисодӣ Покистон миёни кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мақоми махсус дорад. Покистон яке аз шарикони асосии Тоҷикистон дар соҳаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ мебошад. Густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо Покистон-кишваре, ки бо он алоқаҳои арзишноки таърихӣ-фарҳангӣ дорем, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Покистон, тиҷорат, иқтисодиёт, содирот, воридот.


## ТАДЖИКИСТАН-ПАКИСТАН: РАЗВИТИЕ ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ВЗАИМОТНОШЕНИЙ


В статье прослеживается история торгово-экономических отношений Республики Таджикистан с Исламской Республикой Пакистан. В этом направлении Пакистан среди государств Южной Азии занимает очень важное место. Пакистан является основным партнером Таджикистана в сфере торгово-экономического сотрудничества. Расширенные торгово-экономические взаимоотношения с Пакистаном – государство с которой имеются ценные историко-культурные связи, является одним из важных направлений внешней политики Республики Таджикистан.



**Ключевые слова**: Таджикистан, Пакистан, торговля, экономика, экспорт, импорт.


## TAJIKISTAN-PAKISTAN: DEVELOPMENT OF TRADE AND ECONOMIC RELATIONS


The article traces the history of trade and economic relations of the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Pakistan. In this regard, Pakistan among the countries of South Asia occupies a very important place. Pakistan is a key partner of Tajikistan in the field of trade and economic cooperation. Enhanced trade and economic relations with Pakistan - a country with which there is a valuable historical and cultural ties, is one of the important directions of foreign policy of the Republic of Tajikistan.



**Key words:** Tajikistan, Pakistan, trade, economy, export, import.



**Сведения об авторе:** ***Турсунов Т.Х.*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета.

# ФАКТОР ПОГРАНИЧНОГО УСПЕХА В РАЗВИТИИ ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ СВЯЗЕЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ

***Анвари Сафари, Шарипов Амриддин***
**Таджикский националный университет**

Образование и распад Советского Союза были одними из важных исторических событий XX-го века, вызвавших глубокие геополитические изменения не только на бывшей территории СССР, но и мировом масштабе. Вместе с тем развал Союза вывел наружу комплекс важнейших проблем, связанных, в том числе с определением границ между бывшими советскими республиками [1] и соседними с ними странами. Наличие неделимитированных участков границы, спорных территорий и отсутствие соответствующей договорно-правовой базы между Китаем и новыми постсоветскими государствами вызывали в начале 90-х годов обоснованное беспокойство данной ситуаций [2].

Дипломатические отношения между двумя дружественными и соседними странами Республикой Таджикистан (РТ) и Китайской народной Республикой (КНР) установлены 4 января 1992 года. КНР является соседней и дружественной Таджикистану страной. Китай в числе первых признал суверенитет и независимость РТ, установил с ней дипломатические отношения. Усилиями сторон сформирована широкая и эффективная договорно-правовая база двусторонних отношений, отвечающая интересам обеих народов. Она включает в себя около 150 межгосударственных, межправительственных и межведомственных документов. Главные направления взаимодействия двух стран на длительную перспективу закреплены в Договоре о добрососедстве, дружбе и сотрудничестве между РТ и КНР от 15 января 2007 года [3].

КНР является стратегическим партнером РТ. Укрепление и развитие двусторонних отношений дружбы и сотрудничества с этой страной является одним из приоритетных направлений внешней политики Таджикистана [4].

Более устойчивым отношениям между РТ и КНР содействуют некоторые факторы, решение которых поможет качественному переходу на новый уровен взаимоотношений сторон.

Одним из основных факторов углубления двусторонних отношений является разрешение пограничных вопросов, которое позволило достичь нового уровня двусторонних отношений.

История становления границы между РТ и КНР имеет свои исторические корни. В исторический период становление границ в основном проводилось на Памире между Россией и Китаем, после завоевании Средней Азии Российской империей. Несмотря на достижения определенных результатов по пограничным вопросам между Российской империей и цинским Китаем, пограничные проблемы вновь дали о себе знать во второй половине XX века.

Дальнейшие переговоры по территориально – пограничным проблемам уже проводились между Советским Союзом и Китайской Народной Республикой. В 1987 году была достигнута договоренность о необходимости уточнения прохождения линии границы на основе имеющихся русско-китайских договорных документов о границе, в соответствии с нормами современного международного права, принципами справедливости и рациональности, взаимного понимания и взаимной уступчивости [5].

Позднее, после распада Советского Союза, наступил современный период становления границы между РТ и КНР, после приобретения независимости Таджикистана (с 1999 по 2002 гг.). Проведение демаркационных работ с 2004 г. и ратифицированные Парламентами обеих стран линии прохождения таджикско-китайский государственной границы в июле 2010 и январе 2011года завершили процесс разграничения границ между Таджикистаном и Китаем.

Разрешение пограничных вопросов демонстрировало высокий уровень политического взаимодоверия, оказывало глубокое позитивное влияние на развитие отношений добрососедства, дружбы и взаимовыгодного сотрудничества между Таджикистаном и Китаем.

В условиях углубления международного разделения труда международная торговля превращается в одну из передовых форм построения международных экономических отношений и в один из важных инструментов формирования мирового хозяйства, способствующего построению связей между странами и усилию их взаимозависимости в сфере международного обмена товарами, услугами, продуктами интеллектуального труда [6].

Разрешение пограничных вопросов с Китаем позволило открыть «Окно на Восток» - Контрольно-пропускной пункт «Кульма-Карасу» на таджикско–китайский границе, который способствовал резкому улучшению социально-экономической сферы жизни населения, проживающего на приграничной территории Горно-Бадахшанской автономной области – отдалённой от центра страны и расположенной в высокогорной зоне [5].

Стороны согласились открыть международные пункты пропуска по автомобильным пассажирским и грузовым перевозкам Кульма (Республика Таджикистан) – Карасу (Китайская Народная Республика). Упомянутые пункты открыты круглогодично для въезда и выезда граждан, транспортных средств, ввоза и вывоза грузов и товаров Сторон и третьих стран

(регионов) [7]. Другим фактором ускоренного развития торгово-экономических отношений сторон стало открытие автомобильного сообщения между странами. Вплоть до середины первого десятилетия XXI века экономическое присутствие Китая в Таджикистане носило скорее символический характер: затрагивало только торговую сферу в крайне незначительных масштабах. Это во многом обуславливалось гражданской войной в РТ (1992-1997) и географической изолированностью двух стран друг от друга. Поэтому торгово-экономические показатели между странами были очень низкими. В стартовом 1993 г. объем торговли между КНР и Таджикистаном составил 8,9 млн. $ и к 2003 г. едва достиг 38,8 млн. $.

После открытия осенью 2004 года автомобильного сообщения между КНР и РТ через перевал «Кульма», а также в результате стремительного роста объемов предоставленных китайских кредитов значение Китая как торгово-экономического партнера Таджикистана стремительно возросло. Все это привело к кардинальной интенсификации китайско-таджикской торговли. Наиболее значительный рост объемов торговли пришелся на 2005 год, когда товарооборот между Китаем и Таджикистаном вырос более чем в 9 раз по сравнению с предыдущим годом. В последующие годы объемы торговли росли на 10-20% ежегодно [8]. В 2005 году через этот пункт было перевезено около 20 тысяч тонн грузов. Таджикистан экспортировал в Китай товар на 200 тыс. долларов, импортировал на сумму около 800 тыс. долларов. Бюджет ГБАО от работы пункта в 2005 году получил 5 млн. сомони [9] и в 2005 г. объем торговли составил уже 157,8 млн. $, в 2006 г. — 323,7, в 2007 г. — 524 млн. дол.

Очередной импульс развитию торговых связей был дан в 2008 году, по результатам которого китайско-таджикский товарооборот увеличился в несколько раз. В 2008 г. внешнеторговый оборот между Таджикистаном и Китаем впервые преодолел миллиардную планку и достиг 1 679,8 млн. $ [10]. Более того, несмотря на глобальный экономический кризис (2008), взаимный товарооборот за 2009 год достиг 1 млрд. 450 млн. $. Общий объём товарооборота между двумя странами в 2012 году составил 2 млрд. $, в 2013г.- 682,1 млн. $, и в 2014 г. 777 млн. $ или 14,6 % от внешней торговли Таджикистана [11].

Другим немаловажным фактором ускоренного развития сотрудничества и взаимоотношений сторон являются китайские капиталовложения в Таджикистане. Наша страна является получателем 2/3 всех средств, инвестируемых Китаем в Центрально – азиатский регион. Инвестиции в Таджикистан охватывают сферы телекоммуникации, текстильной промышленности, сельского хозяйства, строительство линии электропередач и электрической подстанции, развитие дорожно-транспортной сферы и другие.

При финансовой и технической поддержке КНР реализованы несколько стратегически важных для нашей страны проектов. Это строительство общенациональной автомобильной дороги «Душанбе-Чанак» и тоннелей Шахристан, Шар-Шар и Чормагзак, ЛЭП-500 кВ «Юг-Север» и ЛЭП-220 кВ «Лолазор-Хатлон», которые позволят энергосистеме Таджикистана функционировать независимо, а в перспективе – начать экспорт электроэнергии в Афганистан и Пакистан. В недалеком будущем территория Таджикистана станет транзитным путем для переброски туркменского газа в страны Центральной Азии, включая Китай. Не исключена возможность, что эта территория также станет железнодорожным мостом для перемещения грузопассажирского потока.

Расширяется география и номенклатура строящихся в Таджикистане объектов за счёт льготного кредита Китая, в частности автомобильная дорога Душанбе – Куляб – Хорог – Мургаб – Кульма – Каракорумское шоссе открыла для соседних стран Центральной Азии выход в порты Индийского океана. Синьцзян - Уйгурский автономный район Китая становится важным коммуникационным узлом на возрождающемся «Великом шелковом пути». Кроме того, Эксим банк КНР выделил большую часть средств на реконструкцию автомобильной дороги «Душанбе-Худжанд-Чанак», ведущей к границе с Узбекистаном. Китайская сторона финансирует строительство автодороги Душанбе–Джиргаталь–Ош в направлении Киргизии [12]. В 2009 году вступила в строй горнообогатительная фабрика по переработке свинцово-цинковых руд «Зарнисор» (51 % её капитала составил китайский), которая в 2012 году произвела (на экспорт в КНР) более 23,4 тыс. тонн свинцового и свыше 37,3 тыс. тонн цинкового порошков [11].

Также наблюдаются несколько других моментов в китайской политике, которые толкают руководство КНР на тесное сотрудничество со странами Центральной Азии и с РТ в том числе:

1. СУАР играет большую роль в экономических связях Китая со странами Центральной Азии за счет общих границ, и это обстоятельство разворачивает СУАР фасадом на запад, в сторону Центральной Азии. Для КНР они являются источником воды и энергии, а также рынком сбыта продукции и транзитным мостом [9]. СУАР является «западными воротами» Китая, а контрольно-пропускной пункт Кульма-Карасу на таджикско-китайской границе в последние годы стал ключевым звеном в двусторонней торговле: на него приходится свыше 60% двустороннего товарооборота.

2. Китай и ШОС в целом помогают решить для Таджикистана острую проблему борьбы с наркотрафиком и, соответственно, с экстремистскими организациями. Помимо урегулирования пограничного вопроса КНР направила усилия на получение поддержки правительства в борьбе

с «тремя силами зла» — сепаратизмом, терроризмом и экстремизмом [10]. В сентябре 2003 года Таджикистан подписал с Китаем соглашение о сотрудничестве в борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом. Уникальный людской, экономический и ресурсный потенциалы наряду с поистине гигантской территорией, которой обладают шесть государств-членов ШОС, делают возможным реализацию самых смелых транспортно-транзитных проектов, способных в перспективе обеспечить процветание и благополучие наших народов. В этом отношении Таджикистан, находящийся в центре «евразийского транспортного перекрестка» может сыграть особую роль. Роль, которую предки таджиков играли во времена Великого Шелкового пути. А это, уже на качественно новом уровне, позволит сопрягать национальные интересы и усилия с общей заботой о превращении Центральной Азии в мирную, стабильную и процветающую часть евразийского пространства [3].

3. Таджикский рынок представляет собой один из рынков для экспорта продукции предприятий СУАР. Республика граничит с Синьцзян-уйгурским автономным районом КНР, мощной экономической областью (где только промышленных предприятий - более 6 тыс.). Выход к источникам воды, энергии, рынкам сбыта продукции в регионе через Душанбе может для СУАР оказаться наиболее выгодным. Наконец, Таджикистан может дать Китаю выход в западную часть Южной Азии. Китай уже имеет дорогу в Пакистан. Но вот путь на север Афганистана, Туркменистан и Иран проходит именно через таджикскую территорию.

4. Китай проявляет сильную заинтересованность в развитии таджикской гидроэнергетики. Китай согласился вложить 1 миллиард долларов инвестиций в таджикскую экономику. Речь идет о строительстве крупных энергетических объектов. Для Таджикистана эта помощь имеет существенное значение. 560 миллионов долларов китайцы намерены вложить в строительство Нурабадской ГЭС-1, что на реке Хингоб. Еще 400 миллионов КНР направит на сооружение угольной ТЭЦ в Душанбе [13]. Если эти проекты будут осуществлены, то таджикской гидроэнергетике будет придан мощный толчок в развитии. Китаю остро нужна электроэнергия и вода в западных районах страны, особенно в Таримской впадине. Водные ресурсы самого региона, исчисляемые в 26,4 кубокилометра воды в год, ничтожны для населенного и промышленного развитого автономного района [9].

5. Также не стоит сбрасывать со счетов и историко-культурный фактор. Таджикистан и Китай имеют богатейшее культурное наследие. Во времена Великого Шелкового пути культура обеих стран играла важную связующую роль в процессе познания двух соседних народов, диалоге цивилизаций. В новое время обе страны вновь открывают себя друг другу. Основным двигателем действий Китая в Центральной Азии остается инициатива «Один пояс и один путь». «Экономический пояс Шелкового пути» – локальная часть инициативы «Один пояс и один путь» – является всеобъемлющей концепцией, включающей в себя расширение связей, региональное развитие и инвестиции [3]. Центральная Азия исторически всегда ассоциировалась с Великим шёлковым путём. Центральная Азия всегда выступала как место, где сходились люди, товары и идеи с разных концов Евразийского континента — Европы, Ближнего Востока, Южной и Восточной Азии [14].

Эти факторы помогли выйти на новый уровень содержанию таджикско-китайских взаимоотношений. Вместе с тем, в рамках региональных структур решаются проблемы безопасности и сотрудничества. В недалеком будущем территория Таджикистана станет транзитным путем для переброски туркменского газа в Китай. Не исключена возможность, что эта территория также станет железнодорожным мостом для перемещения грузопассажирского потока. Таджикистан может дать Китаю выход в западную часть Южной Азии, путь на север Афганистана, Туркменистана и Иран.

Историко-культурное наследие обеих стран свидетельствуют о взаимовыгодной торговле между странами со времен Великого Шелкового пути и возрождение этого Великого пути поможет обрести исторический облик сотрудничеству Таджикистана и Китая.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. [Электронный ресурс]. http://ia-centr.ru/expert/3934/_Межгосударственные границы и проблемы безопасности в Центральной Азии.
2. [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki/_Территориальные вопросы КНР
3. [Электронный ресурс]. http://russian.people.com.cn/31521/6964733.html ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙ: добрососедство, дружба и сотрудничество во имя мира, стабильности и процветания.
4. [Электронный ресурс]. http://mfa.tj/ru/ otnosheniya-so-stranami-azii-afriki/tadzikistan-kitay.html
5. Х. Зарифи. Таджикистан-Китай: становление государственной границы. История и современность / Х. Зарифи, А. Сатторов; под общей редакцией академика Т.Н. Назарова. –Душанбе: Ирфон, 2014. -С.8-9, 14.
6. Сафаров А.А. Роль внешней торговли в развитии экономики Республики Таджикистан / А.А. Сафаров //Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2016. -№2/3 (201). - С. 63-66.
7. Соглашение между правительством РТ и Правительством КНР о пунктах пропуска на таджикско-китайской государственной границе и режиме их работы. 29 декабри соли 2011
8. [Электронный ресурс]. www.easttime.ru/analytics/kitai/ekonomicheskoe-proniknovenie-kitaya-v-tadzhikistan-turkmenistan-i-uzbekistan.
9. [Электронный ресурс]. www.easttime.ru/analitic/3/8/50.html/_Зачем Китаю Таджикистан?

10. [Электронный ресурс]. www.perspektivy.info/print.php?ID=66254 Политика Китая в отношении соседних стран Центральной Азии.
11. [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki/_Китайско-таджикистанские_отношения
12. [Электронный ресурс]. www.stoletie.ru/geopolitika/kitaj_pogloshhajet_tadzhikistan_2011-03-10.htm.
13. [Электронный ресурс]. www.dw.com/ru/Китай-завоевывает-позиции-в-Таджикистане/a-4330680
14. [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki/_Центральная_Азия.

**ОМИЛИ ДАСТОВАРДИ ҲУДУДӢ ДАР РУШДИ АЛОҚАҲОИ САВДОӢ – ИҚТИСОДӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ**

Дар мақола муаллифон доир ба як давраи муайяни ташаккули масоили сарҳадию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин маълумот дода, нақши омили сарҳадиро дар рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон ва Чин баён намудааст. Ҳамзамон таъсири омилҳои дигар ба рушди босуръати ҳамкории ҷонибҳо инъикос гаштаанд.

**Калидвожаҳо:** Сарҳад, ҳудуд, демаркатся, делимитатсия, аломатҳои сарҳадӣ, сарҳадбандӣ, масоили сарҳадӣ, баҳсҳои ҳудудӣ, муътадилӣ қарордод, шартнома, ҳамкорӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ҶТ, ҶМЧ.

**ФАКТОР ПОГРАНИЧНОГО УСПЕХА В РАЗВИТИИ ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ СВЯЗЕЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ**

В данной статье авторы приводят сведения об определенном этапе формирования территориально-пограничной политики Таджикистана с Китайской Народной Республикой и роли пограничних факторов в развития торгово-экономических отношений между Республикой Таджикистана и Китайской Народной Республикой. Вместе с тем показано влияние других факторов на ускоренное развитие взаимоотношений сторон.

**Ключевые слова:** Граница, территория, демаркация, делимитация, редемаркация, разграничение, пограничные вопросы, территориальные споры, стабильность, договор, соглашение, сотрудничество, экономические показатели, РТ, КНР.

**THE FACTOR OF BORDER SUCCESS IN THE DEVELOPMENT OF TRADE-ECONOMIC RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE PEOPLE'S PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA**

In this article, the authors provides an overview from a definitely part of territorial formation and boundary policy of the Republic of Tajikistan with neighbor countries and development of trade and economy relations between Tajikistan and China. In the same time describes the influence of other facts to the acceleration development of cooperation between countries.

**Key words:** Border, territory, demarcation, delimitation, re-demarcation, delimit, Border questions, territorial argument, stability agreement, contract, cooperation, economic performance, RT, PCR.

**Сведений об авторах:** ***Анвари Сафари*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения. Телефон: **918 97 31** 81, E- mail: **anvari.safar@mail.ru.**
***Шарипов Амриддин Нуридинович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры зарубежного регионоведения. Телефон: **(+992) 988-50-10-11**, E- mail: **amrsharif@mail.ru**

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ЮНЕСКО

***Ҷаъфаров С.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ ҳамкориҳои судмандро бо ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкориҳои исломӣ, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ба роҳ мондааст.

Яке аз намунаҳои ҳамкориҳои босамар узвияти Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) мебошад.Аз замони таъсиси худ ин созмони байналмилалӣ барои дастгирии илму маориф ва фарҳанги кишварҳо, махсусан кишварҳои рӯ ба инкишоф, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, пайдо кардани роҳҳои ҳалли проблемаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии ба салоҳияташ вобаста, саъю талош мекунад [1]. Истиқлолияти давлатии мо барои амалӣ шудани сиёсати мустақили хориҷӣ роҳи васеъ кушод ва аз ҷумла дар ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО дар соҳаҳои илм, фарҳанг ва маориф имкониятҳои бештарро ба вуҷуд овард. Ҳанӯз соли 1993, аз лаҳзаҳои аввал, ки Тоҷикистон узви ин созмон гардид, корҳои муайян ба сомон расида, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дар самти маориф, фарҳанг ва илм чорабиниҳои илмӣ ва фарҳангӣ гузаронида шуда буданд.

Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО дар кишвари мо 28 июни соли 1994 бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт [2].

Ҳамкории кишвар бо ЮНЕСКО имконият дод, ки Тоҷикистон ба воситаи ин созмон фарҳанги бойи худро пешкаши ҷаҳониён намояд. Гурӯҳҳои фарҳангию илмии Тоҷикистон борҳо дар фестивалҳо ва конференсияҳою семинарҳои байналмилалӣ дар кишварҳои гуногун бо мусоидати ЮНЕСКО иштирок кардаанд ва дар кишвари мо низ як қатор чорабиниҳои муштарак баргузор шудаанд. Аз тавсеаи робитаҳо чунин далел шаҳодат

медиҳад, ки собиқ Директори Генералии ЮНЕСКО К. Матсуура бо даъвати Ҳукумати Ҷумҳуриамон се маротиба ба Тоҷикистон ташриф овард. Дар рафти яке аз вохӯриҳои ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз масъалаҳои муҳим баргузор намудани Конференсияи байналмилалиро оид ба проблемаҳои оби тоза, ворид кардани Ҷашни 2700 -солагии шаҳри Кӯлоб ба феҳристи ЮНЕСКО ва инчунин доир кардани Рӯзи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Парижро ба миён гузошт. Ин пешниҳодҳо аз ҷониби Директори генералӣ бо қаноатмандӣ қабул гардиданд. Моҳи октябри соли 2005 дар ҷараёни конфронси 33-юми ЮНЕСКО дар шаҳри Париж Рӯзи Тоҷикистон баргузор гардид, ки онро метавон як падидаи назарраси сиёсию фарҳангӣ маҳсуб кард.

Роҳбарияти ЮНЕСКО хидматҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими сулҳ ва ҳалли проблемаҳои глобалӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо ба назар гирифта, ӯро бо медали тиллоии ЮНЕСКО сарфароз гардонид [3]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тақвияти робитаҳои кишвар бо ЮНЕСКО дар мулоқоти худ бо роҳбарияти ЮНЕСКО дар доираи Конфронси байналмилалӣ, ки дар Чулпон - Атои Қирғизистон сурат гирифта буд, як бори дигар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, масъалаи гуфтугӯи тамаддунҳоро барои устувории авзои ҷаҳон таъкид намуд. Муваффақияти бузурги ҳамкории олимон, мутахассисони ЮНЕСКО ва Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО ворид шудани «Саразм» ба феҳристи ёдгориҳои таърихию бостоншиносии ЮНЕСКО мебошад, ки дар ин бора Кумитаи мероси таърихии ЮНЕСКО моҳи июли соли 2010 дар Бразилия қарор қабул кард [4].

Ин чунин маъно дорад, ки маданияти кишоварзии тоҷикон ва таърихи 5500-солаи он аз ҷониби созмони бузургтарини фарҳангии ҷаҳон эътироф гардид. Дар доираи барномаҳои созмон як қатор ҷашнвораҳои Тоҷикистон ба феҳристи ҷашнвораҳои ЮНЕСКО ворид гардида, бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил гардиданд. Яке аз натиҷаҳои кори бомуваффақияти ҳайати Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар конфронси генералии 34-уми ЮНЕСКО ин буд, ки Тоҷикистон аввалин бор ба узвияти Кумитаи байналмилалии байнидавлатии иттилоот ва коммуникатсияи ин созмон интихоб гардид. Дар рафти конфронсҳои генералии 34-ум ва 35-уми ЮНЕСКО, ки дар шаҳри Париж баргузор шуданд, Раиси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО суханронӣ карда, оид ба муваффақиятҳои сиёсати ҷумҳурӣ дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, таваҷҷуҳи доимии Президенти кишвар ба ин соҳаҳо маълумот дода, ҳамзамон зарурати ҳарчи бештари муколамаи тамаддунҳо ва ҳамкориҳои васеъро дар пешрафти илму фарҳанг ва маориф ва пешгирии зуҳуроти ифротгароиро дар зеҳни ҷавонони кишварҳо пешниҳод намуд. ЮНЕСКО барномаҳои гуногунро доро мебошад, ки ба самтҳои мухталифи маориф, илм ва фарҳанг бахшида шудаанд.

Тоҷикистон дорои мероси бойи фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ мебошад. Комиссияи миллӣ ва муассисаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва маорифро зарур аст, ки онҳоро пешкаши омма гардонда, дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд [5].

ЮНЕСКО равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти иҷтимоиро, ки барои барқарор намудани муколама байни ҷомеаҳо шароит фароҳам меоварад, ба назар гирифта, 17 октябри соли 2003 Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангиро қабул кард. Дар доираи барномаҳо оид ба ҳифзи мероси табииву фарҳангӣ, таърихиву меъморӣ ва ворид намудани он ба рӯйхати Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ёдгории таърихиву фарҳангӣ пешниҳод гардид, ки ҳашттои он - қалъаи Ямчун, мадрасаи Хоҷа-Машҳад, Панҷакенти қадима, шаҳраки Ҳулбук, маъбадхонаи Аҷинатеппа, шаҳраки Тахти сангин, қалъаи Ҳисор, шаҳраки Бунҷикати Шаҳристон ёдгории Роҳи бузурги абрешим мебошанд. Ин ёдгориҳо аз санҷишҳои экспертӣ гузашта, ба рӯйхати пешакии мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидаанд. Барои ЮНЕСКО соҳаи маориф яке аз самтҳои авлавиятнок мебошад. Ҳанӯз моҳи апрели соли 2000 дар Сенегал форуми умумиҷаҳонӣ шуда гузашт, ки дар он барномаи «Маълумот барои ҳама»-ро қабул карданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи мазкур иштирок карда, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои зерин талош менамояд:

-тавсеа бахшидани ғамхорӣ ба кӯдакони тсинни омактабӣ ва таълими онҳо;

-таъмин намудани таҳсилоти озод ва баробар барои ҳама;

- таҳсил ва такмил додани маҳорати ҷавонон ва калонсолон;
-баланд бардоштани сатҳи саводнокии калонсолон;
-инкишоф додани мувозинати гендерӣ то соли 2005 ва баробарии гендерӣ то 2015;
-такмил бахшидани баробарии таълим [6];

Дар ин ҷода маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба комёбиҳои зиёд ноил гардид. Ба ин манзур, аз ҷумла аз соли 2008 то 2015 зиёда 35 лоиҳаи ҶТ дар доираи барномаи иштироки ЮНЕСКО дастгирӣ ёфта, ба пуррагӣ иҷро гардиданд. Қайд кардан зарур аст, ки муносибатҳои Ҳукумати Тоҷикистон бо ЮНЕСКО аз тариқи Комиссияи миллӣ беш аз пеш вусъат ва таҳким ёфта, онҳо дар ҳама самтҳои доираи фаъолият назаррасанд. Муколамаи созандаи фарҳангҳо ва тамаддунҳо ва равобити васеи гуманитарӣ зарурати хосси ин марҳалаи ҳассоси таърихи башар аст.

Густариши фаъолияти созмонҳо ва институтҳои байналмилалии ғайридавлатии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва хайриявӣ падидаи ошкор ва возеҳи марҳалаи кунунӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, таҳия ва татбиқи усуливу пайгиронаи стратегияи ҳамаҷониба асоснок ва санҷидаи байналмилалӣ бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои олии Ватан ва дар айни замон ҳамоҳанг сохтану омезиши онҳо бо ниёзҳо ва манфиатҳои глобалӣ сабабгори ташаккул ва табдили Тоҷикистони соҳибистиқлол ба узви мустақил, фаъол ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

## АДАБИЁТ


1. Олимов К. Тоҷикистону ЮНЕСКО: таърихи мухтасар, вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳо // Рӯзномаи «Сиёсати хориҷӣ», соли 2011.
2. Хронологияи фаъолияти Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО барои солҳои 1991-2012.
3. Хамрохон Зарифи. Золотая сокровищница таджиков / Х. Зарифи. - Издание четвертое, переработанное и дополненное. – Душанбе: Ирфон, 2011. -С. 5.
4. Хамрохон Зарифи. Золотая сокровищница таджиков / Х. Зарифи. - Издание четвертое, переработанное и дополненное. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 11.
5. Ҷаъфаров С.Х. Тоҷикистон ва ЮНЕСКО таҷрибаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд / С.Х. Ҷаъфаров, П.А. Маҳмадов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2013. -№3/1/158.
6. [Захираи электронӣ]. www.unesco.tj/tg/index/index/pageId/227/
7. Феҳристи миллии Мероси фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. –Душанбе, 2014.
8. [Захираиэлектронӣ]. //www.unesco.org/new/en/culture/themes/single-view/news/unesco_welcomes_the_celebration_of_the_cultural_heritage_of_tajikistan/
9. [Захираи электронӣ]. // www.unesco.tj/tg/index/index/pageId/157/
10. [Захираи электронӣ]. www.unesco.tj/tg/index/index/pageId/227/
11. Таджикистан и ЮНЕСКО (Тоҷикистон ва ЮНЕСКО). Материал с офиц. Сайта МИД РТ. [Электронный ресурс] .http://mfa.tj/tj/munosibathoi-tojikiston-dar-doirai-sozmonhoi-baynalmilali-va-mintakavi/munosibathoi-tojikiston-bo-unesco.html (дата обращения: 14.05.2015)
12. Официальный сайт комитета всемирного наследия ЮНЕСКО. Список всемирного наследия ЮНЕСКО. [Электронный ресурс]. http://whc.unesco.org/en/list (дата обращения: 23.05.2015)


## ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ЮНЕСКО


В данной статье авторы, рассматривая вопросы внешней политики РТ, анализируют взаимовыгодное сотрудничество между РТ и ЮНЕСКО. В работе указано, что Таджикистан как активный участник данной организации всегда активно принимает участие во всех международных симпозиумах и конференциях ЮНЕСКО и выносит свой вклад в укрепление мира и стабильности во всем мире. В статье также рассматриваются перспективы двусторонних отношений между РТ И ЮНЕСКО в культурной, образовательной и научной сферах.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон ва ЮНЕСКО, Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО, объектҳои мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дар Тоҷикистон, маориф, фарҳанг, илм, дурнамои муносибатҳои дуҷониба, ҳамкориҳои манфиати дуҷониба ва сиёсати беруна.


## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЮНЕСКО


В данной статье авторы, рассматривая вопросы внешней политики РТ, анализируют взаимовыгодное сотрудничество между РТ и ЮНЕСКО. В работе указано, что Таджикистан как активный участник данной организации всегда активно принимает участие во всех международных симпозиумах и конференциях ЮНЕСКО и выносит свой вклад в укрепление мира и стабильности во всем мире. В статье также рассматриваются перспективы двусторонних отношений между РТ И ЮНЕСКО в культурной, образовательной и научной сферах.



**Ключевые слова:** Таджикистан и ЮНЕСКО, национальная комиссия Республики Таджикистан по делам ЮНЕСКО, объекты всемирного наследия ЮНЕСКО в Таджикистане, образование, культура, наука, перспективы двусторонних отношений, взаимовыгодное сотрудничество и внешняя политика.


## COOPERATION REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND UNESCO


In this article the authors, considering the issues of foreign policy RT, analyzes mutually beneficial cooperation between Tajikistan and UNESCO. Was said, that Tajikistan as an active participant of the organization actively involved in all international conferences of UNESCO and make a contribution to peace and stability throughout the world. The article also discusses the prospects of bilateral relations between Tajikistan and UNESCO in the cultural, educational and scientific fields.



**Key words:** Tajikistan and the UNESCO National Commission of the Republic of Tajikistan for UNESCO, UNESCO World Heritage Site in Tajikistan, education, culture, science and prospects of bilateral relations and mutually beneficial cooperation and foreign policy.



**Сведения об авторе:** ***Джаъфаров С.Х.*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры международных отношений

# ҲАМКОРИИ ҲАРБӢ - САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

*Меъроҷиддини Насридин*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Манфиатҳои миллӣ, бақои амният ва суботи кишвар далелҳои асосӣ дар самти ҳамкориҳои ҳарбии кишварҳо маҳсуб меёбанд. Таҳлилҳо оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳарбӣ нишон медиҳанд, ки кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия манфиатҳои худро дар раванди ҳамкориҳои мутақобила амалӣ месозанд.

Федератсияи Россия дар низоми муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои дигар мавқеи хосса дошта, аввалин шарики стратегӣ эътироф шудааст. Аз лаҳзаи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ то имрӯз қувваҳои ҳарбии Россия дар Тоҷикистон ҳузур доранд, ки дар раванди барқарорнамоии қувваҳои мусаллаҳи кишвар ва умуман дар таъмини амният ва суботи кишвар нақши муҳим бозидаанд.

Заминаи қарордодию ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Россияро зиёда аз 260 шартномаву созишномаҳо дар бар мегиранд, ки танзимкунандаи самтҳои гуногуни ҳамкориҳои судманди дуҷониба, хусусан дар соҳаи ҳарбӣ мебошанд. Дар миёни онҳо "Протокол оид ба барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ" [1] аз 8-уми апрели соли 1992, "Шартнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ" аз 25-уми майи соли 1993, "Аҳднома оид ба ҳамкории иттифоқчигӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба асри XXI нигаронидашуда" [2] ва "Созишнома дар бораи мақом ва шартҳои ҳузури пойгоҳи ҳарбии Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон"[3] аз 16-уми апрели соли 1999, калидӣ маҳсуб меёбанд.

Россия дар барқарорсозии ниҳодҳои қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асосӣ бозидааст. Ҳамкории ҳарбии Тоҷикистону Россия аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта, аз касби истиқлоли сиёсӣ ва ҳангоми оғози ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ (дар давоми солҳои 1992-1997) сарчашма мегирад. Мушкилии асосӣ дар он лаҳзаҳои ҳассос дастгирии мақомоти қудратии тоҷик ва таъмини муваффақи раванди истиқрори сулҳ маҳсуб мегардид, ки аз бисёр ҷиҳат бар дӯши Федератсияи Россия буд.

Дар соли 1993 дар робита бо қарори Шӯрои сарони кишварҳоииштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувваҳои дастаҷамъонаи сулҳхоҳ (ҚДС) созмон дода шуд, ки таркиби асосии онро қӯшунҳои савораи тирандози 201-уми Федератсияи Россия ташкил медод. Ҳамин тариқ, Россия, дар навбати худ, кафили нигоҳдории сулҳ дар Тоҷикистон ва умуман монеи авҷгирии хушунатҳо дар минтақа гардид. Ҳолати мазкур бахусус ҳангоми вазъи ноороми ҳарбию-сиёсии кишвари ҳамсоя - Афғонистон аҳамияти хосса касб менамояд. Баъди азнавшаклгирии ҚДС дар соли 2000-ум миёни Душанбе ва Москва созишнома оид ба нигоҳдошти қӯшунҳои ҳарбии Россия ва қисми таҷҳизотҳои ҳарбӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар таркиби қушунҳои савораи тирандози 201 ба имзо расид [4].

Дар соли 2000, аллакай, аввалин қӯшунҳои мудофиавии ҳарими ҳавоии тоҷик ба посбонии ҳарбӣ шурӯъ намуда, соли 2001 қувваҳои миллии қӯшунҳои мудофиаи ҳарими ҳавоӣ барои гузаронидани машқҳои омӯзишии тирпарронӣ ба машқгоҳи Россия "Ашулук" ки дар вилояти Астрахан ҷойгир аст, мудовим мерафтанд [5].

Дар давоми солҳои 2001-2004 ҳамкориҳои ҳарбӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия сатҳи дигарро касб намуд, ки дар заминаи омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ устувор гаштанд. Ҳамзамон, тибқи ҳуҷҷатҳои имзошуда, аз моҳи декабри соли 2004 то моҳи июни соли 2005 назорат ва нигаҳбонии сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва Тоҷикистону Хитой батадриҷ аз ихтиёри қӯшунҳои сарҳадии Россия ба зиммаи қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон супорида шуд.

Ибтидои сатҳи нави ҳамкориҳои ҳарбии Тоҷикистону Россияро метавон тирамоҳи соли 2004 бо сафари давлатии президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба шаҳри Душанбе тавъам донист, ки дар натиҷаи он сарони ҳукуматҳои Тоҷикистону Россия якчанд созишномаву муоҳидаҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаро, аз ҷумла оид ба шарту

шароити будубош, азнавмуҷаҳҳазсозии қӯшунҳои савораи тирандози 201-ум ва табдил додани он ба пойгоҳи ҳарбии қувваҳои мусаллаҳи Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расониданд.

Илова бар ин, батадриҷ заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкориҳои ҳарбии Тоҷикистону Россия инкишоф ёфтанд. 11 июни соли 2008 Думаи давлатии Федератсияи Россия созишнома оид ба истифодаи муштараки қувваҳои ҳарбӣ ба манфиати таъмини амнияти тарафайнро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонид. Мувофиқи санади мазкур, Тоҷикистону Россия вазъи ҳарбӣ-сиёсиро дар минтақа муштаракан таҳлил намуда, дар асоси он қувваҳои гурӯҳии эътилофро аз таркиби қувваҳои низомии зудамали қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия муайян намуда, дар асоси қонунҳои амалкунандаи ҷонибҳо истифодаи онро ба нақша мегиранд. Созишнома ба муҳлати панҷ сол баста шуда, ба таври автоматӣ ба панҷ соли дигар тамдид мегардад, агар яке аз ҷонибҳо оид ба қатъи созишнома хабар надиҳад.

Ғайр аз ин, ҳангоми сафари расмии президенти Федератсияи Россия Димитрий Медведев дар охири моҳи августи соли 2008 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномае имзо шуд, ки мувофиқи он Россия имконияти истифодаи майдони ҳавоӣ-ҳарбии Айниро бо ҳадафҳои низомӣ пайдо намуд. Аз он вақт боз тамоми ҳавопаймоҳо ва чархболҳои ҳарбӣ-ҳавоии қувваҳои мусаллаҳи Федератсияи Россия, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеанд, дар Ҳисор нигоҳдорӣ мешаванд. Бо мақсади коркарди алгоритми амалиёти муштараки қувваҳои ҳарбии Тоҷикистон ва Россия машқҳои мудовим дар машқгоҳи Лоҳури Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар 20 км-ии шимоли Душанбе) бо ҷалби қӯшунҳо аз таркиби пойгоҳи 201-уми Россия ва артиши Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

Самти дигари ҳамкории ҷонибҳо таълим ва бозомӯзии кадрҳои ҳарбӣ мебошад. Дар давоми солҳои 1993-2015 дар донишгоҳҳои ҳарбии Россия зиёда аз 1500 нафар донишҷӯёни тоҷик мактаби ҳарбиро гузашта, сазовори дараҷаи афсарӣ гаштаанд [6]. Дар ҳоли ҳозир дар ҳудуди Тоҷикистон дар асоси қарордодҳои баимзорасида, неруҳои ҳарбии назарраси Россия мавқеъ гирифтаанд, ки ба таркиби он зиёда аз 10 қӯшунҳои гуногуни ҷангӣ дохил мешаванд:

- қӯшунҳои саворaи тирандози 201, полки саворaи тирандози 92, полки пиёданизоми худгарди артиллерии 998, полки мушакҳои зиддиҳавоии 1098, баталиони ҷудогонаи иктишофӣ ва муборизавии радиоэлектронии 783, полки алоқавии марказии 1058, 212 ва баталиони алоҳидаи алоқаи 252, дастаи амалиётҳои психологӣ ва дигар қисматҳои ёридиҳандаи 295. Маҳалли будубоши қисматҳои зикршуда дар шаҳри Душанбе мебошад;
- қӯшунҳои саворaи тирандози 191; мавқеи будубош – ш. Қӯрғонтеппа;
- гурӯҳи ҳавоии 670 ва эскадрилияи алоҳидаи чархболии 303, мавқеи будубош – майдони ҳавоии ш. Душанбе. Қӯшунҳо барои расонидани ёрии ҳавоӣ дар ҳолатҳои ҷангӣ ба қушунҳои Россия ва қисми қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон дар ҳудуди Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Ба ҷиҳозҳои ҳарбии ҳавоии эскадрилияи чархболӣ 6-ҳавопаймои ҳуҷумкунандаи Су-25, 12-чархболи Ми-8 ва Ми-24 дохил мешаванд [7];
- қисми алоҳидаи оптикӣ-электронии низоми назоратии ҳарими ҳавоии “Норак”-1109 (объект 7680 «Окно»). Дар кӯҳҳои Санглохи шаҳри Норак дар баландии зиёда аз 2200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Барои муайян ва ошкор сохтани партофти мушакҳои балистикӣ, назорат кардани онҳо ҳангоми парвоз дар тамоми диапозонҳои ҳаракаткунандаи объектҳои кайҳонӣ дар фазои ҳавоии Авруосиё, Африқои Шимолӣ ва Марказӣ ҳамчунин аз болои уқёнусҳои Ҳинд, Ором ва Атлантика пешбинӣ шудааст. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи ҳарбӣ, мавқеи будубоши чунин низомро ба назар гирифта, комплекси мазкур тамоми вазифаҳои ба уҳдааш гузошташударо ба хубӣ таъмин менамояд. Дар асоси қарордоди байнипарлумонӣ низоми назоратии оптикӣ-электронии фазои кайҳонии “Норак” соли 2006 бар ивази қарзҳои Тоҷикистон аз Россия пурра ба Федератсияи Россия супорида шуд.

Тоҷикистон-ягона кишваре дар Осиёи Марказӣ аст, ки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳангоми тақсимоти мероси ҳарбии Шӯравӣ амалан ҳеҷ дороие ба даст наовард. Дар муқоиса бо қувваҳои мусаллаҳи миллии дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар асоси қисматҳои ҳарбӣ аз ҳисоби таркиби округҳои ҳарбии Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон) ва округи ҳарбии Туркистон (Ӯзбекистон, Туркменистон ва Тоҷикистон)

ташкил шудаанд, қувваҳои мусаллаҳи тоҷик аз ҳисоби фронти халқӣ ташкил дода шуд. Асосан назорати силоҳҳо дар Тоҷикистон ба уҳдаи қӯшунҳои савораи тирандози 201-ум гузашт. Аз ҳамин сабаб дар шароити шурӯи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон Федератсияи Россия ба қувваҳои ҳукуматӣ кумакҳои ҳамаҷонибаи ҳарбӣ-техникиро дареғ намедошт. Аллакай, баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ва имзои созишномаи мусолиҳаи миллӣ дар давоми солҳои 1999-2001 бо ташаббуси Россия истгоҳи радиоошунавоӣ ва комплекси зиддиҳавоӣ-ракетии С-125 аз нав таъмир карда шуда, баъдан ба ихтиёри қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон супорида шуд [5]. Баъд аз сафари президенти Россия В. Путин тирамоҳи соли 2004 ба шаҳри Душанбе, ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба таври назарррас фаъол гардид. Дар давоми солҳои 2005-2006 Россия ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 26 млн доллар кумаки ҳарбии бебозгашт намуд. Танҳо дар тирамоҳи соли 2006 ба қувваҳои мусаллаҳи тоҷик 4-чархболи навъи Ми-8 ва Ми-24, 4-ҳавопаймои таълимӣ-ҷангии навъи Л-39 дода шуд. Дар тирамоҳи соли 2007 дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ Федератсияи Россия ба қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисмат техникаҳои ҳавоӣ, аз ҷумла 2-чархболи ҷангии Ми-24, таҷҳизотҳои ҷангӣ ва либосҳои низомӣ дар ҳаҷми 50 млн доллар супорида шуд.

Ғайр аз ин, дар моҳи октябри соли 2007 созишнома оид ба таҳвили ҷузъу томҳои ҷангии қӯшунҳои 201-ум ба қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба имзо расид, ки раванди мазкур соли 2008 шурӯъ шуда, зина ба зина амалӣ мешавад. Маблағи умумии ҷузъу томҳои ҳарбӣ-техникии таҳвилшуда 1 млрд долларро дар бар мегирад, ки чунин ҳаҷми бузурги ёрии ҳарбиро Федератсияи Россия дар фазои пасошӯравӣ ба ягон кишвар накарда буд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ҷузъу томҳои низомии Тоҷикистон ба таври кофӣ таҳкимёфта аст. Дар таркиби дивизияи 201-ум зиёда аз 160 танк (МЗ-62 ва МЗ-72), 140 БМП ва 140 БТР мавҷуд мебошад. Вазоратҳои мудофиаи ду кишвар ташкили маркази минтақавӣ оид ба таъмир ва азнавсозии техникаҳои зиреҳпӯш ва низоми артилериро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифтаанд.

Дар маҷмӯъ, солҳои охир сатҳи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар соҳаи ҳарбӣ аз лиҳози манфиатнокӣ ҳам ба Душанбе ва ҳам ба Москва баланд арзёбӣ шуда, ба таври динамикӣ рушд карда истодааст. Ба ин, аз бисёр ҷиҳат, дар ҳудуди Тоҷикистон ҷой доштани объекти муҳимми амниятии Россия дар самти Осиёи Марказӣ (Дивизияи ҳарбии 201 ва низоми оптикӣ-электронии назорати ҳарими ҳавоии "Норак") далел шуда метавонад, ки ҳузури Россия дар Тоҷикистон кафолати амният ва субот дар минтақа мебошад. Таҳлили вазъ ва ҳолати робитаҳо, аз ҷумла натиҷаҳои мулоқоту музокироти сершумори дуҷонибаю бисёрҷонибаи сатҳу зинаҳои гуногун, пеш аз ҳама сатҳи олии сиёсӣ, собит месозанд, ки дар робитаи Тоҷикистону Россия масоили сиёсӣ, амниятӣ ва ҳарбӣ-техникӣ мақоми марказӣ дошта, баъдан соҳаҳои дигар низ дар меҳвари муносибатҳои байнидавлатӣ қарор гирифтаанд.

Новобаста аз баланд будани сатҳи ҳамкориҳои ҳарбӣ миёни кишварҳои иттифоқчӣ, баҳри рушди бештари онҳо лозим аст, ки пешниҳодҳои мазкур ва самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ татбиқ ва баррасӣ гарданд:

1) ташкил ва таъсис додани низоми муштараки (муттаҳид) таъйиноти ҳарбӣ, ки ба самти таъсиси низоми муштараки коммуникатсионӣ ва автоматикии қувваҳои ҳарбии ҷонибҳо равона шудааст;

2) масъалаи таъмини фаъолияти муҳандисии Қувваҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қӯшунҳои 201-уми Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) стандартикунонӣ ва ҳамоҳангсозии таъминоти топогеодезӣ ва навигатсияи Қувваҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қӯшунҳои 201-уми Федератсияи Россия;

4) таҳким ва тавсеа додани ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии бисёрҷониба дар ҳама самтҳо ва дар ҳама шаклҳо (ИДМ, СААД, СҲШ);

5) ҳамоҳангсозии фаъолияти Вазоратҳои мудофиа ва Ситодҳои марказии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳангоми коргарди қабули қарор оиди масъалаи амнияти дастаҷамъӣ дар ҳудуди кишварҳои аъзои ИДМ, СААД ва СҲШ;

6) тавсеа додани ҳамкории илмӣ-амалии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, баҳри имкони ояндабинӣ ва таҳлили фазои зудтағйирёбандаи геополитикӣ, хусусан ҳангоми зуҳури таҳдидҳо ва хатарҳои муосир;

7) ташкили такягоҳи асосӣ баҳри ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо терроризми байналхалқӣ, экстремизм ва сепаратизми миллӣ дар доираи сохторҳои минтақавӣ;

8) амалисозӣ ва тавсеаи заминаи қорордодию ҳуқуқии ҳамкории ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар доираи сохторҳои минтақавӣ.

## АДАБИЁТ


1. Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией от 25 мая 1993 г. // Сборник двусторонних договоров, соглашений. -М., 1994.
2. Договор о союзническом взаимодействии между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией, ориентированный в XXI век. - Душанбе, 1999.
3. Договор о статусе и условиях пребывания российской военной базы на территории Республики Таджикистан от 16 апреля 1999 г. -С.145.
4. Договор о статусе и условиях пребывания российской военной базы на территории Республики Таджикистан от 16 апреля 1999 г. Корякин В.М. Введение в теорию военного права // Российский военно-правовой сборник – 2006. - № 9. - С. 93.
5. Грыбовский А.Б. Становление и развитие военно-политических отношений России со странами Центральной Азии / А.Б. Грыбовский. -М., 2003. -С.83, 168.
6. Корякин В.М. Введение в теорию военного права / В.М. Корякин // Российский военно-правовой сборник. – 2006. - № 9. - С.121.
7. Архангельский А.В. Международно-правовые основы обеспечения коллективной безопасности государств-участников СНГ: автореф. дис. канд. юрид. наук / А.В. Архангельский. - М., 2003.
8. Соглашение между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией по вопросам совместного планирования, применения войск (сил) в интересах обеспечения взаимной безопасности от 27 августа 2000 г.
9. Бушков В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. - Изд. 2-е. - Москва, 1997. - С. 158;
10. Зейналов Э. (из выступлений на ' конференции) / Э. Зейналов, С. Олимова // Центральная Азия. - 1997. -№ 6 (12). - С.12, 15.
11. Зайченко В.М. Общественный контроль над военной сферой в Республике Таджикистан / В.М. Зайченко. - М., 1998.
12. Гвоздиков С.В. Обеспечение военной безопасности России в военно-политической и международной сис. СНГ : дис. канд. полит, наук / С.В. Гвоздиков. - Нижний Новгород, 2000.



## ҲАМКОРИИ ҲАРБӢ - САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Дар мақола самти ҳарбӣ дар ҳамкории Тоҷикистон ва Россия инъикос гаштааст. Муаллиф ба хислати шарики стратегии ҷонибҳо ва кумаки Россия дар ташаккули артиши кишвари мо ва истиқрори сулҳ таъкид намудааст. Ҳамзамон, марҳилаҳои ҳамкории ҷонибҳо, хусусияти муносибати ду кишвар ва дурнамои ҳамкориҳои онҳо дар мақола мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳамкорӣ, ҳарбӣ, ҳарими ҳавоӣ, ҳарбӣ-техникӣ, қувваҳои мусаллаҳ, манфиат, амният, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия.

## ВОЕННОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО – ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИЕЙ

В статье освещено военное направление сотрудничества Таджикистана с Россией. Автор подчеркивает на стратегический характер взаимоотношений сторон и помощь России в формировании армии и установлении мира на нашей стране. Вместе с тем в статье рассмотрены основные периоды сотрудничества сторон, особенности взаимоотношений двух государств и их перспектива в будущем.

**Ключевые слова:** сотрудничество, военный, авиационный, военно-технический, вооруженных сил, интирес, безопасность, Республика Таджикистан, Российская Федерация.

## MILITARY COOPERATION IS A PRIORITY DIRECTION OF COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION

The article highlights the military direction of cooperation between Tajikistan and Russia. The author emphasizes the strategic nature of the relationship between the parties and Russia’s assistance in the formation of the army and the establishment of peace in our country. At the same time, the article considers the main periods of cooperation between the parties, the specifics of the relationship between the two states and their future prospects.

**Key words:** cooperation, military, airspace, technical-military, army, interest, security, Republic of Tajikistan, Russian Federation.



**Сведения об авторе*: Меъроджиддини Насридин*** - Таджикский национальный университет, аспирант факультета международных отношений. Телефон: **938-14-44-48**

# ОБРАЗОВАНИЕ – ПРИОРИТЕТНАЯ СФЕРА В ТАДЖИКСКО - РОССИЙСКОМ СОТРУДНИЧЕСТВЕ

***Пирназарова П.А.***
**Таджикский государственный университет коммерции**

Независимость, конституционный, демократический выбор требовали структурных перемен в республике. Что касается системы образования, то здесь началось её полное реформирование. Таджикское общество хорошо понимает основополагающую роль образования, которое должно активно способствовать духовному и нравственному совершенствованию человека. Развитие сферы образования является приоритетным направлением внутренней политики РТ, главным условием практической реализации всех образовательных и культурных программ в РТ. Согласно статистике, сейчас 99% населения Таджикистана являются грамотными, в стране действует более 3,5 тысяч школ, более 20 колледжей и 38 университетов и институтов. Для улучшения сферы образования республика поддерживает связи со многими странами мира. Основным стратегическим партнером РТ здесь является РФ, которая играет большую роль в деле подготовки специалистов для Таджикистана. Образование занимает ведущее место в сфере гуманитарного сотрудничества между РТ и РФ.

Базовыми же документами стали договоры «О дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между РТ и РФ» (от 25 мая 1993 г.) и «О союзническом взаимодействии между РТ и РФ, ориентированном на XXI век» (от 16 апреля 1999 г.). Например, в статье 11 договора от 16 апреля 1999 г. говорится, что оба государства поощряют сближение национальных систем образования путем сохранения общего образовательного и интеллектуального пространства, в том числе на основе разработки совместных программ обучения студентов и учащихся, подготовки и переподготовки специалистов, признания эквивалентности документов об образовании и о присвоении ученых степеней и званий.

Создание РТСУ было обусловлено необходимостью подготовки квалифицированных специалистов для социально-экономической сферы независимого Таджикистана. В «Договоре о союзническом взаимодействии между РТ и РФ, ориентированном в XXI век» в статье 11 говорится, что поддержке деятельности РТСУ в Душанбе будет придаваться особое значение. 14 сентября 2009 г. состоялось открытие филиала МГУ, а в 2011 году филиалы МИСИС и Московского энергетического университета.

Наряду с этим, продолжают действовать ещё 4 российских средних школ – в городах Душанбе (школа №6), Курган-тюбе и Кулябе (школа №7) и филиал средней школы № 83 города Ногинска Московской области, который находится в городе Нуреке. Также активно работают частные средние учебные заведения с обучением на русском языке – крупная гимназия «Кафолат» («Гарант») в Душанбе и школа в кишлаке Газиян Согдийской области.

Всего за все годы сотрудничества в области образования Посольством России в Таджикистане Министерству образования были подарены 260 тыс. экземпляров учебников и 75 электронных носителей с учебным материалом на русском языке.

Укрепление таджикско-российских отношений во многом обусловлено и функционированием русского языка в различных сферах общественной жизни республики. Так, 4 апреля 2003г. вышел указ Президента Таджикистана об улучшении, повышении и изучении русского языка в РТ, а 2 декабря 2003 г. - принята специальная государственная программа по исполнению этого указа. В связи с тем, что 2007 г. был объявлен Годом русского языка в мире - в Таджикистане прошёл ряд мероприятий, партнерами в проведении которых были Министерство образования РТ, РТСУ, ТОДКС, Совет российских соотечественников Таджикистана и Пушкинское общество в РТ. Укреплению статуса русского языка и его изучению во всем мире способствовало учреждение Указом Президента РФ Фонда «Русский мир» (от 21 июня 2007 г.), который начал реализацию проекта по созданию сети русских центров. Их деятельность направлена на сохранение и популяризацию русского языка и культуры. Официальная презентация фонда состоялась 3 ноября 2007 г.

В рамках Года русского языка в Душанбе был проведен Форум выпускников российских вузов РТ. В апреле 2008 г. в РТ побывал директор программ СНГ Фонда «Русский мир» Максим Мейер с целью открытия русских центров в РТ, которые прежде всего были основаны в ряде вузов столицы. Так, 10 июня 2008г. в Душанбе состоялось открытие первого Русского центра Фонда «Русский мир» на базе Таджикского государственного института языков, а уже 18 сентября того же года в РТСУ. Последний является самым большим не только в республике, но и в странах СНГ. В октябре 2008 г. был открыт третий в республике центр Фонда «Русский мир» в Таджикском государственном педагогическом университете им. С.Айни.

Главной целью программы является пополнение центров самой разнообразной литературой (энциклопедии, словари русского языка, справочные издания, художественная, образовательная, учебная, детская литература и др.), мультимедийными изданиями (классика российского кинематографа, аудиокниги, учебно-методические пособия), обучающими программами по русскому языку. Пользователям Центра предоставляется бесплатный доступ к

электронным версиям центральных российских СМИ. В планах работы русских центров проведение выставок, семинаров, творческих встреч, организации курсов русского языка.

22-23 октября 2009 г. на встрече президента РФ Д.Медведева с президентом Э. Рахмоном был поднят вопрос о статусе русского языка. Э.Рахмон отметил, что государственная политика Таджикистана направлена на расширение, улучшение изучения и преподавания русского языка, и она базируется на указе президента Таджикистана от 2003 года и программе, рассчитанной до 2014 года. Сегодня во всех без исключения школах изучается русский язык – это в более четырех тысяч школ. Каждый вторник в школах является днем русского языка. В вузах страны готовится более четырех тысяч преподавателей русского языка и литературы, а число групп с русским языком обучения составляет более трех тысяч. В них обучается более 31 тысячи студентов».Конечно, в республике важно сохранить среду русского языка. Так, в мае 2006 г. в столице было зарегистрировано НПО «Пушкинское общество», организаторами которого стали учителя разных школ г. Душанбе. Его целью является предоставление возможности учащимся участвовать в творческих конкурсах, фестивалях, праздниках, посвященных русскому языку и литературе, проводимых за пределами Таджикистана. Результатом реализации программы стало открытие лицеев и гимназий в РТ, уровень преподавания в которых весьма высок. Так, Таджикско-российская гимназия интернат (ТРГИ) «Хотам и ПВ» вошла в семёрку лучших средних школ мира по точным наукам. Таков был результат 6-й Международной Жаутыковской олимпиады, которая проходила в Казахстане с 11 - 17 января 2008 г. Команда из Таджикистана на этой международной олимпиаде получила одну золотую медаль и две бронзовые по информатике, одну серебряную - по математике.

16 октября 2010 г. в РЦНК открылась Воскресная школа русского языка, где преподаватели обучают детей русским национальным традициям, музыке и искусству, языку, а также лепке, изготовлению аппликаций, рисованию, декоративному искусству.

Также в рамках Федеральной целевой программы «Русский язык» на 2011-2015 гг. 5 сентября 2012 года со стороны Россотрудничества в Таджикистане «Национальному центру тестирования» были переданы учебно-методическая литература и программы по гуманитарным дисциплинам и тестированию (по русскому языку, истории, литературе и литературоведению, культурологии и др.), а также мультимедийные средства обучения русскому языку.

В целях поддержки соотечественников за рубежом в реализации их прав на получение профессионального образования в России, Представительство Россотрудничества ведет работу по отбору кандидатов на получение государственной стипендии соотечественников на обучение в образовательных учреждениях высшего и среднего профессионального образования за счет ассигнований федерального бюджета в пределах квоты, установленной постановлением Правительства Российской Федерации от 25 августа 2008г. за №638.

Целенаправленная работа здравоохранения в республике началась после образования ТАССР и создания в декабре 1924г. Наркомздрава республики [2, 5]. Накануне создания Таджикской автономной республики военно-медицинская сеть Таджикистана в 1923-1924 гг. состояла всего из одной больницы на 10 коек и 8 амбулаторных лечебных пунктов, обслуживающихся исключительно медицинскими работниками Красной Армии. В этих медицинских учреждениях работало всего 22 человека, из них 12 человек врачей, 1 зубной врач и 9 лекпомов [15, 88]. На Памире первое медицинское учреждение - врачебный амбулаторный пункт был организован в 1924 г. [9, 216]. Областной съезд Советов (ноябрь 1925 г.) наряду с другими вопросами обсудил и вопрос «Здравоохранение и борьба с опиум - курением». В принятом решении по данному вопросу было определено строительство больницы в Хороге, амбулаторий на Восточном Памире, в Ишкашиме и Вахане [10, 82].

В 1925 г. двум первым врачам и нескольким средним медицинским работникам пришлось добираться на Памир на верблюдах в трудных условиях бездорожья. С приездом врачей впервые в Хороге была открыта больница на 15 коек, а в Рушанской волости - врачебно-амбулаторный пункт, который возглавил врач Тарасов [19, 9].

11июля 1925г. ЦИК КП (б) Узбекистана постановил признать необходимым в центре Бадахшана открыть врачебно-амбулаторный пункт, снабдив его необходимыми медикаментами и перевязочными средствами. Для обслуживания населения командировать одного врача, одного фельдшера-акушера и одного фельдшера. Было признано также необходимым организовать один разъездной врачебный отряд для обслуживания волостей и оказания помощи населения на местах.

В сентябре 1925 г. были открыты амбулатории в Ишкашиме и в Мургабе, их обслуживали военные лекпомы по совместительству. В к. Зонг Вахана была открыта амбулатория в сентябре 1926г. [4, л.2]. Благодаря этим мероприятиям «если в 1924-1925 гг. заразные болезни достигали 50%, то в 1926г. они снизились до 21,6%» [9, 217].

В организации и проведении культурной революции на Памире было много трудностей и сложностей. Прежде всего, не хватало кадров учителей, медицинского персонала. Еще не хватало средств и стройматериалов, чтобы построить школы, больницы, библиотеки, читальни, клубы. Для этих целей использовались наскоро приспособленные помещения, конфискованные у баев. Не было медицинского оборудования, медикаментов и др. [7, 249].

Доктор Хмелевский, совсем молодым приехавший еще задолго до революции. Его любили дети и взрослые и называли ласково «Духтурбуц» - Маленький Доктор. Чувствуя приближение кончины – это было уже в начале 1950-х годов,- Маленький Доктор попросил похоронить его в Хороге, в той земле, которая давно стала для него родной [5, 180].

Культурное развитие области осложнялось также тем, что значительная часть населения находилась под сильным влиянием духовенства, знахарства в силу общей культурной отсталости. Поэтому большая часть населения, особенно женщины, не посещали в первые годы Советской власти школы и курсы ликбеза, отказывались от медицинской помощи [7, 249].

Сильно ещё также было сопротивление свергнутых классовых слоев, которые наносили значительный ущерб культурному строительству, разрушая первые очаги культуры, убивая учителей, врачей, культпросвет работников. Так, в Ванче от их рук погиб молодой врач В.Я. Спажев, в Калаи-Хумбе был убит врач Ольхов [8, 6].

В 1924г. в Хороге работали 1 врач, 1 лекпом, 1 фельдшер-акушерка. В 1928 г. облисполком ГБАО принял решение «О состоянии здравоохранения» и была организована обл. комиссия медицинского контроля в составе докторов Милберг, Кац и председателя месткома Акназарова. Комиссия занималась ремонтом и оборудованием больницы г. Хорога [11, 63].

После образования ГБАО в 1925 г. в составе Таджикской республики возрастали государственные ассигнования на культурное строительство. Ассигнование на здравоохранение

продолжали повышаться и в последующие годы. За 10 лет (с 1930 по 1940гг.) они возросли более чем в 33 раза [7, 250].

В 1929 г. в лечебной сети на Памире было 3 больницы (Хорогская на 15 коек, Рушанская-10, Мургабская-10 коек), 3 амбулаторных пункта в Ваханской, Ишкашимской и Бартангской волостях. В это время Ванчский район вошел в состав АГБО, в 1928 г. там впервые был создан амбулаторный пункт [9, 218].

Неуклонно росла сеть медицинских учреждений в области. Если в середине 20-х годов стали открываться первые больницы, появились первые врачи в государственных учреждениях, то накануне войны в области функционировали 9 больничных и 14 амбулаторно-поликлинических учреждений, 32 фельдшерско-акушерских пункта, в которых работали 18 врачей и 11 специалистов средней квалификации [7, 251].

В начале 30-х годов Советская власть начала строительство больниц в Хороге и районах ГБАО. Активным участником этих событий был один из первых врачей Памира К. Эльчибеков. Он окончил Ташкентскую медицинскую школу и возглавил Горно-Бадахшанский отдел здравоохранения. В 1930 году К. Эльчибеков возглавил Народный Комиссариат Таджикистана по здравоохранению. Одной из проблем, с которой столкнулась медицина на Памире, была нехватка медицинских кадров. Из организованных в восьми районах области больниц только в четырёх работали по одному врачу. В других районных больницах не было врачей [3, 210].

Для решения этой задачи было принято решение открыть в Хороге в 1937 году медицинские курсы, на базе которых позже было открыто медучилище. На эти курсы были привлечены девушки из числа выпускников, которые уже изучали русский язык. Преподавателями на этих курсах были врачи Хорогской областной больницы, которые днем работали в больнице, а вечером преподавали на этих курсах. Для перевода непонятных терминов к этой работе также был привлечен санинспектор города Хорога Абдол Амадбеков. Учителями были русские врачи, и именно поэтому занятия проводились на русском языке. Благодаря этим курсам было подготовлено много медицинских сестер из числа местного населения.

К началу войны эти курсы окончили много девушек и юношей, которые в дальнейшем приступили к работе в медпунктах по месту жительства. Хотя в 1939 году в городе Душанбе был открыт Таджикский Медицинский институт, первый выпуск которого был в 1943 году. Но в первых выпусках и до конца войны там не обучались студенты из ГБАО. Причиной этому было то, что не все выпускники школ могли учиться на русском языке, на котором преподавали в институте. В основном здесь обучались таджикские студенты, которые в 1935 году были переведены в Ташкентский и Самаркандский мединституты [14, 30]. В эти годы большинство специалистов для медицины Таджикистана подготовили на базе Ташкентского мединститута и Самаркандского мединститута, где обучались 3200 студентов [1, 168].

Об авторитете советской медицины свидетельствует тот факт, как писали Л. Голфрид и М. Гафиз в книге «Красный флаг над Крышей мира», что «Лянгарский и другие медицинские пункты обслуживают значительное количество больных из соседнего государства. Среди посетителей Ваханского фельдшерского пункта до 25% больных - иностранцы. Ради помощи советского врача они нередко приходят за 100 верст, особенно зимой, когда река Пяндж допускает передвижение. Иногда зарубежные больные ложатся на лечение в Хорогскую больницу» [9, 219].

В 1936 г. в области насчитывалось 3 сельских больницы с 20 койками и одна городская на 25 коек, 2 амбулатории, одна поликлиника с двумя кабинетами, два фельдшерских пункта [9, 219]. В 1936 году в Мургабе имелась одна больница на 10 коек, а средняя продолжительность жизни населения района тогда не превышала 40-45 лет [16].

Наркомздравом СССР в 1937 г. из братских республик РСФСР, УССР, Узбекской ССР и Грузинской ССР в Таджикистан было послано 90 врачей, в том числе 50 лечебников, 20 педиатров и 20 санитарных врачей. Одной из таких медицинских сестер была Шляупас И.Б.

Учитывая нехватку медицинских работников на Памире Совнарком Таджикской ССР в 1937 г. в соответствии с указанием ЦК КП(б) Таджикистана принял решение «Об открытии в городе Хороге двухгодичных курсов по подготовке медицинских сестер». В 1937 г. в Хороге открываются двухгодичные курсы подготовки медицинских сестер. Курсы готовили средний медицинский персонал, в них учились девушки местной национальности. Это была первая в истории Памира практика подготовки женских кадров медицинских работников [7, 256].

В 1939г. в Хороге была сдана в эксплуатацию больница на 70 коек. В больнице были организованы 4 отделения: хирургическое, глазное, терапевтическое и венерологическое. В лечебно-профилактических учреждениях пользовались заслуженным уважением среди населения Леонтьева З.Ф.,- врач отоларинголог, Дашкина Г.А.- врач-гинеколог, Стражников Т.В.- врач-терапевт, Барская Г.П.- врач-окулист и др. [9, 221].

В 1939 г. в ГБАО функционировали 8 врачебных амбулаторий, 5 приамбулаторных стационара, а также больницы в г. Хороге, Калай - Вамаре, Ванче, Мургабе, 5 фельдшерско-акушерских пунктов и 8 яслей. Наряду с этим в Хороге работала поликлиника с 8 специализированными кабинетами, оснащенными по тем временам современным

оборудованием, скорая помощь, женская и детская консультация. В это время в области работало 19 врачей и 50 средне - медицинских работников [12, л.40]. 19 марта 1940 г. в Хороге была организована аптека [11, 222]. К 1940 году в области насчитывалось уже 9 больниц, что в 2 с лишним раза больше, чем в 1937 году, врачебно - амбулаторно-поликлинических учреждений было 16, против 7 в 1937 г., учреждений фельдшерско-амбулаторной помощи-22, что в 7,1 раза больше, чем в 1937 г. К концу 1940 г. число больничных коек достигло 171, в том числе коек для беременных женщин и рожениц-25 [9, 222].

Подводя итоги, можно сказать, что на Памире, благодаря Советской власти и братской помощи других республик СССР, было осуществлено становление медицинских учреждений. В годы социалистического строительства огромное уважение заслужили врачи С.Хмелевский, Ш. Саидфаррухшоев, А.М. Дьяков, Т.Г.Коновалова, Л.В. Краснов, Ф.И. Любушкина, А.И. Турапина, А. Мильберг, Н.Е. Турина и другие.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Ахунов М.А. Узбекская ССР в годы Великой Отечественной войны / М.А. Ахунов. – Ташкент, 1981. -Т.1.
2. Ахмедов К. Народное здравоохранение Таджикистана / К. Ахмедов. -Сталинабад, 1957.
3. Аламшоев К. Шириншо Шотемур - общественно-политический деятель Таджикистана: диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук / К. Аламшоев. На правах рукописи. –Душанбе, 2013. - 220с.
4. Военные лекпомы по совместительству. -Партийный архив Горно-Бадахшанского Обкома КП Таджикистана. - Ф.2.-Оп.57. -Ед. -Хр. 8. -л.2.
5. Гаврилюк А. Памир / А. Гаврилюк, В. Ярошенко. -М.: Планета, 1987.
6. Искандаров Б.И. Трудный путь к знанию / Б.И. Искандаров. Изд-во Московского ун-та, 1999.
7. Каширина Т.В. Очерки по истории Советского Бадахшана / Т.В. Каширина, Д. Давлатёров; ред. кол. Масов Р.М. (отв. ред.) и др. - Душанбе: Ирфон, 1981. - С.242-280.
8. Мирзобеков М.М. История развития здравоохранения Советского Памира / М.М. Мирзобеков //Здравоохранение Таджикистана. -1974. -№ 3. -С. 6-7.
9. Назаршоев М.Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР (1917-1941гг.) / М.Н. Назаршоев. - Душанбе, 1982.
10. Назаршоев М. Н. Партийная организация Памира в борьбе за социализм и коммунизм (1918-1968гг.) / М. Н. Назаршоев. - Душанбе: Ирфон, 1970.
11. Назаршоев М.Н. Сохтмони мадани дар Бадахшони Совети / М.Н. Назаршоев, Н.М. Назаршоев. - Душанбе: Ирфон,1985.
12. Отчет обл. здравотдела за 1939г. -Госархив ГБАО. -Ф.1. -Оп.1. -Ед.Хр.20. -л.40.
13. Постановления КПСС и Советского правительства об охране здоровья народа. - М., 1958. - С.22-27.
14. Таджиев К. Таърихи илми тиб дар Точикистон / К. Таджиев. - Душанбе 1967.
15. Таджиев Я.Г. К истории здравоохранения Таджикистана /Некоторые вопросы социалистического строительства в Таджикистане (сб.) / Я.Г. Таджиев. - ТМИ имени Абуали ибн Сина, 1962. -Т.55. -С.88-94.
16. Успехи районной больницы Мургаба // Бадахшони Совети, 1983, 5 февраля.
17. Хайдаршо М. Духтури аввалини Помир / М. Хайдаршо // Бадахшони Совети, 1965, 9 январь.
18. Шергазиев. Мероприятия партии по созданию и развитию народного здравоохранения на Памире / Шергазиев // Уч. зап.Сталинабадского пед. ин-та им. Т.Г.Шевченко. -1961. -Т.36. - С.6-11.
19. Шанский Л.В. Развитие здравоохранения на Памире / Л.В. Шанский // Здравоохранение Таджикистана. -1954. - №2. -С.9.


## ТАЪРИХИ БАРҚАРОРСОЗӢ ВА РУШДИ СОҲАИ ТИБ ДАР ПОМИР ДАР СОЛҲОИ 20-40-УМИ АСРИ XX


Мақолаи мазкур таърих ва вазъи соҳаи тибро дар Помир то Инқилоби Октябр, таъсиси комиссариати халқии ҳифзи тандурустиро дар ҷумҳурӣ дар даврони шоҳӣ, ташкили ёрии даврии тиббиро ба аҳолӣ бо ташаббуси сарҳадчиёни шӯравӣ ошкор месозад. Муаллиф таърихи кушодашавии аввалин амбулаторияҳои тиббиро дар Ишкошим, Мурғоб, Зонг Вахондар солҳои 1925-1926, саҳми табибони машҳури русро ба монанди Хмелевский ва дигарон дар табобати мардуми кӯҳистон: В. Я. Спажев дар Ванч, Ольхов дар ноҳияи Калай-Хумб ва рушди минбаъдаи соҳаи ҳифзи тандурустиро дар солҳои 20-40 – уми асри XX нишон додааст.



**Калидвожаҳо:** Помир, вазъи соҳаи тиб то Инқилоби Октябр, таъсиси комиссариати халқии ҳифзи тандурустии ҷумҳурӣ, ташкили ёрии тибии даврӣ ба аҳолӣ, кушодашавии аввалин амбулаторияҳои тиббӣ дар Помир, саҳми табибони рус дар табобати кӯҳистониён, рушди соҳаи тандурустии ВМБК дар солҳои 20-40-уми асри XX.


## ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ МЕДИЦИНЫ НА ПАМИРЕ В 20-40гг. XX в.


Данная статья раскрывает историю и состояние медицины на Памире до Октябрьской революции, в царское время образование народного комиссариата здравоохранения республики, организация периодической медпомощи населению по инициативе советских пограничников. Автор показывает историю открытия первых врачебных амбулаторий в Ишкашиме, Мургабе, Зонг Вахане в 1925-1926г., вклад знаменитых русских врачей, таких как Хмелевский и другие в лечение горцев, В. Я. Спажев в в Ванче, а Ольхов в Калай-Хумбском районе, и в дальнейшем развитие здравоохранения ГБАО в 20-40 г. XX в.



**Ключевые слова:** Памир, состояние медицины до Октябрьской революции, образование народного комиссариата здравоохранения республики, организация периодической медпомощи населению, открытие первых врачебных амбулаторий на Памире, вклад русских врачей в лечение горцев, развитие здравоохранения ГБАО в 20-40 гг. XX в.


## THE HISTORY OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF HEALTHCARE IN THE PAMIRS IN THE 1920s-1940s


This articletalks about the state of affairs of health care in the Pamir's,before the October Revolutionduring the tsarist times, the formation of the People'sCommissariat forHealth, the organization of periodicmedical aidto the populationat the initiative ofthe Soviet border guards. The author shows how the firstoutpatient clinics were founded inIshkashim, Murgab, ZongWakhanin1925-1926. He also stresses the role of renowned Russiandoctorssuch as

Chmielewskiand others in treating the mountainous population, and informs how at the beginningof Soviet power the Russian doctors were assigned to various parts of the Pamir's, like V. J.SPAJEV was sent to Vanjand Ol'khovwas sent to Kala-iKhumbareas. The author concludes his article with the furtherdevelopment ofhealth careinGBAO during the 1920s and 1940s.

**Key words:** The Pamir's, Health care, People's Commissariat for Health, Outpatient Clinics, Russian Medical Personnel.

**Сведения об авторе:** ***Ходжибеков Эльбон -*** Хорогский государственный университет им.М.Назаршоева, кандидат исторических наук, профессор, заведующий кафедрой всеобщей истории, факультета истории и права.
Телефон: **(+ 935483650),** E-mail: **elbon_hojibek@rambler.ru**

## РУШДИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР ШАҲРИ ҚӮРҒОНТЕППА ДАР ДАВРОНИ ШӮРАВӢ

***Саидмухтори Абдуҷабборзода***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Баробари барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон як қатор чораҳои зарурӣ, аз қабили маҳви бесаводӣ, кушодани таълимгоҳҳои шабона барои калонсолон, мактабҳои нави Шӯравӣ, инчунин тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ андешида шуда, бахри барҳам додани бесаводӣ қадамҳои нахустин гузошта шуда буданд.

15 марти соли 1921 дар Душанбе Нозироти (шуъбаи) вилояти маорифи халқи Бухорои Шарқӣ ташкил дода шуд. Чунин шуъбаҳо дар Қӯрғонтеппаю Кубодиён низ кушода шуданд.

Он вақтҳо сари роҳи сохтмони мактаби нави шӯрави душвориҳои зиёде меистоданд. Аз худи тоҷикон қариб муаллимон набуданд, бинои мактаб, бо забони модари китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ вуҷуд надоштанд. Ҷанги шаҳрванди тӯл кашида истода ба кори сохтмони маданӣ халали ҷиддӣ мерасонид, муллоёну рӯҳониён муқобилияти сахт нишон медоданд. Ба ин душвориҳо нигоҳ накарда, органҳои ҳукумати нав барои маҳви бесаводӣ курсҳо ташкил карданд. Дар онҳо хонандагон ба гурӯҳҳои пешқадам ва ақибмонда ҷудо гашта, таълим мегирифтанд. Бинобар нарасидани омӯзгорон ба чунин курсҳо шогирдони синфҳои пешқадам низ дарс мегуфтанд [1].

Азхудкунии Водии Вахш фақат обёрикунӣ ё ривоҷ додани пахтакорию дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ набуда, дар он солҳо барои саводнок намудани фарзандони фотеҳони ин водӣ низ ғамхорӣ мекарданд. Бо қарори Комиссариати халқии маорифи ҷумҳурӣ (НАРКОМПРОС) дар водии Вахш мактабҳо кушода шуданд. Масалан, соли 1926 дар қаламрави совхози ба номи Файзалӣ Саидов мактаби ибтидоӣ кушода шуд. Соли 1928 низ дар дохили шаҳри Қӯрғонтеппа нахустин мактаби ибтидоӣ кушода шуд, ки муаллимони аввалини он Б.Атоев, А.Урозов, Ч. Исматов, Ю. Муханов, Х.Азизова, К.Вилдамова буданд [2].

Ҳамин тавр, дар давоми солҳо 30-юм тайёрӣ ба ҷорӣ намудани таълимоти ҳатмии ҳамагонӣ оғоз мешавад.

«Барои мактабҳои навташкил ашёҳои хониш: китоб, дафтар, қаламу ручка ва ғайраҳо намерасид.

Дар ибтидои солҳои 30-юм бо ташаббуси шоир Абулқосим Лахутӣ дар байни деҳқонони одӣ масъалаи таъмин намудани хонандагон бо асбобҳои хониш таблиғот бурда шуд. Ба деҳқонон фаҳмонда шуд, ки ин маводи хонишро аз ҳисоби худи падару модарон ташкил намудан зарур аст. Баъди ин деҳқонон маҳсулоте, ки худашон истеҳсол мекарданд, ҷамъ намуда, ба намояндагони ҳукумат месупориданд, то ки маводи хониш барои фарзандони онҳо бихаранд»[1].

Маводи ҷамшударо ба аробаҳо бор карда, ба шаҳри Термиз мебурданд ва аз он ҷо ба шаҳри Душанбе оварда, ба аспу аробаҳо бор карда, барои хонандагони мактабҳои навташкили води Вахш мерасонданд. Бо ҳамин корвон худи шоир Абулқосим Лоҳутӣ низ омада буд. Корвон то Қизил қалъа омада, молҳоро (асбобҳои хонишро) ба паром бор карда, аз дарё гузаронида мешаванд. Аммо дар байни дарё паром чаппа шуда одамону маводҳои хониш ба дарё фурӯ рафтанд. Шоир А.Лоҳутӣ низ дар даст як даста дафтар дар қатори одамон ба соҳил баромад. Корвон ба манзил нарасида ба қафо баргашту аз нав ҳамаи маводҳоро харида, ин дафъа аз кӯпруки назди деҳаи Норак-Пули Сангин гузашта, ба Қӯрғонтеппа омад.

Дар водии Вахш бо ҳамин хел душвориҳо кори маориф солҳои 30-юм оғоз гардида буд. Албатта, дар он солҳо ҳукумати шӯравӣ қарорҳои махсус қабул карда, чорабиниҳои судманд андешида буданд.

25 июли соли 1930 Кумитаи марказии ВКП(б) ва Шӯрои комиссариатҳои Халқи СССР «Дар бораи таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ» қарор қабул кард. Дар асоси ин қарор соли хониши 1930-1931 сар карда, дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ таълими умумии

ҳатмии ибтидоии бачагони (писарбачагону духтарон)-синни 8,9, 10-сола дар ҳаҷми камаш курси чорсолаи мактаби ибтидоӣ ҷорӣ карда шуд[4]. Мувофиқи қарори мазкур 24 сентябри соли 1930 КМ ПК(б) Тоҷикистон Дар бораи ҷорӣ кардани таълими умумии ҳатмӣ қарор қабул кард, ки дар асоси он аз соли таҳсили 1930–1931 дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Конибодом, Уротеппа, Қӯрғонтеппа ва аз соли таҳсили 1932-1933 дар тамоми ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ саросар ҷорӣ кардани таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ пешбинӣ карда мешуд.

Дар ин қарор нишон дода шуда буд, ки аз соли таҳсили 1930-1931 сар карда, дар Тоҷикистон ба таври мунтазам таълими умумии ҳатмии ибтидоии бачагони синни 8 – 10-сола ва аз наврасони 11- 14 -сола ҷорӣ карда шуда, дар давоми 2 сол ба охир расонда шавад. Дар вақти ҷорӣ карда шудани таълими умумии ибтидоӣ шароитҳои маҳаллии ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ба ҳисоб гирифта мешуданд. Ин тартиб аз он сабаб ҷорӣ гардид, ки дар бисёр ноҳияҳои ҷумҳурӣ (асосан ноҳияҳои ҷанубӣ) заминаи моддӣ-техникӣ ҳанӯз суст буд, кадрҳои саводнок – муаллимон намерасиданд[5].

Ташкили мактабҳои шӯравӣ ва ба хондан ҷалб намудани наврасон он солҳо ниҳоят вазнин мегузашт, чунки дар як вақт мубориза бо қувваҳои зиддишӯравӣ идома дошт. Собиқ амалдорон ва бою рӯҳониён бо тамоми қувва ба ташкили мактабҳои нав халал мерасонданд. Бо фишори босмачиён, ки аҳолиро зери ваҳму ҳарос нигоҳ медоштанд, мактабҳо то соли 1931 дар қаламрави собиқ бекигариҳои Қубодиёну Қӯрғонтеппа натавонистанд пурра фаъолият кунанд. Ба ин душвориҳо нигоҳ накарда, солҳои 30-юм дар Вахшонзамин, инчунин дар шаҳри Қӯрғонтеппа ташкили оммавии мактабҳо оғоз гашта, даҳҳо мактабҳо наврасонро ба оғӯши худ гирифтанд.

Охири солҳои 30-юм дар ноҳияҳои водии Вахш таълимоти ибтидоии ҳамагонӣ пурра ҷорӣ гашт. Дар соли 1940 дар ҷумҳурӣ таълими умумии ҳатмии ҳафтсола ва миёна ҷорӣ гардид. Ҳамон соли хониш бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон алифбои лотинӣ ба алифбои нави тоҷикӣ (кириллӣ) иваз карда шуд[1].

Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) дарҳои мактабҳоро баста натавонист. Мардум баробари дар ақибгоҳ меҳнат кардан, ба тарбияи фарзандон низ машғул гардиданд. Ҷойи омӯзгорони ба ҷанг рафтаро хонандагони пешқадам иваз карданд.

Бахри ҳифзи ватан дар ҷанг беҳтарин омӯзгорон қурбон гардиданд. Як қисми онҳо бо ғалаба ба Вахшонзамин баргашта, ба пешаи омузгорӣ машғул гардиданд. Дар қатори онҳо аз шаҳри Қӯрғонтеппа омӯзгор Тағоев Ҷумъа Ҳайитович низ буд. Ӯ баъди хатми мактаби миёна омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Қӯрғонтеппаро хатм карда буд. Ӯ дар давоми таҳсил дар як вақт дар деҳаи Коминтерн муаллим шуда кор мекунад. Соли 1941 омӯзгори таъриху географияи мактаби ба номи Ленини ноҳияи Октябр ва баъдтар директори ҳамин мактаби ҳафтсола таъйин мешавад. Баъд аз ҷанг Тағоев Ҷумъа фаъолияти омӯзгории худро дар омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Қӯрғонтеппа ба ҳайси муаллим идома медиҳад. Моҳи январи соли 1951 ӯро директори ҳамин омӯзишгоҳ таъйин мекунанд. Соли 1961 ӯро мудири маорифи шаҳри Қӯрғонтеппа таъйин намуданд. Дар тамоми давраи фаъолияту кор Тағоев Ҷумъа дар таълиму тарбияи фарзандони халқ саҳми арзанда гузоштанд. Ба сафи чунин омӯзгорони собиқадори шаҳри Қӯрғонтеппа, М.Ҳошимова, Фудко Л.А., Пиров Б., Тоҷиддинов Н. ва чанде дигарон дохил мешаванд [7].

Дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ низ корҳои зиёд анҷом дода шуда буд. Ин ҳолро дар худи шаҳр Қӯрғонтеппа низ мебинем. Масалан, аввалин маротиба дар шаҳри Қӯрғонтеппа тибқи қарори Шӯрои Комиссариати халқии Иттиҳоди Шӯравӣ 26 ноябри соли 1932 омӯзишгоҳи омузгорӣ таъсис ёфт, ки дар пешрафти маориф ва тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ нақши муҳим бозидааст. Омӯзишгоҳ аввал ба номи устод Абулқосим Лоҳутӣ амал кард ва аз соли 1957 номи Абдураҳмони Ҷомиро гирифт.Соли 1999 ба коллеҷи омӯзгорӣ табдил ёфта, номи Носири Хусравро гирифта, то имрӯз амал мекунад.

Дар соли 1967 омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Қӯрғонтеппа дар асоси бахши омузишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе таъсис ёфт. Соли 1999 ин омӯзишгоҳ низ ба коллеҷ табдил ёфт.

Таъсиси Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа дар Вахшонзамин падидаи муҳимми фарҳангию маърифатӣ дар раванди таърих ба ҳисоб меравад. Ин донишгоҳ соли 1978 ҳамчун шуъбаи Қӯрғонтеппагии Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (алҳол Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни) таъсис ёфт. Аз 1 апрели соли 1991 тибқи қарори Девони вазирони Тоҷикистон № 10 аз 11.03.1991, қарори Девон вазирони ИҶШС таҳти № 94 аз 12 .02.1991 ва фармони Вазорати маорифи Тоҷикистон №16 аз 13.03.1991 шуъба (филиал) ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа табдил ёфт. Соли 1992 дар асоси карордоди Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо №236 аз 24.07.1992 донишкада ба Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав мубаддал гардид.

Алҳол дар шаҳри Қӯрғонтеппа мактабҳои типи нав-гимназияю литсейҳо амал карда истодаанд. Ҳатто, донишкадаи нави энергетикии Тоҷикистон дар шаҳри Қӯрғонтеппа таъсис ёфта, фаъолият карда истодааст.

**АДАБИЁТ**
1. Абдуназарова Х. Вахшонзамин / Х.Абдуназарова. -Душанбе: Шарқи озод, 2003. - С.333, 334, 341,342.
2. Холназаров С. Таърихи инкишофи вилояти Хатлон / С.Холназаров. - Душанбе: Маориф, 2004. -С.44-45.
3. Директиваҳои ВКП(б) ва қарорҳои ҳукумати шӯравӣ оид ба маорифи халқ дар солҳои 1917-1947. Барориши 1.-М.,1947. -С.102.
4. Обидов И.О. Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи Тоҷикистон / И.О. Обидов. -Душанбе: Ирфон, 1965. -С.33.
5. Аз таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи «Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон». -Душанбе, 1202.- С.87.

### РУШДИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР ШАҲРИ ҚӮРҒОНТЕППА ДАР ДАВРОНИ ШӮРАВӢ

Дар мақолаи мазкур пешрафту инкишофи мактабу маориф ва ба система табдил ёфтани ин соҳаи хоҷагии халқ мухтасар, аммо тадриҷан баён ёфтааст. Дар он душвориҳо ва муваффақиятҳо бо мисолҳои амиқ нишон дода шудаанд. Яъне, аз давраи маҳви бесаводӣ то барпо гардидани коллеҷу донишгоҳҳо пай дар пай баёни худро ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** Ҳокимияти Шӯравӣ, мактаб, маориф, омӯзгор, илму ҳунар, гимназия, литснйҳо, коллеҷҳо, донишкада, донишгоҳ.

### ЭВОЛЮЦИЯ ШКОЛЫ И ОБРАЗОВАНИЯ ГОРОДА КУРГАН-ТЮБЕ ЗА ГОДЫ СОВЕТСКОЙ ВЛАСТИ

В данной статье конкретными примерами освещается эволюция школьного образования на примере города Курган-Тюбе. В нем также, отражены основные трудности и успехи в этом важном деле народного хозяйства республики. Показано постепенное развитие народного образования от ликбеза до университета.

**Ключевые слова:** Совесткая власть, школа, образование, учитель, наука и культура, гимназия, лицеи, колледжи, институт, университет.

### EVOLUTION OF SCHOOL AND EDUCATION OF THE CITY OF KURGAN-TYUBE FOR THE YEARS OF SOVIET POWER

In this article, concrete examples illustrate the evolution of school education in the example of the city of Kurgan-Tube. It also reflects the main difficulties and successes in this important matter of the national economy of the republic. The gradual development of public education from the educational program to the university is shown.

**Keywords:** Collective power, school, education, teacher, science and culture, gymnasium, lyceums, colleges, institute, university.

**Сведения об авторе:** ***Саидмухтори Абдуджабборзода*** **-** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант (PhD)

## РОҶЕЪ БА ВАЗЪИ СИЁСИИ ВИЛОЯТИ ҚӮРҒОНТЕППА ДАР СОЛИ 1992

***Мирзоев Парвиз***
**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

Вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи дуюми соли 1991 ва тӯли соли 1992 торафт шиддат гирифта, мубориизаи сиёсӣ характери ошкоро гирифт. Ин ҳолат ба вазъи сиёсиву ҷамъиятии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа таъсири худро расонид, зеро мардуми ин минтақа, аллакай, ғайриихтиёр ба ин ё он тарафи муқобил ҳамроҳ шуда буданд.

Гирдиҳамоиҳои моҳҳои март-майи соли 1992 дар шаҳри Душанбе мардуми ин вилоятро низ ба вартаи мубориизаи сиёсӣ кашида, ба оромии он халал ворид намуд.

Нимаи аввали соли 1992 вазъияти вилоят рӯз то рӯз шиддатнок шудан гирифт. Моҳи майи соли 1992 чунин ба назар мерасид, ки комиҷроияи вилоят вазъиятро идора карда наметавонад. Қариб дар ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишин дастаҳои худмуҳофиз таъсис дода шуда буданд. Чӣ гуна ярокнок шудани аҳолиро касе намедонист. Овозаҳои гуногун зиёд мешуданд [1]. Вилоят тақрибан пурра аз ҷониби Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон идора мешуд.

Пагоҳии рӯзи 8 июн дар майдони назди комиҷроияи вилоят гирдиҳамоӣ баргузор гардид. Гирдиҳамомадагон амали ҷинояткоронаи ашхоси номаълумро, ки як тан аз шаҳрванди колхози Москваи ноҳияи Вахшро ба қатл расонида буданду баъд аз 25 рӯз ҷасадаш ёфт шуд, маҳкум мекарданд. Мардуми башӯромада аз ҳукуматдорони вилоят ва органҳои ҳифзи қонун қатъиян талаб карданд, ки ҷинояткорро ҳарчи зудтар ёфта ба ҷазо кашанд.

Ҳамчунин ҷамъомадагонро ҳодисаҳои рӯзҳои охири моҳи июни он сол, ки боиси шиддат ёфтани вазъи сиёсӣ дар вилоят гардида буд, ба ташвиш оварда буд.

Бо талаби гирдиҳамомадагон раиси Шӯрои комиҷроияи вилоят А.Аҳмадов назди ҳозирин сухан гуфт ва ба аҳли хонавода ва ақрабои шаҳид таъзия баён кард. Сардори раёсати умури дохилии вилоят М.Маҳрамов иттилоъ дод, ки кормандони раёсат нисбати ин ҷиноят тафтишот мебаранд ва одамони гунаҳгор ба ҷазо кашида мешаванд [2].

18 июл вазъияти сиёсии вилоятро раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуд. Дар маҷлис тибқи муроҷиати иҷрокунандаи вазифаи раиси комиҷроияи вилояти Қӯрғонтеппа масъалаи маълумотномаи кумитаҳои сохтмони давлатӣ ва қонунгузорӣ, тартиботи қонунӣ ва ҳуқуқҳои инсони Шӯрои Олӣ муҳокима гардид.

Н. Қурбонов қайд намуд, ки дар ноҳияҳои вилоят гурӯҳҳои мусаллаҳ амал мекунанд, як қисми онҳо ба касе итоат намекунанд. Кушокушию ғоратгарӣ идома дорад. Зиёда аз

210 кас кушта шудааст. Чорсад кас ярадор, бештар аз 300 кас беному нишон гум шудааст. Дар шароити мавҷуда таҳти назорат гирифтани вазъият имконнопазир аст. Н. Қурбонов бори дигар пешниход кард, ки дар ноҳияҳои Вахшу Бохтар, шаҳрҳои Калининобод ва Қурғонтеппа, инчунин маҳаллҳои дигар вазъияти фавқулода эълон шавад. Азбаски аксарияти аъзои комиҷроия вазифаи худро иҷро карда наметавонистанд, Н. Қурбонов хоҳиш кард, ки ба ӯ барои дар роҳи ба эътидол овардани вазъияти вилоят қатъитар амал кардан, ваколатҳо дода шаванд [3]. Таъкид шуд, ки барои гузаронидани иҷлосияи шӯрои депутатҳои халқии вилоят ва ҳалли масъалаҳои дигари ҳаётан муҳим имконият нест.

Н.Қурбонов пешниҳод кард, ки гуфтушуниди намояндагони ҳамаи аҳзоб, ҷунбишҳо, гурӯҳҳои мусаллаҳ таҳти раёсати президенти ҷумҳурӣ доир шавад ва бо имзои протоколи бас кардани хунрезӣ анчом ёбад.

Вазири умури дохила М.Навҷувонов гуфт, ки мутаассифона, тадбирҳо натиҷаҳои зарурӣ намебахшанд. Вазир барои ба эътидол овардани вазъияти вилояти Қӯрғонтеппа се марҳалаи амалиётро пешниход намуд.

Марҳалаи якум бояд тадбирҳои ҳаллу фасли сиёсӣ ва ҳуқуқии масъалаҳои баҳсталаби тарафҳои муқобилро дар бар мегирифт. Дар ин марҳала бояд гуфтушуниди сарварони ҳамаи аҳзобу ҷунбишҳо, гурӯҳу дастахои мусаллах, инчунин роҳбарони ҳокимият доир мешуд. Бо мақсади имзои протоколи манъи истифодаи силоҳ дар мавриди ҳалли масъалахои баҳсталаб ё худ ба даст овардани мақсади сиёсӣ бояд гуфтушунид гузаронида мешуд. Сарварони аҳзобу ҷунбишхои сиёсӣ бояд, тарафдорони худро ба супурдани силоҳ даъват мекарданд. Дар айни замон масъалаи гирифтани гаравгон ва минбаъд дар оянда даст кашидан аз ин амалиёт бояд ҳал карда шавад.

Баробари анҷоми гуфтушунид бояд гурӯҳҳо таъсис дода шаванд. Ба ҳайати онхо бояд намояндагони аҳзоб, ҷунбишҳо, дастаҳои мусаллаҳ дохил мегаштанд. Ин гурӯҳҳо ба маҳалҳо, яъне ба вилоятҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа сафар карда, бо назардошти шароиту маҳал ва вазъият бояд тартиби оташбас, мубодилаи гаравгонон, гирифтани постгоҳҳои ғайриқонунии мусаллах ва монеаҳо, инчунин супоридани силоҳро муайян мекарданд.

Дар марҳалаи якум барои таъмини амнияти аҳолӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қувваҳои ИДМ бояд дар сарҳади ҳарду вилоят постгоҳу монеаҳои иловагӣ мегузоштанд.

Дар марҳалаи дуюм бояд тадбирҳои бесилоҳсозии дастаҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ва шахсони ҷудогона, ки силохро ихтиёран дар муҳлати муқарраршуда насупурдаанд, амалӣ мегашт. Бо ин мақсад корҳои тайёрӣ анҷом дода мешуд, шаванд. Миқдор, теъдод, аслиҳа ва ҷойи исти дастаҳои гайриқонунии мусаллаҳ аниқ карда мешуд. Гурӯҳҳои махсус таъсис дода мешаванд, ки ба халъи силоҳ шурӯъ карда буданд.

Мархалаи сеюм барои татбиқи тадбирҳои таҳияи ҳуҷҷати протсессуалию тафтишотӣ ва аз рӯйи қонун баҳо додан ба воқеаҳои ихтиёран насупурдани силоҳу лавозимоти ҳарбӣ таъйин мегардад. Дар муҳокимаи масъала муовини Раиси Шӯрои Олии ҶТ В.И Приписнов, раиси кумитаи сохтмони давлатии Шӯрои Олии А.М.Саидов, роҳбари хизби демократии Тоҷикистон Ш.Юсуф, раиси созмони мардумии «Растохез» Т.Абдуҷаббор, котиби федератсияи иттифоқи касабаи ҷумҳурӣ Ш.Ш Кашаев ва дигарон ширкат варзиданд. Раёсати Шӯрои Олӣ ба Президенти ҶТ Р.Набиев тавсия дод, ки масъалаи ба иҷрокунандаи вазифаи раиси комиҷроияи Шӯрои вилояти Қӯрғонтеппа барои дидани чораҳои мушаххаси ба эътидол овардани вазъияти вилоят додани ваколатхои иловагии мувакаттиро баррасӣ карда, кумитаи ташкилие таъсис дода шавад, ки ҳуқуқаш ба ҳуқуқи комиҷроияи вилоят баробар бошад. Масъалаҳои дигар низ муҳокима шуданд [4].

Дар Қӯрғонтеппа рӯзи 23 июли соли 1992 тарафҳои ба якдигар муқобил сари як дастархон оши оштиро тановул карда, аҳд намуданд, ки собиқаи дӯстию бародариро давом хоҳанд дод. Мизбонон ҳамшаҳриёнашон ва сокинони вилоятро ба ваҳдат, қатъи хунрезӣ даъват карданд. Зикр шуд, ки танҳо меҳнати осоишта ҷомеаро аз бухрони сиёсию иктисодӣ мерахонад [5].

Бо мақсади ба эътидол овардани вазъи вилояти Қӯрғонтеппа ба ном Ҳукумати мусолиҳаи миллии Тоҷикистон чораву тадбирҳо меандешид. Муовини сарвазири ҷумҳурӣ С. Хайруллоев низ бо ҳамин мақсад бо гурӯҳе ва аъзоёни ҳукумат дар Вахшонзамин ва вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафари корӣ анҷом дод.

Рӯзи 20 июли соли 1992 дар шаҳри Тирмизи вилояти Сурхандарё байни сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Муталов ва муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Хайруллоев мулоқот барпо гашт. Дар мулоқот мавзӯи муҳоҷирони Вахшонзамин, ба манзилҳои худ баргаштани сокинони вилояти Қӯрғонтеппа баррасӣ шуд.

Ҳамон рӯз дар шаҳри Термез байни ҳокими вилояти Сурхандарё Эшбой Бердиев ва иҷрокунандаи вазифаи раиси Кумитаи иҷроияи шӯрои депутатҳои халқии вилояти Қӯрғонтеппа Нуралӣ Қурбонов мулоқот баргузор гашт. Ҷониби Ӯзбекистон изҳор намуд, ки кумаки худро дар рафъи вазъи носоз дареғ намедорад. 21 июл намояндагони вилояти Сурхандарё ба Вахшонзамин ташриф оварданд. Дар ҳайати фиристодагони Ӯзбекистон ду муовини аввали ҳокими вилояти Сурхандарё Т.Менглиев ва Холбоев -ҳокимони ноҳияҳои Қумқурғон ва Чарақурғон шомил буданд.

Хайати вакилони Ӯзбекистон ҳамроҳи муовини сарвазири Тоҷикистон С.Хайруллоев, иҷрокунандаи вазифаи раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии

вилояти Қӯрғонтеппа Н.Қурбонов аз хоҷагиҳои ноҳияҳои Колхозобод, Ҷиликӯл, Қабодиён, Шаҳритус дидан карданд. Дар ноҳияи Бохтари вилояти Қӯрғонтеппа вазъият боз ноором шуда, чунонки сардори раёсати умури дохилаи вилоят Саиднасрулло Саидҳасанов иттилоъ дод, дар ин ҷо дар шуъбаи якуми совхоз-техникуми ба номи Куйбышев шаби 17 август тирпаронӣ шуд [6].

То ин воқеа вазъияти вилоят нисбатан ором буд,- гуфт С.Саидҳасанов, - ин дафъа шахсони номаълум аробаеро, ки аз тарафи шуъбаи сеюми ҳамин хоҷагӣ меомад, тирборон карданд. Аз рӯйи маълумоти раёсати умури дохила як кас кушта, панҷ кас ярадор гардидааст, як каси дигарро гаравгон гирифтаанд. Ҳозир дар ҷойи воқеа се мошини зиреҳпӯш ҳаст, ки вазъиятро мушоҳида менамоянд. Барои фаҳмидани вазъият роҳбарони ситодҳои тамоми тарафҳои муқобили ин минтақа ба раёсати умури дохила даъват карда шуданд. Вале ҳеҷ касе масъулияти тирпарониро ба дӯш нагирифт. Дар як қатор хоҷагиҳои дигари вилоят, чунончи дар совхози ба номи Кирови ноҳияи Вахш низ тирпаронӣ шуд. Дар ин ҷо боз дастаҳои худмудофиа таъсис мекунанд [7].

19 август дар Қӯрғонтеппа маҷлиси васеи ситоди ҷумҳуриявии халъи силоҳи дастаҳои ғайриқонунии силоҳбадаст ва аз аҳолӣ мусодира кардани силоҳ, ки дар иҷлосияи 15-уми Шӯрои Олии ҶТ таъсис ёфта буд, баргузор гардид.

Ахбороти муовини вазири умури дохила Г.Имроншоев оиди назорат ба иҷрои созишномаи оштии Хоруғ ва Фармони Президенти ҶТ Р.Набиев аз 30 июли соли равон дар вилояти Қӯрғонтеппа шунида шуд. Вай таъкид кард, ки вактхои охир дар ин чо тамоюли ба эътидол овардани вазъият ба назар мерасид. Вале ин равандро воқеае, ки шаби 17 август дар ноҳияи Бохтар рӯй дод, халалдор кард. Бинобар ин, қувваҳои раёсати умури дохилаи вилоят барои муқаррар кардани айбдор чораҳо меандешанд. Ҳозир вазъият дар таҳти назорат аст, тирпаронӣ ба гӯш намерасад.

Дар маҷлис вазири умури дохила М.Навҷувонов, раиси ШО А.Искандаров, муовини вазири кишоварзӣ А.Соҳибназаров, раиси комиҷроияи ноҳияи Вахш С.Қувватов, сардори раёсати умури дохилаи комиҷроияи вилояти Қӯрғонтеппа С.Саидҳасанов, роҳбари ҷунбиши мардумии «Ошкоро»-и вилояти Кӯлоб Р.Абдураҳимов, додситони вилояти Қӯрғонтеппа С.Сулаймонов, муовини нахуствазир Д.Усмон, вазири матбуот ва иттилоот Б.Маҳмадов, иҷрокунандаи вазифаи сардори раёсати Кумитаи амнияти миллӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа У.Еров сухан карданд, ки раванди халъи силоҳ ва ба эътидол омадани вазъияти вилоят ғайриқаноатбахш аст ва оиди сабабҳои сустии татбиқи созишномаи Хоруғ ва фармони Президент мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

Дар рафти муҳокима таклиф шуд, ки барои рафъи мунозираи байни сокинони вилоятҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоб комиссия таъсис карда шавад. Ба он бояд намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимият, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сарварони аҳзоб ва ҷунбишҳои ҷамъиятии ҳарду тараф дохил карда шаванд.

Дар хотимаи муҳокимаи шашсоата Президенти ҶТ Р.Набиев суханронӣ кард. Вай доир ба роҳҳои тезонидани халъи силоҳи тарафҳои ба ҳамдигар муқобил мулоҳизаҳояшро баён намуд. Ба фикри ӯ дар маҳалҳо таъсис кардани комиссияҳои махсус, ки ба онҳо аз ҳар даста 5 нафари намояндаи эътимоднок бошанд, ба ин мақсад мусоидат карда метавонист. Президент дар баробари ин таъкид кард, ки он кормандони Вазорати умури дохила ва Кумитаи амнияти миллӣ, ки дар назари аҳолӣ беобрӯ шудаанд, бояд коршоямияшон санҷида шавад.

Дар маҷлис бори дигар масъалаи воқеаҳои вилоятҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлобро яктарафа инъикос кардани симою садои ҷумҳурӣ ба миён гузошта шуд. Дар маҷлис раиси комиҷроияи вилояти Қӯрғонтеппа Н.Қурбонов, раиси комиҷроияи вилояти Ленинобод Ҷ.Шокиров иштирок карданд.

Иштирокдорони маҷлис мувофиқи натиҷаҳои муҳокима ба протоколи маҷлиси ситоди ҷумҳуриявии халъи силоҳи дастаҳои ғайриқонунии силоҳбадаст ва аз аҳолӣ мусодира кардани силоҳ имзо гузоштанд. Худи ҳамон рӯз Президенти ҷумҳурӣ дар ноҳияи Панҷ бо сарҳадчиён суҳбат кард [8]. Натиҷаҳои сафари гурӯҳи кормандони масъули комиҷроияи шӯроҳои депутатҳои халқи вилоят ва ноҳияи Қумсангир, инчунин кормандони шуъбаи умури дохилаи ноҳияи Кумсангир ба Афғонистон умедбахшанд.

Мо ба бандари наздисарҳадии Шерхон ва ба шаҳри Имонсоҳиби Афғонистон, ки ҳозир ҳамдиёрони мо гӯё дар он ҷо мебошанд, рафтем,- нақл кард баъди бозгашт ба ватан муовини раиси комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Қӯрғонтеппа, сардори гурӯҳ В.Хоҷаев. Ӯ гуфт, ки «Ҳукуматдорони маҳаллӣ ба ёфтани ҳамдиёрони мо кумаки зиёд расониданд. Аз рӯйи гуфти намояндаҳои онҳо тарафи Афғонистон низ аз вазъияти сарҳад дар ташвиш аст ва барои таҳкими он чораҳо диданист. Ба мо муяссар шуд бо чандин ҳамдиёронамон, ки ба касофати воқеаҳои маълуми вилояти Қӯрғонтеппа ба он сӯйи Панҷ гурехтаанд, робита муқаррар намоем. Бисёрии онҳо азми ба ватан баргаштан доранд, вале дар ҳаросанд, ки мабодо аз тариқи додгоҳ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳад таъқиб карда нашаванд. Ба ин муносибат мо ба онҳо банди 6-уми фармони Президенти мамлакатро аз 30 июли соли 1992 фаҳмондем. Дар он гуфта мешавад, ки ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидани шаҳрвандоне ки моҳҳои май-июли соли равон ба

Афғонистон рафтаанд, салоҳ нест. Ба туфайли гуфтушунид 18 тан ҳамдиёронамон ҳамроҳи мо баргашта омадаанд. Умед аст, ки дигарон низ ба онҳо пайравӣ мекунанд [9].

Чунонки аз ин пештар қайд кардем, 19 августи соли 1992 дар Қӯрғонтеппа таҳти раёсати Президенти ҶТ Раҳмон Набиев маҷлиси васеи ситоди ҷумҳуриявии халъи силоҳи баргузор гардид. Дар ин маҷлис роҳбарони вилояту ноҳияҳо, инчунин намояндагони аҳзобу ҷунбишҳои ҷамъиятӣ иштирок карданд. Аз рӯйи натиҷаи маҷлис протокол имзо шуда, мувофики он пешбинӣ гашт, ки:

«1. Дар вилоятҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоб барои ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъияти сиёсию ҷамъиятӣ комиссия таъсис карда шавад.

Ба ҳайати комиссия роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимият, мақомоти умури дохила, амнияти миллӣ, прократура, адлия, инчунин намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва иттиҳодяҳои ҷамъиятӣ дохил карда шаванд. Дар сарҳади вилоятҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоб постгоҳҳои ҳарбии назорат ташкил карда шаванд.

1. Дар қаламрави вилояти Қӯрғонтеппа назорати сахти паспорт ҷорӣ карда шавад.

2. Барои бе иҷозати мақомоти умури дохила ба минтақаи сарҳадӣ роҳ надодани шаҳрвандон, дар даромадгоҳҳои ноҳияҳои Қумсангиру Ҷиликул постгоҳҳои назорату рухсатдиҳӣ ташкил карда шаванд.

3. Девони вазирони Ҷумҳурии Точикистон дар як ҳафта масъалаи минтақаҳои офати иҷтимоӣ эълон кардани ноҳияҳои Бохтару Вахш ва дар назар доштани оқибатҳои онро баррасӣ намояд.

4. Дар маҳалҳо аз ҷумлаи мутахассисони таҷрибадор комиссияе барпо карда шавад, ки ба силоҳи супурдашуда нарх монда, ба шаҳрвандоне, ки барои ҳимояи худ ночор силоҳ харидаанд, додани пулашро ба роҳ монанд. Ба мақсади имкон надодан ба овардани силоҳ ва фақат бо паспорт роҳ додани шаҳрвандон, дар сарҳади вилоятҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоб постгоҳҳои назорату рухсатдиҳӣ таъсис карда шаванд.

5. Барои пароканда кардан ва халъи силоҳи ситодҳои ғайриқонунии силоҳбадастон, аз ҷумла дастаҳои худмудофиаи назди комиҷроияи вилояти Кӯлоб чораҳои фаврӣ дида, аз рӯйи банди 5 созишномаи оштии Хоруғ барои озод кардани шаҳрвандони ғайриқонунӣ ба гарав гирифта ва мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашидани айбдорон гурӯҳҳо ташкил карда шаванд.

6. Бо мақсади ба роҳ мондани рӯзгору бо кор таъмин кардани шахрвандоне, ки ночор тарки ҷойи истиқомат намудаанд, чораҳои зарурӣ дида шаванд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин шахсон барои ночор ба кор набаромаданашон ҳақ дода ва барои нигоҳ доштани собиқаи кориашон қарор қабул кунад.

7. Расонаҳои иттилоотӣ-оммавӣ татбиқи созишномаҳо, фармони Президент ва қарорҳои ҳукумати ҷумҳуриро доир ба масъалаҳои халъи силоҳ ва аз аҳолии ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира кардани силоҳ беғаразона инъикос кунанд. Роҳбарони Вазорати умури дохила, Кумитаи амнияти миллӣ, додситонҳо, фармондиҳии дивизияи 201-уми мерганҳои савора, комиҷроияи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва татбиқи тадбирҳои дар ҳамин протокол пешбинишуда ҷавобгар дониста мешаванд» [10].

Бо мақсади мусоидат намудан ба оромии минтақа 13 нафар мутахассиси низомии мамлакатҳои ИДМ рӯзи шанбе ба Қӯрғонтеппа омаданд. Мулоқоти нахустини мутахассисони низомии ИДМ бо роҳбарони кумитаи иҷроияи вилоят ва мақомоти ҳифзи қонуни вилоят баргузор гардид.

Полковник Короленко гуфт, ки «мақсади гурӯҳ омӯзиши вазъияти вилоят ва пешниҳоди тавсияҳо дар бобати ҳалли проблемаҳои ҳозира аст. Намояндагони мамлакатҳои Иттиҳод барои катъи задухӯрдҳои мусаллаҳона дар вилояти Қӯрғонтеппа аз тамоми имкониятҳо истифода мебаранд. Мушоҳидони низомӣ ба ҳамаи ноҳияҳои ноором мераванд» [11]. Дар маҷлис сардори раёсати корҳои дохилии кумитаи иҷроияи вилояти Қӯрғонтеппа З.Аҳмадов, додситони вилоят С.Сулаймонов, сардори раёсати кумитаи амнияти миллии вилоят У.Ёров сухан карданд. Ҳамон рӯз гурӯҳи мушоҳидони низомӣ бо намояндагони гурӯҳҳои муқобил мулоқот карданд.

Бо вуҷуди душвории вазъи сиёсии вилоят, деҳқонон нигоҳубини зироатҳоро давом медиҳанд. «Ҷамъоварии ҳосилро хоҷагиҳои ноҳияҳои Панҷ, Шахритус ва Қубодиён бомуваффақият давом медиҳанд. Онҳо аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 12,8 сентнери ғалла ба даст меоранд. Суръати ҷамъоварии картошка ва сабзавот нисбат ба соли 1991 хеле суст аст. Тавре ки маълум шуд, дар бобати тармиму ба кор омода сохтани техникаи кишоварзии вилоят мушкилоти зиёде вуҷуд дорад. Тибқи маълумоти раёсати омор, моҳи август дар хоҷагиҳои вилоят аз 16 то 50 фоизи трактору мошинҳои боркаш ва дастгоҳҳои дарав бекор мехобид» [12]. Вазъияти соҳаи чорводорӣ низ ташвишовар буд. Заҳматкашон сабаби инро нооромии вазъияти сиёсии вилоят мешуморанд. Бинобар ин вақти он расидааст, ки ҳамаи аҳзобу созмонҳо ва ситодҳо ниҳоят ғамии ҳосилро хӯрда, андеша кунанд, ки зимистон ахволи мардум чӣ мешавад. 8-ми сентябри соли 1992 маҷлиси навбатии аъзои раёсат ва аъзои ҳукумати Тоҷикистон барпо гардида, масоили сиёсиву иқтисодӣ ва мадании Тоҷикистон баррасӣ шуд. Аз ҷумла Ҷ.Х.Каримов таъкид намуд, ки ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон

тамоми имконияту воситаҳоро сафарбар менамояд. Дар ҷаласа мавзӯи бо маводи хӯрока таъмин намудани аҳолии вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа муҳокима гардид.

Роҷеъ ба вазъи вилояти Қӯрғонтеппа ва пойтахти ҷумҳурӣ вазир умури дохила Навҷувонов ва раиси Кумитаи амнияти миллии Тоҷикистон Ш.Шарифов маълумот доданд [13]. Бо вуҷуди андешидани чораҳо тирамоҳи соли 1992 вазъияти сиёсии Тоҷикистон рӯз аз рӯз вазнинтар мешуд. Роҳбарияти мамлакат, бахусус Ҳукумати муросои миллӣ аз уҳдаи ором намудани вазъияти муташанниҷи вилояти Қӯрғонтеппа ва атрофи он баромада наметавонист, баръакс онро бо амалҳои хеш тезутунд менамуд. Аксари мақомоти маҳаллӣ ба ин ҳукумат боварӣ надоштанд.

Сардори раёсати Кумитаи амнияти миллии вилояти Қӯрғонтеппа Усмон Ёров хабар дод, ки «намояндагони аҳолии шуъбаҳои дуюму сеюми совхоз-техникуми ба номи Куйбишеви ноҳияи Бохтар рӯзи 21 сентябр дар назди бинои кумитаи иҷроияи шаҳр ҷамъ омадаанд. Онҳо аз ҳокимони маҳаллӣ талаб карданд, ки мунокишаҳои мусаллахонаи тарафҳои муқобил дар маҳалҳои зисти онхо қатъ карда шаванд» [14].

Раиси кумитаи иҷроияи вилоят Нуралӣ Қурбонов, намояндаи ВКД ҷумҳурӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа, полковник Саиднасрулло Саидҳасанов, сардори раёсати корҳои дохилии комиҷроияи вилояти Қӯрғонтеппа, подполковник Зеринбуншо Ахмадов ба маҳалли мунокишаҳо рафтанд. Онхо бо сокинон мулоқот карда, ваъда доданд, ки барои муътадил намудани вазъи совхоз-техникуми ба номи Куйбышев тамоми тадбирҳоро меандешанд.

Маълумоти мавҷуда далолат мекард, ки вазъияти ҷумҳурӣ, махсусан вазъи вилояти Қӯрғонтеппа дар соли 1992 аз ибтидо нооом буд ва пас аз таъсиси Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ боз ҳам тезутунд шуд, зеро ин ҳукумати ба ном муросои миллӣ ба манфиати як тарафи даргир амал намуда, мардуми Тоҷикистонро ба қисматҳо ҷудо кард.

Тавре аз мисолҳои овардашуда аён гашт, соли 1992 вазъияти сиёсиву ҷамъиятии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа бо сабаби мубориза҆ҳои сиёсии байни мухолифин нооом гашта, боиси муҳоҷирати зиёди аҳолӣ ба Афғонистону Ӯзбекистон ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ гашта, талафоти калони ҷониву молӣ ба бор овард. Танҳо Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 баргузор шуд, тавонист пеши роҳи беҳокимиятӣ ва вайроншавии сохтори давлатдории Тоҷикистонро гирад.

## АДАБИЁТ


1. Народная газета. – 1992, 13 май.
2. Ҷумҳурият. – 1992, 9 июн.
3. Ҷумҳурият. -1992, 21 июл.
4. Маркази иттилоотии Тоҷикистон «Ховар». – 1992, 21 июл.
5. Ҷумҳурият. – 1992, 24 июл.
6. Маркази иттилоотии Тоҷикистон «Ховар». – 1992, 18 август.
7. Ҷумҳурият. -1992, 19 август.
8. Маркази иттилоотии Тоҷикистон «Ховар». – 1992, 20 август.
9. Ҷумҳурият. – 1992, 20 август
10. Ҷумҳурият. -1992, 21 август.
11. Чумхуррият. – 1992, 1 сентябр.
12. Ҷумҳурият.- 1992, 4 сентябр.
13. МИТ «Ховар». – 1992, 9 сентябр.
14. МИТ «Ховар». – 1992, 22 сентябр.


## РОҶЕЪ БА ВАЗЪИ СИЁСИИ ВИЛОЯТИ ҚӮРҒОНТЕППА ДАР СОЛИ 1992


Дар мақолаи мазкур дар асоси маводи матбуоти даврӣ вазъияти сиёсиву ҷамъиятии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба маркази даргириҳои ҳарбиву сиёсӣ табдил ёфта буд, инъикос карда шудааст. Кӯшишҳои ҳокимияти маҳаллии вилоят ва Ҳукумати ҷумҳурӣ барои ором намудани вазъият, халъи силоҳ ва баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ нишон дода шудаанд.



**Калидвожаҳо:** вазъи сиёсӣ, мубориза҆и яроқнок, тарафҳои муқобил, дастаҳои худмуҳофиз, Қӯрғонтеппа, комиҷроия, оштӣ, сулҳ, ҲНИТ, Ҳукумати муросои миллӣ.


## О ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ КУРГАН-ТЮБИНСКОЙ ОБЛАСТИ В 1992 ГОДУ


В предлагаемой статье на основе материалов периодических изданий освещается общественно-политическая ситуация бывшей Курган-тюбинской области Таджикистана, которая в годы гражданской войны была превращена в эпицентр противоборствующих сил. Также рассмотрены усилия местных органов власти и Правительство страны по стабилизации обстановки, возвращене вынужденных переселенцев и изъятия оружия у населения области.



**Ключевые слова:** политическое положение, вооруженная борьба, противоборствующие стороны, отряды самообороны, Курган-тюбе, исполком, мир, примирение, ПИВТ, Правительство национального примирения.


## ON THE POLITICAL SITUATION OF THE KURGAN-TYUBE AREA IN 1992 YEAR


The proposed article on the basis of the periodicals covers socio-political situation of the former the Kurgan-Tyube region of Tajikistan, which in the years of the civil war, was turned into the epicenter of the opposing forces. Also consider the efforts of local authorities and the Government to stabilize the situation, vozvrashhene internally displaced persons and the seizure of weapons from the population.



**Key words:** the political situation, armed struggle, protivoborstvujushie hand, the self-defence groups, Kurgan-Tyube, EXECOM, peace, reconciliation, PIVT, the Government of national reconciliation.



**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Парвиз*** - Энергетический институт Таджикистана, старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин. Телефон: ***93-588-99-22***

# ИЗ ИСТОРИИ ПРОБЛЕМ ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЕЖИ В УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ ПРОФТЕХОБРАЗОВАНИЯ ЛЕНИНАБАДСКОЙ (СОГДИЙСКОЙ) ОБЛАСТИ В 60-80 ГГ.

***Хошимова Ш. Ф.***
**Худжандский государственный университет им. Б.Г.Гафурова**

Система профессионально-технического образования конца 1950-х – середины 1980-х гг. XX века являясь составной и неотъемлемой частью народного образования, она сыграла важную роль в подготовке квалифицированных рабочих кадров для народного хозяйства и стала эффективным рычагом подъема экономики республики. В деле подготовки кадров как для промышленности, так и для сельского хозяйства повышение роли и развитие учебных заведений профессионально-технического образования стало объективной исторической закономерностью.

В 60-80 гг. в училищах профтехобразования основными векторами воспитательной работе считались: воспитание учащихся на уроках обществоведения, истории и других предметов (эти дисциплины внедрены в учебные планы ПТУ с 1963/64 учебного года), эстетическое, трудовое и физическое воспитание. Данные о воспитательной работе в ПТУ свидетельствуют о том, что педагогические коллективы особое внимание уделяли вопросам прививания юношам и девушкам лучших качеств рабочего класса. Этому процессу уделялось особое внимание после принятия «Закона об укреплении связи школы с жизнью и о дальнейшем развитии системы народного образования в СССР» (1958).

Такой же антрацитовидный уголь был найден в десяти верстах от города Ура-тюбе и в 20 верстах (21,336 км) от ст. Хилково, Среднеазиатской железной дороги. Угленосными породами являются кремнистые сланцы, имеющие широтное простирание и падение на север под углом в $60^0$, рабочий пласт – мощностью в 2 сажен (3,6576 м) [6,237-260].

Таким образом, можно сказать, что, несмотря на геоэкономические трудности в Ходжентском уезде, обнаружение и введение в действие угольных копий стало толчком к развитию промыслов. Промышленность также приобрела новый и широкий импульс с приходом русского капитала и передовой технологии на тот момент для окраин. С другой стороны, несмотря на внешнее влияние в уезде сохранились и на определенном этапе конкурировали традиционные промыслы, которые также имели важное значение в народном хозяйстве.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Кауфман А.А. Переселение и колонизация / А.А. Кауфман. – СПб., 1905. – С.3.
2. Конрад Н.И. Запад и Восток / Н.И. Конрад. - 2-е издание. – М., 1972. – С. 17.
3. Кронников. О разведочных работах на ископаемый уголь в Туркестанском крае / Кронников. – СПб., 1903.
4. Кушакевич А.А. Сведения о Ходжентском уезде /Записки императорского Русского географического общества /А.А. Кушакевич. – СПб., 1871. – Т.4. – 98 с.
5. Марков Е. Россия в Средней Азии. Очерки путешествия по Закавказью, Туркмении, Бухаре, Самаркандской, Ташкентской и Ферганской областям, Каспийскому морю и Волге / Е. Марков. – СПб., 1901. – Том. 2. – С. 37-38.
6. Мушкетов И.В. Туркестан. Геологическое и орфографическое описание по данным, собранным во время путешествий с 1874 г. по 1880 г./ И.В. Мушкетов. – СПб., 1906. – Том II. – 413 с.
7. Назаров Ф. Записки о некоторых народах и землях средней части Азии / Ф. Назаров. – СПб., 1891. – 99 с.
8. Пален К.К. Отчет по ревизии Туркестанского края. Горное дело / К.К. Пален. – СПб., 1910. – С. 36.

9. Северцов Н.А. Путешествия по Туркестанскому краю и исследование горной страны Тянь-Шаня / Н.А. Северцов. – СПб., 1873. – 483 с.
10. Романовский Г.Д. Геологический и палеонтологический обзор северо-западного Тянь-Шаня и юго-восточной части Туранской низменности / Г.Д. Романовский //Горный журнал. – Спб., 1877.
11. Фавицкий И.Г. Сведения о каменноугольной копи / И.Г. Фавицкий //Туркестанский сборник. -Т.57. – С.353-356.

**ТАВЛИДИ САНОАТИ КӮҲИИ АНЪАНАВИИ УЕЗДИ ХУҶАНД**
**(нимаи дуюми асри XIX – оғози асри XX)**

Дар макола дар асоси маводхои нав вазъи саноати кӯҳии анъанавии уезди Хуҷанд ва ба зери асорати империя бо истифодаи дастгоҳи молиявӣ-иктисодӣ гирифта шудани саноат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола оиди марҳила ба марҳила гузаронида шудани корҳои ҷустуҷӯйӣ ва кушодани конҳои нави ангишт, коркард ва фаъолияти маъмурияти рус нишон дода шудааст. Ҳамчунин макон, таркиби кимиёвӣ ва табиии ангишти бадастомада, ҳаҷми коркард, захира ва аҳамияти он нишон дода шудааст.
**Калидвожаҳо:** Хуҷанд, саноат, ангишт, сармоя, маъмурият.

**ЗАРОЖДЕНИЕ ГОРНОУГОЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В ХОДЖЕНТСКОМ УЕЗДЕ**
**(вторая половина XIX – начало XX века)**

В этой статье на основе новых материалов рассматривается состояние традиционной горной-промышленности в Ходжентском уезде и втягивание имперских периферий в промышленное развитие, используя финансово-экономические рычаги в 80-е – 90-е годы XIX века. В статье поэтапно прослеживается проведение разведывательных работ и открытий новых месторождений угольных копий, разработка и коммерческая деятельность русской администрации, состав и себестоимость рабочей силы. Помимо того, рассказывается о географическом расположении, химическом и физическом составе обнаруженного угля, объеме выработки и запасе копи, а также их значении.
**Ключевые слова:** Ходжент, промышленность, уголь, капитал, администрация.

**THE INSTITUTION OF THE MINING INDUSTRY IN THE KHODZHENT AREA**
**(the second half of the XIX - the beginning of the XX century)**

In this article, on the basis of new materials, the state of the traditional mining industry in Khojent uyezd and the drawing of the imperial peripheries into industrial development are examined using financial and economic levers in the 1980s and 1990s. In the article, the exploration and discoveries of new deposits of coal copies, the development and commercial activities of the Russian administration, the composition and cost of labor are staged step-by-step. In addition, it tells about the geographical location, chemical and physical composition of the discovered coal, the amount of production and reserve of mines, as well as their significance.
**Key words:** Khodzhent, industry, coal, capital, administration.

**Сведения об авторах:** ***Мамадалиев: И.А.*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доктор исторических наук, профессор, заведующий кафедрой всеобщей истории
***Махмудов О.Р.*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой методики преподавания истории и права

# БАРҚАРОРСОЗӢ ВА РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СОҲАИ ТИБ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
## (солҳои 1920-1990)

***Маҳмадов Иброҳим***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб пурра ба таъсису пойдории сохторҳои ҳизбиву давлатӣ вобаста буд. Тибқи маълумоти муаррихон 15 марти соли 1921, полкҳои 6-ум ва 52 - юми Артиши Сурх бе ҷанг ба шаҳри Кӯлоб дохил шуда, ин сарзаминро ба зери тасарруфи худ даровsecurityанд. Артиши Шӯравӣ мувофиқи дастуру салоҳияти доштаашон, дар муддати кӯтоҳ сохторҳои ҳокимияти маҳаллиро дар шаҳру ноҳияҳои атрофи он созмон доданд. Онҳо минтақаи Кӯлобро расман вилоят номиданд ва ҳамчун туман ба ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро дохил карданд. Баъди тасдиқ шудани Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, соли 1924 ба ҳайати он минтақаи Кӯлоб ҳамчун вилоят дохил гардид [1. ф.3., оп.7., д.т.12., л.16].

Соли 1923 аввалин интихоботи мақомоти халқии маҳаллии вилояти Кӯлоб гузаронида шуда, Кумитаи иҷроияи мақомоти ҳукумати вилоят интихоб гардид ва дар ҳайати ин кумита шуъбаи тандурустии вилоятӣ низ таъсис дода шуд. Дар ин давра дар минтақаи Кӯлоб духтурони касбӣ ва муассисаҳои тиббӣ ҳоло вуҷуд надоштанд. Табибони касбӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Кӯлоб асосан солҳои бистуми асри гузашта, дар ҳайати Артиши Сурх омада буданд. Дар муддати кӯтоҳ Артиши Шӯравӣ дар минтақаҳои сарҳадии Афғонистон гарнизонҳои сарҳадӣ ташкил карданд, ки онҳо дар ҳайати худ бунгоҳҳои тиббӣ доштанд ва дар онҳо табибони касбии маълумотдор кор карда, дар мавридҳои зарурӣ ба мардуми маҳаллӣ мадади тиббӣ мерасонданд[2, 125-127].

Пас аз мустаҳкаму устувор шудани ҳокимияти Шӯравӣ, бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон барҳам дода шуданд. Ба ивази ин бекигариҳо Кумитаи Инқилобии Вилоятӣ таъсис дода шуд. Кумитаи Инқилобии Вилоятӣ, ки ба ҳайати он шахсони ҳарбӣ дохил буданд, тамоми масъалаҳои хоҷагии халқро баррасӣ мекарданд. Кумитаи мазкур дар роҳи тараққиёти ҷабҳаҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла дар соҳаи тандурустӣ қарор қабул карда,

амалӣ мекарданд[3, 192-194]. Соли 1924 барои Артиши Шӯравӣ соли ниҳоят вазнин омад. Шароити мураккаби сиёсию иқтисодӣ, кори муассисаҳои тиббӣ нисбатан вазнинтар гардида, тиб ва ҳифзи саломатӣ аслан рушд намеёфт, ки сабабгори пайдоиши садҳо намуди бемориҳои сирояткунандаю маҳвкунанда мегардид. Масалан, бемориҳои вараҷа, домана, зардпарвин, обпартояк, гулӯдард, чашмдард, гару мараз, гӯшдард ва бисёр бемориҳои дигар. Дар вилояти Кӯлоб афсарону сарбозон ба бемориҳои сироятӣ, бахусус аксарияти онҳо ба бемории вараҷа гирифтор шуданд. Бо қарори Комиссариати ҳарбии Туркистон, дар худи ҳамон сол ба вилояти Кӯлоб гурӯҳи табибони касбӣ барои табобати беморон ва пешгирии бемориҳои сирояткунанда фиристода шуданд. Онҳо дар баробари табобату эмгузаронии афсарону сарбозони Артиши Сурх, мардуми таҳҷоиро низ муолиҷа карда, шахсони сироятнаёфтаро зидди бемориҳои сироятӣ эм мегузарониданд. Пас аз суст шудани авҷи эпидемияи бемориҳои сироятӣ табибони ба вилояти Кӯлоб омадаро ба бунгоҳҳои тиббии амалкунанда ва навташкилшуда тақсим карданд[4.ф.3., оп.5., д.46., л.56.].

Дар давоми солҳои 1924-1930 дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб боз якчанд бунгоҳҳои нави тиббӣ ташкил карда шуданд ва дар дохили шаҳр ду беморхонаи дорои 50 кат амал мекард. Дар тӯли солҳои зикршуда бо ташаббусу иштироки бевоситаи шӯроҳои деҳот, дар деҳаҳои Зиракӣ, Зарбдор ва Даҳана бунгоҳҳои нави тиббӣ кушода шуданд. Кормандони тиббии касбие, ки бо Карори Шӯрои Туркистон фиристода шуда буданд, ба ин бунгоҳҳо ба кор таъйин гардиданд. Дар тамоми ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб нуқтаву шуъбаҳои зидди вараҷа ташкил карда шуданд. Дар ин нуқтаву шуъбаҳо беморонро муолиҷа мекарданду ба одамони солим эм мегузарониданд[4.ф.3., оп.5., д.46., л.58].

Мувофиқи маълумотҳое, ки аз бойгонии минтақавии Кӯлоб дастрас шуд, дар давоми солҳои 1930-1940 дар тамоми ноҳияҳои вилояти Кӯлоб табобатхонаҳо, дармонгоҳҳо, таваллудхонаҳо, бунгоҳҳои кӯдакона ва маслиҳатгоҳҳо барои занон сохта ба истифода дода шуданд. Мудири шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Г. Н. Читахова дар яке аз баромадҳояш соли 1940 қайд кардааст, ки табибони таҳсилоти олӣ ба 37 нафар, катҳои беморхонаҳо ба 325, катҳои таваллудхонаҳо ба 50 адад расонда шуданд. Дар ин муддат дар ноҳияҳои вилоят ҳафт амбулаторияи нав кушода шуда, бо табибони таҳсилоти олидор таъмин карда шуданд.

Бо қарори Шӯрои Туркистон, соли 1940 аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя зиёда аз 70 нафар табибони тахассусҳои гуногун ба вилояти Кӯлоб ба кор омаданд. Аз ҷумлаи онҳо 16 нафар табибони таҳсилоти олӣ бо ихтисосҳои гуногун, 20 нафар фелдшер, 4 нафар момодоя бо таҳсилоти олӣ, 1 нафар дандонпизишк ва 42 нафар ходимони миёнаи тиб буданд. Онҳоро ба беморхонаҳои шаҳриву ноҳиявӣ, амбулаторияҳо, диспансерҳо ва бунгоҳҳои тиббӣ ба кор таъйин карданд. Аз суханронии мудири шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб бармеояд, ки то соли 1940 дар 12 ноҳияи вилоят табобатхонаҳои ноҳиявӣ сохта, ба истифода дода шуда буданд. Дар ҳамаи нуқтаҳои тиббӣ мутахассисони касбӣ бо таҳсилоти олӣ ба мардум ёрӣ мерасонданд. Беморхонаҳои ноҳиявӣ соли 1940 дорои 236 кат буданд. Дар тӯли солҳои 1941-42 миқдори катҳои беморхонаҳои зикршуда ба 242 кат расонида шуд. Дар ин солҳо беморхонаҳои ноҳиявӣ дорои аз 10 то 50 кат буданд. Дар ин аснод сарварони баъзе беморхонаҳо масъулият ҳис карда, беморони вазнинро сари вақт дар беморхонаҳо бистарӣ мекарданд[4.ф.279.,оп.6,дл.51,л.26].

Бо вуҷуди ин, дар табобати беморон бемасъулиятии коркунони тиб ва хунукназарии мардум нисбати беҳдошти саломатиашон ҳис карда мешуд.

Соли 1940 дар тамоми ноҳияҳои вилояти Кӯлоб 13-то амбулаторияи духтури деҳотӣ амал мекард. Дар давоми сол онҳо 126 344 беморро қабул карданд, ки ба ҳар як рӯз 32 бемор рост меояд[4]. То соли 1940 дар қаламрави вилояти Кӯлоб ягон дандҳонпизишк набуд. Дар тӯли ин сол якчанд даҳонпизишк ва созандаҳои дандонҳои сунъӣ низ ба минтақаи Кӯлоб ба кор фиристода шуда, дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои наздики минтақа ба кор таъйин шуданд.

Масъалаи муҳиме, ки ҳамаи роҳбарони ҳукумати вилоят ва соҳаи тандурустиро ба ташвиш оварда буд, ин шумораи зиёди фавти кӯдакон ва занони ҳомила дар мавриди таваллуд буд. Аксари занони ҳомила ба қабули табибҳо намерафтанд. Корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботӣ суст ба роҳ монда шуда буданд. Аз ин лиҳоз, бемориҳои занони ҳомила дар сари вақт муайян ва муолиҷа карда намешуданд, ки ин ба вазнин гузаштани давраи ҳомиладорӣ сабаб мешуд. Аксари занони ҳомила ба чунин ҳолати вазнин тоб наоварда, дар вақти таваллуд дучори марг мегаштанд. Дар қаламрави вилояти Кӯлоб миқдори нуқтаҳои момодоягӣ ба 32 адад расонида шуд. Дар ин радиф дар се ноҳияи вилоят боз 3 нуқтаи бемориҳои пӯст ва зуҳравӣ ба истифода дода шуданд.

Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки соли 1941 якчанд эпидемияи бемориҳои сироятӣ дар минтақаи Кӯлоб хуруҷ карда буданд. Мувофиқи маълумотҳои аз бойгонии марказӣ, бадастомада, дар байни кӯдакон бемориҳои сурхча, скорлотина (махмалак) ва гулӯзиндонак хуруҷ карда буд. Дар тобистони ҳамин сол бемории вараҷа тамоми ноҳияҳои вилояти Кӯлобро фаро гирифт. Дар ноҳияи Кангурт бемории сӯхтанӣ ва дар ноҳияи Данғара бемории бруселлёз авҷ гирифта буд. Ҳукумати Тоҷикистони Шӯравӣ гурӯҳи олимон ва табибони ботаҷрибаи соҳаи сироятшиносиро барои омухтани ҳолати

санитариву эпидемиологии минтақа ва муоличаи беморон ба вилояти Кӯлоб фиристод. Дар ҳайати ин гурӯҳ табибони байторӣ низ буданд. Нишондодҳо ва маълумотҳои ҳисоботии ин гурӯҳро Ҳукумати Тоҷикистон ба инобат гирифта, миқдори муайяни табибони атфол ва сироятшиносро барои кор ба вилояти Кӯлоб фиристод. Дар ҳамин сол дар шаҳри Кӯлоб нуқтаи бемории бойторӣ кушода шуд.

Соли 1942 маркази саломатии вилоятӣ дар шаҳри Кӯлоб буда, бо табибони соҳибтахассуси зарурӣ пурра таъмин карда шуд ва ҳуҷраҳои нави табобатӣ низ кушода шуданд.

Дар тӯли соли 1942 дар назди Стансияи санитарии эпидемиологии вилоятӣ барои ташхиси бемориҳои сироятӣ ташхисгоҳ кушода шуд. Дар ин муддат лозим омад, ки нуқтаи безараркунии тиббӣ мутобиқи талаботашон васеъ карда шавад. Барои дар вақтҳои зарурӣ расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ дар назди заводи пахтатозакунии вилоятӣ бунгоҳи тиббӣ кушода шуд[5]. Вазнин шудани вазъи санитарию-эпидемиологии ноҳияҳои вилоят, ба вуқӯъ омадани эпидемияи вараҷа ва хуруҷи дигар бемориҳои сироятӣ, ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоии мардуми Кӯлобро ниҳоят тоқатфарсо карда буд. Мақомоти ҳукумати вилоят ва сарварони шуъбаи тандурустии вилоят чораҳои таъхирнопазир андешиданд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят илова ба муассисаҳои вуҷуддошта боз 11 стансияи тропикӣ, 11 нуқтаи санитарӣ таъсис дода шуданд. Дар ин радиф аз маблағгузории маҳаллӣ дар ноҳияҳои вилоят боз 10 гурӯҳи зидди бемории вараҷа ва пешгирии он ташкил карда шуд. Дар натиҷаи омӯзиш ва санҷиши доимии вазъи санитарию эпидемиологии ноҳияҳои вилоят лозим дониста шуд, ки боз 30 кати иловагӣ дар ноҳияҳои гирифтори эпидемия кушода шавад.

Дар шаҳри Кӯлоб ва тамоми ноҳияҳои вилоят корҳои зиёд оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ аз тарафи стансияи санитарӣ-эпидемиологӣ ва гурӯҳи безараркунандаи тиббӣ гузаронида шуданд. Эмкунии саросари мардуми шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида мешуд. Дар муддати кӯтоҳ 55 ҳазор нафар эм кунонида шуд. Мақомоти ҳокимияти маҳаллии ноҳияҳо тамоми одамони қобили меҳнатро барои нест кардани ботлоқзорҳо ва тоза кардани заҳбуру ҷӯйборҳо сафарбар карданд.

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, дар вилоят табибони касбии таҳсилоти олидор намерасиданд. Дар тамоми қаламрави вилоят ба 7,5 ҳазор нафар аҳоли 1 табиби таҳсилоти олидор рост меомад. Муассисаҳои тибби дар интизори табибони нав буданд. Мувофиқи талаботи шуъбаи тандурустии вилоятӣ барои беҳтар кардани сатҳи хизматрасонии тиббии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳо моҳи июни соли 1942 аз Федератсияи Русия ба вилояти Кӯлоб як гурӯҳ табибони ҷавон бо роҳхат фиристода шуда, дар муддати кӯтоҳ дар табобатхонаҳои маркази ноҳияҳо бо кор таъмин карда шуданд[5].

Дар ибтидои соли 1942 дар назди беморхонаи вилоятӣ ташхисгоҳи муоинаи клиникии сайёр ташкил карда шуд. Дар он табибони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи тиббӣ кор мекарданд. Дар ҳолатҳои хуруҷи бемориҳои сироятӣ ва бад шудани вазъи беҳдошти саломатии мардум, ташхисгоҳи сайёр ба ноҳияҳои вилоят фиристода мешуд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар рушди соҳаи тандурустии шаҳру ноҳияҳои вилоят, чандон пешравие ба назар намерасад. Дар ин муддат баъзе табибонро барои табобати беморону маҷрӯҳони Артиши Сурх ба госпиталҳои ҳарбӣ фиристода буданд.

Ба Ҳукумати Шӯравӣ лозим омад, ки тамоми дастаҳои ҳарбии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз он ҷумла, ҳарбиёни вилояти Кӯлобро низ ба ҷанг фиристонад. Аз ин фурсати муносиб истифода карда, душманони Ҳукумати Шӯравӣ аз сари нав муттаҳид шуда, ба мубориза мусаллаҳона бархостанд. Дар вилояти Кӯлоб низ гурӯҳи босмачиҳо барои мубориза муттаҳид шуданд. Онҳо дар аввал роҳбарону кормандони сохторҳои ташкилкардаи Ҳукумати Шӯравиро ба қатл расонда, баъзе муассисаву корхонаҳоро ба коми оташ зада, несту нобуд карданд. Дар ин маъракаи валангоркунӣ муассисаҳои тиббӣ низ истисно набуданд. Ин давра, онҳо баъзе табибонро низ ба қатл расониданду бунгоҳҳо ва табобатхонаҳоро дар баъзе ноҳияҳо ба замин яксон карданд.

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ иқтисодиёти давлати Шӯравӣ дар ҳолати ногувор қарор дошт. Дар баъзе заводу фабрикаҳо ҷараёни истеҳсоли маҳсулот каму беш ба маҷрои лозимӣ даромада бошад ҳам, лекин аксари онҳо кор намекарданд, чунки дар солҳои ҷанг талаву тороҷ шуда буданд. Ба чунин ҳолати ногувори иқтисодиву иҷтимоӣ нигоҳ накарда, Ҳукумати Шӯравӣ ба мақомотҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дастур дод, ки дар муддати кӯтоҳ муассисаҳои тиббиро барқарор намуда, кори муътадили онҳоро ба роҳ монанд. Табибоне, ки аз муассисаҳои тиббӣ ба сафи Артиши Сурх даъват шуда буданд, баъди ҷанг боз ба ҷойҳои кории аввалаашон баргардонида шуданд. Бо ҳамин тарз муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб оҳиста-оҳиста ба маҷрои кории пешазҷангӣ бармегаштанд[6].

Азбаски оид ба миқдор ва ҷойгиршавии муассисаҳои соҳаи тандурустии вилоятиву шаҳрӣ дар шаҳри Кӯлоб, аз бойгонии вилоятӣ маълумоти пурра дастрас нашуд, лозим донистем, ки бо ветерани ҷангу меҳнат Бегматов Мирзо, ки солҳои тӯлонӣ котиби аввали Кумитаи ҳизби коммунист ва раиси Кумитаи иҷроияи шаҳри Кӯлоб буд, суҳбат намоем. Вай ёдовар шуд, ки солҳои баъдиҷангӣ муассисаҳои тиббӣ ба таври мушаххас ба вилоятиву шаҳрӣ ҷудо карда намешуданд. Тамоми муассисаҳои тиббии вилоятӣ ва шаҳрӣ

дар ҳамин биноҳое, ки ҳоло беморхонаҳои бемориҳои сироятӣ, асаб, бемориҳои рӯҳӣ ва ташхисгоҳи суди-тиббӣ воқеанд, ҷойгир буданд. Бинои диспансери бемориҳои чашм (трахоматозный диспансер) ва бунгоҳи бемориҳои пӯст дар рӯ ба рӯи мактаби №5 ҷойгир буданд. Бинои ҳозираи бемориҳои сироятӣ баъди ҷанг, то сохтани бинои нав, шуъбаи таваллудхонаи беморхонаи вилоятӣ буд, ки онро табиби ниҳоят ботаҷриба, ҳалиму мушфиқ Евтеева Нина Фёдровна сарварӣ мекард. Шуъбаи кӯдакона низ, дар ҳайати беморхонаи зикршуда буд. Сарварии ин шуъбаро табиби хоксору мушфиқ Фриндлянд Ким Савелевич ба уҳда дошт, ки табиби ниҳоят ботаҷриба ва ташкилотчии моҳир буд. Вай солҳои 1962 -1965 вазифаи мудири шуъбаи тандурустии шаҳриро низ иҷро мекард. Бинои шуъбаи тандурустии вилоятӣ ва шаҳри Кӯлоб дар як иморат ҷойгир буданд. Ин иморат дар кучаи ба номи Сангак Сафаров аст, ҳоло дар он ҷо (поликлиникаи) маркази саломатии шуъбаи корҳои дохилаи минтақа ҷойгир аст. Мувофиқи маълумоти М. Бегматов баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ маркази саломатии шаҳрӣ ва вилоятӣ дар кӯчаи С.Сафаров, дар назди павилони «Яхмос» амал мекард, ки ин бино ҳоло шахсӣ кунонида шудааст.

Аввалин биное, ки баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар шаҳри Кӯлоб сохта шуд, ин беморхонаи кӯдакона дар кӯчаи 1-уми май аст. Сохтмони ин иншоотро аввали солҳои панҷоҳум сар карда, соли 1951 ба истифода дода буданд. Ошёнаи якуми ин бино омӯзишгоҳи тиббӣ ва ошёнаи дуюмаш беморхонаи кӯдакона буд. Сарварии ин беморхонаро Фридлянд Ким Савелевич ба уҳда дошт.

Бинои дигаре, ки солҳои панҷоҳуми асри гузашта қомат рост кард, омӯзишгоҳи тиббӣ буд. Ин иморатро соли 1960 ба истифода доданд. Аввалин директори ин омӯзишгоҳ Малаев Борис Нарянович буд. Дар ҳамин давра дар наздикии омӯзишгоҳ биноҳои беморхонаи вилоятӣ низ сохта шуданд.

Азбаски бемориҳои чашм ниҳоят зиёд буданду ҳамаро ин ҳолат ба ташвиш оварда буд, дар мудатти кӯтоҳ соли 1967 бинои бемориҳои чашм сохта, ба истифода дода шуд. Сохтмони бинои бемориҳои дил низ дар мудатти кӯтоҳ анҷом ёфт. Онро соли 1976 ба истифода доданд[8]. Аввалин табибон бо таҳсилоти олӣ аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ, ки Донишгоҳи тиббии шаҳри Душанберо хатм карда буданд, охири солҳои 50-уми асри XX ба вилояти Кӯлоб ба кор омаданд. Миқдори онҳо сол то сол меафзуду дар тамоми муассисаҳои соҳаи тандурустии вилояти Кӯлоб ба назар мерасиданд. Тамоми беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ, дармонгоҳҳо, бунгоҳҳо ва дигар муассисаҳои тиббии вилоятро омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб бо коркунони таҳсилоти миёна таъмин мекард.

Дар тӯли солҳои 1960-1970 дар ҳамаи ноҳияҳои вилояти Кӯлоб беморхонаҳои нав сохта ва ё беморхонаҳои куҳна таъмиру васеъ карда шуданд. Аз ҳисоби иморатҳои сохташуда шумораи катҳои ҳамаи беморхонаҳои минтақа афзуданд. Соли 1980 шумораи катҳои табобатхонаҳои вилояти Кӯлоб ба 4255 адад расид. Дар 11 таваллудхонаи ноҳияҳо ва шаҳри Кӯлоб, баъди ваъсекунонӣ шумораи катҳо ба 525 адад расонида шуд. Шумораи маслиҳатгоҳҳои занона, марказҳои саломатӣ барои кӯдакон ва бунгоҳҳои бо табибони таҳсилоти олидор ба 45 адад расонда шуд.

Дар муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар соли 1980 миқдори коркунони соҳаи тандурустӣ ба 670 нафар расид, ки аз онҳо 250 нафар табибон дорои таҳсилоти олӣ буданд. Баъди солҳои ҳаштодуми асри гузашта соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб рӯ ба инкишофу беҳбудӣ ниҳод, чунки дигар соҳаҳои хоҷагии халқ низ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуда буданд. Миқдори табибони маҳаллӣ бо таҳсилоти олӣ ба 727 нафар расиду табибони бо таҳсилоти миёна 2729 нафарро ташкил дод. Дар минтақаи Кӯлоб 49 беморхона амал мекард, ки онҳо дорои 4395 кат буданд. Дар ин муддат миқдори дигар муассисаҳои соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб низ афзуданд. Шумораи доруханаҳо ба 41, санаторияҳо ба 10 ва марказҳои саломатии деҳотӣ ба 25 адад расида буд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ аҳолии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои минтақа сол аз сол меафзуд.

**Таваллуд, вафот ва афзоиши табиии аҳолии минтақаи Кӯлоб (ба 1000 нафар)**

| СОЛҲО | Миқдори таваллуд | Миқдори вафот | Афзоиши табиии аҳолӣ |
|---|---|---|---|
| 1940 | 35,3 | 14,6 | 20,7 |
| 1950 | 37,3 | 8,6 | 28,7 |
| 1960 | 34,5 | 5,8 | 28,7 |
| 1970 | 37,8 | 6,2 | 31,6 |
| 1975 | 42,2 | 5,0 | 37,2 |
| 1980 | 41,8 | 7,9 | 33,9 |
| 1981 | 43,6 | 7,5 | 36,1 |
| 1982 | 44,0 | 8,1 | 35,9 |
| 1983 | 43,8 | 7,6 | 36,2 |
| 1984 | 44,9 | 7,1 | 37,8 |
| 1985 | 45,7 | 6,5 | 39,2 |
| 1986 | 48,8 | 7,0 | 41,8 |

**Миқдори аҳолии минтақаи Кӯлоб**

| солҳо | 1926 | 1939 | 1940 | 1941 | 1959 | 1966 | 1970 | 1973 | 1975 | 1976 | 1977 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори умумии аҳолӣ бо ҳисоби ҳазор нафар | 223,4 | 212,8 | 216,6 | 221,5 | 229,1 | 289,1 | 329,3 | 363,9 | 376,1 | 88,4 | 01,6 |
| | 1978 | 1979 | 1980 | 1981 | 1982 | 1983 | 1984 | 1985 | 1986 | 1987 | |
| | 415,1 | 442,6 | 453,6 | 466,8 | 481,8 | 497,3 | 512,3 | 528,0 | 549,1 | 570,1 | |

## Масоҳат ва миқдори аҳолии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб (ба ҳисоби ҳазор)

| р/т | Минтақаи Кӯлоб | Масоҳати ҳаз км² | 1969 | 1970 | 1979 | 1982 | 1983 | 1984 | 1985 | 1986 | 1987 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Минтақаи Кӯлоб | 12 | 229,1 | 329,3 | 442,0 | 481,8 | 497,3 | 512,0 | 528,9 | 549,1 | 570,1 |
| 2 | Кӯлоб | 0,3 | 54,3 | 81,0 | 115,5 | 127,7 | 132,1 | 108,4 | 113,0 | 117,6 | 122,1 |
| 3 | ВОСЕЪ | 0,8 | 38,2 | 61,5 | 80,0 | 87,0 | 89,6 | 92,2 | 94,7 | 98,1 | 101,8 |
| 4 | Данғара | 2,0 | 27,4 | 38,5 | 51,0 | 55,2 | 57,2 | 58,8 | 61,5 | 63,9 | 66,6 |
| 5 | Ҳамадаонӣ | 1,3 | 33,9 | 52,4 | 68,4 | 74,2 | 76,2 | 78,2 | 80,3 | 82,9 | 85,6 |
| 6 | Фархор | 1,2 | 30,1 | 47,9 | 61,0 | 65,8 | 67,7 | 69,2 | 71,0 | 73,8 | 76,6 |
| 7 | Темурмалик | 1,2 | 20,2 | 23,4 | 28,6 | 30,7 | 31,7 | 32,2 | 33,3 | 34,4 | 35,6 |
| 8 | Муъминобод | 1,0 | 25,0 | 25,5 | 36,9 | 41,2 | 42,8 | 44,7 | 46,3 | 48,2 | 50,3 |
| 9 | Ховалинг | 1,8 | 25,2 | 25,8 | 26,0 | 26,5 | 27,6 | 28,1 | 28,8 | 32,2 | 31,5 |
| 10 | Ш.Шоҳин | 1,4 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 11 | Балҷувон | 1,0 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |

Талаботи рӯзафзуни мардумро ба хизматрасонии тиббӣ ба эътибор гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим донист, ки дар шаҳри Кӯлоб силсилаи беморхонаҳои замонавӣ сохта шаванд. Солҳои 80-уми асри гузашта зербинои аксарияти биноҳои ин силсила сохта шуданд. Боиси таассуф аст, ки дар замони бозсозиҳои М.С. Горбачёв на танҳо дар сохтмони беморхонаҳои дар нақша буда, балки дар фаъолияти тамоми соҳаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб як ҳолати карахтиву пастравӣ ба назар мерасид.Бо вуҷуди ин, муассисаҳои тиббӣ талаботи онрӯзаи мардумро қонеъ карда наметавонистанд. Дар тӯли солҳои 90-уми асри гузашта, дар натиҷаи кашмакашиҳои бемантиқу бемаъни соҳаи тандурустӣ бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ шуд. Аксари табибон, на танҳо минтақаи Кӯлобро, балки Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намуданд.

Ҳаёт тақозои онро дошт, ки беморхонаҳои замонавӣ сохта шаванду таҷҳизотҳои тиббии муосир дастраси табибон гарданд. Аммо тазодҳои таърих, гардиши рӯзгор дар солҳои 90-уми асри XX ба ин имкон надод.

Баъд аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар натиҷаи ҷаҳду талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи тандурустии ин минтақа тадриҷан рушду нумӯъ ёфт.

### АДАБИЁТ


1. Бойгонии давлатии шаҳри Кӯлоб. -ф.3. -оп.7. -д.т.12.-л.16.
2. Иркаев М.И. История гражданской войн в Таджикистане / М.И. Иркаев. -Душанбе: Ирфон, 1970.
3. Иркаев М. Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ / М.Иркаев, Ю.Николаев, Я.Шарофов. -Сталинобод, 1960. -С 192-194.
4. Партийный архив центр политических исследований Комунистической партии Республики Таджикистан (ПА ЦПИ КП РТ). -ф.3. -оп.5. -д.46. -л.56.
5. Тоҷикистони сурх. -1946., 23 апрел.
6. Коммунист Таджикистана. 1950, 27 март.
7. Тоҷикистони Советӣ. 1980, 12 май.
8. Суҳбат бо Мирзо Бегматов-собиқ котиби аввали шаҳри Кӯлоб, аз 17 марти соли 2015.
9. Умури омори назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Точикистон. Народное хозайство Кулябской области (с. 1973 по 1986). «Юбилейний статической сборник к 70-летию Великого Октябрия». -Д., 1987.


### БАРҚАРОРСОЗӢ ВА РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СОҲАИ ТИБ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН (солҳои 1920-1990)


Дар мақола муаллиф масъалаи барқарор ва рушди хизматрасонии соҳаи тибби минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро дар солҳои 1920-1990 мавриди баррасӣ қарор дода, оиди сохтмони муассисаҳои тандурустӣ, вобаста ба теъдоди афзоиши аҳолии минтақа, давра ба давра маълумот додааст.



**Калидвожаҳо:** тиб, беморхонаҳо, марказҳои хизматрасонии тиббӣ, бунгоҳҳои муоличавӣ, бемориҳои сироятӣ.


### СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ МЕДИЦИНСКОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ В КУЛЯБСКОМ РЕГИОНЕ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТ (1920-1990 год)


В данной статье автор рассматривает вопросы становления и развития сферы здравоохранения Кулябского региона Хатлонской области в 20-90-ые годы XX-го века и появление новых медицинских учреждений поэтапно с популяцией населения региона.



**Ключевые слова:** медицина, больницы, оздоровительный центр, медпункты, развитии медицины, вирусные заболевания.


### FORMATION AND DEVELOPMENT OF MEDICAL SERVICES IN THE KULIAB REGION

**OF THE KHATLON REGION (1920-1990)**
In this article, the author considers the development and development of the health sector in the Kulyab region of the Khatlon region in the 20-90s of the XX century and the emergence of new medical institutions in stages with the population of the region.
**Keywords:** medicine, hospitals, health center, medical posts, medical development, viral diseases.

**Сведения об авторе:** ***И. Махмадов*** – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, преподаватель кафедры истории и права. Телефон: **(+992) 935-92-98-78**

# САҲМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОМОДА КАРДАНИ МУТАХАССИСОНИ АРАБШИНОС

***Қамаров А.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Арабшиносӣ аз ҷумлаи соҳаҳои вусъатёфта буда, дар тамоми давлатҳои ҷаҳон бо ҳадафҳои гуногун омӯхта мешавад. Боризтарин ҳадафи арабшиносӣ дар замони муосир, омӯзиши забон, фарҳангу тамаддуни арабӣ ва такмилу густариши ҳамкориҳо бо давлатҳои арабӣ мебошад.

Ҷойи тазаккур аст, ки мафҳуми арабшиносӣ ба худи арабҳо чандон мувофиқ нест, вале дар асрҳои миёна ва замони муосир равандҳои мухталифи ҷомеа ва омехта шудани фарҳангҳо ба он оварда расонд, ки арабшиносӣ дар худи кишварҳои араб аз ҷумлаи соҳаҳои эътирофшуда ба ҳисоб меравад.

Мафҳумҳои арабшиносӣ, ховаршиносӣ ва шарқшиносӣ тақрибан ҳаммаъно ва шабеҳи ҳам буда, бо мурури замон такмилу густариш пайдо кардаанд. Вожаи "шарқшиносӣ" маънояш шинохтани Шарқ бо омӯзиши забону адабиёт, таъриху дин, касбу ҳунарҳои гуногун, фалсафа, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳар чизе, ки ба шарқиён (арабҳо, форсҳо, ҳиндуҳо ва дигар миллатҳо) тааллуқ дорад, мебошад [1].

Тибқи ёдгориҳои таърихии то замони мо расида дар асрҳои миёна забони арабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон мавқеи хоссаеро касб намуда будааст.

Дар гузашта забони арабӣ мақому манзалати волое дошта, дар қитъаҳои Осиё, Африқо ва Аврупо нақши забони байналмилалиро иҷро мекард. Бахусус баъд аз интишор ёфтани дини ислом дар манотиқи зикршуда, зарурати омӯзиши ин забон ба миён омад. Дар натиҷа ба забони арабӣ намояндагони миллатҳои гуногун асарҳои гаронбаҳои адабӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, фалсафӣ, тиббӣ, рисолаҳо доир ба риёзиёт, ситорашиносӣ, наботот, маъданҳо ва ғайра навиштаанд.

Робитаи мардуми тоҷик ба арабшиносӣ таърихи қадима дошта бошад ҳам, таълими забони арабӣ дар миёни мардуми тоҷик ба таври бояду шояд ва яку якбора дар шакли имрӯзааш ба роҳ монда нашуда буд.

Баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1924 ва хосатан ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929, шарқшиносии тоҷик ва дар ин замина омӯзиши забони арабӣ вобаста ба сиёсати ҳизби коммунист ва давлати Шӯравӣ мутобиқи методологияи нав ва дар заминаи таҳқиқоти муосири илмӣ арзи ҳастӣ намуд.

Бо назардошти умумиятҳо ва робитаҳои қадимии фарҳангӣ, таърихӣ ва илмии мардуми тоҷик бо халқҳои дигари Осиё, ҳамчунин дурнамои инкишофи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамгироии минбаъдаи он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ба кишварҳои араб, соли 1958 дар асоси шуъбаи адабиёти классикӣ ва шуъбаи дастхатҳои институти забон ва адабиёти АИ ҶШТ шуъбаи "шарқшиносӣ" ва осори хаттии ҶТ асос ёфт [4].

Инчунин, дар ҳамин сол дар заминаи факултаи таърих ва филологияи ДДТ ба номи Ленин шуъбаи шарқшиносӣ бо кафедраҳои забон ва адабиёти форсӣ ва забону адабиёти арабӣ таъсис дода шуд [4]. Аввалин мудири ин шуъба донишманди соҳаи адабиёти шӯравии тоҷик А. Мирзоев буд, ки то соли 1960 адои вазифа намуда, ҳамзамон вазифаи мудирӣ ва директории Институти шарқшиносиро ба уҳда дошт, ки то охири ҳаёташ (1976) ифои масъулият намудааст [4]. Ҷолиби таъкид аст, ки аз нахустин рӯзҳои таъсиси факултети шарқшиносӣ кафедраи филологияи араб яке аз кафедраҳои бонуфузтарини факултет ба ҳисоб рафта, дар тӯли фаъолияти худ доир ба ташкили корҳои илмӣ, таълимию методӣ ва тарбиявӣ таҷрибаи ғанӣ дорад. Кафедра соли 1968 бо ташаббус ва

иштироки бевоситаи дастпарвари Донишгоҳи Санкт-Петербург (собиқ Ленинград) профессор Владимир Павлович Демидчик таъсис ёфтааст. Профессор В.П. Демидчик то охирин рӯзи ҳаёти пурбаракаташ (1987) сарварии кафедраро ба уҳда дошт. Хизматҳои профессор В.П. Демидчик дар рушди илми шарқшиносии тоҷик сазовори таҳсин аст. Ӯ барҳақ, пешоҳанги мактаби мустақили арабшиносии тоҷик эътироф шудааст, ки фаъолияти ӯ борҳо дар конфронсҳои минтақавӣ, конфронси сеюми умумииттифоқии арабшиносон (Ереван, 1968), конфронси умумииттифоқии шарқшиносони ҷавон (Тбилиси, 1973), конфронси умумииттифоқии шарқшиносон (Душанбе, 1988) ва ғайра баҳои баланд гузаштаанд.

Устод Ҳасан ан-Наққош аз аввалин устодони забони арабӣ дар шуъбаи арабӣ буд, ки дар тӯли 20 сол шогирдони зиёди болаёқатро ба воя расонд. Ӯ соли 1966 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Адабиёти қарни XIX–и Эрон» ҳимоя карда, баъдан ба таҳқиқи адабиёти арабизабони қарнҳои миёна машғул шуд ва натиҷаи таҳқиқоти худро ба сифати монография таҳти унвони «Сулолаи Бувайҳиён» ба табъ расонид. Соли 1996 70-солагии устод Ҳасан ан-Наққош бо иштироки ҳайати профессорону устодони факултет, раёсати донишгоҳ ва меҳмонони зиёд таҷлил гардид [3].

Солҳои гуногун дар доираи ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ устодону олимони зиёде аз кишварҳои араб дар кафедра кор кардаанд, ки дар байни онҳо Ҳусейн Алӣ Мафуз (Ироқ), Мунир Мурсӣ, Муҳаммад ал-Басйунӣ, Зу-н-Нун ал-Мисрӣ ал-Ҷамол (Миср), Фахрӣ Марақа (Урдун) Мунир аш-Шинавӣ (Миср), Ёсир Муҳаммад Мансур (Судон), Халафуллоҳ Амин (Судон), Мустафо Салоҳ (Миср) ва Валид Муҳаммад (Миср) будаанд, ки барои тайёр кардани кадрҳои миллӣ саҳми арзанда гирифтаанд.

Дар солҳои 70 – уми асри гузашта кафедраи филологияи араб барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои мактабҳои олии Украина, Ӯзбекистон ва Қазоқистон саҳми арзанда дошт. Баъд аз профессор В.П.Демидчик сарварии кафедраро М.Ш. Ҳусейнзода (1988- 2004) ба дӯш гирифт.

Бо пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандии дохилӣ аксари соҳаҳои илм ва маориф муддате ба рукуд рафта, аз рушду такомули худ ба гунае тавaққуф карданд. Воқеан, ин ҳама ба омӯзиши забони арабӣ ва ба кафедраи филологияи араб бетаъсир намонд. Вале бо ҳиммати мардонаи устодон: зери роҳбарии мудири кафедра М.Ш. Ҳусейнзода тавонистанд обурӯи кафедра ва нуфузи онро дар ҷумҳурӣ ва берун аз он нигаҳ доранд.

Чи тавре ишора шуд, сарварии кафедраро дар марҳилаи низои дохилӣ ва замони истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ М.Ш. Ҳусейнзода (1988- 2004) ба уҳда дошт. М.Ш. Ҳусейнзода дар баробари тарбияи насли нави арабшиносони тоҷик дар ҷодаи илм низ содиқона фаъолият мекард ва моҳи декабри соли 2000 рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Масъалаи жанри таърихӣ дар адабиёти тарҷумаҳолии араб (сира)» ҳимоя намуд ва ба гирифтани унвони профессор ноил гашт. Бинобар вафот намудани устодон: Ш. Хушвақтов (2001), М.Ш. Ҳусейнзода (2004), Ҳ.Қ. Муминов (2004) ва аз ҳисоби афзудани шумораи донишҷӯён тавсеаи нисбӣ ёфтани кафедраи филологияи араб дар солҳои аввали 2000-ум ниёз ба ҷалб намудани устодони ҷавон аз зумраи хатмкардагони худи ҳамин шуъба пайдо шуд. Дар натиҷа дар солҳои 2000-2005 ҷавонони лаёқатманду забондон, аз қабили Саломов А. (2000), Яқубов Т. (2002), Нуриддинова Ш. (2002), Раҳимов Х. (2003), Алиёров М. (2004) Исмонов К. (2005) ба кор ҷалб карда шуданд.

Бо ҷалб шудани профессор С. Сулаймонов (2004 – 2012) ба кафедраи филологияи араб фаъолияти илмиву амалӣ ва методии кафедра аз нав эҳё карда шуд. Воқеан, дар як муддати кӯтоҳе дар давраи роҳбарии профессор С. Сулаймонов кафедра бо дастурҳои таълимӣ ва барномаҳои корӣ барои тамоми курсҳо ва семенарҳои махсус таъмин шуд, дар ҳоле ки ин камбуд ҳанӯз дар замони Шӯравӣ ҳалли худро наёфта буд.

Гузашта аз ин, дар давраи роҳбарии ӯ 11 нафар унвонҷӯ ва аспирант, аз ҷумла 7 нафар бевосита зери роҳбарии ӯ, рисолаҳои номзадии худро бомуваффақият дифоъ намуда, халои унвондорони илмиро, ки ҳанӯз аз рӯзҳои аввали таъсиси кафедра эҳсос мешуд, пур намуданд.

Имрӯз дар шуъбаи арабии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо донишҷӯёни зиёд, магистрантҳо ва унвонҷӯву докторантҳо аз рӯйи ихтисос таҳсил менамоянд, ки ба онҳо устодони зерин: д.и.ф., профессор Сулаймонов С., д.и.ф. Зоҳидӣ Н., дотсентон: Исаева Ф.,

Шукроева С., Саломов А. (мудири кафедра), Амин Халафалла, Шодиев М., Яъқубов Т., Нуриддинова Ш., муаллимони калон: Раҳимов С., Тоҳиров М., Худойдодова С., Латипов М., Исмонов К., Солиҳов Н., Шарипова З., ассистентон: Алиёров М., Раҳимов Х., Каримова Д., Саидов С., Рамазонов М., Илёсов Ф., Тураев А., Ҳомидов С. аз забону адабиёт, таърихи ҷуғрофиё ва дигар илмҳои ба забону адаби араб ва арабшиносӣ марбут таълим медиҳанд.

Ба ҳамин тартиб, имрӯз дар кафедраи филологияи араб 21 нафар устод фаъолият мекунанд, ки дар байни онҳо як профессор, ҳафт дотсент, шаш муаллими калон ва ҳафт ассистент ҳастанд. Аксарияти муаллимонро дастпарварони факултет ташкил медиҳанд, ки дорои таҷрибаи корӣ ва омӯзишӣ дар кишварҳои араб ва дигар давлатҳо мебошанд. Аз ҷумла, профессор Сулаймонов С. дар (Яман) ва (Ироқ) дотсент Шодиев М. (Сурия), дотсент Саломов А. дар Донишгоҳи Муҳаммади V (Марокаш, 2001-2003), муаллими калон М. Тоҳиров дар Донишгоҳи Қоҳира (Ҷумҳурии Мисри Араб, 1967), марҳум профессор М. Ҳусейнзода дар Донишгоҳи Санъо (Яман, 1967), марҳум дотсенти кафедра К. Мусофиров дар Донишгоҳи Бағдод (Ироқ 1966), дотсент С. Ғоибов дар Донишгоҳи ба номи Вашингтон, Сиэттл, (Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 1996) ба корҳои тарҷумонӣ, омӯзишӣ ва илмию таҳқиқотӣ машғул шудаанд.

Вижагии арабшиносии дирӯзу имрӯзи тоҷик, пеш аз ҳама, дар ошно намудани насли нав бо осору навиштаҳои ниёгонашон мебошад, ки дар тӯли садсолаҳо пас аз интишори ислом дар сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр бо забони арабӣ навишта шудаанду имрӯз дар шакли дастхат то ба мо расидаанд. Аз он ҷо, ки Эрону форсизабонон бори аввал бо арабҳо бархӯрд намуданд, дар пайдоиш, тараққӣ ва ташаккули фарҳанги исломӣ ҳамчун як фарҳанги наве, ки пояҳои он дар асоси фарҳанги халқҳои мухталиф бунёд ёфта буд, саҳми арзанда доранд. Дар ин ҷода Тоҷикистон дар шароити кунунӣ яке аз созмондиҳандагони фарҳанги исломӣ ва ғанигардонандагони он мебошад, ки инро гуфтори муҳаққиқи бузурги араб ва ҷаҳон Ибни Халдун, тасдиқ мекунад: ”Аксари парчамбардорони илм дар ҷаҳони Ислом аҷамиён мебошанд”. Аз ин нуқтаи назар нақши забони тоҷикӣ дар шинохт, густариш ва тарғиби ин фарҳанг басо чашмрас мебошад. Хато намекунем, агар гӯем, ки ҳар забоншинос ва адабиётшиноси тоҷик дар забону адабиёти тоҷик вақте забоншинос ва адабиётшиноси воқеӣ ва мутахассиси хуб мешавад, ки ба таври бояду шояд аз забони арабӣ огаҳӣ дошта бошад ва ба гунае арабшинос бошад.

Дар тӯли бештар аз 50 сол кафедраи филологияи араб маркази ягонаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси арабшинос дар ҷумҳурӣ ва яке аз марказҳои беҳтарини арабшиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳоло низ, бо вуҷуди он ки дар баъзе донишгоҳҳои Тоҷикистон шуъбаҳову кафедраҳои дар робита ба омӯзиши шарқшиносӣ амал кунад ҳам, кафедраи филологияи араби ДМТ маркази асосии таълиму омӯзиш ва тарбияи мутахассисони варзидаи ин соҳа боқӣ мемонад.

Кафедраи филологияи араб барои шуъбаҳои шарқшиносии донишгоҳҳои Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ низ кадрҳои баландихтисос тайёр кардааст. Дар солҳои 70 – уми асри гузашта кафедраи филологияи араб барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои мактабҳои олии Украина, Ӯзбекистон ва Қазоқистон саҳми арзанда дошт.

Имрӯз дар факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, шуъбаҳои шарқшиносии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ва дигар муассисаҳои таълимию давлатӣ дастпарварони факултет, аз ҷумла, докторони илми филология Т. Мардонов, У. Ғафурова, доктори илми фалсафа И. Зиёев, Х. Зиёев, А. Абдусатторов, Н. Зоҳидӣ, Ҳ. Мақсудов, Н. Ғиёсов, Ф. Бобоев, М. Исоев ва дигарон кору фаъолият доранд. Дастпарвари кафедра С. Ниёзов дар яке аз донишгоҳҳои бонуфузи Канада кор мекунад. Ҳамчунин, бисёр дастпарварони кафедра дар вазоратҳову сафоратҳо ва идораҳои давлатӣ ифои вазифа мекунанд. Дар байни онҳо К. Юлдошев, Э. Раҳматуллоев, Э. Қосимов, А. Юлдошев, Н. Назаров, Р. Носиров, М. Лиқоев, Н. Шамсов, З. Зубайдов, М. Нурова ва дигарон ҳастанд.

Агар дар замони Шӯравӣ кафедраи филологияи араб бештар ба тарбияи кадрҳои забондон ва ба гунае дипломатҳои муаррификунандаи Шӯравӣ таваҷҷуҳ менамуд, дар замони соҳибистиқлолӣ дар баробари тарбияи кадрҳои забондону дипломатҳои тоҷик ба

эҳё ва тарҷума намудани мероси гаронбаҳои миллати тоҷик, ки дар асрҳои миёна ба забони арабӣ навишта шудаанд, диққати ҷиддӣ менамояд.

Бо касби истиқлол Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ниёз ба он дорад, ки равобит ва алоқаҳои сиёсиро бо кишварҳои араб ё бо бархе аз онҳо барқарор намояд.

Кадрҳои арабшиноси омодакардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни давлатӣ кору фаъолият менамоянд, аз ҷумлаи онҳо:

**Комил Мусофиров** (1937-2014). Номзади илми филология (1973). Дотсент (1975). Аввалин хатмкардаи факултаи забонҳои Шарқи ДДТ ба номи В.И.Ленин (1958-1963) ва муҳассили яксолаи Донишгоҳи Бағдод (1962-1963). Декани факултаи шарқшиносӣ (1983-1995). То лаҳзаҳои охири ҳаёташ (2014) дар кафедра ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти араб фаъолият намудааст.

Дорандаи чандин ордену медал ва таърифномаю грамотаҳои донишгоҳиву ҳукуматӣ мебошанд, аз ҷумла: «Нишони аълочии мактабҳои олии СССР», «Медал барои меҳнати шуҷоатнок» ва дорандаи унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон».

**Ос.**: Ба қалами устод бештар аз 50 мақолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва зиёда аз 20 китобҳои тарҷумавӣ (аз арабӣ) ва худӣ тааллуқ доранд, ки аз ҷумлаи онҳо: Китоби дарсии «Забони арабӣ» (1975), «Маҷмӯаи ҳикоя ва латифаҳои арабӣ» (1970), «Ҳикояҳои арабӣ» (1985), «Шарораи аввалин» (1988), «Фирор» (роман-1990), «Муҳаббати пок» (роман-1990), китоби таълимӣ «Муколама» (1998), «Арабские анекдоты» (1998), «Латифаҳои арабӣ» (2002), «Латоиф ва амсол» (20004), «Ном ва номгузорӣ» (2007), «Таълими забони арабӣ бе муаллим» (2009), китоби дарсӣ барои синфҳои 10-и мактабҳои ҷумҳурӣ «Забони арабӣ» (2009), «600 латифа ва ҳикматҳои арабӣ» (2011), «Қонуни табиат» (2013), «Наводир ва ҳикматҳои арабӣ» (2013) ва ғайраро зикр карда метавон [5].

**Тоҳиров Мирзо** (тав. 1938, зодаи деҳаи Арғанкӯли ноҳияи Сангвор). филолог-шарқшинос, муаллими забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ. Хатмкардаи шуъбаи арабии факултети таъриху филологияи тоҷики ДДТ. (1966). Муаллими забони арабӣ дар факултети забонҳои Шарқ (1971).

Дорандаи медали барои «Шуҷоати ҳарбӣ» (1970), медали «Вентерани ҷанги Афғонистон» (1981) ва «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (2011) [5].

**Раҳимов Ситам** (тав. 02. 05. 1940, зодаи деҳаи Саддаҳои ҷамоати Сари Хосори ноҳияи Балҷувон). Филолог-шарқшинос. Муаллими калони кафедраи филологияи араб. Хатмкардаи шуъбаи адабии факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (1959-1964). Лаборанти кафедраи забони арабӣ (1964). Ассистенти кафедра (1967). Мутарҷим дар Ҷумҳурии Сурия (1968). Хатмкардаи курси ҳарбии тарҷумонии институти Ҳарбии забонҳои хориҷии Москав (1969). Мутарҷими ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Мисри Араб (1970-1972). Алҳол муаллими калони кафедраи филологияи араб.

Дорандаи медали барои «Шуҷоати ҳарбӣ» (1970), медали «Ветерани ҷанги Афғонистон» (1981) ва «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (2011) [5].

**Ос.**: Китоби дарсӣ барои синфҳои 11-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ «Забони арабӣ» (2010), Раҳимов С., Раҳимов Б.

**Сайидраҳмон Сулаймонӣ** (тав. 10.05.1947 ноҳияи Тоҷикободи Ҷумҳурии Тоҷикистон), забоншинос, номзади илми филология (1979). Дотсент (1980). Доктор (1997). Хатмкардаи шуъбаи арабии факултаи таърих ва филологияи ДДТ (1969). Аз соли 1972 то соли 1985 ба ҳайси муаллим ва сипас дотсенти кафедраи филологияи араби факултети шарқшиносии ДДТ кор кардааст. Мутарҷими мушовири командири қувваҳои хушкигард дар Ҷумҳурии Арабии Яман (1970-1971) ва мутарҷими мушовири иқтисодии сафорати СССР дар Ҷумҳурии Ироқ (1980-1983). Ходими калони илмӣ (1985-1992) ва мудири бахши тарҷума ва таҳияи мероси фалсафии Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ (1992-2005). Мудири кафедраи филологияи арабии ДМТ (2005-2012). Аъзои ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон – Шоҳигарии Арабистони Саудӣ. Аъзои ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон – Либия. Аъзои Шӯрои дифои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ доир ба илмҳои филологӣ. Узви вобастаи Академияи забони арабӣ дар Қоҳира. (Ҷумҳурии Мисри Араб). Дорандаи унвони фахрии медали "Хизмати шоиста" (2003) ва "Арбоби илм ва техника" (2011).

**Ос.**: Ташаккули забони фалсафаи тоҷик. (монография) 1997. Сулаймонӣ. С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ (70 000 калима). Дар 2- ҷилд, 2004-2005; Сулаймонӣ. С.

Фарҳанги васити арабӣ – тоҷикӣ (30 000 калима), 2008. Дастури мукотиботи бозаргонӣ ба забони арабӣ ва тоҷикӣ (Дастури таълимӣ), 1999. Мавлоно Ҷомии Сонии Қаротегинӣ (Таҳқиқ ва тарҷума аз арабӣ ба тоҷикӣ), 2005; Очерки мухтасари сарф (морфология)-и забони арабӣ. (дастури таълимӣ) 2005; Фарҳанги шомили арабӣ – тоҷикӣ (100 000 калима), 2011; Фарҳанги шомили алифбоии арабӣ – тоҷикӣ – русӣ (120 000 калима), (зери табъ). Тарҷумаҳои илмӣ аз арабӣ ба забони тоҷикӣ: Омар Хайям: «Философские трактаты» (комментарии и подготовка текста к издании), 2002; Садруддин аш-Ширази: трактат «Небесная мудрость». Алмаата, 2004; Осори Ибни Сино: «Ҳикмати машриқия», «Ҳидоя», «Ибора» аз «Китоб-уш-шифо», маҷмӯи «Осори ирфонӣ ва динии Ибни Сино» (20 рисола), аз ҷумла рисолаҳои: «Ҳудуд», «Андар ахлоқ», «Тафсири Ибни Сино ба бархе аз сураҳо ва оятҳои Қуръон», «Андар ишқ», «Саломон ва Абсол», «Ҳай ибни Яқзон», «Рисолаи тайр», «Илми ладунӣ», «Андар салот», «Фирдавс дар моҳияти инсон», «Андар ҳузн», «Аршия дар сифоти Аллоҳтаоло» ва ғайра [3].

**Тоҷиддин Мардонов** (04.12.1947 зодаи ноҳияи Ҳисор, деҳаи Дурбат) филолог-шарқшинос, номзади илми филология (1986), доктори илми филология (2007). Хатмкардаи шуъбаи забони арабии факултаи шарқшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин (1972). Тарҷумон дар давлати Яман (1970 ва 1989-90). Лаборанти Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон (1973-79). Тарҷумон дар Чумхурии Ироқ (1979-1983). Корманди Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон (1983-89). Ходими калони илмӣ (1990). Раиси девони Вазорати корҳои хориҷӣ, ёвари вазир, сардори раёсати кадрҳо ва иттилооти махсус, ҷонишини вазир (1992-95). Сафири фавқулода ва Томмулихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (1995-2001) ва дар Туркманистон (2001-2004) [4].

**Шодиев Мирзохуҷа** (18.02.1955, зодаи ноҳияи деҳаи Лочирки Тавилдара, филолог-шарқшинос, номзади илми филология (1990), Хатмкардаи шуъбаи забони арабии факултаи шарқшиносии ДДТ ба номи В.И.Ленин (1977). Тарҷумон дар давлати Ироқ (1977-78). Корманди Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон (1979). Тарҷумон дар Ҷумхурии Либия (1981-1984). Хатмкардаи аспирантура дар назди кафедраи филологияи араб (1984- 1987). Тарҷумон дар Ҷумҳурии Сурия (1995-2001). Ёвари вазир ва сардори идораи Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҶТ (2001-2008). Ҳамзамон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз фанни забони арабӣ дарс мегуфт. Мушовири Созмони байналмилалии муҳоҷират (2008-2009). Аз соли 2009 то ҳол дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз фанни забон ва адабиёти араб дарс мегӯяд.

**Ос.**: Шодиев М. зиёда аз сӣ мақолаи илмӣ ва илмӣ – оммавӣ, монография дар мавзӯи «Мансури Халлоҷ-шоири мутасаввиф» (2012) ва як идда маводи таълимӣ барои чоп омода намудааст.

**Абдуллоҳ Юлдошев** (20.10.1948 зодаи шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон) филолог-шарқшинос, номзади илми филология (1987). Хатмкардаи шуъбаи забони арабии факултаи шаркшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин (1972). Тарҷумон дар давлати Яман (1970-72). Тарҷумон дар Чумҳурии Ироқ (1977-1981). Мудири шуъбаи Осиё ва Африқои Идораи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992-94). Мудири Идораи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ВКХ (1994-97). Мудири шуъбаи Осиё ва Африқои ВКХ (1998-2004). Мушовири котиботи Созмони Ҳамкории Шанхай (2004-2006). Ҷонишини Вазири корҳои хориҷӣ (2006-2007). Ҷонишини якуми Вазири корҳои хориҷӣ (2008-2010). Сафири фавқулода ва Томмулихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ (2010-2014). Ҳоло дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология кору фаъолият менамоянд [7].

**Назрулло Назаров** (30.01.1949 зодаи вилояти Суғд) филолог-шаркшинос, аъзои Иттифоқи нависандагон. Хатмкардаи шуъбаи забони арабии факултаи шаркшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин (1972). Тарҷумон дар Ҷумҳурии Ироқ (1973-1974). Ходими калони Ассотсиатсияи тоҷикии дӯстӣ бо хориҷиён (1975-1978). Тарҷумон дар Ҷумҳурии Ироқ (1978-1982). Корманди шӯрои оид ба корҳои дин (1982-1987). Ҷонишини раиси кумитаи ҳамфикрии мардумони Осиё ва Африқо (1987-2002). Ҷонишини мудири шуъбаи Осиё ва Африқои ВКХ (2002-2004). Мудири шуъбаи Осиё ва Африқои ВКХ (2004-2007). Сафири фавқулода ва Томмулихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мисри Араб (2007-2014).

Назрулло Назаров суруди миллии Тоҷикистон, чанде аз шеърҳои М. Миршакар, Гулназар К., Гулрухсор ва дигар шоиронро ба арабӣ тарҷума карда, китоби Президент “Тоҷикон дар оинаи таърих” бо роҳбарии ӯ дар се ва чор ҷилд дар шаҳри Қоҳира ба чоп расидааст. Соли 2007 бо ордени “Шараф” дараҷаи 2 сарфароз гардида, дар шабакаи ҷаҳонии интернет сомонаи “Tarjumon.com”-ро дорад [7].

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар омода кардани мутахассисони арабшинос нақши аввалиндараҷа дорад ва барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи донишандӯзӣ, кӯшишу талошҳои мутахассисону олимони таҷрибадор лозим мебошад.

Сафарҳои гунонҷанбаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои арабӣ, мисли Арабистони Саудӣ, Қатар, Қувайт, Аморати Муттаҳидаи Араб, Миср ва ғайра сабаб гардид, то шартномаҳои зиёде дар соҳаи иқтисоду тиҷорат, сиёсат ва илму фарҳанг баста шаванд. Ҳамин тавр, бо истифода аз ин алоқаҳои дипломатӣ ва шартномаҳои басташуда метавон вазъи кунунӣ ва оянадаи ҳамкориҳои илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабро мавриди баррасӣ қарор дод.

## АДАБИЁТ


1. Б.Н. Зарытовская. Тексты для чтения на арабском языке: учебное пособие / Б.Н. Зарытовская, Н.Б. Ковыршина. – Москва: Восток Запад, 2007. – 200 с.
2. Дустмурод Саидмурадович Саидмурадов. Из истории востоковедения в Таджикистане (1917-1958гг.) / Д. С. Саидмурадов, Ю. С. Мальцев, М. Осимӣ. Институти шарқшиносӣ. (Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон). –Душанбе: Дониш, 1990. -204 с.
3. Муҳаммадюсуф Имомзода. 25 зинаи камолот (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар масири истиқлолият) / М. Имомзода, С. Сафармамадов, Ҳ. Раҳмон, Қ. Расулиён. – Душанбе: Эр-граф, 2016. -772 с.
4. Хуросонӣ А.М. Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) / А.М. Хуросонӣ, Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. -629 с.
5. Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2008. -189 с.
6. [Захираи электронӣ]. www.ca-news.org
7. [Захираи электронӣ]. www.centrasia.ru
8. [Захираи электронӣ]. www.ivran.ru/about-institute
9. [Захираи электронӣ]. www.tjinform.com/ru/news
10. [Захираи электронӣ]. www.who.ca-news.org



## САҲМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОМОДА КАРДАНИ МУТАХАССИСОНИ АРАБШИНОС

Дар ин мақола дар бораи хадамоти донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар омода кардани арабшиносони ботаҷриба сухан рафта, таърихи арабашиносии тоҷик низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф кушидааст, то оид ба хидмати устодони соҳаи арабшиносӣ ва шогирдони тарбиякардаи онҳо маълумотҳои лозимаро дар ин мақола ҷамъоврӣ намояд. Воқеан, кадрҳои омода кардаи ДМТ дар сохторҳои гуногуну баландпояи ҳукуматӣ адои вазифа кардаанд ва то имрӯз мекунанд.

**Калидвожаҳо:** арабшиносӣ, сафир, Вазорат, шарқшиносӣ, араб, фарҳанг, дипломатҳо, ёвар, вазир, филология.



## ВКЛАД ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА В ПОДГОТОВКЕ АРАБИСТОВ

В данной статье автор расматривает вклад Таджикского национального университета в подготовке квалифицированных арабистов и историю таджикской арабистики. Автор привел данные о профессорско-преподавательском составе и их учениках в сфере изучения арабского языка. Действительно кадры, подготовленные в Таджикском национальном университете, вели и продолжают свою трудовую деятельность в органах власти и управления.

**Ключевые слова:** арабистика, посол, министерство, востоковедение, араб, культура, дипломаты, помощник, министр, филология.



## CONTRIBUTION OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY IN THE PREPARATION OF ARABISTS

**Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова**

Здоровый образ жизни подрастающего поколения является одной из главных проблем сегодняшнего дня. В связи с этим спорту принадлежит значительная роль в воспитании молодого поколения нашей страны. Перед спортивными школами страны стоят задачи оздоровительного, воспитательного и образовательного характера. В современной жизни физическая культура и спорт становятся одними из действенных средств воспитания ребенка, формирования у него активной жизненной позиции.

Спорт является составной частью физической культуры, а также средством физического воспитания. Тренировочные и соревновательные занятия обеспечивают реализацию таких задач, как воспитание дисциплины, трудолюбия в ребенке, чувство коллективизма и товарищества, способствуют формированию навыков культуры поведения. В связи с этим возникает необходимость повышения эффективности управления сферой физического культуры и спорта.

В результате проведенной исследовательской работы были выявлены следующие недостатки в деятельности спортивной школы города Канибадама Согдийской области Республики Таджикистана:

- нехватка высококвалифицированных тренеров-преподавателей;
- отсутствие квалифицированного спортивного врача в штате;
- количество необходимого спортивного инвентаря не соответствует требованиям Государственного стандарта спортивной подготовки;
- недостаточное финансирование со стороны государства (не полностью обеспечивается проезд к месту проведения тренировок и обратно; не всегда обеспечивается питание и проживание в период проведения спортивных мероприятий), что не соответствует требованиям вышеупомянутого государственного стандарта, пункта 29;
- отсутствие специалистов по спортивной психологии.

Нехватка высококвалифицированных тренеров-преподавателей не позволяет достичь высоких результатов деятельности школы. Более подробно роль тренера – преподавателя в деятельности спортивной школы была рассмотрена нами в предыдущей статье, опубликованной в научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» [5].

Наличие спортивного врача играет важную роль в процессе подготовки спортсменов к тренировкам и в поддержании здоровья спортсменов в целом. Совместная работа тренера и врача обеспечивает оздоровительную направленность занятий, достижение высокого уровня спортивной формы, помогает предупредить и вовремя выявить нарушения в состоянии здоровья. Кроме того, врач участвует в разработке отдельных вопросов планирования тренировок, осуществляет санитарно-гигиенический надзор за местами тренировок и условиями проживания и питания спортсменов.

После проведения медицинского обследования врач и тренер обсуждают его результаты и совместно планируют восстановительные мероприятия, оздоровительные сборы. Тренеру следует помнить, что один и тот же режим тренировки, одни и те же нагрузки по-разному влияют на организм спортсмена. С одной стороны, это будет укрепление здоровья, расширение функциональных возможностей и повышение тренированности спортсмена, а с другой — переутомление, а иногда и развитие различных заболеваний. На основании конкретных медицинских данных и наблюдений за спортсменом врач дает тренеру объективную информацию для планирования тренировочного процесса и рационального проведения занятий.

Совместная работа врача и тренера является основой эффективности учебно-тренировочного процесса. Она охватывает все его звенья: отбор, допуск, спортивную ориентацию, контроль за здоровьем, предупреждение и выявление заболеваний и травм, предупреждение переутомления, контроль за переносимостью тренировочных нагрузок, за режимом отдыха и питания спортсмена.

Корректируя питание спортсменов, врач по спортивной медицине может и назначить необходимые биологически активные добавки к пище, витаминно-минеральные комплексы, которые помогают спортсменам:

- повысить общую выносливость организма при регулярных тренировках;
- быстрее восстанавливаться после тяжелых физических нагрузок;
- ускорить рост рельефной мышечной массы;
- достигнуть желаемой формы при похудении;
- обеспечить правильный обмен веществ;
- использовать собственные запасы жира для восполнения энергии.

Разъяснительная работа спортивного врача (врачебные советы, беседы, лекции) позволяет значительно уменьшить вероятность травм. Важное значение в предупреждении спортивных

травм имеет регулярный контроль со стороны администрации, тренеров-педагогов за состоянием мест занятий, спортивного инвентаря, оборудования, защитных приспособлений, соответствующих виду спорта и правилам соревнований. Спортивный врач проверяет, как выполняется этот контроль.

В предупреждении спортивного травматизма имеет значение правильно организованный учет травм, произошедших во время занятий и соревнований. После оказания первой медицинской помощи врач выясняет причину возникновения травмы. В этом большую помощь ему оказывают тренеры, спортсмены, судьи соревнований. Травмы необходимо тщательно изучать, выявлять причины их возникновения и определять необходимые меры по их устранению. Каждый такой случай необходимо подробно обсуждать на тренерском совете, а также со спортсменами.

При уделении должного внимания предупреждению спортивных повреждений при занятиях спортом, правильном выполнении методических и организационных указаний, хорошей постановке врачебного контроля и воспитательной работы травматизм в спорте может быть сведен к минимуму. Врачам, тренерам, а также и самим спортсменам необходимо постоянно осуществлять профилактическую работу в этом направлении.

При проведении исследования был проверен один из залов спортивной школы Канибадама, отделения по вольной борьбе. Было выявлено недостаточное количество спортивного инвентаря, требуемого Государственным стандартом спортивной подготовки по виду спортивная борьба, утвержденным Комитетом по делам молодежи, спорта и туризма при Правительстве Республики Таджикистан [3]. Наименования недостающего спортивного инвентаря:

- гантели массивные от 0,5 до 5 кг;
- доска информационная;
- кушетка массажная;
- лонжа ручная;
- стеллаж для хранения гантелей;
- стенка гимнастическая;
- табло информационное световое электронное;
- штанга тяжелоатлетическая тренировочная;
- эспандер плечевой резиновый.

Недостаточное финансирование спортивных мероприятий ведет к тому, что спортсменам и их тренерам при выезде на спортивные мероприятия, соревнования, проводимые в других городах, областях Таджикистана, часто приходится проживать в некомфортабельных условиях, что в свою очередь может оказать влияние на эмоциональное состояние тренеров, спортсменов.

Немало важно и то, что отсутствует специалиста по спортивной психологии, то есть специалиста, изучающего закономерности психической деятельности человека в процессе его двигательного обучения, спортивной тренировки, участия в специфичных командных взаимодействиях, в процессе подготовки и выступлений на соревнованиях, а также участия в различных формах общественной жизни, связанных со спортом.

Спортивный психолог [4]:

- повышает общую эффективность тренировочного процесса за счет выработки нужного уровня мотивации спортсмена, четкой ориентации на конкретную цель, а также формирования нужных двигательных умений и навыков;
- создает необходимые психологические условия для достижения лучшей психологической выносливости, высоких показателей силы, ловкости, а также для развития специализированных видов восприятия;
- осуществляет грамотную психологическую подготовку спортсмена к соревнованиям;
- способствует формированию личности спортсмена для лучшего взаимодействия с тренером, а также другими спортсменами в команде;
- способствует повышению у спортсмена силы воли в ситуациях, когда этот показатель находится на недостаточном для успешных спортивных выступлений уровне;
- оказывает оперативную помощь спортсмену. Подразумевается работа со спортсменом в самые напряженные для него моменты — от снятия предстартовых волнений и работы со стрессом до помощи в случае неудачных выступлений и связанных с ними переживаний.

Современная спортивная психология выделяет исследования, которые рассматривают проблемы грамотного формирования команд, межличностные отношения в коллективе, с болельщиками, а также проблемы межгрупповых взаимоотношений и сплоченности спортивного коллектива.

Иными словами, привлечение к работе спортивного психолога в данной спортивной школе города Канибадама будет способствовать совершенствованию тренировочного процесса. Необходимо, чтобы спортивный психолог наряду с тренером и врачом стал обязательным специалистом в спортивной школе.

Таким образом, для совершенствования своей деятельности данной спортивной школе необходимо устранить выявленные в ходе исследования недостатки, что в значительной степени повысит эффективность тренировочных и воспитательных процессов, будет способствовать укреплению физического, психологического здоровья молодого поколения нашей страны, повысит эффективность деятельности спортивной школы в целом.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования: учеб. пособие / О.А. Абдуллина. - М.: Просвещение, 1990. - 141с.
2. Дуюровский В. И. Спортивная медицина: учебник для студентов ВУЗов / В. И. Дуюровский. -М.: Гуманит. изд.центр. ВЛАДОС, 1998 г.
3. Государственный стандарт спортивной подготовки по виду спорта «Спортивная борьба» от 26.09.2016 г. № 233-в., утвержденный Комитетом по делам молодежи, спорта и туризма при Правительстве Республики Таджикистан.
4. Ильин Е. П. Психология спорта / Е. П. Ильин. — СПб.: Питер, 2008.



**РОҲҲОИ ТАКМИЛКАРДАНИИ НАТИҶАБАХШИИ ФАЪОЛИЯТИ МАКТАБИ ВАРЗИШИИ ШАҲРИ КОНИБОДОМ**

Дар ин мақола камбудиҳои фаъолияти мактаби варзишии шаҳри Конибодом вилояти Суғд Чумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст; тавсияномаҳо дар бораи такмилкардани фаъолияти мактаби варзишӣ дода шудаанд. Ба ғайр аз ин, нақши духтури варзишӣ, вазифаҳои асосии духтур; нақши духтури-рӯҳияшинос, вазифаҳои духтур ва зарурияти ҷалб кардани духтури-рӯҳияшинос ба кори мактаби варзишӣ нишон дода шудаанд. Хулоса бароварда шудааст, ки нест кардани ин камбудиҳо натиҷабахшии фаъолияти мактаби варзишӣ такмил карда мешавад.



**Калидвожаҳо**: варзиш, мактаби варзишӣ, мураббӣ, варзишгар, духтури варзишӣ, тибби варзишӣ, асбобҳои варзишӣ, рӯҳияшиноси варзишӣ, духутури-рӯҳияшинос, саломатии ҷисмӣ, саломатии рӯҳиявӣ.



**ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СПОРТИВНОЙ ШКОЛЫ ГОРОДА КАНИБАДАМА**

В данной статье описаны недостатки в деятельности спортивной школы города Канибадама Согдийской области Республики Таджикистан; автором предложены рекомендации по повышению эффективности деятельности школы. Кроме того, показана роль спортивного врача в тренировочной деятельности, описаны его основные функции; указана необходимость привлечения к работе со спортсменами специалиста по спортивной психологии, показана его роль и функции при подготовке спортсменов к тренировкам. Обосновывается вывод о том, что устранение данных недостатков в значительной степени повысит эффективность деятельности данной спортивной школы.



**Ключевые слова:** спорт, спортивная школа, тренер, спортсмен, спортивный врач, спортивная медицина, спортивный инвентарь, спортивная психология, спортивный психолог, физическое здоровье, психологическое здоровье.



**THE WAYS OF INCREASING THE EFFICIENCY OF SPORTS SCHOOLS ACTIVITIES OF THE CITY OF KANIBADAM**

This article describes the disadvantages in the activities of sports schools of the city of Kanibadam in Sughd region of the Republic of Tajikistan; the author offers recommendations for improving the effectiveness of the school. In addition, the role of the sports doctor in training activities and his main functions are described in article; it shows the need to engage with the athletes of the specialist in sports psychology and his role and functions in the preparation of athletes for training. It is concluded that the elimination of these disadvantages would greatly enhance the effectiveness of the sports schools.



**Key words**: sports, school, coach, athlete, sports doctor, sports medicine, sports equipment, sports psychology, sports psychologist, physical health, psychological health.



**Сведение об авторе:** ***Шарипов В.Л.*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. Телефон:**918-44-70-80**. E-mail: **ibelkin70@mail.ru**


# НАҚШИ ҲАМБАСТАГИИ МАФҲУМИ “САОДАТ” ВА “ТАБИАТ” ДАР ТАШАККУЛИ ХУЛҚИ ИНСОН АЗ ДИДГОҲИ МАЪРИФАТИИ МУҲАММАД ИБНИ ТУФАЙЛ


***Фарзонаи Сайфиддин***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**


Мувофиқи таълимоти Ибни Туфайл шахс ба воситаи тааммуқ новобаста аз анъанаҳои ҷамъиятӣ, бо ёрии ваҳйи илоҳӣ ба қуллаҳои маърифат расида метавонад. Ба ақидаи Ибни Туфайл танҳо рӯҳ моҳияти ҳақ буда, узвҳо восита мебошанд. Ӯ дар бораи ваҳдати тамоми насли инсонӣ изҳори ақида намудааст. Дар фаҳмиши Ибни Туфайл тамоми фалак ба мавҷуди зинда шабоҳат дорад. Эшон мавҷудияти кадом як мабдаи фоилро (Худо) қоил аст, ки оламро ҳифз намуда, ба ҳаракат меорад. Ин мабдаи фоил на ҷисм ва на қобилияти ҷисм, балки шакли олам мебошад. Одам дар бораи донишҳои худ фикр карда, зеҳни худро дарк ва ба ҷовидонии он боварӣ ҳосил мекунад.

Одам бо маърифати назарии Худо қонеъ нашуда, мақсади асосии худро дар муроқабаи бевосита ба Худо дарёфт менамояд. Ниҳоят, кас тавассути тааммуқ ба

таълимоти Қуръон наздик мешавад. Яъне ба қавли Ибни Туфайл, маърифати Ҳақ (Худо) ҳам бо роҳи дин ва ҳам бо туфайли фалсафа имконпазир аст. Ин нуқтаи таълимотии Ибни Туфайл ба назарияи ҳақиқати дугонаи Ибни Сино ва Ибни Рушд рақобат дорад. Асари асосии фалсафии Ибни Туфайл «Ҳай бини Яқзон» бо забони лотинӣ, русӣ, немисӣ, англисӣ, франсавӣ ва ғайра тарҷумаю нашр шудааст.

Фалсафаи Ибни Туфайл танхо зикри ин ё он системаи фалсафӣ нест. Дар он масъалаҳои муҳим зимни далелҳои кавӣ ба тарзи мукаммал таҳлил мешаванд. Таълимоти файласуф бар пояи принсипҳои идеализми объективӣ устувор аст. Тафовути лаёкатҳои Ибни Туфайл аз таълимоти аксарияти мутафаккирони асрҳои миёна ҳамин аст, ки он ба навафлотуния бештар тамоюл дорад. Вале ӯ тадриҷан аз идеяҳои афлотунӣ дур шуда, ба мавқеи машшоия гузаштааст.

Ибни Туфайл ҳамчун идеалисти объективӣ идеяро моҳият ва мабдаи чизҳо мешумурд. Ҳастии ашёи олами беруна *бе мавҷ*удияти идеяҳо, ки ба иродаю шуури одамони чудогона вобаста нест, ғайриимкон мебошад. Ба қавли Ибни Туфайл идеяҳо ба таври реалӣ вуҷуд дошта, моҳияти ашёи моддиро *муайян* мекунанд. Агар идея аз байн равад, ашё ҳам барҳам мехӯрад – мегӯяд Ибни Туфайл. Аммо худи идея аз зоти илоҳӣ бармеояд. Идея ҷовидон аст. Он ҳалқаи василат, муҳаррики аввал ва олами ҳисси конкретӣ мебошад.

Дар асоси мазмуни асарҳои Ибни Туфайл мо ба хулосае меоем, ки идеяҳо фаъоланд. Дар фалсафаи идеалистии Афлотун идеяҳо тимсоли беҳаракати олами ҳиссӣ мебошанд.

Дар фалсафаи Ибни Туфайл унсурҳои таълимоти навафлотуниёни шаркӣ, аз қабили бо ақли илоҳӣ омезиш ёфтани ақли инсонӣ, ҳадс (интуитсия) ва ваҳйу илҳом мавқеи муайян дошта бошанд ҳам, вай баръакси навафлотуниён ғояи абадияти олами моддиро эътироф мекард. Талкикотчиёни буржуазӣ мазмуни рисолаи Ибни Туфайлро ба тарзҳои гуногун шарҳу эзоҳ додаанд.

Ба қавли муаллифони дигар, Ибни Туфайл дар рисолааш масъалаҳои ахлоқиро тахкик намуда, олами *берун аз* ҷамъият ташаккулёфтадаро фақат аз рӯйи хислатҳои ботиниаш тасаввур кардааст. Вале максаду мароми қисса, назар ба он чи ки тадкикотчиёни буржуазӣ гумон бурданд, басо аник аст. Он масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки қобили таваҷҷуҳанд. Муаллифи рисола дар назди худ максад гузоштааст, ки *ба* чунин савол ҷавоб ёбад: оё одам қодир аст, ки қувваи идроку ҳулки худро пурра инкишоф дода, муҳити зистро дар таҷрибаи хеш мустақилона дарк намояд. Шарқшиноси машҳур Эрнст Ролан дар хусуси ин асари пурҳикмат мегӯяд: «Аз байни тамоми ёдгориҳои фалсафаи араб ин шояд ягона асаре бошад, ки барои мо на фақат аҳамияти таърихӣ, балки аҳамияти калони тарбиявӣ ҳам дорад».

Матлаби рисола тавсифи консепсияи бахту саодат аст, ки дар таълимоти ахлоқии Ибни Туфайл мавқеи марказӣ дорад. Оид ба ин масъала ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан, баъзе идеалистони объективӣ, аз ҷумла Афлотун, бар ин ақидаанд, ки дунёи ҳақиқӣ ва саодати ҳақиқиро дар рӯйи замин ҷустуҷӯ намудан маънӣ надорад. Инсон ба он танҳо дар он дунё, дар олами ғояҳо ноил шуда метавонад. Аз ин рӯ саодат на ба ҳама, балки танҳо ба онҳое муяссар мегардад, ки ба олами идеяҳо боварӣ доранд. Чунин идеяҳо ба пиринсипу категорияҳои ахлоқи умумиинсонӣ мазмуни нав дода, меъёрҳои он ахлоқро ба ифодаи ҳадафҳои эътиқоди мазҳабӣ мутобиқ мегардонад. Намунаи ин идея дар роҳи инкишофи худтакмилдиҳӣ, худфаҳмии оммаи мазлум монеа буда, оламро аз ҳар гуна мустақилият маҳрум сохта, садди роҳи фаъолияту амали ҳаётии ӯ мегардад.

Дар ҳамин гуна муҳити маънавӣ Ибни Туфайл ахлоқи инсони «накукор»-ро тарғиб ва қобилияту ақлу заковати ӯро ситоиш мекард. Вай ба саодати ондунёӣ саодати реалии ҳаётиро муқобил гузошта, инсонро ба роҳи ҷустуҷӯи доимии худинкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ, бунёди ҳаёти хуррам, омӯхтани илму дониш даъват мекард. Саодат на фақат дар он дунё, балки дар ин дунё ҳам вуҷуд дорад. Ӯ саодати индунёӣ гуфта, ҷустану пайдо намудани хайру некиро дар назар дорад.

Ақидаҳои ахлоқии Ибни Туфайл характери натуралистона доранд. Он ба имконияту қобилияти инсон ва накукорӣ эътимод доштанро талкин мекунад. Фақат чунин ахлоқ одамро ба саодат ҳидоят хоҳад кард. Ибни Туфайл саодатро бо ҳаёти воқеӣ марбут мешумурд, ки ин мухолифи ақидаҳои догматикӣ буд.

Дар этикаи Ибни Туфайл фарди абстрактӣ, табиати тағйирнопазири одам ба асос гирифта шудааст.Ӯ детерминизми олами ботинии инсонро ошкор намуда наметавонист. Ин камбудӣ на фақат ба Ибни Туфайл, балки ба ҳамаи мутафаккирони асри миёнаи форсу тоҷик (Ибни Сино, Ибни Мисквайҳ, Насриддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Даввонӣ ва дигарон низ) хос буд.

Чунонки маълум аст, мафҳуми саодат мазмуни таърихӣ ва синфӣ дорад. Ҳар синф саодатро аз мавқеи манфиатҳои ҳаётӣ ва шароити зиндагии худ мефаҳмад. Пас саодат мафҳуми нисбист. Он ба сохти иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста аст. Яке аз камбудиҳои сотсиологияи пешина он буд, ки онҳо дар беҳтарин ҳолат фақат сабабҳои идеявии амалиёти таърихии одамонро месанҷиданд ва дар чи будани решаи ин сабабҳоро тадиқ намекарданд, қонунияти объективии системаи муносибатҳои ҷамъиятиро пай намебурданд решаҳои ин муносибатҳоро дар тараққии истеҳсолоти моддӣ намедиданд.

Ибни Туфайл одамро аз мадди назар гузаронида, баъзе чихатхои ӯро ба хайвон, чирмҳои осмонӣ ва Худо монанд мекард. Аммо дар баробари ин, вай фарқи одаму ҳайвонро ҳам истисно намекард. Ба ақидаи ӯ одаму ҳайвон бо мақсадҳои тамоман гуногун офарида шуда, ба ухдаи ҳар кадом вазифаҳои хос ҳавола гардидааст. Наҷобати одамӣ аз сохти баданаш бармеояд ва он ба ҷирмҳои осмонӣ вобаста аст. Мутафаккир монандию фарқи одаму ҳайвонро муайян намуда, гумон мекард, ки одам аз сабаби табиати ҳайвонӣ доштанаш бояд ҳайвонро тақлид кунад. Файласуф таъкид мекард, ки ҷасади одам бемақсад офарида нашудааст. Аз ин рӯ, вай бояд онро ҳамеша тоза нигоҳ дорад. Аз рӯйи таъкиди Ибни Туфайл ҷасадро рӯҳ ба ҳаракат меорад. Одаме, ки аз ғаразу дилбастагии ҷисмонӣ раҳо ёфтаасту ба ҷавҳари пок пайвастааст, ба камолоти маънавӣ мерасад. Дар ин ҳолат такомули маънавии одам заминаи идроки Худо мегардад. Ин ғоя дар шароити асрҳои миёна нақши басо прогрессивӣ бозида, қадру қимати инсонро боло мебардошт.

Аз рӯйи андешаи Ибни Туфайл рафтору кирдори одам тобеи се мақсад мебошад: 1) шабоҳат пайдо кардан ба ҳайвонот; 2) мушобеҳи ҷирмҳои осмонӣ шудан; 3) шабоҳат ба Худованд. Шабоҳати одам ба Худо ва муроқибаи он одамро ба саодати олӣ мушарраф мегардонад. Ибни Туфайл шарти сеюмро асосӣ ва ду шарти аввалро воситаҳои ба саодат расидан медонист. Файласуф таъкид менамояд, ки роҳи аз бадбахтӣ раҳо ёфтан фақат дар зимни муроқибаи доимии одам бо Худо ба бор меояд. Барои мушарраф шудан ба ин бахт, одам бояд ин се зинаро гузарад. Зинаи аввали мушоҳибат фақат аз рӯйи зарурат ба кор меояд, чунки барои устувории рӯҳ ба миқдори эҳтиёҷ истифода намуди ғизо зарур аст. Барои комёбӣ бар ин ҳадаф зарурияти ду чиз таъкид мешавад: аввалан, ҳифзи ботин ва таҷдиди узвҳое, ки фаъолияти суст зоҳир мекунанд; дуюм, ҳифзи зоҳир ва муҳофизат аз ҳодисаҳои нохуш, мисли таъсири сардӣ, гармӣ ва дигар ҳаводис. Ба ақидаи мутафаккир, барои таъмини шарти аввал шикастнафас (бо қанот) будан зарур аст, вагарна одам мехоҳад, ки соҳиби молу мулки зиёд бошад.

Ҳирси сарватҷамъкунӣ зиндагӣ ва осоиши ҳаётро вайрон мекунад. Ибни Туфайл қаноатпешагиро яке аз хислатҳои хуби инсонӣ дониста, қайд кардааст, ки каси қаноатманд ҳеҷ гоҳ ба ҷамъ овардани молу сарват машғул нашуда, танҳо бо меҳнати худ қаноат мекунад. Файласуф қайд мекунад, ки шарти инкишофи одам риояи ҳадди эътидол дар корҳост, агар вайрон шавад, қаноат ба хатар табдил меёбад.

Аз ин рӯ, одами оқил бояд ҳадди эътидолро дониста, аз он берун набарояд. Барои хӯрок навъҳои фаровони растанию ҳайвонотро, ки афзоянда бошанду боиси аз байн рафтани навъҳои нодири набототу ҳайвон нагарданд, интихоб кардан лозим аст.

Файласуф мушобиҳоти дуюмро бо ҷирмҳои осмонӣ нисбат дода, мегӯяд, ки онҳо ба замин тавассути нуру гармӣ мерасанд. Ҷирмҳои осмонӣ шаффофу мунаввар ва покиза буда, мустадир ҳаракат мекунанд. Ба ақидаи мутафаккир, одам бояд дар натиҷаи тақлид ба ҷирмҳои осмонӣ хосиятҳои онҳоро низ касб намояд. Ин рафтор бояд дар се навъи тақлид зоҳир шавад:

Якум, шафқат нисбат ба ҳайвонот, наҷот бахшидан ва парасторӣ намудани онҳо. Одам нисбат ба тамоми мавҷудоти зинда бояд ғамхору мушфиқ бошад. Агар ӯ бинад, ки ягон рустанӣ бо сабабе аз нури офтоб баҳраманд намешавад ва ҷисми дигар онро аз равшанӣ паноҳ кардааст, ё ниҳоле аз беобӣ сусту заиф шудааст, ӯ бояд ин мамониатҳоро бартараф намояд.

Ба фикри мо, ин ақидаҳои Ибни Туфайл аҳамияти калони тарбиявӣ доранд ва ба ташаккули саодат ва ахлоқ мусоидат мекунанд. Ба ақидаи Ибни Туфайл, ғамхорию шафқат ба мавҷудоти зинда бояд хислати шахси хушодоб бошад. Рафтори бераҳмона одамро сангдил мегардонад.

Бераҳмии инсон нисбат ба мавҷудоти зинда зуҳуроти беинсофӣ, бемаданиятӣ ва дағалии инсон мебошад. Ибни Туфайл ҳанӯз дар асри XII оқилона истифода бурдани сарватхои табиатро таъкид карда, одамонро ба эҳтиром намудан ва ҳифзи табиат даъват мекард.

Аз ин андешаҳои Ибни Туфайл чунин бармеояд, ки инсони комил, маданӣ бояд нисбат ба ҷамъияту табиат ғамхор, меҳрубон ва масъулиятшинос бошад, зеро саодати инсон бо табиат хамбастагии амиқ дорад. Ӯ ба муҳиту атроф «бо чашми хирад», бо назари бориксанҷӣ нигарад, ба назокату ҳусни табиат, ба бахшиши табиат эҳтиёткор ва ғамхорӣ зоҳир намояд. Ин гуфтаҳои мутафаккир хусусан дар замони мо хуб садо медиҳад. Чӣ хеле ки маълум аст инсоният барои саодати худ бисёр комёбиҳои аҷоибу ғароибро кашф ва ихтироъ кард.

Олими франсавӣ Ж. Дорст дар китобаш "Қабл аз он, ки табиат мемирад", чунин менависад: "Шояд ин фикри ботил бошад, вале муҳимтарин проблемаи ҳозиразамон дар соҳаи муҳофизати табиат ин ҳифзи навъи мо аз худи мост, Homosaplen-ро муҳофизат бояд кард аз HomoZaber" ва чунонки бармеояд, ӯ саодати инсонро дар хастии худи инсон, ки ба табиат вобастагии зич дорад, инъикос мекунад. Зеро, дигаргунсозии табиат амалиётест, ки дар ҷараёни он моҳияти аслии инсон ҳамчун субъекти таърих, ҳамчун мабдаи фаъоли иҷтимоӣ барҷаста зоҳир мешавад.

Чунон ки маълум аст, инсони бошуур ҳаргиз худро аз табиат ҷудо намекунад, зеро вай худаш қисми ҷудонашавандаи табиат аст ва инсон бо тамоми ҷисму хуну майнаи худ

ба табиат тааллуқ дорад ва андаруни вай мебошад ва вазифаи инсон аз он иборат аст, қонунҳои табиатро омӯхта, онҳоро дуруст истифода бурда тавонад.

Бояд қайд кард, ки муносибати инсон ба табиат ва манзараҳои зебои он бо маданияти экологии ӯ низ вобаста аст. Табиат фақат манзилу бошишгоҳи одии зиндагии мо нест, он инчунин сарчашмаи хузуру ҳаловат ва маншаи инкишофи сарвати маънавию эстетикии мо мебошад. Инсон фарзанди табиат аст. Пас, инсон ҳам, бояд табиатро модари азизу арҷманди худ донад ва сипосдорӣ кунад.

Бинобар ин, ҳақ бар ҷониби Ибни Туфайл аст, ки маърифатандӯзии инсонро бар муомилоти мунсифона ва бархӯрдҳои хирадмандона бо табиат медонад. Чунонки ҳанӯз файласуфи Юнони қадим Пифагор қайд карда буд: «Чӣ хуш аст, ки шодкомиҳои инсон ба қонунҳои хирад асос меёбанд».

Навъи дуюми тақлид пок ва тоза нигоҳ доштани тани худ, зуд-зуд шустани бадан, тоза кардани дандону нохун, бӯидани растаниҳои муаттар, ҳамеша тоза нигоҳ доштани либос аст. Аз ин рӯ, қаҳрамони асари «Ибни Туфайл» Ҳай ибни Яқзон дорои хислатҳои зебо, нафосат, латофат буда, ҳамеша барои сарфаҳм рафтан ба моҳияти ҳақиқии ашёю воқеаҳо мекӯшад ва дар бораи дарки Худо, ки саодати худро дар иртибот бо он мебинад, меандешад.

Ба ақидаи Ибни Туфайл зебоии зоҳирӣ, ки ба оройиши мӯй, сару либос дахл дорад, ҳусни ҷисмониро боз ҳам пурратар мекунад. Лекин файласуф қайд мекунад, ки оройишу пардоз, зару зевар бояд ба андозаи муайян ва муносиб бошад, меъёри он риоя карда нашавад, боиси нафрат ва лаънати атрофиён ва сабаби вайроншавии муносибатҳо мегардад. Дар натиҷа ҳусни ботинӣ, ахлоқият коста шуда, бадбахтиҳои бисёре меоварад. Агар кас ба дараҷаи муносиб ва зарурӣ онро ба кор барад, ба ҳуснаш ҳусн зам мешавад, фораму дилнавоз ва дилработар ва саодатёр мегардад.

Аз ин андешаи Ибни Туфайл чунин бармеояд, ки ӯ бештар ба завқи эстетикӣ аҳамият дода, ҳиссиёти зебоиписандии одамонро бедор мекунад. Файласуф қайд мекунад, ки зебоии маънавию зоҳирии инсон ба падидоркунии чунин сифатҳои ахлоқӣ, ба мисли некӣ, адолат, лутф, ки офарандаи саодати инсонӣ ба шумор мераванд, мусоидат мекунад. Бе завқи эстетикӣ одам ба камол намерасад, зеро хислатҳои ахлоқию эстетикии инсон дар ягонагӣ саодати ӯро ташаккул медиҳанд. Мутафаккир зебоиро бо дониш ва меҳнатдӯстӣ пайванд дода, қайд мекунад, ки инсон зеботарин мавҷудоти табиат аст ва вазифаи инсонии вай аз он иборат аст, ки бо саодати зебоии хеш саодату зебоии табиат ва ҳаётро боз ҳам зеботар гардонад. Аз ин ҷост, ки Ибни Туфайл дар асари хеш нахуст масъалаи тарбияи зебоии ҳамаҷонибаи инсон, маънавиёти ғании инсониро, ки барои таъмини саодати инсон ногузир аст, ба миён мегузорад. Зебоии ҳаматарафа қайд мекунад мутафаккир, на фақат табъи эстетикии инкишофёфта доштан, балки маърифатнокӣ, дониши илмӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, покизагии ахлоқ, хоксорӣ, поквиҷдонӣ, эҳтирому ҳурмат ва ғайраро дар бар мегирад.

Ибни Туфайл саодати инсонро, пеш аз ҳама, дар хушахлоқӣ ва зебоии ӯ тасвир мекунад. Барои ҳамин ҳам дараҷаи инсонро на бо категорияи иҷтимоӣ, балки бо категорияи эстетикӣ — ахлоқӣ муайян мекунад.

Ба ақидаи мутафаккир зебоии инсонро фақат бо намуди зоҳирии ӯ муайян кардан мумкин нест. Зебоии зоҳирӣ набояд муайянкунанда ва ҳалкунандаи зебоии инсон бошад, гарчанде ки вай метавонад нақши муҳимро бозад.

Ибни Туфайл дар муайянкунандаи зебоии инсон зебоии рӯҳӣ, зебоии ботиниро афзалтар медонад, лекин симои зебои зоҳириро низ инкор намекунад. Зебоии зоҳирии инсон, пеш аз ҳама, зебоии ҷисмонии инсонро дар назар дорад. Ӯ талаб мекунад, ки инсон ҷисман зебо бошад, лекин дар баробари ин зебоии рӯҳии инсонро дар мадди аввал мегузорад.

Ибни Туфайл низ мисли Ибни Сино тасдиқ мекунад, ки инсон беҳтарин офаридаи дунё мебошад. Зебоии вай дар муҳаббати ӯ зоҳир мешавад. Фақат дар зимни арзи муҳаббати ҳақиқӣ инсон худашро ҳамчун инсон мешиносад. Зебоии зоҳирӣ на фақат инсонро ба ҳусну таваҷҷуҳ моил мекунад, балки инсонро маҷбур мекунад, ки ӯ накукор ва содиқ бошад, ки саодати ӯ низ дар ин амр ҳувайдо мегардад. Ибни Туфайл чунин қайд мекунад, ки зебоии ботинӣ, рӯҳӣ ҳамеша инъикоси худро дар намуди зоҳирӣ ҳувайдо мегардонад. Хусусан дар симои одам, рӯйи одам ҳолатҳои ботинии одам зоҳир мешаванд.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи файласуф инсон бояд ҳаматарафа зебо бошад. Дар рафтораш, гуфтораш, муносибаташ, ақлаш, донишаш, бояд зебоӣ ҳамчун намуна ҷилвагар бошад. Ин фикри мутафаккир оиди зебоии инсон бо ақидаи нависандаи рус. А. П. Чехов ки: «Одам бояд аз ҳар ҷиҳат зебо бошад: ҳам бо рухсораҳояш, ҳам бо сару танаш (либосаш), ҳам бо дилу руҳаш ва ҳам бо фикру зикраш» - ҳамоҳанг аст.

Маънии мафҳуми зебоӣ, зебописандӣ, зарофат, накӯкорӣ, хайрхоҳиро ҷиҳати дарёфти камол ва саодат, ки Ибни Туфайл дар асри ХП таблиғ кардааст, Носири Хисрав, Хисрави Деҳлавӣ, Бедил ва дигарон низ дар ашъорашон хеле равшантару пуртаъсир баён намудаанд.

Носири Хисрав сифатҳои зебоиро ба мақсаду илму амал наздик оварда гуфтааст:

*Некии мардум на накурӯӣ аст,*

*Хӯи накӯ мояи некӣ аст.*

Хусрави Деҳлавӣ низ наҷоботи инсониро дар «базмгоҳи хулқу адаб» дида, фармудааст:

*Ҳар кӣ дар ӯ сирати некӯ бувад.*
*Оламӣ аз оламиён ӯ бувад.*

Бедил дар қасидааш, ки ба саодати инсон бахшида шудааст, ҳама ва ҳар чизро вобаста ба худи вай шуморида, гуфта буд:

*Эй шамъи базми қудс, надонам чи маҳзарӣ?*
*К-аз ваҳм гоҳ равшану* гоҳе *муқаддарӣ!*
*...Дар чор рукни даҳр туӣ ҳайрати зуҳур,*
*Дар ҳафт баҳри чарх ту ноёб гавҳарӣ!*
*Аз ҳар тараф, ки ақли ту фаҳмид, афзалӣ!*
*Аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурд, бартарӣ!*
*Ҳар ҷо нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ!*
*Ҳар сӯ хаёл мепарад, он су ту мепарӣ!*
*Кавну макон гулест ба домони ҳимматат,*
*Худро агар иҳота кунӣ - чархи дигарӣ!*
*Олам ҳама мусаххари амри замири туст!*
*Эй бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ?*

## АДАБИЁТ


1. Трахтенберг О.В. Очерки по истории западноевропейской средневековой философии / О.В. Трахтенберг. - М.,1957.
2. История философии. -Т. 1. -М., 1957; Сагадеев А.В. Абубадцер Ибн Туфейль / А.В. Сагадеев // В зашиту мира. – 1961. -№ 7-8.
3. Бижан А. Чашмандози тарбият дар Эрон пеш аз ислом / А. Бижан. –Теҳрон, 1936.
4. Асмус В.Ф. История античой философии / В.Ф. Асмус. - М.; 1965.
5. Буддизм; История и культура. -М., 1989.
6. Васильев А.С. История религий Востока / А.С. Васильев. - М., 1988.
7. Комилов Р. Фарҳанги мухтасари ҷаҳонбинӣ / Р. Комилов, М. Нуралиев. – Душанбе: Пайк, 2002.
8. Қурбонов А.Ш. Аз дин то фалсафа / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Маориф, 1994.
9. Комилов Р. Фалсафаи ҳуқуқ / Р. Комилов. -Душанбе: Ирфон, 2005.
10. Турсунов Акбар. Инсон, атом, кайҳон (лавҳаҳои публитсистӣ) / А. Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1967.


### НАҚШИ ҲАМБАСТАГИИ МАФҲУМИ “САОДАТ” ВА “ТАБИАТ” АЗ ДИДГОҲИ МАЪРИФАТИИ МУХАММАД ИБНИ ТУФАЙЛ. ДАР ТАШАККУЛИ ХУЛКИ ИНСОН


Муаллфии мақола, бо оварлани назари дигар донишмандон дар мавриди ақоиди тарбиявии Ибни Туфайл, саъй мекунад, ки пазириши умумии ин ақоидро нишон дода, ҳамзамон, бо истифода аз фурсат андешаи дигар файласуфону шоирони классики моро дар бораи тарбия ба хонандаи худ мерасонад.

**Калидвожаҳо**: тасаввуф, рамз, ақли фаъол, фаросат, илм, инсони комил, хирад, нафс, ахлоқ, некию бадӣ, адлу инсоф ва нуру зулмот.


### РОЛЬ ВЗАИМОЗАВИСИМОСТИ ПОНЯТИЯ “БЛАЖЕНСТВО” И “ПРИРОДА” В ФОРМИРОВАНИИ ПОВЕДЕНИЯ ЧЕЛОВЕКА В ПРОСВЕТИТЕЛЬСКИХ ВОЗЗРЕНИЯХ МУХАММАДА ИБН ТУФАЙЛА


Автор статьи, приводя в пример точки зрения других ученых по воспитательным убеждениям Ибн Туфайла, пытается показать всеобщее признание этих убеждений и пользуясь случаем доносит до своего читателя мнения других наших философов и поэтов-классиков о воспитании.

**Ключевые слова**: мистицизм, иносказание, активный ум, проницательность, наука, совершенный человек, разум, сущность, нравственность, добро и зло, справедливость и беспроцветность.


### THE ROLE OF THE INTERDEPENDENCE OF THE CONCEPT OF "BLESSING" AND "NATURE" IN THE FORMATION OF HUMAN BEHAVIOR IN THE EDUCATIONAL VIEWS OF MUHAMMAD IBN TUFAYLA


The author is trying to show the universal recognition of educational beliefs of Ibn Tufail by illustrating the point of view of other scientists on these beliefs and at the same time takes the opportunity to bring to the reader the views of our other philosophers and classic poets in the field of education.

**Key words:** mysticism, allegory, active mind, insight, science, perfect man, reason, essence, morality, good and evil, justice and colorlessness.



**Сведения об авторе:** ***Фарзонаи Сайфиддин*** - Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, докторант Ph.D кафедры педагогики


# ЭФФЕКТИВНОСТЬ ПРИМЕНЕНИЯ ПРОГРАММИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ


***Самариддинова З.Н.***
**Кулябский государственный университет им. А.Рудаки**


Как известно, в учебных заведениях достаточно много учащихся, имеющих слабое развитие информационного образования с использованием компьютерной техники в учебном процессе. Этот факт во многом объясняется недостатками традиционной системы обучения информатике, которая состоит примерно в следующем: в каждой теме сначала изучают определенный теоретический материал. Объяснение учителя, даже очень квалифицированное в

смысле логики изложения, воспринимается учащимися пассивно. Излагая материал, учитель не в состоянии получить достаточное количество информации о том, как этот материал усваивается учащимися, и поэтому он лишен возможности эффективно управлять их умственной деятельностью. При решении задач и примеров, как правило, многие учащиеся не способны самостоятельно предложить решения, так как не владеют понятиями излагаемой темы. Правильные решения и ответы отдельных учащихся создают лишь видимость их активной работы. В сущности, для многих по-прежнему идет пассивная работа по запоминанию приемов и способов решения определенного типа задач. В результате достаточного числа упражнений, у учащихся вырабатывается навык в применении определенных понятий и методов к решению задач данного типа, создается мнимое представление, что учащиеся владеют этим понятием (этим методом); но если в контрольную работу включить задачу, которая отлична от типов задач, решенных в классе, то, как показывает практика, большинство учащихся не справляется с такой задачей. Также одной из причин слабого развития информационного образования объясняется бытовыми условиями в школах, так как во многих школах кабинеты не оснащены современными техническими средствами, в частности компьютерами, нехватка квалифицированных кадров в данной области.

Развертывание исследований по программированию началось в середине 60-х годов двадцатого века. На первом этапе развития теоретических проблем программирования внимательно изучили опыт США и некоторых других стран, где американская концепция линейного, разветвленного и смешанного программирования были широко распространены.

Российские исследователи сразу же обратили внимание на фундаментальные методологические различия собственных подходов и американских программистов, особо подчеркнув недопустимость бихевиористических концепций научения в качестве теоретической основы программирования

Термин "программирование" [4] означает процесс подготовки задач для решения на ЭВМ, включающий следующие этапы: становление "плана решения" проблемы в виде набора операций (алгоритмическое описания задачи).

Описание "плана решения" на языке программирования (составление программы); транслировать программу с языка программирования на машинный язык (в виде последовательности команд, реализация которых является решением проблемы).

Программирование также известно как раздел прикладной математики, исследующий и разрабатывающий методы и инструменты для составления, проверки и улучшения программ ЭВМ.Таким образом, мы можем заключить, что программирование тесно связано со специальными средствами для его реализации. Системное изучение же программирования возможно на основе его отношений с другими науками - кибернетикой, логикой, психологией, педагогикой и др.

Как показал опыт работы, нами установлено, что программированное обучение должно дать больший эффект при формировании учебно-исследовательской деятельности студентов, при изучении вопросов технологии производства работ и формировании практических умений и навыков. Это не ограничивает, однако, роли программированного обучения и при решении задач, лабораторно-практических работах и др. в процессе изучения информационной технологии. С учетом этого мы поставили перед собой задачу: определить содержание учебного материала, который целесообразно изучать с помощью программированных пособий.

С середины 60-х годов двадцатого века в педагогике активно разрабатывалось новое научное направление - программированное обучение как комплекс педагогической инновации, которая в какой-то степени является отражением научно- технического прогресса. Теоретические вопросы внедрения программированного обучения широко освещены в работах таких ученых, как А.И. Берг, В. М. Глушкова); использованием психологических теорий учения занимались ученые: А.Н. Леонтьев, П. Я. Гальперин, Н. Ф. Талызина, Ю. .А. Самарин, вопросами дидактических теорий программированного обучения И. Т. Огородников, С. Шаповаленко. В отечественной и зарубежной печати особое место отводится созданию специальных программированных учебников. Многие считают целесообразным использовать только безмашинное программирование, отказываясь от обучающих устройств. Несомненно, в вопросе о границах и эффективности применения программированного обучения имеется немало спорного и нерешенного. Особое внимание в эти годы уделяется созданию средств программированного обучения (обучающих машин, автоматизированных классов) и первых запрограммированных пособий на основе принципов:

- изучения учебного материала в малых дозах;
- обеспечение студентов с объяснениями и руководством, чтобы они могли узнать каждую дозу учебного материала;
- включение задач, контроль правильности усвоения;
- сообщение обучаемому правильность усвоения;
- обеспечение студентов руководством о том, что делать дальше, в зависимости от ответа, данного им.

Когда были созданы первые фрагменты программированных пособий, реализующих эти принципы (школьные курсы), сразу же начались экспериментальная работа с ними. Ее цель состояла в том, чтобы определить реакцию студентов на новые средства обучения, роль и место работы с запрограммированным инструментом на занятиях, сочетание индивидуальных форм работы с коллективными формами деятельности, осуществляемой под руководством педагога. Была запущена рабочая гипотеза, которая будет создана, если выгоды, принимая во внимание принципы программированного обучения, эффективность обучения может быть увеличена, так как оно станет более индивидуализированным, вызовет интерес к знаниям, самоконтроль и постепенное создание дополнительной мотивации к обучению.

Как видится, автор исследует природу программированного обучения как частный случай дидактического процесса, способного повысить эффективность массового образования.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Беспалько В.П. Программированное обучение (дидактические основы) / В.П. Беспалько. –М.: Высшая школа, 1970. – 300 с.
2. Вайзер Г.А. ЭВМ в обучении. Дидактическое программирование / Г.А. Вайзер М.: АПН СССР, 1961.
3. Абрамов С.А. Задачи по программированию: учеб. пособие для студ.вузов / С.А. Абрамов и др. - М.:Наука,1988. -123с.
4. Рубахин В.Ф. Психологические аспекты управления / В.Ф.Рубахин, А.В. Филипов. – М.: -1973. – С. 13, 1075, 1076.

**САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ТАЪЛИМИ БАРНОМАСОЗИШУДА**

Муаллиф дар мақолаи илмӣ дар асоси таҷрибаи бисёрсолаи кории худ оид ба проблемаи мазкур ошкор намудани аксуламали (реаксияи) таълимгирандагонро нисбати воситаҳои нави таълим, муайян кардани мақом ва ҷойи кор бо дастури барномасозишуда ҳангоми ташкил ва гузаронидани машғулият, санҷиши баъзе шаклҳои тавъамшавии кори фардӣ аз рӯи дастури таълимӣ таҳти роҳбарии омӯзгор мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст.

**Калидвожаҳо**: барнома, барномасозӣ, моделсозӣ, дидактика,усул, донишҷӯ, қобилият, тадқиқотчӣ, таълим, раванд, мавқеъ, хислат, мақсад, тадқиқ, проблема.

**ЭФФЕКТИВНОСТЬ ПРИМЕНЕНИЯ ПРОГРАММИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ**

В данной научной статье на примере многолетнего педагогического опыта, автор исследует природу программированного обучения как частный случай дидактического процесса, способного повысить эффективность массового образования. Автор акцентирует внимание на том, что принимая во внимание принципы программированного обучения, эффективность обучения может быть увеличена, так как оно станет более индивидуализированным, в результате чего будет осуществляться самоконтроль и постепенное создание дополнительной мотивации к обучению.

**Ключевые слова:** программа, программирование, моделирование, дидактика, метод, студент, способности, исследователь, обучение, процесс, позиция, характер, цель, исследование, проблема.

**EFFICIENCY OF APPLICATION OF PROGRAMMED TRAINING**

In this scientific article on the example of long pedagogical experience, the author investigates the nature of the programmed training as a special case of the didactic process capable to increase efficiency of mass education. The author reasons attention on those that in view of the principles of the programmed training, learning efficiency can be increased as it will become more individualized as a result of which self-checking and gradual creation of additional motivation to training is carried out.

**Keywords**: program, programming, modeling, didactics, method, student, abilities, researcher, training, process, position, character, purpose, research, problem.

**Сведения об авторе:** ***Самариддинова З.Н.*** **-** Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры компьютерных наук

## ЗАРУРАТИ МАЪРИФАТИ ҚОНУНИЯТҲОИ МУҲИММИ ИНКИШОФИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН АЗ ТАРАФИ ВОЛИДОН ВА ОМӮЗГОРОН

***Обидова М.Д., Мирпочоева З. А., Комилова М. А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров**

Дар моддаи 8 уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" , ки "Уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд" унвон дорад, чунин омадааст: "- барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд";

Дар замони муосир яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеа кашфу маърифати муаммоҳои ташаккули шахсияти инсони бомаърифату оқил ба шумор меравад. Дар ин бобат Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Э. Раҳмон қайд намудааст: "Ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардаем"[1]. Яке аз самтҳои аслии ҳаллу фасли ин муаммо тарбияи ҳаматарафа ва сабзишу инкишофи мутаносиби инсон - ошкор намудани қонуниятҳои ташаккулёбии организми бачагон ва наврасон маҳсуб меёбад. Сабзиш ва

инкишофи кӯдакону наврасон давраҳои гуногунро дар бар мегирад, ки донистани он барои таъмини ҳифзи саломатӣ ва ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзандон кумаки басо калон мерасонад. Ба таври умумӣ, чунин давраҳои инкишофи бачагон ва наврасонро ҷудо намудан мумкин аст, ки ҳар яке аз онҳо дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд:

Давраи навзодӣ аз лаҳзаи чашм ба олами ҳастӣ кушодан то то 28-рӯзи ҳаётро дар бар гирифта, дар навбати худ ба ду давра ҷудо мешавад:

Давраи барвақтӣ -аз лаҳзаи буридани ноф то 8-ум рӯзи ҳаёт. Дар ин муддат як қатор ҳолатҳои мутобиқатшавӣ ва эътино ба муҳити атроф пайдо мешавад. он номи буҳрон (кризис)-ро низ дорад. Буҳрони ҳормоналӣ, гипермияи (сурхшавии) пӯст, зардӣ, кам шудани вазни бадан дар рӯзҳои аввали ҳаёт мебошад. Одатан дар рӯзҳои 4-5 боқимондаи ноф партофта мешавад.

Дертар аз рӯзи 8 то 28-рӯзагии давраи навзодӣ дар тамоми узвҳо ва системаи кӯдак табаддулот ба шароити муҳити зисти берун аз организми модар ба амал меояд. Дар ин вақт ҳолатҳои ғизогирӣ, нафаскашӣ ва гардиши хун иваз мешаванд. Дар вуҷуди навзод давраи хурди гардиши хун ба фаъолият сар намуда, шохаи узвҳои ҳозимаи ӯ тавассути ғизогирии шири модар оғоз меёбанд. Дар ин муддат ҳоло ангезаи ҳароратии навзод нокомил аст, бино бар ин барои ӯ реҷаи ҳароратии муайянро таъмин сохтан зарур мебошад.

Синни ширмакӣ – (аз 29 рӯзагӣ то 1-солагӣ давом мекунад). Сабзиши шиддатнок ва асабӣ – рӯҳӣ, моторӣ, инкишофи маънавии кӯдак дар ин муддат мушоҳида карда мешавад.

Сабзиши кӯдак дар давоми 1 сол ба 59% (24 – 28 см), вазни бадан ӯ бошад, се маротиба меафзояд. Чунин усули инкишоф бартарии раванди анаболитикиро таъмин менамояд. Шиддати баланди мубодилаи моддаҳо, вайроншавии мубодилаи модда ба пайдошавии бемориҳои рахит, гипотрофия, камшавии оҳани хун оварда мерасонад. Аз ин нуқтаи назар дар ин синну сол таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба ҷараёни инкишофи кӯдак ва назорати риояи талаботи муқарраршуда барои пешгирӣ аз ҳолатҳои сар назадани чунин бемориҳо зарур мебошад. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар ин давра низоми сигналии дуюм шакл мегирад ва барои баровардани забон замина пайдо мешавад. Фаъолияти роҳнамо дар ин синну сол (муошират) алоқа бо калонсолон, мебошад, ки барои инкишофи рӯҳии кӯдак ва гузариш ба дигар зинаи синнусолӣ мусоидат менамояд. Дар инкишофи равонии кӯдак аз худ кардани қаноатмандии талаботҳои нав дар сурати алоқа бо одамон ва гирифтани тасаввуроти нав аҳамияти зиёд дорад. Дар хотимаи соли аввал талаффузи калимаҳо шурӯъ мешавад, ҳарчанд захираи луғавии кӯдак зиёд набуда, 8-20 калимаро дар бар мегирад.

**Айёми кӯдакии аввал ё синни томактабӣ (аз 1- то 3-солагӣ).** Ин давра, пеш аз ҳама, сурати пастшавии инкишофи ҷисмонии кӯдаконро тавсиф менамояд. Дар синни 2,5 – 3 солагӣ баромадани дандонҳои ширӣ ба охир мерасад. Давраи бошиддати шаклгирии низоми лимфоидӣ, ки зуд – зуд ба гипертрофияи бодомакҳои гулӯ ва пайдошавии аденоидҳо меорад, ба амал меояд. Дар кӯдак имкониятҳои ҳаракат васеъ мешаванд ва бинобар ин муаммоҳои захмбардорӣ пайдо мешаванд. Бемориҳои шадиди роҳи гулӯ ва бинӣ, дар қисми зиёд бемориҳои гармбодӣ (аллергия), бемориҳои сироятии кӯдакон ба назар мерасад. Мустақилият дар ҳаракат, алоқамандии кӯдак бо олами атроф меафзояд, ки ба дарки воситаҳои дар гирду атроф мавҷудбуда имконият пайдо мешавад. Захираи луғавӣ меафзояд, тартиб додани ҷумлаҳоро ёд мегирад. Маҳз, дар ҳамин давра, айёми мувофиқ барои шаклгирии инкишофи шахсият фароҳам меояд, ки ӯро ба марҳилаи нави инкишоф ворид месозад.

**Айёми кӯдакии хурди томактабӣ (аз 3 то 7-солагӣ).** Баландшавии қад ба мушоҳида расида, вазн кам мегардад, аммо дароз шудани дасту пой низ дар ҳамин синну сол ба чашм мерасад. Системаи масуният ба дараҷаи болиғӣ мерасад. Аз бемориҳо дар ин синну сол ҷойи аввалро бемориҳои сироятӣ ва роҳи нафас ишғол карда, осеббардорӣ низ меафзояд. Ивази дандонҳои ширӣ ба доимӣ сар мешаванд. Синнӣ 5 – 6-солагиро давраи инкишофи ақлоният меноманд. Дар ҳамин давра, хотира хеле қавӣ гашта барои омӯзиши мусиқӣ, расмкашӣ, забони хориҷӣ дар кӯдакон замина фароҳам меояд.

Дар синни 3 – 6 солагӣ саъю кӯшиш ба иҷрои корҳои мустақилона, иштироки фаъолона дар ҳаёти калонсолон ба назар намоён мегардад.

**Айёми хурди мактабӣ (аз 7 то 11-солагӣ).** Дар ин давра ивази дандонҳои ширӣ ба доимӣ хотима меёбад. Миёни писарон ва духтарон фарқи аломатҳо дар сурати сабзиш ва

болиғшавӣ ва ташаккули шакли бадан ба амал меояд. Дар кӯдакон мушакҳои хурди ҳамоҳангсози ҳаракатҳои мураккаб инкишоф меёбад, хотира боз ҳам мустаҳкамтар мешавад, дараҷаи ақлоният баланд мегардад. Омӯзиш дар мактаб мустақилияти онҳоро танзим менамояд. Дар синни 9 – 11- солагӣ ба кӯдакон давраи ба балоғатрасӣ ворид мешаванд, ки ин айём бо фаъолнокии ҳормоналӣ тавсиф мешавад. Танзими ҳуморалӣ ба дараҷаҳои гуногун: ғадудҳои эндокринӣ, гипофиз, сипаршакл ҳормонҳои сабзиш ва ҷинсиро ихроҷ мекунанд, амалӣ мегардад. Дар ин давра вайроншавии қаду қомат, тез шудани қувваи биниш, пайдо шудани кариес дар дандонҳо мушоҳида карда мешавад. Дараҷаи баланди бемориҳои сироятӣ нақши худро мегузорад, бемориҳои меъдаю – рӯда, ҳамчунин дил (аз сабаби инкишофи тези ҳамаи системаҳои организм) ва бемориҳои гармбодӣ (аллергия) пайдо мешаванд. Дар ин айём миқдори кӯдакони вазни зиёд дошта меафзоянд, осеббардорӣ дар дараҷаи баланд қарор мегирад. Фаъолияти таълимӣ ҷойи асосиро нисбат ба дигар навъҳои фаъолият мегирад. Дар байни фаъолиятҳо ҷойи аввалро қобилияти зеҳнӣ ва забонӣ ишғол менамояд. Шакли танзими фаъолият пайдо гардида, ва дар натиҷаи ин дигаргунӣ ӯ ба меъёрҳои иҷтимоӣ такя менамояд.

**Синни калони мактабӣ (аз 12 то 17 – 18 солагӣ).** Якбора тағйирёбии вазифаҳои ғадудҳои тарашшуҳоти дохилӣ дар ин давра ба мушоҳида мерасад. Барои духтарон давраи пурҷӯши балоғати ҷинсӣ, барои писарбачагони наврас оғози балоғати ҷинсӣ ба зуҳур меояд. Дар ин давра барои ҳар як як кӯдак суръати инфиродии инкишофи биологӣ хос аст. Ҳарчанд онҳо дар як синну сол қарор доранд, аммо суръати инкишофи инфиродӣ дар онҳо гуногун мегузарад. Беҳуда дар байни халқ чунин мақолҳо вуҷуд надорад “Духтар калон шавад хоҳарвор, писар калон шавад додарвор ”бояд муносибат кард. Ба ин давраи ҳаётӣ вайроншавии инкишофи ҷисмонӣ, болиғии ҷинсӣ хос аст. Бемориҳои паҳншудатарин дар ин синну сол дар узвҳои ҳозима, системаи гардиши хун, тағйирёбии танзими вегетативӣ ба назар мерасанд.

Бояд дар ин давраи инкишоф бо духтарон модарон, муаллимаҳо хоҳарвор муносибат карда, онҳоро ба корҳои рӯзғордорӣ, дӯхтан, аз ҷумла кашидадӯзӣ, пухтупаз, шуғл варзидан бо варзиш ҷалб намоянд. Барои писарбачагон бошад, омӯхтани шеваҳои таъмири мошинаҳо, коркарди чӯб, сохтани ҳар гуна асбобҳои рӯзгор ба мақсад мувофиқ аст.Синну соли калони мактабӣ давраи муҳимми инкишофи равонӣ, ташаккули ирода, ахлоқ, дарккунӣ буда, дар ин давра аксаран низоъҳо пайдо мешаванд. Ин ҳолат падару модарон ва омӯзгоронро водор менамояд, ки онҳоро аз шарм доронидан ё дашном додан дар байни ҷомеаи наврасон худдорӣ намоянд, бо онҳо суҳбатҳои инфиродӣ гузаронанд. Дар ин синну сол миқдори бемориҳои асаб меафзоянд. Сабаби асосии ин, фаъолияти пуршиддати ғадудҳои тарашуҳоти дохилӣ ба шумор меравад. Аксар наврасон ба ёрии пизишкони бемориҳои асаб ва равонпизишкон ниёз доранд. Аммо падарону модарон аз машварати пизишкони асабшинос ва рӯҳшинос ор мекунанд.

Для формирования коммуникативной профессиональной направленной компетенции необходим дифференцированный подход, позволяющий сегментировать учебный материал, подлежащий активному усвоению, чтобы он удовлетворял коммуникативные потребности единиц русского языка, был доступен и мог стимулировать познавательную деятельность студентов. Среди группы методистов распространено будто мнение, что благодаря однозначности термина, его прикреплённости к определенной области научного знания, а также его интернациональной основы и частой повторяемости, собственно термины не представляют трудностей для понимания и освоения.

Мы предлагаем следующие этапы работы над терминологической лексикой: первый этап обучения русскому языку в неязыковом вузе должен носить в основном коррективный характер, и, главным образом, на этом этапе изучаются общелитературные слова; продвинутый этап должен в значительной мере служить целям повторения и упрочения лексического запаса, ограничиваясь введением и изучением незначительной части терминологического словаря-минимума, свойственного литературе подъязыка специальности.

Таким образом, выделенные нами приёмы введения терминологической лексики представляются принципиальными, позволяющими вводить терминологию студентам – таджикам неязыкового вуза при обучении русскому языку в связи со специальностью более оптимально и целенаправленно.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Виноградов В.В. Основные типы лексических значений. // Вопросы языкознания. -1953. - №3. - С. 10 - 17
2. Винокур Г.О. О некоторых явлениях словообразования в русской технической терминологии[Текст]/Г.О.Винокур// Труды Моск. гос. ин-та истории, философии и литературы, Филол. Фак. - М., 1939. - Т. 5. - С. 3 - 54
3. Лейчик В.М. Проблемы отечественного терминоведения в конце XX века//Вопросы филологии, 2000.-№2(5).- С. 20-30.
4. Лейчик В.М. Терминоведение: Предмет, методы, структура. Изд. 4-е.- М.: :Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2009.- 256 с.
5. Ходжиматова Г.М. К вопросу о взаимодействии общелитературной и терминологической лексики в научных текстах// Документ как текст культуры-Вып.6: Международный сборник научных трудов.-Тула:ООО «С-Принт», 2013-С.98-102
6. Ходжиматова Г.М. Научные основы обучения терминологической лексике в неязыковом вузе: Монография.- Душанбе: ООО «Авесто», 2010.- 240с.


## ТАШКИЛ НАМУДАНИ УСЛУБИ ОМУЗИШИ ЛЕКСИКАИ ИКТИБОСИИ ДОНИШЧУЁНИ ТОЧИК


Дар маколаи мазкур ташкили услуби чори кардани лексикаи мустахками иктибоси ва фаолкунии донишчуёни точик карда шудааст. Хамчунин савол дар муайян кардани иктибос ва чои у дар системаи адабиёти забон дида мешавад. Ба назардошти муаллиф, ба назар гирифтани зарурияти дониш барои комилан азхудкунии иктибос ва тартиботи алокаи донишчуён лозим ва зарур аст дар пайхам бурдани кор бо азхуднамудани лексикаи иктибоси.



**Калидвожахо:** иктибос, калимаи маъмул, тартиби машкхо, робитаи кордони, забони мутахасис, иктибоси семантики, устувор, фаъолкунони.


## МЕТОДИЧЕСКАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ РАБОТЫ ПО ИЗУЧЕНИЮ ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ СТУДЕНТАМИ ТАДЖИКАМИ


В данной статье предложена методическая организация введения терминологической лексики, ее закрепление и активизация. Также рассматривается вопрос об определении термина и его место в системе литературного языка. По мнению автора, учитывая важность знания для адекватного понимания термина, его системных связей студентами, необходима поэтапная работа по освоению терминологической лексики.



**Ключевые слова:** термин, общеупотребительное слово, система упражнений, коммуникативная компетенция, язык специальности, семантизация термина, закрепление, активизация.


## METHODICAL ORGANIZATION OF WORK ON STUDYING OF TERMINOLOGICAL LEXICON BY STUDENTS BY TAJIKS


In this article the methodical organization of introduction of terminological lexicon, her fixing and activization is offered. Also the question of definition of the term and its place in system of the literary language is considered. According to the author, considering importance of knowledge for adequate understanding of the term, his system communications by students, stage-by-stage work on development of terminological lexicon is necessary.



**Keywords:** term, common word, system of exercises, communicative competence, specialty language, term semantization, fixing, activization.



**Сведения об авторе:** ***Джумаева Д.Дж.*** – Таджикский национальный университет, аспирант.
Телефон: **905-44-82-55**

# ПРОИЗВОДИТЕЛЬНЫЙ ТРУД – ОСНОВНОЙ ПУТЬ ДЛЯ ТРУДОВОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ

*Джафаров А. С.*
**Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни**

В научной литературе неоднократно обсуждался вопрос о положительном влиянии экономических знаний учащихся на сознательный выбор ими профессии. Иными словами, систематическое участие студентов в производительном труде, приобретение ими экономических знаний не только в области экономики и организации производства, но и об избираемой профессии создают благоприятные условия для успешной работы с учащимися по обучению их народным ремеслам. Возможность рассмотрения производительного труда как основного пути не только для трудового воспитания, но и экономической подготовки учащихся к выбору профессии указали известные ученые педагоги СНГ. Так, Т.Хамрокулов отмечает, что в процессе производительного труда необходимо и возможно знакомить подростков с вопросами планирования, нормирования и учета произведенной продукции, ее качества, что является основой подготовки их к труду и выбору профессии.

Однако производительный труд учащихся в ремесленных мастерских может сопровождаться усвоением знаний экономики и организации производства и труда только в том случае, если учитель-наставник сам вооружен необходимыми знаниями, владеет профессиональными умениями находить резервы повышения его производительности.

Все изложенное позволяет считать, что экономическая подготовленность студентов выступает важным условием формирования готовности студентов к обучению учащихся народным ремеслам и декоративно прикладному творчеству. В связи с этим мы попытались использовать экономические факторы производительного труда студентов в их подготовке к обучению учащихся народным ремеслам и декоративно прикладному творчеству. С этой целью в период производственной практики нами предпринята попытка выяснить путем аттестационных замеров уровень экономической подготовленности студентов. Для обработки экспериментальных данных нами использована методика, предложенная В.П. Волковой, а также «Рабочая книга социолога». Аттестация как метод сбора разнообразной информации об уровне экономической подготовленности практикантов по своей процедуре очень проста и может быть осуществлена непосредственно на базе производственной практики руководителями практики. Поскольку анализ результатов аттестационных замеров позволяет своевременно корректировать план работы с практикантами, более обоснованно определить задачи и целевые установки производственной практики в области подготовки их к работе по экономическому воспитанию и по ориентацию учащихся на ремесленные профессии в процессе производительного труда. В качестве элементов, характеризующих уровень экономической подготовленности практикантов, обеспечивающих им возможность успешно вести обучения учащихся народным ремеслам и декоративно прикладному творчеству в школе в процессе производительного труда, нами было взяты следующее:

I. Интерес к экономике мастерских - базы практики.

II. Прочность усвоения экономических знаний:

Производительность труда (определение, значение и пути его повышения).

Нормирование и учет производительного труда.

III. Интерес к производительному труду:

Участие в работе по повышению производительности труда.

Качество выполняемых работ (операции).

IV. Основы научной организации труда:

Потребность в рациональной организации рабочего места.

Экономические требования. Гигиена труда. Техника безопасности.

V. Участие в экономии материально-сырьевых, топливно-энергетических ресурсов.

VI. Знание основных экономических требований ремесла.

VII. Интерес к деятельности мастерских по ориентации учащихся на ремесленные профессии:

Содружество школы и мастерских по ориентации учащихся на ремесленные профессии.

Можно предположить, что вышеперечисленные элементы экономической подготовки в своем единстве создают практикантам будущим учителям, в их предстоящей деятельности в школе благоприятные условия для успешного проведения обучения учащихся народным ремеслам, декоративно прикладному творчеству в процессе их производительного труда. Необходимо подчеркнуть, что указанные элементы вполне поддаются наблюдению и оценке с

помощью количественных показателей. Таким образом, усилению качества подготовки студентов к обучению учащихся народным ремеслам и декоративно - прикладному творчеству в процессе производственной практики способствовали глубокое усвоение экономических понятий, таких как производительный труд, планирование, нормирование и оплата труда, организация рабочего места, а также непосредственное участие в производительном труде.

Включение студентов в соответствии с программой производственной практики в работу, осуществляемую на базе ремесленных мастерских, ведущих ремесленников г. Душанбе, создает благоприятные условия для расширения и углубления их профессиональных знаний, приобретения ими опыта декоративно прикладной творческой деятельности и развития творческого мышления. Все это имеет особое значение в предстоящей деятельности в школе по техническому и декоративно прикладному творчеству учащихся, выбору ремесел. Организуя здесь совместную творческую декоративно прикладную деятельность, мы включили студентов не только в работу ремесленных мастерских, по совершенствованию механизации трудоемких процессов, осуществляемых ремесленниками, но и к изучению мотивов ремесленников, занятых декоративно прикладной творческой деятельностью, выяснению роли творческого труда в квалифицированном росте ремесленников, в их социальной и профессиональной адаптации. Ниже приведена тематика изобретательских и рационализаторских работ, проводимых в мастерских ремесленников г. Душанбе, в разработке которых принимали посильное участие и практиканты: «Разработка приспособления для подготовки глины для изготовления керамических изделий», «Разработка улучшенной конструкции технического оснащения керамических станков» и т. д., которые впоследствии стали основой для написания ими дипломных работ.

В современных условиях успешное функционирование любого производства без формирования определенной экологической культуры у работающих на нем людей. Поэтому согласно программе производственной практики мы попытались формировать у студентов экспериментальной группы умения проводить эколого-охранные мероприятия в процессе их производительного труда в мастерских ремесленников. Вместе с тем научили прогнозировать возможные отрицательные последствия и принимать эффективные меры по их устранению в случае загрязнения почвы, воздуха, воды из-за нарушения, например, технологии транспортировки, хранения и заправки горюче-смазочных материалов. В этом случае весьма эффективными формами работы со студентами оказались экскурсии, встречи, диспуты, рейды в разные цеха мастерских г.Душанбе. Так, рейды студентов по обследованию санитарного состояния территории, помещений по выявлению мастерских, рабочих мест, оборудования, являющихся потенциально возможными источниками загрязнения окружающей среды. По материалам рейда организовали конкурс на лучший рассказ, рисунок, иллюстрирующий вред, приносимый в результате экологически неграмотной трудовой деятельности ремесленников. Студенты написали сочинения на тему «Природа – глазами практикантов», в которых они изложили собственные соображения о запущенном экологическом состоянии мастерских. Были использованы весьма важные в методическом плане и другие формы работ, проведенные студентами выпускного курса. Таковыми были диспуты по теме «Может ли ремесленник принести вред экологии?», «Может ремесленник участвовать в улучшении экологии ?». Цель этих диспутов:

-научить мыслить, отстаивать свои позиции в области охраны природы;

-воспитать у студентов глубокий интерес к проблемам экологии и обостренное чувство активной позиции к своей производственной деятельности в качестве ремесленника;

-расширить политехнический, профессиональный кругозор студентов, сформировать у них методические умения и навыки по организации и проведению диспутов по проблемам охраны природы, создающих благоприятные условия для выработки у учащихся активной позиции в этой области, критической оценке сложившейся экологической ситуации.

Вопросы, особо привлекшие внимание участников диспута:

-возможно, ли снизить степень угрозы, таившейся в чрезмерном использовании природных ресурсов?

-является ли действие ремесленников потенциальным загрязнителем окружающей среды?

-может ли ремесленник быть активным участником движения «борьбы с загрязнением окружающей среды?»;

-чем может способствовать ремесленник, остановив прогрессирующий рост уровня загрязнения атмосферного воздуха?

Важным средством методической подготовки студентов к работе по осуществлению экологического воспитания учащихся выступает также и выполнение ими индивидуальных заданий по охране природы. В условиях перехода республики к рыночным отношениям все более возрастает роль таких прогрессивных форм организации труда, как хозрасчет, семейный и арендный подряды, подсобное хозяйство и т. д., что способствует установлению новых форм трудового сотрудничества детей и родителей, детей и взрослых. А это требует от учителя технологии соответствующей подготовки по содержанию и организации работы с родителями в этой области.

ЛИТЕРАТУРА

1. Волков В.В. Технология обучения в интегрированной обучающей системе: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / Волков Владимир Владимирович. – М., 1993. - 19 с.
2. Сластенин В.А. Доминанта деятельности /В.А. Сластенин // Педагогика. – 1997. -№ 9. -С. 41-42.
3. Фарберман Б.Л. Прогрессивные педагогические технологии [Текст]: научно-теоретический семинар / Б.Л. Фарберман. – Ташкент, 1999. – 84 с.
4. Хамрокулов Т. Формирование адекватных представлений у студентов о будущей деятельности как фактор профессиональной готовности / Т. Хамрокулов. – Л., 1985. – 122 с.
5. Ходжабаев А.Р. Научно-педагогические основы учебно-методического комплекса подготовки будущего учителя: автореф. дис. … докт. пед. наук: 13.00.01 / А. Р. Ходжабаев. – Ташкент, 1994. – 42 с.
6. Хозяинов Г.И. Педагогическое мастерство преподавателя / Г.И. Хозяинов. – М.: Высшая школа, 1988. – 168 с.
7. Шадиев Н. Подготовка студентов к работе по профориентации сельских школьников / Н. Шадиев. – Т.: Укитувчи, 1979. - 280с.
8. Шакуров Р.Х. Творческий рост педагога /Р.Х. Шакуров. – М.: Знание, 1985. – 80с.

**МЕҲНАТИ ИСТЕҲСОЛНОК – РОҲИ АСОСИИ ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ТОЛИБИЛМОН**

Ба пурзуркунии сифати тайёрии донишҷӯён ба таълими ҳунарҳои мардумӣ ва эҷодиёти санъати амалӣ дар раванди таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ азхудкунии амиқи мафҳумҳои иқтисодӣ ба монанди меҳнати истеҳсолӣ, банақшагирӣ, меъёргузорӣ ва пардохти музди меҳнат, ташкили ҷойи корӣ, инчуин иштироки бевосита дар меҳнати истехсолнок мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** донишҷӯй, сифат, эҷодиёт, протсесс, таҷрибаомӯзӣ, азхудкунӣ, ташкилот, меҳнат, пардохти музди меҳнат.

**ПРОИЗВОДИТЕЛЬНЫЙ ТРУД – ОСНОВНОЙ ПУТЬ ДЛЯ ТРУДОВОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ**

Усилению качества подготовки студентов к обучению учащихся народным ремеслам и декоративно прикладному творчеству в процессе производственной практики способствует глубокое усвоение экономических понятий, таких, как производительный труд, планирование, нормирование и оплата труда, организация рабочего места, а также непосредственное участие в производительном труде.

**Ключевые слова:** студент, качество, творчество, процесс, практика, усвоение, организация, труд, оплата.

**MANUFACTURING LABOR - THE MAIN WAY FOR LABOR STUDENT EDUCATION**

Enhance the quality of training students to learn crafts and decorative students applied creativity in the process of manufacturing practices contribute to profound mastering economic concepts such as productive work, planning, valuation and remuneration, workplace organization, as well as direct participation in productive work.

**Ключевые слова:** students, качества quality, creativity, process, practices, mastering, organization, work, remuneration.

**Сведения об авторе**: ***Джафаров А. С. -*** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, аспирант кафедры технологии и машиноведения

# ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Ғоибов К.Ш., Усмонов Д.А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров**

Таҳсилот яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҳаёти ҷомеа, ояндаи ҳар як миллат ва кишвар ба шумор меравад. Мавқеи муаллим дар ҳаёти ҷомеа ба нақше, ки дониши одамон, таҷриба, малакаю маҳорати онҳо, имкони инкишофи сифатҳои тахассусӣ ва шахсият дар рушди ҷомеа мебозанд, алоқаманд аст. Муаллим шахсест, ки илму дониш ва маърифатро дар замири насли наврас мепошад, меомӯзонад, талқину ташвиқ месозад ва роҳи татбиқи онро муҳайё мекунад. Дар ҷомеаи имрӯза ҳамон муаллим фаъолияти босамарро ба роҳ монда метавонад, ки агар вай хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии хонанда ва мақсаду мазмуни таълимро амиқ донад, мавқеи онро дар ҷараёни такмилу рушди ҷамъият муайян карда тавонад. Ҳамчунин, дар ҷараёни таълим фаъолияти эҷодии ӯ бо хонандагон самаранок ва пурмаҳсул ба назар расад. Фаъолияти педагогии муаллимони имрӯза ба кори олиме, ки тадқиқотро тақозо мекунад, монанд аст. Вақте ки сухан дар бораи ҳамкории эҷодии муаллиму хонанда дар ҷараёни таълим меравад, бояд омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ барои пурмаҳсулии фаъолияти таълим аз моҳият ва мазмуни ҳамкории педагогӣ огаҳӣ дошта бошанд [2, 65].

Ҳамкории педагогӣ тамоюлест, ки дар педагогикаи нимаи дувуми асри XX ба миён омадааст. Асоси ҳамкории педагогро усулҳои инсонгароӣ, муносибати халлоқона ба рушди шахсият, низоми (системаи) усулу воситаҳои тарбия ва таълим ташкил медиҳад. Роҷеъ ба ин масъала олимони зиёд аз қабили Ш.А. Амонашвили, П. Волков, И.П. Иванов, Б.Н. Илин, В.А. Краковский, С.Н. Лисенкова, Л.А ва Б.П. Никитин, В.Ф. Шаталов М.П. Шетинин ва дигарон корҳои таҳқиқотӣ ба анҷом расонида, ҳамзамон дар мактаб таҷрибаи калони амалӣ дошта, консепсияҳои тозаи таълиму тарбияро таҳия намудаанд, ки чанде аз онҳо мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд:

- муносибат ба таълим ҳамчун ҳамкории эчодии омӯзгорон ва хонандагон;

- таълим бидуни фишор;

-супоридани вазифаи мураккаб (дар назди хонандагон вазифаи мураккаб гузошта мешавад ва ба онҳо талқин мегардад, ки албатта, онро бартараф намоянд);

- таҳияи қисматҳои бузург (муттаҳид намудани якчанд мавзӯъҳои маводи таълимӣ дар қисматҳои алоҳида);

- таҳлили ҷамъбасти фаъолияти инфиродӣ ва гурӯҳии хонандагон;

- интихоби озод (омӯзгор бо мақсади беҳтар омӯзонидани маводи таълим бо салоҳдиди хеш вақтро истифода мебарад) [5, 86].

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки муаллим ҳар рӯз дар ҷараёни ҳар як дарс даҳҳо вазифаю муаммо ва масъалаҳои психологию педагогиро ҳал менамояд, дар ин бобат ба ташаккули фаъолияти эҷодии хонандагони хурдсол машғул мегардад. Дар бархе аз дигарашон дертар мутатсия пайдо шуда, мураккабу сода ва ё муқарраргӣ шудани зоҳиршавии фаъолияти эҷодии хонандагон мумкин аст. Аз ин рӯ ҳар як муаллим бояд дар таълим фаъол ва эҷодкор бошад. Танҳо дар ҳамин сурат муаллим камбудиҳои худро дарк намуда, ба ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои навини педагогӣ ва муаммову вазифаҳои психологӣ кӯшиш менамояд.

Ҳамчунин муаллими имрӯзаро зарур аст, ки раванди педагогиро на танҳо фаъолияти байни ду шахс (муаллим ва хонанда) шуморанд, балки дар он ҷараёни баҳамтаъсиррасонии онҳо барои барпо намудани ҳамкории эҷодӣ таҷрибаи бой дошта бошанд. Муносибати хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо муаллимон ҳамчун иҷрокунандаи вазифаҳои хонагӣ ва ё корҳои хаттиву санҷишӣ ва муаллим бошад, роҳбар ё роҳкушои ин машғулиятҳо ба назар мерасад. Набояд раванди таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба иҷрои вазифаи хонагӣ ва пурсиш ё иҷрои амалҳои арифметикӣ ба итмом расад. Аслан ҳар як дарсе, ки аз тарафи муаллими синфҳои ибтидоӣ ташкил карда мешавад, бояд дар ҳама лаҳзаҳои он робитаи эҷодкоронаи ӯ бо хонандагон акс ёфта бошад. Хонанда худ аз худ ба донишандӯзӣ мароқ зоҳир намекунад. Ворид шудани хонанда ба мазмун ва моҳияти ҳар як мавзӯи нав танҳо дар асоси азхудкунии маводи таълим ва ё иҷрои вазифаи аз тарафи муаллим супоридашуда самаранок ба назар мерасад, ки ин аз рафти муносибати эҷодкоронаи муаллим ба ӯ дарак медиҳад. Ташаккули амалиётҳои эҷодии хонандагон дар заминаи ҳамкории эҷодии муаллиму хонанда натиҷаи босамар медиҳад. Зимни ҳамкории эҷодӣ дар хонандагон шавқу ҳавас, одат кардан ба фазои фаъолияти таълим ва омодагии ҳамаҷониба ба гирифтани чизи нав (маводи нав) ташаккул меёбад. Барои самаранокии раванди таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ мутахассисони соҳавӣ якчанд сатҳи таъсири фаъолияти эҷодкоронаи муаллим бо хонандагонро тадқиқ намудаанд:

1. Муайян намудани самт, тартиб ва ҳамкорӣ дар азхудкунии фан.
2. Пеш бурдани кори таълим тавассути усулҳои интерактивии таълим.
3. Пеш бурдани такмили донишу маҳорат ва малакаи хонандагон.
4. Назорати иҷрои кор ҳамчун воситаи пешбурди робитаи байниҳамии муаллиму хонанда.
5. Бозиҳои дидактикӣ якҷоя бо омӯзгорон дар ҷараёни таълим.
6. Ҳамкории муаллиму хонанда барои ба мақсад расидан.
7. Имкониятҳои робитавии муаллиму хонанда дар ҷараёни таълим.

Муносибати фаъолу эҷодкорона дар таълим ҳамеша бо дарки амиқу мақсаднок ва бо натиҷаи назарраси амалиёт вобаста аст, ки дар вазъияти мавҷуда баҳри комёб шудан ба мақсад мусоидат мекунад. Пеш аз он ки оиди ҳамкории эҷодии муаллим ва хонанда ҳарф занем, ба чӣ гуна будани қобилияти эҷодӣ назар адӯхтан бомаврид аст. Қобилият гуфта, хусусияти фардӣ – психологии шахсро мефаҳманд, ки ба талаботи фаъолияти додашуда ҷавобгӯ буда, имконияти иҷрои бомуваффақияти онро таъмин менамояд ва шарти ба осонӣ аз худ шудани донишу маҳорат ва малакаҳо мебошад [4, 113]. Барои ба мақсади гузошташуда расидани муаллим озодии эҷодӣ, ҳамкории мақсаднок ва бой будани дараҷаи ҷаҳонбиниву истеъдод нақши асосӣ мебозад. Мо, асосан, тавассути муносибату муошират, сӯҳбату ҳамкорӣ хонандаро тарбия менамоем. Педагогика маҳз тавассути ҳамкорӣ бо қисми инсоният, ки онро «хонандагон» меноманд, машғул аст. Дар робита бо ин, олими шинохтаи тоҷик Ф. Шарифзода чунин қайд намудааст: «Педагогика илмест дар бораи санъати ҳамкорӣ, вале на танҳо бо хонандагон, балки умуман бо ҳама одамон, пас илми педагогика бе таълиму тарбияи «хонандагон» мавҷуд буда наметавонад» [2, 149].

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳар як муаллим аз оғоз то ба итмом ҳар як лаҳзаи фаъолияти таълимии муҳассилинро бесамар набурда, бояд дар замири онҳо донишу маҳорат, малакаву истеъдод ва ҳамчунин қобилиятҳои эҷодиро ҷой намояд, ки ин аз робитаи ногусастании муаллиму хонанда дар ҷараёни бароҳмонии дарс дарак медиҳад. Дар ташаккул ва тараққӣ додани ҳамкории эҷодии муаллимону хонандагон на танҳо раванди таълим аз ҷиҳати педагогӣ ба инобат гирифта мешавад, балки асосҳои психологии ташкили раванди таълим ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ-психологии хонандагон аҳамияти ҳамаҷониба дорад. Ҳамчунин, мафҳуми қобилият, истеъдод, лаёқат ва баъзе омилҳои бавуҷудоварандаи ҳамкории эҷодӣ аз назари

психологӣ хуб арзёбӣ гаштаанд. Б.М. Теплов се аломати асосии мафҳуми қобилиятро ҷудо мекунад: Аввалан, зери мафҳуми қобилият хусусиятҳои фардӣ – психологиеро мефаҳманд, ки якеро аз дигаре фарқ мекунонанд;

дувум, қобилият гуфта на ҳамаи хусусиятҳои фардӣ – психологиро дар назар доранд, балки танҳо онҳоеро, ки ба иҷрои бомуваффақияти ягон фаъолият марбутанд;

савум, мафҳуми қобилият ба он донишҳо, малака ва маҳоратҳое нисбат дода мешавад, ки аллакай дар шахс вуҷуд доранд, дар айнитят нестанд, ҳарчанд боиси ба осонӣ аз худ гаштани онҳо мегардад.

Миёни қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳо муносибати мураккаби алоқамандии байниҳамии муаллим ва хонанда вуҷуд дорад. **Қобилияти омӯзгорӣ** аз маҳорати **омӯзгорӣ** фарқ мекунад. Фарқият дар он аст, ки қобилияти омӯзгорӣ **ин** хусусияти шахсии ӯст. Маҳорати **омӯзгорӣ** бошад, унсури алоҳидаи фаъолияти омӯзгорӣ, дараҷаи баланди ба роҳ монда тавонистани кори таълиму тарбия ва мунтазам такмил додани он аст. Педагог ва психологи машҳур Крутетский В.А. ба таври умумӣ қобилиятҳои омӯзгориро ба таври зерин гурӯҳбандӣ намудааст, ки онҳо хеле диққатҷалбкунанда мебошанд:

**Қобилияти дидактикӣ**. Моҳияти ин навъи қобилият иборат аст аз мутобиқсозии маводи таълимӣ, пешниҳоди содаву фаҳмои донишҳо, бедор намудани шавқу рағбат ва қобилияти хонанда нисбати фанҳои таълимӣ, дар ниҳоди хонандагон барангехтани фаъолияти маърифатӣ, қобилияти ташкили кори мустақилонаи хонандагон ва дар онҳо ташаккул додани талабот ба мустақилона азхудкунии донишҳо асоснок гаштааст *[3, 116]*.

Баъзан дар таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ мушоҳида карда мешавад, ки бархе аз омӯзгорон дар раванди баёни мавзӯи нав сатҳи дониши хонандагонро ба инобат нагирифта, мавзӯъро аз рӯйи фаҳмиши баён мекунанд, ки дар натиҷа азхудкунии маводи таълим барои хонандагон душвор мегардад. Аз ин рӯ, дар раванди таълим ба инобат гирифтани сатҳи дониш, дараҷаи тайёрӣ ва инкишофи қобилияти ақлии хонандагон муҳим мебошад. Ғайр аз ин талаботи муосири инкишофи психикии мустақилона донишазхудкуниро дар шогирдон инкишоф додан аст.

**Қобилияти ташкили таълим.** Қобилияти ташкили таълим маҷмӯи қобилиятҳое мебошад, ки ба соҳаҳои мухталифи илм (риёзӣ, физика, биология, адабиёт) мутааллиқанд. Яъне, омӯзгор бояд ихтисоси худро хуб донад ва пас аз хатми донишгоҳ бо пешрафту тараққиёти илму техника ва ба вуҷуд омадани навгониҳо дар соҳаи илм онро мустақилона бо истифода аз маҷаллаҳо ва адабиёти зарурӣ аз худ намояд. Ҳамчунин муаллим нисбати касби худ қобилияти эҷодӣ дошта бошад.

**Қобилияти суханронӣ (нутқӣ).** Омӯзгор бояд андешаҳои хешро равшану возеҳ баён карда тавонад. Эҳсосоти худро бо ёрии ҳаракату ишораҳо ифода намояд. Чунин шакли истеъдод на танҳо зимни баёни маводи таълимӣ аз ҷониби муаллим зоҳир мегардад, балки зимни аксуламали ӯ ба ҷавобҳо низ аз ҷониби хонандагон дарк карда мешавад. Дар вақти баёни мавзӯи нав аз ҳад зиёд баланд, паст ва ё якранг нақл кардан хонандагонро хаста мекунад ва дар системаи асаби хонандагон бездориро ба вуҷуд меоварад. Аз ин рӯ, овоз дар вақтҳои зарурӣ баланд, дар мавриди дигар пасттар ва вобаста ба хусусиятҳои ҳиссӣ бошад, ба мақсад мувофиқ мешавад.

**Қобилияти ташкилотчигӣ.** Қобилияти ташкилотчигӣ маҷмӯи қобилиятҳое мебошад, ки аз як тараф коллективи хонандагонро ташкил мекунад, аз тарафи дигар, кори хусусии омӯзгорро ба низом медарорад. Муаллимони ботаҷриба дар тӯли солҳои дароз эҳсоси қадршиносӣ аз вақтро тарбия намудаанд, ки ин барои тақсими кор ва иҷрои вазифаҳо дар муҳлати таъйиншуда аҳамияти зиёд дорад. Омӯзгор бояд ташкилотчии ҳама гуна *чорабиниҳои тарбиявӣ бошад ва аз уҳдаи муттаҳид намудани синф барояд. Омӯзгори ҷавоне, ки нав ба кор омадааст, тавонад ба коллективи омӯзгорони мактаб худро ҳамроҳ гирифта, монанди онҳо кори эҷодии раванди таълимро анҷом дода тавонад, ки ин аз қобилияти ташкилотчигӣ доштани ӯ вобаста аст.*

**Қобилияти *перцептивӣ.*** *Қобилияти мушоҳидакории психологӣ, маҳорати дарк намудани тағйиротро дар ҳолати ботинии хонандагон ифода менамояд. Яъне, омӯзгор бояд дар раванди таълим мушоҳидакор буда, аз ҷиҳати зоҳирии хонандагон вазъи ботинӣ ва хусусиятҳои психологии онҳоро муайян карда тавонад [1, 36].*

**Қобилияҳ*ои коммуникативӣ*.** *Ин навъи қобилият аз маҳорату малакаи муошират намудан, пайдо намудани муносибати мувофиқ ба хонандагон, барқарор намудани робитаи дуҷониба, одоби педагогӣ иборат мебошад, ки ба ин васила мубодилаи ахбору афкор ба амал меояд. Омӯзгор дар раванди барқарор намудани муносибати байниҳамдигарӣ бояд хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ-психологии хонандагон, мизоҷ* **хислат,** *қобилият, шавқу ҳавас, талабот ва маромро ба инобат гирад.*

**Тасаввуроти педагогӣ** *(ё ин ки қобилияти пешгӯӣ намудан, ки аксаран онро «ҳаёли педагогӣ» меноманд). Омӯзгор тавассути ин қобилият бояд оқибатҳои рафтори худро бубинад, қодир бошад, ки инкишофи сифатии ин ё он хонандаро тарҳрезӣ ва пешгӯӣ намояд. Тасаввуроти педагогӣ бо мушоҳидаи педагогӣ алоқаи зич дорад. Омӯзгор дар раванди мушоҳидаҳои ҳаррӯзаи худ муайян месозад, ки кадом шогирди ӯ чӣ тавр*

*инкишоф меёбад ва кадоме аз хусусиятҳои фардӣ-психологӣ дар ӯ нисбатан афзалият дорад [1, 93].*

*Ҳар фарде, ки мақсади омӯзгор шуданро дорад ва омӯзгори ҷавоне, ки мехоҳад ихтисосманди хуб бошад, бояд хоҳиши инкишоф додани қобилияти омӯзгории худро кунад, зеро барои хар як* муаллиму тарбиятгар инкишоф додани маҳорату малака ва қобилиятҳои омӯзгорӣ зарур аст.

Равоншиноси машҳури рус А.В. Петровский оид ба қобилият чунин мегӯяд: «Дар бораи қобилият ҳарф зада истода, аз мафҳумҳои фалсафии «имконият» ва «воқеият» истифода кардан қулай аст. Монанди оне, ки донаи ба замин афтида дар нисбати хӯшаи пухтарасидае, ки метавонад аз ин дона сабзад (агар сохтор, таркиб, намнокии замин ва боду ҳаво мусоид бошанд), танҳо имконият аст. Қобилияти инсон низ барои ба даст овардани донишу маҳорат ва малакаҳои муайян танҳо имконият шуда метавонад, ки тараққиёти он аз худи ӯ вобаста аст [2, 76].

Яке аз ҳадафҳои асосии ташкил ва пешбурди раванди таълиму тарбия дар мактаб, ин ташаккули ҳамкории эҷодии муаллим бо хонандагон маҳсуб ёфта, аз муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ талаб менамояд, ки барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани он кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ки маҳсули кори онҳо дар хонандагон фаъолияти эҷодиро бедор созанд. Муаллиме, ки эҷодкору соҳибкасб аст ва бо дастони худ корҳои бисёрро иҷро карда метавонад, доимо сазовори муҳаббати хонандагон ва намунаи ибрат аст.


**АДАБИЁТ**

1. Давлатов М. Психология / М. Давлатов, С. Қодиров. –Душанбе: Сино, 2002. - 138с.
2. Крутетский В.А. Основы педагогической психологии / В.А. Крутетский. - Москва, 1986. -148с.
3. Мустафоқулов Т. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ / Т. Мустафоқулов, М. Нарзуллоева. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 186с.
4. Шарифзода Ф. Педагогика / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. - 544с.
5. Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф. Шарифзода, М. Миралиева. - Душанбе: Ирфон, 2012. – 561с.



**ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ**

Мақола ба яке аз масоилҳои мубрами педагогика бахшида шудааст. Фаъолияти эҷодии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо истифодабарии коркардҳои навин ва методҳои интерактивӣ ҳамаҷониба дида баромада шудааст. Имкониятҳои истифодабарии шаклҳои эҷодии фаъолият дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва аҳамияти он барои рушди равонии кӯдакон дида баромада шудааст. Инчунин дар мақола махсусиятҳои психологии толибилмони ақибмонда ва роҳҳои бартарафсозии онҳо дар раванди таълим дида баромада шудааст.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти эҷодӣ, қобилияти сугестивӣ, ҳамкории педагогӣ, озодии эҷодӣ, хусусияти фардӣ-психологӣ.



**ТВОРЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ**

Статья посвящена одной из актуальных проблем педагогики. Всесторонне рассмотрена творческая деятельность учителей начальных классов с использованием новейших разработок и интерактивных методов.Рассмотрены возможности использования творческих видов деятельности в системе начального образования и её значение для психического развития детей. Также в статье рассматривается психологические оссобенности неуспивающих учеников и пути их преодоления в учебном процессе.

**Ключевые слова:** творческая деятельность, способность, педагогическое содружество, свобода творчества, индивидуально-психологические особенности.



**CREATIVE ACTIVITY OF TEACHERS OF INITIAL CLASSES IN THE COURSE OF TRAINING**

Article is devoted one of actual problems of pedagogics. The author comprehensively considers creative activity of teachers of initial classes with use of the newest workings out and interactive methods. Possibilities of use of creative kinds of activity in system of elementary education and its value for mental development of children are considered. Also in article psychological property pupils backward and a way of their overcoming to educational process.

**Key words:** creative activity, ability, pedagogical commonwealth, creativity freedom, individually-psychological features



**Сведения об авторах:** ***Гаибов К.Ш.*** **-** Худжандский государстенный университет им. Б.Г.Гафурова, преподаватель кафедры педагогики и психологии профессиональной деятельности педагогического факултета.
E-mail: gaibov-87@mail.ru Телефон: **918-90-92-71**
***Усмонов Д.А.-*** Худжандский государстенный университет им. Б.Г.Гафурова, соискатель


# ҲАДАФМАНДИИ ШАХСИЯТ - АСОСИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА


***Луфов М.Т., Абдуллоев Ш.У.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**


Ташаккули касбии педагоги ояндаро, пеш аз ҳама, фаро гирифтани пешаи интихобшуда таъйин мекунад, ки танҳо аз андӯхтани маҷмӯи муайяни донишҳо, маҳорату малака иборат нест, балки азнавсозии тамоми соҳаи арзишию мотиватсионӣ, инкишофи қобилияту хислатҳои ӯро дар назар дорад, то ки ӯ ба интизориҳои дар тимсоли касбии

педагог таҷассумёфта мувофиқат намояд. Хислатҳои шахс дар муҳити зоҳиран якранги фаъолият ба тарзи гуногун падидор мешаванд. Ин раванд ба ҳадафҳо, идеалҳо, рағбату хоҳишҳо ва мотивҳое вобаста аст, ки инсонро ба фаъолият водор карда, муносибаташро ба он муайян менамоянд ва муваффақиятро дар оянда таъйин менамояд [1].

Сарфи назар аз гуногунии муносибатҳо ва тафовути маънидоди мафҳуми шахсият дар адабиёти равоншиносию педагогии ватанию хориҷӣ, дар аксари мавридҳо хислати асосии он ҳадафмандӣ ҳисобида мешавад, ки ҷанбаи эҳтиёҷоту мотиватсионии шахсиятро муайян карда, сатҳи олитарин ва пешбари сиришти равонии ӯ ба ҳисоб меравад. Дар замони ҳозира масъалаи шахсият бағоят тезутунд аст. Ба ҳисоб гирифтани омили инсонӣ таваҷҷуҳро ба олами ботинии инсон, зарурати инкишофи чунин сифатҳои шахсӣ, аз қабили фаъолӣ, бошуурӣ, ҳадафмандиро дар назар дорад.

Салоҳияти касбии омӯзгори оянда, ки дорои мундариҷаи иҷтимоӣ ва феноменологӣ мебошад, шаклгирӣ, рушд, якҷояшавӣ ва дар меҳнати педагогӣ таҷассум ёфтани сифатҳои шахсӣ, қобилият, донишҳои касбӣ ва маҳорат, дигаргунсозии фаъолонаи олами ботинии хешро дар бар мегирад, ки ба сохту тарзи ҷиддан нави фаъолият дар зиндагӣ боис мегардад. Дар ин ҳол асоси меҳварии сохтори шахсияти педагог, ядрои онро ҳадафмандии педагогӣ ташкил медиҳад, ки бо тамоюли сӯйи хонанда, қабули шахсияти ӯ алоқаманд аст. Ҳадафмандии педагогӣ ба нотакрории ҳар як одам, ба инкишофи лаёқати фардии ҳам хонанда ва ҳам қобилияти худи омӯзгор, ки ба хотири манфиати кӯдак амалӣ мегардад, нигаронида шудааст [2].

Дар равоншиносӣ ва педагогика масъалаи ҳадафмандию самтнокии шахсияти омӯзгор ба фаъолияти педагогӣ бо сабаби он, ки феномени мазкур дар самаранокии фаъолияти касбӣ аҳамияти хоссаро дорост, бағоят ҷиддӣ омӯхта шудааст. Дидгоҳҳои назарӣ оид ба ҳадафмандии касбӣ (педагогӣ)-и шахсият аз назарияи умумии ҳадафмандии шахсият бармеоянд. Он маҷмӯи мотивҳои устувореро дар бар мегирад, ки фаъолияти шахсиятро самт бахшида, нисбатан ба вазъият вобаста нест.

Дар тадқиқоте, ки ба ҳадафмандии шахсият бахшида шудааст, аз давраи қадим ҷанбаҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, биологӣ, сотсиологӣ ва педагогии масъала пайгирӣ мешавад. Аз ин дидгоҳ гуфтору андешаҳоеро, ки дар адабиёти илмӣ мавҷуданд, баҳо додан мумкин аст. Феномени мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар биология ва физиология ҳамчун «инъикоси пешдастонаи воқеият» (П.К.Анохин), дар равоншиносии умумӣ - «мақсад» (Д.Н.Узнадзе), «муносибат» (В.Н.Мясишев), дар равоншиносии шахсият - «ҳадафмандӣ» (Л.И.Божович), дар равоншиносии иҷтимоӣ - «мақсади иҷтимоӣ» (В.Л.Ядов), дар ҷомеашиносии шахсият - «ҳадафмандӣ» (Г.Л.Смирнов), дар фалсафаи Ғарб - «attitude» («ҳадафмандӣ», «мақсади иҷтимоӣ») ва «set» (мақсаднокӣ дар сатҳи равонию физиологӣ) номида мешавад [7].

Моҳияти назарияи умумии ҳадафмандии шахсият дар ҷараёни омӯзиши ин масъала аз ҷониби якчанд насли мутафаккирон, файласуфон ва педагогҳои барҷастаи замони гузашта, олимони муосири ватанию хориҷӣ муайян гардидааст. Ба мафҳуми «ҳадафмандии шахсият» дахл карда, муҳаққиқон хеле мураккаб будани онро ҳамчун падидаи равоншиносию педагогӣ таъкид намудаанд.

Масъалаи ҳадафмандии шахсият дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ анъанавӣ буда, аз дидгоҳҳои мухталиф баррасӣ шудааст. Гурӯҳе ин мафҳумро ҳамчун хислати модарзодии инсон маънидод мекунанд (И.Ф.Гербарт), дигарон бар пайдоиши биологии он таъкид доранд (У. Джеймс), гурӯҳи севум эътироф менамоянд, ки он сифати синну сол, инстинкти хоҳишест, ки қонеъ шуданро талаб мекунад (Э.Клапаред).

Оид ба саъю кӯшиши инсонӣ дар осори педагогҳои бузурги гузашта андешаҳои зиёде баён шудаанд. Чунончи, Я.А.Коменский саъю кӯшиши инсонро ба маърифат ва меҳнат хислати табиӣ мешуморид, зеро «…барои тани зинда чизи тоқатфарсотаре ҳамчун бекорӣ ва беҳаракатӣ вуҷуд надорад. И.Г.Пестолотси пайдоиши мафҳуми «ҳадафмандии шахсият» -ро ба эҳтиёҷоти ҷисмонӣ ва ҳиссӣ вобаста меҳисобид. Ба андешаи ӯ, талаботи ҷисмонӣ пояе мебошад барои инкишофи саъю кӯшиши кӯдак ва аз ҷониби ӯ дарк кардани асосҳои ахлоқ. Ташаккули шахсият дар ҳар як инсон - чунин аст манзури аксари назариядонон. Н.Г.Чернишевский барои муваффақияти тарбия зарур мешуморид, ки дар тарбиятгирандагон «саъю кӯшиш барои одамони муайяне шудан» парварида шавад, зеро «танҳо ҳамон одамон хушахлоқ мешаванд, ки худашон чунин будан мехоҳанд». Оид ба

ташаккули ҳадафмандӣ К.Д.Ушинский навишта буд: «Тамоми майлу хоҳишҳои инсонро қонеъ гардонед, вале мақсади ӯро дар зиндагӣ кашида гиред, ва бубинед, ки ӯ чӣ гуна махлуқи бадбахту ҳақире мешавад» [6]. Ғояи нақши қисматҳои мотиватсионӣ дар сохтори умумии шахсият зери таъсири таълимоти И.П.Павлов ва консепсияи А.С.Макаренко қавӣ гардид. Назарияи Павлов дар бораи он, ки организм байни на ҳама гуна барангезандаҳо, балки байни ҳаётан муҳимми онҳо робита барқарор мекунад, коркарди афкори назариро оид ба омили муҳиммият дар динамикаи ташаккули шахсият таҳрик бахшид. А.С.Макаренко вобаста будани ҳадафмандии шахсиятро ба вижагии ташкили коллектив ҳамчун омили муҳимтарине, ки тарҳи равонии шахсиятро муайян мекунад, таъкид мекард.

Дар консепсияҳои мухталиф ин тавсиф ба таври гуногун сурат гирифтааст: «тамоюли мутаҳаррик» (С.Л.Рубинштейн), «мотиви мақсадофар» (А.Н.Леонтев), «самтнокии асосӣ дар зиндагӣ», «хислати интегралие, ки муваффақ будани инсонро дар фаъолият таъйин намуда, ҳадафҳо, кӯшишу рағбат ва мотивҳоро дар бар мегирад» (Б.Г.Ананев), «низоми мотивҳои афзалияташон устувор» (Л.И.Божович) «низоми муносибатҳои фаъоли шахсият» ва ғ. Бо вуҷуди гуногун будани таърифоти ин сифати шахсият, дар ҳамаи консепсияҳо бунёдӣ ва пешбаранда будани он таъкид мешавад [5].

Барои ошкор кардани моҳияти ҳадафмандии шахсият Б.Г.Ананев, А.Г.Ковалев, В.Н.Мясишев, П.А.Рогов ва дигарон кӯшиш ба харҷ додаанд. Аксари муаллифон ҳадафмандиро падидае меҳисобанд, ки дар он ҳам таъсироти беруна (тарбия, омӯзиш, тарзи ҳаёт) ва ҳам шартҳои ботинӣ (хусусияти фардии шахсият) инъикос мешаванд. Таъсироти беруна тариқи шартҳои ботинии шахсият тағйир пазируфта, ҳадафмандии умумиро ба вуҷуд меоранд [4].

Ҳадафмандии шахсият, ба андешаи як зумра муаллифон, бо мафҳуми тамоюли арзишӣ пайванд мешавад, ки ба он дарки ҳадаф, баҳогузории фаъолият ва тасаввурот дар бораи воситаҳои ноил шудан ба он хос мебошад. Дар таърифи ҳадафмандӣ ду дидгоҳи маъмул ба мушоҳида мерасад:

1) баррасии ҳадафмандӣ дар партави масъалаҳои мотиватсия;

2) баррасии ҳадафмандӣ аз мавқеи назарияи муносибат.

Заминаи омӯзиши ҳадафмандии шахсиятро принсипи ваҳдати шуур ва фаъолият ташкил медиҳад. «Шахсияти инсон ба ҳеҷ ваҷҳ нисбат ба фаъолияти ӯ муқаддам нест, он ба мисли шуураш маҳсули фаъолияташ аст». Аз ин бармеояд, ки шахсияти инсонро дар фаъолият баррасӣ бояд кард, зеро шахсият аз як тараф, шарти фаъолият аст, аз тарафи дигар - маҳсули он. Азбаски инсон мавҷудоти ҷамъиятӣ буда, бо муҳити иҷтимоӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, дар он зиндагӣ мекунад ва бидуни он вуҷуд дошта наметавонад, ӯ дар натиҷаи фаъолияти ҳадафманди хеш, мувофиқи мақсаду вазифаҳои муайян амал карда, ҳама чизи зарурииро аз ҷомеа мегирад.Ҳадафмандии шахсият он сифатҳо ё хислатҳое мебошанд, ки дар якҷоягӣ мотивҳо ва хусусияти рафтору фаъолияти инсонро дар шартҳои муҳити иҷтимоии мазкур таъйин мекунанд. Ба ин хислатҳо манзуру мақсади шахсият, эҳтиёҷот, манфиат, ҷаҳоншиносӣ, ақидаву идеалҳои шахсият мансубанд. Рогов Е.И. маҷмӯи мотивҳои устуворро, ки фаъолияти инсонро самт бахшида, ба вазъияти мавҷуда нисбатан кам вобастаанд, ҳадафмандии шахсият меномад. Ҳадафмандӣ ҳамеша ба иҷтимоъ пайванд аст ва бо роҳи тарбия шакл мегирад. Ҳадафмандӣ муқаррароте мебошанд, ки ба хислати шахсият табдил ёфтаанд [4]. Тамоми шаклҳои ҳадафмандӣ дар айни замон мотивҳои фаъолияти он мебошанд. Табиати ҳадафмандӣ, ки ҷиҳатҳои объективӣ ва субъективӣ дорад, низ то андозае ҷолиб аст:

- ҷанбаи объективии ҳадафмандии шахсият зарурaтро ба арзишҳое инъикос мекунад, ки воқеан вуҷуд доранд ва аз тарафи ҷомеа офарида шудаанд. Аз ҷумла, меъёрҳои ахлоқ, ҳақиқати илмӣ, меҳнат, таҷрибаи истеҳсолӣ ва ғ.;

- ҷанбаи субъективии ҳадафмандии шахсият махсусияти дорандаи ҳадафмандӣ - худи шахсиятро ҳамчун субъект, ҳамчун низоми мураккаби муайян, инъикос мекунад.

Нуқтаҳои мазкур дар ҷараёни ташаккули ҳадафмандии шахсияти педагогҳои оянда низ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро тамоми тағйироте (объективӣ ва субъективӣ), ки мундариҷаи ҳадафмандиро ташкил медиҳанд, ногузир ба сохтори томи шахсият таъсир мерасонанд.

Таҳлили мухтасари адабиёти психологию педагогӣ маълум кард, ки бо вуҷуди набудани фаҳмишу таърифи ягона ва сохтори маъмули ҳадафмандии касбии шахсияти педагог, хосияти мазкури шахс аз ҷониби ҳамаи муаллифон ҳамчун муайянкунандаи муваффақияти фаъолият ва таҳрикбахшандаи рушди дигар сифатҳои барои касб муҳим баррасӣ мегардад. Ҳадафмандии шахсият хусусияти мутаҳаррик аст, яъне дар ҷараёни фаъолияти мақсаднок инкишоф ва баланд шудани сатҳи ташаккули он имконпазир мебошад. Ҳадафмандии шахсият дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсон зоҳир мегардад ва маъмулан ҳадафмандии ҷаҳоншиносона, касбӣ ва маиширо аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳадафмандии касбӣ барои инсон бештар муҳим ва пешбаранда мебошад. Он ба дараҷаи назаррас шахсиятро ташаккул медиҳад, як навъ «меҳварест», ки гирди он хислатҳои беҳтарини шахсият инкишоф меёбанд. Ҳадафмандии касбӣ яке аз хислатҳои асосии мутахассис дар ҳама гуна соҳа мебошад.

Ҳадафмандии касбӣ қисмати муҳимтарини таълим аст, ки барои аз худ кардани донишҳо, малакаву маҳорати касбӣ ва рушду пешрафти мутахассисони оянда имконияти бештаре фароҳам меорад. Он неруи пешбарандаи ҷараёни омӯзиш, ангезандаи фаъолияти амалию маърифатии донишҷӯён аст, қатъи назар аз он, ки фаъолият дар таркиби раванди таълим сурат мегирад ё дар шартҳои дигар.

Ҳадафмандии касбӣ сифати раҳнамои шахсияти кордон, хусусияти низоми майлу рағбати ӯ барои корбасти неру ва қобилияташ дар касби интихобкарда мебошад. Омӯзиши масъалаи ҳадафмандии касбӣ дар самтҳои мухталиф амалӣ гардидааст. Чунончи, В.П.Апшиниек баррасии ин мавзӯъро дар иртибот бо масъалаи таълими асосҳои маҳорати касбӣ дар муассисаи олии педагогӣ анҷом додааст. Т.А.Воробева, ки масъалаи интихоби касбро мавриди омӯзиш қарор додааст, ҳадафмандии касбиро яке аз нишонаҳои асосии коршоямии касбӣ ба пешаи омӯзгор мешуморад. Аз нигоҳи Ф. Шарифзода ҳадафмандии касбӣ қисми таркибии рисолати педагогӣ мебошад. Ӯ се гурӯҳи донишҷӯёнро муқаррар мекунад:

- онҳое, ки ба касби омӯзгор ва фан муносибати возеҳи мусбат доранд;
- онҳое, ки ба фанни интихобкарда муносибати мусбат доранд, аммо ба касби педагог беэътино ҳастанд ё муносибати манфӣ доранд;
- онҳое, ки нисбат ба фан ва касб беэътиноянд ё муносибати манфӣ доранд [7].

Омӯзгоре, ки дорои ҳадафмандии возеҳи педагогист, фаъолона ба ҷараёни худогоҳии касбӣ ҳамроҳ мегардад. Ин ҷараён бо дарки қоидаву меъёрҳо, қолаби рафтори педагогӣ аз ҷониби омӯзгор, бо ташаккули ҷаҳоншиносии педагогӣ, бо фаҳмидану қабул кардани як навъ маҳаку намунаҳои касб ва муқаррар кардани муносибати худ бо онҳо дар асоси худбаҳодиҳӣ ва баҳои дигар иштирокдорони ҷараёни педагогӣ ба қобилияти педагогии худ, дараҷаи самаранокии фаъолияти хеш, ҳамчунин сифатҳои шахсии барои касб муҳим алоқаманд аст. Агар дар донишҷӯён ҳадафмандии касбии шахсият, яъне саъю кӯшиши татбиқи донишҳо, таҷрибаву қобилияти худ дар соҳаи касби интихобшуда ташаккул дода нашавад, мактаби олӣ вазифаҳои худро оид ба тайёр кардани мутахассиси оянда иҷро карда наметавонад. Ташаккул додани ҳадафмандии касбӣ дар донишҷӯён маънои онро дорад, ки дар онҳо бояд муносибати мусбат ба пешаи оянда, шавқу рағбат, майлу хоҳиш ва қобилият ба он, саъю кӯшиш барои такмили тахассуси хеш ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти моддию маънавӣ, ҳамчунин бо касби интихобшуда машғул гардида, инкишоф додани идеалҳо, андешаву ақидаҳо ва обрӯву нуфузи касб тарбия шавад.

Ҳамин тариқ, категорияи ҳадафмандии шахсиятро ҳам муносибати ҳиссию мусбати педагог ба фаъолияти касбӣ, ҳам ширкати фаъолу мувофиқ дар он муайян менамояд. Аммо вобаста ба он, ки мотивҳои интихоби касби педагог бисёр вақт ҳошиявӣ мебошанд, маҳз масъалаи ташаккули ҳадафмандии педагогии мутахассисони оянда аҳамият пайдо мекунад. Чунин ташаккул метавонад мустақим ё ғайримустақим сурат гирад. Роҳи мустақим равандҳои бевоситаи таълим ва тарбия дар асоси донишҳо, ақидаҳо, идеалҳо, таъсири мақсаднок ба ҷанбаи ҷаҳоншиносонаи омодагии психологию педагогӣ аст. Роҳи ғайримустақим бо омода кардани педагогҳо ба ёфтани мавқеи худ дар фаъолияти касбию педагогӣ ҳамчун соҳа барои худтатбиқкунии шахсият алоқаманд мебошад. Ташаккули ҳадафмандии педагогӣ дар ин маврид ба сифати натиҷаи дуюмдараҷа, аммо нисбатан устувори омодагии мутахассис зоҳир мегардад. Самаранокии ташаккули салоҳияти

касбии педагоги оянда бевосита ба ҳадафмандии педагогии шахс, ки аз оғоз вуҷуд дошт ё дар раванди таълим шакл гирифтааст, вобаста мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Зайтметов Ҳ.А. Психологияи умумӣ / Ҳ.А. Зайтметов –Хуҷанд: Ношир -2017. 240 с.
2. Марков, А.К. Таҳлили психологии салоҳияти касбии омӯзгор / А.К. Марков. Педагогикаи советӣ. -1990. -№8. -С.82-88.
3. Митина Л.М. Психология профессионального развития учителя / Л.М. Митина. -М: Флинта: Московский психолого-социальный институт, 1998. - 200 с:
4. Рогов Е.И. Настольная книга практического психолога в образовании / Е.И. Рогов. –М., 1996.
5. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. В 2-х т. – Т.2. – М.: Педагогика, 1989. – 328 с. – (Трудқ чл.-корр. АПН СССР).
6. Ушинский К.Д. Педагогические сочинения /К.Д. Ушинский. –М., -1949.
7. Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А.М. Миралиев. -Д: Ирфон, 2012. -562 с.
8. Шарофов Ш.А. Муошират ва худшиносӣ / Ш.А. Шарофов. –Хуҷанд, 2017. 300 с.


## ҲАДАФМАНДИИ ШАХСИЯТ - АСОСИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА


Дар мақола масоили муҳимми ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони оянда аз нуктаи назари ҳадафмандии шахсият баррасӣ шудааст. Қайд шудааст, ки самаранокии инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорони оянда аз ҳадафмандии шахсият, ки дар раванди фаъолияти ҳаётӣ ташаккул меёбад, асос меёбад.

**Калидвожаҳо:** шахсият, ҳадафмандии шахсият, психология, педагогика, салоҳият, салоҳиятнокӣ, тайёрии касбӣ, салоҳияти касбӣ,маҳорати педагогӣ.


## ЦЕЛЕУСТРЕМЛЁННОСТЬ ЛИЧНОСТИ ОСНОВА ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ БУДУЩИХ ПЕДАГОГОВ


В статье рассматриваются вопросы формирования профессиональной компетенции будущих педагогов в контексте целеустремленности лисности. Подчеркивается, что эфективность формирования профессиональной компетенции будущих педагогов основывается на целеустремленности лисности, которая формируется в процессе жизнедеятельности индивида

**Ключевые слова:** индивидуальность, ориентация личности, психология, педагогика, компетентность, компетентность, профессиональная подготовка, профессиональная компетентность, педагогические навыки.


## PURPOSEFULNESS OF THE PERSON A BASIS OF THE PROFESSIONAL COMPETENCE OF THE FUTURE TEACHERS


In article questions of formation of the professional competence of the future teachers in a purposefulness context лисности are considered. It is underlined that эфективность formations of the professional competence of the future teachers is based on purposefulness лисности which is formed in the course of ability to live of the individual.

**Key words:** individuality, orientation of the person, psychology, pedagogics, competence, competence, vocational training, professional competence, pedagogical skills.



**Сведения об авторах:** ***Луфов М.Т.***– Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии. **Email-** lufov@mail.ru
Телефон**: 92-812-91-99**
***Абдуллоев Ш/ У***/ – Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. Email-**abduloev.shavkat@ inbox.ru**


# АНДРАГОГИКА: МОҲИЯТ, ҲАДАФ ВА МАЗМУН


***Сафаров М.В.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**


Андрагогикаро аслан аксари муҳаққиқин илм ё таълимот оиди кушодану муайян кардани зарфиятҳою тавонмандиҳои нуҳуфта эътироф мекунанд.

Андрагогика (юн. andros — инсони ба балоғатрасида, мард; agogain — пешбурд) — бахш ва фасли назарияи таълим аст, ки қонунмандиҳои махсуси азхудкунии донишу малакаҳои субъекти калонсоли фаъолияти таълимию омӯзишӣ ва махсусан, вижагиҳои раҳбарӣ ва идории ин навъи фаъолиятро тавассути педагоги касбӣ ва коршиноси хосса мавриди тадқиқу баррасӣ қарор медиҳад. Мафҳуми «андрагогика» дар муомилаи илмӣ соли 1833 тавассути муаррихи педагогика А. Капп ворид карда шуда буд·

Тайи даҳсолаҳои ахир тавааҷҷуҳ нисбати андрагогика ба тариқи муназзам афзоиш меёбад ва ин амал вобаста ба афзоиши талабот ва имконоти муназзаму мураттаби беҳбуди сатҳу дараҷаи тахассус, бозомӯзию такмили тахассус, азнавтаълимгирӣ ва табдили касбу ҳирфаҳои шаҳрвандон, ҳамчунин имконот ва талабот нисбати таълиму омӯзиши калонсолон дар робита ба дархостҳои муназзаман афзояндаи фарҳангию арзишмандиҳо, дарку фаҳми талабот ва ниёзу эҳтиёҷот нисбати таълиму омӯзиши имконпазир ва тавассути шуур дарку фаҳм кардани арзишҳои нав ҳамчун ҷузъу унсурҳои асосию таркибии тарзи ҳаёти солим мебошад, ки мабнӣ бар ин талаботу арзишҳо тайи солҳои мустақилият ташкил, созмондеҳӣ ва гузаронидани машғулиятҳои назарию амалӣ бо калонсолон ба тариқи миқдорӣ ва сифатӣ афзоиш ёфта истодааст. **Баромади мафҳуму**

**таъйинот**. Дар энсиклопедияи педагогии русӣ (соли нашраш 2003, таҳти таҳрири Б. М. Бим-Бад) чунин таъйинот ва таърифи «андрагогика» оварда шудааст: «Яке аз номҳои соҳаи илму таълимоти педагогика, ки масъалаҳои назарию амалии маърифату маълумот, таълим ва омӯзишу тарбияи калонсолонро фаро мегирад»[2]. Ҳамзамон, бо истилоҳи «андрогогика» дар адабиёт истилоҳоти мусовии «педагогикаи калонсолон», «назарияи маърифати калонсолон», «назарияи таълими калонсолон» истифода мегарданд (Бим-Бад, 1998, с. 18). Худи истилоҳ дар ибтидо муҳокимаю мунозираҳои зиёдеро дар байни муҳаққиқин ба бор оварда буд. Мусаллам аст, ки «бар зидди худи идеяи омӯзиш ва рушду такомули маълумоти калонсолон ба сифати предмети махсус, яке аз файласуфон ва педагогҳои машҳур бо номи Гербарт баромада буд».

Дар нимаи аввали садаи XIX маълумоти калонсолон миқёсу ҳудуди васеътару бештаре касб карда натавонист ва худи истилоҳ ҳам густариши зиёд пайдо карда натавонист.

Солҳои 1920-ум маълумоти калонсолон соҳаи назария гашта монд, аз ҷумла, дар Олмон чунин сурат гирифта буд. Истилоҳи «андрагогика» аз сари нав эҳё гашт, ҳоло маҷмӯи андешаю мулоҳизаҳо оиди он ки чиро, бо кадом роҳ ва барои чӣ ба калонсолон метавон таълиму омӯзиш дод, мавриди баррасию муҳокимаҳо қарор гирифтааст.

Имрӯз дар Аврупо асосан се навъи ташреҳу тафсири истилоҳ мавҷуд аст.

Аввалан, дар аксари кишварҳо дарку фаҳми андрагогика ҳамчун бархӯрду муносибати илмию тадқиқотӣ нисбати раванду ҷараёни таълими калонсолон афзоиш ёфтан дорад. Ба ин маънӣ «андрагогика» — илму таълимот оиди дарку фаҳм (назария) ва дастгирию пуштибонӣ (амалия)-и маърифату маълумоти калонсолон дар тамоми умр мебошад. Сониян, аз ҳама муҳим он аст, ки дар ИМА, мутобиқи анъанаи Малколм Ноулз, «андрагогика»-ро бархӯрд ва муносибати махсуси назариявию амалӣ меҳисобанд, ки ба асоси консепсияи башардӯстонаи мутааллимини худмухтор (автономӣ) ва муаллимон - фасилитаторони раванди омӯзишу таълим медонанд.

Савум, дар тафсиру ташреҳи «андрогогика» тафриқаю фарқиятҳо аз «амалияи маълумоти калонсолон», «арзишҳои мавриди майлу хоҳиш», «методҳои махсуси таълим» то «фанни академӣ» ва «муқобили педагогикаи кӯдакона» вуҷуд доранд.

Дар Федератсияи Россия «андрогогика» дар натиҷаи иқтибосот аз консепсияи андрагогикаи М. Ш. Ноулз пайдо шудааст. Омӯзиши адабиёт оиди ин масъала шаҳодат медиҳад, ки аксари муҳаққиқони русӣ онро ҳамчун илму таълимоти мустақил ва фанни илмӣ медонанд, дар корҳои мухталиф муаллифон андрагогикаро ҳамчун соҳаи донишҳои илмӣ ва соҳаи илму таълимоти педагогика, ҳамчун соҳаи донишҳои иҷтимоӣ ва соҳаи башарии дониш эътироф мекунанд. Дар тамоми тадқиқотҳои марбут ба «андрогогика» он аз ҷиҳату паҳлу ва ҷанбаҳои мухталиф мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода мешавад: ҳамчун самте дар низоми илм оиди маориф ва маърифат, фанни таълимӣ, илму таълимот оиди маълумот ва маърифати калонсолон. Масалан, Б. М. Бим - Бад ва С. Н. Гавров ин маҷмӯъро тавассути экскурсҳо аз таърихи ақидаҳои педагогии ғарбӣ, «ҳамчун кӯдаки падари куҳансол» медонанд».

Худи ҳаёт ҳар як инсонро водор мекунад, ки худро бо донишу мафҳумҳо мусаллаҳ гардонад. Дарку фаҳм кардани муҳити атроф — ин нахустин вазифаи инсони маълумотноку маърифатнок аст. Инсони маълумотноку маърифатнок инсонест, ки соҳиби ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи хоссаи худ мебошад, андешаю ақидаҳои худро оиди тамоми тарафҳо ва соҳаҳои ҳаёт ва муҳити атроф дорост. Барои он ки инсон зинда монад, бояд тамоми паҳлуҳои ҳаётро арзёбӣ ва баррасӣ карда тавонад, барои ин бошад малакаҳои андешаю мулоҳиза ронда тавонистан, дарку фаҳм ва ҷаҳонбинии васеъ, доштан зарурати воқеиянд.

Бозтобу фазилат (рефлексия) дар амалияи таълим. Бидуни бозтобу фазилат (рефлексия) илму таълим ва омӯзишу таълимот вуҷуд дошта наметавонад. Инсоне, ки фаъолияташро такрор мекунад, он аллакай садҳо маротиба мавриди санҷишу таҷриба ва намуна қарор ёфтааст, ҳамзамон метавонад чизеро дарку фаҳм карда натавонад. Ҳадафҳои бозтобу фазилат (рефлексия) – дар ёду хотир нигоҳ доштан, муайян ва дарку фаҳми унсурҳои асосии фаъолият мебошад: маънию моҳият ва мухтавои он, намунаю қолибҳо, мушкилоту масъалаҳо, роҳу шева ва усулҳои ҳаллу фасли онҳо, натиҷаҳои дастрасшуда ва ғайра. Азхудкунӣ фақат ҳамон замоне сурат мегирад, ки дар ин амру амал бозтобу фазилат (рефлексия)-и равонакунанда ворид мегардад, ки аз ҳисоби он худи нақшаҳои фаъолият – васоил ва васоити ҳаллу фасли вазифаҳои амалӣ ҷудо шуда меистанд.

**Усулҳои таълими шахсиятию тамоюлӣ**. Татбиқи тавонмандию зарфиятҳои барномаҳои маърифатию маълумотӣ фақат дар шароити озодии унсурҳои фаъолияти маърифатӣ имкон дорад. Усулҳои классикии таълим (илмият, дастрасӣ, айёният ва ғайра) муқаррароти умумии таълимро муайян ва мушаххас мекунанд. Аммо, онҳо имкон намедиҳанд, ки ба тариқи пурра раванди маърифатию маълумотӣ тасвир ва танзим шавад. Усулҳоеро зикр кардан зарур аст, ки зимни тадқиқҳо ба даст омадаанд ва ба дарёфти захираҳои халлоқияту эҷодкорӣ ва созандагию маҳсулнокии таълиму омӯзиш нигаронида шудаанд.

**Назорати пурсишии самаранокии таълими фаъолона.** Муҳиммияти асосиро дар раванду ҷараёни таълиму омӯзиш супориш ва вазифаҳои тестӣ (саволномавӣ) ва назоратӣ касб кардаанд. Супоришу вазифаҳо дар шакли тестӣ (саволномавӣ) - ин воҳиди назоратии мавод аст, ки дар асоси унсурҳои моҳиятию муҳтавоӣ ва мушкилотию масъалавӣ ташаккул ёфта, дар шакли тасдиқии ҷумла бо мафҳуми номаълум созмон меёбад. Супориш ва ё вазифаи тестӣ (саволномавӣ) - еро метавон муфид номид, ки он дар муқоиса бо дигар супоришоту вазифаҳо муфиду муҳимтар бошад, донишу малакаи мутааллиминро ченаку маҳак гашта, онро тавассути теъдоди нисбатан камтари супоришу вазифаҳо ба тариқи фаврию оҷилӣ, бо сифати беҳтар, арзонтар ва ба тариқи маҷмӯӣ ҳаллу фасл менамояд.

**Таълими муназзам: рушд ва такмили он.** Яке аз омилу сифатҳои хосса ва фарқиятии ҷомеаи мутталеъ (иттилоотӣ) омӯзиш ва таълими муназзам аст. Он ҳамчун ҷараён ва раванди марҳилавӣ ва пурраи ҳаётӣ дарку фаҳм карда шуда, такмил ва тавсеаи донишу малакаҳоро дар инсонҳои синну соли мухталифдошта таъмин мекунад. Ҳадафҳои таълиму омӯзиши муназзам дар таҳкиму тақвияти қобилиятҳои инсонӣ нисбати мутобиқати он ба таҳаввулоту тағйиротҳо дар самту соҳаҳои мухталифи иқтисод, маданияту фарҳанг ва ҷомеа нуҳуфта аст. Дар ин робита мақолу зарбулмасал ва ҳадису таъбирҳои зиёде мавҷуд аст, аз ҷумла, «Аз гаҳвора то гӯр – биомӯз!» имрӯзҳо моҳияту муҳтавои муосиру мутобиқи замонавӣ касб кардааст.

**Андрагогика: усулҳои таълиму омӯзиши амалию озмоишӣ барои калонсолон.** Мутобиқи усулҳои андрагогика дар раванду ҷараёни таълиму омӯзиши калонсолон нақшу мавқеи асосиро худи таълимгиранда доро мебошад. Аллакай, шахсияти ташаккулёфта маҳсуб буда, ӯ дар назди худ ҳадаф ва вазифаҳои мушаххасу муайянеро гузоштааст, ки мутобиқи онҳо барои мустақилият, худтатбиқкунӣ, худидоракунӣ ва худтасдиқкунӣ кӯшиш мекунад. Андрагогика нақшаи қадимтарини таълиму омӯзишро татбиқу таҳаққуқ мебахшад, ки чунин буд: non scholae, sedvitae discimus — барои ҳаёт меомӯзем, на барои мактаб.

**Ангезиш ва худангезӣ нисбати таълиму омӯзиш.** Қолиб ва намунаи нави таълиму омӯзиш ба инсон имкон медиҳад, ки мустақилона ба халлоқию созандагӣ ва эҷодкорӣ пардозад, на ин ки фақат васоит ва васоили кӯр-кӯрона азёдкардаю куҳнаи худро истифода намояд. Он одат мекунонад, ки худро шахсан инсон дарку фаҳм намояд, тақдиру сарнавишти худро муайян ва мушаххас намояд ва аз зарфияту тавонмандиҳо ва захоири малакаю истеъдод, қобилиятҳо, ақлу идрок ва хислату рафторҳои худ зимнан истифода намояд.

Тамоми таърихи ташаккул ва таҳаввули таълим ва омӯзиши инсон ҳамчун яке аз соҳаҳои мустақили фаъолияти он далолат мекунад, ки таълиму омӯзиш бояд ба тариқи муназзам ва мутобиқу мувофиқ ба роҳ монда шавад. Бинобар сабабе ки ходимони муассисаҳо инсонҳои болиғу калонсол мебошанд, таълиму омӯзиш низ бояд бо назардошти хусусият ва вижагиҳои синнусолӣ, иҷтимоию рӯҳӣ, миллӣ ва дигар вижагиҳо ба роҳ монда шаванд. Маҳз ба ҳамин ҳадаф самту соҳаҳои махсуси илму таълимоти педагогика таҳти унвони «андрагогика» равона карда шудааст: самту соҳаи таълимоти педагогика, ки масъала ва мушкилоти назарию амалии таълиму омӯзиш, тарбия ва маълумоту маърифати инсонҳои болиғу калонсолро дар тамоми тӯли умри ӯ фаро мегирад. Ба маънии васеъ андрагогикаро ҳамчун илму таълимот оиди худтатбиқкунии шахсиятии инсон дар тамоми тӯли умр дарку фаҳм кардан дурусттар аст. Мусаллам аст, қисме аз инсонҳо дар даврони ҷавонӣ агар татбиқ гарданд, аммо аксарияти дигари одамон ба тариқи тадриҷӣ қобилият, донишу малака, таҷрибаи худро дар тамоми тӯли умр ғанӣ мегардонанд. Андрагогика шахсият барои ҷою мақоми худро дар ҳаёт муайян ва муқаррар намудан, қобилиятҳои ниҳонии худро кушодан кумак мерасонад.

Ҳамчун илму таълимот андрагогикаро аз педагогика – таълиму тарбияи тифл (юнонии *paidos* — тифл, кӯдак) фарқ кардан лозим аст. Зимнан, аксари натиҷаҳо воқеан ҳам фақат барои мактабу таълимгоҳ муҳиму муфид буда метавонанд.

Нахустин маротиба истилоҳи «андрагогика» соли 1833 тавассути муаррихи олмонии давраи Маърифат – А. Капп ворид карда шуд. Мунтаҳо алайҳи бархӯрду муносибат нисбати таълиму омӯзиши муназзам хеле рақибу мухолифон низ вуҷуд доштанд, чаро ки на ҳама зарурат ва имконоти онро дуруст ва оқилона дарку фаҳм карда метавонистанд. Масалан, файласуфи олмонӣ, психолог ва педагог, асосгузори мактаби педагогикаи олмонии садаи XIX Г. И. Фридрих норизоятию ноқаноатмандии худро вобаста ба «номукаммалии абадии қонунишуда»-и инсон иброз намуд.

Дар садаи XIX Э. Л. Трондайк нишон дод, ки қобилият нисбати таълиму омӯзиш дар давраи аз 22 то 45-солагӣ оҳиста-оҳиста коҳиш ёфтан мегирад ва барои интеллекти поёнтару пасттар, на зудтар нисбати болотар сурат мегирад. Соли 1970 М. Ш. Ноулс асари бунёдии худро оиди андрагогика таҳти унвони «Амалияи муосири таълими калонсолон. Андрагогика зидди педагогика» таълиф ва нашр намуд. Он ҳолатҳои асосии андрагогикаро чунин таъйину ташхис карда буд:

- дар ҷараёни таълим нақшу мавқеи асосӣ хосси мутааллим аст, на муаллим;

- ӯ шахсияти ташаккулёфта маҳсуб буда, дар назди худ ҳадафҳои мушаххас гузошта, нисбати мустақилият, худтатбиққунӣ ва худидоракунӣ кӯшишу ғайрат мекунад;

- инсони калонсол таҷрибаи касбиятӣ ва ҳаётӣ дошта, бо донишу малакаҳое, ки зимни ҷараёни таълим заруранд, мусаллаҳ мебошад;

- шахси калонсол истифодаи донишу малакаҳои худро ҳарчи зудтар дар ҷараёни таълим ҷустуҷӯ мекунад;

- ҷараёни таълим ба андозаи зиёдтар тавассути омилҳои замонӣ, фазоӣ, маишатӣ, касбиятӣ ва иҷтимоӣ таъйину ташхис мегардад, ки ё онро маҳдуд мекунанд ва ё ба он мусоидат мекунанд;

- ҷараёни таълим дар шаклу навъи фаъолияти муштараки мутааллим ва муаллим дар тамоми давраҳои он ташкил ва созмон дода мешавад.

Ҳолатҳои асосии андрагогика дар тафовут бо педагогикаи анъанавӣ дар он зоҳир мегардад, ки нақшу мавқеи калидиро дар раванди таълиму омӯзиш на муаллим, балки мутааллим иҷро мекунад. Вазифаи асосии муаллим дар ин маврид расонидани кумак ва ёрӣ ба мутааллим мебошад, ки нисбати ошкорнамоӣ, муназзамнамоӣ, башаклдарории таҷрибаи шахсии мутааллим, мушаххаснамоӣ ва такмили донишу малакаҳои он зоҳир мешавад. Дар ин маврид табдили афзалиятҳои усулҳои таълиму омӯзиш ба вуҷуд меояд. Андрагогика ба ҷойи усулҳои маърӯзавӣ (лексионӣ) аз усулҳои озмоишию таҷрибавӣ ва амалӣ истифода менамояд, ки аксаран ҷанбаи озмоишӣ доранд, муҳокимаю баррасиҳо, бозию машқҳои корӣ, ҳаллу фасли вазифаҳои истеҳсолӣ ва масъалаҳоро фаро мегирад. Гузашта аз ин, бархӯрду муносибат нисбати дастрасӣ ба донишҳои назариявӣ табдил меёбад. Ба ҷойи аввал фанну мазмунҳое, ки маводи ҳамнишину ҳамгирою ҳамоишшуда (интегратсиявӣ)-ро оиди якчанд самту соҳаҳои мухталифи дониш дар бар доранд, мебароянд. Аммо, дар ҳар сурат, бояд мутазаккир шуд, ки раванду ҷараёни дарку фаҳм, ба ёд гирифтан, тафаккур дар инсони калонсол ба мисли кӯдакону наврасон он қадар маҳсулнок сурат мегиранд. Зимнан муҳимияти аввалиндараҷаро методология, методҳо, васоит ва васоили таълиму омӯзиш, масалан истифодаи воситаҳои мнемоникӣ дар хотира ҳифз кардан касб мекунанд.

Гузашта аз ин, шахсони калонсол, қолибҳои устувори менталӣ (ақлонию зеҳнӣ), рафтору муносибатҳои мусбат барои худ ҳамчун фарди таҷрибаи иҷтимоидошта, фаъолияти касбиятӣ ва ғайра доранд. Мунтаҳо, ин таҷрибаю амалия бо мурури замон куҳна мегарданд, қолибҳои инфиродии менталӣ дар мухолифат бо ҳадафҳои умумӣ қарор мегиранд, бо малакаҳою талаботҳое, ки мушкилоту заҳматҳоро барои таълиму омӯзиши калонсолон ба бор меоранд, дар ихтилоф қарор мегиранд, чаро ки зарурати қабули «нав» ва «навгониҳо» ба вуҷуд омада, «куҳна» - шудаҳоро инкор кардан зарурати воқеӣ шуда мемонанд.

## АДАБИЁТ


1. Актуальные проблемы неформального повышения квалификации педагогов и руководителей образовательных учреждений// Актуальные проблемы неформального повышения квалификации педагогов и руководителей образовательных учреждений: Всеросс. научн.-практ. конф. [Текст]/под ред. Н. И. Мисяковой, Н. П. Недоспасовой. Е. А. Нагрелли. Е. А. Востриковой. - Новокузнецк: МАОУ ДПО ИПК, 2012. - 202 с.
2. Алимӣ Ҷ. Андрагогика (инноватсия).Д.: «Деваштич», 2013.-350 с.
3. Русская педагогическая энциклопедия (под редакцией Б.М.Бим-Бад).-М., 2003.-с.416
4. Щурин. К. О структуре непрерывного профессионального образования / К. Щурин // Высшее образование в России. - 2005. - № 2. С. 2028.
5. Knowles, M. (1984). Andragogy in Action. San Francisco: Jossey-Bass. ISBN 0-608-21794-8


## АНДРАГОГИКА: МОҲИЯТ, ҲАДАФ ВА МАЗМУН


Мақола ба масъалаҳои мубрами андрогогика дар ҳошияи мақсадҳо, моҳият ва мазмуни он бахшида шудааст. Чи хеле ки муаллифи мақола қайд менамояд, андрагогика дар маҷмӯъ аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон ҳамчун илм ва ё таълимот оиди ошкорсозӣ ва муайян кардани иқтидорҳои ниҳонии инсон ҳисобида мешавад. Аз рӯи ақидаи муаллиф андрагогика – ин қисми назариявии таълим, мебошад, ки қонуниятҳои азхудкунии махсуси донишҳо ва маҳоратҳо, махсусан сифатҳои махсуси роҳбариятро дар идоракунии фаъолияти мувофиқ бо воситаи педагоги касбӣ ва экспертҳо меомӯзад.



**Калидвожаҳо:** андрагогика, ҳадаф, мазмун, вазифаҳо, калонсолон, таҳсилот, омӯзиш, интегратсия, зарурат, воқеият.


## АНДРАГОГИКА: СУЩНОСТЬ, ЦЕЛЬ И СОДЕРЖАНИЕ


Статья посвящена актуальным вопросам андрагогики в свете ее цели, сущности и содержания. Как отмечает автор, андрагогика в принципе многими исследователями считается наукой или учением о раскрытии и определении закрытых потенциалов человека. По мнению автора статьи, андрагогика – это теоретическая часть образования, изучающая закономерности особого освоения знаний и навыков, а особенно, специфические качества руководства и управления соответствующей деятельности посредством профессионального педагога и экспертов.



**Ключевые слова:** андрагогика, цель, содержание, задачи, взрослые, образование, обучение, интеграция, необходимость, действительность.


## ANDRAGOGY: ESSENCE, PURPOSE AND CONTENT


The article is devoted to topical issues of andragogy in the light of its purpose, essence and content. As the author notes, andragogy in principle many researchers are considered a science or a doctrine of the disclosure and identification of closed human potentials. In the opinion of the author of the article, andragogy is a theoretical part of education that studies

the patterns of special development of knowledge and skills, and especially the specific qualities of leadership and management of relevant activities through a professional teacher and experts.

**Key words:** andragogy, goal, content, tasks, adults, education, training, integration, necessity, reality.

**Сведения об авторе:** ***Сафаров М.В.*** **-** Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры компьютерных наук. Телефон: **918665441**

# ЧАНД МУЛОҲИЗА ДАР МАВРИДИ АРЗЁБӢ ДАР ДАРСИ САЛОҲИЯТНОКӢ

***Ганҷина Зиёзода, Қутбиддин Мухторӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имрӯз бо дигаргуниҳои куллӣ рӯ ба рӯянд. Аз як ҷониб, агар масъалаи гузаштан ба муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим аз масъалаҳои асосӣ ба шумор равад, аз ҷониби дигар масъалаҳои вобаста ба санҷиши дониши хонандагон мушкилоти зиёдеро дар пеши онҳо гузоштааст. Махсусан омӯзгорон аз он дар ташвишанд, ки дар дарсҳое, ба мисли математика, алгебра, забони тоҷикӣ, забонҳои хориҷӣ ба роҳ мондани корҳои хаттӣ чӣ гуна бояд сурат бигирад. Аз ҷониби сеюм, донишҳои хонандагон ба кадом усул санҷида шавад? Оё баҳогузории мушаххаси 5, 10, 100-балла талаботи муносибати салоҳиятнокиро қонеъ карда метавонад? Омӯзгор муносибаташро ба чӣ дигаргун созад, – ба навъи баҳогузорӣ ё ба тарзи баҳогузорӣ? Бисёр вақт мешавад, ки омӯзгорон баҳогузории панҷбалларо ба таълими салоҳиятнокӣ созгор намешуморанд, аммо дар баробари ин чунин мешуморанд, ки арзёбиҳои даҳбалла ва садбалла бояд коркард карда шаванд.

Моҳияти баҳогузориро И.В. Савин хеле бамаврид қайд кард буд: *«Хонандагон дониш аз худ мекунанд, то ки ба беҳтарин шакл худро ба зиндагӣ, ба омӯзиши минбаъда омода созанд. Бинобар ин ҳам барои онҳо ва ҳам барои омӯзгорон донистани сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ хеле муҳим аст»* [5, 76].

Пеш аз ҳама мехостем, ки дар мавриди моҳияти арзёбӣ дар таълими салоҳиятнокӣ баъзе мулоҳизаҳо гуфта шаванд. Албатта, мушкилоти арзёбӣ (баҳогузорӣ) танҳо ташвиши имрӯзаи соҳаи маориф нест, он ҳамеша дар мадди назари омӯзгорону муҳаққиқони масъалаи таълим меистад. Аз ҷумла, Ш.А. Амонашвили [1], Н.В. Савин [5] ва даҳҳо нафари дигар паҳлуҳои гуногуни баҳогузориро шарҳу тафсир кардаанд. Дар солҳои охир – дар оғози садаи XXI, дар давраи ҷаҳонишавии арзишҳо ва фарҳангҳо, вақте ки ба таълим муносибат дигар шуд, паҳлуҳои нав ба нави арзёбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд. Маҳз дар ҳамин давра таваҷҷуҳи олимони фазои пасошӯравӣ ба тадқиқоти педагогҳои маъруфи Аврупо ва Амрико бештар гардид, новобаста ба он ки муҳаққиқоне ба мисли Б. Блум, М. Скривен ҳанӯз солҳои 60-уми садаи XX шаклҳои хеле гуногуни арзёбӣ, моҳият ва вазифаҳои онҳоро асоснок карда буданд [дар ин бора ниг.: 3].

Моҳияти баҳодиҳиро дар фазои маорифи мо Д. Имомназаров хеле дуруст таъкид кардааст: *«Баҳодиҳӣ ба комёбиҳои таълимии хонандагон ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таҳсилот буда, оид ба натиҷаҳои ниҳоии таълимии хонанда иттилооти лозимаро ба тарафҳои ба таълиму тарбияи фарогир дастрас менамояд ва имкониятҳои ба таври фаврӣ ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба раванди таълимро таъмин менамояд»* [2, 48].

Имрӯз фурсати он расидааст, ки муносибат ба арзёбӣ / баҳодиҳӣ (баҳогузорӣ) дигар карда шавад, зеро муҳити салоҳиятнокӣ муносибатро ба таълим дигар мекунад, дар назди хонанда ва омӯзгор вазифаҳоро дигаргуна мегузорад. Аввалан, мо хонандагонро бо муносибати салоҳиятнокӣ таълим дода, чунин мепиндорем, ки онҳо воқеан салоҳиянок шудаанд, аммо танҳо зиндагӣ метавонад нишон диҳад, ки онҳо дар асл салоҳиятнок шудаанд ё не. Мо дар синф масъалаҳои ҳаётиро ба миён мегузорем, дар таълими салоҳиятнокӣ масъалаи таълимӣ бо зиндагӣ алоқаманд карда мешавад, лекин мо мехоҳем, намехоҳем ин масъала ва вазъиятҳо хусусияти таълимӣ доранд. Мо як супоришро бо хонанда якҷоя ҳаллу фасл намуда, ба ӯ масъалаи нав, вазъияти нави ҳамназирро пешниҳод мекунем, агар хонанда аз уҳдаи ҳалли он баромад, ба ӯ баҳо мегузорем, чунин мешуморем, ки хонанда дар масъалаи мазкур салоҳиятнок шудааст. Ин танҳо пешгӯии мо аст, на воқеият. Вақте ки хонанда аз курсии мактаб ба зиндагии мустақилона қадам гузошт, натиҷаи асосии таълим он вақт аён мегардад. Пас, баҳогузориҳои мо дар таълими салоҳиятнокӣ хусусияти нисбӣ доранд. Дар таълими анъанавӣ масъала ранги дигар дошт. Мо ба дониши хонандагон баҳо мегузоштем. Яъне, хонанда қоидаро аз ёд мегӯяд, аз рӯйи он мисол ё машқи додашударо дуруст ҳал мекунад, қоидаро бо овардани мисолҳо тақвият мебахшад, дар амалияи зиндагӣ чӣ гуна аз донишҳои гирифтааш истифода мекунад, муҳим набуд. Асосан баҳо аз рӯйи ҳамин талабот гузошта мешуд.

Дар таълими салоҳиятнокӣ бошад, чунонки муҳаққиқон таъкид мекунанд, *«баҳо бояд на танҳо аз рӯйи натиҷаи муваффақгаштаи хонанда, инчунин аз рафти (протсесси) ба даст овардани ин муваффақият гузошта шавад»* [7]. Дар ин ҷо аз натиҷа дида, худи ҷараёни фаъолияти хонанда муҳимтар аст. Муҳим он аст, ки дар ҳалли масъала / мушкилот / мавзӯъ хонанда то кадом андоза муносибати эҷодкорона зоҳир мекунад, то

кадом андоза роҳҳои ғайримуқаррарии ҳалли масъала / мушкилот / мавзӯъро пешниҳод мекунад. Албатта, арзёбӣ ҳамон баҳогузорӣ аст, аммо дар фаҳмиши имрӯза он мафҳуми васеътарро дар бар мегирад. Он ба ивази истилоҳи русии «оценивание» истифода мешавад. Дар таълими анъанавӣ таҳти мафҳуми «баҳогузорӣ» чен кардани дониши хонанда фаҳмида шавад [ниг.: 2, 49], дар таълими салоҳиятнокӣ арзёбӣ баҳодиҳии фаъолияти ҳамаҷонибаи хонанда ва омӯзгорро мефаҳмонад. Ба ҳар сурат арзёбӣ ҳам маънои баҳогузориро дорад, аммо баҳо характери расмӣ, ҳамеша хаттӣ, графикӣ қайдшаванда. Арзёбӣ метавонад барои мониторинги фаъолияти хонанда ва худи омӯзгор анҷом дода шавад, танҳо дар дафтари худи омӯзгор ва хонанда қайд шавад. Муҳаққиқи инкишофи тафаккури интиқодии хонандагон З. Мухторов моҳияти арзёбиро дар тафаккури интиқодӣ баён карда ченакҳоеро тавсия медиҳад, ҳамчун омили пешравии хонанда ба сиҳати таълим таъсир мерасонанд: *«Дар тафаккури интиқодӣ арзёбӣ натиҷаи мақсаднокӣ, воқеъбинӣ ва самаранокии фаъолияти хонанда аст. Дар ин ҷо малака ва маҳорат арзёбӣ мешавад, ки бе инҳо дониш як чизи абстракт ва татбиқнашаванда аст. Барои татбиқ дониш малака, маҳорат ва қобилият зарур аст»* [4, 22];

Дар шароити таълими анъанавӣ асосан баҳогузории ҷорӣ ва ҷамъбастӣ истифода мегардид. Дар таълими муосир, чунонки муносибат ба таълим такмил меёбад, дигаргун мешавад, ҳамон гуна бояд ба арзёбӣ ҳам муносибат дигар шавад. Бо назардошти ҳамин дар силсилаи дастуру роҳнамоҳо, ки барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, синфҳои болоӣ таҳия ва нашр мешаванд, ба масъалаи арзёбӣ таваҷҷуҳ карда мешавад [дар ин хусус ниг.: 5, 69-70]. Арзёбӣ бояд омили пешравӣ дар таълим, асбоби ошкор кардани мушкилиҳо бошад. Муҳимтар аз ҳама ченакҳои он мушаххас бошанд, дар муқоиса баҳогузорӣ нашавад. Яъне, «дониши ин хонанда нисбат ба хонандаи дигар беҳтар аст ё сусттар аст» гуфта, баҳо гузоштан моҳияти арзёбиро аз байн мебарад.

Пас, омӯзгорро лозим мешавад, ки дар баҳогузорӣ ченакҳои мушаххаси санҷиши дониш, малака ва маҳоратро дошта бошад. Арзёбӣ дар ҳар дарс бояд аз мақсадҳо ва вазифаҳои он дарс ба роҳ монда шавад. Имрӯз қариб тамоми омӯзгорон медонанд, ки «салоҳият» чист ва «салоҳиятнок» кист. Дар тамоми фанҳо ду гурӯҳи асосии салоҳиятҳо – асосӣ (умумӣ) ва фаннӣ ташаккул дода мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбӣ ҳам ҳамеша ба замми дониш, малака ва маҳорати фаннӣ дониш, малака ва маҳорати умумифаннӣ ба инобат гирифта шавад. Малакаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, инсонгароӣ, ватандӯстӣ, фарҳангии хонандагон ташаккул дода, арзёбӣ карда шаванд. Ба таври нисбатан умумӣ чанд навъи фаъолияти таълимиро дар дарсҳои забонӣ, ки метавонанд дар баъзеашон дар фанҳои дигар ҳам истифода шаванд, ба тариқи зайл дидан мумкин аст:

*1.Муайян кардани проблема (маъмулан аз рӯйи Супориши №1). 2.Гурӯҳбандӣ кардани аломатҳо (маъмулан аз рӯйи Супориши №2). 3.Муқоиса карда тавонистани натиҷаи корҳо (маъмулан аз рӯйи Супориши №3).*

*4.Хулоса баровардан аз хатоҳо (маъмулан аз рӯйи Супориши №4). 5.Ташаббускор будан.*

*6.Малакаи ҳамкорӣ бо дигарон, ба дигарон халал нарасонидан. 7.Баҳои умумӣ* [муфассалтар ниг.: 5,82].

Дар рӯйхати боло бандҳои 1-4 барои арзёбии салоҳияти забонӣ ва бандҳои 5, 6 ба рушди салоҳиятҳои асосӣ равона шудаанд. Ченакҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ доранд. Ҳамин тавсияҳоро дар фанҳои гуногун истифода кардан мумкин аст. Масалан, арзёбӣ аз рӯйи фаъолияти якум ба он равона карда шудааст, ки хонанда мушкилотро муайян карда метавонад ё не. Дар ин зина маъмулан супориши инфиродӣ дода мешавад. Банди дуюм, сеюм ва чоруми арзёбиро мумкин аст, ки ба таври инфиродӣ, дунафарӣ ё гурӯҳӣ анҷом дод. Ҳамаи ин бандҳои арзёбиро дар дарс математика, физика, ҷуғрофия, технологияи информатсионӣ, таърих ва ғ. истифода кардан мумкин аст. Дар баробари ин, агар моро лозим мешавад, ки аз ҳамаи ин ченакҳо баҳои умумӣ барорем, навобаста ба ин ки дар низоми чанбдалла қарор дорем (5, 10,12, 100), ба ҳар як ченак мувофиқан баҳо гузошта, ҳамаашро ба ҳам ҷамъ ва баъдан ба миқдори супоришҳо тақсим мекунем ва баҳои умумиро ба даст меорем. Масалан, мумкин аст, ки мо дар як дарс шаш супориш иҷро мекунем ё ҳамагӣ се супориш иҷро мекунем:

| | Ному насаб | Муайян кардани проблема (маъмулан аз рӯйи Супориши №1) | Гурӯҳбандӣ кардани аломатҳо (маъмулан аз рӯйи Супориши №2) | Муқоиса карда тавонистани натиҷаи корҳо (маъмулан аз рӯйи Супориши №3) | Хулоса баровардан аз хатоҳо (маъмулан аз рӯйи Супориши №4) | Ташаббускор будан | Малака и ҳамкорӣ бо дигарон | Ба дигарон халал нарасонидан | Баҳои умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 1 | Хонандаи 1 | 4 | | 3 | | 5 | | 4 | 4 |
| 2 | Хонандаи 2 | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | 5 |
| 3 | Хонандаи 3 | 4 | | - | | 4 | | 3 | 3 |

Ба мисли ҳамин омӯзгор метавонад, фаъолияти хонандагонро арзёбӣ кунад. Ҷиҳати хуби ин усули арзёбӣ боз дар он аст, ки аввалан баҳо бояд дар муқоиса гузошта нашавад, он характери воқеӣ ва амалӣ дошта бошад. Аз ҷониби дигар, мо метавонем мушоҳида намоем, ки хонандагони мо дар кадом навъи фаъолият муваффақияти бештар доранд, дар кадом навъи фаъолият сусттар ҳастанд. Омӯзгор ҷиҳати сусти хонандагонро ҳамчун норасоии кори худ арзёбӣ намуда, кӯшиш менамояд, ки ҳамон паҳлуи корро мустаҳкам намояд. Албатта, он чи дар мақолаи мазкур оварда шуд, ҳанӯз оғози кор буда, пас аз татбиқи ду-сесолаи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим паҳлуҳои дигар ва боз ҳам муҳимтари арзёбиро ошкор месозад.

## АДАБИЁТ


1. Амонашвили Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников / Ш.А. Амонашвили. – М.: Педагогика, 1984. – 297 с.
2. Имомназаров Д. Низом ва меъёрҳои баҳогузории 10, 12…, 100-балла ба дониши хонандагон. Зарурат ва мушкилот / Д. Имомназаров // Илм ва инноватсия.-2013. -№1 (3). -С.47-56.
3. Кохаева Е.Н. Формативное (формирующее) оценивание: методическое пособие / Е.Н. Кохаева. – Астана: АОО «Назарбаев Интеллектуальные школы» Центр педагогического мастерства, 2014. – 66 с.
4. Мухторов З. Проблемы оценивания / З. Мухторов // Мактаб ва ҷомеа. -2003. -№3. -С.20-23.
5. Модули таълимии курси омӯзишии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ оид ба таълими салоҳиятнокӣ. Мураттибон: Мухторӣ Қ., Мирзоёров Ф. - Душанбе, 2017. -74с.
6. Савин Н. В. Педагогика / Н.В. Савин. - М.: Просвещение, 1978-324с.
7. Трусилова И.Б. Выступление на педагогическом совете по теме: "Что такое компетентностное обучение" / И.Б. Трусилова // Педагогические советы. -Выпуск № 2. http://festival. 1september.ru /articles/570643/).


### ЧАНД МУЛОҲИЗА ДАР МАВРИДИ АРЗЁБӢ ДАР ДАРСИ САЛОҲИЯТНОКӢ


Дар мақола ба як масъалаҳои хеле баҳсталаб дар низоми таълим – масъалаи баҳогузорӣ ба фаъолияти хонанда таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ба баъзе паҳлуҳои баҳогузории фаъолияти хонанда ҳангоми дарс равшанӣ андозанд. Ба андешаи муаллифон фарқи асосии баҳогузорӣ ба фаъолияти хонанда дар дарси салоҳиятнокӣ тавяҷҷуҳ ба арзёбии ташаккулдиҳанда ба шумор меравад. Ин бар хилофи арзёбии ҷамъбастӣ дар таълими анъанавӣ аст.



**Калидвожаҳо:** арзёбӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, арзёбии ҷамъбастӣ, муносибати салоҳиятнокӣ, низоми баҳогузорӣ.


### РАЗМЫШЛЕНИЯ ОБ ОЦЕНИВАНИИ НА КОМПЕТЕНТНОСТНОМ УРОКЕ


В статье уделено основное внимание вопросу оценивания деятельности ученика в компетентностном уроке. Авторы стараются анализировать некоторые особенности оценивания деятельности ученика и учителя, при этом считают, что основной формой оценивания в компетеностном уроке является формативное оценивание и при этом подчеркивают на что должен обратить внимание учитель при оценивании деятельности ученика.



**Ключевые слова:** компетентностный подход, оценка, оценивание, формативное оценивание, заключительная оценка, мониторинг.


### REFLECTIONS ON ASSESSMENT IN A COMPETENT LESSON


The article focuses on the evaluation of the student's activity in a competence lesson. The authors try to analyze some features of evaluating the activities of the student and the teacher, while they consider that the main form of evaluation in a knowledge-based lesson is formative assessment, and at the same time emphasize what the teacher should pay attention to when assessing the activity of the student.



**Key words**: competence approach, evaluation, formative evaluation, final evaluation, was monitoring.



**Сведения об авторах:** ***Зиёдода Ганджина*** – Институт развития образования им.А. Джами Академии образования Таджикистана, научный сотрудник. E-mail: **mkutb@mail.ru;**

***Мухтори Кутбиддин*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры печати. Телефон: **+992-93-502-04-91**,E-mail: **mkutb@mail.ru**


# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ В «БАХОРИСТОН» («ВЕСЕННИЙ САД») АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ


***Ниъматов Н.А.***

**Таджикский национальный университет**


Педагогические взгляды занимают достойное место в «Бахористон» («Весенний сад») Абдуррахмана Джами. «Бахористон» («Весенний сад») Абдуррахмана Джами написано в подражание «Гулистон» («Розовый сад») Саади. Абдуррахман Джами «Бахористон» («Весенний сад») посвятил своему сыну Зиёуддину Юсуфу, которого нежно любил и для которого написал и учебники и немало наставлений, помещенных в начало или в конец поэм: «Для того,-пишет Абдуррахман Джами,-чтобы заострить его память и сделать ум его более изящным, я читал ему временами строки из книги «Гулистон», являющейся плодом святого дыхания известнейшего и великого мастера Муслихиддина Саади Шерози:

*Не «Гулистон», а сад средь кущей рая,*
*Где даже пыль, трава его сухая.*
*Благоухают, будто амброй вея,*
*Где главы-двери в райские аллеи…*

*Её рассказы мудры, прохладны,*
*И тонкость мыслей спрятана от сглаза.*
*Тончайшими завесами рассказа,*
*Чтоб вызывать зависть дочерей лазури-*
*В небесной неге выхоленных гурий!...*
*Живая сень стихов ее прелестна,*
*Подобье высочайших крон древесных,*
*Речь тысяч рек грубей ее и суше,*
*Так милостью пленяет наши души…[2]*

Подобно последнему «Бахористон» («Весенний сад») Абдуррахмана Джами состоит из восьми глав-«садов». В предисловие к «Бахористону» («Весенний сад») Абдуррахман Джами обращается к читателям с такими словами: «Просьба к тем, кто будет ходить по этим садам, в которых нет ни шипов искрашивания даров, ни сухой травы истребования наград: внимательно пройдя по ним, усердно всмотревшись в них, помяните добром и порадуйте хвалой садовника, которой обливался кровью, чтобы вырастить эти сады и разлучался с жизнью, чтобы выходить их»[2]. В каждом из этих райских садов, -отмечает Абдуррахман Джами,-произрастуют разноцветные тюльпаны и благоухают различные травы, и этим тюльпанам не страшны увядания от осеннего ветра, а базилики его не пожухнут от зимней стужи:

*Со всех сторон цветут лужайки, сады,*
*Тюльпанники уж пылают всюду,*
*Роса, как пот, на лепестке тюльпана-*
*Серьгой на мочке уха,- что за чудо!*
*Дождь, как вино,- глубок бокал бутона…*
*Но сколько слёз!,- Их сдержит ли запруда*
*В глазах арыков? Но веселье рядом,-*
*Улыбок столько набралось откуда?-*
*Открытый смех ромашек белозубых!*
*А тут-нарцисс взглянул,- и не забуду*
*Чуть уловимый жест его намёка:*
*«Пей, вино! – Воистину не худо,*
*Когда грехи прошение покрывает!»*
*Тревожится за трезвенников буду![1]*

Первая глава «Бахористона» («Весеннего сада») Абдуррахмана Джами повествует о поучительной жизни знаменитых шейхов и мудрецов; во второй главе собраны изречения великих людей; третья глава посвящена рассказу о справедливых деяниях носителей власти. Щедрости, великодушию и благородству учит четвертая глава, тема пятая-любовь и верная дружба. Шестая глава представляет собой анекдоты из жизни известных людей и забавных притч. В седьмой главе рассказывается о поэзии, глава состоит из краткого очерка эстетической природы в стихах и небольшой антологии поэтов-классиков Х-ХУ веков.

«Бахористон» («Весенний сад») написан в педагогико-дидактической манере «Гулистон» («Розовый сад») Саади. Как и произведение Саади, «Бахористон» («Весенний сад») иллюстрирует назидательные советы притчами. Произведения Саади и Абдуррахмана Джами сближает так же позиция активного гуманизма, которая и продиктовала поэтам самый их замысел. Абдуррахман Джами развил и продолжил многие темы «Гулистона» («Розовый сад»): о справедливости, о нравах, о любви и молодости. Вместе с тем Абдуррахман Джами ввёл много новых сюжетов. Новеллы его более разнообразны по построению. Назидательное начало книги несколько усилено: каждой главе «Бахористон» («Весенний сад») Абдуррахман Джами предпосылает небольшое введение, называемое «фоида»-«польза», где коротко изложен общий смысл главы. Завершается это введение соответствующим стихотворным резюме. Так, например, «польза» четвертого «сада», называемого «О деревьях щедрости» и благородства, которые дают плоды своих цветов даром», звучит следующим образом: «Щедрость-это дарение без помыслов корысти и надежды на воздаяние, даже если под воздаянием понимается искреннее восхваление или благородность:

*Кто шедр? Не тот, кто хочет воздаяний,*
*За проявленье щедрости своей:*
*Здесь корень дела-купля и продажа,*
*Нет ни добра, ни благородства в ней [2]*

Абдуррахман Джами утверждает идеалы социальной справедливости-равенства людей, искоренения тирании и очерчивает круг нравственных требований к каждому человеку - благородства помыслов и действий, верность и доброжелательство в отношениях людей между собой. Примечательны рассуждения Абдуррахмана Джами о ценности человеческой личности, которая заключается не на знатном происхождении, не в положении и богатстве, а в красоте духовного мира, силе ума и знания: «Афридун, посеявший в почву милосердия только семена советов и наставлений, оставил своим чадам такое повеление: «страницы жизни есть страницы дел. В них запишите лишь лучшие дела и благие свершения:

*Страницы бытия- жизнь всех народов света,*
*Сказал один мудрец на склоне долгих лет.-*
*И счастлив, кто сумел в тетради чистой этой,*
*Вписать слова добра, оставив добрый след[2].*

В этом утверждении и вовлечении добрых чувств, высоких и жизнеспособных моральных начал - непреходящая этическая ценность «Бахористона» («Весенний сад») Абдуррахмана Джами. «Бахористон» («Весенний сад»), написанный в конце жизненного пути Абдуррахмана Джами, представляет собой своего рода свод идей великого гуманиста. Изложив их в доходчивой и увлекательной форме, Абдуррахман Джами дал «Бахористон» («Весенний сад») и самый широкий адрес.

Прежде всего, он имел в виду воспитание юношества, которое было олицетворено для поэта в образе его сына «Бахористон» («Весенний сад»), так же как и многие вставные поучения, включенные в поэме, является ответом на «Гулистон» («Розовый сад») Саади:

*Шейх Саади прославил «Гулистаном»*
*Честь имени Саади ибн Занги,*
*А мой «Бахористон» султаном славен,*
*Которому Джами сплетал венки.*
*Перед тобой- весенний сад вселенной,*
*Где каждый удивителен цветник,*
*Где несказанной прелестью блистают*
*И роза и цветущий базилик [1].*

В «Бахористоне» («Весенний сад») Абдуррахман Джами использует для иллюстрации морально-нравственных идей новеллы. Сопоставляя, с этой точки зрения, его книгу с «Гулистаном» («Розовый сад») Саади, можно заметить, что новеллы Абдуррахмана Джами более разнообразны по построению. Структурно самые простые из них те, сюжетом которых, собственно, является диалог, и завязка содержится в первой фразе диалога, а развязка в последней. На неожиданности и остроте этой фразы и держится вся новелла, в данном случае по структуре весьма близка к анекдоту [1]. Другой тип новелл, пожалуй, более многочислен, содержит не только диалог, но и действие, и компоненты сюжета представлены более полно, причём новеллетты начинается прямо с завязки или обозначения ситуации. Представлены в «Бахористон» («Весенний сад») этот тип новелл и в усложненном виде, когда действие претворяется словами рассказчика, будь то сам автор, или чаще человек, от имени которого ведется повествование (Асман, Джахиз, Васити, Даккак и т.п.). Например, «Абуали Даккак - святы тайны его – говорит:

- В конце жизни его одолевала такая боль, что каждый день поднимался на крышу, поворачивался лицом к солнцу и говорил: *О странствуюшее по вселенной! Как ты себя сегодня чувствовало и как провело ты сегодняшний день? Встречало ли ты места, более скорбные повествования, чем эти? Осведомлено ли ты хоть сколь- нибудь о состоянии несчастных, живущих здесь? Подобные этим речи он вел, пока не заходило солнце:*

*Ты, солнце,-странник, над земной юдолью,*
*Тебя я об одном просить позволю:*
*Кого ты на путях любви встречало*
*С печальным ликом и сердечной болью?[1].*

Блестящее мастерство проявляет Абдуррахман Джами и в изображении действующих лиц. В «Бахористон» («Весенний сад») мы не найдём ни одного законченного портрета, ни один герой не обрисован так, чтобы мы могли представить себе явственно и детально его внешний облик. И тем не менее каждое действующее лицо в каждой новелле - яркий и законченный образ. В «Бахористон» («Весенний сад») отчётливо выделяются два основных способа такого заострения образа в зависимости от цели, которую преследует автор. Создавая положительный образ, Абдуррахман Джами постоянно прибегает к приёму гиперболизации, определяющей положительные черты этого героя (великодушие, шедрость, справедливость и т.п.)

Абдуррахман Джами, создавая «Бахористон» («Весенний сад»), придает ему прежде всего эстетическое содержание. Если в основной предтече этой книги «Гулистоне» («Розовом саде») Саади эстетический вкус читателя воспитывается почти исключительно эстетическим совершенством самого произведения, то в «Бахористоне» («Весенний сад») наряду с этим вводится специальная обширная глава «Сад седьмой. Птицы, подбирающие рифмы в призрачном саду слова, и соловьи, слагающие песни сахарных тростников поэзии», задача которой - познакомить читателя с тем, что такое поэзия, показать ему лучшие образцы ее, научить отличать истинную поэзию от стихотворного штукатурства.

В «Бахористоне» («Весенний сад») имеются сюжеты комического эффекта для морально-этических выводов. Так, используется, например, ряд притч-новелл с фривольным и эротическим сюжетом в поэтической энциклопедии суфизма «Маснавии маънави» («Стихи, обращенные к внутренней сути вещей»). Такова, например, новелла о певице, ее хозяине и юноше, влюблённом в нее или же новелла о рабе и прекрасном юноше.

В основном, Абдурахмон Джами в «Бахористон» («Весенний сад») пробуждает добрые чувства благородства, верности в любви и дружбе, справедливости, человеколюбия, щедрости, бескорыстия-это и есть те этические начала, воспитать которые он хочет в своем читателе,-не обращением к духовным авторитетам, а ярким и вдохновенным возвеличением тех, кто вершил и вершит добрые дела, и саркастически уничтожающим осмеянием тех, кто отвращается от добра.

В этом утверждении и возвеличивании добрых чувств, высоких и жизнеспособных моральных начал непреходящая этическая ценность «Бахористон» («Весенний сад»), в органическом слиянии с высокой эстетической ценностью книги, делающая это творение Абдуррахмана Джами одним из достойных вкладов в средневековой педагогической мысли. В таджикско-персидской литературе «Бахористон» («Весенний сад») Абдуррахмана Джами считается сокровищницей восточной мудрости. В нем иллюстрируются главные черты человеческого достоинства, такие как щедрость, великодушие, чувство долга, верность дружбе, разум и образованность; «Есть четыре назидания, сочиненных четырьями царями, и они будто одна стрела, выпущенная из четырех луков ».

Хосров Дехлави изрек: «Я никогда не сожалел о том, чего не говорил. Но от того, что я говорил, я бывал в таком сожаления, что валялся в прахе и крови»:

*Попридержи язык, ибо молчанье лучше,*
*Безумной болтовни, так подводящей нас,*
*Никто не сожалел о тайне сбереженной,*
*А выдавший секрет наказан сотни раз [2].*

Кесарь сказал: «Моя власть над несказанным больше, нежели над тем, о чем я уже поведал, ибо то, что я не сказал, я могу еще сказать, а то, что я уже высказал, не могу сохранить в тайне»:

*О том, что ты с трудом решил в себе хранить,*
*Не торопись легко сопернику излить,*
*Сокрытое в себе всегда сказать успеешь,*
*А что успел сказать-уже не сможешь скрыть?[1].*

Китайский хакан об этом молвил так: «Часто раскаяние о сказанном сильнее, чем сожаление о скрытом»:

*Любой запечатленной в твоем сознанье тайне*
*Всплывать ли?-*
*Зря их в спешке заносишь на скрижали…*
*Боюсь, о друг, что трудность быть откровенным гроше,*
*Чем скрытности досада…Ты выиграл едва ли![1].*

И индийский правитель раскрыл свои уста: «Каждое слово, вылетевшее из моих уст не подвластно мне, а над тем, чего я не сказал, я властелин. Захочу-скажу, не захочу-и не скажу»:

*Мудрец о скрытой и раскрытой тайне*
*Поведал притчи вещие слова:*
*«Сокрытая-она стрела в колчане,*
*Раскрытая-уже летящая стрела»[1].*

В «Бахористон» («Весенний сад») Абдуррахман Джами не раз обращается к древним сказаниям, обогащая своей педагогикой, носящей этико-нравоучительный и дидактический характер. В период послемонгольского нашествия и позже, в эпоху Абдуррахмана Джами, время требовало передовых личностей, своего слова, своей пропаганды, своего назидания. «Бахористону» («Весенний сад») принадлежит одно из почетных мест в ряду произведений самого автора и тех памятников литературы, которые донесли до наших дней передовые мысли эпохи великого мудреца, на путь поэзии мудрости, приносящей пользу человека: «Есть пять вещей, данных каждому человеку и во имя его жизни вложенных в его руки: 1) здоровье, 2) безопасность, 3) достаток, 4) верный друг, 5) покой. Для того, кто лишен их, закрыты двери счастья:

*В пяти вещах на свете счастье скрыто-,*
*Сошлись во мнении светочи наук,*
*Надежный мир, покой, здоровье, благо,*
*И преданный тебе навеки друг [1].*

В этом и заключается значение произведения «Бахористон» («Весенний сад») Абдуррахман Джами, содержащего самые сокровенные идеи и мысли человеколюбия, правдолюбия, справедливости, доброжелательства – лучших идеалов трудовых слоев общества той эпохи: «Мудрецы сказали, что мир благоустроен будет только справедливостью, гнет - разрушает его. Справедливость разливает свет на тысячу фарсангов вокруг себя, а гнет погружает в темноту все на тысячу фарсангов от себя:

*Ты справедливость возлюби! Заря ее займется-*
*На тысячу фарсангов свет желанный льет она…*
*Но тиранами черная тьма едва лишь зародится-*
*Вся мраком, горечью, нуждой вселенная полна![1].*

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Абдуррахман Джами. Избранные произведения в 4-х томах.Т.1 / А. Джами; пер.с форси с Липкина и В.Державина; ред.в сост. М.Турсунзаде., М.Асимов., А.Мирзоев., И.Брагинский., К.Айни., А.Каххор., Ш.Шариф. -Душанбе: Ирфон. 1970. -С. 25, 33, 114, 122, 135, 151, 156, 160.
2. Абдуррахман Джами. «Бахористон» («Весенний сад») / А. Джами; пер.с таджикского (форси) М.Занда. Стихи в переводе А.Алиева и С.Липкина. -Душанбе: Ирфон,1964. -С. 32, 33, 70, 141.
3. Брагинский И.С.Из истории таджикско-персидской литературы / И.С.-Брагинский. -М.: Наука, 1970. -243с.
4. Курбонмамадов А. Эстетика Абдуррахмана Джами / А. Курбонмамадов. -Душанбе: Дониш, 1984. -204с.
5. Кодиров К. Педагогика и дидактика суфизма / К. Кодиров. -Душанбе: Ирфон, 2004. -164с.
6. Роузентал Ф.Тожество знания. Концепция знания в средневековом исламе / Ф. Роузентал. -М.: Наука, 1979. -341с.



**АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР «БАҲОРИСТОН»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ**

Дар мақола ақидаҳои педагогии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар асоси таҳлили рисолаи «Баҳористон» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки маҳорати барҷастаро Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ғояҳои педагогӣ низ нишон медиҳад. Ин асари Ҷомӣ ғояҳо ва афкорҳои ниҳонии инсондӯстӣ, ростқавлӣ, адолат ва хайрхоҳӣ – ғояҳои беҳтарини қишри меҳнаткаши ҷомеаи он давраро доро мебошад.

**Калидвожаҳо:** Абдурраҳмони Ҷомӣ, ақидаҳои педагогӣ, лирика, маънавиёт, назм, арзишнокӣ, саховатмандӣ, инсон, адолат.

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ В «БАХОРИСТОН» («ВЕСЕННИЙ САД») АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ**

В статье рассматриваются педагогические взгляды Абдуррахмана Джами на основе анализа трактата «Бахористон» («Весенний сад»). Подчеркивается, что блестящее мастерство проявляет Абдуррахман Джами в педагогических идеях. Данное произведение Абдуррахмана Джами содержить самые сокровенные идеи и мысли человеколюбия, правдолюбия, справедливости, доброжелательства – лучших идеалов трудовых слоев общества той эпохи.

**Ключевые слова:** Абдуррахман Джами, педагогические взгляды, лирика, нравственность, поэзия, ценность, щедрость, человек, справедливость.

**PEDAGOGICAL SIGHTS IN THE "BAKHORISTON" ("SPRING GARDEN") ABDURRAHMAN JAMI**

The article considers the pedagogical views of Abdurrahman Jami on the basis of the analysis of the treatise "Bakhoriston" ("Spring Garden"). It is emphasized that Abdurrahman Jami demonstrates his brilliant skill in pedagogical ideas. This work by Abdurrahman Dzhami contains the most intimate ideas and thoughts of philanthropy, truthfulness, justice, benevolence - the best ideals of the working classes of the society of that era.

**Key words:** Abdurrahman Jami, pedagogical views, lyrics, morality, poetry, value, generosity, man, justice.



**Сведения об авторе:** ***Ниъматов Н. А.*** – Таджикский национальный университет, кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры педагогики


# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ТАШКИЛИ КИТОБХОНАҲОИ БАЧАГОНА ДАР ТОҶИКИСТОН


***Сайфиддин Камолзода***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Мутафаккирони тоҷик Аҳмади Дониш (1827-1897), Шамсиддин Шоҳин (1859-1894), Ҳайрат (1878-1902), Возеҳ (1818-1954), Тошхӯҷа Асирӣ (1864-1905), Садриддин Айнӣ (1878-1954) ва дигарон мардумро даъват мекарданд, ки кӯдаконро ҳарчи боисрор ба арсаи рӯшноӣ -таҳсилот ва мактаб ҷалб намоянд, ҷомеаро ба ташкили мактабҳои дунявӣ, равнақ бахшидан ба илму техника ва дар байни халқи тоҷик густариши комёбиҳои пешқадами фарҳанги халқи рус ва халқҳои олам ҳидоят менамуданд.

Дар пешниҳодоти онҳо ташкили китобхонаҳои умумӣ ва бачагона мавқеи муҳимро ишғол мекард. Онҳо даъват мекарданд, ки дар мамлакат фаъолияти бонизоми китобхонаи мардумӣ ба роҳ монда шавад. Маҳз аз ҳамин сабаб онҳо ба ташкили шаклу усулҳои нави фаъолияти китобдорӣ эътибори ҷиддӣ медоданд, ташвиқ мекарданд, ки захираҳои китобхонаҳо ғанӣ гарданд.

Сарфи назар аз баъзе маҳдудиятҳои ҷаҳонбинӣ, ки сабабҳои объективӣ дошт, маорифпарварони тоҷик дар заминаи афкори пешқадами ниёкон нисбати пешбурди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштаанд.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и худ тартиботи китобдории замонашро сахт ҳаҷв намуда, дар ин соҳа афзалияти бузург доштани таҷрибаи китобдории Россияи подшоҳӣ ва фарҳанги Аврупоро намуна оварда, майли аз он истифода намудани худро киноямез қайд кардааст.

Садриддин Айнӣ соли 1909 китоби «Таҳзиб-ус-сибён»-ро интишор намуда, дар он ба воситаи китоб ва китобхона ба тоҷикон додани саводи дунявиро зарур ҳисобидааст. Ӯ дар асарҳои тоинқилобии худ ҳамчун тарғиботчии китобу китобхона ҳарчи бештар ба китобхонӣ ҷалб кардани кӯдаконро таъкид кардааст.

Неруҳои зеҳнии пешқадами тоҷик дар баробари тарғиби китоб ва тарбияи дунявии бачагон, гоҳо зарурати ба роҳ мондани эъмори китобхонаҳоро дар манотиқи гуногуни кишвар низ орзу мекарданд. Вале дар шароити ҳукмронии сохти хонигарии аморати Бухоро ин орзуҳои онҳо орзу мемонданду халос.

Танҳо инқилоби ибтидои садаи XX имконият фароҳам овард, ки барои насли ҷавони тоҷик китобхонаҳои зиёде дарҳои худро боз кунанд. Агар дар Тоҷикистони тоинқилобӣ ҳамагӣ ду китобхонаи умумӣ аз ҳисоби маблағҳои «қурбонӣ» амал мекарда бошад, пас дар соли 1929 (давраи ташкилшавии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон) шумораи онҳо то ба 11 адад расонида шуда, дар ин китобхонаҳо 12 ҳазор нусха китоб ва маҷаллаҳо ҷамъ оварда шуда буданд. Мутаассифона, миқдори китобҳои бачагона начандон зиёд ва ҳамагӣ 1000 нусхаро ташкил медод. Ин вазъ аз бисёр ҷиҳат бо сабаби дар Тоҷикистон мавҷуд набудани чопхона вобаста буд. Дар солҳои аввали ҳокимияти Шӯравӣ китобҳои бачагонаи тоҷикӣ бо теъдоди ночиз дар нашриёти давлатии Туркистон воқеъ дар Тошканд нашр мегардиданд.

Соли 1924 дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аввалин матбаа ва соли 1925 Нашриёти давлатии Тоҷикистон (ҳоло нашриёти «Ирфон») таъсис меёбад. Сарварии ин амали некро асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ва шоири маъруф Абулқосим Лоҳутӣ ба зимма гирифта буданд. Роҳандозӣ гардидани чопи китоб дар ҷумҳурӣ зарауратеро пеш овард, ки дар мамлакат ба ҷойи алифбои арабӣ алифбои лотинӣ (1928), баъдтар алифбои кириллӣ (1941) ҷорӣ карда шавад.

Фаъолияти Нашриёти давлатии Тоҷикистон асосан ба нашри китобҳои дарсӣ барои талабагони мактабҳо нигаронида шуда буд. Асарҳои бадеӣ дар ин давра танҳо ба шакли порчаҳои алоҳида, ки ба фаҳми хурдсолону калонсолон мувофиқ буданд, нашр мешуданд.

Дар Тоҷикистони тоинқилобӣ китобхонаҳо барои бачагон, асосан аз ҳисоби вақфияҳо бунёд мешуданд. Нисбат ба ин масъала дар қарори Пленуми якуми васеи Бюрои ташкилии КМ ҲК (б) (ЦК КП(б) Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои маорифи халқ ва маърифати коммунистӣ - аз 19 ноябри соли 1925 чунин қайд шуда буд: «Комиссариати халқӣ оид ба маориф (Наркомпрос) бояд масъалаи вақфия, вазъияти вақфияҳои динӣ ва мактабиро бодиққат омӯзад. Ҳамзамон ба вақфияҳои динӣ дахолат накарда, вақфияҳои мактабиро ҳарчи бештар баҳри инкишофи маорифи халқ ва мактаби советӣ истифода барад».

Баъди қабули Қарори КМ ҲК (б) «Дар бораи беҳтар намудани кори китобхона» (1929) дар раванди фаъолияти китобхонаҳо баъзе тағйиротҳои ҷузъӣ ба амал омаданд. Фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ дар самти дастрасии адабиёт ба кӯдакон то андозае ҷоннок гардид, методҳои нави корбарӣ бо бачагон ташаккул ёфт, китобдорони деҳот тарғиби китобро миёни кӯдакон вобаста ба масъалаҳои тарбиявии онҳо анҷом медодагӣ шуданд. Дар чанде аз ноҳияҳои ҷумҳурӣ теъдоди китобхонаҳо афзуд. Масалан, соли 1927 шуъбаи маорифи халқи ноҳияи Нов (ҳоло н. Спитамен) дар ноҳия 12 мактаби навро ба истифода дод, ки дар онҳо 184 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд, ки ҳанӯз ба талабот ҷавобгӯ набуд. Бинобар ин, шуъбаи маорифи ноҳия доир ба зиёд намудани миқдори мактабу китобхонаҳо ва чойхонаҳои сурх боз як қатор тадбирҳои зарурӣ андешид: миқдори синфҳо афзуд, теъдоди талабагон то ба 869 нафар зиёд гардид, ки 76 нафари онҳоро духтарон ташкил мекарданд.

Чуноне ки аз протоколи маҷлиси ташвиқотӣ-тарғиботии шуъбаи Кумитаи вилоятии ҲК(б) Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Худмухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон бармеояд, ҳанӯз доир ба ташкили кори китобхонаҳо дар Тоҷикистон аз тарафи Комиссариати халқӣ оид ба маориф (Наркомпрос) ягон тадбире пешбинӣ карда нашудааст…». Дар сметаи хароҷот барои нигоҳдории хазинаи китобхона ва харидории маводи тозанашр маблағ ҷудо карда нашудааст, маблағи ҷудошуда асосан, барои иҷрои супоришоти нашриёти давлатӣ оид ба адабиёти оммавӣ, ки аз рӯйи нақша ба забони тоҷикӣ нашр мешуданд, сарф карда мешавад.

Дар пайи ошкор карда шудани ин норасоиҳо бо мақсади беҳбуди кори китобхонаҳо қарори зерин қабул карда шуд:

а) барои нигоҳдории кормандони китобхона ба буҷаи соли 1928-1929 маблағи муайян ҷудо карда шавад;

б) барои дарёфт намудани ҷой ва мавзеи мувофиқ ҷиҳати бунёди китобхона чораҳои зарурӣ андешида шаванд…

Барои ҷорӣ намудани ҳуруфоти лотинӣ кӯшишҳо мекарданд. Дар қарори сессияи сеюми Кумитаи иҷроияи марказии шӯрои Тоҷикистони худмухтор, даъвати якум «Дар бораи зарурати ҷорӣ намудани алифбои нави тоҷик» чунин гуфта шуда буд: «Аз соли таҳсили 1928 - 1929 таълими алифбои нав дар ҳамаи мактабҳои зинаи дуюм ва то ҳадди имкон дар мактабҳои ибтидоӣ ҷорӣ карда шавад».

Дар ҳуҷҷати номбурда ақидаи ботиле қайд шудааст, ки алифбои нави лотинӣ барои хатти тоҷикӣ нисбат ба алифбои арабиасос афзалияти техникӣ дорад. Дар сурати ҷорӣ гардидани он гӯё маданияти халқ зуд боло рафта, кори аз худ намудани забони модарӣ хеле осон мегардида бошад.

Вале, сатҳи инкишофи кори китобдорӣ ба ҳар ҳол ба талаботи замон - инкишофи босуръати аҳолӣ мувофиқат намекард, шабакаи китобхонаҳо талаботи кӯдаконро ба китоб ва дониш қонеъ карда наметавонист. Аксари деҳотҷойҳо на китобхонаҳои ҳамешафаъол ва на сайёр доштанд, дар бораи китобхонаҳои бачагона ҳоҷати сухан набуд.

Қарори мазкур рушди ҳаматарафаи шабакаи китобхонаҳои бачагонаро пешбинӣ карда буд. Дар натиҷаи тадбирҳои қабулшуда соли 1932 шумораи китобхонаҳои оммавӣ 10 маротиба зиёд гашта, миқдори умумии онҳо 119 ададро ташкил медиҳад; захираи китобҳо низ аз 12 то 107 ҳазор адад, яъне 9 маротиба афзуда буд. Вале ин афзоиш, асосан аз ҳисоби шаҳрҳо буд. Дар шаҳрҳо шабакаи китобхонаҳо, 46 маротиба густариш ёфта буд, дар сурате ки дар деҳот ҳамагӣ 7,5 маротибро ташкил медоду халос.

Нашриёти давлатии Тоҷикистон мунтазам китобҳои бачагонаро ба табъ мерасонд. Танҳо соли 1930 9 номгӯй китобро бо теъдоди 29 ҳазор нусха ба нашр расонид.

Дар нимаи дуюми солҳои 30-ми асри XX дар асоси Қарори ТТИК ССР «Дар бораи кори китобдорӣ дар СССР» (27 марти соли 1934) доир ба густариши шабакаи китобхонаҳо тадбирҳои махсус қабул карда шуд, ки мувофиқи он соли 1935 мебоист дар ҳамаи ноҳияҳои мамлакат китобхонаҳо бунёд ва захираҳои фаровони китоб ва дигар маводи нашрии зарурӣ инчунин китобдорон таъмин карда мешуданд.

Мувофиқи маълумоти омории соли 1934 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 268 китобхонаи оммавӣ бо захираи 167 634 ҳазор нусха китоб амал мекард. Аз ин теъдод 194 китобхона бо захираи 99439 ҳазор адад китоб дар деҳаҳо фаъолият мекарданд.

Бояд қайд кард, ки тайи ин муҳлат дар раванди ташкили фаъолияти китобхонаи кӯдакона камбудиҳои зиёд ошкор шуданд. Ин камбудиҳо, пеш аз ҳама, иборат аз он буданд, ки деҳаҳо бо китобхонаҳо пурра таъмин набуданд. Бинобар ин, бо мақсади ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда дар ҷумҳурӣ як қатор тадбирҳо ба нақша гирифта шуданд. Масалан, сохта ба истифода додани китобхонаҳои махсус барои кӯдакон ва ё ташкили шуъбаҳои адабиёти бачагона дар назди китобхонаҳои оммавӣ, ки яке аз тадбирҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёфт. Дар баробари бунёди китобхонаҳои бачагона дар ин давра барои сохтмони китобхонаҳои мактабӣ низ эътибори зиёд дода шуда буд. Кумитаи иҷроияи марказии РСС Тоҷикистон 11 июли соли 1934 бо қарори худ маорифи халқи ҷумҳуриро вазифадор кард, ки барои ташкили китобхонаҳои мактабӣ диққати бештар диҳад. Дар қарори мазкур Нашриёти давлатии Тоҷикистон низ вазифадор шуда буд, ки ба ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастрас кардани адабиёти бачагонаро ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва ӯзбекӣ таъмин намояд.

Соли 1937 Шӯрои комиссариати Халқии РСС Тоҷикистон «Дар бораи вазъ ва ҳолати китобхонаҳои талабагӣ дар назди мактабҳо» омадааст, ки шабакаи китобхонаҳои талабагӣ дар назди мактабҳо ҳамагӣ 363 адад мебошад, дар сурате ки дар ҷумҳурӣ 2629 мактаби ибтидоӣ ва 45 мактаби миёнаи нопурра ва пурра бо 5521 нусха китоб барои хониши беруназмактабӣ амал мекунанду халос. Вазъияти мазкур ғайриқаноатбахш ҳисоб карда шуд. Қайд гардид, ки Комиссариати халқии маорифи РСС Тоҷикистон дар самти бо китобу ҷузв таъмин намудани китобхонаҳои бачагона ва талабагони мактабҳои мамлакат эътибори ҷиддӣ намедиҳад. Бинобар ин хонандагони аксарияти мактабҳо дар вактҳои беруназдарсӣ имконияти китобхонӣ надоранд.

Ба ҳамин асос Шӯрои комиссарони халқии РСС Тоҷикистон дар асоси қарори Шӯрои Комиссарони СССР таҳти №1993 аз 16 ноябри соли 1936 доир ба масъалаи номбурда қарор қабул кард. Мувофиқи ин қарор Комиссариати маорифи халқи РСС Тоҷикистон вазифадор карда шуд, ки аз соли 1937 сар карда ҳамаи китобхонаҳои бачагонаро дар назди мактабҳои ибтидоӣ, миёнаи нопурра ва миёнаи умумӣ, ки дар он китобхонаҳои талабагӣ ҳанӯз вуҷуд надоранд, такмил дода, дар давраи таътили тобистона муаллимонро бо муҳтавои адабиёти китобхона шинос кунонида, тартиби нигоҳдории адабиёти бачагона ва китобдиҳиро муқаррар намояд.

Дар натиҷаи тадбирҳои қабулшуда соли 1937 дар ҷумҳурӣ 368 китобхонаи мактабӣ сохта шуд ва дар онҳо 552 адад китоб ҷамъоварӣ гардид. Вале сохтмони китобхонаҳои мактабӣ дар асл акнун сар шуда буд. Китобхонаҳо, асосан дар шаҳру ноҳияҳои марказ сохта мешуданд. Масалан, охири соли 1940 дар вилояти Кӯлоб (ҳоло шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) 121 китобхона амал мекард, захираи китобҳои онҳо низ назаррас набуд.

Тавре ки аз маълумоти Институти таърихи Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, аз протоколи маҷлиси «Култпрос»-и КМ ҲК (б) Тоҷикистон аз 3-4 декабри соли 1939 бармеояд, моҳи январи соли 1933 Китобхонаи шаҳри Сталинобод ба фаъолият шурӯъ менамояд. Захираи ин китобхона аз 7971 нусха иборат буд ва 601 нафар хонанда дошт. Воҳиди кормандони китобхона аз 5 нафар иборат буд. Китобхона дар байни аҳолӣ мунтазам кор мебурд. Дар фаъолияти китобхона ҷиҳати харҷи бештар ба китобхонӣ шавқманд кардани кӯдакон диққати зиёд дода, дар ин ҷода тадбирҳои гуногун андешида мешуд.

Ин буд, ки вазъияти кори шуъбаҳои бачагонаи китобхона тадриҷан беҳтар гардид. Аз соли 1934 сар карда захираи китобхонаҳо тавассути Коллектори ҷумҳуриявии китобдорӣ тибқи нақша бо китобҳои бачагона мунтазам таъмин карда мешуданд.

Муҳаққиқони соҳа қайд мекунанд: - нақшаи бо китоб таъмин кардани китобхонаҳо, бахусус фонди китобхонаи шаҳри Сталинобод (имрӯза Душанбе), тибқи меъёри пешбинишуда ба пуррагӣ иҷро намешуд; коллектор бо китобҳои батабърасида сари вақт таъмин карда намешуд; савдои китоб талаботи коллекторро ба адабиёт ба пуррагӣ иҷро намекард; коллектор дар навбати худ ба китобхонаҳо китобҳои заруриро ба забони тоҷикӣ ба миқдори даркорӣ таъмин намекард, шумораи аҳолӣ ва махсусияти онро ба инобат гирифта наметавонист. Дар натиҷа вазъияте ба миён меомад, ки ба китобхонаҳои мактабҳои ғайритоҷикӣ (қирғизӣ ва ӯзбекӣ), китобҳои ба забони тоҷикӣ нашршуда ирсол карда мешуд.

Дар ин солҳо кӯдакон шахсан ташкили китобхонаҳоро талаб мекарданд. Аз ҷумла дар мақолаи рӯзномаи "Коммунисти Тоҷикистон" чунин нигошта шуда буд: «Пионерони Помир дар табрикоти худ ба Съезди III-ми комсомоли Тоҷикистон хоҳиш карданд, ки ба онҳо китобҳои бачагона фиристода шавад. Дере нагузашта ба Хоруғ 100 нусха китобчаҳои бачагона (ба забони тоҷикӣ) фиристода шуданд, ки дар байни онҳо асарҳои устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирсаид Миршакар, Антон Павлович Чехов ва дигарон буданд» ("Коммунисти Тоҷикистон", 1936.- 18 июн).

Баъд аз ин барои бачагон толорҳои хониш ташкил карда шуданд. Аз ҷумла, 15 июни соли 1936 дар шаҳри Душанбе аввалин боғи бачагонаи маданӣ ва истироҳат бо толори хониш бунёд гардид ("Тоҷикистони Сурх", 1936.- 21 июн).

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки аз ҳамин вақт сар карда библиографияи адабиёти бачагона низ ба роҳ монда шуд. Ба ин мақсад соли 1937 Палатаи китобҳо ташкил карда мешавад. Соли 1939 «Солномаи китобҳо» барои солҳои 1937-1938 ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз чоп баромад ва минбаъд чопи асарҳои библиографии худро ба роҳ монд.

Масъалаи тайёр кардани кадрҳои соҳибмаълумот барои китобхонаҳои бачагона душвориҳо дошт. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони касбии соҳаи китобдорӣ тайёр карда намешуданд. Дар ин хусус Кумитаи марказии ҲК(б) Тоҷикистон қарори худ «Дар бораи васеъ намудани шабакаи китобхонаҳо ва беҳтар намудани ташкили кори китобдорӣ дар Тоҷикистон»-ро ба тасвиб расонд, ки қайди баъзе муваффақиятҳои соҳаи китобдорӣ (ташкили китобхонаи оммавӣ, васеъгардонии шабакаи китобхонаҳои деҳот, афзоиши теъдоди хонандагон аз ҷумлаи аҳолии таҳҷойӣ), вазъияти кори китобхонаҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ғайриқаноатбахш ҳисобида шуд. Бинобар ин қарор карда шуд, ки дар давраи таътили тобистона тавассути курсҳои азнавтайёркунӣ дар шаҳри Душанбе 30 нафар китобдор тайёр карда шавад. Мувофиқи ин қарор аз соли таҳсили 1934-1935 дар назди Техникуми педагогии шаҳри Душанбе шуъбаи китобдорӣ ташкил карда шуда, ҷалб гардидани мутахассисони китобхонаҳо ба корҳои дигар манъ карда шуд. Ба хотири инкишофи шабакаи китобхонаҳо ва тайёр кардани китобдорон илова ба маблағҳои буҷаи маҳаллӣ ва давлатӣ, истифодаи маблағҳои иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилоту идораҳо низ иҷозат дода шуд.

Вале ба ақидаи З.М. Шевченко (номзади илми таърих, собиқ директори китобхонаи АИ ҶТ) ин ҳама тадбирҳо, бахусус дар раванди тайёр кардани китобдорон, қисман ба талабот ҷавобгӯ буд. Зеро сатҳи тайёрии онҳо китобхонаҳои ҷумҳуриро бо хизматрасонии дилхоҳ таъмин карда наметавонист. Маҳз бо ҳамин сабаб ва бо мақсади мунтазам тайёр кардани китобдорони баландихтисос соли 1934 дар шаҳри Душанбе техникуми китобдорӣ ташкил карда шуд. Бо вуҷуди ин талабот ба курсҳои кӯтоҳмуддати китобдортайёркунӣ аз байн нарафт. Ин буд, ки соли 1936 дар шаҳри Душанбе курсҳои чормоҳаи тайёр кардани мудирони китобхонаҳои ноҳиявӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ ба кор шурӯъ карданд.

Ҳамин тариқ тайи солҳои 20 - 30 асри XX дар ташкили заминаи хизматрасонии китобхонаҳои бачагона тадбирҳои зерин ба амал бароварда шуданд:

- ба вуҷуд овардани низоми китобдории бачагона;
- таъмини китобхонаҳои бачагона бо кадрҳои соҳибмаълумот ва захираи китобҳои зарурӣ;
- роҳандозии чопи китобҳои бачагона ба забони тоҷикӣ.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) фаъолияти ҳамаи китобхонаҳо, аз он ҷумла китобхонаҳои бачагона низ барои хизмат ба талаботи замони ҷанг равона гардид. Дар ин давра тарғиби ватандӯстӣ дар таълим ва тарбияи бачагон ҷойи аввалро ишғол мекард. Ин вазифа дар шароите ба вуқӯъ пайваста буд, ки замона тайёр кардани ҷанговарони устувору матин ва ватандӯстро, ки ҷони худро дар ҳифзи Ватан ва истиқлолияти он дареғ намедоштанд, аҳамияти махсус пайдо карда буд. Ташкили чунин тарзи корбарӣ талаб мекард, ки шаклу усулҳои собиқи кори тарбиявӣ таҷдиди назар карда шаванд, ки ҷавобгӯи талаботи замон бошанд.

Солҳои вазнини ҷанг зарурате ба миён омад, ки дар фаъолияти китобхонаҳо ба сарфаю сариштакории маблағҳои буҷавӣ диққати махсус дода шавад. Ба ин минвол дар соли 1945 маблағгузорӣ ба низоми маориф 71% -и хароҷоти умумии соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангии ҷумҳуриро ташкил медод. Қисми зиёди маблағгузорӣ барои низоми маориф (қариб 155 миллион сум) ва таъминоти мактабдорӣ равона карда мешуд, зеро дар ин сол (1945) миқдори мактабҳо 3051 ва теъдоди талабагон ба 294 ҳазор расида буд.

Аз ҳисоби ин маблағҳо ҳам китобҳо харидорӣ ва ҳам дар назди мактабҳо китобхонаҳо сохта мешуданд.

То моҳи январи соли 1941 дар ҷумҳурӣ 401 китобхонаи оммавӣ бо захираи 495,5 ҳазор китоб амал мекард. Аз ин миқдор 100 китобхона дар шаҳрҳо ва 301 китобхона дар деҳот ҷойгир буданд. Ба ҳисоби миёна ҳар як китобхона 1240 китоб ва маҷаллаҳо дошт. Яъне, миқдори умумии китобҳо назар ба соли 1934 ду маротиба афзуда буд. Агар дар шаҳрҳо захираи китобии китобхонаҳо ба ҳисоби миёна 272,0 нусхаро ташкил диҳад, пас дар деҳот он ҳамагӣ аз 740 нусха иборат буд, яъне назар ба китобхонаҳои шаҳрӣ қариб 4 маротиба кам: дар китобхонаҳои оммавӣ ба ҳар 100 нафар аҳолӣ 32 китоб рост меомад.

Дар шароити ҷанг ба кӯдакони ятиму бепарастори маҳалҳои забткардаи фашистон, ки ҳанӯз охири соли 1941 ба Тоҷикистон интиқол дода шуда буданд, ғамхории махсус зоҳир карда мешуд. Аз ҷумла китобхонаҳои ҷумҳурӣ тамоми имкониятҳоро истифода мекарданд, ки ҳамаи онҳоро бо китобҳои таълимӣ ва адабиёти бадеӣ ба забони русӣ таъмин намоянд, аз рӯзномаю маҷаллаҳо мақолаҳои дахлдорро интихоб карда, албомҳо тартиб диҳанд. Дар мақолаҳо одатан дар бораи қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, «Гвардияи ҷавон ва занҳои маъруфи ҷаҳон - Крупская, Василевская, Ибаррурӣ ва дигарон сухан мерафт (119, 60). Кормандони китобхонаҳои мактабӣ ташаббускори ҷамъоварии оҳанпораҳо ва ташкилотчии дастаҳои Темурӣ буданд. Талабагон барои маҷрӯҳони ҷанг, ки дар шифохонаҳои ҳарбӣ (госпитали) ш. Душанбе табобат меёфтанд, адабиёти бадеӣ ҷамъоварӣ мекарданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ китобхонаҳои беморхона, қисмҳои ҳарбӣ ва хонаҳои бачагонро бо теъдоди муайяни китобҳо таъмин мекарданд.

Теъдоди китобҳои баъд аз ҷанг нашргардида чандон зиёд набуд ва талаботи китобхонаҳоро ба пуррагӣ қонеъ намекард. Коллектори ҷумҳуривӣ низ дар фаъолияти худ на ҳамеша талаботи китобхонаҳоро ба назар мегирифт.

Қатъи назар аз ин душвориҳо Ҳукумати ҷумҳурӣ барои рушди минбаъдаи шабакаи китобхонаҳо ва мазмуни китобҳо ғамхориҳо зоҳир мекард. Дар натиҷа соли 1950 дар ҷумҳурӣ 962 китобхонаи оммавӣ дар хизмати бачагон қарор дошт. Шабакаи китобхонаҳои оммавӣ дар ин сол нисбат ба соли 1940 2,4 маротиб афзуд. Дар ин давра сохтмони китобхонаҳо, махсусан дар деҳот ривоҷ ёфта, шумораи онҳо нисбат ба дар соли 1940 3 маротиба афзуд. Соли 1960 дар Тоҷикистон 884 китобхонаи оммавӣ вуҷуд дошт. Дар ин давра ба 2,3 ҳазор аҳолии шаҳр ва 3,1 ҳазор сокинони деҳот яктоӣ китобхона рост меомад. Дар ин муддат хизматрасонии китобхонаи бачагона низ дар Тоҷикистон тадриҷан ривоҷ ёфт. Тайи ин солҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2614 мактаб вуҷуд дошт, дар онҳо 331 ҳазор хонанда таҳсил ва зиёда аз 21 ҳазор муаллим фаъолият мекарданд.

Бо мақсади ҳарчи бештар сафарбар кардани кормандони китобхонаҳо барои хизматрасонӣ ба аҳолӣ соли 1961 Съезди 1-уми кормандони китобхонаҳои ҷумҳурӣ баргузор гардид. Съезд барномаи васеи такмили кори китобхонаҳоро пешниҳод кард, ки дар он масъалаи хизматрасонии китобдорӣ ба бачагон ҷойи муҳимро ишғол мекард.

Тибқи барнома Вазорати маданияти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаи «Вазъият ва чорабиниҳо оид ба беҳтарнамоии кори китобдорӣ дар ҷумҳурӣ» фармон ба тасвиб расонид, ки дар он зарурати бо китоб таъмин кардани ҳар як хонаводаи мамлакат таъкид карда мешуд. Бо ин мақсад назорати ҷиддии кори китобдорӣ созмон дода шуда, воҳиди кории методистон дар назди Китобхонаи давлатии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ зиёд ва дар назди китобхонаҳои вилоятӣ шуъбаҳои методӣ, шӯроҳои байниидоравии китобдорӣ ташкил карда шуданд. Дар ҳамин сол як идда китобхонаҳо дар ноҳияҳои Совет (Темурмалик), Рӯшон, Панҷ, Шуғнон, Куйбишев (Ҷомӣ) ва 38 китобхонаи деҳотӣ ба биноҳои махсуси замонавӣ кӯчонида шуданд. Бо мақсади такмили идораи кори китобхонаҳои бачагона ва ба кори китобхонаҳо сафарбар кардани омӯзгорон ва ҷамоатчигии шаҳру ноҳияҳо дар асоси Қарори Шӯрои вазирони РСС Тоҷикистон аз 21 сентябри соли 1960 «Дар бораи таъсиси Шӯрои байниидоравии китобхонавии РСС Тоҷикистон» Шӯрои ҷумҳуриявии китобхонаҳо ташкил карда шуд.

Дар солҳои 60-и асри XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2503 мактаб, аз ҷумла 1060 мактаби ибтидоӣ, 1002 мактаби 8-сола ва 435 мактаби миёна фаъолият мекард. Теъдоди умумии талабагони синфҳои 1-8 465 632 нафарро ташкил медод. Шабакаи китобхонаҳо чунин буд: китобхонаҳои оммавӣ 519, китобхонаҳои мактабӣ - 1258, аз он ҷумла китобхонаҳое, ки захираи китобҳояшон аз 750 нусха иборат аст 673 - адад, китобхонаҳои бачагонаи мустақил ҳамагӣ 21-то. Пешбинӣ шуда буд, ки дар давоми соли 1965 боз 5 китобхонаи бачагонаи мустақил ифтитоҳ карда хоҳад шуд.

Дар соли 1963 29 китобхонаи бачагона барҳам дода шуданд. Дар ибтидои моҳи январи соли 1963 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 50 китобхонаи бачагона фаъолият мекард, ки захираи китоби онҳо ба китобхонаҳои оммавии деҳот ирсол гардид. Дар аксари мавридҳо бинои китобхонаҳои бачагонаро ташкилотҳои дигар ишғол карда буданд. Дар натиҷа китобхонаҳои бачагона на дар ҳамаи ноҳияҳо вуҷуд доштанд. Барои мисол, дар шаҳри Душанбе ба 47946 хонандагони синфҳои 1-8 танҳо 1 китобхонаи бачагона хизматрасонӣ мекард, ки ногузир сабаби камии теъдоди талабагони мутолиакунандаи китоб мешуд.

**АДАБИЁТ**

1. Из истории культурного строительства в Таджикистане 1941 -1960 гг. - Душанбе: Ирфон, 1966. -Т. 2. - 511с.
2. Из истории культурного строительство в Таджикистане: Сб. докум. - Душанбе: Ирфон, 1966. - Т.1.- 501с.
3. Иркаев М. У истоков просвешения / М. Иркаев. - Душанбе: Ирфон, 1979.- 48 с.
4. Тельман Р. О. Развитие библиотечного дела в Таджикистане за годы Советской власти / Р. О. Тельман, Е. А. Руденко // Библиотеки СССР. М., 1968. - вып. 37. - С. 33 - 46.
5. Камолзода С. Андешаҳо дар ситоиши китоб ва хониш / С.Камолзода // Маводи конференсияи илмӣ; ДДОТ ба номи Қ. Ҷӯраев. - Душанбе, 1997. - С. 42 - 44.
6. Камолзода С. Чароғи ҳидоят – ҳидоят намуд / С.Камолзода // Паёмномаи фарҳанг.–2000. № 1. – С. 83 - 88.



**НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ТАШКИЛИ КИТОБХОНАҲОИ БАЧАГОНА ДАР ТОҶИКИСТОН**

Маорифпарварони тоҷик ва афкори пешқадами ниёкон дар замони тоинқилобӣ ва баъд аз он нисбати бунёди нахустин китобхонаҳо дар Тоҷикистон, ташкил ва пешбурди шаклу усулҳои фаъолияти китобдорӣ, инчунин ғанӣ гардонидани захираи китобхонаҳо, сарфи назар аз баъзе маҳдудиятҳои ҷаҳонбинӣ, ки сабабҳои объективӣ дошт, саъю кӯшиши зиёде карда буданд. Назаре ба таърихи ташкили китобхонаҳои бачагона дар замони шӯравӣ фарогирии ҳарчи бештари кӯдакону наврасон ба мутолиа, аъзои ҷомеаро ба ташкили мактабу китобхонаҳои муосир ва дар байни халқи тоҷик густариш бахшидани дастовардҳои илм, маориф ва фарҳанг ҳидоят менамояд.



**Калидвожаҳо:** маорифпарварони тоҷик, китобхона, фаъолияти китобдорӣ, мутолиаи адабиёт.



**ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ОРГАНИЗАЦИИ ДЕТСКИХ БИБЛИОТЕК В ТАДЖИКИСТАНЕ**

Таджикские просвещенцы и передовые мыслители в дореволюционный период и после него, несмотря на некоторые объективные недостатки в мировоззрении, приложили немало усилий для организации и создания первых библиотек в Таджикистане, организации и развитию библиотечной деятельности, обогащению библиотечных фондов. Взгляд на историю организации детских библиотек в советское время призывает к все большему охвату детей чтением, общественность - к организации современных школ, библиотек, и распространения среди таджикского народа достижений науки, образования и культуры.



**Ключевые слова:** таджикские просвещенцы, библиотека, библиотечная деятельность, чтение литературы.



**VIEW ON THE HISTORY OF THE ORGANIZATION OF CHILDREN'S LIBRARIES IN TAJIKISTAN**

Tajik enlighteners and advanced thinkers in the pre-revolutionary period and after it, despite some objective shortcomings in their outlook, have made considerable efforts to organize and create the first libraries in Tajikistan, to organize and develop library activities, and to enrich library collections. A glance at the history of the organization of children's libraries during the Soviet era calls for an ever increasing coverage of children with reading, the public - for the organization of modern schools, libraries, and the dissemination to the Tajik people of the achievements of science, education and culture.



**Key words:** Tajik enlighteners, library, library activity, reading of literature.



**Сведения об авторе**: ***Сайфиддин Камолзода -*** Академия образования Таджикистана, кандидат педагогических наук, заведующий отделом науки и инновации. Телефон**:(+992) 918232822.** E-mail: **kamolzoda70@mail.ru**


# АҲАМИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ТАКМИЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҲСИЛОТИ САЛОҲИЯТНОК


***Собиров С.Ф.***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Такмил додани мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, низоми таълим, иртиқои маҳорати касбии омӯзгорон ва тарғибу татбиқи усулҳои босифату инноватсионии таълим ва технологияи муосири педагогӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷии пешрафтаи дуру наздик нишон медиҳад, ки манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳсилот аст. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020-ро қабул карда (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334), маорифро омили асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Зеро маориф дар ҳама давру замон ва таърихи ташаккули миллатҳо неруи пешбарандаи ҷомеаи мутамаддин ва соҳибмаърифат мебошад. Ҳамин аст, ки ҳамеша дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеа (хосса дар замони ҷаҳонишавӣ), муайян намудани самти ояндаи инкишоф ва бақои миллат ба дӯши маориф аст ва масъулияти ҳамин сохтор ба шумор меравад.

Бо назардошти он ки аз моҳи сентябри соли 2016 дар зинаи аввали таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низоми таълими салоҳиятнокӣ ба роҳ монда шуд, нақши муассисаҳои такмили ихтисос боз ҳам муосиртар гардид. Ҳарчанд ки муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим дар таърихи педагогика падидаи ҷадид набошад ҳам, бо вуҷуди ин низоми мазкур барои қисми зиёди омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар то андозае нав мебошад. Дар раванди шинос намудани омӯзгорон

ва татбиқи ин низом Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд ва Хоруғ бо роҳи ташкили курсҳои омӯзишии низоми таълими салоҳиятнок нақши асосиро иҷро намуд. Муассисаҳои такмили ихтисос барои зиёда аз 33000 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ курсҳои омӯзишӣ ташкил намуданд.

Аз ин рӯ, баланд бардоштани сифати курсҳои такмили маҳорати касбии омӯзгорон дар шароити гузариш ба низоми таълими салоҳиятнок вазифаи муҳим мебошад. Омӯзгорону кормандон маҳз дар курсҳои такмили ихтисос аз методикаю методологияи муосири таълиму тарбия, роҳу усулҳои инноватсионии таълим ва дигаргунсозиҳои мактабу маориф бархурдор мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки таъмини сифату самаранокии курсҳои такмили ихтисос ноил шудан ба нишондиҳандаҳои сифатӣ мебошад, зеро такмили маҳорати касбии омӯзгор, ки омили муайянкунанди беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи насли наврас аст, аз сифату самаранокии курсҳои такмили ихтисос пурра вобаста мебошад.

Бо дарназардошти ин мубрамият дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он бар асоси дастовардҳои илми муосир ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта ҷиҳати баланд намудани сифати курсҳои такмили ихтисос якчанд навгониҳо ба вуҷуд оварда шудаанд:

- нигаронида шудани таносуби соатҳо ба 60х40, яъне 60 фоизи машғулиятҳои курсҳо ба тариқи амалӣ ва 40 фоиз ба тариқи назариявӣ дар барномаҳои намунавии таълимии курсҳои такмили ихтисос;
- ташкили озмоишгоҳҳои илмӣ-таълимии химия, физика, биология, синфҳои ибтидоӣ, баландбардории маҳорати педагогӣ, коркарди чӯб, коркарди оҳан, коркарди пластмасса, дӯзандагӣ, пухтупаз ва муҷаҳҳаз намудани он бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони ҳамкор;
- муҷаҳҳаз намудани утоқҳои таълимии донишкада ва филиалҳо бо тахтаҳои электронӣ ва баргузор намудани машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос тавассути истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ-техникӣ ва китобхонаи электронӣ;
- пешниҳоди лоиҳаи эҷодӣ аз ҷониби шунавандагони курсҳои такмили ихтисос бо мақсади баланд бардоштани маҳорати эҷодии шунавандагон ва омӯзишу тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон.

Ҳамчунин, ба хотири таъмини самаранокии курсҳои такмили ихтисос ба иртиқои маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ теъдоди муайяни модулҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорону кормандони муассисаҳои такмили ихтисос дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар солҳои охир таҳия карда шуд. Аз ҷумлаи модулҳои таълимӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, марказҳои инкишофи кӯдакон ва муассисахои томактабӣ 25 номгӯй, барои омӯзгорони фанни технология (меҳнат) 20 номгӯй, барои омӯзгорони фанни физика 1 номгӯй, химия 1 номгӯй, математика 1 номгӯй, биология 1 номгӯй, технологияи иттилоотӣ 1 номгӯй, барои сарварони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 4 номгӯй, 1 номгӯй модули системаи Брайл барои низоми такмили ихтисос барои нобиноён, мактаб-интернатҳо ва хонаҳои кӯдакон ва 3 номгӯй барои тренерон –омӯзгорон.

Имрӯз яке аз масъалаҳои дигаре, ки садди роҳи баланд гардидани сифати таҳсилоти кишвар ва самаранокии курсҳо мегардад, ба тариқи ғайриихтисос дарс додани омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Бо ин мақсад ҷиҳати ба роҳ мондани бозомӯзии омӯзгорон бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон “Диплом”-и намунаи давлатӣ ва “Низомнома дар бораи тартиби бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф” таҳия ва тасдиқ гардида, 16 барномаи таълимии курсҳои бозомӯзӣ вобаста ба тахассусҳои “ҳуқуқи инсон”, “суруд ва мусиқӣ”, “тарбияи ҷисмонӣ”ва “технология (меҳнат)” таҳия ва бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Яке аз роҳҳои дигари муайян намудани сифати курсҳои такмили ихтисос гузаронидани мониторингҳо дар раванди курсҳои такмили ихтисос мебошад. Дар донишкада ҳанӯз аз соли 2010-ум бахши махсус оид ба мониторинги сифати курсҳо фаъолият менамояд, ки бевосита ба гузаронидани мониторингҳо вобаста мебошад. Мутахассисон бештар ба таҳлил ва ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар намудани сифат ва самаранокии курсҳои такмили ихтисос ва ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар намудани он бобати баланд намудани маҳорати касбии омӯзгорон-шунавандагон мебошад.

Омӯзишу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки системаи кунунии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ҳанӯз ба таври зарурӣ мукаммал набуда, дар ин самт як қатор норасоиҳо ҷой доранд. Ба монанди:

- то ҳол дар муассисаҳои такмили ихтисос ба роҳ монда нашудани бозомӯзии касбии кадрҳои омӯзгории муассисаҳои соҳаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- тибқи нақша дар курсҳои такмили ихтисос таъмин карда нашудани омӯзгорону кормандони соҳа аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;

- ҳанӯз ҳам ба таври сайёр гузаронида шудани қисми муайяни курсҳои такмили ихтисос дар филиалҳои донишкада дар минтақаҳо;

- аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида нашудани худи кормандони муассисаҳои такмили ихтисос;

- пурра таъмин набудани муассисаҳои такмили ихтисос бо кормандони варзидаю унвону дараҷаи илмӣ дошта;

- бо дарназардошти суръати инкишоф ва зарурати татбиқи технологияи инноватсионии таълим таҷдиди назар намудани муҳлати аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани кормандону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзгорони фаннии муассисаҳои ибтидоии касбӣ;

- таҷдиди назар намудани банақшагирии раванди ташкилу баргузории курсҳои такмили ихтисос ва дар раёсату шуъбаҳои таълимии муассисаҳои такмили ихтисос ташкил намудани бонки маълумот;

- пурзӯр намудани фаъолияти озмоишҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар базаи муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бо мақсади озмоиши технологияи низоми нави омӯзиш ва методикаи муосири таълим;

- ташкил ва ташаккули ҷараёни иттилоотии маълумотдиҳӣ ва маълумотгирӣ, таҳсили фосилавӣ (дистансионӣ)-и такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос;

- такмил додани пояи илмию методии раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос;

- гузаштан ба маблағгузории сарикасии такмили ихтисос;

- коркард ва ҷорӣ намудани системаи маоши тафриқавӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос;

- тибқи низоми таълими салоҳиятнок коркард ва таҳия намудани барномаҳои таълимии алтернативӣ барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос;

- бештар ҷалб намудани олимони бахши педагогика, психология, муаллимони варзида ва кормандони муассисаҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва методии соҳа ба машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

- ташкил ва истифодаи омӯзиши фосилавии (дистансионӣ) такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бо истифодаи марказҳои интернетӣ дар маҳал таҳти роҳбарии кормандони муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байни муассисаҳои такмили ихтисос ва кабинетҳои методии шуъбаю идораҳои маориф;

- коркарди усулҳои нави худомӯзии кормандони соҳаи маориф;

- таҳияи барномаҳои таълимии гуногун вобаста ба категорияи омӯзгорон ва доир намудани курсҳои такмили ихтисос вобаста ба сатҳи таҳсилот ва таҷрибаи корию категорияи шунавандагон;

- такмил додани нақшаю барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимӣ, марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, шуъбаю идораҳои маориф;

- ташкили бонки иттилоотӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ оид ба такмили ихтисоси кормандони педагогии ҷумҳурӣ, истифодаи шабакаи ягонаи иттилоотӣ оид ба фаъолияти муассисаҳои такмили ихтисос.

Вобаста ба масъалаҳои дар соҳа ҷойдошта ва зина ба зина татбиқ гардидани низоми таълими салоҳиятнок, муассисаҳои такмили ихтисосро мебояд ба масъалаи аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани худи кормандони муассисаҳои такмили ихтисос дар пояи Донишгоҳи миллӣ ё хориҷи кишвар машғул бошанд. Зеро сифати такмили ихтисос аз усулҳои ташкилии он ва методҳои таълимии истифодашаванда низ вобаста аст. Дар тамоми муассисаҳои такмили ихтисос дар ҳар як машғулият ба шунаванда бояд механизми ташкилии усули фаъоли таълим вобаста ба низоми таълими салоҳиятнок, хусусият ва бартариҳои он равшану аниқ нишон дода шуда, дар муқоиса самарабахшии методҳо асоснок карда шавад. Шунаванда бояд моҳияти усулҳои фаъоли таълимро ҳамаҷониба аз худ намояд, зарурати онро дарк кунад ва дар кори амалии худ чунон истифода барад, ки шогирдаш аз кабулкунандаи иттилоот ба таҳлилкунандаи он табдил ёфта, мустақилона таҳлил, ҷамъбаст, хулосабарорӣ, эрод гирифтан, муҳокима кардан, ҳимоя кардани фикронии худ, баҳо додан ва савол доданро ёд гирад. Ин мақсади ниҳоии ҳар як курси такмили ихтисос, натиҷанокии такмили маҳорати касбӣ дар курсҳои такмили ихтисос аст. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим доираи равишҳои эҷодкорӣ ва навоварии ҳам муаллим ва ҳам шунавандаро (хонандаро) хеле васеъ гардонида, барои амиқтар аз худ кардани маводи таълимии пешниҳодшаванда мусбӣ мусоидат менамояд, ки он, дар навбати худ, барои ноил шудан ба таълими босифат боис мегардад.

Таҳлил ва баррасии масъалаҳои мазкур ба баланд гардидани сифати таҳсилот ва сифати курсҳои такмили ихтисос асос шуда метавонад.

**АДАБИЁТ**

1. Байденко А. Компетенции в профессиональном образовании / А.Байденко // Высшее образование в России. – 2004. – № 11. – С. 3-13.
2. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия / И.А. Зимняя. -М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.
3. Омӯз ва омӯзон, -Душанбе: Ирфон, 2014.
4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. -Душанбе, 2012.
5. Қурбонзода Х. Такмили ихтисос (нишондиҳандаҳои оморӣ) / Х.Қурбонзода, Ҳ.Бобоев, С.Ҳасанов. -Душанбе, 2016.
6. Қурбонзода Х. Самтҳои аввалияи рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф / Х.Қурбонзода, Ҳ.Бобоев. -Душанбе, 2016.
7. Қурбонзода Х. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х.Қурбонзода, Ҳ.Бобоев. -Душанбе, 2016.

**АҲАМИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ТАКМИЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҲСИЛОТИ САЛОҲИЯТНОК**

Баланд бардоштани сифати курсҳои такмили ихтисос ё курсҳои такмили маҳорати касбии омӯзгорон вазифаи муҳимми муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф мебошад. Зеро муҳимтарин зина дар такомули маҳорати касбии омӯзгор, ин давра ба давра аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорону кормандони макотиби миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии томактабӣ арзёбӣ мегардад. Омӯзгорону кормандон маҳз дар курсҳои такмили ихтисос аз методикаю методологияи муосири таълиму тарбия, дигаргунсозиҳои мактабу маориф бархурдор мешаванд. Таъмини сифату самаранокии курсҳои такмили ихтисос, дастрас шудан ба нишондиҳандаҳои сифатӣ мебошад, зеро такмили маҳорати касбии омӯзгор (шунавандаи курс), ки омили муайянкунанди беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи насли наврас аст, аз сифату самаранокии курсҳои такмили ихтисос пурра вобаста мебошад.

**Калидвожаҳо:** муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим, такмили маҳорати касбии омӯзгорон, такмили ихтисос, усулҳои фаъоли таълим, сифати таҳсилот, модулҳои таълимӣ, шунаванда, бозомӯзӣ.

**ЗНАЧЕНИЕ И НЕОБХОДИМОСТЬ ПОВЫШЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬ-НОГО МАСТЕРСТВА ПЕДАГОГИЧЕСКИХ РАБОТНИКОВ В УСЛОВИЯХ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА К ОБУЧЕНИЮ**

Повышение качества курсов повышения квалификации или курсов повышения педагогического мастерства является важной задачей учреждений повышения квалификации работников сферы образования. Так как, в усовершенствовании профессионального мастерства учителя важнейшим звеном является организация периодического прохождения учителей средних общеобразовательных и дошкольных учреждений курсов повышения квалификации. Ведь учителя и другие работники школ только на курсах повышения квалификации ознакомятся с современной методикой, методологией и инноватционной технологией обучения. Обеспечение качества и эффективности курсов повышения квалификации является доступом к качественным показателям, так как, усовершенствование профессионализма учителей (слушателей), как фактор, определяющий улучшение качества образования молодого поколения, зависит от качества и эффективности курсов повышения квалификации.

**Ключевые слова:** компетентностный подход к обучению, повышению квалификации учителей, профессионального развития, методов обучения, обеспечение качества, учебных модулей, слушателя и переобучения.

**SIGNIFICANCE AND THE IMPORTANCE OF PROFESSIONAL TEACHER DEVELOPMENT COURSES IN THE CONDITIONS OF AN APPROACH OF TEACHING COMPETENCY**

Improving the quality of refresher courses or professional teacher development courses is an important task of the institutions on increasing qualification of collaborators in the sphere of Education. Since, the periodical organization and conduction of trainings for improving teachers' mastership and professionalism in preschool and the secondary stages of teaching are considered to be the most essential task to be accomplished by. Definetely, it is just the professional teacher development courses where teachers and other collaborators of schools get introduce with the modern methods and interactive ways of teaching. Providing the quality and effectiveness of the teacher development courses have access to qualitative indicators since, the improvement of teachers' professionalism is considered to be the main factor in determining the quality of education of the young generation that depends on the quality and effectiveness of refresher courses.

**Key words:** competence approach to teaching, professional development of teachers, professional development, teaching methods, quality assurance, training modules, listener and retraining.

**Сведения об авторе:** ***Собиров С.Ф.-*** Институт развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. E-mail^ s.sobirov.dti@mail.ru, Телефон: **900-00-46-14.**

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ИҶТИМОИГАРДОНИИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Ҳомидова Сурайё***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар замони ҳозира таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон ба низоми муайян даровaрда нашудааст ва дастовардҳои илмҳои иқтисодӣ, таҷрибаи методии мактабҳои пешқадам ба эътибор гирифта намешаванд. Барои ҳамин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагонро ба ҳаёти мустақилона ба таври зарурӣ тайёр карда наметавонанд.

Ба ақидаи олими олмонӣ Каминский Х. «Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд хонандагонро ба бартараф кардани мушкилоти зиндагӣ ва иштирок дар равандҳои иқтисодии ҷомеа тайёр кунад» [3,20].

Тағйиротҳои иҷтимоӣ – иқтисодии ҷомеаи имрӯза талаб менамоянд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шароити иқтисоди бозоргонӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ омода карда шаванд. Барои ҳамин ба омӯзгорон лозим меояд, ки дар раванди таълиму тарбия сифатҳои шахсии онҳоро, аз қабили мустақилият, салоҳиятнокӣ, кордонӣ, масъулиятшиносӣ ва ғайра, ташаккул диҳанд. Мусаллаҳ намудани хонандагон бо донишҳои иқтисодӣ ва ташаккули сифатҳои шахсии онҳо имконият фароҳам меорад, ки «Оид ба асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ тасаввуроти кофӣ пайдо намоянд» [4,81].

Имрӯз бояд муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон барнома таҳия намоянд, зеро ки истифодаи барномаи иқтисодӣ дар ҷараёни таълиму тарбия самаранокии тайёрии хонандагонро ба ҳаёти мустақилона дар ҷомеа ва фаъолияти меҳнатии оянда афзун мегардонад. Тайёр намудани хонандагон ба фаъолияти иқтисодӣ ташкили низоми таълими иқтисодии зинагӣ: дар раванди таълими фанҳои умумитаълимӣ, омӯзиши фанҳои махсуси касбӣ ва ташкили синфҳои самти иҷтимоӣ – иқтисодиро талаб менамояд[1].

Таълими иқтисодӣ дар зинаи якум аз низоми ягонаи таълими иқтисодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ (1- 4) дар дарсҳо ва вақтҳои фориғ аз дарс иборат аст. Мақсади асосии таълиму тарбияи иқтисодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани маърифати иқтисодии хонандагон мебошад [1;23].

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ сифатҳои асосии иқтисодии зеринро меомӯзанд: тиҷорат, миёнаравӣ ва хизматрасонӣ ҳамчун навъи махсуси фаъолияти тиҷоратӣ ва ғайра. Ин мафҳумҳо бояд дар синфҳои 1-2 омӯзонида шаванд. Дар синфҳои 3-4 бошад, маводҳои қаблан омӯхтаашон батадриҷ васеътар ва амиқтар шуда, мафҳумҳои бозор, шаклҳо ва навъҳои савдо, муносибат миёни фурӯшандагон ва муштариён, шаклҳои андоз, воридот, содирот ва ғайра омӯзонида мешаванд.

Дар зинаи дуюми таҳсилот (синфҳои 5-9) таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон идома меёбад. Донишҳои иқтисодӣ дар рафти омӯзиши фанҳои таълимӣ мураккабтар гардида, хонандагон дар баробари донишҳои иқтисодӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ низ донишҳои заруриро аз худ мекунанд. Яъне, дар бораи инсон, ҷомеа ва соҳаҳои асосии он: иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ тасаввурот пайдо мекунанд. Мақсади таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон дар ин зинаи таҳсилот ташаккул додани асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ ва маърифати ахлоқии онҳо мебошад.

Хонандагони синфҳои 5-7 дар дарсҳо шиносоиро бо соҳаҳои иқтисодиёт идома дода, мафҳумҳои тиҷорат, соҳибкорӣ, қарордоди меҳнатӣ, таъсири иқтисодӣ ва ғайраро меомӯзанд.

Дар рафти омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ ҳам ба тарбияи иқтисодӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад ва ҳам барои иҷтимоигардонии шахсияти хонандагон шароит фароҳам оварда мешавад. Дар ин зинаи таҳсилот бо хонандагон оид ба интихоби касб чорабиниҳои зиёд гузаронида мешаванд. Онҳо дар ин давра бо касбу ҳунарҳои гуногун, хусусияти онҳо шинос шуда, ба корхонаҳо ва муассисаҳои таълимии касбӣ экскурсияҳо ташкил карда мешаванд. Аз тариқи паҳн кардани анкета, гузаронидани тестҳо, мубоҳисаҳо ва пурсишномаҳо, шавқу ҳавас ва қобилияти онҳо оид ба касбу кори гуногун муайян карда мешаванд.[1]

Дар зинаи сеюм мутобиқгардонии иҷтимоии онҳо ба охир расида, хонандагон бо асосҳои дониши умумӣ аз ҳама фанҳои таълимӣ мусаллаҳ гардида, мавқеи иҷтимоӣ ва касбии онҳо муайян мешавад [2;49].

Таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон дар зинаи сеюми таҳсилот аз мақсаду вазифаҳои зерин иборат аст:

- боло бурдани сифати таҳсилот;
- боло бурдани самаранокии таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- татбиқи принсипҳои таълими тафриқавӣ;
- кушодани нақши фанҳои таълимӣ дар инкишофи сифатҳои кордонии хонандагон ва татбиқи онҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва технологияҳои инноватсионии раванди таълим;
- татбиқи вазифаи бо роҳи мушоҳида, тестҳо, пурсишномаҳо аз ташхис гузаронидани инкишофи шахсияти хонандагон;
- мусоидат намудан ба тарҳрезии нақшаҳои ҳаётӣ, идеалҳои касби оянда аз тарафи наврасон.

Вазифаи муҳимми таълими иқтисодӣ на танҳо инкишофи маърифати иқтисодӣ, балки тарбияи иқтисодӣ низ мебошад. Бояд қайд кард, ки вазъияти иқтисодии дар ҷомеаи имрӯза баамаломада аз бисёр ҷиҳат ба аз байн бурдани арзишҳои ахлоқӣ дар шуури хонандагон мусоидат менамояд.

Барои ҳамин бисёр омӯзгорон дар фаъолияти худ ба ҷанбаи ахлоқии тайёрии иқтисодии хонандагон аҳамият медиҳанд. Зеро иқтисоди бозоргонӣ метавонад ба ташаккули арзишҳои ахлоқии хонандагон таъсири манфӣ расонад.

Дар раванди таълиму тарбияи иқтисодӣ бояд ба ташаккули ҷузъҳои маърифатӣ - ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Донистани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, таҳлили мисолҳои фаъолияти ғайриқонунӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки диққати хонандагонро ба масъалаҳои ахлоқии иқтисодиёт ҷалб намояд.

Фаъолияти таълими иқтисодӣ яке аз омилҳои муҳимми аз тарафи хонандагон дарк намудани таҷрибаи воқеии хоҷагидории одамон мебошад. Таҳти таъсири таълиму тарбияи иқтисодӣ дар хонандагон мустақилият, ҳисси боварӣ ба қувваи худ, таҳаммулпазирӣ ташаккул меёбад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъди омӯзиши масъалаҳои моҳияти иқтисодидошта дар раванди таълим муносибати хонандагон ба сарфу харҷи беҳуда, сарфакорӣ, эҳтиёт кардани чизҳои шахсии худ, интихоб намудани молу ашёи фоидаовар ва зарурӣ дигар шудааст.

Ҳамин тариқ, мактаб салоҳиятҳои асосии хонандагонро, аз қабили аз худ кардани дониш, маҳорату малакаҳо, инчунин таҷрибаи фаъолияти мустақилонаро ташаккул медиҳад. Хонандагон мутобиқи стандартҳои давлатӣ дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва аз ҳисоби барномаҳои махсус ва таҳсилоти иловагӣ маълумоти ибтидоии иқтисодӣ мегиранд.

Имрӯз таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон асосан бо роҳҳои зерин татбиқ карда мешавад:

- дарсҳои технология;
- фанҳои махсус аз асосҳои иқтисодиёт;
- курсҳое, ки бо хоҳиши хонандагон дар раванди худомӯзи ташкил карда мешаванд;
- дар раванди фаъолияти гуногуни иқтисодӣ ва меҳнати истеҳсолӣ.

Тарбияи иқтисодӣ ҳамчун зерсохтор дар ҷараёни таълими политехникӣ аз ду қисмат иборат аст: а) тарбияи иқтисодии хонандагон дар раванди омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ; б) таълиму тарбияи иқтисодӣ дар раванди омӯзиши фанҳои табиӣ – риёзӣ.

Дар натиҷаи таҳлили мазмуни стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои методӣ аз фанни технология ба хулосае омадем, ки роҳи мусоиди ташаккули сифатҳои иқтисодии шахсият танҳо бо роҳи низоми ягонаи тайёрӣ таъмин мегардад. Қисматҳои муҳимми сифатҳои иқтисодии шахсият чунинанд:

- омӯзиши курси «Технология» дар синфҳои 5-10;
- татбиқи алоқаи байнифаннии фанни «Технология» дар синфҳои 5- 10.

Ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ низоми муайяни таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон ба тариқи зайл ба роҳ монда шудааст:

- тайёрии иқтисодӣ дар раванди таълими технология ва меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ;
- тарбияи иқтисодӣ дар раванди таълими умумии политехникӣ;
- тарбияи иқтисодӣ дар раванди корҳои тарбиявии беруназсинфӣ;
- тарбияи иқтисодӣ дар оила.

Вазифаҳои тарбияи иқтисодӣ дар дарсҳои технология дар самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- шинос намудани хонандагон бо асосҳои сиёсати иқтисодии давлат, масъалаҳои инкишофи иқтисодии ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, ноҳия;
- таълими асосҳои иқтисодиёт, яъне дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳо оид ба нархҳо, фоида, реклама, таҳлили бозор, ҳисоби хоҷагӣ, маҳсулнокии меҳнат ва ғайра;
- тарбияи хонандагон дар рӯҳияи муносибати эҳтиёткорона ба моликияти шахсӣ, кӯшиши эҷодкорона ва самаранок меҳнат кардан.

Вазифаҳои тарбияи иқтисодӣ дар дарсҳои технология тадбиқ мешаванд, яъне омӯзгорон бояд ба хонандагон сарфаю сариштаи масолеҳ, вақт, неруи барқ, муносибати эҳтиёткорона ба таҷҳизот, асбобҳои корӣ, моликияти шахсӣ ва ҷамъиятиро ёд диҳанд.

Ҳамин тариқ, батадриҷ дар хонандагон чунин сифатҳои иқтисодӣ, аз қабили устуворӣ, дақиқкорӣ, тартиби муайян, ихтироъкорӣ, эҳтиёткорӣ, сарфакунӣ, кордонӣ, мустақилият, ростгӯӣ, ташаббускорӣ, меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, ғамхорӣ, бовиҷдонӣ, меҳрубонӣ, масъулият ва ғайра инкишоф дода мешаванд.

Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фанҳои таълимӣ, аз ҷумла фанҳои технология дар тайёрии амалии хонандагон ба фаъолияти ояндаи иқтисодӣ имкониятҳои ниҳоят зиёд доранд. Таҳлили вазъи таълиму тарбияи иқтисодии хонандагони як қатор муассисаҳои таълимии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишон медиҳанд, ки омӯзгорони фанни технология то ҳол таълиму тарбияи иқтисодии хонандагонро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда наметавонанд. Барои ҳамин ташкил кардани таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти умумӣ беҳбудӣ мехоҳад.

Омӯзиши саводи иқтисодӣ ва фаъолияти иқтисодии хонандагон дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва таҳлили сохтории он имкон дод, ки низоми сифатҳои иқтисодии муҳимми шахсият муайян карда шаванд. Ислоҳи

минбаъдаи сифатҳои муҳимми ахлоқии шахсият имкон дод, ки маҷмӯи нишондиҳандаҳое ба даст оварда шавад, ки 28 – тои он сохтори сифатҳои шахсиятро муайян менамояд.

Як чиз возеҳ аст, ки албатта, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккул додани ҳамаи сифатҳои иқтисодии шахсият, ки дар сохтори фаъолияти иқтисодии хатмкунандаи мактаб ҷудо карда шудаанд, имконнопазир аст. Барои ҳамин, дар рафти таҳқиқот мо инкишофи сифатҳои иқтисодиро ба назар гирифтем. Дар асоси далелҳои бо роҳи моделсозӣ ва дигар методҳои таҳқиқот истифодашуда моделҳои меъёрии сифатҳои муҳимми иқтисодии шахсият, ки барои фаъолияти иқтисодии муваффақона заруранд, муайян карда шуданд.

Аҳамияти сифатҳои муҳимми иқтисодии шахсият дар сохтори фаъолияти иқтисодӣ собит менамояд, ки сатҳи ташаккулёбии онҳо бояд муайян карда шаванд.

Таҳлили имкониятҳои фанҳои таълимии технология ва ба мазмуни онҳо ворид намудани маводи дорои характери иқтисодӣ ба ташаккули сифатҳои муҳимми иқтисодии шахсият мусоидат намуданд. Барои ҳамин ба мазмуни фанҳои технология ҷиҳати дар хонандагон ташаккул ёфтани сифатҳои муҳимми иқтисодӣ ворид намудани маводи дорои характери иқтисодӣ шарт ва зарур аст.

Ба ақидаи мо, ҷиҳати дуруст фаъолият намудани низоми таълимӣ – тарбиявӣ зарур аст:

- методикаи махсуси таълими хонандагон оид ба ташаккули сифатҳои муҳимми иқтисодӣ ва тадбиқи он дар раванди таълим таҳия карда шавад;
- алоқаи байнифаннӣ тадбиқ карда шавад;
- дар давраи фаъолияти низоми дидактикӣ–тарбиявӣ раванди идоракунии ташаккули сифатҳои муҳимми иқтисодӣ ба роҳ монда шавад;
- шароитҳои педагогӣ оид ба боло бурдани самаранокии раванди ташаккули сифатҳои муҳимми иқтисодӣ дар раванди таълими фанни технология ташкил карда шаванд;
- лоиҳаи модели ташаккули сифатҳои муҳимми иқтисодии хонандагон дар раванди омӯзиши сикли фанҳои технологияи мактабӣ таҳия шавад;
- методикаи ташаккули сифатҳои муҳимми иқтисодии хонандагон такмил дода шавад;
- ба мазмуни фанҳои сикли технология маводи нав оид ба қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ ворид карда шавад.

Дар охир барои инкишоф ёфтани сифатҳои муҳимми иқтисодии хонандагон ҷиҳати тайёрии иқтисодии онҳо пешниҳод менамоем:

- ташаккул додани сифатҳои муҳими иқтисодии хонандагон дар раванди таълим ҳамон вақт самараи хуб мебахшад, ки сифаҳои иқтисодии хонандагонро дар соҳаҳои соҳибкорӣ, тиҷорат, маишат ва истироҳат пурра ва амиқ гардонад;
- таъмини алоқаи фанни технология ва дигар фанҳои таълимӣ;
- таҳия ва тадбиқи методикаи таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон;
- дар раванди таълими технология истифода бурдан аз маводи дорои мазмуни иқтисодӣ;
- таъмин намудани омӯзгорони фанни технология бо маводи таълимӣ – методӣ;
- таъмин намудани хонандагон бо маълумоти зарурӣ барои фаъолияти муваффақонаи иқтисодӣ.

## АДАБИЁТ


1. Акованцева Л. И. Программа психологического сопровождения предпрофильной подготовки учащихся (8 - 9 классов) / Л. И. Акованцева, А. В Голубева, О. А. Истомина // Психология и школа, 2008, № 2. -С.21-27.
2. Донченко О. Г. Психолого - педагогические психологии сопровождения предпрофильного и профильного обучения / О. Г. Донченко // Психология и школа. 2008, № 2. -С. 48-54.
3. Каминский Х. Цели и содержание экономического образования / Х.Каминский // Школьный экономический журнал. – 1998, №1. С. 20-28.
4. Потащник М. Программы развития школ: новый уровень осмысления / М. Потащник // Народное образование. 2007, № 8. -С. 79-85.


## ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ИҶТИМОИГАРДОНИИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


Мақола дар мавзӯи ташаккули иқтисодии бозоргонӣ, сифатҳои назарраси хонандагон дар раванди таълими технология ҳамчун омили муҳими омӯзиш дар мутобиқгардонии онҳо ба иҷтимоиёт мебошад.



**Калидвожаҳо:** ташаккул, аҳамияти иқтисодии сифат, дарсҳои технология, таълим – раванди таълим, алоқамандии фанҳо, соҳибкорӣ, тиҷорат, тарбияи иқтисодӣ.


## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ОБУЧЕНИЕ И ВОСПИТАНИЕ ВЫПУСКНИКОВ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ИХ СОЦИАЛИЗАЦИИ В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД


Статья посвящена формированию экономических значимых качеств учащихся в процессе обучения технологии как важного фактора их адаптации к социально – экономическим условиям рыночной экономики.



**Ключевые слова:** формирование, экономически значимые качества, уроки технологии, учебно – воспитательный процесс, межпредметные связи, предпринимательство, торговля, экономическое воспитание.


## ECONOMIC EDUCATION AND TRAINING OF GRADUATES OF EDUCATIONAL INSTITUTIONS IS AN IMPORTANT FACTOR IN THEIR SOCIALIZATION IN THE MODERN PERIOD

This article is been dedicated to formation of economical significant qualities of student in a process of teaching as an important factor in their adaptation to social - economic conditions of a market economy.
**Key words:** Formation. economic significant qualities, technological lessons, educational process, interdisciplinary communication, entrepreneurship, trade, economical upbringing.

**Сведения об авторе:** ***Хомидова С.урайё*** - Музей образования Академии образования Таджикистана, старший научный сотрудник. Телефон: **93-507-99-11**

## ОМӮЗИШИ ИЛМИ РИЁЗИЁТ ДАР НИЗОМИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Абдулакимова Ҷ.А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров**

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми апрели соли 2009 қайд карда буд: "Навсозӣ ва пешрафти иқтисодиётро бе рушди илму маориф ва дастгирии онҳо таъмин кардан ғайриимкон аст". Сарвари давлат инчунин зикр намуданд, ки моҳияти сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф масъалаҳои дар низоми таҳсил ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат бояд ташкил диҳанд. Зеро сатҳи тараққиёти ин ё он давлат, пеш аз ҳама, аз фаъолияти босамари кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун вобаста мебошад. Маориф ҳамчун соҳаи муҳим ва сарнавиштсози ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои асосӣ шинохта шуда, барои ислоҳоту рушди он аз рӯзҳои аввали истиқлолият пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории хосса зоҳир мегардад [2].

Давраҳои асрҳои миёна чун давраҳои рушди босуръати илм дар кишварҳои Шарқи Миёна ва Шарқи Наздик, аз ҷумла, дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки олимони форсу тоҷик, ба монанди Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмӣ, Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Берунӣ, Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибн Алӣ ибни Сино, Абулфатҳ Ғиёсиддин Умар Хайём, Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Муҳаммад Носируддин- ат-Тӯсӣ, Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Форобӣ, Абу-л-Вафо Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Бузҷонӣ, Аҳмад ал-Марвазӣ, Ғиёсиддин Ҷамшед ал-Кошонӣ, Алӣ Қушчӣ ас-Самарқандӣ ва дигарон осори пурбаҳое ба хазинаи илми риёзӣ гузоштаанд [1]. Дар баробари ин, онҳо ба соҳаи риёзиёт ва ба таълими фанни риёзӣ дар мадрасаҳо (муассисаҳои таълимӣ) ва дигар марказҳои илмӣ (академияҳо) таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Осор ва навиштаҳои баъзе аз олимони дар боло номбаршуда, ҳамчун маводи таълимӣ то ба имрӯз мавриди истифода қарор доранд.

А. П. Юшкевич бузургтарин таърихдони соҳаи риёзии замони шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Мавсуф риёзиёти Шарқи асримиёнагиро, пеш аз ҳама математикаи ҳисоббарор, маҷмӯи алгоритмҳоро барои ҳалли ифодаҳои арифметикӣ, алгебравӣ, масъалаҳои геометрӣ зарур дониста, тадқиқотҳои назариявии аз сода то мураккабро барои ба вуҷуд овардани фаҳмишҳои нави математикӣ ошкор менамояд, ки аввал алгоритмҳо пароканда буда, сипас онҳо дар асоси фан якҷоя карда мешаванд [2]. Гузориши ҳалли масъалаҳои амалӣ ба шакл ва усули баёни математикаи амалӣ оварда расонд, ки дар соҳаи маориф ҷойи намоёнро ишғол намудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки барои таълими фанҳои дақиқ методи умумӣ зарур мебошад, аммо барои таълими фанни математика усулҳои гуногун истифода бурда мешуд. Масалан, донишманди машҳури форсу тоҷик Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (865-925) шогирдони худро ба якчанд қатор мешинонд, яъне дар қатори аввал шогирдони босавод менишастанд, лекин пурсишро аз қатори охирон оғоз мекард. Агар шахси дар қатори охир буда ба савол ҷавоб дода натавонад, он гоҳ пурсишро аз қатори навбатии дар охирон буда давом медод ва ҳамин тавр, пурсиш то шогирди беҳтарин тӯл мекашид. Агар касе ба савол ҷавоб дода натавонад, сипас худаш баён мекард. Бояд аз баёни болоӣ хулосабарорӣ кард, ки усули мазкур барои ошкор намудани қоидаву қонунҳои ҷараёни таълими фан ва шохаи педагогика мусоидат хоҳад намуд.

Ал-Форобӣ таълимот ва дастурҳои арифметикаи амалиро маълумотҳои зарурӣ оид ба адад ва ҳисоб махсуб медонист. Масалан, барои муайянкунии -шумораи одамону ҷонварон, динору дирҳамҳо ва дигар ашёҳо, ки онҳоро ҳисоб кардан мумкин аст,

истифода мебурд. Аз рӯйи фаҳмиши ӯ фанни арифметика –ин илмест, ки дар бозор ва дигар корҳои шахсӣ мавриди истифода қарор мегирад. Аз ин ҷо равшан мегардад, ки ӯ ҳамин тарз арифметикаро баён сохтааст.

Ӯ ҳамчунин қайд менамояд, ки омӯзиши илм ва ҳамчунин воридкунии навоварӣ ба касбу ҳунарҳои гуногун тавассути меҳнати пурмашаққат ва ҷидду ҷаҳд, тарбия ва худтарбиякунӣ ба даст оварда мешавад. Ҳамин гуна ҷараёни мукаммалкунии дониш низ ҷорӣ карда мешавад. Тавассути суханҳои пурҳикмат ва илҳомбахши омӯзгор хислат ва малакаи хонандагон рӯй ба беҳбудӣ мениҳад [1].

Аз рӯйи гуфтаҳои пурҳикмати донишманди тоҷику форс Абӯалӣ ибни Сино вазифаи омӯзгор, пеш аз ҳама, ҳидоят кардани шогирдон барои кушодани гиреҳҳои сарбаста ва мафҳум намудани онҳо маҳсуб меёбад [2].

Олимон ва табиатшиносон бар он ақида ҳастанд, ки фанни математика бо қувваҳои усулҳои илмии худ ва бо имкониятҳои истифодаи он дар дигар ҷабҳаҳои илм ҷойи намоёнро ишғол кардааст. Онҳо омӯзиши фанни математикаро барои ташаккули умумӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон, барои инкишофи мустақил ва фикррониии мантиқӣ муҳим меҳисобанд. Дар ҳақиқат, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба пешравиҳои комил ноил гардид: мактаб-гимназияҳо, литсейҳо, мактабҳои президентӣ (барои хонандагони болаёқат) ташкил шуда, бо назардошти талаботи ҷамъият фанҳои нави таълимӣ бо ихтисосҳои нав ҷорӣ шуданд.

Дар айни замон ҷорӣ кардани ислоҳот ба тамоми соҳаи маориф мақсадеро пайгирӣ мекунад, ки хонанда, дар ҳақиқат, ҷараёни таълимро дар мадди аввал гузорад. Инчунин, фаъолияти маърифатии хонанда дар маркази диққати педагог-тадқиқотчӣ, коркунони барномаҳои маориф ва усули омӯзиш қарор гирад. Тибқи Консепсияи рушди таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷомеаи муосир таваҷҷуҳи бештар ба он аст, ки шаҳрвандони он метавонанд мустақилона фикррони намоянд, фаъолона амал кунанд, дар қабул намудани қарор озод бошанд ва ба шароити тағйирёбандаи хаёт мутобиқ шаванд.

Бояд қайд кард, ки омӯзгорони математика бояд шахсони кордон ва бо маҳорат бошанд ва усулҳои махсусро ба кор баранд:

а) доштани дониши амиқ аз таърихи математика;

б) дарки аҳамият ва қимати истифодаи маводҳои таърихӣ дар ҷараёни омӯзиши фанни математика;

в) доштани маҳорати омӯзиш бо истифодаи маводҳои таърихӣ;

г) доштани қобилияти истифодаи донишҳои таърихӣ-илмӣ дар ҳолатҳои ғайристандартии педагогӣ;

ғ) доштани маҳорати амаликунии таҳлили таърихӣ – математикӣ дар равандҳои математикии муосир;

д) барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ аз маводҳои таърихӣ – математикӣ истифода намудан;

Тавассути истифодаи ғояҳои таҳлили таърихӣ-математикии мавзӯъ салоҳияти омӯзгор ва муносибати шахсии вай бо хонандагон ва фан дарк карда мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки салоҳияти таърихӣ-математикӣ дарки аниқ ва таҷрибаи кор бо маводҳои таърихӣ-математикиро дар чорчӯбаи ҷараёни таълим талаб мекунад. Зеро омӯзиши таърихи математика яке аз қисмҳои асосӣ барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи математика, хусусан муаллимони фанни математика ба ҳисоб меравад. Таърихи математика қонунҳои вусъатдиҳии фанни математикаро тасниф карда, роҳҳои таҳлил ва баркароркунии назария ва мафҳумҳои математикиро муайян мекунад. Омӯзиши таърихи математика на танҳо барои дарки ҷаҳонбинии маънавии хонандагону донишҷӯён, балки умуман дар тараққиёти ҷамъият хеле муҳим аст.

Бояд зикр кард, ки бо ташаббуси омӯзгорони математика салоҳияти математикӣ ташкил карда мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар даҳсолаи охир усулҳои риёзӣ дар дигар соҳаҳои дониш, аз ҷумла дар соҳаҳои забоншиносӣ, таърих, психология ва педагогика ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Омӯзиши таърихи математика бо ҳамгироии донишҳои математикӣ, таърихӣ, педагогӣ, равоншиносӣ, фалсафа алоқаманд мебошад. Таърихи математика имконият медиҳад, ки пайдоиш ва таҳаввули мафҳумҳои математикӣ, қонунҳо ва мантиқи он дар ҷараёни тадрис мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳаллу фасл ёбад.

Мақсади аввалиндараҷаи умумии донишҳои математикӣ, чи дар мактаб ва чи дар донишгоҳ ва инчунин дар муассисаҳои томактабӣ –ин ташаккули қобилияти хонандагон мебошад. Бояд гуфт, ки омӯзиши маълумоти таърихӣ боиси ҷалб намудани диққати донишҷӯён барои аз худ намудани барномаи таълимӣ мегардад ва чунин ҳавасмандкунӣ яке аз ҷанбаҳои дарси таърих ва усули таълими математика ба шумор меравад.

Маълум аст, ки омӯзиши таърихи математика метавонад моро ба сарчашмаи қадимаи пайдоиши ин фан шинос намояд, то ки аз осори пурбаҳои риёзиёдон пешин баҳраманд шавем. Дар ҳамин ҷода ёдоварии суханони ҳикматбори Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид аст: «Воқеан, чунонки имрӯз таъкид сохтем, ягон кишвар, ягон ҷомеа бе рушди илму маориф, техника ва технологияи пешқадам ба ҷое намерасад ва дар ҳоли карахтӣ мемонад. Вале, ҳамзамон як нуктаро фаромӯш набояд кард, ки башарият танҳо дар ҳамон сурат ба авҷи камолоти хеш мерасад, ки агар ба ду ҷанба, ба ду боли муқтадир такя бикунад. Агар яке аз онҳо илму техника ва технологияи нав бошад, пас дигаре маънавиёт, ахлоқ ва ҳофизаи таърихӣ аст».

Ҳамин тариқ, таърихи математика на танҳо амиқтар омӯхтани асрори шавқангези ин илмро раҳнамун месозад, балки ба ҷаҳонбинии хонандагону донишҷӯён таъсири мусбати худро хоҳад гузошт. Фанни мазкур дар мактабҳои олӣ ва махсус омӯхта мешавад ва доир ба муносибатҳои миқдорӣ ва шаклҳои фазоии олами воқеӣ баҳс менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор / Закариёи Розӣ. - Душанбе: Адиб, 1989. – 160 с.
2. Измайлов А.Э. Педагогические идеи раннего средневековья в Средней Азии / А.Э.Измайлов, А.А. Машкевич. Советская педагогика, 1984, № 12. - С. 100 - 107.
3. Дробышев Ю.А. Историко-математический аспект в методической подготовке будущего учителя / Ю.А. Дробышев. – Калуга: Изд-во КГПУ им. К.Э. Циолковского, 2004. – 156 с.
4. Комилӣ А. Файсоғурас (Пифагор) / А.Комилӣ. Нашри 2. Душанбе: Нодир, 2007.– 56 с.
5. Полякова Т.С. Историко-методическая подготовка учителей математики в педагогическом университете: дисс. …. д-ра пед. наук / Т.С. Полякова. – Ростов-на Дону, 1998. – 457 с.
6. Рыбников К.А. История математики: уч. пос. для студ. матем. спец. ун-тов и пед. ин-тов / К.А. Рыбников. – М.Изд-во МГУ, 1974. – 456 с.
7. [Захираи электронӣ] http://elibrary.ru/contents.asp?issueid=1577819


## ОМӮЗИШИ ИЛМИ РИЁЗИЁТ ДАР НИЗОМИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия ва тайёрии мутахасиссони касбӣ, алалхусус, омӯзгорони ояндаи фаннӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур оиди зарурияти омӯзиши таърихи математика, аҳамият ва таъсири он барои пешрафти ин фан сухан меравад. Таърихи математика имконият медиҳад, ки пайдоиш ва таҳаввули мафҳумҳои математикӣ, қонунҳо ва мантиқи он дар ҷараёни тадрис мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳаллу фасл ёбад ва бад-ин минвол ба ҷаҳонбинии донишҷӯён таъсири худро расонад.



**Калидвожаҳо:** таърихи риёзиёт, салоҳиятнокӣ, ташаккул, донишҳои математикӣ, фикррони мантиқӣ, салоҳиятнокии таърихӣ-математикӣ.


## ИЗУЧЕНИЕ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ НАУКИ В СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Воспитание и подготовка будущих учителей-математиков для системы образования Республики Таджикистан является одной из важнейших задач высшей школы республики. Настоящая статья посвящена вопросу формирования историко- математической подготовки будущих учителей математики. Историко-математическая компетентность требует наличия познаний и опыта работы с историко-математическим материалом в рамках учебного процесса. В статье вкратце рассматриваются проблемы и различные способы использования истории математики в её преподавании. Изучение истории математики, как одной из важнейших отраслей науки и культуры, как современности, так и античного мира, играет важную роль в формировании научного кругозора и логического мышления у обучающихся.



**Ключевые слова**: история математики, компетентность, формирование, математические знания, логическое мышление, историко-математическая компетентность.


## THE STUDY OF MATHEMATICAL SCIENCE IN THE SYSTEM OF EDUCATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The education and training of future teachers of mathematics for the education system of the Republic of Tajikistan is one of the most important tasks of the higher schools of the republic. The article is devoted to the issue of formation of the historical and mathematical training of future teachers of mathematics. The historical and mathematical competence requires the presence of cognition and experience in working with historical and mathematical material within the process of teaching. The article briefly reviews the problems and different ways to use the history of mathematics in the process of its teaching. The study of the history of mathematics as one of the most important branches of science and culture both of modern and ancient world plays an important role in the formation and development of a scientific outlook and logical thinking of the students.



**Keywords:** history of mathematics, competence, formation, mathematical skills, logical thinking, historical and mathematical competence.

**Сведения об авторе:** ***Абдулакимова Дж. А.*** – Худжандский государственный университет им.Б. Гафурова, соискатель. Телефон: **(992) 927 00 70 72**, E-mail: **ajanatoy@mail.ru**

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ МУВОФИҚШАВИИ ИҶТИМОИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ҲАНГОМИ ТАҲСИЛ ВА ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

***Акбарова Маҳрамбӣ***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Ҷомеаи башарӣ доиман ба тайёр намудани аъзоёни нав, ки дар пешбурд ва рушду тараққии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ширкат дошта бошанд, ниёз дошт ва чунин талабот ҳамеша, ба таври абадӣ боқӣ хоҳад монд. Воситаи асосии қонеъ гардонидани ин талабот иҷтимоишавии наслҳои нав мебошад.

Иҷтимоишавӣ раванди дуҷонибае мебошад, ки дар як тарафи он ҷомеа қарор дорад ва дар тарафи дигараш он шахсоне, ки барои иштирок доштан дар ҳаёти ҷамъиятӣ омода мегарданд ё, аллакай, дар он ширкат доранд. Дар ин раванд ҳарду ҷониб – ҳам ҷомеа ва ҳам шахсиятҳо фаъолона иштирок менамоянд, вале нақшу масъулияти ҷомеа назаррасу пешбар мебошад, чаро ки маҳз ҷомеа вобаста ба талаботу ниёзҳо ва шарту шароити барои тараққиёташ зарурию лозимӣ “самтҳои асосии иҷтимоишавиро муайяну муқаррар месозад, ин равандро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ таъмин менамояд, сиёсати муайянро дар шаклҳои асосии он ташаккул медиҳад”[3].

Дар вобастагӣ аз шарту шароити ҳаёти ҷомеа, дар давраҳои гуногуни рушду тараққии таърихии инсоният мундариҷа ва шаклҳои иҷтимоишавӣ тағйир меёфтанд ва минбаъд ҳам тағйир хоҳанд пазируфт.

Маҳз дар раванди ҳамин амали мутақобилаи иҷтимоӣ, ки моҳияти асосиаш иборат аст аз додани таҷрибаи иҷтимоии наслҳои пешини ҷомеа ба наслҳои нав ва дар навбати хеш онро аз худ намудану мавриди истифода ва такомулу ғанигардонӣ қарор додани наслҳои оянда, иҷтимоишавӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Шахс, дар ҷомеа зиста, бе алоқамандӣ, бе робита бо он, ба маънии томаш, ҳамчун инсони ҳақиқӣ вуҷуд дошта наметавонад. Зеро тибқи қонуни тараққию пешрафти ҷомеа ва ҳаёти инсонӣ одамон “дар рафти ҳамкорӣ бо субъектҳои иҷтимоӣ ва дар рафти аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ хислатҳои иҷтимоиро молик мегарданд, ки тавассуташон онҳо, аслан, функсияҳои иҷтимоии гуногунро дар ҷомеа иҷро карда метавонанд”[3].

Комилан фаҳмо ва табиист, ки дар зиндагии воқеӣ ҳар шахс бо муҳити иҷтимоии мухталифсатҳ дар ҳамкорӣ қарор мегирад, масалан, бо коллективи истеҳсолии корхона, гурӯҳи иҷтимоӣ, созмони нави иҷтимоӣ, гурӯҳи таълимӣ, фарҳанги нав ва ғайра. Мақсад ва натиҷаи асосӣ ва муҳимтарини ин ҳамкории мутақобила аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ, яъне молик гардидан ба он хислату хосиятҳо ва дар маҷмӯъ он таҷрибаи боест, ки дар тӯли солиёни дароз аз насл ба насл гузаштааст, тағйиру такмил ёфтааст ва ғанитар гардидааст. Албатта, дар кадом сатҳу савия ва бо кадомин сифат аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба қобилияту истеъдод ва майлу хоҳиши индивид вобастагии аввалиндараҷа ва қавӣ дорад. Вале барои хубтару беҳтар аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ шахсро хоҳу нохоҳ лозим ва зарур меояд, ки, пеш аз ҳама бо субъекти ҳамкоридоштааш адаптатсия, яъне мувофиқ гардад. Адаптатсия ба шахс имкон медиҳад, ки бо субъектҳои дар ҳамкорӣ буда, ҳамкории мутақобилаи муносибу мувофиқ ва беҳтарин барпо намояд. Пас, адаптатсия - ин заминаи фаъолияти фаъол ва шарти зарурии самаранокии вай мебошад. Ва амалкунии муваффақонаи шахс дар ин ё он нақши иҷтимоӣ вобастагӣ дорад ба қобилияти мувофиқшавӣ ва дараҷаи мувофиқшавии вай бо муҳити иҷтимоӣ. «Таҳти қобилияти адаптатсионӣ фаҳмида мешавад қобилияти мувофиқшавии одам ба талаботи мухталифи муҳит (чи иҷтимоӣ, ҳамчунин ҷисмонӣ ҳам) бе эҳсоси вайроншавии ҳузуру ҳаловат ва бе ихтилоф бо муҳит»[6].

Пас, моҳияти мувофиқшавии иҷтимоӣ иборат аст аз ҳамкории фаъолу босамари шахсият бо муҳити иҷтимоӣ, ки дар он омилҳои этнопсихологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ механизмҳои психологии аҳамиятноки ҳаммонандкунӣ (идентификатсия) ва ҷудокуниро дигаргун месозанд ва хусусиятҳои мувофиқшавии иҷтимоии шахсиятро муайяну муқаррар менамоянд.

Равандҳои иҷтимоии дар ҷомеаи имрӯза бавуҷудоянда, бахусус тағйири функсияҳои иҷтимоӣ-педагогии мактаби миллӣ дар вобастагӣ аз талаботу ниёзи ҷомеаи навину демократии тоҷик, тақозои онро доранд, ки дар раванди тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисоти таълимии олии касбӣ ба дараҷаву савия ва сифати мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯён-оянда омӯзгорон эътибори ҷиддӣ дода шавад. Таври махсус қайд мебояд кард, ки дар мувофиқшавии иҷтимоии муваффақонаи омӯзгорони

оянда, бахусус муаллимони синфҳои ибтидоӣ таҷрибаомӯзии педагогӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳм ва аҳамияти калону назаррасро молик мебошад.

Воқеан ҳам, мувофиқшавии иҷтимоӣ ба сифати яке аз хислатҳои пешбари донишҷӯён-оянда омӯзгорон, дар ҳақиқати иҷтимоӣ-фарҳангии замони муосир аҳамияти аз пештара дида муҳимтар пайдо намудааст. Яъне, хатмкунандагони макотиби олии касбии педагогиро лозим ва зарур меояд, ки дар шароити босуръат тағйирёбандаи ҷомеа ба фаъолияти тарбиявӣ-таълимӣ шурӯъ намоянд. Бешак, барои дар чунин вазъият ба комёбию муваффақият ноил гардидан, онҳо бояд малакаю маҳорати баланди касбӣ дошта бошанд ва, гузашта аз ин, бояд пайваста аз пайи такмили онҳо бошанд. Агар раванди мутобиқшавии иҷтимоии омӯзгори оянда ҳанӯз айёми таҳсил дар мактаби олии касбӣ хуб ва дурусту мақсаднок ва босамар ҷараён дошта бошад, пас мутахассиси ҷавон, омӯзгори ҷавонро дар оғози фаъолияти касбӣ чандон душвор намеояд. Дар дурусту мақсаднок ва босамар ҷараён доштани раванди мутобиқшавии иҷтимоии омӯзгорони оянда, хосса онҳое, ки ба тарбия ва таълими хонандагони синфҳои ибтидоии макотиби таҳсилоти умумӣ машғул мегарданд, таҷрибаомӯзии педагогӣ саҳми беандоза калон дошта метавонад.

Мувофиқшавӣ ба фаъолияти касбӣ қисмати таркибии иҷтимоишавӣ ҳамчун раванд ва натиҷаи азхудкунӣ ва азнавистеҳсолкунии фаъоли таҷрибаи иҷтимоист, ки дар фаъолият ва робитаву муносибат амалӣ карда мешавад. Яке аз хусусиятҳои муҳим ва хосси мувофиқшавии иҷтимоии донишҷӯён-оянда омӯзгорон, дуҷонибагии он мебошад. Дар раванди ин мувофиқшавӣ, хоссатан ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ, онҳо, аввалан, таҷрибаи иҷтимоиро дарку фаҳм намуда, аз бар менамоянд, баъдан ин таҷрибаи азхудкардаро дар оянда ба ҳайси омӯзгор ва мураббӣ ба шогирдони хеш мегузаронанд.

Бояд гуфт, ки раванди мувофиқшавии иҷтимоии донишҷӯён-оянда омӯзгорон, мураккаб ва бисёрҷониба буда, ба сифати як проблемаи тезу тунд ва ҳалталаб ҳамеша рӯ ба рӯйи ҷомеа қарор дорад. Ва ҳамин ҷиҳати масъала «муассисаҳои таълимии олиро ба дарку фаҳмидагирии сифатан нави масъалаҳои тарбияи иҷтимоии донишҷӯён водор месозад ва ба махсус қайд намудани мувофиқшавии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои он, дар асоси дастгирии педагогӣ ба вуҷуд овардани моделҳои босамари амали сохтани онро тақозо мекунад»[1]. Чунин муносибат ба ҳалли масъалаи рафти мувофиқшавии иҷтимоии омӯзгорони ояндаро ба самти дурусту босамар равона сохта, тарбия ва тайёркунии омӯзгорони ҷавонро барои системаи маорифи кишвар ба дараҷаи сифатан нав ва самаранок мебардорад, зеро ки он «ба донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олӣ имкон медиҳад ба муҳити таълиму тарбиявӣ, ба муҳити иҷтимоӣ беташвишу оромона ворид гарданд, ба онҳо ёрӣ мекунад, то ин ки аз уҳдаи бартараф кардани мушкилоту душвориҳои таҳсил бароянд, фаъолияти касбии ояндаро ёд гиранд ва минбаъд хешро дар сотсиуми муосир муваффақона ба амал бароранд»[1].

Яке аз фарқиятҳои хос ва муҳимми донишҷӯён аз дигар гурӯҳҳои ҷавонон ва моҳияти донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ иборат аз он аст, ки вазифаи асосии онҳо на иштироки бевосита дар истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ, балки таҳсил ва ба ин васила омодашавӣ баҳри дар оянда ба сифати мутахассиси соҳибмаълумот ва малакадор дар ин соҳаҳои ҳаёти ҷомеа фаъолияти босамарро пеш бурдан мебошад. Дар рафти тайёршавии касбӣ ва аз худ намудани малакаю маҳорати касбии педагогӣ қобилияти ба муҳити иҷтимоӣ тез ва хубу босамар мутобиқшавии донишҷӯён нақши муҳиму бориз мебозад. Донишҷӯ дар рафти таҳсил бештар бо гурӯҳи таълимӣ, бо шарикдарсон ва дигар донишҷӯён, бо хислату хусусиятҳои онҳо мутобиқ мегардад, ҳаёти донишҷӯиро дар хобгоҳи умумӣ аз сар мегузаронад ва нисбат ба касб донишҳои назариявиро аз худ менамояд, яъне фақат аз ҳамин ҷиҳатҳо иҷтимоишавии вай ба вуқӯъ мепайвандад. Вале дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаи таълимии миёнаи умумӣ тайёрии касбӣ ба фаъолияти пешбару муҳимми донишҷӯ табдил меёбад, зеро ки вай оянда омӯзгор хоҳад шуд ва бо хонандагон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоии дигари насли наврас сари кор мегирад.

Мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯ раванди мураккаб, серамал, бисёрҷониба буда, дар рафти он, аз он ҷумла, ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ, тағйирёбии хислатҳои психофизиологӣ ва психологии вай ба амал меояд. Бинобар ин, яке аз хусусиятҳои асосии дигари раванди мувофиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни муассисоти таълимии олӣ он аст, ки вай дар ҳамкории мутақобилаи фаъоли донишҷӯ бо муҳити мактаби олӣ, бо муҳити иҷтимоӣ ҷараён мегирад. Ин амали якҷоя «ифода меёбад дар мавқеи ҳаётӣ, ки ба донишҷӯ имкон медиҳад мушкилиҳоро дар марҳилаҳои мувофиқшавии иҷтимоӣ паси сар намояд, бо ҳама субъектҳои раванди таълимӣ муносибатҳои иҷтимоӣ барқарор созад, меъёрҳо, арзишҳо, талаботи самти касбиро аз худ кунад ва ёд бигирад, ки ба вай кумак мекунад худро дар касби оянда эҷодкорона амалӣ намояд. Хислати бисёрсамтии мувофиқшавии иҷтимоӣ имкон медиҳад ивазкунии намудҳои фаъолиятро, ки механизмҳои ҳаммонандсозӣ ва мустақилкуниро фаъол мегардонанд ва ба ташаккулёбии шахсиятӣ-касбӣ ва мавқеи субъектӣ, статуси иҷтимоии "донишҷӯи мактаби олӣ" таъсир мерасонанд»[1].

Мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯ-оянда омӯзгор, яке аз проблемаҳои психологӣ-педагогии муҳим мебошад ва онро метавон мувофиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ унвон кард, зеро ки он ифода менамояд мувофиқшавии иҷтимоиро тавассути муқаррар намудани ҳамкории мутақобилаи шахсият дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ бо муҳити иҷтимоӣ. Мундариҷаи мувофиқшавии иҷтимоӣ-педагогиро ислоҳи чунин хислатҳои шахсиятии донишҷӯ, ба мисли пуриззтиробӣ, қобилиятҳои робитавӣ (коммуникативӣ), арзишҳо, мақсадҳо ташкил карда метавонанд.

Дар мувофиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ як қатор омилҳои иҷтимоӣ аҳамиятнок мебошанд. Аз он ҷумла, тамоюлоти арзишии оила, педагог, гурӯҳи референтии ҳамсолон, ки тахти онҳо метавон метавон баҳодиҳии маънавӣ, ғоявӣ, эстетикӣ ва дигар баҳодиҳиҳои воқеияти атрофро фаҳмид. Тамоюлҳои арзишӣ ҳангоми аз худ кардани таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул меёбанд ва дар мақсадҳо, идеалҳо, ақидаҳо, манфиатҳо ва дигар нишонаву аломатҳои шахсият зоҳир мегарданд. Омили дигар ва низ муҳим ба вуҷуд овардани шароити педагогӣ барои инкишофу тараққии омилҳои шахсиятии дар боло номбаршуда – қобилияти комилан мувофиқ баҳодиҳӣ ба вазъият, савияи худбаҳодиҳӣ, ташаккули таҷрибаи иҷтимоии робита мебошад. Як қатор муҳаққиқони проблемаи мувофиқшавии иҷтимоӣ (А.А.Крилов, Б.Ф.Ломов, Н.Н.Мелникова, Б.Д.Паригин) бар ин назаранд, ки ҳамроҳшавии шахс ба фаъолияти муайян метавонад ба сифати яке аз ҷанбаҳои мутобиқат дида баромада шавад.

Ҳамин тариқ, мувофиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ раванди ҳамкории омӯзгор ва субъект (хонанда) дар протсесси таълиму тарбия буда, натиҷаи он аз худ кардани арзишҳо, меъёрҳо, дастурҳои ҳаёти иҷтимоӣ, дарку фаҳми нақшҳои иҷтимоӣ, инкишофу тараққии иқтидори шахсиятӣ мебошад.

Муҳаққиқон се меъёри мувофиқати донишҷӯ омӯзгори ояндаро ҷудо менамоянд: дохилӣ, беруна ва системавӣ. Меъёри берунӣ – ин муваффақ будан, барорнокии донишҷӯ дар фаъолияти таҳсилӣ ва меҳнатӣ, ки метавонад ифода ёбад дар дастоварду муваффақиятҳои гуногун (хуб хондан, ғолибият дар мусобиқаҳо, дар озмунҳо ва м. ин.). Меъёри дохилӣ ҳолати рӯҳӣ-муассирии донишҷӯи соли аввали таҳсил мебошад, ки асос ёфтааст бар қобилияти комилан мувофиқ баҳо додан ба вазъият, худро субъекти ҳаёти ҷамъиятӣ эҳсос кардан, худбаҳодиҳии комилан мувофиқ, уҳдабароӣ, одамдӯстӣ. Меъёри системавӣ – ин худамаликунӣ, худро нишон додан, фаъолияти самаронок мебошад, ки аз тарафи атрофиён қобили қабул мегардад [8].

Ҳамин тариқ, мувофиқшавии иҷтимоии донишҷӯ омӯзгори оянда, ин ҳамкории педагог бо донишҷӯ дар раванди фаъолияти таълимӣ-тарбиявист, ки дар натиҷаи он аз ҷониби донишҷӯ арзишҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо, дастурҳои ҳаётӣ, дарку фаҳми нақшҳои иҷтимоӣ аз бар карда мешаванд. Муҳимтар аз ҳама, ин мувофиқшавӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ ташаккулу такмили бештар пайдо карда, омӯзгори оянда малакаю маҳорати хешро афзун месозад, ки дар фаъолиятиояндаи педагогӣ ӯро ба кор хоҳанд омад.

Мувофиқшавии иҷтимоии донишҷӯ-омӯзгори оянда ҳангоми таҳсил дар мактаби олии касбӣ ба дастгирии педагогӣ ва ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ ба дастгирии педагогӣ-методӣ сахт эҳтиёҷ дорад. Зеро ки ин дастгирӣ ба ошкор намудани мушкилоти дар ин самт пешорӯи донишҷӯ омада ва ҳаллу фасли сариваҳтии онҳо ва роҳу воситаҳои ташаккули шахсиятӣ-касбии онҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар раванди мувофиқшавии иҷтимоӣ донишҷӯёни макотиби олии касбӣ, ки касби пурмасъул, вале шарафноки омӯзгориро пешаи хеш интихоб намудаанд, дастгирии психологӣ-педагогии онҳо хеле муҳиму аҳамиятнок буда, ба инкишофи муваффақонаи шахсият ва ба даст овардани донишҳои назариявӣ ва малакаю маҳорати амалӣ мусоидат менамояд. Муҳиммияти асосии масъала дар он аст, ки шахси навакак аз паси мизи талабаи мактаби миёна ба паси мизи донишҷӯи мактаби олии касбӣ нишаста дар масъалаи мувофиқшавӣ ба фаъолияти таҳсилӣ дар ин муассисаи таълимӣ дар соли аввали таҳсил, бахусус дар оғози он, хоҳу нохоҳ ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегардад. Якум ин ки мавқеи иҷтимоии вай яку якбора дигар мегардад, яъне статуси иҷтимоии "донишҷӯи мактаби олӣ"-ро соҳиб мешавад. Акнун барои вай тарзу усулҳои фаъолияти таҳсилотӣ ҳам дигар мебошанд. Ба ғайр аз ин вайро лозим ва зарур меояд, ки ба тағйир додани рафторҳо, муносибатҳои ба талабаи мактабхон хос тан диҳад, зеро системаи муқарраргардидаи функсияҳои иҷтимоӣ, маҳаку меъёрҳо ва тарзҳои амалу рафтор дар мактаби олӣ аз мактаби миёна фарқи назаррас дошта, ҳанӯз барояш ноошно мебошанд.

А.А.Лукин - номзади илмҳои психологӣ, дотсенти РГУ ба номи И.Кант дар асоси маводи хадамоти психологии мактабҳои олии Россия [2] як қатор проблемаҳои хосси дар марҳилаи мувофиқшавии иҷтимоии донишҷӯён вуҷуд доштаи зеринро махсус қайд менамояд:

- мушкилӣ дар мувофиқшавӣ дар раванди давраи аввали таҳсил: набудани маълумоти кофӣ дар бораи муассисаи таълимии олӣ, дар бораи ҷойгиршавии кафедраҳо, биноҳо, китобхонаҳо, бунгоҳи тиббӣ;
- коммуникатсияи душвор: бемаҳоратию ноуҳдабароӣ дар ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона дар гурӯҳи донишҷӯӣ, инкоршудагӣ, танҳоӣ;

- тарсу ҳарос дар худ (тарсу бим назди ҷавобгӯӣ ба омӯзгор, тарсу ҳарос пеши сессияи аввалин, тарсу ҳароси хандаовар намудан ҳангоми кори фаъол дар семинарҳо, сазовор нагаштан ба чашмдошти волидайн, аз даст додани шахси дӯстдошта);
- вобастагӣ (машрубот, сигоркашӣ, маводи мухаддир, коммуникатсияи компютерӣ);
- рӯҳафтодагиҳо, беҳавсалагӣ, набудани шавқу завқ ба фаъолияти касбӣ;
- мушкилии интихоби шакли таълимии таҳсилот дар мактаби олӣ: бакалавриат, тахассусгирӣ, магистратура;
- буҳрони оилаи ҷавон: ҳарду ҳамсарон донишҷӯянд (беҳимоятии иҷтимоӣ ва моддӣ);
- ҷанҷолу низоъҳо (бо волидайн, бо омӯзгор, бо донишҷӯён, бо роҳбари илмии кори дипломӣ);
- қафомонии таҳсилӣ, тарсу ҳароси хориҷшавӣ аз муассисаи таълимӣ [5].

Бояд гуфт, ки дар чунин ҳолатҳо барои рафъи ин қабил душворию мушкилиҳо ба донишҷӯ дастгирии саривақтии психологӣ-педагогӣ лозим мешавад, то ин ки раванди мувофиқшавии иҷтимоии вай беозор ва босамар ҷараён гирад.

Марҳалаи мувофиқшавии иҷтимоии донишҷӯ-омӯзгори оянда, бахусус муаллими синфҳои ибтидоӣ, айёми таҳсил, яъне аз худ намудани донишҳои назариявӣ ва ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ – ба даст овардани малакаю маҳорати касбӣ, мутобиқ шудан ба фаъолияти касбӣ, ба муносибат бо коллективи хонандагон ва омӯзгорони мактаб, ширкат дар ҳаёти ҷамъиятии муассисаи таълимӣ, дар озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, конференсияҳо, гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ, иштирок дар маҷлисҳои падарону модарон ва ғ. дар ташаккулёбии иҷтимоии шахсияти донишҷӯ-таҷрибаомӯз хеле муҳиму арзишнок мебошад. Ин мувофиқшавӣ марҳилае мебошад, ки дар вобастагӣ аз қобилият, саъю кӯшиш ва майлу рағбат дар тӯли он донишҷӯ системаи нақшҳо ва тарзу усулҳои фаъолиятро дар шароити нав аз худ менамояд, ёд мегирад. Дар ин раванд вай барои худ тартиби муносибу беҳтари фаъолиятро кор карда мебарояд, ба иҷрои нақши касбӣ – омӯзгорӣ ҷалб мегардад, кору рафтори худро ба талаботи воқеии касб ва коллектив мувофиқ мегардонад, саҳву хатоҳояшро дарк карда, пайиислоҳашон кӯшиш мекунад.

Дар натиҷаи дуруст ҷараён гирифтани раванди мувофиқшавии иҷтимоии дурусту мақсаднок ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯ бо коллективи муаллимону хонандагони муассисаи таълимӣ одат мекунад, ҳамзамон дар сохтори муассисаи таълимӣ ҷойи худро меёбад, дар шарту шароити иҷтимоӣ-касбии барояш наву ноошно кор карданро ёд мегирад. Вай дар такя ба маслиҳату машварати методистони таҷрибаомӯзӣ ва омӯзгорони мактаб дар ҳаллу фасли вазифаҳои касбӣ малакаю маҳорат пайдо карда, баҳри тақвияту такмили онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад. Муҳимтар аз ҳама, вай пайваста вориди системаи муносибатҳои байнишахсӣ буда, донишу малакаҳои психологӣ-педагогии хешро афзун мегардонад.

Ҳамин тариқ, таъмин намудани мувофиқшавии иҷтимоии мақсадноку муваффақонаи донишҷӯён-оянда омӯзгорон, дар рафти таҳсил ва таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фаъолияти касбӣ ба он мусоидат хоҳад кард, ки ин раванд натиҷаҳои хуб дода, ҳам донишҷӯ, ҳам талаба, ҳам муассисаи таълимӣ, дар маҷмӯъ системаи маориф ва ҷомеа аз он нафъ мебаранд.

## АДАБИЁТ


1. Албитова Е.П. Социальная адаптация студентов вуза на основе педагогической поддержки… автореф. дисс. на соискание уч. степени к.п.н / Е.П.Албитова. Сайт http//www.bsu.ru.
2. Сопровождение в вузе: проблемы развития психологической службы: Мат-лы науч.-практ. конф / Под общ. ред. Бережновой Л. Н., Семикина В. В., И. А. Хоменко И. А. СПб., 2004.
3. Иванов О.И. Семья, общество и социализация индивида / О.И. Иванов // В сб.: Семья как объект философского и социологического исследования. – Ленинград: из-во «Наука», 1974. - С. 74.
4. Лилиенталь И.Е. Адаптация студентов к вузовскому обучению как этап личностного и профессионального развития: сб. науч. статей СевКавГТУ. Сер / И.Е. Лилиенталь. «Гуманитарные науки». - №5.- 2007.
5. Лукин А.А. Психолого-педагогическая поддержка студентов высшего учебного заведения в процессе адаптации как фактор успешного развития личности / А.А. Лукин. [Электронный ресурс].
6. Разумовская Е. Социализация студенческой молодежи / Е.Разумовская // Учитель. – 2005. - №2. – С. 12.
7. Савотина Н.А. Современный опыт воспитания: особенности и тенденции развития [Текст] / Н.А. Савотина //Воспитание школьников. -2003. - № 5. - С. 2-7.
8. Хореев И.В. Социальная адаптация студентов вузов как актуальная психолого-педагогическая проблема / И.В. Хореев. [Электронный ресурс].


## БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ МУВОФИҚШАВИИ ИҶТИМОИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ҲАНГОМИ ТАҲСИЛ ВА ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ


Дар мақола раванди мувофиқшавии иҷтимоии донишҷӯён-оянда омӯзгорон ҳангоми таҳсил дар мактаби олии касбӣ ва дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дастгирии педагогӣ дар ин раванд ҳамчун омили асосию муҳимми ташаккулу такомули маҳорату малакаҳои касбии омӯзгорони оянда арзёбӣ карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** мувофиқшавии иҷтимоӣ, шахсият, донишҷӯ, омӯзгор, методист, муассисаи таълимӣ, мактаби олӣ, омил, таҷрибаомӯзии педагогӣ, таҳсил, малака, маҳорат, дастгирии педагогӣ, раванд.


## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОЦЕССА СОЦИАЛЬНОЙ АДАПТАЦИИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ ВО ВРЕМЯ УЧЁБЫ И ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ

В статье рассматривается процесс социальной адаптации студентов-будущих учителей во время учебы в высшем прфессиональном учебном заведении и в ходе прохождения педагогической практики. Педагогическая поддержка в этом процессе оценивается как главный и важный фактор формирования и совершенствования профессональных навыков и мастерство будущих учителей.
**Ключевые слова:** социальная адаптация, личность, студент, преподаватель, методист, учебное заведение, высшая школа, фактор, педагогическая практика, обучение, навыки, мастерство, процесс, педагогическая поддержка.

**SOME OF THE FEATURES OF PROCESS OF SOCIAL ADAPTATION OF FUTURE PRIMARY SCHOOL TEACHERS DURING THEIR STUDIES AND TEACHING PRACTICE**

The article discusses the process of social adaptation of students-future teachers during their studies in higher professional educational institution and in the course of teaching practice. Pedagogical support in this process is estimated as the main and important factor in the formation and improvement of professional skills of future teachers.
**Key words:** social adaptation, personality, student, teacher, methodologist, educational institution, graduate school, the factor, pedagogical practice, training, skills, skill, process, pedagogical support.

**Сведения об авторе:** ***Акбарова М. А.*** **–** Кулябский государсвенный университет им А. Рудаки, соискатель кафедры информатики и информационных технологий.Телефон: **931664042; 98-826-14-34**

## РОЛЬ ИНТЕРНЕТ-ТЕХНОЛОГИЙ В СИСТЕМАХ ОБУЧЕНИЯ

***Ахмедова Бунафша, Кадыров Қ.Б.***
**Таджикский технический университет им.М.С. Осими,**
**Институт развития образования им.А.Джами АОТ**

В условиях технического изменения современных образовательных процессов, интернет-технологии могут дать необходимую информацию для достижения нового качества образования, а также обеспечить процесс целостного развития личности, об этом можно говорить как о актуальной необходимости научить каждого студента получать, перерабатывать, оценивать и использовать с умением во время практического действия и деятельности такой большой объем информации. Эффективным путем, который работает на базе сетевых технологий, является создание компьютерных центров обучения. Существуют некоторые центры, которые могут решать проблемы, образования связанные с постоянно увеличивающимся числом желающих получить образование, независимо от своего местонахождения. Чтобы использовать интернет в системе обучения иностранному языку, данное условие информатизации образования позволяет повысить эффективность существу процесса, обеспечивается возможность создания всех условий формирования и развития лингвистических и коммуникативных навыков для студентов, а также можно учитывать их личностные потребности и особенности, которые успешно реализуются при личностно-ориентированная образования. Все эти ресурсы сети являются бесценной базой для создания информационно-предметной среды, а также удовлетворяют личные и профессиональные интересы потребностей и самообразования студентов. С другой стороны, само по себе наличие доступа к Интернету не является гарантом для быстрого и качественного языкового образования. Для развития информационных технологий в условиях всемирной глобализации новые способы использования Интернета приводят к лучшему образованию. В настоящее время для создания информационного общества среди студентов наблюдается последовательное и устойчивое движение, которое производит создать наилучшие условия для максимальной самореализации каждого. Такой процесс связан с интенсивным развитием компьютерных и телекоммуникационных технологий, а также созданим развитой информационно - образовательной среды.

Одним из основных лидеров среди телекоммуникационных технологий является всемирная сеть Интернет. Сегодня в современном мире Интернет может позволить студентам формировать новые навыки и умения в разговорной речи, а также во время обучения лексике и грамматике, студентам предоставляется возможность аутентичного общения со своими собеседниками на актуальные темы. Интернет может создать такие условия, когда студенты имеют возможность получать необходимую информацию, находящуюся в любом месте земного шара.

Целью обучения иностранному языку среди вузов является -формирование коммуникативной компетенции, которое заключается в умении извлекать достаточную информацию при чтении иноязычных текстов, способности правильно понять собеседника и выразить свою мысль, а также с точки зрения устного и письменного высказывания. Коммуникативная направленность обучения иностранному языку обеспечивается как самим материалом, методикой работы с ним, так и формой его организации. Одним из методов работы является дидактическая виртуальная среда, на основе которой могут возникнут эффективный образовательный процесс. Педагогическая задача включает в себя совершенствование лингвистических знаний студентов их навыки и умения, а также способности к межкультурному взаимодействию это — основывается на функционирования Интернета.

Настоящая существующая сеть Интернет определяет разные задачи по мере возможности, которая их может решать во время учебного процесса. При употребление Интернет- ресурсов во время работы у каждого студента появляется интерес к изучению разных языков, а также каждый из них имеют возможности самостоятельно найти для себя и изучить необходимую информацию. Наиболее важные задачи, которые могут быть реализованы во время обучения иностранного языка посредством Интернет-технологий в неязыковом вузе являются следующие:

- развивать умений иноязычного общения в разные сферы и ситуации;
- формировать и совершенствовать языковые навыки;
- развивать навыки самостоятельной и исследовательской работы студентов организованной деятельности с использованием Интернет-технологий, которые способствует инициированию самостоятельной деятельности и ликвидации пробелов в знаниях, умениях и навыках;
- повысить мотивации и создать потребности в изучении иностранного языка;
- реализация индивидуальных подходов посредством учета индивидуальных особенностей, обучающихся за счет использования коммуникативных служб сети Интернет;
- формировать коммуникативные навыки и культуры общения.

Сегодняшний день современные информационные технологии позволяют упростить поиск и подготовку к воспроизведению преподавателем в процессе обучения актуального учебного материала, чтобы облегчить разработку электронных учебных средств дают необходимые возможности. Такие компьютерные достижения помогают студентам найти нужную и дополнительную информацию. А также в процессе обучения осуществить интерактивное диалоговое и многостороннее взаимодействие между преподавателем и учащимися независимо от их расстояния, которые дает экономию времени. Если определить природные качества преподавания, преподаватель имеет возможность стремится определить дидактические свойства новой техники, а затем ее функции для учебного процесса.

Одна из главных средств это компьютер он является - достаточным дорогостоящем техническим средством, которое преподаватель может использовать Интернет в качестве источника дополнительных материалов и может подготовить студентов к занятию. А также преподаватель имеет возможности распечатать все необходимые материалы и применять во время занятия. Таким образом только одна часть Интернет-ресурсов используется для этого. Все необходимые возможности Интернета раскрываются при использовании его в студенческой аудитории. В сегодняшней современном времени все студенты знакомы с техникой и способны работать с компьютером и могут достаточно легко переходит к изучению иностранных языков в компьютерной среде. Например, студенты способны найти и выполнять необходимые упражнения на отработку речевого умения, а также могут улучшать этими умениями с помощью Интернет-ресурсов, где происходить необходимые поиски для выполнения индивидуального задания аутентичной литературы на иностранном языке.

Только такими путями сегодняшние техническое средство является действительно полезными для учебного процесса и найти определенное место в нем, а также во всей системе других средств обучения, поглощая их свойства. Сегодня компьютер является достаточно дорогостоящие техническое средство для всех учащихся. Но как заметил известный английский педагог Алешин Л.И. «если бы компьютер не был изобретен как универсальное техническое устройство, его следовало бы изобрести специально для целей образования» [1. 424].

Компьютер является одним из эффективных технических средств обучения, которое может значительно разнообразить процесс обучения. Большинство аутентичных средств, своевременно обновляющие материалы могут дать возможность студентам находиться в виртуальной языковой среде, читать, видеть и слышать образцы современной иноязычной речи, а также употреблять их для порождения собственных высказываний. Сеть Интернет способствует развитию у студентов основные речевые навыки:

- письмо (переписка по электронной почте и в блогах);
- чтения (знакомство с содержанием текстовых сайтов, чтение сообщений в электронной почте и в блогах);
- аудирования (прослушивание и просмотр аудио/видеоматериалов, прослушивание речи собеседника через программу куре);
-говорения (общение через программу 8куре, продуцирование на занятиях «вторичных» текстов студентов, основанных на информации из сети Интернет).

Некоторые необходимые формы работы являются эффективными на старших курсах бакалавриата и в магистратуре. Но существует нередкие случаи, если не осуществлять параллельную запись новостного блока преподаватель сталкивается с непониманием аудиторией аудио/ видеотекста во время проведения аудирование (видеопросмотр) новостной программы в режиме реального времени, который невозможно повторить. Это сводит на нет эффект от прослушивания или просмотра материала. Для того чтобы подготовит занятия с

презентацией материалов из Интернета преподаватель должен провести предварительную методическую подготовку.

А что касается использования Интернет-материалов для студентов младших курсов во время проведения занятии, то их рекомендуется собирать, систематизировать и обрабатывать, превращая вторичные тексты в соответствующие языковому уровню студентов. Такими путями чрезмерное увлечение Интернет-ресурсами может оказать отрицательное влияние как на студентов, так и на учебный процесс, а также приведет к началу Интернет-зависимости и к социализации личности.

Таким образом Интернет-технология в сегодняшнее время предпочитает более широкие возможности для межкультурной и международной коммуникации среди народа. Они могут использовать электронную почту, общение в блогах, Интернет-конференции и телемосты.

Сейчас студентам помогает общение со сверстниками на иностранном языке лучше понимать менталитет представителей иной или другой культуры и могут преодолеть социокультурные стереотипы которые имеют разные иностранные страны.

Один из типов коммуникации является виртуальное общение поэтому его можно рассматривать во всей его поли функциональности как комплекс речевых и неречевых проявлений субъектов. П.Н. Ермакова и В.А. Лабунский выделяют следующие функции общения: информационно-коммуникативную, регуляционною -коммуникативную и эффективно-коммуникативную.

Во время непосредственного общения, в виртуальной среде могут возникать среды студентов коммуникативные, когнитивные, ролевые отношения. Однако виртуальное пространство имеет возможности позволит изменить с окружающими привычную модель отношении, и «примерить» на себя новый социальный роль - особенно в процессе дистанционного обучения в формате ролевых игр, а также имеет возможности проявит свои знания, которые студент обычно не может продемонстрировать в силу замкнутости, стеснительности или наличия устойчивого поведенческого стереотипа.

В период развития дистанционного образования Интернет-технологии внесли большой вклад, которое завоевали популярность в последние годы среды людей во всем мире. Для развития и распространения такого процесса обучения некоторым пользователем породило убеждение в том, что каждый может овладеть иностранным языком путем использования Интернета, не выходя из местонахождении, дома или офиса. Это довольно опасное заблуждение чтобы разделит многочисленные создатели мультимедиа-программ и видеокурсов. А также их продукцию активно предлагают различные учебные центры в последние годы. Большинство подобные необходимые программы адресованы тем, которым начинают изучать иностранные языки или «ложным начинающим». Сейчас существует некоторые курсы предполагающие самостоятельное изучение иностранного языка, а другие предлагают выполнить это на базе учебно-методических центров при участии преподавателя. Можно сказать, что именно такая существующая форма изучения иностранных языков предлагалась для широкой аудитории в 1970— 80-е гг. через телевизионные программы которые назывались «Учу английский (немецкий и т.п.)», а также через использование немногочисленных в то время видеокурсов иностранных языков. Разница в том, что сегодня мультимедийный курс иностранного языка размещен в Интернете или записан на CD-диске, а роль диктора - ведущего телепрограммы выполняет озвученная и анимированная компьютерная программа. С одной стороны, налицо прогресс является в использовании компьютерных мультимедиа-технологий, но, с другой стороны, как и прежде, студенты не имеют возможности и у них нету доступа чтобы общаться с преподавателем, узнавать, какие ошибки они допустили, т.е. при обучении отсутствует обратная связь друг к другу, и изучение языка сводится к самообразованию.

Таким образом выделяются следующие основные формы, в которых может использоваться компьютер при выполнении им обучающих функций:

а) машина как тренажер;

б) машина как репетитор, выполняющий определенные функции за преподавателя, причем машина может выполнять их лучше, чем человек;

Одним из главных средств информационных технологий является визуальные и вербальные средство обучения, которые имеют возможности объединят мультимедийные средства. А также у них есть возможность перенести реальный мир в учебную аудиторию, предлагая необходимую возможность обучающимся воспринимать человеческое общение на языке которые изучают и таким, каким оно есть в действительности среди окружающей людей. Информационно-коммуникационные технологии во время преподавания, определяют следующие электронные ресурсы, которые являются наиболее эффективными в обучении языку:

– электронные словари (в том числе учебные);

– аутентичные материалы на изучаемом языке;

– специализированные учебные ресурсы;

– средства электронной коммуникации как:

синхронной (чат, программы мгновенного обмена сообщений, видеоконференции)

и асинхронной (электронная почта, дискуссионные группы, форумы, электронные доски объявлений)

Таким образом история педагогики богата не только новациями в области методов, организационных форм обучения, но на разных этапах ее развития, параллельно развитию технической мысли, шло интенсивное внедрение всевозможных средств наглядности, технических средств в учебный процесс. Единственная цель была - повысить эффективность предлагаемых инноваций и учебного процесса среди вуз. В конечном итоге, в педагогике, дидактике все делается для одной цели этой целю является воспитания и образования подрастающего поколения в мире.

В последние время в научной литературе педагогический процесс рассматривается не только как объект изучения, но и как объект конструирования, которые проявляется в поисках эффективных путей его построения и соответствующих научным достижениям. Однако одним из таких путей является повышение уровня технологичности. Можно считать общепринятым мнение о том, что учить технологично означает достижение поставленных задач.

Под технологией обучения иностранному языку студентов неязыкового вуза на основе использования Интернет мы можем понимать теоретическое обоснование, а также описание и реализацию процесса преподавания и изучения иностранного языка на основе объединения наиболее функциональных для данных условий и для данной группы учащихся элементов методических концепций. Утверждая это, мы исходим из определения технологии обучения А.Я. Наина, как процесс преподавания и учения, средств и приемов обучения и активизации познавательной деятельности студентов, состоящего из совокупности методов, а также обеспечивающих определенный стандарт образования. Когда используем Интернет-технологий процесс обучения становится как динамичным, информационно емким, а также является основной акцент образования, которое переносится на активную деятельность самого обучаемого. Однако происходит замена дисциплинарно ориентированной модели обучения на модель проектно-созидательную и у студентов появляется возможность получат расширенный доступ к аутентичной информации, снимаются ограничения на ее объем, и еще уменьшается время, затрачиваемое на поиск необходимых материалов, а также образование становится более доступным и оптимальным в вузах.

В процессе обучения иностранному языку по мнению многих исследователей использование компьютера является оптимальным при обучении языковым фактам, языковым единицам, которые является не творческими, а готовыми, заданными, легко поддающимися методическому манипулированию в компьютерных программах [5, 85-88].

Это все нам представляется, чтобы применит компьютер на аудиторных занятиях по иностранному языку, а также для самостоятельной работы неизмеримо шире. Это не только является контекстным подходом, где компьютер представляет целый набор вариантов текстового анализа но а также является контекстным поиском информации на языке, прочтение постоянно обновляемой базы Интернет-сайтов популярных иноязычных газет, применение компьютерных словарных программ, самостоятельное составление глоссариев и пр. Но это также является коммуникативным подходом, реализуемой средствами мультимедиа и возможностью обмена информацией на иностранном языке при использование электронной переписке и использовании чат-технологий.

Некоторые ученые, в частности В.А. Вакуленко, Л.В. Полякова, Т. Рыбакова и др. рассматривают применение интерактивного метода обучения иностранному языку не в рамках компьютерного обучения, а в рамках многосторонней сети отношений и взаимосвязей обучающихся групп и преподавателя.

Таким образом, нам представляется актуальным смоделировать технологию формирования иноязычной компетенции с применением интерактивного метода, а именно субъект-субъектных отношений между студентов и преподавателем, а также группой студентов, соперничающими и сотрудничающими группами студентов, студентом и виртуальной компьютерной многовариантной средой как опосредующим орудием взаимодействия с другим субъектом, а также субъект-субъектных отношений студента как субъекта с компьютерной программой как объектом.

В наше время компьютерное обучение иностранному языку применяется в русле когнитивного подхода, то есть используется для формирования лингвистической составляющей иноязычной компетенции. Ряд авторов осмотрели и обращались к проблеме применения интерактивного метода обучения среди вуз: З.В. Емельяного, М.И, Зверева, Н.В. Клемешова, С.М. Уткин. Но эти исследования касались к отдельными аспектами интерактивного метода в компьютерном обучении и не носили комплексный характер. Мы должны представлять целесообразные применение технологии, предусматривающей использование компьютера в рамках обоих этих подходов таких как когнитивно - ориентированного, так и коммуникативного-ориентированного обучения среди вуз.

В сферы образования была разработана ряд проектов, направленных на развитие телекоммуникационной среды. Для обладания полноценным доступом в Интернет во многих регионах страны существенно была расширена круг образовательных учреждений. Большая

работа была проведена в направлении совершенствования содержания образования и содержательного наполнения электронных изданий и ресурсов. В рамках этой работы сформирована система образовательных порталов, а также разработаны профессиональные комплекты электронных образовательных ресурсов, которые созданы и развиваются сайты, предоставляющие доступ к информационным ресурсам практически по всем дисциплинам. Таким образом в данном случае построена самостоятельная работа, которые дает возможность студентам делать учебную задачу в любом удобном ему месте с точкой доступа в Интернет [6, 140].

Интернет-технологии внеаудиторный вариант интеграции позволит реализовать следующие задачи:

- вести учет индивидуальных особенностей студента, предоставляя ему большую свободу во времени и информационном пространстве для действия;
- минимизировать техническую сложность поставленной задачи путем учета уровня владения компьютером и навыка работы в Интернете студента;
- оптимально интегрировать форму использования Интернет-технологии обучения с учетом основных аспектов учебного процесса при обучении иностранному языку с минимальной затратой;
- обучать студентов чтобы быть более ответственным за свои собственные знания, так как он должен уметь организовать собственное время, решать какая информация может быть использована для выполнения заданий, в какой форме представить свою точку зрения.

Однако это специфика обучения иностранному языку может создать все возможные предпосылки для интеграции и использование Интернет-технологии в учебный процесс в качестве инструмента самостоятельной деятельности. Мы можем выделять две основные группы самостоятельной деятельности, которая может осуществляться студентам в сети Интернет при изучении иностранного языка.

Таким образом требующим от преподавателей особого знания она является спланированным и контролируемым учебным процессом, умения и навыка по работе с компьютером и сетью Интернет, а также знания методики по использованию и интеграции Интернет-технологии в процесс обучения иностранному языку.

1. Самостоятельная работа с электронными ресурсами.

В группу могут входит деятельность по специально организованному поиску, анализу и преобразованию информации. Данная информация в условии вуза, которая предоставляется Интернет-ресерсами, может быть использована следующими основными путями:

- приобретение и использование информации из Интернета в качестве дополнительного материала по изучаемой теме, которые студенты самостоятельно осуществляют поиск при помощи разных поисковых систем (Yandex, Rambler, Yahoo, Google и т.д.);
- использование и приобретение необходимых информации из Интернета в качестве дополнительного материала по изучаемой теме, у студентам существует возможности осуществляют поиск по конкретному адресу, которое была отобрано преподавателем;
- комбинированный путь, когда происходит использование информации в сегодняшнем времени Интернет используется в качестве дополнительного материала по изучаемой теме, это значить что каждому студенту будет предоставлено список необходимых ссылок на электронный ресурс, которые преподаватели сами будут отобрать, но, а также в дополнение он имеет возможности самостоятельно осуществлять поиск всех информации при помощи поисковой системы.

А также применение электронных ресурсов при обучении иностранному языку, студенты имеют возможности использовать все отобранный преподавателем ресурс и еще все материалы которые отобрали преподаватели, но каждый студенты в дополнение также могут самостоятельно осуществляют поиск необходимой информации при помощи поисковой системы.

Некоторые пункты в процессе обучения иностранному языку и уровни владения языком по отношению к использованию Интернет-технологии представлены ниже:

- первоначальным уровнем – необходимо владеть элементарным навыком письма и чтения;
- средним уровнем – иметь достаточный уровень для того чтобы владеть языком и иметь возможности осуществлять задач средней сложности;
-продвинутым уровнем - способностью относительно свободно осуществлять коммуникацию на иностранном языке [8, 188].

Самостоятельной работе студента по поиску, анализу и преобразованию информации из сети наиболее полно соответствует следующая классификация типов заданий на основе электронного ресурса при учете уровня владения студентом иностранным языком:

1. Список тематических ссылок (hotlist) подразумевает работу студента с электронным ресурсом в качестве дополнительного материала по изучаемой теме, что позволит студенту более полно рассматривать изучаемую тему или ее аспект. Так, к примеру, можно предложить следующие задания для каждого уровня владения иностранным языком (начальным, средним, продвинутым):

- создание ссылок по грамматике английского языка, деловому английскому языку и так далее со своими упражнениями с обзором сайтов по данному вопросу;

- составление ссылок и классификация полезных сайтов по исследовательской работе (реферат, доклад, курсовая).

2. Альбом (scrapbook) имеет цель поиска и сбора фотографий, карт, текстов, цитат, звуковых файлов, видеофайлов из выбранных преподавателем сайтов или студенты сами нашли самостоятельно. Результат поиска может быть использован студентами для создания информационной бюллетени, компьютерной презентации, а также коллажа, веб-страницы и так далее.

А также можем отметить, что эффективная интеграция информации, которая опубликована в Интернете, больше всего зависит от умения преподающие преподавателей адекватно оценивать потенциальный электронный ресурс, используя некоторыми критериями оценки их качества, что позволяет подготовить отобранную информацию для успешного использования в качестве аутентичного материала.

Таким образом, самостоятельная деятельность студента, которые связанно с поиском, анализом и преобразованием необходимых информации в сети Интернет позволяет научить его сбору, оценке, применению информацию на практике.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Алешин Л.И. Информационные технологии / Л.И. Алешин. - М., 2008. - 424 с.
2. Ахмедов Н. Б. Формирование модели применения ИКТ в школе / Н. Б. Ахмедов //Материалы Международной конференции-выставки «Информационные технологии в образовании» (ИТО-2004). –М., 2004.
3. Ажель Ю. П. Особенности внедрения Интернет-технологий в организацию самостоятельной работы студентов при обучении иностранным языкам в неязыковом вузе / Ю. П. Ажель // Молодой ученый. - 2011. - №6. -Т.2. - С. 116-119.
4. Бакушин А.А. Инновационные процессы в технологиях обучения / Бакушин А.А. - М.: Гардарики, 2011. - 287 с.
5. Беляков С.А. Управление образованием и инновации / С.А. Беляков // Университетское управление: практика и анализ. - 2013. – № 2. -С.85-88.
6. Болонский процесс / традиции и инновации в педагогическом образовании - Волгоград: Перемена, 2010. - 140 с.
7. Буран А.Л. Педагогические технологии, используемые в обучении иностранным языкам с применением информационно-коммуникационных технологий / А. Л. Буран // Молодой ученый. - 2011. - №12. -Т.2. - С. 81-85.
8. Г. Ш. Джонмахмадова. Современные компьютерные технологии в школьном образовании как инновационная форма обучения / Г. Ш. Джонмаҳмадова //Вестник Таджикского национального университета. -2015. - №3110 (с 188).
9. Полопригорова Л. А. Использование Интернета в обучении иностранным языкам / Л. А. Полопригорова, Г. О. Корзан //Использование интернет-ресурсов при обучении английскому языку. -ИЯШ. -2003. -№ 5 3.
10. Психология личности: учеб. пособие / под ред. П.Н. Ермакова, В.А. Лабунской. -М.: Эксмо, 2007.
11. Титаренко Н.В. Методика организации ролевых игр проблемной направленности при дистанционном обучении иностранным языкам: дисс. канд. пед. наук / Н.В. Титаренко. - М., 2007.


## НАҚШИ ИНТЕРНЕТ – ТЕХНОЛОГИЯ ДАР СИСТЕМАИ ТАЪЛИМ


Дар маколаи мазкур муалиф оиди чи хел истифода бурдани интернет ва чи қадар аҳамият доштани он дар замони муосир ва таъсири он ба ҳаети ҷавонони имруза ба хуби маълумот медихад. Таълим барои инсон ин асоси буда омузиши забонҳо бо ин роҳ хело мухим мебошад. Технологияи коммуникативӣ ҳамаи асосҳои мусбии омузишро пайваст карда манбаи мултимедия мебошад.



**Калидвожаҳо:** мошин, интернет, гуруҳ, муҳокима, технология, алоқаи телефон, гиперматн, маводҳо, компютер.


## РОЛЬ ИНТЕРНЕТ-ТЕХНОЛОГИИ В СИСТЕМАХ ОБУЧЕНИЯ


В статье рассматриваются вопросы использование интернета в системе обучения иностранного языка обеспечение возможности создания для студентов условий формирования и развития лингвистических и коммуникативных навыков, максимально учитывая их потребности и особенности.



Ключевые слова: машина, интернет, группа дискуссии, технология, телекоммуникация, гипертекст, материалы, компьютер.


## ROLE INTERNET-TECHNOLOGY IN LEARNING SYSTEM


In the given article, the author gave information, how use internet and how it is important for modern time also the influence to human life as well. The education is the main for the modern young people and it is important to learn foreign languages by this way. Informational communicative technology is joined all positive features of education that are multimedia resources.



**Key words:** machine, internet, discussion groups, technology, telecommunication, hypertext, materials, computer.



**Сведения об авторах.** ***Кадыров К.Б.* -** Академия образования Таджикистана, академик АОТ, доктор педагогических наук, профессор,

***Ахмедова Б.М.* -** Таджикский технический университет им.. М. С. Осими, ассистент кафедры «Языков».

Телефон: **985-05-34-54**

# ОМИЛҲОИ БИОЛОГИЮ ИҶТИМОӢ - АСОСИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲАЁТИ СОЛИМ

*Қурбонов Ф. А.*
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Ташаккули тарзи ҳаёти солим ба хусусиятҳои анатомию физиологӣ ва психикии атфол вобаста буда, вижагиҳои синнусолӣ, ташаккули бадан, функсияҳои организм, тағйирёбӣ ва раванди рушди фардиро дар бар мегирад. Раванди рушди ин хусусиятҳо ба ташкили шароити таълиму тарбияи кӯдак дар синну соли мухталиф алоқаманд аст [9,11-13]. Нишонаҳои асосии тағйири ҷисмонии дар ин синну сол бавуҷудомада вазн, қад ва васеъ шудани бадан мебошад. Бо рушди организм дар ҳамаи узвҳои он дигаргунӣ ба амал меояд. Аммо ин тағйиру таҳаввулот дар як вақт сурат намегиранд. Дар робита ба гуфтаҳои боло ду тарзи рушдро фарқ мекунанд: шакли нейтралӣ (бетараф), ки ба компонентҳои системаи асабу шакли генеталӣ (ҷинсӣ) ва шакли сомотикӣ, ки ба устухонбандӣ, азулаҳо, пӯст ва амсоли инҳо алоқаманд мебошанд.

Дар синни калони мактабӣ раванди пуравҷи рушди организми наврас ба поён расида, рушди нисбатан ороми организм оғоз мегардад. Дар ин давра кӯдак ба балоғат мерасад ва қафаси синаи ӯ васеъ шуда, устухонбандиаш такмил меёбад.

Дар синни навҷавонӣ рушд ва такомули системаи асаб идома меёбад. Рушди муассири ҳар гуна организм ба осебпазирии он мувоҷеҳ аст, аз ин рӯ калонсолонро зарур аст, ки нисбати системаи асаби кӯдак эҳтиёткор бошанд.

Ба фишори аз ҳад зиёди ҷисмонӣ ва фикрии ӯ роҳ надиҳанд. Яке аз хусусиятҳои системаи асаби кӯдак ин моилшавии он мебошад.

Аз ин сабаб, нисбатан зуд ба тағйирот мутобиқ мегардад.Ваҷҳи фарққунандаи системаи асаби кӯдак, ин тоқатнопазирии аз ҳад зиёди он мебошад.

Назорати мағзи сар аз болои инстинкт ва эмотсияҳо меафзояд. Дар байни ҷавонписарон ва ҷавондухтарон нақши сигнали дуюм тақвият меёбад.

Яке аз равонишиноси машҳур И.С. Кон мефармояд: «Ҳамаи равандҳои балоғат дар ин давра ба таври номуназзам сурат мегиранд. Ҳолати гетерохромӣ (ҷинсӣ) ҳам дар байни ҳамсолон (яъне як писар дар синни 14 – 15 - солагӣ алакай болиғ гашта, дигаре дар ин син болиғ намегардад) ва ҳам дар дохили системаи биологӣ фарқ мекунад (яъне системаҳои биологии як фард дар ботини ӯ гуногунзамон болиғ мегарданд) [3,34].

Падидаҳое, ки ба чашм вомехӯранд, ба монанди рушди аз меъёр зиёд, дароз шудани ғайритабиии дасту по, фарбеҳӣ ё лоғарӣ, аксуламалҳои ғайриустувории вегатитивии психика, рафтор ва монанди инҳо дар байни меъёр ва беморӣ қарор доранд.

Нишондодҳои рушди ҷисмонӣ ва психофизиологии кӯдакон чи дар муассисаҳои томактабӣ ва чи дар муассисаҳои мактабӣ монандӣ ва алоқамандӣ доранд. Иллати чунин рушди кӯдакон гуногун аст.

Маълумот доир ба маргу мири атфоле, ки модарони майзада таваллуд намудаанд, ба қайд гирифта шуда, атфоли зиндамондаи ин модарон низ дар бисёр мавридҳо мубталои маризиҳои гуногун мебошанд [2, 28-31].

Мушоҳидаҳои донишмандон баёнгари онанд, ки фоизи муайяни занони майзада, ки ҳангоми ҳомиладорӣ машрубот истеъсол намудаанд, сатҳи ҷанин доштанд, ё ин ки фарзандони норасӣ таваллуд кардаанд, ё атфоли фавтида. Ё ин ки атфоли таваллудшуда баъд аз як ҳафтаи таваллуд фавтидаанд. Қисмати бештари кӯдакони зиндамонда ин маъюбони то синни 10-сола, ки дар беморисton бистарӣ шудаанд. Дар заминаи маризиҳои ларза, камақлӣ ва соир маризиҳои равонӣ. Атфоли заноне, ки майзада нестанд, аммо ҳангоми ҳомиладории хеш машрубот истеъмол намудаанд, боз ҳам бемор ва осебпазир ба дунё омадаанд. Албатта, дар муқоиса бо атфоли модарони майзада камтар. Исбот шудааст, ки дар ҷанин ба монанди ботини модар баъд аз 7-12 дақиқаи истеъмоли машрубот таъсиррасонии он сурат мегирад [7,132-138]. Дар ин ҳолат бештар аз ҳар чизи

дигар системаи асаби кӯдак, ки дар ҳоли рушд аст, осеб мебинад. Дар байни бадбахтиҳое, ки майзадагӣ боиси онҳо шудааст, инҳоянд: маризиҳои рӯҳӣ ва равонӣ, инҳироф ва ғайритабиӣ будан. Аммо маризиҳое, ки аз волидайни майзада, муътод ба ирс мебарад, бо инҳо тамом намешаванд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бештар аз 28% атфоли маризии қалб дошта, дар ҳолати мастии волидон нутфаи онҳо баста шудааст. Мушоҳидаҳои донишмандон нишон медиҳанд, ки бачаҳои волидони майзада майл ба маризиҳои камхунӣ, гепатит доранд. Ин кӯдакон мувоҷеҳи бемориҳои сироятӣ буда, аз рушд ақиб мондаанд. Атфоли волидони майзада асосан бо нуқсон ба дунё меоянд. Роҳи аввали нуфузи алкул ба бадани кӯдак аз тариқи шири модар аст. Роҳи дуюм ин истеъмоли машрубот аз тарафи худи кӯдак аст. Дар ҳар сурат, волидон гунаҳкоранд, ба хотири он ки машрубот ғизои доимии онҳо мебошад. Дар китобҳои илмӣ омадааст, ки кӯдакони синни 10,12 -сола, ҳатто аз ин ҳам хурдсол майли шаробхӯрӣ доранд. Барои фавти кӯдаки хурдсол 2 ё 3 қошуқи алкул -нӯшокии спиртӣ кофист. Барои кӯдакони синни 6-8 100 грам алкул марговар аст. Ҳатто, як маротиба истеъмол намудан аз тарафи кӯдакон кофист, ки онҳо мубталои маризи ларза (эпилепсия) ва ё соир маризаҳои сангин шаванд.

Бояд дар мавриди роҳи сеюм низ фаромӯш накард, ки чӣ тавр алкул метавонад таъсири маргбор бар атфол дошта бошад, Алкул дар ин гуна хонаводаҳо чун узви оила гашта, боиси вайрон шудани оила ва эҷоди ҳамаи ҷанҷолҳо мегардад. Атфоли хонаводаҳое, ки машрубот истеъмол мекунанд, мубталои маризаҳои рӯҳӣ буда, аз асабоният азият мекашанд, рушди онҳо кунд асту дар мактаб бад мехонанд. Муҳаққиқи масоили майзадагӣ Соколов Н.В. дар дар китоби хеш гуфтаҳои яке аз директорони мактабҳоро овардааст:"Мо муаллимон медонем – агар хонанда бадхон шуду ғайбатчӣ ва ҳаракати ӯ мушобеҳи майзадагӣ бошад, ин яъне чеҳраи падари майзадаи ӯст» [11, 47-49].

Геранмологҳо ва ювенологҳо таъкид мекунанд, ки бадани инсон аз сӯйи табиат ба муддати 150-160 сол зиндагӣ тарҳрезӣ шудааст [8,23-27]. Шарти беҳтарини тамдиди ҳаё,т ин кӯтоҳ накардани он мебошад. Дар ин ҷо роҳҳои тамдид кардани ҳаётро номбар мекунем: қатъи кашидани сигор ва истеъмоли машрубот, камтар хӯрдани ғизо, равобити ҳасанаи оилавӣ, варзиш, тақвияти бадан, истироҳати комил.

Илми муосир дар байни се навъи асосии саматотилҳо фарқ мегузарад, (типи муайян намудани зоҳирӣ, хусусиятҳои анатомию морфологӣ) мезоморфӣ (мавзун ва азулавӣ) ва эктоморфӣ (устухонӣ). Ҳар кадоме аз ин мафҳумҳои номбаршуда барои шогирдони синфҳои болоӣ аҳмиятнок аст. Тасаввуроти шогирдони синфҳои болоӣ типи изоморфӣ, ин машғул будан ба варзиш, зебо будан ва хислатҳои сарварӣ доштан аст. Типи эндоморфӣ типест, ки ҳамоно боиси мазҳари истеҳзо ва муносибати ғайриҷиддӣ аст. Муаллимон ва волидонро зарур аст, ки ин хусусиятҳоро ба назар бигиранд, донанд, ки фарбеҳии аз ҳад зиёд сарчашмаи нороҳатии амиқи дардноки навҷавон мебошад. Қади кӯтоҳ низ дар аксари мавридҳо боиси мавқеияти хушунатбории навҷавон мебошад. Барои шогирдони синфҳои болоӣ назари атрофиён нисбат ба ҳолати бадани онҳо хеле муҳим аст (яъне ҷонибдорӣ, изҳори хурсандӣ, истеҳзо ва ё таҳқир).

И.С. Кон чунин меҳисобад, ки сифатҳои ҳамгуна дар марҳилаҳои мухталифи рушд дорои хусусиятҳои гуногун мебошанд. Агар барои наврас худнамоӣ, инкишофи қад ва неруи ҷисмонӣ коре бошад, вале дар овони навҷавонӣ сифатҳои ақлонӣ ва иродавӣ ба марҳалаҳои аввал мебароянд. Дар ин маврид ҳар касе, ки аз роҳи мухолифат камтар дунболагӣ кунад, дар ҳолати ногувор қарор хоҳад гирифт. Бисёр чизҳо ба худогоҳӣ вобастагӣ доранд.

Як шогирди синфи болоӣ заифии ҷисмонии худро фаҳмида, ба таври ғайрифаъол ба он тан медиҳад, ё ин ки эҳсоси нокомилӣ ӯро фаро мегирад. Дигаре бошад, камбудии хешро дар ин ҷода бо дастовардҳо дар риштаи дигар ҷуброн менамояд (барои мисол дар таҳсил). Севумӣ бошад, кӯшиш мекунад камбудии ҷисмонии хешро аз тариқи ҷиддӣ машғул шудан ба варзиш ҷуброн намояд. Интихоби вариантҳо дар аксари ҳолат ба мавқеияти калонсолон вобастагӣ дорад. Бахусус ба мавқеияти муаллимон. Ҳамин тариқ, дар овони ҷавонӣ нишонаҳои соматикӣ дар робита бо хусусиятҳои нисбатан умумии раванди ба балоғатрасӣ зоҳир мегарданд.

Дар зери таъсири гармонҳои ҷинсӣ шогирдони синфҳои болоӣ ба балоғат мерасанд. Дар ин робита заминаҳои алоқаҳои номатлуби ҷинсӣ ба амал меоянд (ҳомиладорӣ,

маризиҳои узвҳои таносул ва амсоли онҳо ). Ишқ ин падидаи мураккаб аст. Он ҳам решаҳои биологӣ ва ҳам решаҳои иҷтимоию маънавӣ дорад. Аммо иштиёқ ва рағбат ба алоқаи ҷинсӣ дар ишқварзӣ нақши муҳим дорад.

Дар байни шогирдони синфҳои болоӣ оғози маънавии ишқ дар дараҷаи аввал қарор мегирад. Иштиёқ ва рағбати маънавию ҷинсии ишқ рағбати ҷавонписарон ва ҷавондухтаронро нисбат ба дарсхонӣ ва таҳсил мекоҳад ва боиси эҷоди мушкилот дар раванди ташаккули шахсияти онҳо мегардад. Омӯзгорон аз ҳалли масъалаи рушди психикосексуалии синфҳои болоӣ набояд сарфи назар кунанд. Аммо суҳбатҳои эшон дар ин бора бояд, ки дар чаҳорчӯбаи одобу ахлоқ сурат бигиранд. Кӯшиши аз тарафи омӯзгорон ва волидон фишор овардан ба ишқи наврас хеле имконоти лозими эмотсионалии ҷавонписарон ва ҷавондухтаронро маҳдуд мекунад.

Шогирдони синфҳои болоӣ қодир ба дарки мафҳумҳои зеҳнианд, яъне фарзияҳо пешниҳод мекунанд, дуруст будани онҳоро тафтиш намуда, дар асоси он назар ва ақидаҳои худро пешниҳод менамоянд. Майдони тафаккури синфҳои болоӣ хеле ва хеле васеъ мегардад. Онҳо қодир бар он мегарданд, ки ҳар гуна алтернативаҳоро таҳқиқ намуда, бо якдигар муқоиса намоянд. Майдони донишҳои идрокии писарон ва духтарон гуногун аст. Худфаъолиятӣ ва идроки онҳо рушд мекунад. Кӯшишҳои онҳо ба хотири азхудкунии донишҳои нав тақвият меёбад. Муносибати нави масъулиятнок нисбат ба таҳсил дар онҳо инкишоф меёбад. Шогирдони синфҳои болоиро фан ва курсҳое ба худ ҷалб менамоянд, ки онҳо тавассути ин фанҳо фаъолиятҳои омӯзишии хешро бештар мешиносанд ва худро бештар мустақил эҳсос мекунанд. Дар ин шароит нақши омӯзгор, роҳбалад ва роҳнамун ҳангоми интихоби стратегияи зиндагӣ меафзояд.

Инчунин, дар ин давра симои зоҳирии ҷавонмардон нақши муҳимро мебозад. Аз духтарон бошад, сарчашмаи нигаронию нороҳатӣ, хусусиятҳои бадан, қад, вазн, пӯст ва амсоли ин низ. Аз ин хотир дар давраи наврасӣ бисёр муҳим аст, ки ба инсон дар заминаи аз бар намудани донишҳо ва ташаккули ҳаёти солим, бавижа истеъмоли дурусти ғизо, гигиенаи шахсӣ, ёд гирифтани маданияти роҳгардӣ ва амсоли ин кумак расонида шавад. Кашфи ҷаҳони ботинии хеш арзишмандтарин дарёфти равонии овони наврасию навҷавонӣ аст. Дарёфти тавони ғӯтавар гаштан ба ботини хеш ва лаззат бурдан аз ҳаводиси он ба ҷавонписарон ва ҷавондухтарон ҷаҳони эҳсосоти ҷадид, зебоии табиат, садоҳо, мусиқиро медиҳад. Кашфи ҷаҳони ботинии хеш, боиси эҳсоси фоҷеаҳои зиёд низ хоҳад шуд. Шогирдони синфҳои болоӣ аз волидон муносибати солимро тақозо мекунанд ва аз ҳама болотар, онҳо хоҳони онанд, ки шахсияти онҳо эътироф гардад, ҳуқуқҳои онҳо эҳтиром шавад. Ҷавонписарону ҷавондухтарон аз худ мустақилият нишон дода, тарзи барои худ муносиби рафторро интихоб менамоянд.

Таҷриба ва таҳқиқот нишон медиҳахд, ки волидони зиёде фарзандҳои хешро ҷиддӣ намегиранд ва онҳоро ҳамчун шахси баркамол эътироф намекунанд ва ба онҳо чун бо ашхоси бо худ баробар суҳбат намекунанд. Дар ин ҳолат дар бисёр маврид дар оилаҳо нофаҳмиҳо ба вуҷуд меоянд, бахусус дар оилаҳое, ки аз усули авторитарии муоширaт истифода мекунанд. Масоили мушобеҳе дар байни шогирдони синфҳои болоӣ ва омӯзгорон пеш меояд. Дар навбати худ, ҷавонон таҷрибаи ҳаётии насли калонсолро кам мегиранд.

Ин ҳолат аз омӯзгорон мавқеияти хуби педагогӣ ва санҷидашударо, ки бар асоси муносиботи субъективӣ ташаккул ёфтааст, талаб мекунад. Ба андешаи мо, барои ташаккули муваффақонаи ин гуна муносибат бояд:

- ҷавонписарон ва ҷавондухтарон ба баррасии ҳамаи масъалаҳои ҳаётӣ дар мактаб ҷалб шаванд;
- калонсолон бояд аз шогирдон иштибоҳоти худро пинҳон накунанд ва тарзи зиндагии хешро идеалӣ напиндоранд. Шогирдон бояд ҳақиқатро донанд, ки ҳар шахс ҳақ дорад иштибоҳ кунад ва метавонад дар ҷиҳатиислоҳи он кумак бубинад. Шогирдони синфҳои болоӣ, бахусус дар ҳолатҳое, ки калонсолон ба онҳо мурожиат мекунанд, муҳиммияти худро эҳё хоҳанд кард.
- Зарур аст шароитҳое эҷод карда шаванд, ки манфиати худро аз манфияти дигарон боло надонанд. Дар чунин шароитҳо хислатҳои муҳимми ахлоқии онҳо, ба монанди масъулиятшиносӣ, ҳозирҷавобӣ, ҳамдардӣ, коллективизм ва амсоли инҳо шакл мегиранд,

муносиботи шогирдони синфҳои болоӣ бо омӯзгорон дар заминаи худогоҳии ахлоқӣ сурат мегирад. Бо таваҷҷуҳ ба он ки рушди ақлонӣ ҳолати дастболоӣ бар дигар он аст, писарону духтарон барои баррасӣ ва дарки бисёре аз масоил, аз қабили некӣ ва бадӣ, адолат ва беқонунӣ, имтиёзнокӣ ва бепринсипӣ, масъулияти шахсӣ ва худшиносӣ омода мешаванд. Ҳамон тавре ки равоншиносон зикр менамоянд, ба шогирдони синфҳои болоии охири қарни XX ва аввали қарни XXI, дар қиёс бо наслҳои қаблӣ хислатҳои ҳушёрии бештар, назари воқеъбинона ба ҳаёт, мустақилияту соҳибихтиёрии бештар хос аст.


**АДАБИЁТ**

1. Лутфуллоев М. Педагогикаи шафқат / М. Лутфуллоев. –Душанбе, 1997.
2. Бехатарӣ ва саломатии кӯдакон дар шароити муосир. Маводҳои илмӣ-амалӣ (22-23 апрели соли 1999). - СПБ., 1999.
3. М. Қосимов. Баъзе роҳҳои пешгирии нашъамандӣ дар байни наврасону ҷавонон (тавсияи методӣ) / М. Қосимов, Ф. Гулмадов. – Душанбе, 2002.
4. Лутфуллоев М. Педагогикаи башар / М. Лутфуллоев. –Душанбе, 2008.
5. Пешгирии инфексияи ВНМО (ВИЧ-инфексия) ва ҷавонон. (дастур барои омӯзгорони мактабҳои олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2010.
6. Ваҳдат. - Марти соли 2012. -№5 (181).
7. Кабаян О.С. Масъалаи ташаккули дониш дар бораи тарзи ҳаёти солим / О.С. Кабаян. - М., 2000. –С. 226 – 230
8. Каптерев П.Ф. Энсиклопедияи тарбияи оилавӣ ва таълим // Вазифаҳо ва асосҳои тарбияи оилавӣ / П.Ф. Каптерев. - СПБ., 1913. -180с
9. Колашник С. А. Саломатӣ – аз тариқи ҷаҳонбинии волеологӣ (гигенаи шахсӣ) / С. А. Колашник // Масъалаҳои педагогикаи волеологӣ (гигиенаи шахсӣ); зери таҳрири В.В.Колбанов. – СПб., 1996. -С. 22 - 24.
10. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ / Ф. Шарифзода. -Душанбе: Ирфон, 2010. -С.314-315.
11. Сакалов Н.В. Роҳҳои ташаккули фарҳанги одоби валеологияи педагогӣ / Н.В. Сакалов; зери таҳрири В.В.Колбанова. – СПБ., 1966. – С.47-49.



**ОМИЛҲОИ БИОЛОГИЮ ИҶТИМОӢ - АСОСИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲАЁТИ СОЛИМ**

Мақолаи мазкур тарғибгари зиндагии солим буда, унсурҳои ҷисми солим, рӯҳу равони солим, маънавиёти ғанӣ ва амали некро дар бар мегирад. Хонанда метавонад ҳангоми мутолиа ва омӯхтани он оиди хусусиятҳои анатомию физиологӣ ва психологию педагогии хонандагони синфҳои болоӣ ва нақши онҳо дар ташаккули тарзи ҳаёти солим маълумот дастрас намояд.

**Калидвожаҳо:** рӯҳ, ҷисм, саломатӣ, тарзи ҳаёт, зиндагӣ, наврасон, ҷавонон, ақли солим, тани солим, муҳит, оила, мактаб, ҷомеа ва ғ.

**СОЦИАЛЬНО-БИОЛОГИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ – ОСНОВА РАЗВИТИЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ**

В данной статье автор говорит о здоровом образе жизни и о таких категориях как: здоровое тело, здоровый дух, богатая духовность, которые включают в себя добрые деяния. Читатель посредством данной статьи может ознакомиться с анатомо- физиологическими психолого-педагогическими свойствами учащихся.

**Ключевые слова:** душа, тело, здоровье, образ жизни, молодежь, здоровый дух, здоровое тело, окружение, семья, школа, общество.

**SOCIAL-BIOLOGICAL FACTORS - A BASE OF THE DEVELOPMENT SOUND LIFESTYLE**

The author in this article tells on healthy mode of life and about such categories as: healthful body, healthful mind, rich spirituality which include kind acting’s. The reader via this article can introduce with anatomic – physiologic and psychologic – pedagogic peculiarities of the students.

**Key words:** soul, body, health, mode of life, youth, healthful mind, healthful body, environment, family, school, society.



**Сведения об авторе*: Қурбонов Ф. А.*** - Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава, кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры педагогики. Телефон: **93-512-00-60.**


# АҲАМИЯТИ ТАРБИЯИ МАЛАКАИ ҶУРЪАТНОКИИ АХЛОҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ


***Саид Ниёзмуҳаммад Саид, Гулмадов Ф.***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**


Ҳар як халқу миллат дорои таъриху фарҳанг ва анъанаҳои ба худ хосси тарбиявӣ мебошанд, ки онҳо дар тарбияи арзишҳои ахлоқии насли наврас нақши калидӣ мебозанд. Бо назардошти ин, насли наврас бояд дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ, гиромидошти анъанаҳои миллӣ, дарки муносибати бошуурона ба меҳнат ва моликияти ҷамъиятӣ ва аз байн бурдани ҳама гуна ахлоқе, ки барои миллати тоҷик бегона аст, тарбия карда шаванд.

Мактаб ва ҷомеа кӯшиш менамояд, ки насли наврас на танҳо маҷмӯи қоида ва меъёрҳои ахлоқиро аз худ кунад, балки мақсад мегузорад, ки насли ҷавон ҳамчун иштирокчии фаъоли сохтмони ҷомеаи нав ва дорои ахлоқи шоиста, фарҳанги баланди маънавӣ ва рафтори хуби намунавӣ ба камол расад.

Заминаи устувори ахлоқии кӯдакон аз оила ибтидо мегирад. Маҳз дар оила кӯдакон дарси одобу ахлоқро аз падару модарон ва шахсони калонсоли оила меомӯзанд. Кӯдакон хеле зирак буда, ба гуфтор, рафтор, фаъолият ва тарзи муошират калонсолон эътибор медиҳанд ва намунаи рафтори калонсолонро дар ҳаёти минбаъдаи худ такрор менамоянд. Волидайн низ бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки барои иҷрои ҳар як рафтори хуби кӯдакон онҳоро рӯҳбаланд намоянд, то ки онҳо минбаъд низ ин ё он кору амалиётро бо боварӣ ва боҷуръатона иҷро намоянд. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин, ки дар тарбияи насли наврас аз овони бачагӣ ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ хеле зарур аст. Ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ раванди тӯлонию мураккаб буда, аз оила ибтидо гирифта, баъдтар дар мактаб такомул меёбад. Ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол аз омӯзгорону волидон роҳбарии оқилонаро талаб карда, тақозо мекунад, ки таълиму тарбияро барои ташаккули шуурнокии ахлоқӣ дар алоқаи зич бо шуурнокии ҷамъиятӣ роҳандозӣ намоянд.

Ҳангоми таҳқиқи масъалаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол, мо таълимоти файласуфон, классикони соҳаи педагогика ва психологияро оид ба мафҳум ва моҳияти ахлоқ, робитаи диалектикии шуури ҷамъиятӣ ва фардро дар ташаккули ахлоқи шахсият ба эътибор гирифтем.

Классикони педагогика моҳияти мафҳуми ахлоқро илман асоснок намуда, мавқеи онро дар рушди шуури ҷамъиятӣ муайян намудаанд. Онҳо дар асарҳои худ исбот намудаанд, ки вобаста ба тараққиёт ва пешравии ҷомеа ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ахлоқ низ тағйир меёбад. Бо ин, онҳо нуқтаи назарро дар бораи тағйирпазир набудани ахлоқ рад намудаанд. Классикони педагогика исбот намудаанд, ки ахлоқ ҳамчун маҳсули муносибати ҷамъиятӣ дониста мешавад.

Мо дар ҷараёни таҳқиқот, нуқтаи назари файласуфонро дар бораи ҳастӣ ва шуури ҷамъиятӣ ба асос гирифтем. Ҳамчунин ба назар гирифта шуд, ки таъмини иштироки бошуурона ва фаъолонаи хонандагон, аз ҷумла мактаббачагони хурдсол, дар ҳаёти ҷомеа воситаи самараноки дар ниҳоди онҳо ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ мебошад.

Масъалаи асосиву калидӣ дар ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагон, ин ягонагии кору амал ба ҳисоб меравад. Мо ҳар қадаре ки дар бораи меҳрубонӣ, ғамхору дилсӯз будан сухан ронда, расмиятчигию сангдилиро маҳкум намоем ҳам, агар дар муассисаву корхона, кӯчаву бозор ва мағоза кӯдак муносибати дағалонаро дучор шавад, пас ин ҳама кӯшиши мо ба боди фано хоҳанд рафт. Дар раванди омӯзиши масъалаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол мо ба таҳқиқоти файласуфон-этикҳо, ки хусусиятҳои хосси тарбияи ахлоқӣ, мақсад ва роҳу воситаҳои ташаккули он, мафҳуму мундариҷаи тарбияи ахлоқиро таҳлилу баррасӣ намудаанд, такя намудем.

Файласуф А.И. Титаренко моҳият ва вазифаҳои ахлоқро муайян намуда, қайд менамояд, ки «ахлоқ барои инсон нақши ивазнашавандаи қутбнамои (компас)-и рафторро иҷро менамояд, ки имкон медиҳад шахс ба таври самаранок мавқеи худро дар ҳаёти ҷамъиятӣ, муҳити иҷтимоӣ- фарҳангӣ, раванди арзишҳои иҷтимоӣ муайян намояд”.

Файласуфон робитаи байни ахлоқ ва ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омаданд, ки шуури ҷамъиятӣ ҳастии ҷамъиятиро муайян месозад. «Дар робита ба ин дар маркази диққат на робитаҳое қарор доранд, ки аз ҳастии ҷамъиятӣ ба шуури ҷамъиятӣ равона карда шудаанд, балки ҳамон робитаҳои мутақобилаи аз шуури ахлоқӣ ба ҳастӣ ва ба ҷомеа нигаронидашуда қарор доранд» [11, 35]. Тавре файласуфон қайд менамоянд, маънавиёт «Аввалан, бо дониш на ба он маънӣ алоқамандӣ дорад, ки ба муносибати инсон ва фарҳанги маънавии ӯ таъсир мерасонад, балки ба ин маънст, ки аксар вақт меъёрҳои ахлоқӣ шакли муайянро гирифта, пурқувват мешаванд ва то андозае таъсири донишҳои назариявии одамонро (ба илмҳои табиӣ, илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ) оид ба ҳақиқати воқеӣ меозмоянд» [11, 55-56]. Аз нигоҳи мо, чунин тарзи муайян намудани мафҳуми ахлоқ барои таҳқиқоти масоили тарбияи ахлоқии мактаббачагон хеле муҳим мебошад.

Идеяи ташаккули рафтори ахлоқӣ дар таҳқиқотҳои педагогҳои машҳур А.С. Макаренко, Н.К. Крупская ва В.А. Сухомлинский амиқ таҳлил гардидааст. Онҳо бар он ақида буданд, ки тасаввуротҳои ахлоқии аз тарафи хонандагон азхудкардашуда дар сурате дар рафторҳои амалии онҳо татбиқ мегарданд, ки агар мактаббачагон маънӣ ва мафҳуми аслии рафторҳои ахлоқиро дарк намоянд.

Н.К. Крупская менависад: «Одаме, ки кору амалаш аз якдигар фарқ мекунад, ба ҳеҷ дарде даво шуда наметавонад. Вай ба осонӣ ба доми шахси разил афтида, ба коре хиёнат мекунад, ки барои он мубориза бурда истодааст» [7, 681]. Н.К. Крупская таъкид менамояд, ки дар хонандагон бояд чунин маҳоратеро тарбия намоем, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаашон тарзи рафтори дурустро на дар сухан, балки дар амал интихоб намоянд.

Масъалаи ташаккули рафтори ахлоқии мактаббачагон дар мақола ва асарҳои педагоги барҷаста А.С. Макаренко ҳаматарафа асоснок карда шудааст. Ӯ барномаи комили назарияи ахлокро кор карда баромада, онро дар ҷаласаҳои умумӣ ба самъи тарбиятгирандагони худ мерасонид. Барои амалӣ намудани ин барнома омӯзгоронро зарур аст, ки доир ба мақсади тарбияи ахлоқӣ тасаввуроти комил дошта бошанд, таъкид менамуд А.С. Макаренко. Бинобар ин, дар тадқиқотҳои илмии А.С. Макаренко назарияи ахлоқ, шарҳу эзоҳи усулҳои ахлоқ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. «Ман дар хотир дорам, ки баъди як суҳбат дар мавзӯи ахлоқ чи тавр зуд ва бо хушнудӣ коллективи ман дар баъзе ҳолату вазъиятҳо ба вуҷуд меомад. Як қатор суҳбат ва силсиласуҳбатҳо дар мавзӯи ахлоқ миёни коллективи ман муҳити солими фалсафиро ба миён меовард», менависад А.С. Макаренко [8, 142].

Махсусан, А.С. Макаренко дар бораи тарбияи ягонагии тасаввуротҳои ахлоқӣ ва рафтор фикрҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст. А.С. Макаренко такрор ба такрор қайд менамуд, ки дониши ба кору фаъолияти воқеӣ алоқамандӣ надошта, асоси фаъолият шуда наметавонад. Ягонагии эътиқоди ахлоқӣ ва рафторҳои ахлоқӣ, ба ақидаи А.С. Макаренко, дар тарзи рафтори тарбиятгарон инъикос меёбад, яъне ҳангоми дар танҳоӣ қарор доштан, наврас бояд ягон рафтори хуби «махфиёна» зоҳир намояд. Ӯ чунин менависад: «Мо бояд дар мактабҳо чунин ашхосеро тарбия намоем, ки ҳар кадоми онҳо аъзои фаъоли ҷомеа бошанд, дар тамоми лаҳзаҳои ҳаёти худ меъёрҳои дурусти рафторҳои ахлоқиро интихоб намоянд ва дар навбати худ қобилияти аз дигарон талаб намудани чунин рафтору муносибати дурустро дошта бошанд» [9, 142].

В.А. Сухомлинский чунин меҳисобад, ки рафторҳои ахлоқӣ, ақида ва ҳиссиётҳои ахлоқӣ, пеш аз ҳама, дар меҳнат, мубориза ва дар кору фаъолияти воқеии ҳаррӯза ба миён меоянд. Ӯ ба далелҳои дақиқу равшан такя намуда, роҳу воситаҳои ба даст овардани ягонагии қавлу амалро, ки дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии кӯдакон аҳамияти муҳим доранд, нишон додааст. Дар асоси далелҳои дақиқу равшан исбот намудааст, ки роҳи ташаккули ягонагии донишу рафторҳои ахлоқӣ тавассути одатҳои ахлоқӣ ва шуури ахлоқӣ сурат мегиранд. Ӯ тасдиқ менамояд, ки асоси шуури ахлоқӣ дар давраи бачагӣ ва наврасӣ гузошта мешавад. «Маҳз дар хурдсолӣ, ки қалб пур аз таъсири эҳсосот аст, мо метавонем дар назди кӯдакон меъёрҳои ахлоқии умумибашариро возеҳу равшан кушода, алифбои ахлоқро омӯзонем» [14, 160]. Педагоги боистеъдод маҳз ҳамон меъёрҳои асосии ахлоқро нишон додааст, ки онҳо барои наврасон ҳамчун алифбои ахлоқ ва мактаби ибтидоии шаҳрвандӣ хизмат менамоянд [14, 162-165].

Масъалаи ташаккули ягонагии шуурнокии ахлоқӣ ва рафтори хонандагон, ки ҳамчун заминаи асосии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон ба ҳисоб мераванд, ҳанӯз солҳои 50-ум ва 60-уми асри гузашта аз ҷониби равоншиносону педагогҳо тадқиқ карда мешуд. Равоншиносон ва педагогҳо масоили мухталифи ташаккули шуурнокии ахлоқӣ ва рафтори хонандагон, роҳу воситаҳои расидан ба ин мақсадро таҳлилу баррасӣ намудаанд.

Дар ин давра равоншиносону педагогҳо Л.И. Божович, М.П. Гусак, В.А. Крутетский, А.Л. Малиованов, Т.В. Рубсова, О.И. Рута ва дигарон алоқаи зич ва мутақобила доштани мафҳумҳои рафтори ахлоқӣ ва эътиқоди ахлоқии хонандагони синну соли гуногунро илман асоснок намудаанд. Онҳо қонуният ва марҳилаҳои рушду инкишофи эътиқоди маънавии хонандагонро муайян намуда, мулоҳизаронихои номукаммали мактаббачагони хурдсолро ҳангоми аз худ намудани мафҳумҳои ахлоқӣ таъкид намудаанд. Натиҷаи тадқиқотҳои онҳо ба хулосае меорад, ки эътиқоди ахлоқии хонандагон асосан дар синну соли миёнаи мактабӣ зуҳур ёфта, дар синфҳои болоӣ комилан ба поён мерасад. Дар баробари ин, олимони соҳа қайд намудаанд, ки сарчашмаҳои ибтидоии асосҳои раванди ташаккули ягонагии донишу рафторҳои ахлоқӣ мумкин аст дар синну соли хурди мактабӣ низ зуҳур ёбанд. Дар солҳои 80-уми асри гузашта низ олимон омӯзиши проблемаи ташаккули шуурнокии ахлоқӣ ва рафтори хонандагонро давом дода, масъалаҳои мухталифи он аз ҷониби онҳо татқиқ карда шудааст. Дар рисолаҳои илмии Н.Н. Абрамова, Н.В. Василева, В.Н. Поляков, И.Г. Юргена ва дигарон раванди ташаккули ягонагии донишу рафторҳои ахлоқии мактаббачагони синну соли гуногунро, ки шарти муҳимми ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагон ба ҳисоб меравад, равшан таҳлил кардаанд.

Дар рисолаҳои доктории О.С. Богданова, Е.В. Бондаревская, М.Г. Казакина ва В.И. Петрова асосҳои методологӣ ва илмӣ-назариявии ташаккули ягонагии шуурнокии ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синну соли миёна, калон ва хурди мактабӣ илман асоснок карда шудааст.

Таҳлили асарҳои илмии олимон ба мо имконият дод, ки дар самти ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол се нуктаи назарро ба ҳисоб гирем:

– таносуби донишҳои ахлоқию рафтори хонандагон, вазифаҳои донишҳои ахлоқӣ дар рафтору фаъолияти ҳаррӯзаи мактаббачагон (Б. Ваҳобҷонов, Н.Н. Абрамова);

– ташаккули дониш ва рафторҳои ахлоқии хонандагон дар ҷараёни таълим (Н.В. Василева);

– ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши ташаккул додани донишҳои ахлоқӣ ва рафторҳои ахлоқии хонандагон (О.С. Богданова, Е.Е. Бондаревская, М.В. Кабатченко, В.И. Петрова, В.Н. Поляков).

Бо назардошти ин, масъалаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейю гимназияҳои ноҳияи Данғара аз ҷониби мо ба таври равшан таҳлилу таҷзия шудааст. Хулоса ва таҳлили таҷрибаи педагогии бадастомада ба мо имконият фароҳам овард, ки хусусиятҳои хосси ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро дақиқу равшан намоем ва дастоварду камбудиҳоро дар кори тарбиявии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ошкор созем. Илова бар ин, дар рафти тадқиқот муайян карда шуд, ки ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар инкишофи минбаъдаи шахсияти онҳо мавқеи муҳимро касб менамояд.

Барои муайян намудани ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол, аз тарафи мо барномаи махсуси мушоҳида тартиб дода шуда, ҳамчунин маҷмӯи усулҳои ташхисӣ кор карда баромада шуданд. Барномаи мушоҳида ва усули ташхис барои ба даст овардани чунин маълумотҳо равона карда шудааст:

1. Тавсифи фаъолияти омӯзгорон ҷиҳати ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

2. Баҳои воқеӣ додан ба фаъолияти омӯзгорон ҳангоми гузаронидани суҳбатҳои ахлоқӣ дар асоси мавзӯъҳои махсуси коркардашуда дар синфҳои озмоишӣ ва муқаррарӣ.

3. Мундариҷаи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол: мазмуни дараҷаи ибтидоии малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ва тавсифи тағйирёбии онҳо вобаста ба гузаронидани суҳбатҳои ахлоқии ҷамъбастӣ.

4. Муваффақиятҳо дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол.

Дар натиҷаи суҳбат ва гузаронидани пурсишномаҳо мо тасаввурот ва дарки омӯзгоронро роҷеъ ба низоми тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол муайян намуда, ҳамзамон андешаҳои онҳоро дар бораи ин ё он усулҳои таъсирбахш ва судманди ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аниқ намудем. Инчунин муайян намудем, ки то кадом андоза омӯзгорон хусусиятҳои фардӣ ва синнусолии хонандагонро ҳангоми ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба ҳисоб мегиранд. Пурсишномаи омӯзгорон чунин саволҳоро дар бар гирифта буд:

– Шумо, пеш аз ҳама, кадом сифатҳои ахлоқиро дар мактаббачагони хурдсол тарбия кардан мехоҳед?

– Кадом роҳу усулҳоро истифода менамоед, то ки рафтори хонандагон аз донишҳои ахлоқии азхудкардаашон фарқ накунад?

– Дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол кадом душвориҳоро эҳсос менамоед?

– Барои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз кадом маводи равоншиносиву педагогӣ истифода мебаред?

Натиҷаи гузаронидани суҳбат ва пурсишномаҳо нишон дод, ки бештари омӯзгорон ҷиҳати ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз усулҳои мухталиф, ба монанди гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ ва коллективона истифода мебаранд. Дар ҷавобҳои омӯзгорон усули хеле муфид, яъне ба вуҷуд овардани вазъиятҳои махсуси тарбиявии педагогӣ зикр карда нашуд. Инчунин, дар ҷавоби омӯзгорон ҷалб намудани хонандагон ба фаъолияти гуногуни коллективона, мавқеи супоришҳои ҷамъиятӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо ба сифатҳои ахлоқии хонандагон ба назар нарасид.

Ба саволи «Дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ кадом душвориро эҳсос менамоед?», 50%-и пурсидашудагон дар рафтору кирдори худ бошуурона рафтор накардани хонандагонро мисол оварданд. Қариб 40%-и омӯзгорон дар риояи қоидаҳои ахлоқӣ беҷуръатии хонандагонро далел оварданд. 10%-и омӯзгорон ба пайдо шудани одатҳои манфӣ дар рафтори хонандагон ишора намудаанд.

Ғайр аз ин, маълум карда шуд, ки омӯзгорон бо гузаронидани чорабиниҳои анъанавӣ, ба монанди «Иди Алифбо», омодагӣ барои ба сафи созмони «Ахтарон» дохил шудан, иштирок дар маҳфилҳои бадеию худфаъолиятӣ ва ғайра фаъолияти корҳои тарбиявиро маҳдуд месозанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаи гузаронидани суҳбат ва пурсишномаҳо дар байни омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имкон дод, то камбудиҳои маъмул дар ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дақиқу равшан карда шаванд. Аз нигоҳи мо, баъзе камбудиҳо дар ин ҷода ба он вобаста мебошанд, ки аз ҷониби омӯзгорон хусусиятҳои фардӣ ва махсуси синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Камбудиҳои зикршуда боз аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки қисми бештари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имкониятҳои тарбиявии ҷараёни таълимро ба эътибор намегиранд. Ба ҷанбаи дидактикии дарс аҳамияти бештар дода, ба ҷанбаи тарбиявии он кам аҳамият медиҳанд.

Камбудиву норасоиҳо дар кори амалии омӯзгорон инчунин дар дуруст истифода набурдани вазифаҳои тарбияи маърифати ахлоқии хонандагон ба назар мерасад. Чунончи, ҷиҳати ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол суҳбатҳо оиди ахлоқ мунтазам гузаронида намешаванд, ки ин ба дур шудан аз масъалаҳои ахлоқӣ оварда мерасонад. Масъалаи дигар ин аст, ки дар суҳбатҳои ахлоқӣ масъалаҳои нозуки одобу ахлоқ дар робита бо масоили ҳаррӯзаи ҳаёти воқеӣ возеҳу равшан шарҳ дода намешаванд. Камбудии дигар боз дар он зоҳир гардид, ки омӯзгорон тарбиягирандагонро ба кору фаъолияти ҷамъиятӣ, фаъолияти коллективона ҷалб наменамоянд. Ҳол он ки хонандагон метавонанд дар коллектив маҳорат ва малакаи донишҳои хешро ҷиҳати меъёрҳои ахлоқ ва интихоби дурусти рафтор афзун намоянд. Баъзе омӯзгорон дар алоқаву муносибати тарафайн қарор доштан бо волидони хонандагонро сарфи назар менамоянд.

Барои дақиқу равшан намудани сатҳи самаранокии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол моро лозим омад, ки хулқу рафтори хонандагонро дар лаҳзаҳои дарс, берун аз дарс ва инчунин ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои гуногуни тарбиявӣ таҳлилу баррасӣ намоем. Ҳамзамон, бо хонандагон суҳбатҳои мазмуни мухталиф дошта гузаронида шуд. Барои чунин суҳбатҳо 2 гурӯҳи саволномаҳо пешниҳод гардид. Дар гурӯҳи якум саволҳо чунин пешниҳод шуда буданд, ки хонандагон бояд ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати дӯстон ва ҳамсабақони худро арзёбӣ менамуданд.

Гурӯҳи дуюми саволҳо бо мақсади муайян намудани муносибати хонандагон ба фаъолияти коллективона ва сабабу омилҳои иштироки онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ пешниҳод шуда буд. Ғайр аз ин, ба ин гурӯҳи саволҳо масъалаи ҳангоми иҷрои корҳои ҷамъиятӣ дар хонандагон ташаккул додани маҳорату малакаи боҷуръатона ёрӣ расонидан ба рафиқон шомил карда шуд. Дар саволу ҷавоб 250 нафар хонандагон иштирок доштанд.

Таҳлилу баррасиҳои ҷавобҳои хонандагон нишон дод, ки мактаббачагони хурдсол дар бораи баъзе аз қоидаву меъёрҳои ахлоқӣ тасаввурот дошта, рафторҳои мусбиву манфии рафиқони худро арзёбӣ менамоянд. Дар баробари ин, маҳдуд будани таҷрибаи ҳаётӣ, беҷуръатӣ ба онҳо имкон намедиҳад, ки донишҳои ахлоқии азхудкардашударо дар вазъиятҳои гуногун истифода бурда, рафтори рафиқони худро воқеӣ арзёбӣ намоянд. Ин ҳолат махсусан ба хонандагони синфи якум хос аст, ки онҳо дар арзёбӣ намудани хусусиятҳои рафтори рафиқони хеш дар ин ё он вазъияту ҳолати муайян беҷуръатӣ менамоянд.

Барои мисол мо фикру андешаи хонандагони синфи якуми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами №2-и ноҳияи Данғаро дар бораи ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ меорем. Барои фаҳмидани андешаҳои хонандагон дар бораи ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ вазъияти тарбиявии шифоҳӣ интихоб ва истифода бурда шуд. Мазмуни ҳикоя аз ҷониби омӯзгор то охир хонда нашуд ва ин ба хонандагон имкон дод, ки фикру мулоҳизаҳои худро иброз намуда, андешаҳои гуногуни шахсии хешро ифшо намоянд. Мазмуни ҳикоя чунин буд:

Дар кӯча чор нафар дӯстон мерафтанд: Бахтиёр, Ҳалим, Фарҳод ва Искандар. Дар дасти Бахтиёр тӯб буд. Онҳо ба назди ҳавлии Бахтиёрино мерасанд. Бахтиёр ба ҷӯраҳояш мегӯяд:

-Ман ҳозир тӯбро монда меоям. Вай ба ҳавлӣ даромада, тӯбро мегузорад ва ба модараш мегӯяд, ки ман ба назди ҷӯраҳоям меравам. Онҳо маро интизоранд.

-Дар набудани ту ба мо ҳезум оварданд, - мегӯяд модар, - онро то бегоҳ ба ҳезумхона кашонидан лозим. Бахтиёр назди рафиқонаш баромада, хоҳиши модарашро мегӯяд.

-А-а-а - мад кашида мегӯяд Ҳалим.

-Ҳамин хел мегуфтӣ, ки кор дорӣ. Мо туро дер боз интизор шудем, танҳо вақтамон беҳуда рафт, - норозиёна гуфт Фарҳод.

-Ҳамеша ту ягон коре дорӣ, - гуфт Ҳалим.

-Охир ҳезумро ҳозир овардаанд, ман хабар надоштам, - худро сафед карданӣ шуда, мегӯяд Бахтиёр ва ба ҳавлӣ рафтанӣ мешавад…

Омӯзгор каме ором шуда, аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки давоми ин ҳикояро ба охир расонида, доир ба ин масъала андешаи худро иброз намоянд.

Таҳлили ҷавобҳо нишон дод, ки 45%-и хонандагон иброз намуданд, ки аввал бояд Бахтиёр бо рафиқонаш бозӣ мекард, баъд ба модараш ёрӣ мерасонд. Агар ӯ ин корро то бегоҳ анҷом дода наметавонист, пас, пагоҳ онро ба охир мерасонд. 38%-и хонандагон иброз намуданд, ки ҳезумро бояд худи Бахтиёр мекашонд. Танҳо 17%-и хонандагон ҷавоб доданд, ки Бахтиёр ҳезумро танҳо худаш кашонида наметавонист, аз ин рӯ бояд дӯстонаш ба ӯ кумак менамуданд.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон дод, ки қисми ками хонандагон мафҳуми ёрии рафиқонаи байниҳамдигариро дарк намуданд. Ин далел гувоҳи он аст, ки хонандагон аксар вақт тибқи дидаву шунидаашон рафтор менамоянд, зеро онҳо дар таҷрибаи ҳаётии худ ҳанӯз ба чунин ҳолат дучор нашудаанд. Ё худ дар кӯдакон ҳанӯз малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул наёфтааст. Маълум аст, ки малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар сурате дар мактаббачагони хурдсол ба зудӣ ташаккул меёбад, ки агар онҳо пештар айнан ин ҳолатро дар ҳаёти худ дида ва аз сар гузаронида бошанд.

Ҳаминро ба назар гирифта, мо кӯшиш ба харҷ додем, ки дар байни мактаббачагони хурдсол корҳои тарбиявӣ тавре ба роҳ монда шавад, ки онҳо на танҳо рафторҳои дурусту нодурусти рафиқони худро бо чашми сар бубинанду дарк намоянд, балки рафторҳои онҳоро аз нуқтаи назари меъёрҳои ахлоқӣ боҷуръатона арзёбӣ намуда, дар ин замина донишҳои ахлоқиашонро такмил диҳанд. «Донишҳои ахлоқӣ барои хонанда дар сурате аҳамияти хуб пайдо менамоянд, ки агар ӯ ин ё он ҳодисаро дарк ва таҳлил карда тавонад. Танҳо донишҳои ахлоқии таҳлилу ҷамъбасткардашуда ва аз сар гузаронидашуда ба эътиқоди ахлоқӣ табдил ёфта метавонанд» [10, 123].

Муқоисаи ҷавобҳои хонандагон бо рафтори амалии онҳо нишон дод, ки бештари онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок менамоянд, вале қисме аз онҳо кори саркардашударо ба охир нарасонида, ба рафиқони худ ёрӣ намерасонанд. Дар иҷрои супоришҳо ё беҷуръатӣ менамоянд ё масъулият зоҳир наменамоянд. Дар байни онҳо хонандагоне низ ҳастанд, ки дар корҳои ҷамъиятӣ, умуман, ширкат намеварзанд ва мафҳуми кори коллективонаро дарк намекунанд.

Корҳои ҷамъиятӣ, ки аз рӯйи мафҳум ва моҳияти худ мухталиф буданд, қобилияти иштирок кардан дар ин ё он кори коллективӣ барои дар ниҳоди хонандагон ба вуҷуд овардани донишу рафторҳои ахлоқӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд. Кӯдакон дар амалия ба чунин хулосае меоянд, ки адолатнокӣ дар коллектив дар он зоҳир мегардад, ки хонандаи нисбатан тавоно кори душвору мураккаберо боҷуръатона бояд ба уҳдаи худ бигирад.

Ҳамин тариқ, ғанӣ гардидани тасаввуроти ахлоқӣ дар худи таҷрибаи ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон ба амал меояд ва баръакс, агар суҳбатҳои ахлоқӣ ба ташкили кори коллективона нигаронида шуда бошанд ва омӯзгор қонуни одилонаи тақсими кор ва тарзи дӯстонаи иҷрои онро дар коллектив шарҳу эзоҳ диҳад, ин ба хонандагон чунин донише медиҳад, ки минбаъд дар рафтори худ интихоби дурусту оқилона намоянд.

Аҳамияти дарки шуурнокии меъёрҳои ахлоқӣ барои он хеле муҳим аст, ки онҳо тасаввуроти хонандагонро дар бораи қоида, меъёр ва усулҳои ахлоқи шоиста боз ҳам бою ғанӣ мегардонанд. Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз худ намудани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ дар интихоби боҷуръатонаи рафтори ахлоқӣ ёрии калон мерасонад.

Донишҳои ахлоқие, ки мактаббачагони хурдсол аз худ мекунанд, дар онҳо маҳорату малакаи дарки сабабҳои рафтор, маҳорати ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ баҳои ахлоқӣ дода тавонистанро ташаккул медиҳад. Ҳамчунин, донишҳои ахлоқии бошуурона азхудкардашуда дар мактаббачагони хурдсол худбаҳодиҳии рафтори худ ва муносибат дар коллективро ташаккул медиҳанд. Донишҳои ахлоқӣ ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки оқибати рафторҳои худро дар ин ё он вазъияту ҳолати баамаломада равшан дарк намоянд, дар интихоби рафтори шоиста боҷуръатӣ зоҳир намоянд.

Дар робита ба ин масъала, дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ масъалаи тарбияи маърифати ахлоқӣ, ки воситаи тавонои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ ба ҳисоб меравад, тавассути истифода намудани шаклҳои мухталифи он ҳангоми дарс ва берун аз дарс ба миён меояд. Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи педагогӣ дар баъзе мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Данғара нишон дод, ки усулҳои содаву зоҳирпарастӣ дар масъалаи гузаронидани суҳбатҳои ахлоқӣ вуҷуд дорад. Масалан, аз қабили насиҳатомезӣ, нокифоягии далелҳои овардашуда ҳангоми суҳбатҳо; фосила дар таҷрибаи ҳаётии худи кӯдакон; набудани шарҳу эзоҳи дақиқи мафҳуми шуури ахлоқӣ бо назардошти синну соли кӯдакон ва ғайра. Дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол як қатор алоқамандиҳои гурӯҳӣ ҷой доранд. Масалан, донишҳои ахлоқӣ ба қабули тарзи дурусти қарор дар ин ё он ҳолату вазъияти муайян мусоидат менамоянд. Донишҳои ахлоқӣ ҳамон вақт устувор ҳисобида мешаванд, ки агар худи кӯдакон саъю кӯшиш намуда, онҳоро дар рафтору кирдорҳои ҳаррӯзаи худ боҷуръатона дар амал татбиқ намоянд. Танҳо дар ин сурат аз худ намудани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти ҳаётӣ пайдо менамояд. Дар ин маврид, ба эътибор гирифтани чунин талаботҳои педагогӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд:

– кӯшиши такмил додани рафтори худ тибқи қоида ва меъёрҳои ахлоқии муқарраршуда;

– иҷрои қоидаҳои умумиқабулшудаи рафтор;

–ба муқобили рафторҳои ғайриахлоқӣ ва вайронкунандагони меъёрҳои рафтор зид баромадан;

– хоҳиши ҳамкорӣ намудан бо рафиқон дар ҷараёни фаъолияти якҷоя, ғамхорӣ дар бораи рафиқон, хоҳиши ба онҳо ёрӣ расонидан;

– арзёбӣ ва назорати рафтори худ баъди иҷрои ин ё он амалу рафтор.

Ҳамин тавр, дар асоси аз нуқтаи назари танқидӣ ба рафтори худ баҳо додан, дар мактаббачагони хурдсол худогоҳӣ, боҷуръатӣ ташаккул ёфта, талаботи такмил додани рафтор ба миён меояд. Ин, дар навбати худ, ба онҳо имконият медиҳад, ки сабаби хатоҳои содиркардаи худро ошкор намуда, минбаъд онҳоро ислоҳ намоянд.

Ҳамзамон, бисёр муҳим аст, ки хонандагон аз худ намудани меъёр ва қоидаҳои ахлоқро на танҳо дар ин ё он лаҳзаи муайян истифода намоянд, балки онҳоро дар оянда низ мавриди истифода қарор диҳанд. Дар охир муайян кардан лозим аст, ки кӯдакон

донишҳои ахлоқии азхудкардашудаиро дар рафторҳои амалии худ чи гуна истифода мебаранд. Барои чӣ бидуни аз худ намудани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ ба вуҷуд овардани сифатҳои ахлоқӣ мумкин нест.

Дар робита ба ин масъала зарурати ба як низоми муайян даровардани донишҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол пеш меояд. Бинобар ин, аз худ намудани донишҳои ахлоқӣ воситаи ниҳоят муҳим дар ба вуҷуд овардани ахлоқи шоистаи мактаббачагони хурдсол ба шумор меравад. Аз ҳама муҳимтар, табдили ин гуна донишҳои ахлоқӣ ба эътиқоди шахсии хонандагон ба ҳисоб меравад, яъне истифодаи онҳо дар рафтори ҳаррӯзаи хонандагон, ки ин шарти асосии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол мебошад.

Дар рафти таҳлилу омӯзиши масъалаи мазкур мо сабабу омилҳои ихтилофи байни донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсолро муайян намудем: сатҳи аз худ намудани донишу рафторҳои ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагони хурдсол; беҷуръатӣ дар содир намудани рафтори дурусти ахлоқӣ дар ин ё он лаҳзаи муайян; дар ҷараёни таълиму тарбия пурра ҷалб накардани ҳамаи кӯдакон ба корҳои мухталифи коллективона, ки ин то андозае ба риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ оварда мерасонад; аз ҷониби калонсолон риоя нагардидани ягонагии қавлу амал.

## АДАБИЁТ


1. Абрамова Н.Н. Формирование нравственных знаний у учащихся 4-5 классов при изучении художественной литературы: автореф дис. … канд. пед. наук / Н.Н. Абрамова. -Л.,1978. - 28 с.
2. Богданова О.С. Ситуация выбора в нравственном развитии младшего школьника / О.С. Богданова, В.И. Петрова // Советская педагогика. -1983. - №5. - С. 88-89.
3. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте / Л.И. Божович. -М.: Просвещение, 1968. - 464 с.
4. Бондаревская Е.В. Формирование нравственного сознания старших школьников: автореф. дис. … д-ра пед. наук / Е.В. Бондаревская. -Л.,1980. -39 с.
5. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол / Ф. Гулмадов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 174 – 184.
6. Крупская Н. К. Научимся работать по настоящему / Н. К. Крупская //Пед. соч.: В 10- ти т. -Т.3. -М.: Издательство АПН РСФСР, 1959.-С.426-427.
7. Макаренко А.С. Методика организации воспитательного процесса / А.С. Макаренко // пед. соч. в 8-ми т. Т.1. – М.: Педагогика, 1983. – С. 267 – 329.
8. Макаренко А.С. Пед. соч. в 8-ми т. Т. 4/ А.С. Макаренко. -М.: Педагогика, 1984. -С. 41-375.
9. Мареьнко И.С. Основы процесса нравственного воспитания школьников: учеб. пособие для студентов пед. ин-тов. / И.С. Мареьнко. -М.: Просвещение, 1980. -183 с.
10. Мораль и этическая теория / под ред. О.П. Целиковой.-М.: Изд.-во Наука, 1974. - 295 с.
11. Рута О.И. Основы методики формирования нравственных убеждений у учащихся общеобразовательной школы / О.И. Рута. - Красноярск, 1959. - 463 с.
12 .Сухомлинский В.А. Избр. пед. соч., в 3-х т. Т.3 / В.А. Сухомлинский. – М.: Педагогика, 1981. –640 с.
13. Титаренко А.И. Структура нравственного сознания. Опыт этико-филос. Исследования / А.И. Титаренко. - М.: Мысль, 1974.- 287 с.


## АҲАМИЯТИ ТАРБИЯИ МАЛАКАИ ҶУРЪАТНОКИИ АХЛОҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ


Дар мақолаи мазкур асосҳои педагогии тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ – ахлоқии хонандагони синни хурди мактабӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Сабабҳои беҷуръатии хонандагони синни хурди мактабӣ ҳангоми иҷрои рафторҳои ахлоқӣ ошкор карда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки аз сабаби маҳдудияти таҷрибаи ҳаётӣ ва беҷуръатӣ хонандагони синни хурди мактабӣ рафторҳои ахлоқӣ содир карда наметавонанд.



**Калидвожаҳо**: хонандагони синни хурди мактабӣ, ҷуръатнокии ахлоқӣ, боҷуръатӣ , қоида ва меъёрҳои маънавиёт.


## ЗНАЧЕНИЕ ВОСПИТАНИЯ НАВЫКОВ НРАВСТВЕННОЙ СМЕЛОСТИ В ФОРМИРОВАНИИ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


В данной статье рассматриваются педагогические основы воспитания нравственной смелости в формировании духовно-нравственных ценностей младших школьников. Раскрывается причины нерешительности младших школьников при выпольнении нравственных поступков. Показано, что из-за ограниченности жизненного опыта и нерешительности младшие школьники не могут выпольнят нравственные поступки



**Ключевые слова**: младшие школьники, нравственная смелость, решительность, правила и нормы нравственности.


## THE VALUE OF NURTURING THE SKILLS OF MORAL COURAGE IN THE FORMATION OF SPIRITUAL AND MORAL VALUES OF JUNIOR SCHOOLCHILDREN


This article discusses the pedagogical foundations of education moral courage in shaping the moral values of Junior schoolchildren. Reveals the causes of indecision younger students when performing moral actions. It is shown that owing to limited life experience and the indecision of the younger students are unable vypolnyat moral acts



**Key words:** Junior schoolchildren, moral courage, determination, rules, and norms of morality.



**Сведения об авторе:** ***Саид Ниёзмухаммад Саид*** - Институт развития образовани им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, соискатель Теефон: **937979000**

***Гулмадов Ф.* –** Академия образования Таджикистана, доктор педагогических наук, заведующий отделом


# АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГИИ МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ

# ДАР КОРИ КАСБИНИХОБКУНӢ БО ХОНАНДАГОН

*Қодиров И.*
**Донишгоҳи давлатии Қурғониеппа ба номи Носири Хусрав**

Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар шароити кунунӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот ба кормандони соҳаи илму маориф зарур аст, ки тамоми дониш, маҳорат ва таҷрибаи худро пурсамар истифода намоянд. Имрӯз вақти он расидааст, ки устодону омӯзгорон ва падару модарон диққати фарзандон, хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои замонавӣ, омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва омӯхтани касбҳои муосир ҷалб намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки муҳим будани масъалаи мазкур боз дар он аён мегардад, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ (22 декабри соли 2016) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин мавзӯъ чунин изҳори ақида кардаанд: «Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем» [1, 25-26].

Дар шароити рушди ҷомеаи муосир, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи интихоби касби хонандагон дар деҳот ҳоло ҳам ба талабот пурра ҷавобгӯ намебошад. Бинобар ин, масъалаи асосҳои педагогӣ-психологии муносибати инфиродӣ дар кори касбинтихобкунии хонандагон метавонад дар ин раванд таъсири мусбии худро расонад. Дар ин раванд, яке аз нақшаҳои асосиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кабинети касбинтихобкунӣ мебозад. Чунки маҳз дар кабинетҳои касбинтихобкунӣ барои ташкил карда гузаронидани корҳои инфиродӣ бо хонандагон шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Яке аз вазифаҳои асосии кабинети касбинтихобкунӣ кори инфиродӣ бо мактаббачагон аз рӯйи масъалаҳои интихоби касб мебошад. Роҳбари кабинети касбинтихобкунӣ кори мазкурро дар робитаи зич бо роҳбарони синфҳо, муаллимони фаннӣ, волидайн, духтури мактаб ба роҳ мемонад. Вазифаи ӯ аз расонидани ёрӣ ба педагогҳо дар омӯзиши шахсияти хонандагон, коркарди тавсияҳо барои муаллимон доир ба роҳҳои фаъолгардонии мактаббачагон дар худмуайянкунии касбӣ, машваратдиҳӣ ба хонандагон дар ҳолатҳои мураккаб, вақте ки роҳбари синф дар додани тавсия ба хонанда дар интихоби касб мушкилӣ мекашад, иборат аст.

Аз рӯйи маълумоти психологҳо, педагогҳо ва ҷомеашиносон муқаррар гаштааст, ки интихоби касб барои наврас ҷараёни мураккабе мебошад, ки дар он сатҳи биологии иҷтимоии шахсият аҳамияти муҳим дорад. Наврас касбро замоне интихоб мекунад, ки шахсияти ӯ ҳоло ташаккул ёфта истодаасту ӯ барои қабули қарори масъул ба таври бояду шояд пурра омода нест. Норасоии донишҳо дар бораи ин ё он касб, инчунин таҷрибаи маҳдуди санҷиши майлу рағабатҳои худ дар ягон фаъолияти касбӣ, дар хонандагон ҳам дар интихоби касб ва ҳам дар татбиқи он мушкилотро ба вуҷуд меоранд.

Аз нуқтаи назари касбинтихобкунӣ мушкилоти давраи наврасӣ дар ҳамин зоҳир мегардад, яъне хонанда бояд мустақилона аввалин бор қарор қабул кунад, аммо аксаран ба он тайёр нест. Бинобар ин, мактаббачагон ба кумаки инфиродии мушовир доир ба масоили касбинтихобкунӣ ниёз дорад. Танҳо дар ҷараёни кори аз ҷиҳати иҷтимоӣ муташаккилонаи инфиродии касбинтихобкунӣ хонанда аз ҷиҳати психологӣ ва педагогӣ ба интихоби бошууронаи касб омода мегардад.

Моҳияти муносибати инфиродии касбинтихобкуниро мо метавонем ба тариқи зайл муайян намоем: 1) такя кардан ба хусусиятҳои инфиродии шахсияти мактаббача, омӯзиши ҳаматарафаи хусусиятҳои хосси ӯ; 2) ба ҳисоб гирифтани робитаи мутақобили инфиродии хонанда ба ин ё он таъсири тарбиявӣ; 3) рушд додани фаъолнокии мактаббача дар доираи омодагӣ ба интихоби асосноки касб бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолӣ.

Омӯзиши ҳаматарафаи шахсияти хонанда кори асосии инфиродӣ мебошад. Аммо барои педагогҳо муайян намудани тамоми маҷмӯи сифатҳои шахсият, ки ба талаботи ин ё он соҳаи фаъолияти касбӣ ҷавобгӯянд, мушкил аст.

Ҷустуҷӯи мутобиқат танҳо дар шароити омӯзиши системавӣ ва давомдори хонандагон бо мақсади касбинтихобкунӣ имконпазир мегардад. Дар ҷараёни машварат педагогҳо майлу рағбат, қобилиятҳои мактаббачагонро омӯхта, инкишоф медиҳанд, дар худомӯзии онҳо кумаки хешро мерасонанд. Омӯзгор ба хонанда дар ҷустуҷӯи касби «худ» роҳбарӣ менамояд. Ба сифати машваратчие, ки кори инфиродиро амалӣ мегардонад, роҳбари синф, муаллимони фаннӣ, роҳбари кабинети касбинтихобкунӣ, вобаста ба он ки хонанда ба кумаки кадоме аз онҳо бештар ниёз дорад, метавонанд хизмат расонанд. Яке аз вазифаҳои роҳбари кабинет, ин ташкил кардани машваратҳо ба ҳисоб меравад.

Муваффақияти кори касбинтихобкунӣ бо хонандагон аксаран аз сатҳи ихтисоси машваратчӣ, яъне донишҳои амиқи ӯ дар бораи асосҳои умумии кори касбинтихобкунӣ дар мактаб, донистани усулҳои ташхиси хусусиятҳои шахсият, маҳорати баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии хонандагон, тартиб додани тавсифномаи инфиродӣ бо

хонандагон, волидайни онҳо, муаллимон, коркарди хулосаҳо доир ба машваратҳои касбӣ вобаста мебошад.

Дар ҷараёни омӯзиши ҳаматарафаи психологӣ-педагогии шахсияти хонанда, ки бояд аз рӯйи барномаи махсус аз солҳои аввали таълими кӯдак дар мактаб амалӣ гардад, якҷоя бо ӯ ёфтани роҳҳои оқилонаи омодагӣ ба интихоби касб зарур аст.

Омӯзиши шихсияти хонандагон тамоми зерсохторҳои онро бояд дар бар гирад (самтнокӣ, қобилиятҳо, хислатҳо, мизоҷ ва ғайра).

Самтнокӣ муносибати шахсиятро ба тарафҳои гуногуни воқеият, хусусиятҳои ахлоқию маънавии он муайян месозад. Он асоси бевоситаи касбӣ надорад. Ин зерсохтор дар ҷараёни тарбия ташаккул меёбад. Он майлу рағбат, ақоид, ниятҳоро дар бар мегирад.

Дар бораи мавҷудияти рағбат ба фаъолияти касбӣ дар хонандагон аз рӯйи самти интихоби ин ё он соҳаи маърифат, ҷиҳати ашё, эҳсосоти мусбии он ба соҳаи муайяни фаъолияти касбӣ баҳо медиҳад.

Зери мафҳуми «майл» муносибати устувори интихобии хонанда, ки дар фаъолияти мушаххаси амалӣ («санҷиши қувва») ифода меёбад, фаҳмида мешавад. Дар бораи онҳо аз рӯйи он ки мактаббача то кадом андоза бо шавқу ҳавас ва бо ташаббуси худ дар фаъолияти таълимӣ корҳои беруназсинфӣ шуғл меварзад, арзёбӣ мекунанд.

Ниятҳои касбӣ чун кӯшишҳои устувори шахсият дар азхудкунии касби мушаххас ва гирифтани маълумоти мувофиқ муайян мегардад.

Зерсохтори дигари шахсият қобилиятҳо мебошанд. Дар психология қобилиятҳо чун хусусиятҳои инфиродӣ-психологии шахсият, шарти сермаҳсули фаъолият дар назар дошта мешавад. Агар фаъолияти хонанда бомуваффақияту суръати азхудкунии донишу малакаҳои нав баланд бошад, пас қобилиятҳо мавҷуданд. Қобилиятҳо дар меҳнат ташаккул меёбанд. Маҷмӯи хусусиятҳои устувори психикии одам, намуди инфиродии таассури психикӣ ба муҳити атроф чун хислат муайян карда мешаванд. Он дар муносибати одам ба худ, одамони дигар, кори супоридашуда, зоҳир меёбад. Хислат сифати ирсии шахсият нест, он дар шароити фаъолияти одамон ташаккул меёбад ва аз тарбия вобастагӣ дорад.

Мизоҷ динамикаи ҷоришавии ҷараёнҳои психикии одам мебошад. Асоси физиологии он - намуди кори олии асаб, ки бо пурқувватӣ ё сустӣ, серҳаракатӣ ё беҳаракатии ҷараёнҳои барангезиш ва боздорӣ тавсиф мегардад. Бояд қайд кард, ки мизоҷ бо хусусиятҳои ирсӣ асоснок мешавад, вале он дар давоми ҳаёти фард бетағйир намемонад. Дилхоҳ мизоҷ ба рушди хусусиятҳои муҳимми шахсият монеа намегардад, аммо ҳар як мизоҷ роҳу тарзҳои махсуси ташаккули онро талаб менамояд. Мизоҷ, инчунин, яке аз сарчашмаҳои рушди хоссагиҳои шахсияти наврасро ташкил медиҳад.

Ҳамаи зерсохторҳо шахсиятро дар мактаб бо кумаки методҳои педагогӣ-психологӣ меомӯзанд. Кори шартии мушовирро ба ду давра ҷудо кардан мумкин аст: даври якум - омӯзиши ҳаматарафаи шахсияти хонанда ё ташхиси хусусиятҳои шахсият бо мақсади муқаррар сохтани мувофиқати онҳо ба ягон намуди фаъолияти меҳнатӣ; давраи дуюм - омодагӣ ба интихоби асосноки касб.

Маҷмӯи методҳои ташхисӣ хусусиятҳои шахсиятро дар бар мегирад: мушоҳида дар дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ, анкетаронии хонандагони синфҳои 7-11 ва волидайни онҳо, суҳбатҳои инфиродӣ, пурсиши тафриқавӣ-ташхисӣ. Ҳамаи маълумоте, ки бо ёрии ин методҳо гирифта шудаанд, дар «Харитаи касбинтихобкунӣ» ҷамъбаст мегарданд. Дар харита хусусиятҳои шахсияти хонанда аз рӯйи ҷанбаҳои махсус ҷудошуда қайд мегардад. Дар асоси майлу рағбат, қобилиятҳо, сифатҳои устувори хонанда муаллим дар бораи равонасозии хонанда ҳангоми интихоби касб хулосаи қаблӣ мебарорад.

**Харитаи машваратҳои касбӣ**

Насаб_________________ Ном_________________ Соли таваллуд_____

Мактаби №_____________ Синф____________

**Марҳилаи I. Омӯзиши шахсияти хонанда**

| | Хусусиятҳои инфиродӣ | Синфҳои VIII-IX | Синфҳои X-XI |
|---|---|---|---|
| 1 | Самтнокӣ дар интихоби соҳаи фаъолияти касбӣ: майлу рағбатҳо, мақсаду ниятҳои касбӣ, устувории онҳо | | |
| 2 | Қобилиятҳое, ки дар фаъолияти таълимӣ зоҳир мегарданд (ба математика, адабиёт, физика, кимиё, меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра). | | |
| 3 | Муносибат ба супоришоти додашуда (меҳнатдӯстӣ, муташаккилӣ, мустақилӣ, интизомнокӣ, масъулиятшиносӣ) | | |
| 4 | Вижагиҳои таассури ҳиссӣ дар муошират (дӯстӣ, коллективизм, тундмизоҷӣ, одамдӯстӣ, боҷуръатӣ) | | |
| 5 | Вазъи саломатӣ: солим, бемориҳои доимӣ дорад, ба касб мувофиқ нест | | |
| 6 | Натиҷаҳои ПТТ («Одам-табиат», «Одам-техника», «Одам-системаи аломатҳо», «Одам-образи бадеӣ»). | | |
| 7 | Фикри падар, модар: бо интихоби кардашуда розиям ё розӣ нестам, касбро пешниҳод мекунад. | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8 | Мушкилӣ ҳангоми интихоб кардани касб | | |

**Марҳилаи II. Дастурҳо доир ба худмуайянкунии касбии хонандагон**

| № | Кумакҳои педагогӣ барои бартарафсозии мушкилот | Синфҳои VIII-IX | Синфҳои X-XI |
|---|---|---|---|
| 1 | Тартиб додани нақшаи худомодагӣ (амалҳо доир ба бартарафсозии мушкилот) | | |
| 2 | Ислоҳ кардани нақшаи худомодагӣ (мусоҳибаҳои инфиродӣ) | | |
| 3 | Тавсияҳо доир ба беҳгардонии омодашавӣ (иштирок дар кори маҳфил, қироати адабиёти махсус, тамрини сифатҳои инфиродӣ, иҷрои супоришҳои ҷамъиятӣ, тайёр кардани маърӯза ва ғайра. | | |
| 4 | Назорат бурдан аз болои иҷрои тавсияҳо (мусоҳибаҳои инфиродӣ) | | |
| 5 | Кор бо оила | | |
| 6 | Хулоса оид ба омодагӣ ба интихоби касб | | |
| 7 | Натиҷаҳои татбиқи интихоб<br>Роҳбари синф: | | |

**Дастурамал доир ба пур кардани Харитаи машварати касбӣ (дар назди мудири кабинети касбинтихобкунӣ нигоҳ дошта мешавад)**

Харитаи машварати касбӣ ҳуҷҷатест, ки дар он маълумот дар бораи сифатҳои шахсияти хонанда ва амалҳои ӯ дар ҷараёни омодагӣ ба интихоби касб аз синфи VIII то синфи XI ҷамъбаст карда мешавад. Маълумот дар асоси мушоҳидаҳои муаллим, анкетаронӣ, мусоҳибаҳои инфиродӣ бо хонандагону волидайни онҳо, бо муаллимони фаннӣ ҷамъоварӣ мегардад. Кори инфиродӣ аз рӯйи методикаи мазкур шартан ба ду марҳила ҷудо мегардад: омӯзиши хонанда ва роҳбарӣ ба худмуайянкунии касбӣ.

Дар марҳалаи аввал сифатҳои шахсияти хонанда ва амалҳои ӯ, ки барои интихоби асосноки касб муҳиманд, омӯхта мешаванд.

Роҳбари синф маълумотро дар бораи вазъи саломатӣ аз духтури мактабӣ мегирад. Нияту мақсадҳои касбӣ тавассути ППТ саҳеҳ мегарданд. Дар варақаи ҷавобҳо сутунчаи якум ба соҳаи «Одам-табиат» мувофиқ аст, дуюм - «Одам-техника», сеюм - «Одам-одам», чорум - «Одам-системаи аломатҳо», панҷум - «Одам-образи бадеӣ». Дар ҳар як сутунча миқдори ҷамъҳо (дар сатри аз поён сеюми катакҳои холӣ навишта мешаванд), миқдори «-»-ҳо (дар сатри дигари катакҳои холӣ) ва миқдори умумии «+» ва «-»-ҳо (сатри охирин)-ро ҳисоб кардан лозим аст. Маълумоти ҷамъбастӣ ба майлу рағбатҳои хонанда ишора менамоянд. Дар харитаи касбинтихобкунӣ фикру ақоиди волидайн оид ба касби интихобкардаи фарзандонашон ҳатман бояд инъикос гардад.

Ин гуна маълумотро мушовир ҳангоми мусоҳибаи инфиродӣ бо волидайн ба даст меорад. Марҳалаи якум бо таҳлили мушкилоти хонандагон дар интихоби касб ба охир мерасад. Ба онҳо мисол шуда метавонанд: иттилооти кам дар бораи роҳҳои идомаи маълумот, азхудкунии суст, номуайянии мақсадҳо, номувофиқатии сифатҳои шахсият ба талаботи касб ва ғайра, ки дар ҳар як ҳолати мушаххас инфиродианд.

Дар асоси таҳлили мушкилот мушовир марҳалаи дуюми корро амалӣ месозад. Кори инфиродӣ бо хонандагон аз суҳбат оғоз меёбад. Дар он дар шакли ба хонандагон дастрас сатҳи ибтидоии омодагии онҳо ба интихоби фаъолияти касбӣ муҳокима мегардад. Дар ҷараёни суҳбат нақшаи худомодагии хонандагон, ки дар он ба амалиёт доир ба бартарафсозии мушкилот диққати асосӣ дода мешавад, тарҳрезӣ мегардад. Амалҳои мушаххасро ба харитаи касбинтихобкунӣ ворид намуда, иҷроиши нақшаи худомодагиро педагог мунтазам зери назорат мегирад. Бо ин мақсад дар суҳбатҳои инфиродӣ амалҳои иҷрошуда, мушкилоти бавуҷудоянда, амалҳои навро муҳокима менамоянд.

Самаранокии тавсияҳоро мушовир тавассути мусоҳибаи инфиродӣ ва амалиётҳои хонанда назорат мекунад.

Мушовир ба кор бо оила диққати ҷиддӣ медиҳад. Ба волидайн оид ба дастовардҳои фарзандон дар омодагӣ ба интихоби касб, хусусиятҳои шахсияти онҳо хабар медиҳад, оид ба масоили интихоби касб бо волидайн корҳои фаҳмондадиҳӣ мебарад. Мазмуни мухтасари суҳбатҳои инфиродӣ дар харита қайд карда мешавад.

Пеш аз хатми мактаб, дар синфҳои IX-XI педагог дар бораи омодагии хонандагон ба интихоби касб хулоса менависад. Дар он ба асоснокии интихоб баҳо дода, азхудкунии бомуваффақияти касби мазкурро пешбинӣ мекунад. Баъд аз он ки хонанда мактабро хатм менамояд ва мақсаду ниятҳои худро татбиқ месозад, мушовир натиҷаҳоро ҳатман ба қайд мегирад.

Мушоҳида аз рӯйи як низоми муайян ба роҳ монда мешавад. Мавҷудият ё мавҷуд набудани амалҳои хонанда доир ба рушди майлу рағбатҳо ба соҳаи муайяни донишҳо, серфаъолии ӯ дар муҳокимаи масъалаи интихоби касб, зуҳуроти малакаҳои умумимеҳнатӣ дар таълим ва фаъолияти ҷамъиятии муфид ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар мушоҳида зуҳуроти берунаи шахсият қайд мегардад. Барои омӯзиши амиқи хонандагон методҳои дигар истифода бурда мешаванд.

<u>Анкетаронӣ.</u> Бо ёрии анкета майлу рағабат, кӯшишҳои касбӣ, дарки хусусиятҳои инфиродӣ, ниятҳои касбии хонандагон ошкор мегарданд.

Мазмуни анкетаҳо барои волидайн шавқу ҳаваси кӯдакон, баҳодиҳии волидайнро ба қобилиятҳои онҳо, дараҷаи иштирок дар хоҷагии хонаводагӣ, вазъи саломатӣ, инчунин нақши волидайнро дар касбинтихобкунии кӯдакон ошкор месозад.

Суҳбат барои аниқгардонӣ ва пуррасозии иттилоот, ки ҳангоми анкетаронӣ ва мушоҳида дар назар гирифта мешавад, корбурд мегардад. Дар суҳбат ба аниқ кардани ниятҳои касбии хонанда, майлу рағбат, қобилиятҳо, хислатҳо, омодагӣ ба интихоби касб, маслиҳату машваратҳо оид ба омодагии минбаъда ба интихоби касб диққати ҷиддӣ дода мешавад. Кори инфиродӣ доир ба касбинтихобкунӣ кори якҷояи омӯзгору духтурро дар назар дорад. Мактаббачагон қаблан бояд донанд, ки вазъи саломатии онҳо ба касби интихобшаванда мувофиқ аст ё не. Маълумот дар бораи вазъи саломатиро дар бар мегирад: 1) хулоса дар бораи мавҷуд набудани аломати манъ; 2) мавҷудияти бемориҳои музмин; 3) номгӯйи аломатҳои манъ ба касбҳои муайян.

Пурсишномаи тафриқӣ-ташхисӣ барои аниқ сохтани соҳаи фаъолияти касбӣ аз ҷониби хонандагон истифода бурда мешавад. Он 20 суолро дар бораи соҳаҳои мухталифи фаъолияти меҳнатии инсон дар бар мегирад (ниг. ба замимаи 4). Кор бо пурсишномаи тафриқӣ-ташхисӣ муфассалтар дар «Харитаи касбинтихобкунӣ» баён гаштааст.

Дар интиҳои давраи аввали кор (ташхиси хусусиятҳои шахсият) мушовир мушкилоти хонандаро дар интихоби касб таҳлил мекунад, хусусиятҳои инфиродии ӯро бо касби интихобшуда мувофиқ месозад. Муқарраркунии мувофиқат дар асоси типологияи касбҳо, ки коркард шудааст, амалӣ мегардад. Маҷмӯи методикаҳо ва тартиби истифодаи онҳо дар Харитаи касбинтихобкунӣ пешкаш карда шудааст.

Дар доираи намуди тавсияшудаи фаъолияти касбӣ мушовир ба хонанда дар аниқ сохтани нақшаҳои касбӣ кумак мерасонад, яъне давраи дуюми корҳои инфиродӣ - омодасозии хонанда ба интихоби асосноки касб бошад.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 22 декабри соли 2016.
2. Кадыров С. Профессиональная ориентация школьников / С. Кадыров [и др.]. - Душанбе: Сино, 1997.
3. Климов Е.А. Психолого-педагогические проблемы профессиональ-ной консультации / Е.А. Климов. - М., 1984.
4. Кудрявцев Т.В. Исследование психологических особенностей профессионального становления // Психологические основы профессионально-технического обучения / Т.В. Кудрявцев. - М., Педагогика, 1988.
5. Миралиев А.М. Социально-педагогический аспект профориен-тации / А.М. Миралиев. - Душанбе, 2003.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГИИ МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ ДАР КОРИ КАСБИНИХОБКУНӢ БО ХОНАНДАГОН


Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаи асосҳои педагогӣ ва психологии муносибати инфиродӣ дар касбинтихобкунии хонандагонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф диққати асосиро ба масъалаи мазкур нигаронида, ба чунин хулоса омадааст, ки ташкили кабинети касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад шароитҳои мусоидро дар раванди интихоби касбии хонандагон фароҳам оварад.



**Калидвожаҳо:** касбинтихобкунӣ, интихоби дуруст, кабинети касбинтихобкунӣ, кори инфиродӣ, муносибатҳои психологӣ, муносибат, худмуайянкунӣ, касбият, машварат, фаъолият.


## ПЕДАГОГИКО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИНДИВИДУАЛЬНОГО ПОДХОДА К РАБОТЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОРИЕНТАЦИИ С УЧАЩИМИСЯ


Автор в данной статье основное внимание уделяет проблеме педагогико-психологических основ индивидуального подхода к работе профориентации с учащимися. Акцентируя основное внимание на данную проблему, автор приходит к выводу, что организация в средней общеобразовательной школе кабинета по профориентации создаёт наиболее оптимальные условия в их правильном выборе профессии.



**Ключевые слова:** профориентация, правильный выбор, ориентация, кабинет по профориен-тационной работы, индивидуальная работа, психологические отношения, подход, самоопределение, профессиональная, консультация, деятельность.


## PEDAGOGIKO-PSIHOLOGICHESKIE OF THE BASIS OF INDIVIDUAL APPROACH TO WORK OF VOCATIONAL GUIDANCE WITH PUPILS


The author in this article pays the main attention to a problem of pedagogiko-psychological bases of individual approach to work of career guidance with pupils. Focusing the main attention to this problem, the author comes to a conclusion that the organization at high comprehensive school of an office for career guidance creates the most optimum conditions in their right choice to a profession.



**Key words:** career guidance, a right choice, orientation, an office on professional orientation works, individual work, the psychological relations, approach, self-determination, professional, consultation, activity.



**Сведения об авторе:** ***Ќодиров И.*** – Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава, соискатель. Телефон: **988-39-89-90**


# НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОВЕДЕНИЯ ВНЕКЛАССНЫХ УРОКОВ В МЛАДШИХ КЛАССАХ


***Бегназарова З.И.***

Проблемы образования и воспитания детей не могут быть решены без широкомасштабного развития системы внеклассной работы, способной повысить эффективность педагогического процесса, создать условия для его интенсификации.

Проводимая в тесной связи с урочной, классной работой, внеклассная работа, рассматриваемая как одна из фаз процесса обучения, направленного на использование содержания учебного материала в жизненной практике учащихся, углубляет из знания, расширяет способы деятельности, создает условия для реализации индивидуальных способностей школьников, для пробуждения у них интереса к самообразованию, потребности в самосовершенствовании.

На современном этапе происходит интеграция урочной и внеурочной работы в целостном учебно-воспитательном процессе, которая позволяет продуктивно использовать не только основной нормативный, но и дополнительный компонент содержания образования. "Урочная деятельность не может решить всех задач обучения и воспитания учащихся в школе. Только при тесной взаимосвязи, единстве учебной и внеклассной работы учащихся можно обеспечить полноту и динамичность развития гармоничной личности. Необходимость такой взаимосвязи продиктована и специфичными особенностями этих двух составляющих процесса обучения в школе»[4, 9].

Определяя содержание внеклассных занятий, нельзя не учитывать того, что интересует учащихся, какие проблемы привлекают их, прежде всего.Только тот урок будет исчерпывающим и интересным, который будет дополнен внеклассной работой. Вместе с тем, только те внеклассные занятия принесет пользу, которое будет опираться на урок и учебную задачу, рассматриваемую в данный момент в классе. Существенную роль в этой взаимосвязи играет характер и объем материала, перенесенного с урока на внеклассные занятия. Языковой и тематический материал для внеклассных занятий необходимо отбирать соответственно возрастным интересам учащихся, их разговорным навыкам, в соответствии с рекомендациями программ, без дублирования и повторения ее.Отбор материала для внеклассной работы определяет соответствие языкового материала задачам познавательной ценности с учетом индивидуальных интересов и запросов школьников чем и тем и отличается внеклассная работа от уроков. На этом материале ведется работа над развитием языковых и речевых умений и навыков, при этом каждый ученик получает задание по вкусу и по своим способностям[1, 397].

Материал использованный на внеклассных занятиях тесно связан с проблемой занимательности, которая, прежде всего, проявляется в форме изложения материала, вариативности заданий и упражнений тренировочного и творческого характера. «Занимательность (но ни в коем случае не развлекательность) внеклассных занятий, — пишет Н. М. Шанский, — должна быть лишь педагогическим средством, но не целью работы»[3, 66]. В связи с особенностями предмета "русский язык" и характером деятельности учащихся на внеклассных занятиях выделяются приемы, позволяющие делать занимательными как занятия в целом, так и отдельные их элементы. Например, включение дидактических игр, разнообразных заданий в виде проблемных вопросов, ребусов, викторин, конкурсов и др.Следует иметь ввиду, что игры на языковом материале вызывают интерес, содействуют расширению кругозора, совершенствуют речь. Применение дидактических игр на внеклассных занятиях необходимо сочетать с программным материалом. Например, использование лексических игр способствует обогащению словаря, развитию умения выделять и называть основные признаки предмета, группировать их в определенной ситуации. Грамматические игры способствуют формирование навыков сочетания слов, построения предложений, физические /подражательные/ формируют правильное произношение отдельных звуков, пар звуков, фраз, четверостишей. Вопросы и задания игрового характера целесообразно использовать в процессе проведения бесед, различных конкурсов /чтецов, песни, рисунков и т.п./, утренников, чесов внеклассного чтения и занимательной грамматики и т.д.

Учитывая возраст учащихся, их эмоциональность, целесообразность в качестве разрядки применять подвижные игры. Например, игра "Собери кубики". На расстоянии двух метров друг от друга ставятся два стула. На полу разбросаны кубики. Двум представителям каждой команды завязывают глаза и дают задание: положить кубики на стул /на каждый стул надо положить определенное количество кубиков/. Когда кубики на полу не останутся, подводятся итоги -подсчитывают кубики на каждом стуле, выявляется победитель.

Чередование подвижных и статических игр способствует созданию эмоциональных моментов. Затем предлагается задание - какая команда назовет больше сказок о лисе. Члены команд должны по очереди называть сказки, жюри определяет, какая команда назвала больше сказок.

Использование загадок на внеклассных занятиях способствует созданию эмоциональной атмосферы, вызывает оживление у ребят и желание участвовать в беседе - читать и искать разгадку, подбирать аналогичные загадки на родном языке, подбирать и систематизировать загадки по темам, т.е. мыслить и рассуждать на русском языке. Работа с загадками обогащает словарный запас учащихся, в процессе чтения совершенствуются их произносительные навыки

/загадки-стихи, загадки-вопросы, загадки-повествования требуют от учащихся определенной выразительности при чтении, правильного произношения отдельных слов и выражений/, вырабатываются элементы анализа, логики мышления, целенаправленного чтения.

Работу над загадками необходимо организовать так, чтобы учащиеся, сами анализируя загадку, искали правильный ответ, отвергая неточность и нелогичность, последовательно и целенаправленно находили разгадку. Эти умения разгадывать загадку необходимо развивать у учащихся постепенно: от коллективной работы переходить к самостоятельным заданиям.

В загадках обычно выражены основные признаки отгадки, и не один, а несколько. Мы предлагаем провести с детьми такую работу: по первому признаку выделить ряд сходных предметов или явлений, следующие признаки помогут постепенно устранить все лишнее в этом ряду, в конце концов разгадка будет ясна. Например:

*Хвост пушистый,*
*Мех золотистый,*
*В лесу живет,*
*Кур крадет.*

По первому признаку /хвост пушистый/ ребята могут выделить собаку, кошку, лису, белку. По следующему /в лесу живет/ кошка и собака отпадают. По третьему и четвертому /мех золотистый, кур крадет/ угадывается лиса. Это долгий путь, путь вдумчивой работы, но вначале именно таким путем необходимо учить ребят работать с загадкой.

В загадках заложены большие возможности для повторения и закрепления материала, изучаемого на уроке русского языка. Например, почти в каждой загадке есть существительное:

*Шея тонкая такая, Хвост крючком... И не секрет:*
*Любит всех она лентяев,*
*А ее лентяи - нет!*
*/Двойка/*

Работая над этой загадкой, можно повторить род существительных, изменение по падежам, согласование прилагательных с существительными.

При разработке внеклассного урока большую роль играет внеклассное чтение. Под чтением следует понимать процесс восприятия и переработки графически зафиксированной буквенной речевой посылки, результатом которого является понимание ее содержания и интегрирование отвечающего этому содержанию смысла. Внеклассное чтение - целостный процесс:

а) книга как инструмент чтения, совершенствования навыков чтения, полученных на уроках чтения;
б) текст как искусство слова, развития речи;
в) мир книг как выбор круга собеседника [ 2, 59 ].

При проведении внеклассной работы в младших классах необходимо усложнить используемый в предыдущих классах материал как с точки зрения содержания, так и приемов работы. Познавательные возможности и возрастные особенности учащихся 1-4 классов, их речевая база дают возможность обратить внимание на формирование навыков подготовленной и неподготовленной диалогической и монологической речи, привлекая их к самостоятельной работе с книгой. В этом возрасте целесообразны и оправданы такие формы как выразительное чтение, подготовка и проведение конкурсов, утренников и т.д., формирующие навыки самостоятельной работы с книгой, умение систематизировать и обобщать нужный материал, высказывать свою точку зрения о прочитанном и увиденном, делать сообщения по заданной теме, то есть мыслить и рассуждать.

Большой интерес у учащихся вызывает подготовка спектаклей и инсценировок. По своему объему и содержанию инсценировки должны быть доступны и интересны учащимся. Ценность их состоит в том, что наряду с дивой диалогической речью здесь присутствуют жесты, мимика, которые делают высказывание более точным и выразительным .

Для проведения утренника на тему "Здравствуй, Сказка" целесообразно использовать русские сказки. В процессе подготовительной работы к утреннику на основе сказок составляются викторины, проводятся конкурсы на лучшую иллюстрацию к сказкам, репетируются инсценировки сказок, для оформления зала выписываются пословицы, поговорки, образные выражения из сказок и т.п.

Интересной формой работы с учащимися младших классов является проведение мероприятий соревновательного характера, например, КВН. Необходимо заранее отобрать материал, а затем на уроках и внеклассных занятиях необходимо прочитать сказки, отобранные для проведения КВН. Например, "Колобок", "Волк и семеро козлят", "Красная шапочка", "Сестрица Аленушка и братец Иванушка", "Дюймовочка", "Репка" и др. Желательно использовать материалы мультфильмов "Сказка о царе Салтане", "Сказка о мертвой царевне и семи богатырях", "По щучьему веленью", "Сивка-бурка", "Конек-горбунок", "Приключения Буратино".После предварительной подготовки /чтение и уяснение смысла сказок/ всех участников КВН необходимо разделить на две команды.Они должны находиться в первых рядах зала, каждую команду должен возглавлять капитан.Начинать КВН следует с разминки

"Хорошо ли ты знаешь сказки?" С этой целью показываются иллюстрации к сказкам "Колобок", "Лиса и журавль", "Сказка о рыбаке и рыбке", "Конек-горбунок", "Большая медведица", "По щучьему веленью". Членам команд по требованию ведущего следует определить, к какой сказке относится каждая из картинок. Соревнование команд начинается с задания капитанам: из каких сказок взяты названия ваших команд? Выполнить рисунок к своей сказке /бумага, карандаши, краски, кисточки должны быть приготовлены заранее/.

Затем следует конкурс на лучшее знание сказок. Командам предлагаются следующие вопросы /они заранее написаны на плакате/: Какую песенку пел Колобок?Что пела Коза своим семерым козлятам? Какими словами можно окликнуть Сивку-Бурку? Позвать сестрицу Аленушку словами Иванушки.

Таким образом, организация и проведение внеклассной работы в младших классах имеет свое собственное содержание, свою специфику в организации и проведении, свои формы работы. Постановка и реализация целей внеклассной работы определяется ролью учителя, уровнем его педагогического мастерства.


**ЛИТЕРАТУРА**

1. Методика преподавания русского языка в национальной школе: Учебное пособие для национальных групп педагогических училищ / Под ред. Л.З. Шакировой. – Л.: Просвещение, 1990. – 416 с.
2. Светловская Н.Н. Интегративный курс внеклассного чтения // Начальная школа. –1990. – №5. –С.57-60.
3. Шанский Н.М. Педагогическое содержание и лингводидактический характер внеклассной работы по русскому языку в нерусской школе // Русский язык за рубежом. – 1982. – №2. – С.64-67.
4. Шарипов С.А. Методика проведения внеклассной работы по русскому языку в условиях интегрированного обучения в таджикской школе: автореф. дис. … канд. пед. наук. – Душанбе, 2014. – 25 с.



**БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ДАРСҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ДАР СИНФҲОИ ПОЁНӢ**

Дар мақолаи мазкур масъалаи корҳои берунаЗсинфии дарсҳои забони русиро, ки яке аз шаклҳои ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ мебошад, мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф бо назардошти хислатҳои фардӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагони мактаб шаклҳои гуногун ва намудҳои корҳои берунаЗсинфиро пешниҳод намудааст. Мундариҷаи корҳои берунаЗсинфӣ бояд аз ҷамъоварии маводҳои дидактикӣ иборат бошад. Маводҳои дидактикии мазкур бояд арзиши тарбиявӣ, таълимӣ ва бадеӣ дошта бошанд, то ки ба табъу завқи хонандагон мувофиқат намоянд ва ба ба рушду инкишофи хислатҳои мусбии онҳо мусоидат кунанд.

**Калидвожаҳо:** корҳои берунаЗсинфӣ, дарси берунаЗсинфӣ, шаклҳо ва намудҳои корҳои берунаЗсинфӣ, хониши бурро, чистонҳо, бозии дидактикӣ, машғулият, забони русӣ.



**НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОВЕДЕНИЯ ВНЕКЛАССНЫХ УРОКОВ В МЛАДШИХ КЛАССАХ**

В данной статье автор рассматривает внеклассную работу по русскому языку как форму организации учебно-воспитательной работы в школе, предлагает различные формы и виды внеклассной работы с учетом индивидуальных и возрастных особенностей школьников. Содержанием внеклассной работы должен быть подбор дидактического материала, которые имеют воспитательную, образовательную и художественную ценность, и должны отвечать интересам учеников, способствовать формированию и развитию их положительной мотивации.

**Ключевые слова:** внеклассная работа, внеклассный урок, формы и виды внеклассной работы, выразительное чтение, загадки, дидактическая игра, занимательность, русский язык.



**SOME PECULIARITIES OF CONDUCTING EXTRA-CURRICULAR LESSONS IN JUNIOR CLASSES**

In this article, the author considers extracurricular work in the Russian language as a form of organization of teaching and educational work in the school, offers various forms and types of extracurricular work, taking into account the individual and age characteristics of schoolchildren. The content of extracurricular work should be the selection of didactic material, which have educational, educational and artistic value, and should meet the interests of students, contribute to the formation and development of their positive motivation.

**Key words:** extracurricular work, extracurricular lesson, forms and types of extracurricular work, expressive reading, riddles, didactic game, entertaining, Russian language.



**Сведения об авторе:** ***Бегназарова З.И.*** **–** учительница средней общеобразовательной школы №6 г. Душанбе. Телефон: **915-20-58-99**


# УСУЛҲОИ ТАЪЛИМ ВА ТАСНИФИ НАМОЯНДАҲОИ МУҲИММИ КАРБОГИДРАТҲО: ГЛЮКОЗА, САХАРОЗА ВА ПОЛИМЕРҲОИ ТАБИӢ: КРАХМАЛ ВА СЕЛЛЮЛОЗА


***Ҷумъаева М.Б., Холикова Л.Р., Бобизода Ғ.***

**Донишгохи миллии Точикистон.**

**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Усулҳои таълим дар раванди тараққиёти илму техника бо суръати бузург тағйир ёфта истодаанд. Барои ноил шудан ба муваффақиятҳо, хусусан, барои фанҳои дақиқ тарзи сода ва дурусти таълим – тавассути таҷрибаҳо ба роҳ мондани баёни мавзӯъҳои нав ва мураккабтар бояд роҳандозӣ карда шавад.

Дар синфҳои болоӣ ба моҳияти мавзӯи мазкур аҳамияти хосса дода мешавад. Дар ин дарс хонандагон бо сохт, хосияти моддаҳо ва алоқамандии онҳо, инчунин бо нақши карбогидратҳо дар равандҳои биохимиявии растаниҳову ҳайвонот ва инсон ошноӣ пайдо

мекунанд. Дар кори таҳқиқотии мазкур муаллифон системаи кори худро оид ба мавзӯи «Карбогидратҳо ва полимерҳои табиӣ» пешниҳод карда, дар раванди омӯзонидан ва мушоҳидаҳои зиёд маводҳои асосии таҷрибаҳоро дар асоси ашёҳои маҳаллӣ интихоб намудаанд. Бояд қайд намуд, ки барои ин мавзӯъ 10 соат ҷудо карда шудааст.

**Мақсади дарс:** дар тафаккури хонандагон рушд ва мустаҳкам намудани дониш дар бораи намояндагони муҳимми карбогидратҳо ва полимерҳои табиӣ.

**Аёният:** Нақшаҳои формулаҳои умумии карбогидратҳо, аз он ҷумла глюкоза, сахароза, полимерҳои табиӣ: крахмал ва селлюлоза.

**Мафҳумҳои асосӣ:** карбогидратҳо, глюкоза, сахароза, алдегид, карбоксил, спирт, полимерҳои табиӣ, крахмал, селлюлоза, гидролиз.

**Равиши кор:**

Намунаи нақшаи дарс

| Рафти дарс | Тарзи иҷро |
|---|---|
| I. Ташкили дарс | |
| II. Такрори мавзӯи гузашта | Пурсиш, кор дар тахтаи синф ва дафтар |
| III. Фаҳмонидани ҳадафҳои дарс | |
| IV. Баёни мавзӯи нав | Нақли омӯзгор бо истифодаи нақшаҳо, намоиши таҷрибаҳо оид ба глюкоза, сахароза, крахмал ва селлюлоза, саволу ҷавоб |
| IV. Баёни мавзӯи нав | Нақли омӯзгор бо истифодаи нақшаҳо, намоиши таҷрибаҳо оид ба глюкоза, сахароза, крахмал ва селлюлоза, саволу ҷавоб |
| V.Татбиқи донишҳои азхуднамуда дар рафти ҳалли масъалаҳо оид ба муайянкунии хосиятҳои физикавию химиявии глюкоза, сахароза, крахмал ва селлюлоза | Саволу ҷавоб |
| VI.Дар хонандагон пайдо кардани малакаи истифодаи донишҳои нав ҳангоми ҳалли тестҳо ва масъалаҳо | Ҳалли якҷояи тестҳо, машқ ва масъалаҳо оид ба мавзӯи нав |
| VII. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии мавзӯи нав | Истифодаи саволномаҳои иловагӣ |
| VIII. Супориши вазифаи хонагӣ | |

1. **Қисми ташкилии дарс.**
2. **Такрори донишҳои азхуднамуда:** Барои такрор ва ёдрас намудани мавзӯи гузашта омӯзгор ба хонандагон мавзӯи гузаштаро хотиррасон намуда, интихобан дониши хонандагонро оид ба мавзӯи гузашта месанҷад.
3. **Фаҳмонидани ҳадафҳои дарс:** Омӯзгор номи мавзӯи нав ва мафҳумҳои навро дар тахтаи синф навишта, оид ба ҳар яки онҳо маълумоти мухтасар медиҳад. Баъдан, фикри хонандагонро оид ба мафҳумҳои нав фаҳмида, дурустӣ ё нодурустии онро ҳангоми фаҳмонидани мавзӯи нав тасдиқ ё инкор мекунад.
4. **Баёни мавзӯи нав:** Омӯзгор дар бораи карбогидратҳо ва полимерҳои табиӣ, аз он ҷумла намояндагони муҳимми онҳо: глюкоза, сахароза, крахмал ва селлюлоза маълумот медиҳад.

**Глюкоза.** Дар мавриди омӯзиши глюкоза омӯзгор оид ба таркиб ва формулаи молекулавии он маълумот медиҳад. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки хулосаҳои пешакии худро дар бобати мавҷудияти ин ё он гурӯҳи функсионалӣ дар молекулаи глюкоза баён намоянд. Мавҷудияти шаш атоми оксиген дар молекулаи глюкоза хонандагонро водор мекунад, ки оид ба мавҷудияти якчанд гурӯҳҳои гидроксил мулоҳиза намоянд:

Дар ин боб ба хонандагон супоришҳои зерин дода мешаванд:

1.Таҳқиқи хосиятҳои физикавии глюкоза.

2. Дар асоси таҷриба исбот намудани спирти бисёратома будани глюкоза.

3. Муайян намудани мансубияти глюкоза ба кислотаҳои карбонӣ (ки он ба кислотаҳои карбонӣ дохил мешавад ё не?).

4. Муайян кунед, ки дар молекулаи глюкоза гурӯҳи алдегидӣ мавҷуд аст ё не?

Дар асоси ин супоришҳо хонандагон, пеш аз ҳама, хосиятҳои физикавии глюкозаро менависанд, ҳалшавии онро дар об санҷида, маззаашро муайян менамоянд. Пас, гидроксиди мисро ҳосил намуда, бо ёрии он ба спирти бисёратома дохил шудани глюкозаро месанҷанд ва бо ин таҷриба исбот мекунанд, ки глюкоза спирти бисёратома аст. Дар айни ҳол таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳҳои карбоксилӣ (-COOH) дар глюкоза мавҷуд нестанд.

Хонандагон бо мақсади муайян намудани гурӯҳи алдегидӣ реаксияи «Оинаи нуқрагин»-ро иҷро мекунанд. Дар охир онҳо ба хулоса меоянд, ки глюкоза хосиятҳои спиртҳои бисёратома ва алдегидро дар худ дорад. Пас аз он, дар раванди суҳбат онҳо формулаи структурии глюкозаро навишта, дар асоси он муодилаҳои реаксияҳои дахлдорро тартиб медиҳанд. Дигар корҳои хонандагон ҳаҷман хурд буда, характери ҷузъӣ доранд. Сипас омӯзгор туршшавии глюкозаро намоиш медиҳад (таҷрибаро пеш аз дарс

тайёр мекунанд). Хонандагон усули муайян намудани гази хориҷшудаистодаи карбонатро пешниҳод намуда, дар асоси таҷриба муодилаи реаксияи туршшавии глюкозаро тартиб медиҳанд ва ҳосил шудани спирти этилро қайд менамоянд.

Омӯзгор раванди туршшавии кислотаи лактат ва сохти онро фаҳмонда, ба хонандагон пешниҳод менамояд, ки гурӯҳҳои функсионалии кислотаи лактатро ба назар гирифта, реаксияҳои ба он хосро нависанд. Барои ҷамъбасти донишҳои пешина ва мустақилона омӯхтани масъалаҳои нав (характери таҷрибавӣ надоранд) ба хонандагон таклиф карда мешавад, ки аз китоб бо мавзӯи «Истеҳсол ва истеъмоли глюкоза», шинос шаванд. Дар ин маврид онҳо аҳамияти амалии реаксияҳоеро, ки мушоҳида намуда, иҷрои онро аз худ кардаанд, дарк менамоянд.

Сахароза (қанд). Пас аз фаҳмидани таркиб ва формулаи молекулавии сахароза хонандагон супоришҳои зеринро иҷро менамоянд:

1. Санҷидани хосиятҳои физикавии қанд.
2. Муайян кардани гурӯҳи гидроксилӣ дар молекулаи сахароза.
3. Муайян кардани гурӯҳи алдегидӣ дар молекулаи сахароза.
4. Дар асоси таҷрибаҳо сахарозаро ба оилаи алдегидҳо мансуб кардан мумкин аст ё не?

Омӯхтани хосиятҳои физикавии моддаи таҳқиқшаванда ба хонандагон шинос аст ва онҳо ин корро бе душворӣ иҷро менамоянд. Дар таҳқиқи гурӯҳҳои функсионалӣ маҳлули гидроксиди мисро истифода бурда, мавҷудияти гурӯҳи гидроксилҳоро муайян менамоянд. Барои ин, агар гидроксиди мис бо маҳлули сахароза гарм карда шавад, маҳлули кабуди баланди сахарати мис (II) ҳосил мегардад. Ҳосил шудани сахарати мис нишонаи дар сахароза мавҷуд будани гурӯҳҳои гидроксилӣ мебошад. Мавҷудияти гурӯҳи алдегидӣ дар сахароза бо реаксияҳои маъмулӣ исбот нашудааст. Бинобар ин, мо сахарозаро ба гурӯҳи алдегиду спиртҳо дохил карда наметавонем.

Пас аз ба итмом расонидани ин корҳо омӯзгор хонандагонро бо гидролизи карбогидратҳо шинос менамояд, то ки талабагон ин реаксияро дар тадқиқоти ояндаи худ ба кор бурда тавонанд. Бинобар ин, таҷрибаи гидролизро намоиш дода, реаксияи онро шарҳ медиҳанд. Дар машғулиятҳои минбаъда хонандагон дар таҳқиқи полисахаридҳо аз реаксия гидролиз истифода мебаранд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар мавриди омӯзиши сахароза хонандагон озодона донишҳои дар мавзӯи глюкоза гирифтаи худро татбиқ карда, мустақилона супоришҳоро иҷро менамоянд.

**Крахмал.** Дар ин мавзӯъ захираи дониши хонандагонро ба назар гирифта, ба онҳо супоришҳои мураккаб дода мешавад: бо таҷрибаҳо муайян кардан лозим аст, ки крахмал хосиятҳои ба глюкоза ва сахароза хосро дорад ё не. Бояд хонандагон мустақилона нақшаи таҳқиқи хосиятҳои крахмалро тартиб диҳанд, таъсири гидроксиди мисро дар таҷриба бинанд ва бо ёрии муаллим гидролизи крахмалро иҷро намуда, маҳсули гидролизро санҷанд. Тавре дар омӯзиши глюкоза дида будем, хонандагон дар омӯзиши ин мавзӯъ ҳам бояд аз китоби дарсӣ истифода бурда, истеҳсол ва истеъмоли крахмалро аз худ намоянд. Вале супориш бо характери худ бояд нисбат ба супоришҳои пешина мураккабтар бошад. Бо ин мақсад ба хонандагон саволҳои иловагӣ додан беҳтар аст - ба монанди:

1. Чӣ тавр аз крахмал истифода бурда, спирти этил ва эфири этиласетатро ҳосил намудан мумкин аст?

2. Дар вақти гидролизи нопурраи крахмал кадом моддаҳо ҳосил мешаванд ва онҳоро бо кадом мақсад истифода мебаранд?

3. Дар шароити хона аз картошка чӣ тавр крахмал ҳосил кардан мумкин аст?

4. Крахмал дар организми инсон ба чӣ гуна тағйиротҳо дучор мешавад? Раванди гидролиз аз куҷо ибтидо меёбад ва онро чӣ тавр исбот намудан мумкин аст? Чӣ тавр исбот намудан мумкин аст, ки катализаторҳои органикӣ (ферментҳо) нисбат ба катализаторҳои ғайриорганикӣ (кислотаҳои минералӣ) раванди гидролизро як дараҷа метезонанд. Тавре аз мазмуни корҳои мустақилона маълум мегардад, дар ин ҷо то дараҷаи муайян нисбат ба корҳои пешина элементҳои дониш ва малакае, ки дар омӯзиши дигар карбогидратҳо ҳосил шуда буд, эҷодкорона истифода бурда мешаванд.

Селлюлоза. Дар ин мавзӯъ муқаррар намудани хосиятҳои селлюлоза ва монандии он бо крахмал ба масъалаи муҳим махсуб аст, зеро формулаи молекулавии крахмал ва селлюлоза якхела мебошанд. Пеш аз ҳама, муаллим оид ба селлюлоза маълумоти умумӣ дода, чизҳоеро, ки аз селлюлоза иборатанд, намоиш медиҳад, формулаи молекулавии онро муқаррар менамояд. Пас, масъалаҳои санҷиши хосиятҳои химиявии селлюлоза, муайян кардани сохти сохторӣ ва тафовути он нисбат ба крахмал дар назди хонандагон гузошта мешавад. Бо ин мақсад, пеш аз ҳама, таҷрибаи реаксияи гидролизро пешниҳод менамоянд. Пас ба талабагон супоришҳои зерин дода мешаванд:

1. Маҳлули селлюлозаро дар кислотаи сулфат тайёр намуда, онро бо об омехта кунед.

2. Маҳлулро бо ишқор нейтрал сохта, мавҷудияти гурӯҳҳои гидроксилро бо гидроксиди мис санҷед.

3. Натиҷаи таҷрибаҳоро бо нишондодҳои китобӣ муқоиса намоед. Оид ба хосиятҳои химиявии селлюлоза ва сохти он хулосаҳо бароред.

## Таҷрибаи лабораторӣ. Ҳалшавии глюкоза дар об

Таъсири мутақобилаи глюкоза бо маҳлули нав тайёркардашудаи гидроксиди мис(II). Таъсири глюкоза бо маҳлули аммиак ва оксиди нуқра.

**Максад:** Омӯзиши раванди ҳалшавии глюкоза ва баъзе хосиятҳои химиявии он.

**Таҷҳизот ва маводҳо:** пробирка, лампаи спиртӣ, об, силиндр, штатив, пробиркақапак, глюкоза, ишқори натрий, купороси мис, маҳлули аммиак ва оксиди нуқра.

**Рафти таҷриба:**

| Номи таҷриба | Чӣ кор мекунед | Чиро мушоҳида менамоед | Хулоса |
|---|---|---|---|
| №1. Ҳалкунии глюкоза дар об. | 20 гр глюкозаро дар 100 мл об ҳал намоед. Чиро мушоҳида намудед? Формулаи глюкозаро нависед. | Глюкоза моддаи сафеди беранг буда, дар об нағз ҳал мешавад ва таъми ширин дорад. | Таркиби гюкоза бо формулаи **$C_6H_{12}O_6$** нишон дода шудааст. |
| №2. Таъсири муттақобилаи глюкоза бо маҳлули навтайёркарда шудаи гидроксиди миси (II) . | Дар пробирка 0,5 мл маҳлули глюкозаро гирифта, ба он 2 мл маҳлули ишқори натрий андозед. Ба ин омехта 1 мл маҳлули купориси мис илова намоед. б)ба маҳлули он 1мл об илова намуда, гарм кунед. Ҳангоми тағйир ёфтани ранг гармкуниро қатъ намоед. Чиро мушоҳида мекунед? Муодилаи реаксияро нависед. | Ранги маҳлул ҳангоми гарм кардан дигаргун мешавад. Аввал $Cu_2O$-таҳшини зард, пас аз гузаштани вақт кристалҳои калони CuO ҳосил мекунад, ки рангаш сурх аст. Дар ин маврид глюкоза то кислотаи гюконат оксид мешавад. | Ин реаксияи сифатӣ барои спиртҳои бисёратома мебошад, ки дар ин маврид он глюкоза аст. $CH_2OH–(CHOH)_4–COH+Cu(OH)_2= CH_2OH–(CHOH)_4–COOH+Cu_2O\downarrow+ H_2O$ |
| №3.Таъсири глюкоза бо маҳлули аммиак ва оксиди нуқра. | Дар пробирка ба 1мл маҳлули глюкоза 1мл маҳлули гидроксиди аммоний ва маҳлули нитрати нуқра илова намуда, гарм кунед. Чиро мушоҳида мекунед? | Аз ин ҷо хулоса мебароред, ки карбогидрид алдегид аст. Муодилаи реаксияро нависед. | $HOCH_2(CHOH)_4CHO+Ag_2O\rightarrow HOCH_2(CHOH)_4COOH+2Ag$ |

**Хулоса:**. №1. Ҳалшавандагии хуби глюкоза дар об имконият медиҳад, ки оиди мавҷудияти гурӯҳҳои қутбии функсионалии он маълумот ба даст ояд.
№2 .Глюкоза спирти сератома аст.
№3. Глюкозаро чун алдегид ҳисоб кардан мумкин аст.

## Таҷрибаи лабораторӣ. Сахароза

**Мақсад:** омӯхтани хосиятҳои химиявии шакар.

**Таҷҳизот ва маводҳо:** шакар, хокистари сигор, оксиди хром(III), косачаи фарфорӣ бо санг, тигелчаҳо, лампаи спиртӣ, гӯгирд.

**Рафти таҷриба:**

| Номи таҷриба | Чӣ кор мекунед | Чиро мушоҳида менамоед | Хулоса |
|---|---|---|---|
| Сӯзиши шакар | Бо чангак шакарро гирифта, дар оташ гарм менамоем. Он намесӯзад, ҳатто агар гудохта ва сиёҳ шавад ҳам. Пас аз ин ба пораи шакар хокистари сигорро андохта, дар оташ нигоҳ медоранд. Ба ҷойи хокистар метавон аз оксиди хром (III) истифода бурд. Чиро мушоҳида намудед. Муодилаи реаксияро нависед | Он хеле зуд сӯхта, шуълааш кабуд мешавад. Дар қанди сӯхта-истода табақчаи қумдорро нигоҳ доштан лозим аст, зеро қатраҳои гудохташудаи тафсони қанд метавонанд болои мизи корӣ резанд | $Cr_2O_3$ $C_{12}H_{22}O_{11}\rightarrow 12CO_2+11H_2O$ |

**Хулоса:** Дар таркиби тамоку намаки литий мавҷуд аст, ки чун катализатор хизмат намуда, суръати оксидшавии шакарро метезонад ва он зуд аланга мегирад. Хокистари сигор ё оксиди хром(III)-ро чун катализаторҳои раванди сӯхтани шакар истифода мебаранд.

## Таҷрибаи лабораторӣ. Фруктоза

**Мақсад:** омӯзиши равандҳои ҳалшавии фруктоза.

**Таҷҳизот ва маводҳо:** пробирка, гидроксиди натрий, купориси мис, асал лампаи спиртӣ.

Рафти таҷриба:

| Номи таҷриба | Чӣ кор мекунед | Чиро мушоҳида менамоед | Хулоса |
|---|---|---|---|
| Реаксия бо асал | Дар пробирка 1мл маҳлули гидроксиди мисро гирифта, ба болояш 2-3 қатра купориси мис ва якчанд | Таҳшини гидроксиди мис (II) ҳал шуда, ҳангоми гарм намудан рангаш зарди норинҷӣ мешавад, ки дар | $HOCH_2(CHOH)_4CHO +2Cu(OH)_2\rightarrow HOCH_2(CHOH)_4COOH+Cu_2O$ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | қатра асалро резед. Маҳлули ҳосилшударо гарм намоед. Чиро мушоҳида менамоед? | бораи гурӯҳҳои алдегидӣ далолат мекунад | $+2H_2O$ |

**Хулоса: Фруктоза дар об нағз ҳал мешавад, аммо он ба синфи алдегидҳо шомил намешавад.**

## Таҷрибаи лабораторӣ Ҳосил ва ошкор намудани крахмал

**Мақсад:** омӯзиши хосиятҳои умумии крахмал.

**Таҷҳизот ва маводҳо:** картошка, стакан, дока, орд, об, қошуқча, зарф, йод.

**Рафти таҷриба:**

| Номи таҷриба | Чӣ кор мекунед | Чиро мушоҳида менамоед | Хулоса |
|---|---|---|---|
| №1.Ҳосил намудани крахмал | Картошкаро тоза карда, майда намоед. Онро аз дока гузаронед. Оби ҳосилшуда зуд рангашро сиёҳи хокистарӣ мекунад. Онро дар стакони тоза гирифта, 5 дақиқа нигоҳ доред. Баъди 10 дақиқа оби рангаш сиёҳи хокистариро партоед. Чиро мушоҳида намудед? | Дар таги стакон массае пайдо мешавад, ки он крахмал аст. Пас аз шустан ва хушк намудани он крахмал ҳосил мешавад | Крахмал полимерии табиӣ буда, формулаи химиявиаш $(C_6H_{10}O_5)n$ мебошад. |
| №2.Ошкор и крахмал | Дар зарф каме орд гиред. Ба он 3 мл об илова намуда, омехта намоед. Ва ба он 3-4 қатра маҳлули йод ҳамроҳ кунед. Чиро мушоҳида намудед? | Омехтаи йод ба крахмал ранги кабуди нофармонро медиҳад |   Молекулаи крахмал дорои массаи бузург мебошад |

**Хулоса:** 1. Пас маълум мешавад, ки картошка аз об ва крахмал иборат будааст.
2. Молекулаи крахмал мисли занҷири дарозест, ки шохаҳои зиёди беруна дорад ва дар ин занҷир молекулаҳои йод дармемонанд, ки сабабгори тағйирёбии ранги он (кабуди равшан) мегарданд. Пас аз анҷоми дарс барои мустаҳкам намудани дониши хонандагон ва инкишофи сатҳи донишазбаркунии онҳо метавон оид ба мавзӯи «Карбогидратҳо» маҷмӯи тестҳоро дар шакли зайл пешниҳод намуд:

## Тест дар мавзӯи «Карбогидратҳо»

1. Крахмал бо …… ранги кабудро медиҳад:
а) бромоб; б) маҳлули $KMnO_4$; в) маҳлули аммиакии $Ag_2O$; г) йод.
2. α- глюкоза ҳангоми гидролиз шудани…… ҳосил мешавад.
а) сахароза;б) крахмал; в) клетчатка (ҳуҷайра);г) гликоген.
3. Дар кадом ҷуфт моддаҳо нисбат ба ҳамдигар изомеранд?
а) глюкоза ва малтоза в) рибоза ва селлюлоза
б) глюкоза ва фруктоза г) малтоза ва сахароза
4.Декстринҳо дар раванди таъсири кадом моддаҳо ҳосил мешаванд?
а) пухтани нон; в) туршшавии глюкоза;
б) дарзмоли либоси крахмалонидашуда; г) ҷӯшиши картошка.
5.Аз моносахариди…… ҳангоми туршкунии спиртӣ спирти этилро ҳосил мекунанд:
а) крахмал; б) глюкоза ; в) лактоза ; г) селлюлоза.
6.Ҳангоми гидролизи сахароза кадом модда ҳосил мешавад:
б) глюкоза; б) фруктоза; в) галактоза; г) рибоза.
7. Аз ҳама шакари ширин ин … мебошад.
а) глюкоза; б) малтоза; в) фруктоза ; г) рибоза.
8. Селлюлоза- ин … табиӣ мебошад. а) олигосахарид; б) полисахарид; в) моносахарид; г) дисахарид.
9. Формулаи мувофиқ ба номи моддаро муайян намоед:
1. Сорбит 2.Глюкоза 3.Рибоза 4. Клечатка
а) $C_6H_{12}O_6$ б) $\mathbf{C_{12}H_{22}O_{11}}$ **в)** $C_6H_5OH$ г) $\mathbf{(C_6H_{10}O_5)n}$

10.Формулаи селлюлозаро дар намуди спиртӣ муайян намоед.
*OH*
а) $C_3H_7OH$ в) $C_6H_7O–OH$
OH n
O
б) $CH_2OH – (CHOH)_4 – C$ г) $C_6H_5OH$
H

11. Ин спирт ҳангоми барқарор шудани глюкоза, яъне ҳангоми гидрогенонидани он ҳосил мешавад:
а) ксилит; б) этиленгликол; в) сорбит; г) гексанол.
12. Аз кадоми ин карбоҳидридҳо нах (пахта, зағир, канаб) ҳосил намудан мумкин аст?

а) сахарозаҳо; б) крахмалҳо; в) селлюлоза; г) дезоксирибозаҳо.
13. Моддаеро интихоб намоед, дар сақичҳои ҳозиразамон ҳамчун ҷойивазкунандаи қанд, барои беморони диабет истифода бурда шавад:
а) сахарин; б) сорбит; в) рибоза; г) гликоген.
14. Реаксияи химиявиеро нишон диҳед, ки барои сахароза, крахмал ва селлюлоза хос бошад:
а) гидратасия; б) дигидрататсия; в) гидринонидан; г) гидролиз.
15.Реаксияи этирификатсия барои …хос аст
а) глюкоза; б) селлюлоза; в) фруктоза; г) крахмал.
16. Ҳангоми турушшавии спирти глюкоза кадом газ ҳосил мешавад?
а) карбонат; б) хандонанда; в) гидроген; г) оксиген.
17. Карбоҳидридеро нишон диҳед, ки онро чун шакари ангурӣ ном мебаранд:
а) крахмал; б) глюкоза; в) сахароза; г)гликоген.
18. Крахмали ҳайвонӣ ин… мебошад.
а) ксилит; б) сорбит; в) гликоген; г) селлюлоза.
19.Муайян кунед, ки гюкоза аз рӯйи сохташ ба кадом модда монанд аст?
а) спирти-кислота; б) алдегиди-кислота; в) алдегиди–спирт; г) кетоно- спирт.
20.Моддаеро интихоб кунед, ки полимери табиӣ аст:
а) крахмал; б) гликоген; в) селлюлоза; г) лактоза.
Ҷавобҳо:
1. Г; 2.Б; 3.Б,Г; 4.А,Б,Г; 5.Б; 6.А,Б; 7.В; 8.Б; 9. 2А, 4Г, 5Б; 10.В.
11.В; 12.В; 13.Г; 14.Б; 15.Б; 16.А; 17.Б; 18.В; 19.В; 20. А,Б,В.

## УСУЛҲОИ ТАЪЛИМ ВА ТАСНИФИ НАМОЯНДАҲОИ МУҲИММИ КАРБОГИДРАТҲО: ГЛЮКОЗА, САХАРОЗА ВА ПОЛИМЕРҲОИ ТАБИӢ: КРАХМАЛ ВА СЕЛЛЮЛОЗА

Усулҳои таълим дар раванди тараққиёти илму техника бо суръати бузург тағйир ёфта истодаанд. Бинобар ин, бояд ҳар як омӯзгор бо тарзи мантиқан содаи таълим–тавассути таҷрибаҳо ба роҳ мондани баёни мавзӯи навро роҳандозӣ намояд. Дар мақолаи мазкур муаллифон системаи кори худро **пешниҳод карда,** дар раванди омӯзонидан ва мушоҳидаҳои зиёд, маводҳои асосии таҷрибаҳоро бо истифодаи ашёҳои маҳаллӣ интихоб намудаанд, ки барои ҳар як хонанда новобаста ба сатҳи донишазбаркуниаш дастрас мебошанд.
**Калидвожаҳо:** карбогидридҳо, нах, пахта, зағир, канаб сахарозаҳо, крахмал, селлюлоза дезоксирибоза, сахарин, сорбит, рибоза, гидрататсия, дигидрататсия, гидринонидан, гидролиз, турушшавӣ, спирт, глюкоза.

## МЕТОДЫ ПРЕПОДАВАНИЯ И КЛАССИФИКАЦИИ ОСНОВНЫХ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ УГЛЕВОДОВ: ГЛЮКОЗА, САХАРОЗА, И ЕСТЕСТВЕННЫЕ ПОЛИМЕРЫ, КРАХМАЛ И ЦЕЛЛЮЛОЗА

В процессе развития науки и техники методы преподавания совершенствуются с очень высокой скоростью. Поэтому каждый учитель должен приспосабливаться и разработать собственную методику по простоте преподавания новой темы с логическим мышлением. На уроках химии это удается проведением химических экспериментов. В настоящей статье авторы разработали свою систему по теме «Углеводы», при котором предлагают применение местных доступных реактивов для проведения лабораторных работ, что независимо от уровня знаний учащихся может дать положительные результаты.
**Ключевые слова:** углеводы, волокно, хлопок лёнь, канав, сахароза, крахмал, целлюлоза дезоксирибоза, сахарин, сорбит, рибоза, гидратация, дигидратация, гидрирование, гидролиз, окисление, спирт, глюкоза.

## METHODS OF TEACHING AND CLASSIFICATION OF THE MAIN REPRESENTATIVES OF CARBOHYDRATES: GLUCOSE, SUCROSE, AND NATURAL POLYMERS, STARCH AND CELLULOSE

In the development of science and technology, teaching methods are being perfected at a very high rate. Therefore, each teacher must adapt and develop his own methodology for the simplicity of teaching a new topic with logical thinking. At chemistry lessons, it is possible to conduct chemical experiments. In this scientific work, the methods of teaching and classification of the main representatives of carbohydrates: glucose, sucrose, and natural polymers, starch and cellulose, the authors developed their system on the topic "Carbohydrates", in which they suggest the use of local available reagents for laboratory work, Knowledge of students can give positive results.
**Key words:** carbohydrates, fiber, cotton len, ditch, sucrose, starch, deoxyribose cellulose, saccharin, sorbitol, ribose, hydration, dihydration, hydrogenation, hydrolysis, oxidation, alcohol, glucose.

**Сведения об авторе:** ***Джумъаева М.Б.*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры методики преподавания химии. E-mail:**mavdzhudad@bk.ru** Телефон:**988-37-36-06.**
***Холикова Л.Р.*** - Таджикский национальный университет, кандидат химических наук, доцент кафедры методики преподавания химии. E-mail:**lxoliqova@mail.ru** Телефон:**987-11-71-30**.
***Бобизода Г.М.*** - Академия образования Таджикистана член-корреспондент Академии образования Таджикистана E-mail:**bobivgm@rambler.ru**.

# МУНДАРИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГИИ МАРКАЗҲОИ ИНКИШОФИ КӮДАКОН

*Норова З.И.*
Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ

*Тахайюл аз дониш муҳимтар аст.*
**Алберт Эйнштейн**

Одамон олами атрофро бо роҳи наздикшавии пай дар пай дарк мекунанд. Барои чизеро фаҳмидан мо ба ашёи даркшаванда муносибати мутақобиларо барқарор карда, ин ашёро аз они худ мекунем. Чунин усулро, ки дар назарияи донишомӯзӣ ва таълимдиҳӣ асосӣ мебошад, «конструктивизм» меноманд. Дар айни замон даркнамоӣ ҳаргиз маънои ҷараёни аз инсони дигар қабул кардани қадом як ҳақиқатҳоро надорад. Сухан дар бораи он меравад, ки мо ба падидаҳои атроф эҷодкорона диққат медиҳем ва онҳоро дарк намуда, ба силсилаи ҳақиқатҳое мубаддал мегардонем, ки лоиҳаҳояшонро пеш аз оғоз кардани ин раванд худамон тарҳрезӣ намудаем. Чунонки Пиаже таъкид кардааст [7, 43] «Аз ин бармеояд, ки дарккунӣ ин як системаи шакливазкуниҳоест, ки оҳиста-оҳиста зуҳуроти ба ҳам мувофиқро соҳиб мешавад» [7, 15]. Кӯдакон воқеаҳои дунёи худро ба тарзе ба ҳақиқатҳои шахсиашон табдил медиҳанд, ки чун имконоти ягонае барои тафаккур ва хислати камолёбандаи онҳо дониста мешаванд.Ҷараёни донишомӯзии кӯдакони хурдсол бо бозӣ, бо истифодабарии ашёи мушаххас ва вербализатсия алоқаи зич дорад.

«Маро моҳӣ диҳед, ман онро дар як рӯз батамом мехӯрам, ба ман моҳидориро ёд диҳед, ман умрбод сер хоҳам буд» (зарбулмасали куҳан). Ҳангоме ки мо ба кӯдакон истифодаи усулҳои илмиро сабақ медиҳем, ба онҳо моҳидорӣ ва дар тӯли тамоми ҳаёт бо ғизо таъмин намудани худашонро ёд медиҳем. Чунин фалсафа тағйиротеро, ки солҳои охир дар омӯзиши илм рух додааст, инъикос мекунад. Тафаккур ва ба даст овардани малакаҳо дар ҳалли масъалаҳо – ин аст, имрӯз вазифаи аввалиндараҷаи таҳсили ибтидоии илмҳо. Ҳосил намудани қобилияти андешаронии танқидӣ, инкишофи фаъолияти амалӣ, ба мушоҳида, тақсимбандӣ, муқоисаву қиёс, ченкунӣ, бақайдгирӣ, ташкилкунӣ ва маънидодкунии далелҳо, шарҳдиҳӣ, хулосабардориҳо, пешгӯӣ, дедуксия, истифодаи шумораҳо ва такрори таҷрибаҳо вобастагӣ доранд.

Вазифаи мо, омӯзгорон, иборат аз он аст, ки ба кӯдакон дар фаҳмидани фарқ байни мафҳумҳои «озодӣ аз» ва «озодӣ барои» ёрӣ расонем. Яъне, дидгоҳро аз фаҳмиши озодӣ аз маҳдудиятҳо ва қоидаҳо, ки озодии бемасъулиятона аст, ба озодӣ барои маълумотнокӣ ва эҳтиром кӯчонем.

Дар асари худ «Озодӣ ва ҷомеаи ахлоқӣ» Dan Heisman воҳӯриеро тасвир кардааст, ки зиёда аз 80 сол муқаддам сурат гирифтааст ва бо вуҷуди ин, зикри воқеаи мазкур дар рӯзҳои мо низ бамаврид аст. Дар Хайделберги Германия соли 1925 файласуфи немис Мартин Бубер қайд намуда буд: «Ман озодиро дӯст медорам, вале ман ба он бовар надорам» [7, 24-25]. Бубер ба гурӯҳи омӯзгорон чунин изҳори ақида намуда, ба он тамоюли мавҷуда ишора мекард, ки мафҳуми ба маҷбуркунӣ ва маҳдудкунӣ муқобил ҳамчун озодӣ баррасӣ карда мешавад. Ба ҷойи ин вай ба муаллимон ёдрас кард (ва ин барои омӯзгорони муосир низ ҷоиз аст), ки мафҳуми муқобили калимаи «маҷбуркунӣ» калимаи «озодӣ» аст, балки «умумият, робита» мебошад, ки хоҳиши ихтиёрии гурӯҳи одамонро барои ба уҳдаи худ гирифтани масъулият ва якҷоя ҳамчун ҷомеа баромад кардан, ифода менамояд. «Истиқлолият- кӯпрукча аст, на ҷойи истиқомат», -таъкид мекард ӯ. «Ин даври пеш аз ҷаҳидан, ҷур кардани ғижак аст…». Озодӣ аз рӯйи моҳияти худ роҳ ба сӯйи ҷомеа аст, на натиҷаи ниҳоӣ (1995 б,) [6, 1].

Дар тавсифи умумии Мария Монтессори оварда шудааст: «Вақте ки мо консепсияи идоракунии синфро дар маркази инкишофи кӯдакон муайян мекунем, ба эътибор гирифтани назарияи инкишоф на танҳо муҳим, балки ниҳоят зарур аст» [7, 34]. Педагогони маъруф Эриксон, Пиаже, Виготский, Гессел ва дигар муҳаққиқони масъалаҳои рушди характерҳои зоҳиршаванда ва низоъҳои бавуҷудояндаро дар байни кӯдакони 5-6 -сола ҷудо ва муайян кардаанд, ки муаллимон метавонанд аз ин хулосаҳои онҳо дар ҷараёни фаъолияти хеш бо шогирдон васеъ истифода намоянд» [7, 23-24].

Ҷомеаи имрӯза дастрасии кӯдаконро ба хизматрасониҳо ва барномаҳо таъмин карда метавонад ва барои ба натиҷаҳои дилхоҳ муваффақ шудан, таъсири мусбӣ мерасонад. Тадқиқотҳо исбот кардаанд, ки барномаҳои универсалии пешгирикунандаи давраи барвақтии кӯдакӣ ба пешгирии рафтору кирдори ҷинояткорона ва ноуҳдабароӣ таъсири дарозмуддат доранд. «Агар ба кӯдак ҳарчи бештар ғамхориву ҳавасмандсозӣ зоҳир шавад, ин ҳам барои фардои худи ӯ ва ҳам барои фардои шукуфои миллат манфиатовар хоҳад буд. Ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил, фарогирии ӯ, ба таҳсили ҳадафмандона, таваҷҷуҳ ба инкишофи фикриву ҷисмонии ӯ аз масоили умдаеянд, ки калонсолон ба ин масоил бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва ҳамешагӣ зоҳир намоянд» [6, 14-16].

Малакаҳои тарбияи фарзанд барои саломатии онҳо, инкишоф ва омӯзиш бениҳоят муҳим мебошанд. Баъзе оилаҳо бинобар камбизоатӣ дар таъмини саломатии комили кӯдакон ва фароҳамоварии шароити созгори иҷтимоӣ ба онҳо душворӣ мекашанд. Камбизоатӣ ба инкишофи дурусту бомароми кӯдакон ва таҳсили шоистаи онҳо монеа эҷод мекунад. Тарбияи кӯдак бояд аз оғоз дурусту фарогиру боҳадаф бошад ва ин вазъ бояд дар тамоми давраи омӯзиши ӯ барқарору устувор нигоҳ дошта шавад. Ҳар як комёбиву пешрафти кӯдак барои оила муҳим мебошад.

Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқи кӯдак ба таври фаҳмову равшан аҳамияти инкишофёбии давраи барвақтии кӯдакро қайд мекунад. Дар ин санади байналмилалӣ таъкид шудааст, ки кӯдак бояд то дараҷаи «болотарини имконпазир» инкишоф ёбад [6, 3]. Давлатҳое, ки Конвенсияи ҳуқуқи кӯдакро эътироф намудаанд, дар татбиқи он уҳдадору вазифадоранд (Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 ба Конвенсияи мазкур ҳамроҳ шуд).

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (моддаи 15) ба таълиму тарбияи томактабӣ (банди 2) ишора шудааст: ба таҳсилоти томактабӣ Марказҳои инкишофи кӯдакон низ дохил мешаванд. Намудҳои гуногуни марказҳои инкишофи кӯдакон дар ҳудуди Тоҷикистон таъсис ёфтаанд. Қонуни дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавонист фаъолияти марказҳои инкишофи кӯдаконро ба расмият дарорад, Қонун «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таълиму тарбияи томактабиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Дар моддаи 7-и Қонуни мазкур (банди 1) дар бораи қабули кӯдакон ба маркази инкишоф (синни 3 то 7 -сола) таъкид гардидааст.

Фаъолияти таълимии марказҳои инкишофи кӯдакон тибқи меъёрҳои муайян амалӣ карда мешавад. Он аз рӯйи реҷаи рӯз, ҷадвали машғулиятҳо ва пайдарҳамии мазмуни кори таълим, мантиқан алоқамандии самтҳои барномаро ба инобат гирифта, миқдори машғулиятҳоро барои як ҳафта ва сол муайян мекунад. Гузаронидани машғулиятҳоро дар нимаи аввали рӯз афзалиятнок мешуморанд. Дар ҳолате ки реҷаи кори худро медонанд ва огаҳ ҳастанд, ки фардо онҳоро чӣ интизор асту чӣ бояд кунанд, дар онҳо бовар пайдо мешаваду худро эмин аз ҳар гуна танбеҳу эътироз ҳис менамоянд. Вақте ки онҳо реҷаи муайян ва бонизом доранд, диққаташонро фаъолона ба омӯзиш равона мекунанд. Худи реҷа чист? Реҷаи рӯз пайдарҳамии доимии фаъолият ва ҳодисаҳои банақшагирифташуда мебошад. Реҷаи рӯз дар Маркази инкишофи кӯдакон ҷадвали машғулиятҳоро дар назар дорад, ки он ҳар рӯз риоя карда мешавад.

Кӯдакони синни томактабӣ дар он зинаи инкишоф мебошанд, ки кӯшиш мекунанд моҳияти вақту амали худро ҳар қадар бештар эҳсос кунанд. Онҳо саволҳои мухталиф медиҳанд, аз қабили: «Кай мо метавонем бо ….. бозӣ кунем?», «Баъди ин боз чӣ кор мекунем?» ё «Кай ба хона меравем?» Ин нишонаи он аст, ки кӯдакон ҳама чизро пешакӣ донистан мехоҳанд. Ба саволҳо бояд ҳарчи бештар ва фаҳмову боварибахш ҷавоб дод. Беҷавоб мондани саволи кӯдакон онҳоро озурдахотир мекунад. Кӯдакон бояд дарк кунанд, ки риояи реҷаи кор амали судманд аст.

**Баъзе хусусиятҳое, ки бояд ба ҳисоб гирифта шаванд:**

- реҷаи ҳаррӯзаи кор бояд тартиб дода шавад. Омӯзгорони маркази инкишофи кӯдакон ва волидон дар бораи муҳити марказ бояд ҳамарӯза маълумоти пурра дошта, ҳам дар марказ (омӯзгорон) ва ҳам дар хона (волидон) бояд кӯдаконро бо чеҳраи кушод пешвоз гиранд.

- корҳои иҷрокардаи кӯдаконро дар марказ ба намоиш гузоранд ва муҳтавои онҳоро шарҳ диҳанд, муҳокима намоянд;

-бо волидон бояд иртиботи ҳамешагӣ дошт. Вақте ки ба падару модарон дар бораи фаъолияти кӯдакон дар марказ ва дастовардҳои онҳо нақл мекунанд, табъашон болида шавад ва бо кӯдакони худ бештар машғул шаванд;

-вобаста ба ҳар як кӯдак дафтари мушоҳидаҳо таъсис бояд дод ва ҳодисаҳои муассиру муҳимро оид ба ӯ дар он дарҷ бояд кард;

-оид ба корҳои иҷрокардаи ҳар як кӯдак портфолио ташкил бояд кард ва онро ба волдидон ва дигар мутахассисон низ нишон бояд дод. Некбин бояд буд ва ба ҳар амале, ки кӯдак иҷро мекунад, баҳои ҳақиқӣ бояд дод.

Олими маъруф А.Л.Виготский пешниҳод мекунад, ки дар ҷараёни омӯзиш бозиҳои шӯхиомез ва тахайюлиро ҳарчи бештар истифода бояд кард, зеро ба ин тариқ кӯдак ба омӯзиш ҳавасманд мешавад. Аммо аксар омӯзгорони Марказҳои инкишофи кӯдакон намедонанд, ки чӣ тавр бозиро дуруст истифода баранд ва имкониятҳои мувофиқро барои омӯзиши кӯдакон тавассути бозӣ ба нақша гиранд.

Бозӣ барои кӯдак меҳнат аст. Барномаи Маркази инкишофи кӯдакон дар ин замина асос ёфтааст. Бо фурӯравӣ ба олами ҳикояҳо, шеърҳо, асарҳои драмавӣ, санъат, мусиқӣ, сохтмон ва боғпарварӣ кӯдакон ба муддати муайян дар назди худ вазифаҳо мегузоранд, чунки кори мекардаашон барояшон шавқовар буда, аз он ҳаловат мебаранд. Самтҳои асосии инкишофи кӯдак инҳоянд: ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, ҳиссиётӣ, дарккунӣ, ахлоқӣ. Масалан: инкишофёбии иҷтимоӣ маънои онро дорад, ки бояд дар кӯдакон қобилиятҳои гуногун инкишоф дода шаванд. Инкишофи ҷисмонӣ бошад, фаъолияти узвҳои шунавоӣ,

биноӣ, ҳамчунин серҳаракатӣ ва фаъолнокиро дар бар мегирад. Дарккунӣ ташаккули маҳорати фикрронӣ, мушоҳида, муқоиса, хулосабарориро дар мисоли ҳодисаву воқеаҳои атроф, алоқаи байни ашё ва ҳодисаҳо, инкишофи зеҳнӣ, фаъолияти маърифатӣ ва дарки муҳити атрофро мефаҳмонад. Инкишофи ҳиссиётӣ олами эмотсионалии кӯдак, тағйирот, пайдоиши шавқу ҳавас, мақсад ва талабот дар ҳаёти ӯ мебошад. Сатҳи муайяни инкишофи тафаккур ва нутқи кӯдак имкон медиҳад, ки малакаҳои рафтор бо кӯдакони дигар дар Маркази инкишофи кӯдакон такмил дода шавад, кӯдакон ҳамеша табъи болида дошта бошанд. Тарбияи ахлоқӣ дар кӯдакон эҳтиром нисбат ба калонсолон ва муносибати шоиста ба ҳамдигарро тарбия намудан аст.

**Барномаи тарбиявию таълимии маркази инкишофи кӯдакон чунин нуқтаҳоро дар бар мегирад:** таъмини шароити баробар барои рушди қобилият, шавқу рағбат, инкишофи ҳамаҷонибаи ҳар як кӯдак (дар синни аз 4 то 6-сола); алоқамандии инкишоф, тарбия, таълим ва саломатии кӯдакон; таъсиррасонии ягонаи тарбиявии оила ва Маркази инкишофи кӯдакон ба рушди кӯдакон; мувофиқати мазмуну мундариҷа, сатҳ ва меъёри таълиму тарбия дар Маркази инкишофи кӯдакон ва хусусиятҳои тақвияти саломатии кӯдакон; муттасилӣ ва пайдарҳамии таълиму тарбияи томактабӣ ва таҳсилоти умумии ибтидоӣ мавриди гузариш аз Маркази инкишофи кӯдакон ба мактаб; муносибати мақсаднок, ки ба инкишофи кӯдак нигаронида шудааст; таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон тавассути эътироф кардан ва эҳтиром гузоштан ба ҳамаи онҳо, новобаста аз қобилиятҳои ҷисмонӣ, фикрӣ ва низ новобаста аз ҷинс, нажод, мазҳаб, шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо. Барномаҳои омӯзиши кӯдаконро баҳри таҳсил дар мактаб омода мекунанд. Арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ метавонанд тавассути барномаҳои инкишофи бармаҳали кӯдак муҳити хуби омӯзишро муҳайё созанд, то ки ӯ ба афкору анъанаҳои беҳтарини миллӣ гаравиш дошта бошад. Хислатҳои ҳамида дар ниҳоди кӯдак аз давраи томактабӣ ташаккул меёбанд.

«Шумо кӯдаконро набояд ба хондану навиштан маҷбур кунед. Муаллимони варзида ҳамеша ба даъват арҷ мегузоштанд. Пешорӯи шумо як ҷаҳонест барои тадқиқ, ба он ворид шавед. Дониста бошед, ки шумо онҳоро наметавонед ба ҷое биҳонед, ки худ набудаед» ҳушдор додаст,донишманди номвар Доналд Грейвс.

Маркази инкишофи кӯдакон баҳри он бояд бикӯшад, ки дар кӯдакон муҳаббат ба омӯхтанро парвариш диҳад. Кӯдакон ин муҳаббатро дар мактаб ва хона бояд ташаккул диҳанд. Хониш, хушнависӣ ва забондонӣ қобилиятҳои ба ҳам вобаста мебошанд. Муҳим аст, ки муаллимон дар ҷараёни таҳсил ба сифати ҳамсабақу дӯсти кӯдакон иштирок кунанд. Муаллим кӯдаконро бо роҳҳои гуногун ба донишандӯзӣ раҳнамун сохта, дар замири онҳо барои омӯзиши минбаъда заминаҳои экспериментәлӣ, консептуалӣ ва муносибати эҷодкорона нисбат ба маводи омӯхташавандаро поягузорӣ мекунанд. Дар баробари ин, муаллимро зарур аст, ки ҷараёни таълимро бо камоли маҳорати педагогӣ ба роҳ монда, аз ҳар як лаҳзаи барои таълим муносиб самаранок истифода карда, кӯдаконро ба шинохти муҳити худ боз ҳам бештар ҳидоят намояд, ҳавасманд бикунад.

Омӯзиши бармаҳали кӯдак тавассути ба кӯдакон (ҳам писарон ва ҳам духтарон) омӯзондани донишҳои ибтидоӣ ва муҳим, онҳоро барот таҳсил дар мактаб омода месозад ва ба онҳо масъулиятшиносию ҷидду ҷаҳдро талқин менамояд.

Аз рӯйи анъана дар соли якуми таҳсил дар мактаб кӯдакон ба ҷараёни таҳсил чунон ворид мешаванд, ки як вақтҳо волидонашон, бобою бибиҳояшон ва худи муаллимон низ ҳамин роҳро тай карда буданд, яъне хондан, навиштан ва ҳалли амалҳои арифметикиро ёд мегиранд. Дар бисёр кишварҳо ба муаллимон барномаҳое дода мешаванд, ки иҷро кардани онҳо ҳатмист. Дар он барномаҳо қатъиян муқаррар шудааст, ки кадом мавод дар кадом давраи таҳсил бояд омӯхта шавад, дар хонандагон чӣ гуна маҳорату малакаҳо пайдо бояд намуд ва кай, чӣ тавр баҳо бояд гузошт.

Кӯдакон сухангӯиро на ба он тарзе ёд мегиранд, ки дар модели анъанавӣ нишон дода мешавад. Сухангӯиро ёд гирифтан раванди табиие мебошад, ки дар он кӯдакон ва волидони онҳо (аз лаҳзаи таваллуди кӯдак) иштирок мекунанд. Хондану навиштан малакаҳое мебошанд, ки дар заминаи таҳсил пайдо мешаванд.

Дар барномаи Маркази инкишофи кӯдакон бо роҳи саволгузорӣ ва ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба саволҳои худ омӯхтани муҳити хешро таълим медиҳем. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакон ҳама донишҳоро бештар дар ҷараёни фаъолияти амалӣ ва аз ин ҳам бештар ҳангоми дар бораи фаъолияти худ андеша карданашон аз худ мекунанд. **«Мушоҳида – идроки мақсаддор ва мураттабу мунтазами рӯйдодҳоест, ки натиҷаҳояш аз тарафи мушоҳидакунанда ба қайд гирифта мешавад».** Дар таълим истифода кардан аз фаъолияти ба ном «ба анҷом нарасида» ба талабагон нафъи бештаре дорад. Муаллим ба ҷойи доимо ҷавоб гуфтан, муҳитеро фароҳам меоварад, ки дар он худ якҷоя бо талабагон иштирокдори фаъоли ҷустуҷӯи ҷавобҳо мешавад. Дар сурати роҳнамоии дуруст ва кордонии муаллим талабагон қобилияти фикрронии танқидӣ, мушоҳидакорӣ ва шарҳдиҳии аниқи мушоҳидаҳояшонро сайқал дода метавонанд. Муаллим, инчунин, метавонад аз талабагон даъват намояд, ки андешаронииҳояшонро оид ба чизҳои дидаашон асоснок намуда, роҳҳои дар амалия санҷидани афкорашонро ҷустуҷӯ кунанд. Ба талабагон барои бо якдигар ҳамкорӣ намудан, бо ашёи онҳоро фарогиранда алоқаи

мутақобила доштан, имкониятҳои васеъ додан лозим аст. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки кӯдакон мустақилона ба хулоса омада, сабаби чунин хулосаашонро асоснок карда тавонанд. Исбот карда шудааст, ки зарбаи рӯҳӣ (асабоният) дар давраи хурдсолӣ ба майнаи сар таъсири манфӣ мерасонад. Таъсири зарбаи рӯҳӣ (асабоният) метавонад, бинобар омилҳои марбут ба камбизоатӣ, таҳқири ҷисмонӣ ё ҳиссиётӣ, беаҳамиятӣ, ғамгинӣ, нуқсонҳои модарзодӣ ва носозгориҳои (ҷиноятҳои) оилавӣ шадидтар шавад. (Оберклайд 2007) [7, 15]. Зарбаи рӯҳӣ (асабоният), ба қобилияти рушдёбии бадан халал мерасонад, инчунин қобилияти майнаи сарро ноқис месозад. Кӯдаконе, ки дар хурдӣ зарбаи рӯҳӣ (асабоният)-и ниҳоят зиёдро назар ба дигар ҳамсолонашон аз сар гузаронидаанд, дар марҳилаи инкишоф, дарккунӣ, рафтору кирдор ва ҳиссиёташон ба мушкилот дучор меоянд. (ЮНИСЕФ,1996, Гуннар, Ҳеррера ва Ҳостинар 2009) [7, 20]. «Саломатӣ ва бехатарии кӯдакон на танҳо солимии ҷисмониро дар бар мегирад, балки ба тамоми некуаҳволии онҳо дахл дорад» [6, 43].

Барои омодагии кӯдак ба мактаб на танҳо ташаккули зеҳнӣ, ахлоқию иродавӣ муҳим мебошад, балки омодагии ҷисмонӣ низ яке аз шартҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Обутобдиҳии дурусти бадан имкон медиҳад, ки кӯдак саривақт ва пурра дониш омӯзад, маҳорату малака пайдо кунад ва онҳоро сайқал диҳад. Ҳамаи вазифаҳою талаботҳои омодагии ҷисмонии кӯдакон дар он вақт амалӣ мегардад, ки агар кору фаъолият бо кӯдакон мунтазам ва давра ба давра амалӣ гарданд. Иштироки фаъоли омӯзгорони марказ дар тадбиқи барномаи таълимӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва истифодаи шаклу усулҳои гуногуни кор гарави саломатӣ ва омодагии дурусти ҷисмонии кӯдакон дар марҳилаи тайёрии пешазмактабӣ мебошад.

Дар азхудкунии донишҳо вобаста ба инкишофёбии давраи бармаҳали кӯдак ба дастовардҳои илми асабшиносӣ (тадқиқи системаи асаб ва майнаи сар) бештар бояд такя кард. Ин илм тасдиқ мекунад, ки дар панҷ соли аввали ин давра дигаргуниҳои ниҳоят ҷиддӣ рӯй медиҳанд ва вазъи саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, омӯзиш ва рафтору кирдори кӯдакон, ба тамоми марҳилаи минбаъдаи ҳаёти онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Омӯзиши дақиқи мутахассисон тасдиқ мекунад, ки муҳите ки кӯдак дар он ба воя мерасад, нисбат ба ҳама гуна омилҳои генетикӣ ба ҳаёти кӯдак таъсири бештар мерасонад. Оилаҳое, ки кӯдакони хурдсол доранд, бояд дастгирӣ карда шаванд, то ки фарзандонашон солиму бедору ҳушёр ба воя расанд. Баҳри боз ҳам самаранок фаъолият намудани марказҳои инкишофи кӯдакон, новобаста аз шаклу имконияташон, тадқиқотҳои бовусъаттари олимон хеле зарур мебошанд. Муҳиммияти марказҳои инкишоф муфассал исбот шуда, моделҳои нав пешниҳод гарданд,чунки, воқеан ҳам, баҳри рушди ҷомеа ва тарбияи насли навраси фаъол онҳо хеле заруранд.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи (2016) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 41. - Душанбе: Ганҷ, 2016.
1. 2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» // Маҷаллаи «Маърифати омӯзгор».–2013.- №7-8. –С. 11.
2. Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» // Маҷмӯа (дорои 6 санади ҳуқуқӣ). - Душанбе: Офсет, 2016. –С. 261 -262 ,264
3. Стандарти таҳсилоти томактабӣ. Маҷмуа (дорои 6 санади ҳуқуқӣ). –Душанбе: Офсет, 2016. –С. 314,315.
4. Ниёзов Ҷ. Мавқеи мушоҳида ва санҷиши тестӣ дар шароитҳои тафриқакунонии таълими физикаи мактабӣ / Ҷ.Ниёзов // Маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Сино, 2016. - №3\1(194). –С. 232-234.
5. ДҶТИБКСМ «Дастури методӣ барои курсҳои бозомӯзии омӯзгорони марказҳои инкишофи кӯдакон» (Бо Қарори мушовараи ВМИҶТ аз 27.09.2014 №19\8 тасдиқ шудааст.). - Душанбе, 2014. –С. 3,33,43,51.
6. Кейт Берк Уолш. Фонди Сорос - Тоҷикистон. «Ташкили машғулиятҳои таълимӣ барои кӯдакон» / Кейт Берк Уолш. -2003. –С. 8,15,20.


## МУНДАРИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГИИ МАРКАЗҲОИ ИНКИШОФИ КӮДАКОН


Дар мақолаи мазкур дар бораи фаъолияти педагогии марказҳои инкишофи кӯдакон маълумот оварда шудааст. Маркази инкишофи кӯдакон дар омода намудани кӯдакон ба зинаи аввали таҳсил мақоми хосса дорад. Бинобар ҳамин ба зиёд намудани теъдоди марказҳои инкишоф, хусусан дар минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон, аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан зарур аст.



**Калидвожаҳо:** марказҳои инкишоф, кӯдакон, тайёрӣ ба мактаб, таҳсилоти томактабӣ, муҳиммият, фаъолият.


## СОДЕРЖАНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЦЕНТРОВ РАЗВИТИЯ РЕБЁНКА


В данной статье говорится о педагогической деятельности центров развития ребёнка, раскрывается их значимость для подготовки ребёнка к первому этапу образовательного процесса. Именно поэтому надо обратить серьёзное внимание на увелечение количества детских центров, особенно в отдалённых районах Таджикистана.



**Ключевые слова:** центры развития, дети, подготовка к школе, дошкольное образование, значимость, деятельность.


## THE CONTENT OF THE PEDAGOGICAL CENTERS OF CHILDRE'S DEVELOPING


In this article is sauing about the pedagogical deeds of the child center.Their importance for preparation the child to the first step of the edicational process. That's wnu we must pau the serioslu attention for increasing the guantatu of the children conters particular in the farthest spots of Tajikistan.



**Key words:** developing centers, preparati on to school, elementaru educati on, importance, doings,deeds.



**Сведения об авторе:** ***Норова З.И.*** **–** Институт развития образования Академии образования Таджикистана, соискатель. Телефон: **918 92 05 50**

# МУНДАРИҶА СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И А РХЕОЛОГИЯ


***Қушматов А.*** Вақфҳои қорихона, хонақоҳ ва пулӣ дар солҳои 1867-1917 (аз рӯйи маводи ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон)…… *3*
***Сафарова З.Н.*** Мужской костюм таджикской дворцовой аристократии конца XIX - начала XX века. *8*
***Содикова С.А.*** О художественных аспектах продуктов традиционного вязания таджиков…… *13*
***Шарифов Р.Я.*** Политические предпосылки формирования современной системы образования Афганистана (1919-1931 гг.)…… *16*
***Ҷонибек Асрориён*** Ёдгориҳои таърихӣ муҷассамкунандаи оину корнамоӣ…… *19*
***Нурматзода Ҳасан*** Аз таърихи ҷамъоварӣ, ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқии миллӣ дар Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод (аз солҳои 1930 то солҳои 1980)…… *23*
***Шодӣ Шокирзода*** Шахсияти бузурги таърихсоз…… *28*
***Довар Қодиров*** Ҳақназар Назаров –таърихшинос ва афғонистоншинос…… *37*
***Махмадов Убайдулло*** Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение природных ресурсов Таджикистана…… *41*
***Файзов М.Ф.*** Мағораи Қумтеппа…… *44*
***Аслонов Х.З.*** Қозиёти Аморати Бухоро дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX…… *48*
***Розиқов Фарҳод*** Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар самти пешгирии хатарҳои муосир дар доираи СААД (Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ)…… *56*
***Забиров Д.В.*** Основные направления проблемы взаимодействия вооруженныхсил Таджикистана и Россия…… *58*
***Тоҷев Фаррухрӯз, Тоҷев М.Н.*** Иҷлосияи XVI- уми тақдирсози Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофу ташаккули давлатдории навини тоҷикон…… *62*
***Холмуродова Меҳрафрӯз*** Оғози гуфтушуниди тоҷикон ва марҳалаҳои асосии он…… *67*
***Набиева Нилуфар*** Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид…… *70*
***Пирназарова П.А.*** Научные связи таджикских и российских ученых в начале XXI века…… *74*
***Турсунов Т.Х.*** Тоҷикистону-Покистон: рушди равобити тиҷоратӣ – иқтисодӣ…… *78*
***Анвари Сафари, Шарипов Амриддин*** Факторы пограничного успеха в развитии торгово-экономических связей между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой …… *85*
***Ҷаъфаров С.Х.*** Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО…… *88*
***Меъроҷиддини Насридин*** Ҳамкории ҳарбӣ - самти афзалиятноки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия…… *91*
***Пирназарова П.А.*** Образование – приоритетная сфера в таджикско - российском сотрудничестве…… *95*
***Басиров Б.*** Место Центральноазиатских государств в системе интересов Европейского Союза…… *100*
***Боронова Р.А***. История таджикской дипломатии: становление и этапы развития…… *102*
***Ходжибеков Эльбон*** История становления и развития медицины на Памире в 20-40гг. XXв…… *105*
***Саидмухтори Абдуҷабборзода*** Рушди мактабу маориф дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар даврони шӯравӣ…… *109*
***Мирзоев Парвиз*** Роҷеъ ба вазъи сиёсии вилояти Қӯрғонтеппа дар соли 1992…… *111*
***Хошимова Ш. Ф.*** Из истории проблем воспитания молодежи в учебных заведениях профтехобразования ленинабадской (согдийской) области в 60-80 гг…… *116*
***Курбонбеков Б.С***.К вопросу кулацкой ссылки в Среднюю Азию и в Таджикистан в 1930 -1950 гг…… *121*
***Шарифов Р.Я.*** Социально-экономические предпосылки формирования современного образования в Афганистане…… *125*
***Олимов С.М.*** Роль армии в новейшей политической истории Афганистана …… *130*
***Мамадалиев И.А., Махмудов О.Р.*** Зарождение горноугольной промышленности в Ходжентском уезде (вторая половина XIX – начало XX века)…… *132*
***Иброҳим Маҳмадов*** Барқарорсозӣ ва рушди хизматрасониҳои соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (солҳои 1920-1990)…… *136*
***Қамаров А.З.*** Саҳми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар омода кардани мутахассисони арабшинос…… *141*
***Саймухаммади Бободжон*** Международные связи ученых в области физико-математических наук в 50 – 70 – е годы XX в. …… *147*
***Яқубшоев А. Х.*** "Парасту"- зодаи Истиқлолият…… *153*

*Сайфуллаева З.А.* Историк-востоковед И.С. Брагинский на фронте………………………………………… 157

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

*Калонзода Фаридун* Назариёти фалсафии Абӯалӣ Ибни Сино оид ба ҳаракат, макон ва замон (дар асоси сарчашмаи "Ҳикмати Машриқия")........................................................................... 161
*Назариев Р.З., Гиёсов Ф.Н.* Социально-личностные аспекты идеала человека как истоки гуманизма в мусульманской философии……………………………………………………………………………… 164
*Зайналов Қ.* Тамоюлҳои навин дар инкишофи фалсафа ва илми муосир (таҳлили методологӣ)……………………………………………………………………………………………… 168
*Сайдуллаева Г.Р.* Особенности политической социализации в таджикской политической системе……… 172
*Комилова М .Д.* Омӯзиши назарияҳои сотсиологии рафтори девиантӣ......................................... 176

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Швачко Е. В.* К вопросу изучения этапов развития отечественного внешкольного образования и воспитания в конце XIX – первой половине XX вв……………………………………………………….. 181
*Абдулкеримов С.А., Козьмина И.С., Абдулкеримов М.С., Дододжанов А.А.* Повышение мотивации углубленного изучения, с элементами исследовательской деятельности, задач электростатики в курсе теоретических основ электротехники при использовании многосторонней коммуникации……………..... 184
*Абдулфайзов А.А., Комилова Г.А.* Теоретические основы ценностного ориентирования студентов на профессию учителя……………………………………………………………………………..…………. 188
*Ахмедова М.А., Каримова Д.А.* Познавательный интерес как важнейший фактор формирования интеллекта и гармоничного развития личности………………………..……………………………… 191
*Метинбоева Н.К.* Игровое обучение как составляющая целостность педагогического процесса…..…... 194
*Ахадов А.Р.* Методы изучения личности с целью профориентации……………..……………………….. 198
*Махмадалиев Э. Ш. , Сатторов А.Э.* Вопросы повышения технических знаний будущих учителей технологии………………………………………………………………………………………………….. 201
*Алиев М.Т.* Хусусиятҳои психологии тарбияи фарзанд ва мушкилиҳои он дар оилаҳои нопурра.... 203
*ХАМРАЕВА Н.М.* К вопросу о предпосылках способностей и одарённости …………………………..… 207
*САФАРОВА З. Р.* Формирование личности и социализация ребенка в неполной семье……….……..…… 212
*Шахнозаи Саъди* Общее понятие о субъективной картине жизненного пути личности……..…..……… 216
*Қамчибекова Г.Э., Табаров Х.* Маърифати психологӣ - педагогии волидон ва роҳҳои баланд бардоштани он……………………………………………………………………………………………….. 219
*Зайдуллоев Х. Р.* Педагогические дисциплины как факт формирования профессиональной ответственности будущего учителя физической культуры в вузе…..…………………………………….. 223
*Шарипов В.Д.* Пути повышения эффективности деятельности спортивной школы города Канибадам..… 227
*Фарзонаи Сайфиддин* Нақши ҳамбастагии мафҳуми "саодат" ва "табиат" дар ташаккули хулқи инсон аз дидгоҳи маърифатии Муҳаммад ибни Туфайл………………………………………………… 229
*Самариддинова З.Н.* Эффективность применения программированного обучения…….…...………….... 233
*Обидова М.Д., Мирпочоева З. А., Комилова М. А.* Зарурати маърифати қонуниятҳои муҳимми инкишофи кӯдакону наврасон аз тарафи волидон ва омӯзгорон ....................................................... 235
*Расулов С.П., Холназаров С.* Ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ.......................................................... 238
*Худойназаров Р., Шарифов ДЖ. Шарифов И.ДЖ.* Организация самостоятельной работы учащихся по решению задач…………………………………………..………………………………………………… 243
*Джумаева Д.ДЖ.* Методическая организация работы по изучению терминологической лексики студентами – таджиками..………………………………………………………………………………….. 246
*Джафаров А. С.*Производительный труд – основной путь для трудового воспитания учащихся………… 250
*Ғоибов К.Ш., Усмонов Д.А.* Фаъолияти эҷодии омӯзгорони оияндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим……………………………………………………………………………………………….. 252
*Луфов М.Т, Абдуллоев Ш.У.* Ҳадафмандии шахсият - асоси салоҳияти касбии омӯзгорони оянда.. 255
*Сафаров М.В.* Андрагогика: моҳият, ҳадаф ва мазмун……..…………………………………………… 259
*Ганҷина Зиёзода, Қутбиддин Мухторӣ* Чанд мулоҳиза дар мавриди арзёбӣ дар дарси салоҳиятнокӣ…………………………………………..……………………………………………... 263
*Ниъматов Н.А.* Педагогические взгляды в «Бахористон» («Весенний сад») Абдуррахмана Джами…….. 265
*Сайфиддин Камолзода* Назаре ба таърихи ташкили китобхонаҳои бачагона дар Тоҷикистон…..… 269
*Собиров С.Ф.* Аҳамият ва зарурати такмили маҳорати касбии кадрҳои омӯзгорӣ дар шароити таҳсилоти салоҳиятнок……………………………………..………………………………………… 274
*Ҳомидова Сурайё .* Таълиму тарбияи иқтисодии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

– омили муҳимми иҷтимоигардонии онҳо дар шароити муосир………………..……………………… *277*
***Абдулакимова Ҷ.А.*** Омӯзиши илми риёзиёт дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон................ *281*
***Акбарова Маҳрамбӣ*** Баъзе хусусиятҳои раванди мувофиқшавии иҷтимоии омӯзгорони оядаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таҳсил ва таҷрибаомӯзии педагогӣ.......................................................... *284*
***Ахмедова Б.М., Кадыров К.Б***. Роль интернет-технологий в системах обучения…………………..……. *291*
***Қурбонов Ф. А.*** Омилҳои биологию иҷтимоӣ - асоси ташаккулёбии ҳаёти солим…………………… *294*
***Саид НиёзмуҳаммаД Саид, Гулмадов Ф.*** Аҳамияти тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол...................................................... *297*
***Қодиров И.*** Асосҳои педагогӣ ва психологии муносибати инфиродӣ дар кори касбинихобкунӣ бо хонандагон………………………………………………………...…………………………………….. *303*
***Бегназарова З.И.*** Некоторые особенности проведения внеклассных уроков в младших классах……... *307*
***Ҷумъаева М.Б., Холиқова Л.Р., Бобизода Ғ.*** Усулҳои таълим ва таснифи намояндаҳои муҳимми карбогидратҳо: глюкоза, сахароза ва полимерҳои табиӣ: крахмал ва селлюлоза…………………….. *310*
***Норова З.И.*** Мундариҷаи фаъолияти педагогии марказҳои инкишофи кӯдакон…………………… *216*

# ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Все научные статьи, поступившие в редакцию журнала, подлежат обязательному рецензированию.

Заведующий редакцией определяет соответствие статьи требованиям к оформлению и направляет статью на рассмотрение главному редактору или его заместителю. Далее, с приложенной справкой о прохождении программы «Антиплагиат», - на рецензирование двум членам редакционной коллегии или двум внешним рецензентам - специалистам, докторам или кандидатам наук, имеющим наиболее близкую к теме статьи научную специализацию.

Заведующий редакцией, главный редактор или его заместитель имеют право единолично отклонить статью, если ее материал не соответствует тематике издания, его направленности и политике, а также требованиям к оформлению статей.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии с рукописей для своих нужд. Рецензенты, а также сотрудники редакции не имеют права использовать в своих собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Сроки рецензирования определяются в каждом отдельном случае заведующим редакцией с учетом создания условий для максимально оперативной публикации статьи.

Рецензия предоставляется автору по его письменному запросу, без подписи и указания фамилии, должности, места работы рецензента. Рецензия с указанием автора рецензии может быть предоставлена по запросу экспертных советов в ВАК.

В рецензии освещаются вопросы, приведенные в приложении.

В заключительной части рецензии на основе анализа статьи должны быть даны четкие выводы рецензента о возможности публикации статьи в представленном виде, или о необходимости переработки (доработки) статьи по замечаниям рецензента.

Если рецензия содержит рекомендации по исправлению и доработке статьи, редакция направляет автору замечания рецензента с предложением учесть их при доработке статьи, или аргументировано их опровергнуть. Переработанная автором статья повторно направляется на рецензирование.

Если статья не рекомендована рецензентом к публикации, то текст отрицательного заключения направляется автору. В случае аргументированного несогласия автора с мнением рецензента, автор статьи может обратиться в редакцию с просьбой о направлении его статьи на дополнительное рецензирование. В этом случае редакционная коллегия журнала либо направляет статью на повторное (дополнительное) рецензирование, либо предоставляет автору мотивированный отказ в публикации. Окончательное решение по этому вопросу принимает главный редактор или его заместитель, который вправе опубликовать статью в качестве дискуссионной.

При наличии положительной рецензии сроки публикации устанавливает редакция.

Материалы, переданные в редакцию, не возвращаются. Оригиналы рецензий хранятся в редакции журнала в течение трех лет.

Редакция строго придерживается норм и правил международной публикационной этики.

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Регистрационное свидетельство №0015/ЖР, от 04.08.2015 г. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» Высшей аттестационной комиссией Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-g.tnu.tj).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2017. №3/5**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-g.tnu.tj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 27.10.2017
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.